# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2024. №5

---

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
## ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2024. №5

---

# YOUNG RESEARCHER
## TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2024. No5

---

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор* |
| **Расулиён Қаххор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Шарофзода Рустам Шароф** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2024©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Шарофзода Рустам Шароф** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2024

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL “YOUNG RESEARCHER”**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** | *Doctor of Law, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadzoda Safarmamad Muboraksho** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Doctor of Philological Sciences, Associate Professor, Director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of Technical Sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of Physical and Mathematical Sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of Physical and Mathematical Sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Chemical Faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of Geological and Mineralogical Sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of Philological Sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, Associate Professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science* |
| **Sharofzoda Rustam Sharof** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, Associate Professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological Sciences, Professor* |


Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2024

# ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАРҚАРОРСОЗИИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Султонбии Р., Раҷабова З.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне ба сари қудрат омаданд, ки Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор буд ва кишвари моро хавфи нобудӣ таҳдид мекард, мардум ба парокандагиву гуруснагиву нодорӣ ва ҷангу ҷидол рӯ ба рӯ омада буд. Дар ин вазъи нобасомон табиист, ки роҳбари ботамкин ва оқилу сертаҷрибае лозим буд, то пеши роҳи гурӯҳҳои мухолифинро, ки якпорчагии давлат ва миллат ба онҳо заррае арзиш надошт, гирад [2, с. 32].

Дар ҳолати ногувори тақдирсоз ба мисли Эмомалӣ Раҳмон роҳбари хирадманду тавоно ва ташкилотчии забардасте лозим буд, ки ҷангҳои хонаводагиро барҳам занад, дар мамлакат фазои осоиштаи сиёсӣ ба вуҷуд орад, дар байни аҳли ҷомеа сулҳу суботро барқарор созад ва халқро дар атрофи давлати навбунёд муттаҳид намуда, Ватани азизро ободу осуда намояд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз шохаҳои асосии давлатдории тоҷикон, сохторҳои низомӣ ва қудратӣ ба шумор меравaнд. Тоҷикистон ягона кишваре дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буд, ки ҳеҷ меросе аз артиши он давлати абарқудрат насибаш нашуд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таъсиси Артиши миллӣ дар Тоҷикистон бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон дар як майдони холӣ аз сифр шуруъ шуд ва дар як муддати кӯтоҳ (23-юми феврали соли 1993) Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбар, роҳнамо ва ҳамрадиф бо рушду нумуи Тоҷикистон ва чун пешво дар дилу дидаи мардум ҷо гирифт. Аз ин рӯ, халқи баору номуси Тоҷикистон ӯро Пешвои миллат эътироф намуданд. Ёдрас менамоем, ки оғоз ва бунёди давлатдории Тоҷикистон бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши кишвар аз як сохти карахти сотсиалистӣ ба сохти дигари давлатдорӣ рост омада буд [1, с. 96].

Бо шарофат ва ҷаҳду талошҳои фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сулҳу оромӣ дар саросари кишвар таъмин гардида, барои зиндагии орому осоишта ва фаъолияти созандаи сокинони мамлакат шароити мусоид фароҳам омад. Ҳамагон бояд дарк намоем, ки ҳаракат ба сӯйи Ваҳдати миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати пешгирифта ва шиори зиндагӣ барои Эмомалӣ Раҳмон бесабаб набуд. Агар чунин тасмим гирифта намешуд, бадбиниву таҳдид ва душманҷӯиву сангаргирӣ бештар доман паҳн мекард.

Бо интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, ки дар интихоботи 6-уми ноябри соли 1994 дастгирии оммаи васеи аҳолиро соҳиб гардид, дар дилу дидаи халқи тоҷик, иродаи қавӣ ва сиёсӣ пайдо шуда, дилгармӣ ва умеду орзуҳои деринаи худро аз Президенти тозаинтихоб нигарон буданд. Ҳамин тавр, 10-уми феврали соли 1995 дар ҷаласаи сарони давлатҳои ИДМ дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон Мурочиатнома «Дар масъалаи вазъияти Тоҷикистон» аз ҷониби раиси Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шуд. Дар Мурочиатнома қайд карда шуда буд, ки бо вуҷуди мушкилоти воқеӣ дар раванди танзими сиёсӣ ва муноқиша байни тоҷикон, як қатор муваффақиятҳо ба даст оварда шуданд ва гуфтушуниди байни тоҷикон оғоз ёфта, идома дорад.

Ҳамзамон, дар Мурочиатнома қайд карда шуда буд, ки вазъияти Тоҷикистон ва атрофи он ба мисли пешина барои сулҳу эътидоли минтақа таҳдид мекунад. Аз ин сабаб,

амалҳои нисбатан қотеонаи ҷомеаи байналхалқӣ, нисбатан самараноктар ба кор андохтани омили байналхалқӣ, қобилияту иқтидори СММ-ро барои нигоҳдории сулҳ талаб мекунад. Дар ин ҳуҷҷати тақдирсози таърихи ба Шурои амнияти СММ дархост шуда буд, ки «… барои дар Тоҷикистон гузаронидани амалиётҳои мукаммали сулҳхоҳона «роҳи кушод» дода шавад, ки ҳайат ва мандати он ба иҷрои вазифаҳои бузурги танзими мухолифат ҷавобгӯ бошанд. Инчунин, мо мавҷуд будани заминаеро ба асос мегирем, ки аҳаммият ва муҳиммияти онро Муншии Кулли (Котиби Генералии) СММ дар маърӯзаи охири худ оид ба сулҳ нишон дода буд: тарафҳои мухолиф барои қабули кумак тайёранд ва «мехоҳанд худашон ба худашон ёрӣ расонанд». Иштирок дар самтҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардӯстонаи Русияро дар нигоҳдории суботи минтақа нодида гирифтан ва қайд накардан душвор аст [3, с. 25].

Дар Қатъномаи №1128 аз 12-уми сентябри соли 1997 Шурои бехатарӣ тавсияҳои дар маърузаи Котиби Генералӣ мавҷудбударо оид ба васеъ намудани мандати МНСММТ ба инобат гирифта, мандати аввалаи миссияро ба муддати ду моҳ - то 15-уми ноябри соли 1997 дароз намуд. Дар қатънома, ҳамчунин, ба Котиби Генералӣ оид ба идома додани роҳҳои омӯзиши таъмин намудани бехатарии кормандони Созмони Милали Муттаҳид дархост намуд.

Моҳи ноябри соли 1997 Котиби Генералӣ ахбор ирсол намуд, ки дар ҳалли масъалаҳои бехатарӣ муваффақиятҳои муайян ба даст оварда шудаанд ва ин барои тавсия додан ба Шурои Амният оид ба васеъ намудани мандати МНСММТ, ки дар маърӯзаи сентябрӣ пешниҳод шуда буд, имконият дод.

Дар Қатъномаи №1138 аз 14-уми ноябри соли 1997 Шуро мандати МНСММТ-ро васеъ намуда, мувофиқи тавсияҳои Котиби Генералӣ миқдори ҳайати миссияро зиёд намуд. Вале минбаъд маълум гардид, ки вазифаи таҳкими боварӣ байни мухолифини собиқ назар ба он чораҳое, ки пешбинӣ шуда буд, душвортар мебошад. Раванди сулҳ бо баъзе хуруҷҳои зӯроварӣ қатъ мегардид ва рушди ин самт хеле оҳиста пеш мерафт.

Дар маърӯзаи худ ба Шурои амният моҳи майи соли 1998 Котиби Генералӣ таъкид кард, ки раванд назар ба реҷаи созишномаи сулҳ вақти бештареро талаб мекунад ва аз ин сабаб соли 1998 гузаронидани интихобот чандон ба ҳақиқат наздик намеояд ва инчунин дароз намудани мандати МНСММТ-ро боз то шаш моҳ, яъне то 15-уми ноябри соли 1998 тавсия намуд, дар Қатъномаи №1167 аз 4-уми майи соли 1998 Шурои Амният мувофиқи ин тавсияҳо мандати МНСММТ-ро дароз намуд ва тарафҳоро барои пурра риоя намудани ин тавсияҳо аз рӯйи имконият дар муҳлати наздиктарин шароит муҳайё намудан барои гузаронидани интихобот даъват намуд. Дар қаламрави Тоҷикистон дивизияи 201-уми савораи тирандозии Русия ва қувваҳои сарҳадбонон, дар маҷмуъ 22 000 хизматчии ҳарбӣ аз тарафи Русия ҷойгир карда шуда буданд, ки сипари воқеӣ бар зидди дахолати беруна дар корҳои дохилии Тоҷикистон равона гардиданд. Моҳи апрели соли 1999 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қароргоҳ доштани дивизияи 201-уми Русия ба таври ҳуқуқӣ бо шартномаи дутарафа дар бораи нигоҳ доштани базаи ҳарбӣ таҳким ёфт [2, с. 45].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки дар қаламрави Тоҷикистон ташкил намудани базаи ҳарбии Русия кори дохилии ду мамлакати соҳибистиқлол мебошад, вале он на фақат ба манфиатҳои Русия ва Тоҷикистон, балки ба амнияти тамоми минтақа ҷавобгӯ мебошад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон махсус қайд намуданд, ки базаи ҳарбии Русия дар ҷумҳурии мо «хусусияти мудофиавӣ» хоҳад дошт.

Тавре маълум аст, бисёре аз ин эродҳо ҳақиқатан ҳам ҷой доштанд, вале худи вазъияти ҷумҳурӣ, мавҷуд будани гурӯҳҳои мухолифини мусаллаҳ, таназзули иқтисодӣ ҳокимияти пурзӯри президентиро талаб менамуд.

Мувофиқи қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 - уми апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нав дар воситаҳои ахбори омма нашр карда шуд.

Баъди муҳокимаи васеъ ва баррасии такрорӣ бо дар назар доштани эроду пешниҳодҳо мувофиқи Қарори иҷлосияи XX Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994 он барои баррасӣ аввалан бо тартиби муҳокимаи умумихалқӣ (референдум) пешниҳод

ва дар воситаҳои ахбори омма нашр карда шуд. Баъди нашри лоиҳаи Конститутсия, вале то референдум (раъйпурсӣ) Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунро аз 20-уми июли соли 1994 № 974 «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ, тартиби қабул намудан ва дар амал татбиқ намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд [2, с. 55].

Ҳамин тавр бояд қайд намоем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он ҳам эътироф гардидаанд. Бинобар ин, таҷрибаи барқарорсозии сулҳи тоҷикон аз ҷониби коршиносони сатҳи байналмилалӣ ва бархе аз давлатҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

## АДАБИЁТ


1. Икромов, Ғ. Х. Ҷавонони Тоҷикистон дар масири таҳавуллоти сиёсии интиҳои қарни XX / Ғ. Х. Икромов, С. Рахматзода, С. Н. Бобокалонов // Вестник института языков. – 2019. – No. 2(34). – P. 95-104. – EDN OSNOAM.
2. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. - Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2019. – 430 с.
3. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I. - Душанбе: «Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» 2019. - 392с.
4. Султонбии, Р. Роль лидера нации в жизни молодежи в эпоху рыночной экономики / Р. Султонбии // Дню молодежи Таджикистана: материалы III научно - практическая конференция молодых ученых ТНУ, посвященной «Дню молодежи Таджикистана» - 23 мая и «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» (2020-2040 годы), душанбе, 18–19 мая 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – с. 103-112. – edn obffjb.
5. Султонбии, Р. Сиёсати давлатии ҷавонон дар меҳвари мактаби давлатдории Пешвои миллат/ Р. Султонбии //Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ. Ҷилди II. – Душанбе «Сомон-Принт», 2024. С.164-175.
6. Шарифзода А., Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи нав Китоби 7. Нашри дуюм. Душанбе: «Ирфон». - 2011. - 372 с.
7. Шарифзода А., Муродов Н., Сафаралиев А. Феҳристи таърихнигорӣ оид ба фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе: «Ирфон». - 2011. - 200 с.
8. Шарифзода А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллат. Китоби 1. Нашри дуюм. Душанбе: «Ирфон». - 2011. - 372 с.
9. Шарифзода А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Китоби 2. Нашри дуюм. Душанбе: «Ирфон». - 2011. - 372 с.


## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАРҚАРОРСОЗИИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ


Дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори барқарорсозии сулҳу ваҳдати миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асоснок карда шудааст, ки баҳри пойдории сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузоштаанд. Исбот шудааст, ки барои барқарорсозии сулҳу ваҳдат чанди маротиба музокиротҳои сатҳи гуногун баргузор гардидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия, музокирот.


## ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ВОССТАНОВЛЕНИЕ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА


В статье исследован вклад основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, как инициатора восстановления мира и национального единства. Доказано, что Эмомали Рахман внес ценный вклад в сохранение мира и единства в Таджикистане. Доказано, что для восстановления мира и единства неоднократно проводились переговоры разного уровня.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Республика Таджикистан, Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Верховный Совет Республики Таджикистан, Конституция, переговоры.


## THE CONTRIBUTION OF THE NATION'S LEADER EMOMALI RAKHMONA TO THE RESTORATION OF PEACE AND NATIONAL UNITY


The article examines the contribution of the founder of peace and national unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, as the initiator of the restoration of peace and national unity. It has been proven that Emomali Rahman made a valuable contribution to the preservation of peace and unity in Tajikistan. It has been proven that negotiations at various levels have been held repeatedly to restore peace and unity.

**KEYWORDS:** Republic of Tajikistan, Founder of peace and national unity, Leader of the nation, Supreme Council of the Republic of Tajikistan, Constitution, negotiations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Султонбии Раҳматзода*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **raxmatzoda17@mail.ru.** Телефон: **(+992) 881 086 608.**
***Раҷабова Заррина Қудратуллоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 1-уми ихтисоси 26010110 **-** идораи мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Zarrina@mail.ru**. Телефон: **(+992)207880373.**

**Сведения об авторах:** ***Султонбии Рахматзода*** – Таджикский национальный университет, к.э.н., доцент, заведующий кафедрой государственного и местного управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **raxmatzoda17@mail.ru.** Телефон: **(+992) 881 086 608.**
***Раджабова Заррина Кудратуллоевна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 1-го курса, специальности 26010110 – управление центральными и местными органами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: Zarrina@mail.ru.** Телефон: **(+992)207880373.**

**Information about the authors:** ***Sultonbii Rakhmatzoda*** – Tajik National University, c.e.s., Associate Professor, Head of the Department of State and Local Administration. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **raxmatzoda17@mail.ru.** Телефон: **(+992) 881 086 608.**
***Radzhabova Zarrina Kudratulloevna*** – Tajik National University, 1-st year master's student, specialty 26010110 – management of central and local bodies**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Zarrina@mail.ru**. Телефон: **(+992)207880373.**

ТДУ: **920.86.(1-87)**

# СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ АНГЛИЯ ДАР ҲИНДУСТОН (СОЛҲОИ 1880-1914)

*Шукронаи Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати мустамликавии Англия дар Ҳиндустон самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар дошт. Яке аз рукнҳои асосии сиёсати Англия дар Ҳиндустон ин сиёсати иқтисодӣ буд, ки он дар низоми пешгирифта нақши калидиро мебозид. Низоми ҷоринамудаи Англия дар бештари сарчашмаҳо бо унвони «Бритиш радж» British Raj ёд мегардад, ки дар чаҳорчӯбаи он Англия қонуну қарорҳои худро дар Ҳиндустон ҷорӣ намудааст. Ин низом анъанаи феодалии Ҳиндустонро ифода намуда, пурзур намудаи ҳокимияти Англия ва идораи пурраи мустамликаро дар бар дошт. Ин низом аз соли 1876, яъне баъд аз эълон намудани малика Виктория ҳамчун маликаи Ҳиндустон ҷоннок карда шуда, режими идоравии он ва назорати англисҳо мустаҳкамтар гардид [15, с.68]. Дар ин замина сиёсати иқтисодӣ дар мустамлика пурзӯр карда шуд.

Сиёсати иқтисодии Англия дар Ҳиндустони нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XX ба нафи империалистони англис равона гардида, манфиати сармоядорон ва империалистонро ифода мекард. Ин сиёсат самти кишоварзӣ, саноат, нақлиёт ва алоқаро дар бар дошт. Англисҳо дар Ҳиндустон захираҳои заминро ба ҳисоб гирифта, пардохти андоз аз замин ва ҳуқуқи истифодаи заминро ба низом даровcovered. Мустамликадорон бо мақсади муҳофизаи Банғола муҳофизотҳои Шимолу Ғарбӣ, Панҷоб ва музофотҳои марказӣ қонунҳои навро қабул ва эҷод намуд, ки он низ беҳтар намудани низом ва бартараф намудани камбудиҳо буд. Ин амал зоҳирӣ ҳам бошад, аз тарафи заминдорону феодалҳо истисмор намудани кишоварзонро маҳдуд мекард. Қонунҳои қабулнамудаи ҳукумати Англис бахусус оид ба "Истифодаи замин дар мустамлика" хариду фурӯши заминро ба миён овард [1, с.90]. Ин раванд имконият дод, ки заминҳои васеъ ба дасти судхӯрон гузарад. Ин равандро дар Маҳараштра ва Панҷоб бештар мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ин солҳо инҳисориҳои мустамликавию ашрофони маҳаллӣ аксарияти заминҳои Ҳиндустонро аз худ намуда буданд. Кишоварзони ҳинду акнун се бори гаронро ба душ гирифта буданд, якум ин андоз, дуввум рентаи замин (рента- даромад аз замин) ва сеюм қарзи судхурӣ, ки он оҳиста- оҳиста ба муфлисшавӣ ва қашоққии аҳолӣ оварда расонд. Дар нимаи дуюми асри XIX ба манбаи ашёи хоми аграрӣ табдил ёфтани Ҳиндустон ба охир расид, ки он сабаб дошт. Яке аз сабабҳои асосии он ин мақоми устохонаи ҷаҳонро аз даст додани Англия буд, баъдан мубориза҃ои хунини империяи Германия ва Фаронса дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африқо ва океания буд, ки мавқеи Англияро ҳамчун империяи бузурги ҷаҳонӣ суст намуд. Ин раванд аҳаммияти Ҳиндустонро дар сиёсати пешгирифтаи он баҳри пурзӯр намудани иқтисодиёт боз ҳам баланд бардошт. Тараққиёти иқтисодӣ дар байни Ҳиндустон ва Англия рафти минбаъдаи тақсимоти меҳнатро дар байни саноати коркарди аввалияи Англия ва кишоварзию саноатии кӯҳии Ҳиндустон ва дар байни шаҳрҳои Англия аз як тараф ва деҳоти Ҳиндустонро аз тарафи дигар инъикос мекард. Молҳои асосӣ, ки аз Ҳиндустон содир карда мешуд, ин пахта, пашм, чут, нахл, биринҷ, гандум, индиго, гиёҳҳои шифобахш ва афюн буд. Аз миёни онҳо бештар пахта содир карда мешуд, ки аз он 80% ба Англия интиқол мегардид. Арзиши умумии молҳои содиротшудаи Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX се мароттиба зиёд гардид. Ҳиндустон аз солҳои 70-уми асри XIX беш аз пеш ба бозори молфурӯшии Англия табдил ёфт. Баъд аз ислоҳоти иқтисодии солҳои 70-80-уми асри XIX воридшавии молҳои англисӣ ба Ҳиндустон панҷ мароттиба зиёд гардид. Аз Англия ба Ҳиндустон асосан газвор, зарфҳои филизӣ, маводҳои зебу зиннат ва молҳои дигари истеъмолӣ оварда фурӯхта мешуданд [5, с.208]. Англия аз Ҳиндустон тавассути қонунҳо ва меъёрҳои вориднамуда даромади калон ба даст меовард. Маблағи даромади

метраполия аз ин манбаъ бемайлон зиёд мегардид. Дар ин замина даромади солонаи Англия сол то сол зиёд мегардид. Масалан, соли 1859 даромади Англия 361 миллион рупия ва соли 1890 қариб 891 рупияро ташкил дод. [6, с.86].

Дар давраи мустамликавӣ, бахусус, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX коргарони ҳинду дар шароити басо мушкил зиндагӣ мекарданд. Маоши моҳонаи ҳадди ақал дар як рӯз 1 рупиро ташкил мекард. Бо ин миқдор даромад, коргар як оила, ки аз 6 ва дар бештари маврид аз 8 нафар иборат буд, таъмин менамуд. Ин маблағи ба даст даровардаи коргар барои таъмини оила намерасид. Қашшоқӣ ва гуруснагӣ ҳукмфармо буд. Маоши моҳонаи коргарони фабрикаи бофандагии Банғола аз 9 то 30 рупияро ташкил медод. Дар Бомбея бошад, коргарон аз 13 то 34 рупия маош мегирифтанд. Дар Аҳмадобод коргарон аз 12 то 30 рупия дар як моҳ маош мегирифтанд [9, с.109]. Танҳо дар ҳолате, ки ҳамаи аъзои оила падару модар бо фарзандон кор мекарданд, танҳо барои таъмини оила метавонистанд ба маош такя намоянд. Дар баробари ҳамаи ин роҳбарони корхонаҳо ва худи амалдорон маоши моҳонаи коргаронро саривақт намедоданд, маоши коргаронро як моҳ, дар баъзе маврид ду моҳ нигоҳ медоштанд. Коргарон маоши ночизи гирифтаи худро боз барои амалдорон, сардор ва ё он нафаре, ки тариқи миёнаравӣ онҳоро ба ҷойи кор таъмин намудааст, якдафъаина маоши худро ба он кас ҳамчун пора медоданд. Дар баробари ин, коргар барои пардохти моҳонаи иҷора, ки дертар месупорид, ҷарима пардохт намуда, он маоши ночизи худро сарф мекард, ки ба худи ӯ ва ё фарзандаш ягон пасандозе намемонд. Дар баъзе шаҳрҳо коргарон маҷбур буданд, ки аз мағозаҳои корфармо ҳама намуд маҳсулоти хӯрокаро харидорӣ намоянд. Тарзе қонун ва тартиботро ҷорӣ намуда буданд, ки қисме аз маблағи ночизи додаи амалдор боз ба худи ӯ бар мегашт. Дар ин хусус муҳаққиқи англис Ралф Фокс дар асари худ “Сиёсати мустамликавии Англия” қайд менамояд, ки: "Судхӯрон дар шаҳрҳо низоми худро ҷорӣ намуда, танҳо аз ҳисоби нигоҳ доштани маоши моҳонаи коргарон сарвати худро афзун мекарданд. Дар баробари ин, омилҳои дигар низ мавҷуд буд, ки судхӯрон метавонистанд сармояи худро аз он ҳисоб афзун намоянд, чун, ки онҳо бо низом ва низом бо онҳо алоқамандии зич дошт" [8, с.24].

Англия дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ислоҳотҳои навро ҷорӣ намуд, ки дар он самти соноат, кишварзӣ, савдо ва тиҷорат нақши муҳимро дошт. Дар чаҳорчӯбаи ислоҳотҳои воридгардида фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, соҳаи кишварзӣ, савдо, тиҷорат ва ғ. тибқи талабот ва меъёрҳои нав ҷорӣ гардида, амал мекарданд, ки аз миёни он қонунҳо ҳуқуқи меҳнат ва фаъолияти коргарон дар корхонаҳо барои самти иқтисодӣ муҳим ва зарурӣ буд. Соати корӣ аз 10 то 14 соат идома мекард, коргарон тибқи талаботи ҷоригардида рӯзи истироҳатӣ надоштанд, ҳатто дар рӯзҳои ид ҳам кор мекарданд. Қонун дар бораи иҷтимоиёт дида мешуд, аммо унсурҳои оддии таъминоти иҷтимоӣ барои коргарон дода намешуд, ки баъзеи онҳо дар шароити вазнин ва хавфнок кор мекарданд. Дар ин давра қонун дар бораи "Амнияти коргарон", бо истилои дигар "Қурбонӣ" амал мекард, ки ҳангоми ягон ҳодисаи нохуш ва ё воқеае аз ҷониби сармоядор ва ё роҳбари корхона "Қурбонӣ" карда мешуд, аммо ин қонун танҳо дар рӯйи қоғаз буду халос. Дар асл пурра амалӣ намегардид. Ҳатто худи буржуазия чунин мешуморид, ки ин қонун танҳо дар рӯйи қоғаз боқӣ мондаанд [11, с.102]. Ин қонун на танҳо дар корхона ва фабрикаҳои хурд, балки дар корхонаҳои калон, роҳҳи оҳан, коргар, сохтмончиён ва дигар соҳаи саноати вазнин риоя карда намешуд. Дар ин вазъияти мушкил Комиссияи Уитли санҷиш гузаронида, ба хулосае меояд, ки қисми зиёди коргарони ҳинду ҳатто дар бораи ин қонун маълумот ҳам надоранд. Комиссияи мазкур бад будани вазъи коргарон ва бахусус хонаҳои истиқоматии онҳоро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки хонаҳои коргарон бениҳоят дар вазъияти бад қарор дорад. Корагри ҳинду хонаи худро дар деҳа бо оилааш гузошта, барои дарёфти кор ба шаҳр меравад ва барои иҷораи хона танҳо он қисмате, ки дар он сандуқи худро мегузошт, барои анаҳамонқадар ҷой маблағи моҳона пардохт мекард. Дар як дуҳуҷрагае, ки коргарон истиқомат мекарданд, теъдоди зиёди сандуқҳо дида мешуд, ки теъдоди коргарони иҷорагирро дар як ҳуҷра муайян мекард [12 с. 42]. Ба шумораи миёна дар як хона 9 нафар коргарӣ ҳинду истиқомат мекарданд. Иҷорадиҳанда ҳам бо ҳар роҳу восита аз иҷорагирон маблағ меситонид, ҳатто аз меъёр зиёд дар як ҳуҷра одам мегирифт.

Дар ин давра яке аз минтақаҳои тараққинамуда, ки дар он сафи зиёди одамон ба кору фаъолият банд буданд, ин Ҳайдаробод, Майсур, Ҷамму, Кашмир ва ғ. ба шумор мерафтанд. Масалан, Ҳайрдаробод зиёда аз 212 ҳазор километрро дар бар дошт ва дар он 14 миллион нафар аҳолӣ умр ба сар мебурд. Ин князигариҳо дорои аҳолии зиёд буда, нисбат ба дигар ҷойҳо аз нигоҳи иқтисодӣ рушдкарда буданд. Аз миёни дигар марказҳо Борода дар қисмати ғарбӣ, Траванкор дар қисмати ҷанубӣ, Гвалиор, Индуар ва Бхопал дар марказ Ҷайпур, Биканер, Ҷодхпур ва Раҷпур низ мақоми калонро доштанд.

Дар давраи империализм Ҳиндустон ҳамчун маркази таъминкунандаи ашёи хом барои Англия буд ва барои ба ҳадаф расидани сармоядорону ҳукуматдорони англис халқи онро истисмор мекард. Қисми зиёди замин дар дасти тоҷирон ва судхӯрон гузашт, ки дар охири солҳои 80-уми асри XIX судхӯрон то 1/3 ҳиссаи тамоми заминҳои корамро ба даст даровварда буданд. Аз ин ҳисоб табақаи болоӣ бой шуда буд [2, с.184]. Дар натиҷаи ҳамаи ин, дар он ноҳияҳое, ки деҳқонон заминдорӣ мекарданд, синфи нави ҳукумрон, яъне помешикон ба миён омаданд, ки аз оилаҳои сарватманди заминдор ва судхӯрон буданд. Аммо мавҷуд будани табақабандии синфӣ дар деҳоти Ҳиндустон на ба ташаккули пролетариати хоҷагии қишлоқ, балки боиси афзоиш ёфтани рентаи замин гардид" [2, с.94]. Қисми зиёди деҳқонон иҷорагир шуданд. Боло рафтани нархи иҷораи замин ва рентаи асоратовар ба ташаккули капитализми аграрӣ оварда расонд. Дарвоқеъ, истисмор аз ҳамаҷониб зиёд буд, аз тарафи дигар зулми сармоядорон, бахусус плантаторон вазъи коргаронро боз ҳам душвортар намуда буд. Шароити душвори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имконият намедод, ки аҳолӣ хӯроки дуруст истеъмол намоянд ва талаботи оддии гигиениро риоя кунад. Халқи мустамлика аз ҳисоби қашшоқӣ ва гуруснагиву нодорӣ ба касалиҳои гуногун гирифтор мегардиданд, ки аз он ҳамасола ҳазорҳо-ҳазорҳо нафар ҳиндуён мефавтиданд. Гуруснагӣ ва касалиҳои сироятӣ дар Ҳиндустон як чизи маъмулӣ буд, ки ҳамасола аз ин бемориҳо теъдоди зиёди одамон мевафтиданд. Масалан, дар соли 1905 -1069 140 нафар ва дар соли 1907- 1315 892 нафар одамон аз касалии вабо фавтиданд" [16, с.312]. Яъне, дар давраи ҳукумат намудани Англия дар Ҳиндустон, баробари мавҷуд будани бухрони иқтисодӣ, қашшоқӣ гуруснагӣ боз касалиҳои гуногун дида мешуд. Яке аз сабабҳои асосии паҳншавии бемориҳои гуногун ва фавт дар мамлакат ин қонунҳои мавҷуда ва вазъи пасти иқтисодиву иҷтимоии оммаи мардум буд [9, с.107]. Ба бухрони ҷиддӣ гирифтор гардидани мустамлика ва вазъи пасти иқтисодии оммаи мардуми ҳинду маҳз пурзӯр намудани сиёсати иқтисодии давраи империализм буд. Дар чаҳорчӯбаи сиёсати иқтисодӣ Англия тиҷорати молҳои англисиро низ дар ин минтақа ба роҳ монда буд, ки аз он ҳисоб низ сарвати мамлакат зиёд мегардид.

Англия барои нуфуз ва тиҷорати молҳои худ дар мустамликаҳо тадбирҳои зиёдро андешида, қонунҳои наврo қабул ва ҷорӣ намуд, ки онро мо дар истисмори аҳли заҳмат аз ҷониби сармоядорони англис дар Ҳиндустон дида метавонем. Дар ин давра мардуми ҳинду дар шароити душвори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ умр ба сар мебурданд. Андозҳои гарон, истисмори омма аз ҷониби амалдорон, беҳуқуқии аҳли заҳмат вазъи онҳоро дучанд душвор намуда буд. Ба ин масъала муҳаққиқи англис Ралф Фокс дар асари хеш "Сиёсати мустамликавии Англия" чунин ибрози ақида менамояд, ки "Заминдор – ин ҳашароти воқеие буд, ки аз деҳқон хуни ҷабинашро макида мегирифт, ба ин тоифа андозгирандаҳо низ шомил буданд" [8, с.35]. Дар ҳақиқат андозҳои гарон ва нархи иҷораи замин, ки сол то сол боло мерафт, зиндагии мардумро вазнин намуда буд. Дар баробари ин, деҳқонон ва он коргароне, ки дар хоҷагиҳои амалдорон кор мекарданд, музди ночиз мегирифтанд ва дар зери зулму шиканҷаи амалдорону заминдорони калон қарор доштанд, яъне халқи мустамлика ба заминдорони калони англис ба мисли ғулом хизмат мекарданд, сармоядор бошад аз ин ҳисоб сарвати худро боз ҳам афзун мекарданд. Дар ин давра марказҳои зиёди истеҳсолӣ ташкил шуда буданд, ки дар он аксаран аҳолии ҳинду меҳнат мекарданд, аммо музди маоши англис аз ҳинду се мароттиба зиёд буд.

Муҳаққиқ ва сиёсатмадори ҳиндӣ Ш. Тхарур дар асари хеш "Давраи тирагӣ", ки бевосита ба сиёсати мустамликавии Англия дар Ҳиндустон бахшида шудааст, қайд менамояд, ки "Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Ҳиндустон манбаи асосии даромади

Англия ва бузургтарин харидори молҳои англисӣ буд. Ҳиндустон ба Англия на танҳо бозори азимро барои фурӯши молҳои худ дода буд, балки ба вай обрӯю эътибор ва қувваи ҳарбиро ҳам дод. Ин ду масъала барои Англия аз ҳама муҳим буданд. Дар тули беш аз як аср Ҳиндустон мавқею манзалати Англияро дар ҷаҳон баланд бардошта, ӯро ба яке аз империяҳои азими ҷаҳонӣ табдил дод" [12, с.234]. Дар баробари сохтмони корхонаҳо ва фабрикаҳои хурду бузург дар мустамлика, бунёди шаҳрҳо ва роҳҳо ба миён гузошта шуда, буд, ки яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии Англия дар ин давра буд.

Яке аз лоиҳаҳои бузургтарини Англия дар аввали асри XX ин сохтмони пойтахти навини Ҳиндустон, яъне шаҳри Деҳлии нав буд, ки он мутобиқи барномаи Англия сохта шуд. Соли 1911 шоҳ Георги V ба мустамлика ташриф оварда, аз Калкута ба Деҳлии нав кӯчонидани пойтахтро иброз намуд ва дар ин ҳангом хишти аввалро барои ташкили пойтахти нав санги нахустинро гузошт. Сохтмони шаҳр тибқи барнома ва нақшаи меъморони англис Эдвин Лютиенс ва Герберт Бейкер буд ва онҳо низ худи сохтмонро назорат мекарданд. Дар сохтмон зиёда аз 30 ҳазор коргар кору фаъолият намудаанд. Дар тули ду даҳсола дар инҷо қасри Сансад-Бхаван, бинои Котибот, Дарвозаи Ҳинд, хиёбони Раҷпат, қароргоҳҳои Махараҷа ва князигариҳои маҳаллӣ дар мисоли Ҳайдаробод, Бародҳо, Ҷайпур ва Бинканер бунёд карда шуданд. Инчунин, қасри сарфармондеҳи қушуни Ҳиндустони британиявӣ, як кантони низомӣ бо калисо Сент-Мартин ва ҳазорҳо биноҳои ҷамъиятӣ ва идораҳо бунёд гардиданд. Илова бар ин, 10 ҳазор дарахт шинонда, даҳҳо кӯчаҳо бунёд карда шуданд ва пас аз кушодашавии маркази тиҷоратии Каннот Плейс, калисои англичанӣ ва католикӣ боз маъбади Лакшми Нараяана, ки аз ҳисоби оилаи Бирла сохта шудаанд. Ҳамзамон, меҳмонхонаи Империал, ки ба оилаи сарватманди Сингх тааллуқ дошт бунёд карда шуд, ки он ҳама ба тараққиёти минбаъдаи мамлакат таъсири ҷиддӣ расонд. Рӯзи 15-уми феврали соли 1931 аз ҷониби лорд Ирван Деҳлии нав бо тантана кушода шуд. Дар ин давра зиёда аз 10 ҳазор қаср бунёд гардида буд. Яке аз марказҳои калони он давра Конот-Плей, собори англисиву ҳиндуӣ ва ибодатхонаи Лакшми-Нараяни ба шумор мерафтанд.

Хулоса, бояд қайд намуд, ки дар сиёсати иқтисодии Англия ҳамаи самтҳо саноат, кишоварзӣ, тиҷорат, савдо, нақлиёт, алоқа ва ғайра дарҷ гардида буд, ки манфиати сармоядорон ва ҳукуматдорони англисро ифода мекард.

Дар давраи империализми англис усулҳои истифодаи Ҳиндустон тағйир ёфта, ҳар чи бештар ба худ хусусияти истисморгаронаро гирифт. Дар чаҳорчӯбаи сиёсати иқтисодии Англия сармоягузорӣ дар самтҳои гуногун, сохтмони корхонаҳои хурду бузург ва сохтмони роҳҳо нақши муҳимро дошт, ки давра ба давра ин нақшаҳо амалӣ гардиданд. Ин раванд бештар ба масъалаи сармоягузории англисҳо таъсири ҷиддӣ расонд. Яке аз соҳаҳои калонтарин, ки ба он самт маблағгузорӣ бештар дида мешуд, ин соҳаи роҳи оҳан буд, ки он ба мустамликадорон даромади калон меовард. Бинобар ин, сохтмони роҳи оҳан сол то сол зиёд мегардид. Масалан, солҳои 60-уми асри XIX дар Ҳиндустон дарозии роҳҳои он ба 1300 км рафта мерасид. То солҳои 1890 дарозии он 25600 километрро ташкил медод [10, с.186]. Яке аз соҳаҳои сердаромади дигар дар Ҳиндустон, ки англисҳо бештар маблағгузорӣ мекарданд, ин иншоотҳои обёрикунӣ буд ва ингуна иншоотҳо дар ҷойҳое бунёд мегардиданд, ки зироатҳои содиротӣ парвариш карда мешуданд. Махсусан, дар Синд ва Панҷоб - музофотҳое, ки барои парвариши пахта махсус гардонида шуда буданд, бештар ба чашм мерасид. Ҳамзамон, сармояи Англис барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ низ ҷудо карда мешуд. То охири соли 90-уми асри XIX дар Ҳиндустон 177 фабрикаи бофандагӣ ва 33 фабрикаи чут фаъолият мекарданд. Аз ҷумла дар Калкута фабрикаи чут ва комбинати металургӣ ва дар Канпур фабрикаҳои калони бофандагӣ сохта шуданд. Дар оғози асри XX теъдоди ингуна корхонаҳо дучанд афзуданд, ки дар он мо сармоягузории англисро бештар дида метавонем. Дар сиёсати иқтисодии Англия дар Ҳиндустони охири асри XIX ибтидои асри XX дар баробари самтҳои дигар роҳҳои оҳан, бунёди иншоотҳои бузург ва соҳаи аграрӣ нақши бағоят бузургро дошт.

**АДАБИЁТ**

1.Данков А.Г. Цели и задачи британской политики на северо-западных рубежах Индии в работах британских историков конце XIX в. вестник Томского государственного университета. 2013.№372.-С.91-97
2. Кузминов Я.И. Экономическое развитие Индии в период империализма / Полянский Ф.Я., Жамин В.А. Экономическая история капиталистических стран. М: изд-ва Моск. Ун-та. 1986. С.216-222”
3. Кулик Лидия Викторовна дар осори хеш "роль и место Индии в системе внешнеполитических координат Великобритании в 1997 -2016гг./ Диссертация М.2017.--С.28. 336с.
4.Кулик Л.В. Подход Британии к управлению колониальной Индией- тема снова в центре внимания:в книге Ш.Тхарура "Эра тмы". Британская империя в Индии. // Вестник Московский финансово-юредический университет №1/2017.с233-242 (234.)
5.Ленин В.И. Тетрадь по империализму. ПСС.Т28.-С.404
6. Павел Григоревич Мижуев История колониальной империи и колониальной политики Англии М.: изд Юрайт.
7. Парфенов И.Д. зери унвони "Английские лейбористы и колониализм. М. Издательсвто Саратовского университета. 1969.77.
8.Ралф Фокс. Английская колониальная политика (популярный очерк) // Государственное, социально-ээкономическое издательство. Москва, 1934.- 80с.
9. Ростовский с.Н., Рейснер И.М., Кара-Мурза Г.С., Рубсов Б.К.[1] Новая история колониальных и зависимых стран Том 1. -2016....
10.Сидорова С.Е. Английский либерализм и проблемы модернизации Индии в 60-х первой половине 80-х гг. XIX в.// диссертация канд... ист.. наук: 07.00.03. Москва, 2006 299с.
11. Силли Ҷон Роберт, Крэмб Джон Адам Британская империя. Разделяй и властвуй! Издательство: Алгаритм. М. 2019 -400с.
12. Тхарур Ш. "Эра Тмы"(shashi Traroor. An Era of Darkntss.Tne Britisn Empire in Indian). издательство Алеф Деҳли 2016. -С. 234
13.Юрлова Е.С Неприкасаемые в Индии / Е.С. Юрлова. - М: Наука,1989.- С.42
14. Юров Ф.Н. От восхода до заката Династия Неру-Ганди книга первая / Ф.Н. Юров. - М.2015.520с. -С.65
15. Халимова М.М. Англия дар замони ҳукмронии малика Виктория (с.1837-1901). -Душанбе- 2019.- 86с. с.59.
16. Фадеичева М.А. Колониальный вопрос в Индии //Дискурс_Пи-2010.-С.312-315.

## СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ АНГЛИЯ ДАР ҲИНДУСТОН (СОЛҲОИ 1880-1914)

Дар мақола муаллиф оид ба сиёсати иқтисодии Англия дар Ҳиндустон маълумот дода, қонунҳо ва ислоҳотҳои ҷоринамудаи Англияро дар Ҳиндустони солҳои 1880-1914 ҷой дода таҳлил намудааст. Дар солҳои 80-уми асри XIX Англия сиёсати худро дар мустамликаҳо, бахусус, дар Ҳиндустон пурзӯр намуда, дигаргуниҳои нав ба навро ҷорӣ намуд, ки дар он низом сиёсаи иқтисодӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро дошт. Дар ин марҳила, қонун дар бораи истифодаи замин, хариду фурӯши он ва супоридани рента дар Ҳинудстон қабул ва ҷорӣ карда шуд. Сиёсати иқтисодии Англия бахусус дар яке аз мустамликаҳои бонуфузи он, яъне Ҳиндустон аҳаммияти муҳимро дошта, баҳри нуфузу манзалати Англия ва пурзӯр намудани иқтисодиёт равона гардида буд. Дар сиёсати мустамликавии Англия дар Ҳиндустон сиёсати иқтисодӣ бахусус дар охири асри XIX ибтидои асри XX нақши бузургро бозида ба манфиати сармоядорон ва ҳукумати ондавраи англис равона гардида буд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Англия, сиёсати мустамликавӣ, Ҳиндустон, иқтисодиёт, рента, андоз, истисмор.

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА АНГЛИИ В ИНДИИ (1880-1914)

В статье автор предоставил информацию об экономической политике Великобритании в Индии, а также проанализировал законы и реформы, проведенные Англией в Индии 1880-1914 гг. В 80-х годах XIX века Англия усилила свою политику в колониях, особенно в Индии, и ввела новые изменения, в которых экономическая политика имела первостепенное значение. На этом этапе в Индии был принят и введен в действие закон об использовании земли, ее купле-продаже и выплате арендной платы. Британская экономическая политика имела особенно важное значение в одной из самых влиятельных ее колоний, а именно в Индии, и была направлена на усиление влияния и положения Англии и укрепление экономики. В колониальной политике Англии в Индии экономическая политика, особенно в конце XIX — начале XX вв., играла большую роль и была направлена на выгоду капиталистов и правительства Ангии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Англия, колониальная политика, Индия, экономика, рента, налог, эксплуатация.

## ECONOMIC POLICY OF ENGLAND IN INDIA (1880-1914)

In the article, the author provided information about the economic policy of Great Britain in India, and also analyzed the laws and reforms carried out by England in India in 1880-1914. In the 1980s, England strengthened its policies in the colonies, especially in India, and introduced new changes in which economic policy was of paramount importance. At this stage, laws regarding the use of land, its sale and purchase and payment of rent were passed and implemented in India. British economic policy was particularly important in one of its most influential colonies, namely India, and was aimed at increasing the influence and position of England and strengthening the economy. In the colonial policy of England in India, economic policy, especially at the end of the 19th and beginning of the 20th centuries, played a large role and was aimed at the benefit of the capitalists and the government of England.

**KEYWORDS:** England, colonial policy, India, economy, rent, tax, exploitation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шукронаи Тоҷиддин –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **919230965.**

**Сведения об авторе:** ***Шукронаи Точиддин*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **919230965.**

**Information about the author:** ***Shukronai Tochiddin*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919230965.**

# ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА

## ШАКЛҲОИ ФАЗО ВА ВАҚТ

*Калонзода Ф.И., Мардонова М.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фазо ва вақт ҳамчун шаклҳои асосии мавҷудияти материя дорои якчанд шакл мебошанд. Барои муайян кардани шаклҳои фазо ва вақт саҳми файласуфони атиқа ва асримиёнагӣ ба монанди Афлотун, Арасту, Гераклит, Зенон, Форобӣ, Ибни Сино, Н. Тусӣ ва дигарон бағоят бузург аст.

Дар вақти муқоиса намудани афкори фалсафии Абуалӣ ибни Сино бо таълимоти фалсафии Арасту, махсусан, дар баррасии масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки пеш аз ҳама заминаҳои воқеӣ доштани афкори Арасту файласуфони Шарқ, аз ҷумла, Ибни Синоро ба худ бештар ҷалб кардаанд [4, с.202].

Ибни Сино муаммои вуҷуд, таносуби Худою оламро тавассути категорияҳои воҷибу имкон, сабабу натиҷа баррасӣ менамояд. Ҳамон навъе, ки мутарҷими “Таълиқот” –и Сино Фатҳиддини Сироҷ дар пешгуфтори ин асар менависад: “Мақулоти воҷибу имкон бар уҳда бори гарону мушкили ҳастишиносӣ дошта, вазифадоранд, ки вуҷудро таъину ташхис бахшанд. Дар ин тарзи тафаккур низ падидаҳои солим, оқилона ва аз лиҳози ҷараёни фазою вақт пешқадам зиёд буда, басо мафкураи расмию ҳокимро ошкоро ба ҷанги танбатану муҳорибаи ғоявӣ даъват менамояд” [1, с.15-16]. Дар ин китоб Сино овардааст: “Имкони вуҷуд оламро ба зоти худ буда, ҳеҷ гоҳ завол наёбад, зеро он ҳақиқату ҷавҳари олам аст, пас ҷавҳарият, албатта, ботил нагардад, чунки ҷавҳару ҳақиқати чиз тағйир наёбад. Офаридгор танҳо дар сурате ба амалу фаъолияти худ қодир асту адои вазифаю мақом мекунад, ки чиз (олам) билқувва мавҷуд бошад” [1, с.180]. Мушкилию мураккабии муаммои вуҷуд ва рафъи масъалаи дар як вақт фоилу қобил будани Худо мутафаккирро ногузир ба эътирофу исботи ҳастии қобил (модда) водор месозад, ки калиди ҳалли он дар андешаҳои зайл зоҳир мегардад: “Пас раво нест, ки чизи басит якбора фоилу қобил бувад, зеро дар акси ҳол дугонагӣ роҳ ёбад. Аз ин ҷо хилофе нест, ки он ҷо (кувваи) қабуле бошад” [1, с.179].

Ҳамин тавр, ҳангоми баррасии масъалаи муқоисаи фалсафаи Арасту ва Ибни Сино оид ба масъалаҳои ҳаракат, фазо ва вақт ҳамчун хосиятҳои асосии модда ба усулҳои методологии таҳлили муқоисавӣ такя намудан зарур аст [2, с.238].

Инчунин, зинаҳои дигари фазоӣ-вақтии ҳастӣ мавҷуданд, ки сифатан гуногунранг будани шаклҳои фазою вақт дар табиати ғайризинда вобастаанд. Ин зинаҳо ба се соҳаи асосии олами моддӣ – табиати ғайризинда, ҳаёт ва ҷамъият мутааллиқ буда, хусусиятҳои махсуси сохтори фазою вақтро ифода мекунад. Дар навбати худ дар табиати ғайризинда, ки зинаҳои ташаккулёбии материяро дар Метагалактикаи мо фаро мегирад, хусусиятҳои фазою вақт дар олами акбар, олами асғар ва кайҳони беинтиҳо мавҷуд мебошанд. Дар фосилаҳои макроолам, вақте ки фазою вақт зери таъсири мавҳумот (абстраксия) дар наздикии массаи азими ҷозибадор қарор мегиранд, фазою вақт бо геометрияи евклидӣ тафсир меёбанд. Дар доираи ченакҳои галактикӣ ва Метагалактикӣ мавқеи муҳимро хамзанӣ ё дуршавии фазою вақт аз ченаки евклидӣ ташкил медиҳад, ки он бо таъсиррасонии массаҳои ҷозибадор вобаста аст.

Мувофиқи маълумотҳои илмии муосир барои Метагалактикаи мо давраи дуюми таҳаввулоти олам хос аст. Вале космологияи муосир мавҷудияти дигар оламҳоро, ки аз Метагалактикаи мо берун қарор дошта, баъзеяшон васеъ ва баъзеяшон дар доираи фазою вақт фушурда гардиданашон аз эҳтимол дур нест, истисно намекунад.

Васеъшавии Метагалактикаи мо хусусиятҳои хоси ташаккулёбии фазоию вақтии онро ифода мекунад. Дар ҷараёни дуршавии галактикаҳо суръати онҳо баробари дуршавиашон аз ҳамдигар зиёд мешавад.

Ҳангоми суръатнокиҳое, ки ба суръати рӯшноӣ наздиканд, таъсирнокиҳои назарраси фарққунанда дар хосияти парокандашавии фазою вақт ба таркибҳои фазоию вақтӣ ба миён меоянд.

Ҳоло бошад хусусияти биологӣ ва иҷтимоии фазою вақтро мухтасаран вобаста ба тадқиқотҳои илмии олимон дида мебароем.

Материяи зинда на танҳо хусусияти фазоӣ, балки сохтори вақтиро низ доро аст.

Қайд кардан мумкин аст, ки мавҷудияти инсон ҳамчун: а) макросистемаи мураккаб; б) организми зинда ва в) мавҷудоти иҷтимоӣ гӯё, ки дар миқёси гуногуни вақтӣ бо суръатҳои нисбати ҳамдигарашон гуногун дар ҳамон меъёри ягонаи вақти физикӣ мегузарад.

Вақти биологӣ, ҳамчунин, хусусияти хоси худро дорад, гарчанде дар системаҳои биологӣ барнагардандагӣ ҳамчун хосияти универсалӣ ва мутлақият баромад мекунад. "Ин гуна равандҳо чун метаболизм (мубодилаи модда), афзоиш, морфогенез ва таҳаввулоти намудҳо, амалан дар худ пайдарҳамии муттасили гузаришҳои (табдилёбии) монандҳоро тасвир мекунад. Ин аз сохтори олии вақти биологӣ дарак медиҳад, зеро ҳар як ин гузариши бебозгашт садде (монеае) мебошад, ки чун девори сарпӯшдор муқоиса намуд. Мавҷуд будани бандҳои (кассетаҳои) пурраи чунин монеаҳо на танҳо ба барнагардандаҳои мутлақ, балки ба ҷустуҷӯи воситаҳои равандҳои биологӣ бурда мерасонад." [3, с.371]. Дар биология мафҳуми ҳозира тағйир меёбад. Вақти ҳозираи биологӣ назар ба вақти физикӣ, ки имкон медиҳад дар бораи "ғафсӣ"-и вақт қайд намоем, давомнокии гуногунро доро мебошад. Ғайр аз ин, гузашта, ҳозира ва оянда дар ягонагии организм мавҷуд аст. Аз ин рӯ, вақти ҳозираи физикӣ вақти ҳозираи биологиро ба хотирот ва кирдори мақсаднок ҷудо мекунад. Дар биология, ҳамчунин, аҳаммияти таркиби биологӣ хеле калон аст, ки дар он мубодилаи равандҳои дохилии фаъолияти ҳаётии организм шуда мегузарад ва он ба таври ирсӣ (генетикӣ) ба инсон (ғайр аз ин ба дигар системаҳои биологӣ низ) дода мешавад. Ҳатто дар ҳаёти муқаррариамон мо бо дарки вақт (соатҳои биологӣ), дар асоси дараҷаи физиологии организм бармехӯрем (дар ин хусус мо дар боби аввали рисола гуфта гузаштем ва дар поёнтар низ истода мегузарем). Таносуби системаҳои биологӣ дар замони ҳозира бо мафҳуми вақти органикӣ, ки бо тадқиқи масъалаи инкишофи организмҳои зинда, аз он ҷумла инсон, алоқаманд аст, фаъолона коркард мегарданд. Яке аз аввалин тадқиқот дар бораи ин масъала, ҳанӯз дар солҳои 1920-1925 аз ҷониби Г. Бакмон гузаронида шуда буд, ки чунин менависад: "Инкишоф дар решаи ҳаёт ниҳон аст ва зуҳуроти умедбахши худи моҳияти дохилии ҳаёт мебошад... Вобастагии рафти ҳаёт аз инкишоф имконияти донишҳоро дар бораи пешгӯии ҳаводис мемонад, ки организмҳо "вақти дохилӣ"-и худро доранд ва ман онро ҳамчун "вақти органикӣ" мефаҳмам". Дар доираи консепсияи мазкур вақти биологиро функсияи вақти физикӣ ҳисобидан мумкин аст, ки бо ёрии он моделҳои (намудҳои) математикии хати каҷи инкишофи организм, нишондоди силсилаи хусусиятҳои инкишофи ҳамаи организмро сохтан метавонем.

Ҳамчунин, хусусиятҳои биологии вақт бо вақти субъективӣ ва психологӣ низ робитаи ногусастанӣ дорад.

Вақти субъективӣ – ин дарозии ченакикунонидашудаи аз вақти объективӣ сифатан фарққунанда мебошад, ки дар шуури мо дар асоси ҳаҷми иттилооти хотираи психологиамон силсилаи ҳодисоту ҳолатҳои баргузоршуда, мавҷуда ва эҳтимолиро инъикос менамояд. Вай тобиши руҳиявӣ (психологӣ) дошта, аз шиддати ҳиссиёти ботинӣ, таҷрибаи рух, хотира, тасаввурот ва ғайрати инсон вобаста мебошад. Вақти субъективӣ манзараи иттилоотиро таҷдид намуда, на танҳо ба мавҷудияти физикии гузаштаю ҳозираи ҳодисоту равандҳо, ҳамчунин, ба аҳаммиятнокии онҳо барои инсон ишорат менамояд.

Дар доираи вақти субъективӣ инъикоси назариётӣ ва идрокии вақт фарқ карда мешаванд. Инъикоси назариётӣ тавасссути донишу тасаввурҳоямон амалӣ мешавад. Инъикоси идрокии вақт – ин эҳсоси вақт дар дарки ҳиссии одамон аст. Вақти субъективӣ ба монанди вақти объективӣ андозанок аст: гузашта, ҳозира, оянда. Аммо бо ҳамин

фарқият, ки дар вақти субъективӣ табдили иттилоотӣ-имконӣ мумкин аст: яъне инсони воқеан ва қисман дар вақти ҳозира мавҷудбуда имкон дорад, ки ба кӯдакӣ "ғарқ" гардад, аз таассуроти гузашта ба ваҷд ояд, гаронии талафоти имкониро эҳсос намояд ва ғайра. Ба вақти субъективӣ ҳаракат бо тири вақт аз лаҳзаи ҳозира ба оянда ва гузашта ё такрор намудани ҳодисоти ҳозира дар таассурот хос аст. Вақти субъективӣ ба равандҳои воқеии гузаштаистода хусусияти аҳаммиятнокӣ мебахшад, баҳо, эҳсосот ва шиддати таассуротро ба он мегузаронад. Вақти субъективӣ умуман нобаробар буда, дар он ченаки ягонаи ҳақиқӣ вуҷуд надорад.

Нақшҳои ҳодисоту ҳолатҳои азбайнрафта дар сохтори нейронии мағзи сар боқӣ мемонад ва аз ин "бойгонӣ" бозгирифтаю фаъол гардонида мешаванд. Офарандаи кибернетика Норберт Винер фарзия баён карда буд, ки мувофиқи он дарки фаросатии вақт бо назми майнаи инсон, аз ҷумла бо алфа-ритм, ки фаъолнокии инсонро муайян мекунад, вобастагӣ дорад. Эҳсоси вақт, инчунин, бо раванди мубодилавии организм вобаста карда мешавад. Азбаски дар пиронсолӣ суръати мубодилаи моддаҳо дар организм нисбатан камтар мешавад, бинобар он, рафти "механизмҳои соат"-и низ суст мегардар дар организмҳои зинда як навъ "соати биологӣ" бино ёфтааст, ки кори худро бо назмҳои биологӣ мувофиқ мегардонанд [5, с. 368]. Назмҳои биологӣ бо назмҳои геофизикии ивазшавии фаслҳои сол ва вақти шабонарӯзӣ вобастагӣ дорад. Илова бар ин, вақти ботинӣ на соат дораду на сония.

Дар нисбати оянда инсон дорои он "нақшҳои инъикосӣ" нест, ки дар сохтори мағзи сар ҷойгир бошанд, аммо дар сатҳи психикӣ модели ҳодисоти дарпешистода ва манзараи эҳтимолии ояндаро сохта метавонад. Дар асоси чунин пешдид ва моделсозӣ як навъ барномаи ҳолати оянда, рафтору фаъолияти минбахда сохта мешавад, ки аҳаммияти муайянкунанда-самтбахшандагӣ дорад. Ҷараёни вақти ба оянда бо тарзи иттилоотӣ давомёбанда ва модели иттилоотии оянда ба вуҷуд меояд, ки бо нерӯи шуури худи субъект офарида мешавад. Хусусияти хоси ояндаи вақти субъективӣ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Бо вақти субъективӣ идрок кардани ҳозираро В. Вундт ҳамчун "идроки даряклаҳзагӣ"-и якчанд ҳодисаҳои пайдарҳам маънидод кардааст (гуфтан мумкин аст, ки сухан феълан дар бораи нусхабардории дарозии вақт меравад). Инсон дискретии (танаффуснокии) ҳарсониягии вақтро намефаҳмад ва идрок намекунад, баръакс ӯ худро дар муҳосираи вақти континуалӣ (доимӣ, бетанаффус) ҳис мекунад. Квант (ҳадди хурдтарин)-и вақти субъективӣ метавонад дар худ ҳам пайғоми иттилоотии гузаштаро дошта бошад, ҳам дар худ ирсолоти барои оянда дошта бошад. Дар воқеияти ботинии субъективиаш инсон ба осонӣ "дар вақт ҷой иваз мекунад" ва бинобар он, лаҳза ҳамчун лаҳза боқӣ монда, ҷоришаванда ва давомёбанда намоён мешавад. Ин хоси ҳолатҳое мебошанд, ки "таасуроти дучарха" ном гирифта аст. Дар ин ҳолат стресс чунон пурзӯр мегардад, ки инсон лаҳзаҳои гузаштаи ҳаёташро ҳамчун селаи таасуроти вақти ҷории ҳозираро роҳбаладикунанда тасаввур мекунад.

Файласуфони машҳури асри XX Анри Бергсон, Эдмунд Гуссерл, Мартин Хайдигер, Освалд Шпенглер ва дигарон дар таълимоти худ ба масъалаи дарки хосиятҳо ва хусусияти вақти субъективӣ ҷойи муҳим додаанд. Дар бораи ҳисси ботинии вақт ва "дарозӣ"-и он аввалин шуда, дар ибтидои асри XX файласуфи фаронсавӣ Анри Бергсон ҳарф задааст. Ба ақидаи ӯ маҳз ҳамин вақт, ки барандааш субъект аст, ҳақиқӣ мебошад. Вақти берунаро ӯ ҳамчун мансубияти олами атроф ба дарозии вақти ботинӣ маънидод кардааст. Освалд Шпенглер, ҳамчунин, дар китобаш "Ғуруби Аврупо" қайд карда буд, ки бо калимаи "вақт" як навъи шахсӣ, як чизе, ки бо муътақидии ботинӣ эҳсос мешавад, ҳамчун он чизи муқобил ба чизҳои бегонаи ба ҳаётамон дахолаткунанда ифода карда мешавад. Эдмунд Гуссерл мафҳумҳои "вақт-шуур", "вақти ботинии ҷараёни маърифат"-ро, ки бо таассурот алоқамандӣ доранд, истифода кардааст. Мартин Ҳайдеггер дар бораи "ҳузури вақтӣ" ҳамчун дар бораи тарзи ҳастии инсони даргузаранда (зиндагиаш итмомдошта-М.М.) сухан кардааст. Дар ин "ҳузури вақтӣ" қобилиятҳои худи инсон ошкор мешаванд ва барои ӯ олам фаҳмотар мегардад [6, с. 425]. Карл Ясперс "вақти меварӣ"-ро барои ифодаи таносуби гузашта, ҳозира ва ояндаи таърих ҷудо кардааст.

Ҳамин тавр, ғайр аз хусусиятҳои фазо ва вақти биологӣ дар гуногунии зинаҳои фазоӣ ва вақтии ҳастӣ боз фазо ва вақти иҷтимоӣ мансуб аст, ки дар он ҳамчунин низомҳои фазоӣ-вақтии фарҳангӣ- таърихӣ низ тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, месозад, ки дар бораи ин инзомҳо низ каме истода бигзарем, то фаҳми ин зербоб осонтар гардад.

Сохторҳои фазоӣ, ки ҳаёти иҷтимоиро тавсиф мекунанд, на ба фазои табиати ғайризинда ва на ба фазои биологӣ дохил мешаванд. Дар ин ҷо ташаккули таърихии намуди махсуси муносибатҳои фазоӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он инсон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоии тавлидкунанда ва ташаккулёбанда баромад мекунад. Фазои иҷтимоӣ дар баробари ба инобат гирифтани фазои биосферӣ ва кайҳон, боз мафҳуми махсуси инсонро дар бар мегирад. Вай феълан ба зерфазоҳо ҷудо мешавад, ки тавсиф ва алоқамандии таърихии онҳо бо баробари ташаккули иҷтимоӣ тағйир мeёбанд.

Ҳанӯз дар марҳалаҳои ибтидоии таърихи инсоният аҳаммиятнокии муҳити ҳаёт дар фаъолияти инсон, асосан дар фазо шаклгирӣ мекард. Феълан аз муҳити атроф маконе барои истиқомат ҷудо мегардид, ки он ҳудудҳо барои хоҷагидорӣ пешбинӣ карда мешуд. Барои қабилаҳое, ки тарзи ҳаёти шикорчигӣ ва заминдориро пеша карда буданд, ин мавзеъҳо ҳамчун барқароркунии силсилаҳои маҳсулоти зироатӣ ва ҳайвонот дар ин экосистемаҳо истифода мегардид, ки барои ин қабилаҳо хеле муҳим буданд. Бо пайдоиши аввалин ҷамоаҳои заминдорӣ диққати махсус ба заминҳои ҳосилхез равона мегардид. Масалан, барои қабилаҳои Мисри Қадим ҳудуди соҳилҳои дарёи Нил макони асосии заминдорӣ ҳисоб меёфт, ки ин масъала то ҳатто ба тамаддуни онҳо низ нақш бозидааст.

Тавсиф ва хусусияту аломатҳои фазои иҷтимоӣ дар ҷаҳонбинии инсон вобаста ба давраҳои гуногуни таърихӣ, гарчанде на ҳама вақт, инъикоси худро меёбад. Масалан, дар устураҳои қадим чунин тасаввуротҳо дар бораи сифатан ба қисмҳои гуногун ҷудо шудани фазо, маконе, ки ба муқобили тартиби фазои ҳастии инсон гузошта шудааст, дида мешуд, ки гӯё ба инсон қувваҳои бад ва номуайян таҳдид мекарда бошад. Дар ин тасаввуротҳо дар шакли тахайюлӣ тафовути фазои воқеии азхудкардаи инсон бо фазои табиат инъикос мегардид, ки берун аз муҳити амалии инсон қарор дошт.

Ҳамин тавр, дар космологияи мисриёни қадим, аз як тараф ҷойе, ки аз ҷониби худо Хаос бо об пур карда шудааст ва аз ҷониби дигар тартиби фазоии заминро, ки худои Офтоб сохтааст, тафовут доранд. Оғози ин нахустҳастӣ баландии мавҷудае ҳисобида мешуд, ки худои Офтоб онро дар обҳои Хаос бунёд кардааст, то тавонад дар он ҷо макон гирад. Ҳамаи ин тасаввуротҳо ба умқи фаъолияти иҷтимоии тамаддуни мисриёни қадим таъсири худро мегузошт. Қитъаҳои мавҷудае, ки барои зироаткорӣ муфид арзёбӣ мешуд, дар соҳилҳои дарёи Нил воқеъ гардида буданд. Онҳо ҳама вақт бо зиёд гардидани оби дарё зери об мемонданд ва бо баробари кам шудани оби дарё аввал теппаҳои хурд намудор мегардиданд ва зироаткорон дар ин қитъаҳо кишт менамуданд. Ҳамин навъ ҳамасола оби дарё каму зиёд мешуд ва он асоси мавҷудияти ҳаёт дар ин ҷо буд, ки оҳиста-оҳиста маҷбур сохт, то одамон дар бораи асрори олам огоҳ гарданд. Ин, албатта, ба тасаввуроти фазоии ҷаҳонбиниашон таъсири худро мерасонд.

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино. Таълиқот. – Душанбе: “Ирфон”, 1992.
2. Богоутдинов А.М., Очерки по истории таджикской философии / А.М. Богоутдинов. – Душанбе: “Дониш”, 2011.
3. Введение в философию. Учебник для ВУЗ – ов. В 2-х частях. Часть 2. – М.: Политиздат, 1989.
4. Зиёев И.Ғ., Калонзода Ф.И. Масъалаи ҳаракат дар таълимоти фалсафии Ибни Сино. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе-2020. № 10. С. 201-206
5. Комилов Р. С., Назаров М.А., Фалсафаи илм (барои аспирантҳо ва унвонҷӯён) / Р.С. Комилов, М.А. Назаров. – Душанбе: “Ирфон”, 2008.
6. Хайдеггер М. Бытие и время / М. Хайдеггер. - М., 1997.



**ШАКЛҲОИ ФАЗО ВА ВАҚТ**

Дар мақолаи мазкур хосиятҳои асосии модда ва шаклҳои он баррасӣ гардида, назариёти файласуфони давраҳои гуногун оварда шудааст. Муҳиммияти фазо ва вақт барои инсон ҳам дар давраи пайдоиши фалсафа ва ҳам дар фалсафаи муосир яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки тасаввуроти фалсафӣ дар бораи фазо ва вақт дар замони муосир низ комилу хотимавӣ нестанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** модда, фазо, вақт, метагалактика, кайҳон, фазо ва вақти иҷтимоӣ.

**ФОРМЫ ПРОСТРАНСТВА И ВРЕМЕНИ**

В данной статье рассматриваются основные свойства материи и ее форм, а также представлены мнения философов разных периодов. Значение пространства и времени для человека является одним из центральных вопросов как в период зарождения философии, так и в современной философии. Следует отметить, что философские представления о пространстве и времени в новейшее время также не являются полными и окончательными.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** материя, пространство, время, Метагалактика, космос, социальное пространство и время.

**FORMS OF SPACE AND TIME**

This article examines the basic properties of matter and its forms, and also presents the opinions of philosophers from different periods. The meaning of space and time for humans is one of the central issues both during the birth of philosophy and in modern philosophy. It should be noted that philosophical ideas about space and time in modern times are also not complete and final.

**KEYWORDS:** matter, space, time, Metagalaxy, space, social space and time.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Калонзода Ф.И***. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи онтология ва назарияи маърифатии факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Мардонова М.Н.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93332 73 63; 970063535**. E-mail: **kalonzodafaridun@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Калонзода Ф.И***. - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17.

***Мардонова М.Н.*** - Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса философского факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93332 73 63; 970063535**. E-mail: **kalonzodafaridun@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Kalonzoda F.I***. - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.

***Mardonova M.N***.- Tajik National University, 2-nd year master’s student, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93332 73 63; 970063535**. E-mail: **kalonzodafaridun@gmail.com**

# ТАҲАВВУЛИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА РАВАНДИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тураева Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Албатта ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ талаботи давру замон буда, марҳилаи навбатии рушди инкишофи мамлакат маҳз дар шароити инфрасохтори иттилоотии инкишофёфта имконпазир мебошад. Бояд гуфт, ки бори нахуст таҳаввулоти ҷомеаи иттилоотӣ дар давлатҳои Ғарб, ИМА, Канада ва Ҷопон ба амал омада буд. Рушду инкишоф ва пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии худро ин мамлакатҳои номбурда дар заминаи ТИК таъмин ва ҷорӣ мекарданд. Хусусан, дар соҳаи сиёсат – ҳукумати электронӣ, дар соҳаи иқтисодиёт – тиҷорати электронӣ, иҷтимоиёт – хизматрасониҳои электронӣ, инчунин, дар соҳаҳои дигар низ муносибатҳои гуногуни иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуҷуд овардаанд. Бинобар ин, рушди инкишофи ояндаи ҳаёти ҷомеа аз онҳо вобастагии калон дошта, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккулдиҳии инфросохтори иттилоотии мамлакат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат ба таври васеъ мавриди истифода қарор додани ТИК хеле муҳим буд.

Ин ҷо ёдрас шудани таърихи ташаккули ҷомеаи иттилоотиро зарур дониста, назарияи олимонро дар бораи раванди таҳаввулоти ҷомеаи иттилоотии ҷаҳон дида мебароем. Барои ин бояд аз мухтасари ҷомеаи иттилоотӣ огоҳ бошем. Даҳсолаи охири асри XX-ро амалан оғози глобалии иттилоотӣ шуморидан зарур аст. Олим ва сотсиологи амрикоӣ Элвин Тоффлер (1928-2016) дар тадқиқоти худ ин давраро “мавҷи сеюм” дар таърихи тамаддун ном бурда, бо ҳамин ном дар бораи ин давра китоб низ навиштааст. Ин ҷо шояд суоле ба миён ояд, ки ду давраи аввал чист ва чӣ гуна номбарӣ мешаванд. Давраи якум – давраи аграрӣ то асри XVIII идома ёфт. Пас аз он, бо пайдо ва рушд ёфтани соҳаи саноат давраи дуюм – давраи саноатӣ сар шуд. Ҳамин тариқ, дар охири солҳои 50-уми асри XX навбат ба давраи сеюм – давраи баъдисаноатӣ ё худ иттилоотӣ расид. Албатта, дар ин давра иттилоъ ба намуди асосии моли истеҳсолӣ мубаддал гардид. Ба ғайр аз Э. Тоффлер боз дигар олимони барҷаста, аз ҷумла, Д. Белл, Г.М. Маклюэн, М. Кастелс, П. Друкер ва Е. Масуда низ ба омӯзиши феномен, яъне падидаи ҷамъияти иттилоотӣ рӯй оварда, вобаста ба ин соҳа корҳои назаррасеро ба анҷом расонидаанд. Аммо ихтирои ин истилоҳ ба Ю. Ҳаяшӣ – профессори Институти технологии Токио нисбат дода мешавад. Мувофиқи ҳамин падида дар соли 1971 ба Ҳукумати Япония “Нақшаи ташкили ҷамъияти иттилоотӣ – ҳадафи миллӣ то соли 2002” пешниҳод гардида буд. Вазифаҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ таъмин ва ҳифзи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии тамоми қишри ҷомеа ҷиҳати гирифтани ҳамаи маълумот ва иттилои зарурӣ дар ҳама макону замон мебошад.

Гуфта метавонем, ки миқдор ва сифати иттилоъ, баёну коркарди он ҳамчун меъёрҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, он аз ҷониби олимони давраҳои гуногун исбот ва тасдиқ шудааст. Ба ҳар як фард дастрас будани иттилоъ ҳамчун меъёри иловагӣ дониста шуда, он тавассути паст намудани арзиши иттилоъ дар натиҷаи рушди босуръат ва татбиқи саривақтии технологияҳои нави телекоммуникатсионӣ имконпазир мегардад. Новобаста аз ин шаффофияти ақида баъзе олимону муҳаққиқон байни ҷомеаи баъдисаноатӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ сарҳад гузошта, онҳоро ду пайиҳамӣ, вале марҳилаи гуногуни рушди ҷамъиятӣ меҳисобанд. Аммо асосгузорони бевоситаи назарияи ҷомеаи иттилоотӣ ин мафҳумҳоро ба ҳам монанд мешуморанд. Масалан, аз рӯйи андешаи сотсиологи машҳури амрикоӣ Д. Белл чунин аст: “инқилоб дар ташкилу коркарди иттилову дониш, ки дар он компютер нақши асосиро мебозад, дар заминаи ҷамъияте инкишоф меёбад, ки ман онро ҷомеаи баъдисаноатӣ ном бурда метавонам”. [1]

Файласуф ва фарҳангшиноси канадагӣ Г.М. Маклюэн бори нахуст мафҳуми “деҳаи глобалӣ”-ро барои муайян намудани вазъияти нави коммуникатсионӣ ва минбаъд барои

муайян намудани вазъияти фарҳангӣ таҳия карда буд. Маънии ин ақидаи худро Маклюэн ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри XX дар китобҳои худ “Галактикаи Гутенберг” ва “Дарки воситаҳои ахбори омма” чунин баён намудааст, ки дар натиҷаи ба саросари ҷаҳон бо туфайли фавран фиристодани иттилоот тариқи воситаҳои электронии алоқа сайёраи замин ба андозаи деҳа “фишурда гардид”. Дар натиҷаи суръати такмилёфтаи мубодилаи иттилоот ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо кард, ки ба вазъияти ҳар лаҳза тағйирёбандаи ҷаҳон аксуламал нишон дода тавонад. Ин раванди навпайдошуда мардумро тавре ба кору муносибати ҳамдигар ҷалб намуд, ки гӯё ҳар кадоми онҳо сокини як деҳа бошанд. Дар заминаи фарҳангии мавҷуда ингуна шакли коммуникатсия сохтори нави иҷтимоиро ташкил дода тавонист. Ҳанӯз дар миёнаҳои асри XX Маклюэн ҳамчун олими мушоҳидакор натиҷаи таъсири телевизион ва моҳияту табиати рекламаро ба шуури ҷамъият пешгӯӣ карда буд. Гарчанде кам бошад ҳам, аммо имрӯзҳо низ истилоҳи “деҳаи глобалӣ” ҳамчун маҷоз нисбат ба интертену шабакаи ҷаҳонӣ истифода мешавад. Албатта дар интернет фосилаи физикӣ дар байни муошираткунандагон нақши назаррас намебозад ва ҳатто бо пешрафти бемайлони техникаву технология ҳамсуҳбатон метавонанд маҷозан рӯ ба рӯ истода, муошират баргузор намоянд. Инчунин, макону замон аз байн меравананд, фарҳангҳо, ҷаҳонбиниҳо ва анъанаю арзишҳо ба ҳам наздик мешаванд. Аз ин рӯ, имрӯз мо гуфта метавонем, ки ҳамаи ҳикмат ва пешгӯиҳои Маклюэн дар ҳувияту фарҳанги Ғарб устуворона реша давондаанд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи донишҳо ва иттилоот иқтисодшиноси машҳури амрикоӣ П. Друкер дар бораи қатъи капитализми анъанавӣ ва гузариш ба системаи нави иқтисодӣ гуфта буд, ки ин раванд бо тағйири давлати миллӣ таҳти таъсири равандҳои глобализатсияи иқтисод ва ҷамъият ба роҳ монда мешавад.

Дар ҷамъияти иттилоотӣ ташкил ва паҳн намудани иттилоот яке аз намудҳои асосии фаъолияти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ин масъала метавон андешаи таҳлилгарони амрикоиро мисол овард, ки ба фикри онон тахминан то соли 2020 ИМА пурра ба ҷараёни ҷомеаи иттилоотӣ бояд мегузашт. То ин давра нишондодҳои пешгӯишаванда бояд чунин мебуд: ҳамагӣ 17% аҳолӣ дар соҳаи истеҳсоли моддӣ фаъолият мебаранд ва боқимондаи мардум дар соҳаҳои хизматрасонии иттилоотӣ, маориф ва фарҳангу фароғат машғули кор мегарданд. Дар ин давра аллакай шабакаҳои анъанавӣ, аз қабили муоширати инфиродию бевоситаи байниинсонӣ, мукотиба ва ҷамъомад мавқеи дуюмдараҷа мегирад, инчунин ВАО ба воситаи асосии иттилоот ва коммуникатсия мубаддал мегардад. Инчунин, дар натиҷаи таҳаввулоти техникию илмӣ гуногунии шабакаҳои коммуникатсионӣ зиёд мегардад. Мувофиқи пешгӯии олими ҷопонӣ Е. Масуда технологияи компютерӣ ба бунёди ҷомеаи муосиру навин табдил ёфта, соҳаи асосии иқтисод истеҳсолоти зеҳнӣ мегардад ва маҳсулоти он бо ёрии технологияҳои нави телекоммуникатсионӣ ҷамъоварӣ ва паҳн мегардад.

Бо ба инобат гирифтани тамоми муҳиммият ва зарурати ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди бемайлони он заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки ҷоемаи муосир ба марҳилаи нави тамаддун ворид гардид ва дар он маҳсулоти асосӣ донишу иттилоот ба ҳисоб меравад. Акнун дар замони муосир пешбурди фаъолияти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаю муассисаҳоро бе компютер ва дигар таҷҳизотҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур карда намешавад. Ҳамаи ин технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ албатта дар пешрафту рушди ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ яке аз омилҳои муҳимму созгор ба ҳисоб меравад ва ба он таъсири ҷиддиву назарраси худро мерасонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба тарзи ҳаёти одамон, кору таҳсил, ба муносибати тарафайни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле назаррас мебошад ва дар маҷмуъ, иқтидору тавоноии технологияи иттилоотӣ барои тамоми мардум имкониятҳои васеву чашмрасро ба вуҷуд меорад.

Бо дарки тамоми муҳиммияту зарурати пешрафти ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварамон низ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ сар карда, корҳои назаррас ба анҷом расидааст. Аммо бояд қайд кард, ки дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба ин соҳа таваҷҷуҳи зарурӣ ҷудо

намудан ғайриимкон буд. Танҳо пас аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ, яъне шуруъ аз солҳои 2000-ум дар мамлакати мо ба рушду пешрафти соҳаи ТИК диққату эътибори даркорӣ равона гардид. Гарчӣ инкишоф ва пешрафти ин соҳа ду даҳсола пештар оғоз ёфт, аммо имрӯз баръало ба мушоҳида мерасад, ки то чи андоза он тараққӣ кардааст. Зеро пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар кишвар танҳо алоқаи телефонии стансионӣ монду халос ва ҳатто он ҳам дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ қисман корношоям гардида буд. Аз соли 2000-ум сар карда то соли 2010 дар кишвар як қатор қонунҳо қабул шуд ва созишномаву ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар амал татбиқ гардид, ки ҳамаи онҳо танҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи инфрасохтори иттилоотӣ кишвар бахшида шуда буданд.

Агар ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ назар андозем, қариб дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷанбаҳои технологии ҷомеаи иттилоотӣ зери таъсири бахши хусусӣ ташаккул ёфта истодааст. Аммо дар ин раванд ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, фарҳангию иҷтимоии онро низ бояд ба инобат гирифт. Албатта нақш ва мавқеи мамлакат дар низоми муносибатҳои байналмиллалӣ, иқтидори рақобатпазирии кишвар, рушду такмили ниҳоди демократии ҷомеа, рушду пешрафти шахсият, сатҳу сифати таълиму зисти мардум, рушди саноати иттилоотии кишвар, рушди фарҳангу унсурҳои забони давлатӣ ва дар маҷмуъ рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии кишвар аз мавҷудияти консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагии калон дорад. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад, ки акнун таърихи таҳаввулоти онро дар кишвар дида мебароем.

Замони муосир на танҳо вобаста ба оммавитар гардидани соҳаи ТИК заминагузорӣ мекунад, балки барои ҳифзи он, ки моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад, мусоидат менамояд. Асоси меъёрӣ-ҳуқуқии тадбирҳои зарурӣ аз санадҳои ҳуқуқӣ, яъне қонунҳо, фармонҳо ва қарорҳо иборат аст. Маҳз корбарии ҳамин санадҳо дар бозори иттилоотии ҷаҳонӣ дар байни ҷомеаи иттилоотӣ муносибати мутамаддинро ба роҳ мондааст, ки он пайваста ҳифз мегардад. Дар ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор қонуну қарор ва санадҳоро қабул кардааст, аз қабили “Дар бораи иттилоотонӣ” санаи 10-уми майи соли 2001, “Дар бораи иттилоот” дар соли 2002, санаи 2-юми декабри соли 2002 “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, “Дар бораи алоқаи барқӣ” дар соли 2002, “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ” дар соли 2002, санаи 1-уми августи соли 2003 “Дар бораи реклама, “Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати он” дар соли 2023 метавонанд мисоли гуфтаҳои боло бошанд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 “Дар бораи меъёрҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ”, дар соли 2003-юм бошад “Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, боз ҳам дар ҳамин сол Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар соли 2023 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ба имзо расид, ки албатта имрӯзҳо мо натиҷаи назарраси онро хубу возеҳ дар самти пешрафти ҷомеаи иттилоотӣ дида метавонем. Дар баробари ин гуна санадҳо боз як қатор қарорҳо қабул, тасдиқ ва ҷорӣ гардид, ки раванди ташаккулёбии ТИК-и кишварро ба марҳилаи сифатан нав гузаронида, дар кишвар дар самти ташаккулёбиву таҳаввулоти ҷомеаи иттилоотӣ замина гузошт, аз қабили Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001-ум “Дар бораи таъсиси шабакаи ҷумҳуриявии интиқоли маълумот ва меъёрҳои ба тартиб даровардани дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ”, дар соли 2002-юм “Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар соли 2004-ум “Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010”, давоми ҳамин сол “Стандарти миллии дар компютерҳо гузоштани рамзҳои алифбои забони тоҷикӣ”, боз ҳам ҳамин сол “Барномаи давлатии ҷоринамоӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҶТ”, дар соли 2005-ум “Қоидаҳо оид ба шарту шароити ҳифзи иттилоот дар воситаҳои техникии коркарди иттилоот”, боз ҳамин сол “Дар бораи тасдиқи Барномаи истифода ва рушди технологияҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ”, давоми ҳамин сол “Дар бораи дастгирии

давлатии инкишоф, истифода ва ҳифзи манбаъҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикисттон”, дар соли 2011 “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ” ва ғ.

Зарурати истифодаи фаъолонаи ТИК дар низоми идоракунии давлатӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ соли 2012 дар Паёми солонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон хеле хуб дарҷ гардида, дар бораи ҷиҳатҳои манфиатоварии он возеҳ қайд гардидааст. “Истифодаи ТИК дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташкил намудани ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳимми замони муосир мебошад. Кишварҳое, ки дар татбиқи ТИК ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама ба масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфросохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд” [2].

Олимони ватанӣ дар масъалаи омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи ТИК дар раванди идоракунии давлатӣ ва рушди ҳукумати электронӣ, масъалаи ҷудогонаи соҳаи иттилоотии ҷомеа, аз қабили амнияти иттилоотӣ, ҷангу таҳдидҳои иттилоотӣ, кибертерроризм ва монанди инҳо аҳаммияти хосса зоҳир намуда, корҳои илмиву таҳлилии худро пешниҳод кардаанд. Дар самти омӯзиши хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор олимону ҷомеашиносон ва таҳлилгарони сиёсиву журналистон, аз ҷумла мутахассисони соҳаи ТИК саҳми хеле калон гузошта истодаанд. Дар миёни онҳо корҳои илмию таҳқиқотии Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, З.Ф. Раҳмонзода, И.М. Саидзода, М.Ҷ. Ёров, Р.Ҷ. Давлатов, А.Ф. Гадоев, С.С. Мавлонназаров, А.Н. Муҳаммад, Ҳ.Қ. Сафарализода ва дигарон низ аҳаммияти хоссаро ба худ касб кардаанд.

Пас аз ҷамъоварию таҳлили якчанд корҳои илмию тадқиқотӣ ба мо маълум гардид, ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рушди ТИК дар кишвар яке аз масъалаҳои калидии як қатор таҳқиқотҳои илмии олимону мутахассисон ба шумор меравад. Аммо ҳанӯз ҳам ин масъала ҷиддиву хосса ва ба таври кофӣ дар алоҳидагӣ дар кишварамон таҳқиқ нашудааст. Чунин вазъият муҳимияту зарурати омӯзиши мавзуи мазкурро боз ҳам бештар ҷолибу шавқангез мегардонад.

Дар замони муосир, ки соҳаи ТИК дар ҳаёти ҳар фарди ҷомеа нақши ҳаётан муҳим мебозад, имконияти гирифтани маълумоти босифат ҳамчун муҳимтарин арзиши ҳаёти шаҳрвандон, омили ҳалкунанда дар адолати иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд рушди системаи маориф бояд ба принсипҳои фаъолияти лоиҳавӣ, ки дар лоиҳаи афзалиятноки миллӣ татбиқ карда мешаванд, ба мисли кушода будани раванду маводи таълим ба эҳтиёҷоти беруна, истифодаи лоиҳавӣ, муайянкунии рақобат ва дастгирии пешсафоне, ки усули навро дар амал бомуваффақият татбиқ менамоянд ва воситаҳои дастгирии манбаъҳоро дастгирӣ менамоянд, асос меёбад.

Ҳамин тариқ, компютер дар замони кунунӣ қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти муосир ба ҳисоб рафта, маҷмуи маълумоте, ки аз ҷониби донишҷӯён бояд аз худ карда шавад, ба барномаи таълимӣ ворид шудааст. Новобаста аз он ки ТИК дар раванди таълим нақши калидӣ дорад, аммо ҳанӯз ҳам сифати таълим аз ташкили дурусти корҳои тарбиявӣ, касбият ва салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Агар омӯзгор василаи дурусти омӯзишу муносибати корбариро ба роҳ монад, пас компютер чунин вазифаҳоро иҷро мекунад: кумаки визуалӣ, манбаи маълумоти омӯзишӣ, фазои инфиродӣ, симулятор, муҳаррири матн, плоттер, муҳаррири графикӣ, мошини ҳисобкунии калонҳаҷм, натиҷаҳо бо шаклҳои гуногун, воситаи моделсозӣ, воситаи ташхис ва назорат. Инчунин, компютер ҳамчун объекти таълим вазифаи худро дорад, ки аз инҳо иборат аст: барномасозӣ, таълими компютер, таҳияи маҳсулоти барномавӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни иттилоотӣ.

Ин ҷо назар меандозем ба нақшаи мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохиси омодагии кишварҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ:

| солҳо | 2005 | 2008 | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| мақом | 117 | 132 | 122 | 122 | 129 | 139 | 131 |

Мувофиқи ин нишондоди ҷадвал сатҳи иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле поён мебошад. Барои соҳиб шудани мақоми аз миёна боло моро зарур аст, ки нишондодҳои захираҳои инсониро баланд намуда, маҳз барои расидан ба ҳукумати пурраи электронӣ кӯшиш ба харҷ диҳем. Инчунин, ҳузури иттилоотии ҳукуматро дар шабакаҳои ҷаҳонии Интернет бештар кардан зарур меояд, ки ин ҳам яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

Омилҳои зерин нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба ҳукумати электронӣ омодагии ҷиддӣ дорад ва пайваста талош мекунад:

1. Дар сатҳи зарурӣ ташккул додани базаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ;
2. Стандартизатсияи гузоштани алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерҳо ва таҷҳизотҳои техникии электронӣ;
3. Гузариш ба инфрософтори телекоммуникатсионии рақамӣ;
4. Дар аксари мақомоти давлатӣ ташкил намудани шабакаи ягонаи локалӣ;
5. Имконияти анҷом додани пардохтҳои электронӣ ва интиқоли пулҳои электронӣ дар системаи бонкӣ ва ғ.

Пурра ба ҳукумати электронӣ гузаштан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ба тамоми шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст шавад. Аммо барои ба ин ҳадаф расидан боз корҳои зиёдро ба анҷом расонидан зарур аст, аз ин сабаб низ рушди ба ин формат гузаштани ҳукумати кишвар хеле суст ба назар мерасад. Муҳаққиқони ватанӣ Ниёзов А.С. ва Шамсов И.С. иброз доштанд, ки монеаи асосӣ дар ин самт характери меъёрию ташкилӣ дошта, ҳанӯз ҳам мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ба таври зарурӣ талаботи мардумро қонеъ намесозад ва қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба таври густурда ба роҳ монда нашудааст.

Исботи ин гуфтаҳоро мо дар Паёми Президенти кишвар дар соли 2012 дида метавонем, ки чунин иброз дошта буданд: “Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар Ҳукумати мамлакат ба наздикӣ “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ”-ро қабул намуд. Ин имкон медиҳад, ки номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва босифат расонида шуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад” [3].

Дар ҳақиқат, санаи 30-юми декабри соли 2011 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ” қабул гашта буд. Мувофиқи ин Консепсия ҳадаф ва афзалияти инкишофи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи дарозмуддат, стратегияи амалиёт ҳангоми иҷро кардани дурнамоҳо ва барномаҳо муайян мегардад.

Амалӣ шудани ин гуна мақсадҳо, инчунин рушди инфрософтори иттилоотии кишвар ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизмати давлатӣ самаранок истифода шудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз самаранокии фаъолияти соҳаи маориф вобаста мебошад. Чунки саводнокии компютерӣ ва истифода карда тавонистани ТИК, яъне рӯз аз рӯз афзун шудани шумораи мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ яке аз заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Вале, дар маҷмуъ гуфта метавонем, ки раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварамон ба марҳилаи нави рушд гузашта истодааст. Зеро тайи солҳои охир дар кишварамон раванди сохтани сомонаҳои расмии ҳукуматию ҷамъиятӣ фаъол гардида, мутахассисони ватанӣ барои қонеъ намудани талаботи имрӯзаи мардум кӯшишҳои пайваста ба харҷ дода истодаанд. Сохта ба истифода додани системаҳои иттилоотиву соҳавӣ ва ташкил намудани порталҳои иттилоотӣ марҳилаи навбатии ташаккулёбии

ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад ва ба ин марҳилаи нав аллакай Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомил шудааст.

Яке аз қувваҳои пешбаранда ва ривоҷдиҳандаи ҷомеаи иттилоотӣ ин қишри ҷавони ҷомеа ба ҳисоб меравад. Зеро бештар аз ҷониби ҷавонон ба ин соҳа таваҷҷуҳ зоҳир гашта, навгониҳои зиёд рӯйи кор омадааст. Инчунин, маҳз ҷавонон барои аз худ кардани соҳаи ТИК ва барномарезию барномасозӣ майл доранд. Хушбахтона, ин гуна хислатҳои созанда дар ҷавонони мо низ дида мешавад.

Дар ин маврид мавқеи ҷавонон омили ҳалкунанда ва ояндасози ҷомеаи иттилоотӣ буда, аҳаммияти зарурӣ додан ба тарафҳои мусбату манфии таъсири ҷаҳонишавии иттилоот ба ҳаёт ва шуури онҳо вазифаи аввалиндараҷаи оила ва тамоми зинаҳои маорифу фарҳанг ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тарбияи ҷавонон, таъмини муҳити созанда барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо яке аз масъалаи мубрами сиёсати Ҳукумат ва ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор рафта, барои ба ин ҳадаф расидан зиёда аз 30 сол аст, ки дар кишварамон кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешавад.

Дар яке аз Паёмҳо Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ омадааст: "Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем".

Дар монографияи Лунева Е.В. ва Фомичев К.А. "Молодежь в информационном обществе." (Курган 2014) чунин қайд шудааст: "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир дар соҳаи мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ чуқур ворид шуда, ба тафаккуру ахлоқи ҷавонон низ таъсири худро мерасонад. Истифодаи бомақсад ва самараноки онҳо барои беҳдошти вазъи ҷомеаи иттилоотӣ ва аз омилҳои манфиву таҳдидҳо нигоҳ доштани ҷавонон шароит тавлид мекунад" [4].

Ҳамаи мо хуб медонем, ки сатҳу сифат ва суръати рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо сифат ва миқдори иттилооти истифодашаванда, озодӣ ва дастрасии он алоқаи ногусастанӣ дорад. Ҷавонон нисбати навоварии ҷомеаи иттилоотӣ бештар ҳассос буда, дар раванди тавлиду мубодилаи маълумот ва хизматрасонии иттилоотиву электронӣ саҳми фаъолона доранд.

Вобаста ба ин масъала номзади илмҳои физика-математика, дотсенти кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ С. Зарифов чунин ибрози андеша намудааст: "масъалаҳои зист ва фаъолияти ҷавонон дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун мушкилоти таъмини иттилоотии соҳаи кор бо ҷавонон дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб кардани шаҳрвандони ҷавон махсусан мубрам гардидаанд. Маҳз шаҳрванди ҷавон самти ҳалкунандаи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки тамоюлоти маълумотнокӣ, фарҳанг ва арзишҳои ахлоқии ӯ на танҳо симои ин ҷомеаро муайян мекунад, балки дар муҳити таззодҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ масъалаи мавҷудияти минбаъдаи башариятро ҳал мекунад. Ин талаботи заминавӣ дар раванди рушди ояндаи маълумот, илму дониш ва фарҳанг дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳалкунанда мебошад".

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2012)
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2012)
3. Лунева Е.В.. Фомичев К.А. "Молодежь в информационном обществе". (Курган 2014)


**ТАҲАВВУЛИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА РАВАНДИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзуи таҳаввули ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Маълум аст, ки сатҳу сифат ва суръати рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо сифат ва миқдори иттилооти истифодашаванда, озодӣ ва дастрасии он алоқаи ногусастанӣ дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ташаккулёбии ҷомеа, суръати рушд, таҳаввулот, ҷавонон.

## РАЗВИТИЕ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА И ПРОЦЕСС ЕГО РЕАЛИЗАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор рассматривает развитие информационного общества и процесс его реализации в Республике Таджикистан. Известно, что уровень, качество и скорость развития информационного общества неразрывно связаны с качеством и количеством используемой информации, ее свободой и доступностью.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** формирование общества, скорость развития, эволюция, молодежь.

## DEVELOPMENT OF THE INFORMATION SOCIETY AND THE PROCESS OF ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author examines the development of the information society and the process of its implementation in the Republic of Tajikistan. It is known that the level, quality and speed of development of the information society are inextricably linked with the quality and quantity of information used, its freedom and accessibility.

**KEYWORDS:** formation of society, speed of development, evolution, youth.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тураева Шаҳло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **926082053, 987238785.**

**Сведения об авторе:** ***Тураева Шахло*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **926082053, 987238785.**

**Information about the author:** ***Turaeva Shahlo*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **926082053, 987238785.**

# ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ИФРОТГАРОӢ ДАР ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

***Абдуллоева Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

"Дар ин робита, ман борҳо таъкид намудаам ва ҳоло бори дигар иброз менамоям, ки террористу ифротгаро ватану миллат ва дин мазҳаб надорад. Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ё "бегона" ва ё "таҳаммулгарову" "тундгаро" буда наметавонад. Хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд".

Эмомалӣ Раҳмон

Дар нимаи асри XX ва ибтидои асри XXI дар қатори масоили глобалӣ мушкилоти наве бо номи терроризм (даҳшатафканӣ) ва экстремизм (ифоротгароӣ) ба миён омад. Дар як қатор давлатҳои дунё фаъолияти ин гуна гурӯҳҳои барои ҷомеа хавфнок авҷ гирифта, дар дигар кишварҳо ва минтақаҳо бо тадриҷ пахн гардида истодааст ва аз паст будани сатҳи дониши динӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон истифода намуда, мақсадҳои ғаразноки худро дар амал татбиқ намуда истодаанд. Мутаассифона, Тоҷикистон низ аз таъсири ингуна ҳаракатҳо, махсусан ифротгароии динӣ дар канор намондааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ин масъала чунин иброз доштаанд: "Солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд".

Дар шароити кунунии ҷомеаи муосир аз натиҷаи таҳлилҳое, ки коршиносони ин соҳа дар бораи ин падидаи номатлуби ҷомеа намуданд, маълум мегардад, ки аксари мардум оид ба маъно ва моҳияти "ифротгароӣ" ягон тасаввурот ва маълумоте надоранд. Ба ин хотир дар пеши худ мақсад гузоштем, ки сараввал бояд ба шарҳи худи мафҳум таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Зери ин истилоҳ таҳаммулнопазирӣ, эътироф накардани ҳақиқат ва қонуниятҳои иҷтимоӣ ва таассубгароӣ фаҳмида мешавад. Албатта, ифротгароӣ падидаи навзуҳур аст, ба қавли ҷомеашиносон он дар кишварҳое реша мегирад, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронанд. Дар адабиётҳои ҷомеашиносӣ таърифи умуми эътирофшудаи ифротгароӣ вуҷуд надорад. Чунон ки дар тадқиқотҳои илмӣ зикр гардидааст, дар зери ниқоби ифротгароӣ аксаран зуҳуроти мухталиф: аз шаклҳои гуногуни муборизаҳои синфӣ ва озодихоҳона, ки истифодаи зӯроварии сиёсиро роҳандозӣ мекунанд, то ҷинояткориҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятпеша содиршаванда бо ҳам омезиш меёбанд. Дар бораи ифротгароии динӣ "таърифи ягонаи илмӣ" надошта бошем, аммо бисёр зарууртар он аст, ки мо дар бораи моҳият ва хусусиятҳои асосии он шинохти дақиқи амалӣ ва воқеъбинона дошта бошем. Яъне, мо бояд дақиқан бидонем, ки бо чӣ падидае рӯ ба рӯ ҳастем ва бо чӣ падидае мубориза мебарем. Аз нигоҳи луғавӣ, «ифрот» калимаи арабӣ буда, решаи «фарт», яъне «авҷ» ё «ниҳоят» сохта шудааст. Истеъмоли умумӣ, «ифрот» ба маънои ҳадду андоза гузаштан, эътидол берун шудан ва зиёдаравӣ кардан мебошад. Ифротгаро касест, ки тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амал дар ягон масъала аз меъёри қабулшуда ва аз ҳадди эътидол

мегузарад. Масалан, баъзе инсонҳо дар пурхӯрӣ аз ҳад мегузаронанд, яъне ифрот мекунанд, баъзеи дигар дар харҷи беҳудаи пул зиёдаравӣ ва ифрот мекунанд. Дар мавриди ҳамаи ин ҳолатҳо калимаи «ифротӣ»-ро дар маънои луғавии он истифода намудан мумкин аст. Аввалин маротиба истилоҳи “экстремизм” (ифротгароӣ)-ро ҳамчун мафҳумаи васеи илмӣ ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М. Лерой дар ибтидои асри XX мавриди истифода қарор додааст. Ӯ муайян менамояд, ки фарқияти асосии ин раванди сиёсӣ аз дигар ҷараёну равияҳо дар он аст, ки ифротгароён аз пайравони худ ба ғояҳои тарғибкунандаи сиёсӣ эътиқод доштанро талаб мекунанд. Барои мисол неруҳои сиёсии ифротгаро, ки он вақт дар саҳнаи сиёсӣ амал мекарданд, М. Лерой «экстремизми сурх»-и болшевикон ва «экстремизми сафед»-и монархистон» номида буд. Дар ҷаҳони муосир ифротгароӣ бо тағйир додани симои зоҳирияш, дар саросари ҷаҳон паҳн гардида, аз асосҳои аввалияи таърихии худ – даврони инқилоби Фаронса, ки он вақт амали ифротгароӣ ё террор аз нуқтаи назари ҷонибдорони режими ҳокимияти барканоршуда ҳамчун аслиҳаи ҳокимияти нав барои пахши таҳдиду зӯроварӣ маънидод мешуд, дур шудааст. Мафҳуми «терроризм» ва истифодаи амалии он низ аз сарҳадоти Фаронса (охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX) берун шуда, таъйиноти худро ғолибан ба воситаи мубориза алайҳи режимҳои ҳукмрон бадал намуд. Дар адабиёти илмӣ зиёда аз сад таърифи мафҳуми «ифротгароӣ» вуҷуд дорад, вале ҳеҷ яке аз онҳо таърифу тавзеҳи комилу пурраи ин истилоҳро натавонистааст баён созад. Аз ҳама бештар мафҳуми «ифротгароӣ» дар ин маънӣ: инкори меъёрҳои мавҷудаи сиёсӣ, арзишҳо, қоидаҳои ба талаботи ташкили низомҳои сиёсӣ асосоёфта, кӯшиши халадор кардани эътидоли сиёсӣ ва сарнагун кардани ҳокимияти амалкунанда таҷассум ёфтааст. Дар луғати Ожегов С. И. ва Шведов Н. Ю. ифротгароӣ чунин тавсиф карда шудааст: «…ифротгароӣ ҷонибдорӣ ба нуқтаи назар ва меъёрҳои ифротӣ (одатан дар сиёсат), яъне эътиқодмандӣ, тарафдор будан ва пайравӣ кардан ба касе ва чизе мебошад». Воҳиди луғавии «*extreme*» маънои «ихтилофот, фавқулодагӣ ва зиддиятҳои ниҳонӣ»-ро ифода мекунад. Аз ин рӯ, ибораю ифодаҳои нави минбаъдаи луғавӣ пайдо шуда, сарбории маънавии вожаи «ифротгароӣ»-ро дар асри XX пурра ташаккул доданд. Дар забони муосири олмонӣ мафҳуми «ифротгароӣ» ба маънии «мавқеи комилан қатъӣ» ва «тундравӣ» фаҳмида мешавад. «Ифротгаро» шахси руҳан тундравро мегӯянд, ки вобаста ба эътиқод ва мавқеъи сиёсиаш дар бораи ифротгароии чап ё рост будани ӯ хулоса баровардан мумкин аст. Мафҳумҳои «чап» ва «рост» маҳз ҳамчун мансубият ба ин ё он равияи сиёсӣ ё динии амалкунанда маънидод карда мешавад. Дар забони англисӣ мафҳуми «ифротгароӣ» ҳамчунин «тарғиби чорабиниҳои ифротии сиёсӣ»-ро ифода мекунад. Дар луғатномаи бузурги забони олмонӣ «Duden» ифротгароӣ ҳамчун мавқеъ ё самти ифротии муборизаи шиддатноки сиёсӣ тавсиф шудааст. Мувофиқи таърифи АПША (Ассамблеяи парлумонии Шурои Аврупо) дар соли 2003, «ифротгароӣ чунин шакли фаъолияти сиёсиест, ки ошкоро ё пинҳонӣ принсипҳои демократии парлумониро инкор намуда, ба ғояҳо ва таҷрибаҳои оштинопазирӣ, бегонашавӣ, ҷудоиандозӣ, воҳимаангезӣ, зиддисомӣ ва миллатчигии ашадӣ асос ёфтааст. Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм (ҷудоихоҳӣ) ва ифротгароӣ аз 15 июни соли 2001 (п. 3, қ. 1, м. 1) мафҳуми «ифротгароӣ»-ро чунин шарҳ додааст: «Ифротгароӣ як навъи фаъолиятест, ки зӯран ғасб ва бо зӯрӣ идора кардани ҳокимият, инчунин зӯран тағйир додани сохти конститутсионии давлатро дар назар дорад. Аз ин рӯ, барои зӯран дахолат намудан ба бехатарии ҷамъиятӣ ва ташкили ғайриқонунии ошӯбҳои мусаллаҳона ё иштирок дар онҳо, фаъолияти номбурда тибқи қонунгузориҳои миллии тарафайн ҳамчун фаъолияти ҷиноятӣ таъқиб карда мешавад». Ба Конвенсияи мазкур Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имзо гузоштаанд. Бо дарназардошти тафсири ҳуқуқии Конвенсияи Шанхай, «ифротгароӣ амалиётест, ки ошкоро ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ба барангехтани хусумату душманӣ ё кинаву адоват, ҳамчунин паст задани қадру манзалати инсон, ё гурӯҳи шахсиятҳо аз рӯйи аломатҳои ҷинс, нажод, миллат, забон, ирқ, муносибат бо дин, инчунин мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ равона шудааст». Ба таърифи воқеии ифротгароӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ дар тадқиқоти илмии олими рус В.И. Красиков дучор омадан мумкин аст, ки дар он аз ҷумла зикр шудааст:

«Ифротгарой ин як навъ сабки рафтор ва тафаккури хосси даркшавандаест, ки маҳз тафаккур, шакли махсуси зуҳуроташ намуна ва муайянкунандаи хусусиятҳои худи он мебошанд. Ифротгарой ин ифодагари сабки густохонаи ҳаёти бархе аз гурӯҳи одамонест, ки «фарҳанг»-и хосси худ ва «ҷаҳони хосси худ»-ро ташкил кардаанд. Арзишҳоеро, ки онҳо тарғибу тарвиҷ мекунанд, бо арзишҳои ҷомеа дар мухолифат қарор доранд. В.И. Красиков собит месозад, ки аломатҳои асосии ифротгарой, ки онро ҳамчун зуҳурот аз ҳама гуна зуҳуроти дигари тундгарой (низоъҷӯӣ, низоъандозӣ, тундмиҷозӣ) фарқ мегузорад, ин муқовимати тезу тунд, истодагарии ошкоро ва муқобилияти оштинопазирии он ба шумор меравад. Чунин таърифи ифротгарой (ҳарчанд комил набошад ҳам), дар худ таҳлили фалсафии ифротгарой ва моҳияти онро гунҷоиш додааст. В.Н. Томалинсев ифротгароиро ҳамчун дараҷаи ифротии беэътиноӣ, садди роҳ шудан ба меъёрҳо ва талаботи аз ҷониби умум эътирофгардида баён кардааст: «Ифротгарой фаъолияти ба худ хосси риоя накардани андозаҳо буда, ба ақли солим муносибати беэҳтиромона доштани онро нишон медиҳад. Ифротгарой зуҳуроти манфур ва манфии тахрибкоронаи фаъоли шахсият нисбат ба меъёрҳо, қоидаҳо ва қонунҳои аз ҷониби умум эътирофгардида ба шумор меравад». Дар ин таърифи ифротгарой бештар ба вайронкунии меъёрҳо, муносибати беҳурматона ба ақли солим ва муносибатҳои солими ахлоқии дар ҷомеа мавҷуд таваҷҷуҳи асосӣ дода шудааст.

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки имрӯзҳо дар иддае аз кишварҳои ҷаҳон ифротгароии динӣ на танҳо оромишу суббот, балки тамомияти арзи ва мавҷудияти онҳоро зери суол қарор додаст. Аз ин ҷиҳат ин падидаи номатлуби ҷомеа мавриди омӯзиши донишмандони тоҷик низ қарор гирифтааст. Махсусан, сиёсатшиноси маъруфи тоҷик Зокиров Г.Н. чунин қайд менамояд, ки ифротгарои алайҳи сохтор ва ниҳодҳои ташаккулёфтаи дунявӣ бо ҳадафҳои халалдор намудани муътадилӣ ва заиф гардонидани он, ба хотири расидан ба мақсадҳои худ, чун қоида, бо усулҳои зӯрӣ сарнагун кардани сохти мавҷуда баромад мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ифротгароии динӣ як навъи зуроварии фардӣ ё гурӯҳии муташаккилест, ки аз бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва ё ин ки аз шароити муътадил истифода бурда, амалҳои нопоки худро амалӣ мегардонанд. Муҳаққиқи тоҷик Олимов М, чунин андеша дорад, ки ифротгаро, аксуламали одамонест, ки дар мубориза алайҳи пешомадҳои номусоиди ҳаёташон қарори оҷилу нодуруст ва қатъӣ мебароранд.

Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «ифротгароӣ» аз решаи “ифрот” буда, маънои майл доштан ба ифрот ё гароиш доштан ба зиёдравию оштинопазириро дорад. Феъли тоҷикии “гароидан” ба маънои майл кардан, пайравӣ кардан, гаравиш доштан ва тамоюл намудан буда, “гаро” шакли калимасозӣ он аст. Аммо ифротгароӣ ба маънои майл доштан ба зиёдаравӣ ё пайравӣ кардан аз ифрот ва оштинопазирӣ мебошад. Дар забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла дар англисӣ ва русӣ, мафҳуми ифротгароиро бо истилоҳи машҳури экстремизм ифода мекунанд. Экстремизм низ дақиқан ба маънои тамоюл ба ифрот, зиёдаравӣ ва аз ҳад гузаштан мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо ифротгароӣ» чунин таъриф оварда шудааст: «ифротгароӣ – ин зуҳуроти аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ифода кардани шакли ифротии амалиёт ба шумор меравад, ки ба тахрибкорӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳо, барангехтани низову адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват менамояд. Қонуни номбурда аз 20 модда иборат буда, тавзеҳоти муосирро оид ба муқовимат ва пешгирии ифротгароӣ дар бар мегирад. Дар ин Қонун ба зуҳуроти ифротгароӣ баҳои воқеӣ ва таърифи возеҳ дода шудааст.

Маънои истилоҳии ифротгароӣ нисбат ба маънои луғавии он дақиқтар буда, он навъе тафаккур ё фаъолияти ҷамъиятиеро ифода мекунад, ки шахси пайрави он фақат ба боварҳои худаш арзишу бартарӣ қоил буда, нисбат ба меъёрҳои мавҷудаи муҳит ва ҷомеа муносибати сахтгирона, бадбинона ва оштинопазир, яъне ифротӣ дорад. Имрӯз, аз ҷумла дар ин мавод, калимаи ифротгароӣ ё экстремизм маҳз ба ҳамин маънои истилоҳии он истифода мешавад. «Ифротгароии динӣ» яке аз маъмултарин шаклҳои экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан ба таълимоти динӣ сахтгирии беш аз ҳад намуда, дар ин кор аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Шахси ифротгарои динӣ маъмулан аз

таълимоти асилу муътадили динӣ дур монда, динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида, ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда, аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо менамояд. Ифротгароии динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Пас, радикализми динӣ марҳили ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи ифротгароии динӣ аст; он ифротгароиест, ки аллакай аз сатҳи тафаккур баромада, ба сатҳи таблиғот, ба сатҳи талаботи қатъӣ аз дигарон ва ба сатҳи амалҳои тунд мегузарад. Дар ин марҳила шахси ифротгарои динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба мубориза амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ин ҳолат аллакай шакли радикалишудаи ифротгароии динӣ мебошад.

Аз сабабе, ки тарзи фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нестанд, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба ҷомеа таҳмил намояд. Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ аз марҳилаи радикализми динӣ ба марҳилаи сеюми худ, яъне ба марҳилаи терроризм мегузарад. Маънои луғавии террор таҳдид, тарсонидан ва даҳшатафканӣ буда, истилоҳи терроризм бо мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ ё иқтисодӣ анҷом додани амали террор ё даҳшатафканиро ифода мекунад. Дар ин марҳила ифротгароён ба таҳдид, зӯроварӣ ва қатлу куштор рӯ оварда, амалан ба ҳаракати террористӣ табдил мешаванд.

Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ, тундравии динӣ, даҳшатафкании динӣ, марҳилаҳои пайдарҳами инкишоф ва ташаккули гурӯҳҳои ифротгароии динии муосир мебошанд. Имрӯз дар забони муошират, аз ҷумла, дар забони илм ва воситаҳои ахбори умум, ифротгароиро экстремизм, тундравиро “радикализм” ва даҳшатафканиро “терроризм” мегӯянд. Ин истилоҳҳо низ ҳамин маъноҳоро ифода карда, фақат шакли лотинии пазируфташудаи ин мафҳумҳо мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳамин шакл истифода намудани ин истилоҳҳо низ дуруст аст, зеро ҳоло муҳимтар он аст, ки ин мафҳумҳо ва ин падидаҳо ба мардум фаҳмо буда, моҳият ва хатари онҳо барои мардум рӯшан бошад. Экстремизми динӣ радикализми динӣ ва терроризми динӣ давоми мантиқии ҳамдигар буда, ҳалқаҳои пайвастаи як занҷиранд, ки дар маҷмуъ, тафаккур, амалия ва моҳияти гурӯҳҳои ифротгарои диниро ташкил мекунанд.

Аҳаммияти мубориза бо экстремизму радикализм аз аҳаммияти мубориза бо худи терроризм камтар нест, зеро экстремизму радикализм заминаи асосӣ ва марҳилаҳои ибтидоии терроризм буда, дар ниҳоят ба терроризм бурда мерасонанд. Терроризм марҳилаи олӣ ва охирини ифротгароӣ ё шакли амалишудаи экстремизму радикализм мебошад. Ин аст, ки ҳангоми муносибат бо ин падидаҳо бояд дар назар дошт, ки онҳо бо ҳам пайванди амиқ дошта, бавуҷудоварандаи ҳамдигар мебошанд. Аз ифротгароии динӣ то терроризм ҳамагӣ як қадам буда, мубориза бо ифротгароии динӣ дар амал ҷузъи бисёр муҳимми кори мубориза бо терроризм ва роҳи пешгирии ба марҳилаи радикализму терроризм расидани он мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, ки омӯзиши ифротгароӣ мавзуи мутлақо фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор намеравад, аз ин рӯ, ҳар яке аз самтҳои илмии онро ҳар гуна маънидод мекунанд. Дар донишномаҳои мавҷуда ифротгароӣ ҳамчун бурдани фаъолият тибқи ғоя, таълимот ва амалҳои тахрибкор маънидод гардидааст. Ҳамин тафсир дар донишномаи сиёсӣ низ оварда шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://www.prezident.tj/node/13739 санаи муроҷиат(09.01.2023)
2. Олимов М. В водное слово модератора // Религиозный экстремизм в Центрльной Азии. Душанбе, 2002.-С. 91-92.
3. Закон РТ о борьбе с экстремизмом. г. Душанбе, 8 декабря 2003 года № 69
4. Шанхайская организация борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом. http://www.mid.ru/sanhajskaa-organizacia-sotrudnicestva-sos (4.02.2023).

5. Красиков В.И. Экстремизм: паттерны и формы. М., 2009.-С.54.

**ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ МАСЪАЛАИ ИФРОТГАРОӢ ДАР ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи таҳқиқи назариявии масъалаи ифротгароӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки омӯзиши ифротгароӣ мавзуи мутлақо фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор намеравад, аз ин рӯ, ҳар яке аз самтҳои илмии онро ҳар гуна маънидод мекунанд. Дар донишномаҳои мавҷуда ифротгароӣ ҳамчун бурдани фаъолият тибқи ғоя, таълимот ва амалҳои тахрибкор маънидод гардидааст. Ҳамин тафсир дар донишномаи сиёсӣ низ оварда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: фалсафаи иҷтимоӣ, ифротгароӣ, ҷомеашиносӣ, мафҳум.

**ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМЫ ЭКСТРЕМИЗМА В СОЦИАЛЬНЫХ НАУКАХ**

В данной статье обсуждается тема теоретического исследования проблемы экстремизма в социальных науках. Автор отметил, что изучение экстремизма не считается абсолютной темой социальной философии, поэтому каждое ее научное направление трактуется по-разному. В существующих учебниках экстремизм определяется как осуществление деятельности, основанной на подрывных идеях, доктринах и действиях. Такое же толкование дается и в политологии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социальная философия, экстремизм, социология, концепция.

**THEORETICAL STUDY OF THE PROBLEM OF EXTREMISM IN SOCIAL SCIENCES**

This article discusses the topic of theoretical research into the problem of extremism in the social sciences. The author noted that the study of extremism is not considered an absolute topic of social philosophy, therefore each of its scientific directions is interpreted differently. Existing textbooks define extremism as the implementation of activities based on subversive ideas, doctrines and actions. The same interpretation is given in political science.

**KEYWORDS:** social philosophy, extremism, sociology, concept.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Хайринисо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919137836.**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоева Хайринисо*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919137836.**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Khayriniso*** – Tajik National University, master's student of Faculty of Philosophy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919137836.**

# МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ МАРКЕТИНГИ СИЁСӢ

***Раҳмонова М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир, мафҳуми маркетинги сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ беш аз пеш мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Вале, таснифоти мафҳуми мазкур дар доираи илмҳои сиёсӣ ҳоло ҳам ба охир нарасидааст. Ба андозаи бештар, баҳс дар таносуби байни маркетинг ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳамчун категорияи марказии илмҳои сиёсӣ қарор мегирад. Таҳлилу тадқиқи мафҳум аз омӯзиши моҳияту хусусиятҳои идораи равандҳои сиёсӣ оғоз мегардад. Бинобар ин, рӯ овардан ба фаҳми этимологии мафҳуми «маркетинг» ҳукми зарурӣ пайдо намудааст. Одатан маркетинг - ин тарзи идораи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот дар ширкатҳои сармоядорӣ, усули нави муборизаи монополистӣ барои гирифтани фоидаи калон дар бозор фаҳмида мешавад. Барои мо фаҳми сиёсии мафҳуми «маркетинги сиёсӣ» зарур аст. Маркетинг (англ. Marketing - бозор, фурӯш) дар сиёсат маънои низоми таъсиррасониҳоро ба шууру рафтори одамон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дорад.

Корҳои илмие, ки ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии маркетинг бахшида шудаанд, бештар ба муҳаққиқони Ғарб мутааллиқанд, ки дар солҳои 60-уми асри XX ба анҷом расонида шудаанд. Дар байни муаллифони пешоҳанги назарияи маркетинг Ф. Котлерро номбар кардан мумкин аст. Ӯ қайд менамояд, ки “ҳадафи маркетинги сиёсӣ қонеъ гардонидани талаботи шунавандаю бинандагони неруҳои сиёсӣ, мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд [5].

Дар солҳои 60-70-уми асри XX консепсияи маркетинги сиёсӣ дар асарҳои ҷомеашиноси фаронсавӣ Пер Бурде, ки рақобати сиёсиро дар амалияи ҷамъиятӣ баррасӣ менамояд, боз ҳам кушода мегардонад. Дар фазои сиёсӣ категорияи мазкур дар доираи масъалаҳои методологӣ баррасӣ гашта, ба худ ҳамчун тобиши сиёсӣ мегирад [1]. Агар мо ин падидаро дар доираи консепсияҳои назариявии илмҳои сиёсӣ таҳлил намоем, он гоҳ шабоҳати ҷиддӣ бо фаҳми сиёсӣ, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи маркетингии субъектҳои сиёсат ташаккул меёбад, ба назар мерасад.

Дар солҳои 70-ум асри XX ақидае бартарӣ пайдо менамояд, ки технологияи маркетингиро метавон дар идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор дод. Маркетинг ҳамчун роҳи таъсиррасонӣ ба рафтори омма дар муҳити рақобати мустақим бо донишҳои менеҷментӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин, муҳаққиқ Г.Маузер маркетинги сиёсиро яке аз усулҳои алоҳидаи илмҳои идоракунӣ дониста, онро ҳамчун «технологияи таъсиррасонӣ ба рафтори одамон» меҳисобад [15, с. 5].

Дар баробари ин, мафҳуми маркетинги сиёсиро дар асарҳои Г. Дилигенский, В. Лапкин, Е. Морозова, Д. Нежданов, В. Пастухов ва дигарон дидан мумкин аст [2; 6; 8, 9; 10]. Дар илмҳои сиёсии муосир таваҷҷуҳ ба назарияи маркетинги сиёсӣ аз ҳарвақта дида бештар ба назаррас мерасад. Агар қаблан унсурҳои маркетингӣ дар доираи PR-и сиёсӣ баррасӣ мешуданд, пас равиши муосир муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи самти амалияи маркетинг муайян месозад.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, маркетинги сиёсӣ ҳамчун назарияи асосии идоракунии тарҳи рафтори овоздиҳӣ дар интихобот амалӣ карда мешавад, ки ба пешгӯйии рафтори интихобкунандагон нигаронида шудааст. Истифодаи техника ва усулҳои маркетингӣ бештар дар соҳаи донишҳои сиёсӣ ба назар мерасад.

Дар айни замон оид ба масъалаи мазкур корҳои зиёде ба нашр расидааст, ки аз ҷониби сиёсатшиносон, маркетингшиносон ва мутахассисони соҳаи алоқа ба анҷом расонида шудааст. Бо вуҷуди ин, дарки асосҳои назариявии маркетинги сиёсӣ ҳанӯз дар марҳилаи рушд қарор дорад. Равшан аст, ки истифодаи мафҳуми маркетинги сиёсӣ ҳамчун заминаи

назариявӣ барои дарёфти масъалаҳои таркиботӣ ва таҳқиқоти байнисоҳавӣ бидуни муайян кардани он ки ин мафҳум маҳз чиро дар бар мегирад, норавшан аст. Ҳамин тавр, мафҳуми "Маркетинги сиёсӣ" аксар вақт ҳангоми таҳлили фаъолияти сиёсӣ ҳамчун мафҳумҳои рӯзноманигорӣ, истилоҳи имиҷгардонӣ, ки ба ҳадде шинос аст, истифода мешавад, ки дигар ба таъриф ё муҳокимаи консептуалӣ ниёз надорад. Ҳарчанд ба ҳисоби миёна дар тули солҳои охир теъдоди интишорот дар ин мавзуъ ҳудуди зиёдеро ташкил медиҳад (бо назардошти сарчашмаҳои истисноӣ [13, с. 35]), бояд қайд кард, ки аксари нашрияҳои муосир оид ба маркетинги сиёсӣ ба чунин соҳа, ба монанди назарияи идоракунии маркетинги сиёсӣ нигаронида шудаанд.

Гузашта аз ин, дар нашрияҳо андозагирии дақиқ муайян карда мешавад, ки аксари тадқиқотчиёни сиёсӣ танҳо ба тавсифи фаъолияти маркетингие, ки барандагон анҷом медиҳанд, мутамарказ гаштаанд. Аз тарафи дигар, тадқиқотчиёни маркетинги сиёсӣ ба пешрафти назарияи идораи меъёрӣ рӯ овардаанд. Ҳамзамон, истифодаи бевоситаи стратегия ва тактикаи маркетингӣ дар соҳаи сиёсӣ гувоҳӣ аз он медиҳад.

Хусусиятҳои маркетинги сиёсӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва ИМА чунон рушд намудаанд, ки мебояд аз он истифода намуд. Худи маркетинги сиёсӣ дар Ғарб ба як фанни таълимӣ ва илмӣ табдил ёфтааст. Он аз назарияи идоракунии маъракаи сиёсӣ маншаъ мегирад. Дар аввали солҳои 90-ум самти нави байнисоҳавӣ имкон доданд, ки дар амалияи интихобот заминаи назариявӣ фароҳам оварда шавад.

Инкишофи минбаъдаи донишҳои амалӣ ва назариявии маркетинги сиёсӣ низ сабаби объективӣ будани онро нишон медиҳад. Он «бо паст гаштани нақши ҳизбҳо ва мураккаб гаштани механизмҳои ҳамкории байни номзадҳо бо аҳолӣ» алоқаманд аст [7, с. 27]. Дар ИМА дар чоряки охири асри XX ҳизбҳои сиёсӣ дар ташкил ва гузаронидани маъракаҳои сиёсӣ маблағҳои заруриро пайдо карда натавонистанд, ки ба рушди технологияҳои нави сафарбаркунии аудиторияи интихобот мусоидат намояд. Қобили зикр аст, ки айни ҳол чунин раванд дар Аврупои Ғарбӣ ҷараён дорад, ки дар он ҷо, сарфи назар аз тамоми нуфузашон, ҳизбҳо бо гум шудани эътимоди мардум рӯ ба рӯ мегарданд.

Дар баробари рушди воситаҳо ва имкониятҳои нави коммуникатсионӣ ва технологияҳое, ки ба сафарбаркунии аҳолӣ нигаронида шудаанд, пайваста такмил дода шуда, тадриҷан бо усулҳои амалияи маркетинги сиёсӣ пайваста мешаванд.

Ташаккули муносибатҳои маркетингӣ дар доираи табодули овозҳо барои ваъдаҳои интихоботии сиёсатмадорон пешниҳод гардид ва танҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳлил карда шуд, ки ба он дастовардҳои стратегияи маркетинг дар соҳаи бозор мусоидат намояд. Гарчанде ки дар байни маркетинги иқтисодӣ ва сиёсӣ фарқиятҳо дида шавад ҳам, ошкор намудани возеҳияти онҳо мураккаб аст. Онро бевоситаи ба робитаи байни сиёсат ва иктисодиёт хамчун шакли муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳлил намудан мумкин аст. Вале то ҳол фарқияти байни маркетинги сиёсӣ ва тиҷоратӣ ва муносибатҳои маркетингии анъанавӣ ва сиёсӣ низ муайян нашудаанд.

Мафҳуми маркетинги сиёсӣ дар доираи илҳои ҷомеашиносӣ дар ҳолати баҳс қарор доранд. Принсипҳои асосии он ташаккули фаъолияти субъектони сиёсат мувофиқи афзалиятҳои аудиторияи интихоботӣ аз тарзи анъанавии интихобот, ки танҳо вазифаҳои таҳлилӣ ва пешгӯиро дар байни онҳо ба таври куллӣ амалӣ менамояд, фарқ мекунад.

Махсус таъкид бояд кард, ки дар худи мафҳуми маркетинги сиёсӣ таҳлили тафовути равишҳо дар мамлакатҳои анъанаҳои гуногун (масалан, байни аврупоиҳо ва америкоиён) гузаронида нашудааст ва баъзе хусусиятҳои истифодаи усулҳои маркетинг дар фазои умумии сиёсии давлатҳои Аврупо масалан, Британияи Кабир ва Олмон ба назар мерасад [14, с. 163].

Сабаби мавҷуд набудани тарҳи ягонаи ҳамаро қонеъкунанда, ки тавонад бидуни мутобиқшавӣ дар ҳама гуна маъракаи сиёсӣ истифода гардад ин системаҳои интихоботӣ мебошад. Маълум аст, ки технологияҳое, ки дар маъракаҳои сиёсии ИМА бомуваффақият истифода бурда мешаванд, бидуни тағйироти назаррас дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ татбиқ карда намешаванд. Ҳамин тариқ, дар ИМА аз системаи интихоботии мажоритарӣ истифода бурда мешавад. Дар ин замина таҷрибаи истифодаи маркетинги сиёсӣ аз усулҳое,

ки дар тарҳи мажоритарии Фаронса, ки овоздиҳиро дар ду давр таҷриба мекунад, мантиқӣ хоҳад буд.

Гузашта аз ин, хусусиятҳои рафтори сиёсӣ низ дар ҳар як кишвар гуногун аст. Масалан, дар пайгирии таҳлили шароити ин ду кишвар, метавон ишора кард, ки фарҳанги сиёсии Амрико (дар шароити тақсимот ба ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ) тавсиф мешавад. Зиёда аз ин, чунин муносибатҳо на ба интихоби шаффофи ҳизбҳои сиёсӣ, балки ба «хизмат ба штати худ — фаъолияти гуногуни колегияи намояндагон ба манфиати ташкилотҳои штат» асос меёбад [12, с. 62]. Бар хилофи Штатҳои ИМА, амалияи сиёсии Франсия ин вобастагиро равшан тасдиқ намекунад. Аз ин рӯ, ин далелро ҳангоми ташаккули маъракаҳои сиёсии маркетингӣ ва аз ин ҳам бештар дар умумӣ гардондани таҷрибаи фаъолият дар як мамлакат ва дар мамлакати дигар истифода бурдани он бояд ба назар гирифта шавад.

Дар системаҳои интихоботӣ фарқиятҳои куллӣ вуҷуд доранд, ки аксар вақт эҷоди стратегияи ягонаи маркетингиро ғайриимкон мегардонанд. Аз ҷумла, шароити системаи мажоритарӣ, ки мувофиқи қонуни машҳури Морис Дюверҷер, «ба таъсиси ду системаи ҳизбӣ бо ивазшавии интихобкунандагони мустақил ва устувори ҳизбҳои сиёсӣ» [3, с. 215], шартҳои амалияи маркетинги сиёсиро дар кишварҳое, ки системаи интихоботии мутаносибро истифода мебаранд ба таъсиси ҳизбҳои гуногун, мусоидат менамояд.

Усулҳое, ки дар системаи интихоботии Британияи Кабир кор бурда мешавад, метавонанд дар кишварҳои Скандинавия чандон муассир набошанд. Тарзи пешбарии номзадҳо дар ИМА аз кишварҳои аврупоӣ фарқ менамояд. Аз ҷумла, дар ИМА, ба истилоҳ праймеризм ҳатмӣ аст - интихоботи ибтидоии дохилиҳизбӣ барои пешбарии номзади ягона, дар ҳоле ки дар анъанаҳои Аврупои Ғарбӣ рӯйхатҳои ҳизбӣ дар сатҳи роҳбарияти ҳизбӣ бидуни чунин тартиби муқарраршудаи қонунӣ ташкил карда мешаванд.

Илова бар ин, дар амалияи маблағгузории маъракаҳо фарқиятҳои назаррас дида мешавад. Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ҳам бо ин масъала роҳбарияти ҳизбӣ машғул шуда, маблағҳои дахлдорро сарф менамоянд, ки шартҳои ташкилӣ ва тартиби онҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ равшан муқаррар карда шудаанд. Дар ИМА системае вуҷуд дорад, ки номзади ҳизб мустақилона барои маъракаи маркетинги сиёсии худ маблағ меҷӯяд.

Дар Русия маркетинги сиёсӣ дар ибтидо ҳамчун маҷмуи тадбирҳо ва қарорҳои фоидаовар қабул карда мешуд, ки ба пирӯзии маъракаи интихобот нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, муддати тулонӣ асоси ин консепсия ҳамчун як навъ «системаи оптимизатсияи хусусиятҳои назарраси номзад ва таъсири иттилоотӣ ба аудиторияи мақсаднок» дида мешуд ки ҳадафи он ба даст овардани шумораи ҳадди аксар овозҳо дар интихобот буд [4, с. 17].

Дар идораи сиёсӣ дар байни субъект ва объекти идора муносибатҳо дар сатҳи гуногун қарор доранд. Аксар вақт, муносибатҳои байни субъект ва объекти идора, ҳамчун муносибати байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи мол фаҳмида мешавад. Масалан, дар доираи маъракаҳои сиёсӣ ба сифати иштирокчии асосӣ интихобкунандагон баромад менамоянд, ки онҳо аз як тараф ҳамчун истеъмолкунанда ба ҳисоб меравнд, ки дар бозори иқтисодӣ дар интихоби ин ё он номзад овоз медиҳанд. Аз тарафи дигар, номзад низ ба сифати иштирокчии асосӣ баромад менамояд, ки ба хотири гирифтани овози интихобкунандагон худро намоиш медиҳад. Чунин тарзи муносибат ба фаъолияти рақобатноки истеҳсолкунандагон шабоҳат дорад, ки ҳар яке аз он дар бозор моли худро ба харидорон муаррифӣ менамояд.

Ба ақидаи Е.Г. Морозов бозори сиёсӣ - ин «тартиби истеҳсолу тақсимоти мол ва тарзи хизматрасониҳои сиёсӣ (ғоя, барнома, тарзи идора, имиҷи сарвар) мебошад, ки то ҳадди имкон мувофиқати манфиатҳои рақобатноки байни «фурӯшанда» (ҳизби сиёсӣ, сиёсатмадорон ва бюрократ) ва «харидор» (интихобкунандагон ва шаҳрвардон)-ро таъмин менамояд. Бозори сиёсӣ - ин фазоест, ки дар он додугирифти овози интихобкунандагон дар ивази ваъдаҳои пеш аз интихоботии номзадҳо, тарафдории расмии шаҳрвандон ба барномаҳои сиёсатмадорон ва қарорҳои идоракунӣ сурат мегирад, ки акторони бозори сиёсӣ танҳо ба хотири амалишавии мақсадҳои хеш талош меварзанд» [8, с. 5].

Дар заминаи таърифи зерин, фаъолияти субъектони сиёсатро ҳамчун фаъолияте донистан мумкин аст, ки дар бозори сиёсӣ барои ташкил ва муаррифии сифати молу хизматрасонии сиёсӣ равона мегардад. Дар заминаи ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки омӯзиши методологияи талаботи истеъмолкунандагонро дар маркетинги савдоӣ коркард ва бешбарии мол ташкил медиҳад, ки дар амалияи ҷамъиятӣ метавон онро истифода намуд. Вобаста ба ин фаҳми «маркетинги сиёсӣ» аз худ дарак медиҳад. Д. Линдон маркетинги сиёсиро ҳамчун «маҷмуи назария ва методҳое меҳисобад, ки барои муайян намудани мақсаду барномаҳо ва барои таъсири саривақтӣ расонидан ба рафтори одамон, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҳокимияти расмӣ мавриди истифода қарор мегирад». Дар баробари ин, Г.Н. Зокиров маркетинги сиёсиро ҳамчун «машғули пешниҳоди самараноки бозори моли сиёсӣ медонад. Ба сифати моли сиёсӣ ҳокимияти сиёсӣ, ғояҳои сиёсӣ, шиорҳо, иродаю эътиқод, худи сиёсат ва ғайраҳо амал менамоянд. Яъне, ҳар он чӣ ки предмети табодули сиёсӣ байни одамон қарор гирифта метавонад, ба сифати моли сиёсӣ шинохта мешавад» [11, с. 166-167].

## АДАБИЁТ


1. Бурдье П. Социология политики / П. Бурдье. - М.: Socio-Logos, 1993. 336 с.
2. Дилигенский Г. Г. О политическом рынке и рациональном выборе в российских условиях //Полис. 2000. № 2. С. 105–107.
3. Дюверже М. Политические партии / М. Дюверже. - М.: Академический Проект, 2000. 538 с.
4. Ильясов Ф. Н. Политический маркетинг, или Как «продать» вождя // Полис. 1997. № 5.С. 99–106.
5. Котлер Ф. Основы маркетинга. М.: Ростинтэр, 1996. 704 с.
6. Лапкин В. В. Закономерности смены российских политических сезонов // Полис. 2004.№ 1. С. 42–46.
7. Марченко Г. И. Политические консультанты в зеркале американской социологии // Со- цис. 2005. № 5. С. 18–26.
8. Морозова Е. Г. Политический рынок и политический маркетинг: концепции, модели, технологии. М.: Росспэн, 1999. 247 с.
9. Нежданов Д. В. Политический маркетинг: вчера, сегодня, завтра. СПб.: Питер, 2004.160 с.
10. Пастухов В. Б. Власть и общество на поле выборов, или Игры с нулевой суммой // Полис. 1999. № 5. С. 6–17.
11. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди II. Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. С.166-167.
12. Технология и организация выборных кампаний: зарубежный и отечественный опыт. М.: РАУ, 1993. 160 с.
13. Henneberg S. N. O'Shaughnessy Theory and Concept Development in Political Marketing // Journal of Political Marketing. 2007. Vol. 6, Issue 3. p. 57–71ю
14. Markus K. Udo Zolleis Politisches Markting: eine Einfuhrung in das Politisches Marktingmit aktuellen Bezugen aus Wissenschaft und Praxis. Baden-Baden: Deutchen lnstitut fur Public Affairs, 2004. 278 p.
15. Mauser G. Political Marketing: An Approach to Campaign Strategy. New York: Praeger, 1983. 304 p.


## МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ МАРКЕТИНГИ СИЁСӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи назарияи маркетинги сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар шароити муосир, мафҳуми маркетинги сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ беш аз пеш мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Вале, таснифоти мафҳуми мазкур дар доираи илмҳои сиёсӣ ҳоло ҳам ба охир нарасидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** маркетинги ссиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, системаҳои интихоботӣ.


## ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ТЕОРИИ ПОЛИТИЧЕСКОГО МАРКЕТИНГА


В данной статье рассматривается тема основных этапов становления и развития теории политического маркетинга. Автор отметил, что в современных условиях понятие политического маркетинга получило широкое распространение в сфере политологии. Однако классификация этого понятия в рамках политической науки еще не завершена.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** политический маркетинг, политические партии, избирательные системы.


## MAIN STAGES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE THEORY OF POLITICAL MARKETING


This article examines the main stages of the formation and development of the theory of political marketing. The author noted that in modern conditions the concept of political marketing has become widespread in the field of political science. However, the classification of this concept within the framework of political science has not yet been completed.



**KEYWORDS:** political marketing, political party, electoral system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонова Маҳваш*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **002223326.**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонова Махваш*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **002223326.**

**Information about the author:** ***Rahmonova Mahvash*** – Tajik National University, master's student of Faculty of Philosophy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **002223326.**

# ДОНИШИ АПРИОРӢ ДАР НАЗАРИЯИ МАЪРИФАТИ И. КАНТ

***Калонзода Ф.И., Тоҷева С.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назарияи маърифати Иммануил Кант донишҳои априорӣ, асосан, дар асараш "Танқиди хиради соф" баён карда мешаванд. Дар низоми фалсафаи Кант донишҳои априорӣ пеш аз ҳама шарти зарурӣ, умумӣ ва ба низом даровардашудаи донишҳои таҷрибавӣ қаламдод карда мешавад. Бо дониши априорӣ Кант мафҳумҳои универсалӣ ва зарурӣро, ки аз таҷриба новобаста аст, тавассути дониши пастериорӣ, ҳама донишҳои таҷрибавӣ, ки тасодуфӣ ва фардӣ мебошанд, мефаҳмид;

Масалан, «7 + 5 = 12» мисоли универсалӣ (қоида аст ва истисно надорад) ва зарурӣ (бояд дуруст бошад): мебинем, ки 7 + 5 ба ҷуз 12 чизи дигаре буда наметавонад. Донистани он, ки барф сафед аст, як навъ салоҳият ё фаҳмиш нест, ки мо дарк мекунем, ки барф дар ранг ҳатман танҳо сафед бошад, мо наметавонем ба мавҷудияти истисноҳо дар ин қоида итминон ҳосил кунем. Дониши априорӣ танҳо дар робита бо таҷриба падид меояд, зеро он таҷрибаро ташаккул медиҳад. Кант муносибати байни дониши таҷрибавӣ ва фаъолияти шуурро чунин шарҳ додааст:

"Аммо гарчанде тамоми донишҳои мо аз таҷриба оғоз мешаванд, он чунин маъно надорад, ки дониши мо комилан аз таҷриба бармеояд. Мумкин аст, ки ҳатто дониши таҷрибавии мо аз он чизе иборат бошад, ки мо тавассути таассурот дарк мекунем, яъне фаъолияти маърифатии мо (танҳо бо таассуроти эҳсосӣ бармеангезад) аз худ дарак медиҳад [1, с. 368].

Шаклҳои дониши априорӣ аз дониши таҷрибавӣ мустақил буда, танҳо дар робита ба мазмуни он аз таҷриба ба даст меояд. Субъекти маърифат, ки шинохти ибтидоӣ дорад, пешакӣ шаклҳои априории маърифатро соҳиб мешавад, ки ба дониши ӯ хусусияти зарурӣ ва умумибашарӣ мебахшад. Кант байни шаклҳои дониши априорӣ эҳсос (шаклҳои трансценденталии эҳсосот, шаклҳои априориѢ тафаккур) ва шаклҳои априории ақл (шаклҳои трансценденталии ақл), ки ба гуногунии бесарусомонии таҷрибаи эҳсосӣ пайвастагӣ ва тартиб медиҳанд, фарқ мегузорад.

Шаклҳои дониши априории эҳсосот дар назарияи трансценденталӣ омӯхта мешаванд. Шаклҳои априории эҳсос ҳадсӣ мебошанд, ки бо ёрии онҳо даркҳои гуногун, пароканда ва на ҳамеша фарқкунанда, аҳаммияти умумибашарии объективӣ пайдо мекунанд. Ду шакли дониши априорӣ вуҷуд доранд - фазоӣ ва вақтӣ. Маҳз онҳо имкони математикаро ҳамчун илм муайян менамоянд.

Кант дар диалектикаи трансценденталӣ масъалаҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки шаклҳои априории ақли холисро ҳамчун қобилияти махсуси маърифатӣ дар метафизика баррасӣ менамоянд. Дар мафҳумҳои априории ақли холис ақидаҳои трансценденталӣ вуҷуд доранд, ки фарқи онҳо аз категорияҳои ақл дар он аст, ки онҳо ба ягон объект мувофиқат намекунанд ва аз доираи таҷриба берун рафта, кӯшиш мекунанд, ки тамоми донишҳои ақлиро бо ягонагии метафизикӣ пурра намоянд.

Дар фалсафаи И. Кант фаҳмиши трансценденталиро шаклҳои дониши априорӣ меноманд, ки имкони ҳар гуна таҷрибаро муайян намуда, донишҳои таҷрибавиро ташаккул медиҳанд. Шаклҳои трансценденталии эҳсос фазо ва вақт, шаклҳои трансценденталии ақл бошад, категорияҳои модда ва сабабият мебошанд. Трансценденталӣ (априорӣ) аз як тараф, ба дониши таҷрибавӣ, (апостериорӣ), ки онро инкишоф медиҳад ва аз тарафи дигар, ба дониши трансценденталӣ, ки берун аз ҳудуди таҷриба қарор дорад, "чизи дар худ"-ро муқобил мегузорад [2].

Барои Кант ягонагии трансценденталии апперсепсия объект мебошад. Яъне, объект ягонагии трансценденталӣ (пайванди ду қисми мазмун тавассути маҳдуди имманентӣ ва трансценденталӣ) - аперсепсияи таҷрибавии муҳтавои дарки чизи муайян дар худӣ ва

аперсепсияи холис аз мазмуни тасаввуршавандаи худи ҳамон чизест. Он чизе, ки дар ин робита имманент аст, таҷриба (мазмуни апперсепсияи эмпирикӣ) ва он чи трансседент аст, тафаккур (мазмуни апперсепсияи холис) мебошад.

Дониши трансседенталӣ, ба ақидаи Кант, дониши шартҳои априории таҷрибаи имконпазир мебошад. Ин маҳз вазифаи фалсафаи трансседенталӣ аст.

Идеяе, ки моро ба худ қалб менамояд, охирин идеяе, ки Кант дар «Танқиди хиради соф» баён кардааст, умумитарин буда, онро «идеал» меноманд. Яъне, мафҳуме, ки як чиз — Худо бояд ба он мувофиқат кунад. Намунаи сохтани консепсияи ҳама чизе, ки метавонад мавзуи фикр ё эҳсос бошад, танҳо як идеали трансседенталӣ вуҷуд дошта метавонад. Агар ин тавр бошад, мегӯяд Кант, пас ҳамаи чизҳо аслан як хел фикр карда мешавад ва азбаски танҳо чизи муайянро метавон фикр кард, тафаккури ашё дар маҷмуъ ба ҳамаи маҳмулҳои имконпазири онҳо асос меёбад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми идеал идеяи «шарти априори»-и ашёро дар маҷмуъ ғояи тамоми доираи имконпазирро, ки дар дохили худ ҳама маҳмулҳои имконпазирро дар бар мегирад, ошкор мекунад. Азбаски ин асос барои ҳама чиз якхела аст, онҳо метавонанд танҳо бо он фарқ кунанд, ки аз ҳамаи маҳмулҳои имконпазир онҳо баъзеро доранд ва баъзеи дигарро надоранд; Масалан, Сафиямоҳ қобилияти роҳ рафтан дорад, аммо кӯҳ нест. Пас, кӯҳ Сафиямоҳ нест ва Сафиямоҳ кӯҳ нест. Ҳамин тариқ, маҷмуи маҳмулҳо ба як қатор зиддиятҳо монананд: «А» ва «на А» [3, с. 245].

Дар маҷмуъ, априориро метавон ҳамчун мустақилияти дониш ё ғояҳо аз таҷриба муайян кард. Дар ин маврид мустақилиятро аз таҷриба чунин фаҳмидан мумкин аст: 1) мустақилият аз рӯйи аҳаммият; 2) аз рӯйи пайдоиш. Таҷрибаро бошад чунин маънидод кардан мумкин аст: а) маҷмуи таҷрибаҳо; б) таҷрибаи фард бар хилофи таҷрибаи башарӣ; в) таҷрибаи фардӣ дар давраи муайян; г) таҷрибаи фард бо фарқияти он аз таҷрибаи пештара.

Вобаста ба ин тафовутҳо шаклҳои гуногуни маънои априорӣ имконпазир аст: а) мустақилияти робитаи субъект ва предикат дар априори синтетикӣ (Кант) ва ҳукми априории аналитикӣ (Кант, А. Майнонг, М. Шлик), дониши модарзод (Афлотун, Р. Декарт, Г. Лейбнитс); б) ақидаҳои фард дар бораи фазо ва вақт, низоми назариявӣ дар аҳаммияти априорӣ барои фард (Г. Спенсер, К. Лоренз, Г. Волмер) бар хилофи аҳамияти пастериорӣ барои башарият; 1в) афзалияти таърихӣ (М. Фуко, К. Хюбнер): парадигмаи давраи муайян, маҷмуи аксиомаҳое, ки соҳа ва принсипҳои тадқиқот ва тағйирёбии давраро муайян мекунанд, эпистемаҳо; 1г) истифодаи ҳамарӯза: пешгӯӣ дар асоси таҷрибаи қаблӣ бо истифода аз тамсил ва ғ.; 2а) дониши модарзод (ба маънои мувaққатии пеш аз таҷриба) (Платон, Декарт, Лейбнитс); дар ибтидо ғояҳои соф априорӣ ба даст овардаанд: фазо, вақт ва категорияҳо (Кант); 2б) ақидаҳои фард дар бораи фазо ва вақт, низоми назариявие, ки пайдоиши он аз таҷрибаи фард (аз нуқтаи назари намояндагони назарияи таҳаввулотии дониш) вобаста нест, бар хилофи пайдоиши пастериории он барои инсон; 2в) парадигмаи замоне, ки аз рӯйи пайдоишаш аз худи ҳамин давра мустақил аст; 2г) донише, ки аз таҷрибаи қаблии шахс нисбат ба таҷрибаи ҷорӣ бармеояд (донишҳои пеш аз таҷриба). Априори татбиқи онро дар таҷриба пешбинӣ мекунад ва барои таҷриба вуҷуд дорад; худи таҷриба танҳо дар асоси априорӣ имконпазир аст, танҳо дар ягонагии априорӣ ва таҷрибавӣ ба маънои танг дониш имконпазир аст.

Таҷриба дар ин маъно як постериорӣ, эмпирикист. Апостериорӣ ҳар дафъа ба таври дуюмдараҷа муайян карда мешавад, зеро он чизе, ки априорӣ нест ва мутаносибан дар баробари тағйирёбии априорӣ маънои худро дигар мекунад. Асри 19 таъин кардани таълимоте, ки ғояи априориро дар дониш, амал, эҳсос қабул мекунанд, мафҳуми априоризм ба вуҷуд омадааст; дар бораи гносеологӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва дигар навъҳои априоризм сухан рондан мумкин аст.

Дар аввал навъҳои гуногуни он (психологӣ, физиологӣ, антропологӣ, мантиқӣ ва трансседенталӣ-мантиқӣ) тафсирҳои гуногуни фалсафаи Кантро муайян мекарданд. Априоризм дар фалсафаи илми муосир нақши муҳимтаринро мебозад. Тезиси марказии

априоризм он аст, ки ҳама гуна дониши воқеият танҳо дар сурати мавҷуд будани шароити априорӣ имконпазир аст.

Якчанд намуди априоризм вуҷуд дорад: абсолютистӣ (Кантӣ); методологӣ (Г. Динглер, П. Лорензен, П. Янич, Ф. Камбартель, Ҷ. Миттелштрас ва ғайра), ки мувофиқи он сохторҳои дониши илмӣ ба воситаи шартҳои априорӣ муайян карда мешаванд, ки дар онҳо ченкунӣ умуман анҷом дода мешавад; формалӣ (М. Шлик, Р. Карнап ва дигар намояндагони позитивизми мантиқӣ), мавҷудияти априори синтетикиро инкор намуда, дар ҳукми таҳлилӣ танҳо робитаи ҳақиқии расмиро априори ҳисоб мекунанд; таърихӣ (М. Фуко, К. Хюбнер), ки иштироки априориро дар ҳаракати таърихии афкор ва аҳаммияти априориро танҳо дар шароити муайяни таърихӣ тасдиқ мекунад; дарки онто- ва филогенетикии априорӣ (Г. Спенсер), ки мувофиқи он шаклу сохторҳои априори барои фард (аз ҷиҳати онтогенетикӣ) ва пастериори барои насли инсон аҳаммиятнок (филогенетикӣ) тафсир карда мешаванд [1].

Априоризм дар фанҳои алоҳидаи илмӣ ба таври гуногун зоҳир мешавад; дар илмҳое, ки ба камолоти назариявӣ расидаанд, равшантар ифода ёфтааст. Хусусиятҳои хоси априоризми муосир афзоиши доираи татбиқи он, функсияҳои бештар (дар муқоиса бо Кант), таърихсозӣ ва релятивизатсия мебошанд [3, с. 284].

Умуман, дониши априорӣ дар таълимоти Кант дар асоси фаҳмиши таҷрибавӣ ва ҳиссӣ маънидод карда мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Кант И. Собрание сочинений в 8-ми томах. Том 3 / И. Кант. - М.: Чоро. 1994.
2. Кант. И. Критика чистого разума. Сочинения в шести томах. Том 3 / И. Кант. - М. – 1964.
3. Таърихи фалсафа. Китоби дарсӣ. – Душанбе: “Собириён”, 2011.

## ДОНИШИ АПРИОРӢ ДАР НАЗАРИЯИ МАЪРИФАТИ И. КАНТ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои дониши априорӣ дар доираи таҳлили шаклҳои дониш дар таълимоти И. Кант баён гардидааст. Кант муътақид буд, ки дониши априорӣ тавассути дониши ҳиссӣ ба амал омада, дар доираи фазо ва вақт сурат мегирад. Ҳамзамон, априорӣ дар назарияи транссенденталии мутафаккир низ мақоми хос дорад. Масъалаи мазкур, асосан, дар асари “Танқиди хиради соф” баён гардидааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** априорӣ, апостериорӣ, дониш, назарияи маърифат, Иммануэл Кант, назарияи транссенденталӣ, дониши эмпирикӣ.

## АПРИОРНЫЕ ЗНАНИЯ В ТЕОРИИ ПОЗНАНИЯ И. КАНТА

В данной статье анализируется свойства априорного знания в рамках виды знании в учении И. Канта. Кант считал, что априорное познание происходит посредством чувственного познания и происходит в пространстве и времени. В то же время априори имеет особый статус и в трансцендентальной теории мыслителя. Этот вопрос главным образом освещен в работе «Критика чистой разума».

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** априорное, апостериорное, знание, теория познания, Иммануэл Кант, трансцендентальная теория, эмпирическое познание.

## APRIORI KNOWLEDGE IN I. KANT’S OF EPISTEMOLOGY

This article analyzes the properties of a priori knowledge within the framework of knowledge in the teachings of I. Kant. Kant believed that a priori knowledge occurs through sensory knowledge and occurs in space and time. At the same time, a priori has a special status in the transcendental theory of the thinker. This question is mainly covered in the work "Critique of Pure Reason".

**KEYWORDS:** a priori, posteriori, knowledge, epistemology, Immanuel Kant, transcendental theory, empirical knowledge.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Калонзода Ф.И***. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи онтология ва назарияи маърифатии факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Тоҷева С.Н.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93 – 332 – 73 – 63; 918 – 19 – 03 – 32**.

**Сведения об авторах:** ***Калонзода Ф.И***. - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17.

***Тоджева С.Н.*** - Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса философского факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93 – 332 – 73 – 63; 918 – 19 – 03 – 32.**

**Information about the authors:** ***Kalonzoda F.I***. - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
***Tojeva S.N.*** - Tajik National University, 2-nd year master's student, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93 – 332 – 73 – 63; 918 – 19 – 03 – 32.**

# ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

## СИМОИ ҶАРИРА ҲАМЧУН ЗАНИ МЕҲРУБОНУ ПАҲЛАВОН ДАР “ШОҲНОМА” - И ФИРДАВСӢ

*Ёқубов С.*
**Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ, АМИТ**

Модар барои фарзанд ягона шахси аз ҳама азизу муътабар ба ҳисоб меравад. Вай хазинаи асрори фарзанд буда, ҳама вақт аз дарди дили фарзанд огоҳ аст ва барои рафъи душвориҳои дар роҳи фарзандаш пайдогашта тадбирандешию чораҷӯӣ мекунад. Дар достони «Фуруд» яке аз симоҳои барҷастае, ки худро ба дами марг мегузорад ва ба душвориҳои сахт дучор мешавад, симои Ҷарира аст. Чи тавре ки проф. Худоӣ Шарифзода мегӯяд: «Ҷарира замони кушта шудани Сиёвушро дида буд ва марги нобаҳангоми Фурудро таҳаммул карда натавонист» [12,167].

Ҷарира дар қисмати паҳлавонони «Шоҳнома» нахустин касест, ки худкушӣ мекунад ва сабабаш ҳам ба мо маълум аст.

Ҷарира-духтари Пирони Виса сипаҳсолори Афросиёб аст. Вақте ки Сиёвуш ба Тӯрон ба назди Афросиёб меояд, Пирон духтари калониаш Ҷарираро ба ӯ ба занӣ медиҳад. Пирон, ки марди оқил ва дурандеш буд, мехост ба воситаи ин пайванд сулҳу амонӣ, дӯстии байни Эрону Тӯронро боз ҳам мустаҳкам кунад. Бо ҳамаи ин қаноат накарда, аз болои духтараш, Фарангис духтари Афросиёбро низ барои Сиёвуш хостгор мешавад, ин ҳам ба наздикшавии ду халқ далолат мекард.

Сарнавишти ин зан бисёр дардовар ва ғамангез аст. Зани дигареро дар «Шоҳнома» вохурдан душвор аст, ки ба монанди ӯ нокомӣ, мусибат ва дард дида бошад. Ҷарира аз занони ҷавонест, ки бо нокомӣ ва азоб дучор шуда, бо дарду ранҷ парварда мешаванд ва аз ин сабаб сабру тоқат ва пухтагии хоса меёбанд. Дар ҳамин муддати кӯтоҳе, ки бо Ҷарира рӯ ба рӯ мешавем, ӯро яке аз симоҳои бисёр ширини занонаи "Шоҳнома" меёбем.

Ҷарира вақте ки ба ақди никоҳи Сиёвуш медарояд, духтари хурдсол аст. Давраи хушбахтию компронии вай бисёр кӯтоҳ аст, зеро пас аз муддате Сиёвуш аз вай ҷудо мешавад. Вай ба Фарангис духтари Афросиёб хонадор мешавад ва бо шоҳзода зиндагии нав оғоз мекунад. Бо вуҷуди ин вай то охири умраш ба Сиёвуш содиқу вафодор мемонад ва бо ёди ӯ зиндагӣ мекунад. Ҷарира дур аз Сиёвӯш Фурудро ба дунё меоварад ва дар ин лаҳза рафторе мекунад, ки аз борикбинӣ ва лутфу андешаи ӯ дарак медиҳад. Барои он ки Сиёвуш аз таваллуди писараш хабардор шавад, мефармояд, ки ангушти кӯдакро дар заъфарон зананд ва ба нома ниҳанд. Сиёвуш ҷойи ангушти фарзандашро дида, ба ин далели зинда бовар мекунад, ки гарчанд занаш хурдсол аст, писаре барояш тавлид кардааст:

Ҳамон модари кӯдаки арҷманд,
Ҷарира сари бонуёни баланд.
Бифармуд хуфта ба фармонбарон,
Заданд дасти он хурд дар заъфарон.
Ниҳоданд бар пушти он номабар,
Ки назди Сиёвахши худкома бар [1,172].

Ҳарчанд, Ҷарира духтари Пирон сипаҳсолори Тӯрон аст ва тамоми хонаводааш бар зидди эрониён муттаҳид шудаанд, вафодорӣ ва дилбастагии худро ба хотири шавҳар нисбат ба эрониён нигоҳ медорад:

Ҷарира зане буд, моми Фуруд,
Зи баҳри Сиёвуш дилаш пур зи дуд [1,417].

Вай писараш Фурудро ба хунхоҳии падар ва набард ба тӯрониён, яъне бар зидди ҳамаи хешовандони худ ташвиқ мекунад:

Камар баст бояд ба кини падар,
Ба ҷой оваридан нажоду гуҳар [1,419].

Исломии Нудушан дуруст қайд мекунад, ки ин рафтори вай ба Фарангис монанд аст:

«Вай аз ин ҷиҳат шабеҳ ба Фарангис аст, ки ба сабаби хуни шавҳар ба хонаводаи худ пушт мегардонад. Оқибати сарнавишти Ҷарира бисёр тиратар аз сарнавишти духтари Африсиёб аст. Фарангис иззат ва подшоҳии писари худро мебинад ва худ аз нав ба ҳамсарии Фаридун дармеояд, аммо зиндагии Ҷарира ба ғайр аз чанд моҳ, бақия дар номуродӣ мегузарад. Умри кӯтоҳу фарзоми ғамангезаш ӯро ба марги пурфоҷиа-худкушӣ мерасонад. Ҷарира ва Фарангис ду намудаанд, ки истеҳкоми пайванди заношӯӣ дар Эрони қадимро менамоянд. Заношӯӣ дар шоҳнома маҳкамтарин пайванд аст ва шавҳар ҳамеша бар падар ҳавлият дорад. Ба хусусе ки ин занон муътақид будаанд, ки Сиёвуш бегуноҳ кушта шудааст» [9, 245].

Дар ҳақиқат мардумони Шарқ аз замонҳои қадим падар-сардори оиларо ҳамчун як шахси азизу муътабар қадр мекунанд ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меоранд.

Симои Ҷарира дар достон, тимсоли барҷастаи муҳаббати модарӣ ба фарзанд мебошад. Ҷарира дар баробари рамзи садоқату вафодорӣ нисбат ба шавҳар, модари мушфиқу меҳрубон, ғамхору сирдони писари ягонааш Фуруд аст. Фуруди диловар дар дил орзу дошт, ки кини падараш Сиёвушро аз Афросиёб ситонад. Вақте ки лашкари бародараш аз Эрон ҳуҷум мекунад, Фуруд ин ҳодисаро рафта ба модараш Ҷарира хабар медиҳад. Аз сабаби он ки Ҷарира низ ба Афросиёб нафрати беандоза дошт, писарашро ба далерию руҳбаландӣ даъват мекунад, то ин ки интиқоми Сиёвушро якҷоя бо бародаронаш Кайхусрав ситонад. Вале Фуруд аз лашкре, ки аз сӯйи эронзамин меомад, касеро намешинохт. Эрониён низ Фурудро ғоибона мешинохтанд, вале аз зоҳир намешинохтанд. Бинобар ин дар пурсиши Фуруд, ки чи тавр онҳоро шиносам ва дуруду паём гӯям, Ҷарира ҷавоб медиҳад:

Ба Эрон бародар-т шоҳи нав аст,
Ҷаҳондори бедор Кайхусрав аст.
Туро нек донад ба ному гуҳар,
Зи ҳам хуну ҳам муҳраи як падар.
Ба лашкар нигаҳ кун, ки солор кист,
В-аз он меҳтарон номбардор кист
Хиром ору гарданкашонро бихон,
Маю хилъат орой болои хон.
Зи гетӣ туро бародар ганҷ бас,
Ҳамон кини оини бегона кас.
Сипаҳро ту бош ин замон пешрав,
Ту кинхоҳи нав, ӯ ҷаҳондори нав [1, 348].

Ҷарира барои он ба Фуруд ин тавр мегӯяд, ки агар Фуруд онҳоро нашиносад ва ё онҳо кӣ будани ӯро надонанд, ба оқибатҳои нохуш анҷомидани кор мумкин буд. Бинобар ин, пешакӣ писарашро огоҳ мекунад, ки ба Баҳрому Зангаи Шоварон худро шиносонад, зеро онҳо аз ҳамнишинону дӯстони Сиёвуш буданд. Дар ин ҷо Ҷарира аз як тараф, ҳамчун модари маслиҳатдеҳу насиҳатгар намоён шавад, аз тарафи дигар модарест, ки доимо нигаҳбону ҳимоятгар, меҳрубону ғамхори фарзанд мебошад.

Фирдавсӣ аз марги Фуруд огоҳ шудани Ҷарираро бо сӯзу гудози махсусе тасвир мекунад. Вай монанди Таҳмина модари нокомест. Ин ғаму андуҳи бузург, ҷудоӣ аз фарзанди дилбандаш ӯро ба ғазаб оварда аст ва вай мехоҳад, аз душман қасос гирад. Вай намехоҳад, ки қалъа бо тамоми сарваташба дасти душман афтад, аз ин рӯ қалъаро оташ мезанад.

Ҷарира яке оташе барфурӯхт,
Ҳама ганҷҳоро бар оташ бисӯхт.
Яке теғ бигрифт аз он пас ба даст,
Дари хонаи тозиаспон бубаст.
Шикамшон бидарриду бубриду пай,
Ҳаме рехт бар рух ҳама хуну хай.
Биёмад ба болини фаррух Фуруд,
Бари ҷомаи ӯ яке дашна буд.
Ду рухро ба рӯйи писар бар ниҳод,
Шикам бар дариду бараш ҷон бидод [1, 302].

Чунин аст, анҷоми ҳаёти талхи ин зани қаҳрамон, ҳаёти ин модари мушфиқ ва меҳрубон. Мо ӯро ҳеҷ вақт гунаҳкор карда наметавонем, ки вай худкушӣ кардааст ва ин аз рӯйи оини паҳлавонон нест. Мо ба хубӣ ҳолати ин тимсоли муҳаббату садоқат, вафодорию пойдорӣ ва меҳри модари мушфиқ ва зани бовафоро фаҳмида метавонем. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки образи Ҷарира яке аз образҳои беҳтарини занони «Шоҳнома» ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ҷ-3. Душанбе 2008.
2. Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ҷ-4. Душанбе 2008.
3. Артур Кристенсен. «Корномаи шоҳон дар ривоёти Эрон» / Артур Кристенсен. - Теҳрон 1350.
4.Асроров, Ш. "Симои Сиёвуш дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Ш. Асроров. - Душанбе: Адиб, 2005.
5. Баширӣ, Эраҷ.Турк ва Тур дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.-Душанбе, 2009.
6. Бертелс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертелс. –Москва:Изд- ство восточной литературы, 1960.
7. Каззозӣ, Мир Ҷалолиддин. Аз гунае дигар. Ҷусторе дар фарҳанг ва адаби Эрон.-Теҳрон:Нашри марказ,1368.
8. Мирзозода Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик / Мирзозода Холиқ. –Душанбе, 2013
9. Надушан, Муҳаммад Алии Исломӣ.Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома».-Теҳрон:ширкати саҳҳомии интишорот,1385.
10. Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ.-Душанбе:Шуҷоиён, 2010.
11. Ҳусейнзода, Ш. Достони марги бегунoҳӣ, газ. «Маориф ва маданият». 25 январи соли 1975.
12. Шарифзода, Худоӣ. Достонҳои бузурги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.-Душанбе, 2018.
13. Шарифзода, Х. Шоҳнома ва шеъри замони Фирдавсӣ / Худоӣ Шарифзода. –Душанбе: ҶМММ «Андалеб Р», 2014. – 400 с.


**СИМОИ ҶАРИРА ҲАМЧУН ЗАНИ МЕҲРУБОНУ ПАҲЛАВОН ДАР “ШОҲНОМА”- И ФИРДАВСӢ**


Дар мақола таҳқиқоте, ки дар шинохт ва арзёбии хусусиятҳои як зан ва ё модари барҷаста бахшида шудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқу таҳлил симои як зан дар самти паҳлавонию қаҳрамонӣ, вафодорию садоқатмандӣ ва меҳрубонӣ баррасӣ шуда, дар натиҷа хусусиятҳои волояш муайяну мушаххас гардидаанд. Дар заминаи таҳлил муайян гардидааст, ки симои Ҷарира яке аз симоҳои барҷастаи занони “Шоҳнома” маҳсуб меёбад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҷарира, Фирдавсӣ, Фуруд, “Шоҳнома”, симои Ҷарира, симои занон.


**ОБРАЗ ДЖАРИРЫ КАК ДОБРОЙ И ВОИНСТВЕННОЙ ЖЕНЩИНЫ В «ШАХНОМЕ» ФИРДОУСИ**


В статье анализируются и обсуждаются исследования по признанию и оценке характеристик выдающейся женщины или матери. В процессе исследования и анализа обсуждался образ женщины с точки зрения храбрости, героизма, верности и доброты, в результате были определены и конкретизированы ее высшие характеристики. На основе анализа определено, что образ Джариры считается одним из ярких образов женщин «Шахнаме».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Джарира, Фирдоуси, Фуруд, «Шахнома», образ Джариры, образ женщины.

**THE IMAGE OF JARIRA AS A KIND AND MILITARY WOMAN IN FERDOWSI'S "SHAHNAMEH"**

In the article, the research on the recognition and assessment of the characteristics of an outstanding woman or mother is analyzed and discussed. In the process of research and analysis, the image of a woman was discussed in terms of bravery, heroism, loyalty and kindness, and as a result, her highest characteristics were determined and specified. Based on the analysis, it has been determined that the image of Jarira is considered one of the prominent images of the women of "Shahnameh".

**KEYWORDS:** Jarira, Ferdowsi, Furud, "Shahnameh", image of Jarira, image of women.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ёқубов Сайатор Абдуқодирович*** – Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистранти курси дуюм. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21. Телефон: **(+992) 116177400.**

**Сведения об авторе:** ***Якубов Сайатор Абдукодирович*** – Институт языка и литературы имени Абуабдуллы Рудаки при Национальной академии наук Таджикистана, магистрант второго курса. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Телефон: **(+992) 116177400.**

**Information about the author:** ***Yakubov Sayator Abduqodirovich*** **-** Institute of Language and Literature named after Abuabdullah Rudaki, National Academy of Sciences of Tajikistan, second-year master's student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Phone: **(+992) 116177400.**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЧАНДЕ АЗ ИҚТИБОСҲО ДАР СИСТЕМАИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Қаҳорзода А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Иқтибос ҳамчун воситаи ғанӣ гардонидани луғати имрӯзаи забони англисӣ мебошад, ки аҳаммияти назаррас дорад. Бисёр истилоҳоте, ки дар забони англисӣ мавҷуданд, бештар аз забонҳои қадима иқтибос шудаанд.

Агар ба манбаи таърихии пайдоши ин забони такомулёфта назар афканем, моро зарур аст, ки таърихи маҷрои сар задани онро азхуд кунем. Дар қарни якуми то мелод, қисмати бузурги олам, ки имрӯз бо унвони Аврупо маълум аст, аз тарафи Империяи бузурги Рим истило гардида буд. Дар ҳамшафати мардуми забтгардида қабилаи олмониҳо низ шомил буданд. Дар натиҷаи мубодилаи фарҳангиву иқтисодӣ бо римиҳо дар рӯзгордориву шаҳрдории қабилаҳои олмонӣ дигаргунии ҷиддие ба чашм мехӯрд. Маҳз тавассути робитаи наздик бо римиҳо вожаҳои зерини баёнкунандаи номи меваҳо ва зироатҳо аз забони лотинӣ ворид гардидаанд:

*олуболу* (cherry аз лотинӣ cerasum), муруд, нок, ношпотӣ (pear – аз лот. pirum), олу (plum-аз лот. prunus), нахӯд (“pea”- аз лот. “pisum”), лаблабу (“beet”- аз лот. “beta”), қаламфур (“pepper”- аз лот “piper”), пиёла (“cup” – аз лот. “cuppa”), ошхона, матбах (“kitchen”- аз лот. “coquina”), осиё (“mill”- аз лот. “molina”), бандар (“port”- аз лот. “portus”), шароб, май (wine - аз лот. “vinum”) [8; 77].

Дар қарни панҷуми то мелод бошад, бархе аз қабилаҳои олмонӣ, ба вижа инглисҳо ва саксониҳо тавассути баҳр ба ҷазираи Британия муҳоҷир гардиданд. Аслан он вожаҳое, ки аз забони келтӣ иқтибос шуда буданд, хусусияти ҷуғрофӣ дошта, номҳои макон, дарёву наҳр ва кӯҳҳоро ифода мекарданд. «Тааҷҷубовар он аст, ки ҳатто номи пойтахти Инглистон дар шакли “Llyn+dun” аз забони келтӣ ворид шудааст, яъне вожаи келтии “Llyn” муродифи вожаи “river- дарё” ва “dun” “тепаи мустаҳкамкардашуда”, яъне дар маҷмуъ маънии “қалъа дар болои теппа ва дарё – крепость на холме над рекой”- ро ифода мекунад. Бархе аз вожаҳои лотинӣ тавассути забони келтӣ ба забони англо-саксонӣ иқтибос гардидаанд, мисли (street- лот. strata via) (wall- лот. vallum)» [3; 46].

Таърихнигорон қарни ҳафтуми то милодро аслан даврони насронишавии Инглистон меноманд, ки он таъсири амиқи худро ба захираи луғавии забони англисӣ гузошт. Забони лотинӣ бошад, забони расмии калисову ибодатхонаҳои кишвар маҳсуб меёфт ва дар натиҷа як қатор истилоҳоти марбути дину расму русуми замон ба забони инглисӣ ворид гардиданд, мисли *«руҳонӣ» (“priest”- аз лот.“presbyter”), «епископ, усқуф» (“bishop”-лот. “episcopus”), роҳиб, шайх (“monk”- “monachus”), «роҳибия» (“nun”-лот. “nonna”), «шамъ» (“candle”-лот. “candle”- лот. “candela”).*

Метавон таззакур дод, ки истилоҳоти марбути соҳаи мaориф низ манбаъ ва пайдоиши худро аз забони лотинӣ гирифтаанд, зеро мударрисони нахустдабистонҳои Инглистон, ки худ руониён ва шайхҳо ба шумор мерафтанд, тадрисро низ ба забони лотинӣ ба роҳ монда будаанд. Истилоҳоти зерин тақвияти гуфтаҳои мо хоҳанд буд: «мактаб, дабистон» *(“school”), «мактаббача, талаба» ва «магистр» («scholar» – лот. “scholar (-is)”, “magister” – лот. “magister”).*

Аз интиҳои қарни ҳаштум то миёнаҳои қарни ёздаҳ бошад, Инглистон зери ҳуҷуми муқаррарии скандинавиягиҳо қарор дошт, ки сабаби воридшавии як қатор вожагони забони скандинавиягӣ ба забони англисӣ гардид, ба монанди *“call (v.), take (v.), cast (v.), die (v.) law (n.), husband (n.), window (n.) ill (adj.), loose (adj.), low (adj), weak (adj.)”.* Бархе аз иктибосоти скандинавиягиро бо дарёфти ду нахустҳарфи “sk-” доро буда, метавон аз дигар исмҳо тафовут намуд: sky, skill, skin, ski, skirt.

Пас аз истилои скандинавиягиҳо бошад, нормандиҳо Инглистонро зери тасарруфи худ дароварда, дар натиҷаи робитаи фарҳагиву сиёсӣ сабаби ғанигардии захираи луғавии забони англисӣ гардиданд. Вожаҳои франсавӣ тавассути лаҳҷаву шеваҳои Нормандӣ ба ҳаёти ҷомеаи англисҳо ворид шудан гирифтанд, ки дар зер мо аз он истилоҳоти иқтибосии соҳаҳои мухталиф ёдовар хоҳем шуд:

Истилоҳоти марбути соҳаи маъмурият: *state, government, parliament, council, power; истилоҳоти ҳуқуқӣ: court, judge, justice, crime, prison; истилоҳоти ҳарбӣ: army, war, soldier, officer, battle,* enemy; истилоҳоти соҳаи маориф: pupil, lesson, library, science, pen, pencil; вожаҳои ҳар рӯз истифодашаванда: table, plate, dinner, supper, river, autumn, uncle.

Бо гузашти давр иқтибосшавии калимаву истилоҳот аз дигар забонҳои Аврупо низ ба забони англисӣ идома ёфтанд, ки дар қатори онҳо вожаҳои иктибосии франсавӣ (routine, police, machine, ballet, matinee, scene, technique, bourgeois ва ғ.) ва итолиёвӣ (piano, violin, opera, alarm, colonel ва ғ.) дар муқоиса бо дигар забонҳо бештар чашмрас буд.

Аз ин рӯ, қисми зиёди таркиби луғавии забони англисиро вожаҳое, ки манбаи асосиашон ҷузъҳои ҳиндуаврупоиро созмон медиҳанд, фаро мегиранд. Ин вожаҳо низ дар навбати худ ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо мешаванд, ки дар зер аз онҳо ёдовар мегардем: вожаҳои марбути оилаву рӯзгор: father, mother, brother, son daughter; вожаҳои марбути бахшҳои бадани инсон: foot, nose, lip, heart; вожаҳои марбути ҳайвонот; cow, swine, goose; вожаҳои марбути растанӣ, гиёҳ: tree, birch, corn; вожаҳои марбути вақту рӯз: day, night; вожаҳои марбути ҷисмҳои осмонӣ: sun, moon, star; сифатҳои сершумор, мисли: red, new, glad, sad; шумораи аз 1 то 100: феълҳои сершумор, ба монанди: be, stand, sit, eat, know.

Унсурҳои олмонӣ вожаҳоеро дар бар мегиранд, ки решаашон барои ҳамаи забонҳои олмонӣ як аст. Онҳо низ ба чанд гурӯҳ ё бахш ҷудо мешаванд: вожаҳои марбути бахшҳои бадани инсон: head, hand, arm, finger, bone; вожаҳои марбути ҳайвонот: bear, fox, calf; вожаҳои марбути растанӣ, гиёҳ: oak, fir, grass; вожаҳои марбути зуҳуроти табиӣ: rain, frost; вожаҳои марбути фасли сол: winter, spring, summer; вожаҳои марбути хусусияти манзаравӣ дошта: sea, land; вожаҳои марбути манзилу маскани инсон: house, room, bench; вожаҳои марбути техникаи дарёгард: boat, ship; сифатҳои сершумор, мисли: green, blue, grey, white, small, thick, high, old, good; феълҳои сершумор, ба монанди: see, hear, speak, tell, say, answer, make, give, drink.

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар қарни IX то милод унвони «англисӣ» барои ифодаи ҳамаи лаҳҷаҳои олмонии робитаи хешигарӣ дошта, ки дар ҷазираҳои Британия доман густурда буданд, корбурд мегардид. Ҳамин тариқ, забони англисии қадима чор лаҳҷаро (нортумбрӣ, мерсиӣ, усескӣ ва кентӣ) доро буд, ки ҳар яки онҳо тавонистанд, саҳми худро бахри ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони англисӣ гузоранд.

Чун дар боло ишора рафт, «дар рушд ва ғановатгардии таркиби луғавии забони англисӣ саҳми забонҳои скандинавягӣ беандоза бузург аст, ки бархе аз вожагони иқтибосшуда номгӯйи бархе аз бахшҳои бадани инсонро ифода менамуданд.

Агар аз як тараф ба рушду нумуи забони англисӣ дар қарни XV омилҳои чун тадвину нашри як зумраи асарҳои бадеӣ ва таҷаддуди адабиётшиносони классик мусоидат карда бошанд, аз тарафи дигар эҳёи нашрхонаҳову робитаи густурда бо ҳамсарҳадон сабаби манзалати воло пайдо кардани он гардид.

**АДАБИЁТ**


1. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2015, 400 с.
2. Каушанская В.Л. A grammar of the English language / В.Л. Каушанская. - Москва,1967, - 356 с.
3. Мюллер В. К. Новый англо - руссий словарь. Издение второе / В.К. Мюллер - М. изд. дом «Диалог», 2002. - 895с
4. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. - Душанбе, Ирфон , - 2014.
5. Назарияи публисистика.- Душанбе : Маориф. - 2000.
6. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / Назарзода Сайфиддин. - Душанбе; 2014. - 369 с.
7. Саидов Ҳ. А. - Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Ҳ.А. Саидов. - Душанбе, 2013. - 335 с.

8. Сайидраҳмон Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ - тоҷикӣ шомили зиёда аз 70-ҳазор калима / Сайидраҳмон Сулаймонӣ. - Душанбе «ЭР-граф», 2005.
9. Фарҳанги тоҷикӣ-русии тафсирии истилоҳоти ҳуқуқи башар. - Душанбе, ЭР-граф. 2004. - 153 с.
10. Шахобова М.Б. Луғати мухтасари англисӣ –тоҷикӣ- форсӣ / М.Б. Шахобова. - Душанбе, Маориф, 1989. - 248с
11. Шахобова М.Б. Забони англисӣ, қисми 1 / М.Б. Шахобова. - Душанбе 1958с
12. R. Galperin. Stylistics, Moscow: «Higher school» - 1970. 342 pages.
13. R. Galperin. Stylistics, II part. Moscow: «Higher school» - 1977. 335 pages.

## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЧАНДЕ АЗ ИҚТИБОСҲО ДАР СИСТЕМАИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи таърихи пайдоиши иқтибосҳо дар системаи луғавии забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки иқтибос ҳамчун воситаи ғанӣ гардонидани луғати имрӯзаи забони англисӣ мебошад, ки аҳаммияти назаррас дорад. Бисёр истилоҳоте, ки дар забони англисӣ мавҷуданд, бештар аз забонҳои қадима иқтибос шудаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтибос, луғат, забон, таърихи пайдоиш, аҳаммият, истилоҳ.

## ИСТОРИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ НЕКОТОРЫХ ЗАИМСТВЕННЫХ СЛОВ В ЛЕКСИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается тема истории заимствований в лексической системе английского языка. Автор отметил, что заимствование является средством обогащения современной лексики английского языка, что имеет немалое значение. Многие термины, существующие в английском языке, по большей части заимствованы из древних языков.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: заимствование, словарь, язык, история происхождения, значение, терминология.

## THE HISTORY OF THE ORIGIN OF SOME BORROWED WORDS IN THE LEXICAL SYSTEM OF THE ENGLISH LANGUAGE

This article examines the topic of the history of borrowings in the lexical system of the English language. The author noted that borrowing is a means of enriching the modern vocabulary of the English language, which is of considerable importance. Many terms that exist in the English language are mostly borrowed from ancient languages.

**KEYWORDS:** borrowing, dictionary, language, history of origin, meaning, terminology.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Каҳорзода Амина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Кахорзода Амина*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17.

**Information about the author**: ***Kahorzoda Amina*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

# ТОПОНИМҲОИ АСАРҲОИ УСТОД АЙНӢ АЗ ҶИҲАТИ МАЪНО

*Аламова Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамаи мавзеъҳои ҷуғрофӣ (шаҳр, деҳа, дарё, кӯҳ, дара) номҳои хоси худро доранд, ки онҳо ифодакунандаи маъноҳои гуногун мебошанд. Аксар вақт дар дохили чунин номвожаҳо нишонаҳо ва вижагиҳои хоси забонӣ, таърихӣ, этникӣ ва фарҳангии маҳал ва мардумони бумии он боқӣ мемонанд. Муҳаққиқи номшиноси рус В.А. Жучкевич маҳз ба ҳамин ҷанбаи хусусиёти номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳо таваҷҷуҳ намудааст ва дар ин маврид чунин ибрози андеша дорад: «Маълумоти топонимӣ барои аниқ намудани нақши иқтибосҳо ва таъсири байниҳамдигарии забонҳои ҳамсоя кумаки калон мерасонад. Номвожаҳои объектҳои хурд низ барои муайян намудани ҳудуди паҳншавию интишори диалектҳои алоҳида ёрӣ мерасонанд» [19, 40] ва ин андеша барои номвожаҳои ҷуғрофӣ, ки устод Садриддин Айнӣ дар асарҳояш аз маҳалҳои гуногун овардааст, дуруст меояд.

Аз нимаи дувуми қарни XIX то ба ҳол пажуҳишҳои зиёде дар заминаи номҳои ҷуғрофӣ ба таври хос анҷом ёфта ва осоре чанд таълифу мунташир гардидааст. Навиштаҳои А. Л. Хромов, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов [21; 22], Д. Ҳомидов, Б. Тураев , Ш. Шарипова аз ҷумлаи ин таҳқиқот ба шумор мераванд. Қобили зикр аст, ки муҳаққиқони номбурда ба масъалаи маъниёбӣ ва решашиносии (этимология) топонимҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд, зеро ҳадафи онҳо дар марҳалаи аввал ҷамъоварии мавод ва гурӯҳбандии он будааст. Дуруст аст, ки худи А.Л. Хромов низ дар вақташ перомуни марҳалаи аввали омӯзиши топонимҳо ва микротопонимҳои Тоҷикистон сухан карда, навиштааст, ки: «Диққати муҳаққиқонро дар навбати аввал имрӯз на ин ки масъалаи маъниёбӣ ва решашиносии (этимология) топонимҳо, балки масъалаи гирдоварии маводи топонимӣ ва дар маҷмуъ фарогирии системаи топонимии ҳудуди муайян бештар ба худ ҷалб кардааст. Зеро марҳалае, ки мо дар он қарор дорем, марҳалаи гирдоварӣ, гурӯҳбандии маводи топонимӣ, дар маҷмуъ мебошад. Ва дар марҳалаи дигар мо албатта сари мавзуъ ва масъалаи маъниёбӣ ва решашиносии маводи топонимӣ андеша хоҳем ронд» [ 5, 83-87].

Этимология аз (юн. etymon-ҳақиқат+logos-таълимот)-и вожаҳои таркиби луғавии ин ё он забон ба шумор рафта, онҳо аз нигоҳи сарчашмаҳои пайдоишашон таҳқиқ карда мешаванд. Топонимҳо низ дар таркиби луғавии забон, ба ҳамин гурӯҳ шомил буда, онҳо ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслии тоҷикӣ) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар воридгардида) ҷудо карда мешаванд. Бинобар ин, номвожаҳои ҷуғрофиро аз нигоҳи баромад ба гурӯҳҳои: 1. Топонимҳои тоҷикӣ; 2. Топонимҳои иқтибосии арабӣ; 3. Топонимҳои иқтибосии туркиву муғулӣ; 4. Топонимҳои иқтибосии русию аврупоӣ; 5. Топонимҳои омехта (гибридӣ) ҷудо намудем.

***Номвожаҳои ҷуғрофии тоҷикӣ***

Дар асарҳои устод Айнӣ чунин топонимҳои тоҷикӣ оварда шудаанд: Кулоб, Шеробод, Омӯ.

Ҳозир дар ин мадраса як муллобачаи қашшоқи Кулобӣ фаррош аст, ки баъд аз ду моҳ ба Кулоб рафтан мехоҳад, дар он вақт ман метавонам, ки туро ба ҷойи ӯ гузаронам (2, 296).

Р. Шодиев ба асарҳои зикршуда такя намуда, доир ба номвожаи ҷуғрофии Кулоб чунин маълумот додааст: «Кулоб (Kūlāb). Дар «Бурҳони қотеъ» доир ба калимаи Кулоб чунин маълумот дода шудааст: «Кулоб номи дигари Хатлон. Дар ин фарҳангнома Кулоб (كولاب) «истахр» ва «толоб» маънӣ гардида ва номи вилояте аз музофоти Бадахшон хонда шудааст. Дар фарҳанги мазкур, бинобар осор ҳамчун номи шаҳр низ ёд мегардад. Ҷузъи аввал –kūl (кӯл) дар фарҳангҳои пешин ба маънои «толоб, истахр ва обгир», дарии Афғонистон kul “толоб” омадааст. М.Муин дар повароқи «Бурҳони қотеъ» оварда, ки kwl дар авроқи монавӣ «гудол, гундоб»; дар забони гилакӣ kul – ба маънои «теппа» аст. Дар

«Бурҳони қотеъ» омада, ки туркон ҳам толобро kūl (کول) мегӯянд. Кулоб дар маънои дувум «мавҷи азим» буда ва дар ин маъно муродифи кӯлок (کولاک) аст».

Дар "Фарҳанги Рашидӣ" کول(kūl) талу пушта маънӣ шудааст ва ин вожа ба ҳайси номи чанд деҳ ва як қасаба дар сарзамини Эрон ба мушоҳида мерасад.

Топоними کولابҳамчун номи деҳ дар устони Хуросон ва устони Исфаҳон дар кишвари Эрон низ вуҷуд дорад. Густариши номи Кулоб дар шарқ ва ғарби Эронзамин далели умумияти забонии он дар ҳавзаи муштараки форсӣ-тоҷикӣ аз асрҳои пеш будааст. Кулоб ҳамчун номи ҷуғрофӣ дар пояи меъёри забони форсии дарӣ (форсӣ-тоҷикӣ) ва қолаби вожасозии он шакл гирифтааст» [5, 63].

Дар асари Ҷ.Алимӣ дар иртибот ба номи Кулоб чанд ривояти мардумӣ зикр шудааст. Аммо муҳаққиқ дар мавриди эҳтимоли пайдоиши номи Кулоб пешниҳод менамояд, ки «шояд номи қадимтарини дарё – Ёхсу, ки дар масофаи панҷкилометрии шаҳри Кулоб ҷорӣ аст, «Хутталоб» будааст, ки баъдан «Хулоб» «Кулоб» шуда, ба номи шаҳр низ гузаштааст. Яъне, Хутталоб – Хулоб - Кулоб» [5, 82].

Дар робита бо номи Кулоб (کولاب) ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки он мухаффафи ҳеҷ номи дигар, аз ҷумла Хутталоб ё Хулоб (?) буда наметавонад. Номи Кулоб аз ду ҷузъ кӯл+об (کول+آب) дар қолаби маъмули вожасозӣ аз роҳи афтиши изофат шакл гирифтааст, ки ин равиш дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз қолаби роиҷ маҳсуб мешавад. Далели дигар он аст, ки Kulāb (کولاب) ҳамчун номи ҷуғрофӣ дар Эрон низ ба кор мерафтааст. Ниҳоят фарҳангномаҳои куҳани форсии дарӣ Кулобро на ҳамчун шакли мухаффаф, балки як вожаи комил ва мураккаби дорои маънои мушаххас маънӣ кардаанд. Ҳамон тавре ки мебинем, густариши ин ном ҳамчун топоним танҳо ба як минтақа маҳдуд набудааст.

Ҷузъи об дар номгузории рӯдҳо ва дарёчаҳову кӯлҳо дар манотиқи Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон аз замонҳои дури таърих яке аз меъёрҳои муҳим маҳсуб мешавад, ки инро номҳои фаровони ҷуғрофӣ дар ин се кишвар таъйид мекунад.

Топонимияи минтақаи Кулоб аз ҷониби Ҷ.Алимӣ гирдоварӣ шуда ва мавриди таҳлили лингвистӣ қарор гирифтааст. Аммо теъдоди бештари топонимҳо, ки имрӯз дар ин минтақа ва ноҳияҳои он маълуманд, аз нигоҳи маъно ва дар бархе мавриди сохтор қобили дарк нестанд. Феҳристи чунин номҳо дар рисолаи Ҷ. Алимӣ оварда шудааст [7, 57]. Муаллиф, қабл аз ин феҳрист, номҳои ҷуғрофиеро, ки яке аз ҷузъҳои онҳо аз нигоҳи маъно мафҳум аст, низ зикр кардааст. Дар маҷмуъ, ин ду гурӯҳи номҳо, ки барои вазъи забонҳои минтақа дар аҳди бостон ва пас аз даврони исломӣ ба баъд аз далелҳои хеле муҳимми лингвистӣ маҳсуб меёбад, дар омӯзиши таърихии луғати ҳавзаи забонии мазкур дорои арзиши махсуси илмӣ мебошад.

Номҳои ҷуғрофии минтақаи Кулоб, бинобар рисолаи Ҷ.Алимӣ маводи хеле ҷолиби забонӣ буда, ба чандин давраҳои таърихи забонҳо ва гӯишҳои маҳаллии ин сарзамин иртибот мегиранд.

Раҳимхон дар сафари дувуми худ ба тарафи Кӯҳистон ба наздикии қалъаи Шеробод, дар қалъаи Кӯҳтан бо ҳисориён ва соири озодихоҳони Кӯҳистон рӯ ба рӯ шуд (4, 123).

Шеробод [Sherobod] – 1. Мардобод; 2. Магсуб ба шер; аз унвони шоҳони Хатлон дар аҳди бостон [5, 177].

Дар лаби Омӯ ба Каркӣ шодмон аз васли ӯ,
Гаҳ гузар дар баҳру гаҳ манзил ба соҳил доштам (4, 432).

Оид ба вожаи Ому муҳаққиқ А. Девонақулов чунин маълумот додааст: «Фарҳангнигорон манбаи рӯидани ин истилоҳро ба тарзи «Ому (ба замми солис ва сукуни вов) –номи қарияе буда бар канори руди Ҷайҳун, онро «Омун» низ мегуфтаанд. Лиҳазо, Ҷайҳунро мансуб ба Ому намуда, «Омун ва Ому» гӯянд. Онро «Омуя» низ хондаанд» (Анҷуманорои Носирӣ). Маънии луғавии ин истилоҳро агар муаллифи «Бурҳони қотеъ» чунин муайян кунад: «Омӯй (ба сукуни «ё»-и ҳуттӣ)—номи шаҳрест бар канори Ҷайҳун. Ва Ҷайҳун мансуб ба он шаҳр аст ва ба маънии «пур кардан, мамлув сохтан (саршор сохтан) омадааст», пас дар «Фарҳанги форсӣ» оварда мешавад: «Омунпур, мамлув, (саршор)

лаболаб». Қобили қайд аст, ки «Фарҳанги нафисӣ» маълумоти нисбатан васеъро меоварад. Вай на танҳо маънии луғавии ин истилоҳро маънидод мекунад, балки нисбат ба маъхазҳои дарьёи Ому ва мавқеи ҷуғрофии он маълумоти то андозае мукаммал меоварад: «Ому-варам, таҳйиҷ (ҳаяҷон), омос. Руди Ому – "рӯдест, ки дар истилои ҷуғрофиёни кадим «Аксус» номида мешавад ва воқеъ дар Осиёст. Аз қуллаҳои мунҷамид ва яхдори Бӯчимор, ки дар кӯҳҳои Булӯр воқеъ шудаанд, сарчашма мегирад ва дар имтидоде, ки тай мекунад, чандин рӯдхонаи дигар ба он мулҳақ мешавад. Ва пас аз он ки 1650 километр масофат тай намуд, ба восилаи ду бозу дар дарьёчаи Орол мерезад, Ва замоне яке аз ин ду бозу дар Дарьёи Хазар мерехтааст. Ин рудхона дар муддати зимистон ғолибан мунҷамид ва ях мекардааст. Ва онро Ҷайҳун ва Амударё мегӯянд». «Фарҳанги нафисӣ» оид ба шарҳи маънии луғавии истилоҳи «Омун» бар фикри фавқуззикр чунин илова мекунад: «Омун-1 (перомун ва муҳит; 2) пуру мамлув ва лаболаб; 3) номи руде, ки аз Хоразм гузарад. Ва номи шаҳре, ки ин руд онро иҳота кардааст». Мо нисбатан маълумоти иловагиеро дар «Фарҳанги Онандроҷ» нисбат ба истилоҳи «Омун» дучор меоем: «Омун бар вазни ҳомун, рудест, ки ба канори Хоразм гузарад. Ва ба маънии пуру мамлув ва лабрезу лаболаб ҳам ҳаст». Аз ин ҳама далелҳои зикршуда бармеояд, ки Амударё ҳамчун истилоҳ дорои маънии дарьёи сершохобе, ки кариб 1650 километр масофатро тай намуда, баҳри Аралро резишгоҳи худ ихтиёр карда, дар бисёр масофатҳо ҳамчун хатти охирини сарҳадди давлати бузургамон маъмул бошад, пас маънни луғавии онро мафҳумҳои «лабрез, лаболаб, пур, перомун, муҳит, мамлув» ва ғайра ташкил додаанд.

Дар «Фарҳанги анҷуманорои носирӣ» маълумоти ҷолиби диққате оварда мешавад. Ахбори сабткардаи ин муаллиф нисбат ба қисме аз қисмати таърихии Амударё таалluқ дорад. Бинобар ин, пурратар аз назар гузаронидани он аҳаммияти махсусеро касб мекунад: «Пайдост, ки руди Ому-Ҷайҳун аст ва манбаи он руд аз кӯҳи Бӯлӯрдоғ аст, ки дар шарқи Бадахшон воқеъ шуда. Ва он (Бӯлӯрдоғ А. Д.) кӯҳест баланд, Ва Ҷайҳун аз наздикии тарафи шимолии шаҳри Балх гузашта, ба дарёчаи Орол дохил мешавад. Дар замони ғалабаи муғул бар Хоразмшоҳ маҷрои онро муғул баргардонида ба Баҳираи Орол равона карданд. Ва тули он руд нуҳсад мил аст. Ва оби он ба хушгуворӣ маъруф. Ва Ҷайҳунро ба он вусъат ва арзу тул ба Ому нисбат додан чунон аст, ки Баҳри Хазарро (Баҳри Каспий А. Д.) ба Обискун, ки номи ҷазирае буда, мансубанд,.. Чунон ки Ҷайҳунро ба Ому ва Баҳри Ҳазарро ба Обискун мансуб кардаанд. Чунон ки мебинем дар ин маълумот оид ба сарчашма, резиштоҳ, тағйир додани маҷрои он, ба Ому ва Омун нисбат ёфтани он ахбори боэътимоде сабт шудааст» [13, 22-24].

***Номвожаҳои ҷуғрофии арабӣ***

Ҷараёни ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидани калима ва ибораҳои арабӣ аз асрҳои VII-VIII, яъне пас аз истилои арабҳо сарзамини паҳновари Хуросону Мовароунаҳрро оғоз гардида, то ибтидои садаи бистум идома ёфт. Аз гурӯҳи калимаҳои арабии ба забони тоҷикӣ дохилшуда калимаҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо дар истеъмоли забони тоҷикӣ тақрибан то ба замони мо расидаанд ва то кунун ба соҳибони забон то як андоза мафҳум ва маълуманд. Чунончӣ; айн, мадҳ, давлат фазл, хилофат, халифа, шеър, васл, ишқ, насиб, кошиф, анвар, анвор, ҷурм ва амсоли инҳо мебошанд, ки то имрӯз ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ истеъмол мешаванд. Дар асарҳои Садриддин Айнӣ вожаҳои арабие мавҷуданд, ки барои ифодаи номи ҷуғрофӣ низ истеъмол меёбанд. Ин қабил калимаҳо миқдоран кам бошанд ҳам, вале барои созмон додани номҳои ҷуғрофӣ саҳм доранд. Ба ин қабил вожаҳо чунин калимаҳо дохил мешаванд: Қоф, Ҳисор, мазори Баҳоваддин,

Писараш соле ду бор бо ризои падараш меҳмондории рӯйирост мекард, яке аз инҳо дар беруни шаҳр – дар боғаш, дигарӣ ҳам дар беруни шаҳр, дар вақти сайри гули сурх, дар сари мазори Баҳоваддин барпо мешуд (4, 228).

Мазори Баҳоваддин – Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд (1318-1389) яке аз калонтарин шайххҳои мутасаввиф аст, ки дар асоси таълимоти ӯ дар охири асри XIV дар тасаввуф шохае бо номи Нақшбандия пайдо шуда дар Бухоро, Самарқанд, мамолики Хуросон ва Ҳиндустон паҳн шудааст [4, 228].

***Номвожаҳои ҷуғрофии русӣ – байналмилалӣ***

Дар асарҳои Садриддин Айнӣ топонимҳое нақш доранд, ки мансуби забонҳои русӣ ва аврупоӣ буда, мо онҳоро аз рӯйи вижагиҳояшон топонимҳои русӣ ва байналхалқӣ номидем. Ба ин гурӯҳ вожаҳои Оренбург, Москва, Россия, Берлин дохил мешаванд.

Савдогарони Москварав бошанд, бо тилло ва брилянт бозӣ мекарданд (4, 329). Роҳи Туркистон аз тарафи Оренбург аз Русия бурида шуд, меҳнаткашони ин ҷо танҳо бо қуввати худ ба ҳифзу нигоҳдории Ҳукумати Шуроӣ маҷбур шуданд (4, 119). – Як савдогаре, ки пештар асп савор шуда, аспбон нигоҳ дошта, ба сафари қалъа мерафт, ҳоло метавонад, ки бо андак пул сарф кардан ба аробаи почтаи давлатӣ савор шуда ба Россия сафар намояд (3, 91). – Соати туро, – гуфт бои тотор, – аз Уренбург оварда ба ту ҳадя карда бошанд, соати ман аз Берлин бо пули худам аз барои худам харида шудааст (3, 97).

***Номвожаҳои ҷуғрофии туркӣ-ӯзбекӣ***

Бояд қайд намуд, ки дар асарҳои устод Айнӣ нисбат ба топонимҳои забонҳои дигар топонимҳои туркӣ миқдоран зиёд ба назар мерасанд. Чунончӣ: ёбони Қоқо, ёбони Қарақалпоқ, Қароямғоч, чӯли Қизил, деҳаи Қарахонӣ, Қаршӣ, Тошканд, Самарқанд ва монанди инҳо мебошанд.

Дар вақте ки рӯ ба рӯи ёбони Қоқо расид, боз ҳам аз боғ ва киштзорҳо канортар шуда аспашро аз тарафи шимолрӯятар ҳай кардан гирифт... (3, 165). – Агар ёбони Қарахониро мол карда шуда бошанд, ҳамин вақт бояд дар ёбони Қарақалпоқ бошанд, ё ин ки дар ёбони Қоқо, – саис дар охири сухани худ аз деҳқон пурсид: (3, 116). Мо дар як тарафи деҳаи Қароямғоч, дар ҷое, ки онро «Ғуломон» меноманд, зиндагонӣ мекунем (3, 116). Дар ин лавҳа, ки дар байни ободонии тумани Шофирком ва доманаи чӯли Қизил, аз деҳаи Қарахонӣ гирифта то кӯрғони Вардонзе ба тарзи як тасма дароз кашида буд, рамаҳои гӯсфандони қароқӯлӣ монанди нақшҳои барҷастаи лавҳаҳои олами ҳайвонот ба назар намоён мешуданд (3, 98).

«Аз ҳаво мевазад накҳате форам,<br>
Ин магар омад аз Қаршӣ, аз ёрам».

Қаршӣ – номи шаҳр ва ноҳияи водии Кешрӯд. Дар манбаъҳои хаттӣ номи ин шаҳр дар шаклҳои Боло, Нашеболо, Нахшаб, Насаб қайд гардидааст. Номи Қаршӣ аз асри XIV маълум аст. Ин вожа муғулӣ буда, маънояш қаср, кӯшк мебошад [8, 120].

Одина баъд аз як шабонрӯз ба истгоҳ (стансия)–и Тошканд расида, аз поезд фуромад, аммо намедонист куҷо равад ва чӣ кор кунад? (4, 100). Баъд аз хунук кардан ба кор андохтем, ҳозир дар миёнаи Ғиждувон ва Самарқанд калта-қиро мекунанд (3, 57).

Муҳаққиқ Ҳ. Маҷидов оид ба номвожаҳои Тошканд ва Самарқанд дар асараш «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин маълумот додааст: «Гоҳо маънидоди ғалати пайдоиши калима дар истеъмолот шакли қонунӣ мегирад ва ба ҷумлаи хатоҳои маъруф дохил мешавад. Чунончи, маънидодҳои ғалати калимаҳои Тошканд, Самарқанд ва чанде дигар бо ҳамин роҳ машҳур шудаанд. Дар бисёр маълумотномаҳое, ки аз ҷониби ашхоси ноогоҳ тартиб дода шудаанд, Тошканд «шаҳри сангин» (сангшаҳр), Самарқанд «шаҳри косагӣ» (косашаҳр) маънидод шудаанд. Ҳол он ки дар гирду атрофи Тошканд ҳеҷ гоҳ санг (ба ӯзбекӣ “тош”) набудааст, Самарқанд бо коса (ба туркӣ “самар”) ҳеҷ алоқамандие надорад. Дар ҳиссаи дуюми ин калимаҳо форманти калимасози суғдӣ “kanta”-ро, ки дар гузашта ба маънои «шаҳр» маъруф буд, ба осонӣ дарк кардан мумкин аст. Ин формантро дар номи аксарияти он шаҳрҳое, ки ба минтақаи Суғди қадим дохил буданд, пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, номҳои Чимкант, Панҷакант, Паскант, Қӯқанд ва ҳатто Конибодом ҳам ҳамин формантро доранд. Шаҳри Тошканд дар гузаштаи дур бо номҳои Чоч ва муарраби он Шош маълум буд. Дар заминаи Шош баъдан Шошканд ба вуҷуд омадааст. Шубҳае нест, ки ин номи барои мардуми дар асрҳои охир туркзабони ин шаҳр номафҳум бо усули этимологияи халқӣ ба Тошканд (=Тошкент) табдил дода шудааст. Айнан ҳамин тавр дар ҳиссаи аввали Самарқанд форманти эронии қадим asmara ба маънои «санг»

маҳфуз аст. Аз ин лиҳоз маҳз Самарқанд маънои «сангшаҳр»- ро дорад на Тошканд, ки ба он ин маъноро бастаанд» [21, 35-36].

Доир ба номвожаи Самарқанд дар «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод»-и Закариёи Қазвинӣ чунин маълумот дода шудааст: «Шаҳрест машҳур дар Мовароуннаҳ қасабаи маҳалҳои Суғд. Гуфтаанд, аввалин шахс, ки онро таъсис додааст, Кайковус ибни Қайқубод аст. Дар рӯйи замин ҳеҷ шаҳре покизатар, хуштар ва беҳтар аз Самарқанд нест.

Анас ибни Молик дар фазилати Самарқанд ривоят карда: «Дар паси дарёи Ҷайҳун шаҳре бо номи Самарқанд ҳаст, ки онро Самарқанд нагӯед, балки шаҳри нигаҳбонишуда аз тарафи Худо гӯед». Гуфтаанд: «Эй Абуҳамза! Нигаҳбонӣ шудани он чӣ гуна аст?» Дар посух гуфт: «Пайғамбар (с) ба ман фармуд: «Шаҳре пушти дарё ҳаст, ки онро маҳфуза номанд. Дар ҳар дарвозаи он панҷ ҳазор фаришта нигаҳбон истодааст. Пушти он шаҳр боғе аз боғҳои биҳишт аст. Беруни ин шаҳр оби гуворо аст, ки ҳар кас аз он биошомад, оби биҳиштро хоҳад ошомид ва ҳар кас дар он шустушӯ кунад, гуноҳаш фурӯ хоҳад рехт, монанди рӯзе, ки аз модар зода шуда. Ҳар кас як шаб дар он парастиш кунад, шаст сол ибодати ӯ пазируфта хоҳад шуд ва ҳар кас, ки як рӯз дар он ҷо рӯза бигирад, гӯё ҳамаи рӯзгорро рӯзадор будааст ва ҳар кас мискинеро дар он ҷо таом диҳад, ҳеҷ гоҳ факр ба хонааш нахоҳад омад» [20, 506].

***Номвожаҳои ҷугрофии омехта (гибридӣ).***

Номи гибридӣ дар «Луғати тафсирии калимаҳои русӣ интернатсионалӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Номе, ки аз унсурҳои луғавӣ ва морфологии ду ва ё зиёда забонҳо иборат мебошад: топонимҳои – Каскозеро, Церковер, Капустмаа (ижор, «замин»), Секиз-Мурен (Ҳаштрӯд, калимаи аввал туркӣ, калимаи дувум муғулӣ)». Чунон ки аз намунаҳо мулоҳиза мешавад, унсурҳои алоҳидаи чунин топонимҳо дар забони русӣ ба сифати воҳидҳои маъмулӣ мафҳум нестанд. Ба ибораи дигар, номи гибридӣ ҳамон гуна номеро шуморидан лозим аст, ки як ва ё чанд унсури он дар таркиби луғавии забонӣ дар назар доштаşаванда мустаъмал фаҳмо набошад ва чунин топонимҳо бояд дар як гурӯҳ бо ҳамон қабати забоние омӯхта шаванд, ки ҷузъи асосии он ба ҳамон забон мутааллиқ аст.

Дар ташаккули топонимҳои асарҳои зикршуда топонимҳое нақш доранд, ки як ҷузъашон ба забони тоҷикӣ ва ҷузъи дигарашон ба забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ ва арабӣ мутаалиқанд. Ин гуна топонимҳоро топонимияи омехта номидан ба мақсад мувофиқ аст: Мисол, Қазалӣ, Оқмасҷид, Боботоғ, Азизобод.

Магар намебинӣ бо вуҷуди ин, ки ба ин тараф қадам ниҳодани аскарони русро ҳанӯз се сол пур нашудааст, бойҳои шофиркомии шумоён дар Қазалӣ ва Оқмасҷид барин марказҳои нави савдо ҷойгир шуда дар он ҷо аз тотор, қазоқ зан гирифтаанд (3, 91). Ин дара, чунон ки аз номаш маълум аст, аз назарҳо ниҳон буда, танҳо аз ду тарафаш: тарафи Сари Ҷӯй ва Боботоғӣ ду тангно намоён мешавад…» (1, 3).

БОБОТОҒ [BĀBĀTĀY] BOBOTOCH – қаторкӯҳ ва яке аз силсилаи кӯҳҳои пасти Ҷанубу Ғарби Тоҷикистон, ки дар канори қисмати ҷанубу ғарбии мамлакат воқеъ аст. Аз шаҳраки Ҳисор ба самти Ҷанубу Ғарб то 100 км тул кашидааст. Баландтарини нуқтаи он дар қисми шимолии кӯҳ воқеъ гардида, аз сатҳи баҳр 2225 м. баланд мебошад. Дар қисми ҷанубӣ 600 м-ро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати сохти геологӣ дар Боботоғ таҳнишастҳои давраи мезозой ва кайнозой бартарӣ доранд. Релефи ҳозираи Боботоғ ҷавон буда, ба ҳаракатҳои тектоникии охири неоген ва ибтидои давраи чорум вобаста мебошад. Мувофиқи маълумотҳо Боботоғ дар давоми камтар аз ним миллион сол ба миён омадааст. Сатҳи он ба суфакӯҳ шабоҳат дошта, иқлимаш континенталӣ мебошад [17, 18].

Дар ин миёна бемор шудани хоҳарамро, ки дар Азизобод афтода буд, шунидам ва аз арбоб пурсидам, ки ба ман панҷ танга диҳад, то ки рафта хоҳарамро дида оям, надод (4, 289).

Азизобод [Azizobod] – аз Азиз исми хос+обод пасванди макосоз, деҳае, ки Азиз ном шахс обод кардааст [5, 13].

Ҳамин тариқ, хусусияти номҳои ҷуғрофии омехтаро ба назар гирифта, муҳаққиқон ба гурӯҳи топонимҳои омехта чунин номҳоеро мешуморанд, ки аз унсурҳои луғавӣ ё сарфу наҳвии ду ва ё зиёда забонҳо, аз ҷумла номи дузабона иборат бошанд.

**АДАБИЁТ**

1 Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 461 с.
2 Айнӣ С. Куллиёт, Ҷ.12 / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти Ирфон, 1976. – 563 с.
3 Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 198 с.
4 Алимӣ Ҷ. Мавзеъномаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 2008. – 46 с.
5 Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 2015. – 420 с.
6 Аюбова М. Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Қубодиён (номҳои ашхоси) / М. Аюбова. – Душанбе: Эр-граф, 2013.– 192 с.
7 Ғафуров О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ / О. Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – 144 с.
8 Ғафуров О. Маънои ҳазору як ном / О. Ғафуров. – Душанбе, 1987. – 176 с.
9 Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёсуллуғот. Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 490 с.
10 Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёсуллуғот. Ҷ. 2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 480 с.
11 Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар / А. Девонақулов. – Душанбе:Ирфон, 1989. –224 с.
12 Денисов Е.П. Глиняная печать из Туп-Хоны (Дангаринский район)//ИАН Тадж СССР. ООН. 1974, № 2. – С. 50-55.
13 Додихудоев Р. Х. Памирская микротопонимия (исследованые и материалы). – Душанбе, 1975. – 165 с.
14 Додихудоев Р.Х. Термины материальной и духовной культуры в топонимии Памира //Вопросы памирской филологии. – Душанбе, 1985. – С. 108 –120.
15 Дӯстзода Ҳ., Шарипова Ш. Луғати мухтасари оронимҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 124 с.
16 Древнетюркской словарь (отв.ред. В. М. Наделяев и др.). – М.: Изд. АН СССР. Инст.языкознании. – 1969. – 676 с.
17 Жучкеевич В. А. Общая топонимика. – М., 1980. – 280 с.
18 Закариёи Қазвинӣ. Осору-л--билод ва ахбору-л-ибод. – Хуҷанд: Хуросон, 2018 – 684 с.
19 Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо / Ш. Исмоилов. – Душанбе,1994. – 28 с.
20 Исмоилов Ш. Топонимияи водии Рашти Тоҷикистон / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2019. – 508 с.
21 Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо / Ш. Исмоилов. – Душанбе,1994. – 28 с.
22 Исмоилов Ш. Топонимияи водии Рашти Тоҷикистон / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2019. – 508 с.


## ТОПОНИМҲОИ АСАРҲОИ УСТОД АЙНӢ АЗ ҶИҲАТИ МАЪНО


Дар мақолаи мазкур мавзуи топонимҳои асарҳои С. Айнӣ аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Топонимҳо низ дар таркиби луғавии забон, ба ҳамин гурӯҳ шомил буда, онҳо ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслии тоҷикӣ) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар ворид гардида) ҷудо карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** топонимҳо, номвожаҳои ҷуғрофӣ, номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, калимаҳои иқтибосӣ: арабӣ, муғулӣ, русӣю аврупоӣ.


## ТОПОНИМЫ ПРОИЗВЕДЕНИЯ АЙНИ ПО ЗНАЧЕНИЮ


В данной статье обсуждается тема топонимов произведения Айни по значению. Топонимы также входят в лексический состав языка, в эту же группу, они подразделяются на родные (таджикские оригиналы) и цитируемые (заимствованные из других языков) слова.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** топонимы, географические названия, названия географических мест, цитируемые слова: арабский, монгольский, русско-европейский.


## TOPONYMS OF THE WORK OF AYNI BY MEANING


This article discusses the topic of toponyms of Ayni's work by meaning. Toponyms are also included in the lexical composition of the language, in the same group, they are divided into native (Tajik originals) and quoted (borrowed from other languages) words.



**KEYWORDS:** toponyms, geographical names, names of geographical places, quoted words: Arabic, Mongolian, Russian-European.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Аламова Фасона –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **98-103-64-91.**

**Сведения об авторе:** ***Аламова Фасона*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **98-103-64-91.**

**Information about the author**: ***Alamova Fasona*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **98-103-64-91.**

## МАСНАВИИ “САЙР–УЛ–ИБОД”–И САНОӢ, СОХТОР МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ОН

***Мадаминов С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оид ба сохтори рисолаи «Сайр-ул-ибод-ил-ал-маъод» ва ё «Канз-ур-рамуз» донишманди маъруфи Эрон Бадеуззамони Фурӯзонфар баҳси ҷолиб намуда, менависад: «Ибтидои он луизест ба номи бод, ки бидуни таҳмид рисола бад-он шуруъ мешавад. Баъд сифати руҳи номӣ ва ҳайвонӣ ва ақли мустафод ва тамсили баъзе ахлоқи разила аст».

Бояд қайд намуд, ки дар миёни маснавиҳои Саноии Ғазнавӣ маснавии “Сайр–ул–ибод” мавқеи назаррас дорад. Мо, зимни баррасии мухтассоти шаклии маснавии мавриди назар нусхае, ки бо кӯшиши муҳаққиқ Нуралиева Мухлиса ба хатти криллӣ баргардон шудааст, истифода намудем. Дар нусхаи мавриди назар маснавӣ дорои 765 байт мебошад.

Вазни маснаии “Сайр–ул–ибод” хафифи мусаддаси махбуни аслам мебошад. Барои мисол ва нишон додани тақтеъ чанд байтро меоварем:

*Марҳабо, эй бариди султонваш,*
*Тахтат аз обу тоҷат аз оташ.*
*Оташ аз ту чу буссадин хирман,*
*Об бо ту чу зиммирин ҷавшан.*
Фоъилотун/мафоъилун/фаълун
–У– – / У–У– / – –

Дар ин вазн чаҳор навъи он дар арӯзу зарби абёт кор гирифта шудааст: – ~ (аслами мусаббағ), vv – (махбуни мақзуф), vv~ (махбуни мақсур), ки барои дарёфти қавофӣ мусоидат мекунад. Масалан, ба ҷойи зиҳофи аслам, зифҳои аслами мусаббаӣ истифода кардааст:

*Эй беҳ аз хоку хокро фаррош*
*В-эй ту аз обу обро нaққош.*
*Ҷунбиши ту чу марг бебок аст,*
*З-он ба ҳар хонае-т раҳ пок аст.*
Фоъилотун/мафоъилун/фаълон
–У– – / У–У– / – ~

Ҳамчунин, дар баъзан байтҳои дигар ба ҷойи зиҳофи аслам, зиҳофи махбуни маҳзуфро истифода кардааст:

*Аз ту пок аст ҷойи маскани гул,*
*Чун гиребони сарв домани гул.*
*Гаҳ ба нисён зи гул нигина кунӣ,*
*Гаҳ ба дай з-об обгина кунӣ.*
Фоъилотун/мафоъилун/фаъилун
–У– – / У–У– / У У –

Дар баъзан байтҳои дар тақтеи аввал ба ҷойи рукни солими баҳри рамал зиҳофи махбун низ истифода кардааст:

*Ҳама гамноктабъу хуррамдин,*
*Ҳама бисёрхору андакбин.*
*Ҳамаро ҳирсу ком озурдан,*

*Ҳамаро феъл хуфтану хурдан.*
Фаъилотун/мафоъилун/фаълун
**У У– – / У–У– / – –**

Доктор Муҳаммадризои Шафеи Кадканӣ дар китоби “Мусиқии шеър” доир ба назарияи қофия ва корбарии амалии он баҳс ба миён оварда, дар зерфасли “ Нақшҳои қофия дар сохтори шеър” 15 нақши он ё худ арзиши онро таъкид кардааст. Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки Саноӣ вазни арӯзиро дар маснавии худ мақсадноку лозимӣ истифода карда, ихтироoти шоироро низ дар доираи имконоти мавҷуда коргирӣ кардааст. Бо ин вазъ метавон гуфт, ки Саноӣ дар истифодаи вазни арӯзӣ маҳорати хоси худро дорад.

Қофия ва радиф низ яке аз орояҳои берунии шеър маҳсуб мeёбанд, ки истифодаи бомавриду дурусти онҳо метавон қолаби берунӣ ва сохти осори манзумро зебову дилнишин намояд. Аз ин лиҳоз истифодаи дурусту бомавриди қофияву радиф дар шеър яке аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи ҳар як эҷодкор мебошад.

Маснавии “Сайр-ул-ибод” дорои ҳам радиф ва ҳам қофия мебошад. Шоир дар баъзан байтҳо радифро истифода карда, дар базан байтҳо танҳо қофия истифода кардааст.

Барои баррасии қофия ва радифи маснавии “Сайр-ул-ибод” ва муайян намудани дигар афзорҳои бадеии он зикри чанд байти онро лозимӣ медонем:

*Марҳабо, эй бариди султонваш,*
*Тахтат аз обу тоҷат аз оташ.*
*Эй беҳ аз хоку хокро фаррош*
*В-эй ту аз обу обро наққош.*
*Эй ба ҳангоми хубиву зиштӣ,*
*Соиқи абру қоиди киштӣ.*
*Бо ту аз қуввати ҳаюлонӣ,*
*Ситаду доди руҳи ҳайвонӣ.*
*Оташ аз ту чу буссадин хирман,*
*Об бо ту чу зиммирин ҷавшан.*
*Мояи хушкиву қобили нам,*
*Падари Исииву маркаби Ҷам.*
*Богро ҳам ту пушту ҳам рӯйӣ,*
*Шохро ҳам ту доя, ҳам шӯйӣ.*
*Кунӣ аз ҷунбише, ки хоҳӣ ту,*
*Рӯйи дарё чу пушти моҳӣ ту.*
*Руҳро монӣ, арчи пастӣ ту,*
*Кас набинад турову ҳастӣ ту.*
*Ҷунбиши ту чу марг бебок аст,*
*З-он ба ҳар хонае-т раҳ пок аст.*

Дар маснавии “Сайр-ул-ибод”-и Ҳаким Саноӣ 266 байт дорои радиф ва боқии абёт дорои қофия бе истифодаи радиф мебошанд. Аксари радифҳое, ки дар маснавии мавриди назар мушоҳида шуд, калима буда, сохташон сода мебошанд. Бештари радифҳои истифоданамудаи Саноӣ феълҳои ёвари “аст, ӯст, туст, кард, шуд, буд” ва ғайра мебошанд. Чанд мисол:

*Муҳдасиву гуво ҷалолати туст,*
*Муҳдасӣ, ҳуҷҷат истиҳолати туст.*
*К-аввалин мояи таносул буд,*
*Ҷузвҳои банотро кул буд.*
*Оташе не, ки нотавонӣ аз ӯст,*
*Оташе, к-оби зиндагонӣ аз ӯст.*
*Хар найӣ, коҳдон чӣ хоҳӣ кард?*

*Саг найӣ, устухон чӣ хоҳӣ кард?*
*Аз наботӣ, малак тавонӣ шуд*
*В-аз замин бар фалак тавонӣ шуд.*

Ҳамчун радиф Саноии Ғазнавӣ дар маснавии "Сайр-ул-ибод" дар дувоздаҳ маврид ибораву таркибҳои "ман аст, бош бо ман ту, дар болош, чанг нашуд, ҳаме ту кунӣ, кӣ кунад, бар ту кунад, аст ӯ, ту шавад, чӣ кунӣ, эшон буд, худ карда" истифода кардааст:

*Ҳамаро қибла* ***ҳам бар эшон буд,***
*Ҳамаро дида* ***ҳам дар эшон буд****.*
*Асли худро фидои* ***худ карда****,*
*Хештанро ӣизои* ***худ карда****.*
*Дар сухан нарм* ***бош бо ман ту,***
*Дар сухан гарм* ***бош бо ман ту****.*
*Базл бе зиллате* ***ҳаме ту кунӣ,***
*Адл бе иллате* ***ҳаме ту кунӣ****.*
*Биниши хеш чуст* ***бар ту кунад,***
*Наҳв аъмо дуруст* ***бар ту кунад****.*

Калимаҳои дигаре, ки дар маснавии "Сайр-ул-ибод"-и Саноии Ғазнавӣ ҳамчун радиф мавриди истифода қарор гирифтаанд, вожаҳои **буданд, нояд, кунӣ, гул, маро, тӯйӣ, туст, шавӣ, занӣ, бошӣ, будан, зан, ман, кард, будам, найӣ, бувад, надошт, ӯст, ту, аст, нашавӣ, ҳама, вай, нест, шумо, сухан, бошӣ, шуд, кун, гардӣ, худаш, кардам, дар ӯ, шудӣ, будӣ, мекарданд, не, кардӣ, додӣ, рафтем, дорад, буданд, намонд, гардад, туро, ҳамекарданд, дидам, буд, набуд, на, карда, руст, ту, нест, нашавӣ, ҳама, вай, бираҳӣ, гашта, бошад, кун, шавад, омад, рост, орӣ, нест, шудаст, он аст, қавӣ, бурдем, кӣ кунад, кардем, зад, аст ӯ, шуда, маст, чӣ кунанд, накунад, тобӣ, дида, кард, ӯ, шудам, гаштам, омад, бошад, набувад, гардам, хат, турост, гардам, хеш, бояд, дидӣ, чиат, бувад, кунам, кунад, донам, бош, шавад, бояд, биниҳанд, асад, нараҳам, макун, намонд, наем, шумост, аст ӯ, зад, буд ӯ, нест, бувад, кард, кардаст, пок, кунад, гир, нех, бад, нашавӣ, ёбӣ, мабод, нашавӣ, кардам, шуд, нараҳад, шудам, шавад, буданд, яке, шавам** мебошанд.

Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пасоянди "ро" дар охири байтҳо ҳамчун радиф шинохта мешавад, агар ин фарзияро ба инобат гирем, пасоянди "ро" дар бисёр абёти ин маснавӣ ҳамчун радиф корбаст гардидааст. Аммо мо такя ба муҳаққиқоне, ки пасоянди "ро"–ро ҳамчун ҷузъи қофия медонанд, иттифоқи назар дорем ва маснавии мавриди назарро бе овардани радифи "-ро" гуфтан ба мақсад мувофиқ медонем. Сании Ғазнавӣ дар калимаҳои соҳибрадифи маснавии мавриди назар аз калимаҳои сода ва фаҳмо истифода кардааст.

Маснавии "Сайр-ул-ибод"-и Саноии Ғазнавӣ аз 31 қисмат ва ё фасл иборат мебошад, ки ҳар як фасл бо номҳои зерин унвонгузорӣ шудааст:

1. Оғози таркибу тартиби сурати инсони ва сифати руҳи номия;
2. Сифати руҳи хайвониву табиӣ ва нафс ва омезиши ақл дар вай;
3. Сифати нафси оқила ва ақли мустафод;
4. Сифати ҷавҳари хокӣ ва он чи натоиҷи ӯст;
5. Сифати хаёли тира ва сифати бухл;
6. Сифати сурати кина;
7. Сифати сурати тамаъ;
8. Сифати сурати бухл;
9. Сифати ҷавҳари об;
10. Дар сифати ҷавҳари бод ва он чи аз натоиҷи ӯст;
11. Сифати фалаки қамар;

12. Сифати сурати шаҳват ва натоиҷи ӯ ва қувои шаҳвонӣ;
13. Сифати сурати ҳирс;
14. Сифати Бирҷис;
15. Сифати оташ ва он чӣ аз ӯ зояд ва қуввати ғазабӣ;
16. Сифати сурати такаббур;
17. Сифати Баҳром ва Хуршед;
18. Сифати маротиби инсон;
19. Сифати арбоби тақлид;
20. Сифати тобеъиён;
21. Сифати содапарастон;
22. Сифати арбоби зан[н];
23. Сифати муроиён;
24. Сифати муъҷибон;
25. Сифати нафси куллӣ;
26. Сифати маротиби ақли куллӣ;
27. Сифати арбоби тавҳид;
28. Сифати соликони тариқат;
29. Сифати мутааббидони мунзавӣ;
30. Сифати аҳли ризову таслим;
31. Дар мадҳи Абулмафохир Сайфуддин Муҳаммад ибни Мансур - қозии Сарахс.

Саноӣ шоире ситезҷӯ бо норавоиҳои иҷтимоӣ ва бедоди ҳукком ва фармонравоён мебошад ва ҳамин нукта аст, ки шеъри ӯро дар радифи беҳтарин шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсии забон форсӣ дармеовард ва аз ин лиҳоз, метавон ӯро бузургтарин сароядаи «маснавиҳои ирфонӣ» дар таърих адабиёти классикии форсии тоҷикӣ донист.

### АДАБИЁТ


1. Баёнӣ, Алиқулӣ. Мантиқи ишқи ирфонӣ / Баёнӣ Алиқули Муҳандис. – Теҳрон, 1364. – 128 с.
2. Бертелс, Е.Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф / Е.Э. Бертелс : тарҷумаи Сируси Яздӣ. – Теҳрон : Амири Кабир, 1382. – 723 с.
3. Бройн, Т. Шеъри сӯфиёнаи форсӣ [Тарҷумаи Маҷдуддини Кайвонӣ] / Т. Бройн. – Теҳрон : Нашри марказ, 1378. – 189 с.
4. Дар боғи рӯшноӣ. Баргузидаи Ҳадиқат–ул–ҳақиқат. Интихоб ва тавзеҳи доктор Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Мирзо Солеҳов. – Душанбе : Ирфон, 2007. – 227 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон : Ориё, 1344. – 270 с.
6. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Дар иқлими рӯшноӣ. Тафсири чанд ғазал аз Ҳаким Саноии Ғазнавӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон : Огоҳ, 1373. – 299 с.
7. Мақсудов, Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ / Б. Мақсудов. – Душанбе : Пайванд, 2009. – 555 с.
8. Насриддин, А. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс–тоҷик / А. Насриддин : иборат аз ду ҷилд. Ҷилди якум. – Хуҷанд, 2000. – 252 10.
9. Саноӣ, Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам. Девон / Абулмаҷд Маҷдуд Саноӣ: бо саъй ва эҳтимоми М. Разавӣ. – Теҳрон: Саноӣ, 1354. – 1227 с.
10. Саноии Ғазнавӣ. Сайр-ул-ибод. Таҳия ва тавзеҳи Мухлиса Нуруллоева. –Хуҷанд: Ношир, 2023. 94 саҳ.


### МАСНАВИИ “САЙР–УЛ–ИБОД”–И САНОӢ, СОХТОР МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ОН


Дар мақолаи мазкур мавзуи сохто, мазмун ва муҳтавои маснавии «Сайр-ул-ибод» - и Саноӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки зимни баррасии мухтассоти шаклии маснавии мавриди назар нусхае, ки бо кӯшиши муҳаққиқ Нуралиева Мухлиса ба хатти кириллӣ баргардон шудааст, истифода намудем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** кӯшиш, маснавӣ, шакл, мазмун, хати кириллӣ.


### МАСНАВИ «САЙР-УЛ-ИБАД» САНАИ, ЕГО СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ


В данной статье рассматривается тема структуры и содержания «Сайр-ул-ибад» Санаи. Автор отмечает, что при рассмотрении конкретной формы рассматриваемой рукописи мы использовали копию, возвращенную к письменности на кириллица усилиями исследователя Нуралиевой Мухлисы.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** усилие, творчество, форма, содержание, кириллица.

## MASNAVI “SAIR-UL-IBAD” SANAI, ITS STRUCTURE AND CONTENT

This article deals with the topic of structure, content and content of Sana'i's Sair-ul-Ibad. The author notes that when considering the specific form of the manuscript in question, we used a copy returned to Cyrillic writing through the efforts of researcher Nuralieva Mukhlisa.

**KEYWORDS:** effort, creativity, form, content, Cyrillic.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мадаминов Сироятулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **006772869.**

**Сведения об авторе:** ***Мадаминов Сироятулло*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **006772869.**

**Information about the author:** ***Madaminov Siroyatullo*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **006772869.**

# КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИИ СИФАТ ДАР ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ

*Мансурова М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар забони тоҷикӣ, ба мисли баъзе забонҳои дигар, маъмултарин усули калимасозӣ калимасозии вандӣ (аффиксатсия) мебошад, ки калимаҳои зиёд бо ин роҳ сохта шуда, талаботи иртиботии соҳибзабононро қонеъ мегардонанд. Пӯшида нест, ки имкониятҳои калимасозии забон, пеш аз ҳама, дар адабиёти бадеӣ ҳам осори манзум ва ҳам осори мансур равшантар намоён мегарданд. Аз ин рӯ, баррасии усулҳои калимасозӣ дар осори шоирони классик метавонад вазъи таркиби луғавии забони тоҷикиро дар як давраи муайяни таърихӣ маълум созад.

Чунонки зикр гардид, калимасозӣ бо ёрии вандҳои калимасоз яке аз маъмултарин усули калимасозӣ маҳсуб меёбад. Дар забони тоҷикӣ бо ин усул, асосан, исм, сифат ва зарфу феъл сохта мешаванд. Тавассути калимасозӣ таркиби луғавии ҳар як забон бой ва мукаммал мегардад. Барои эҳтиёҷоти соҳибзабононро қонеъ намудан бо ёрии вандҳо калимаҳои нав офарида мешаванд. Ҳар як вожаи нав бозгӯйи ҳодисаву воқеаест, ки инро дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар забони тоҷикӣ сифатҳои нав бо роҳи иқтибос, маънои нав гирифтани калимаҳо, аз ҳиссаҳои дигари нутқ гузаштан ва ғайраҳо пайдо мешаванд. Бештарини сифатҳои забони тоҷикӣ калимаҳои аслии тоҷикӣ буда, баромадашон ба забони форсии бостон мерасад. Дар раванди инкишофи забон сифатҳои нав бо роҳи иқтибос аз забони арабӣ, маънои дигар гирифтани калимаҳо, аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба сифат гузаштан ва дигар роҳҳо зиёд шудаанд. Вале аз ҳама бештар бо роҳи калимасозӣ дар забонамон сифатҳои нав пайдо шудаанд. Дар калимасозии сифат тарзи морфологии калимасозӣ хели серистеъмолтарин маҳсуб мешавад. Сифат низ монанди исм ду тарзи асосии калимасозӣ дорад: а) аффиксатсия (ба воситаи вандҳо); б) калимаҳои мураккаб.

Сифат ҳам мисли исм роҳу тарзҳои муайяни калимасозӣ дорад. Сифатҳои сохта дар таркиби луғавии забои миқдори зиёди калимаҳоро дар бар мегиранд. Онҳо бо ёрии пасванду пешвандҳо аз дигар калимаҳо сохта шудаанд

Сайидои Насафӣ бо мақсади дақиқ ифода намудани матлаб тамоми роҳу усулҳои калимасозӣ ва воситаҳои калимасозро моҳирона истифода карда, калимаҳои нав офаридааст. Қайд кардан бомаврид аст, ки Сайидои Насафӣ ба сохтори калима ва мавқеи истифодаи он дар матн эътибори ҷиддӣ додааст.

Сайидои Насафӣ чун идомабахши шеъри тоҷик анъанаҳои калимасозии шуарои пешинро идома бахшида бошад ҳам, бо сабку салиқаи тоза ба он пирояи нав бахшидааст. Дар ашъори Сайидо вожаҳое ба назар мерасанд, ки дар ашъори шоирони пешина дида намешаванд ва ин вожаҳо сохтаи худи Сайидо аст, ки дар маъниофаринӣ ва эъҷоз ҷойгоҳи муҳимме доранд. Бинобар ин, гирдоварии чунин вожаҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Зарур аст, ки калимаҳои нодир ва сохтаи ҳар як шоири форсу тоҷикро гирдоварӣ намуд, то дар як фарҳанги бузург онҳоро мураттаб намуд.

Таъкидаш айни маврид аст, ки дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ ба корбурди дастаи калони калимаҳои сохта ва мураккаб хеле бисёр дучор мегардем. Кулли ин қабил вожаҳо тибқи қавонини калимасозии забони тоҷикист. Баъди ошноии хонанда ба чунин воҳидҳои луғавӣ тасаввуроташ доир ба заҳмати Сайидои Насафӣ дар сухану маъниофарӣ возеҳтар мегардад.

Агар кулли аносири луғавии ашъори Сайидоро аз назар гузаронем, мусаллам мегардад, ки онҳо ҳам аз ваҷҳи маъно, ҳам аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ва ҳам аз лиҳози қудрати калимасозиву хусусиятҳои сарфиву наҳвӣ манзараи таркиби луғавӣ ва сохтори грамматикии забони асри XVII-ро ба хубӣ инъикос кардаанд. Аз баррасии комили кулли

вижагиҳои луғавӣ, сарфу наҳви ғазалиёти шоир бо сабаби маҳдудии имконият худдорӣ намуда, танҳо ба баррасии як равиши калимасозии ғазалиёти ӯ – калимасозии вандӣ мепардозем.

Дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ пасвандҳое истифода шудаанд, ки ба таври умум дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ ҳастанд. Дар ин мақола мо бархе аз пасвандҳои калимасозе, ки дар калимасозии сифат ба кор рафтаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Ба ин тариқ, пасвандҳои калимасози зерин дар ғазалиёти шоир корбаст гардидаанд, ки таҳлилашон оварда мешавад:

**Пасванди –вор.** Ин пасванд дар калимасозии сифат ва зарф истифода мешавад. Ба кадом маънӣ кор бурда шудани он дар матн равшан ифода мегардад. Пасванди ***-вор*** аз исм сифати монандӣ, сифати нисбӣ ва зарф месозад. Дар аксарияти сарчашмаҳо ҳамчун пасванди сифатсоз ва зарфсоз зикр ёфтааст.

Дар ғазалиёти Сайидо пасванди **-вор** дар калимасозӣ фаъол аст. Аз рӯйи мавод гирдовардаи мо маълум шуд, ки пасванди ***-вор*** дар калимасозии исму сифат ба кор рафтааст.

Пасванди **-вор** дар сифатсозӣ серистеъмол буда, асосан, сифати монандӣ месозад. Ин пасванд бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, сифатҳое месозад, ки хислату рафтори шахс ва аломати ашёро мефаҳмонанд. Дар ғазалиёти шоир дар ин қолаб калимаҳои **сипандвор, ғунчавор, девонавор** сохта шудааст:

Ба калимаи **сипандвор:**

Шабе, ки аз дилам оҳи шарарфишон бархост,
**Сипандвор** ба таъзимаш осмон бархост.

Ба калимаи **ғунчавор:**

**Ғунчавор** афканд дар андешаи дуру дароз,
Ҷӯши савдояш сарамро боз вайрон карду рафт.

*****

Сайидо, сар дар гиребон бурда будам **ғунчавор**,
Чун насими субҳдам омад, суроғам карду рафт.

Ба калимаи **девонавор:**

Он парирӯ, Сайидо, то аз чаман ғоиб шуда-ст,
Бӯйи гул **девонавор** аз кӯчабоғам рафтааст.

Дар байтҳои боло шоир аз исмҳои **испанд, ғунча ва девона** сифати сифатҳои **сипандвор, ғунчавор** ва **девонавор** сохтааст. Ин калимаҳо ба ҳамин шакл дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба ҳамин маъноҳо мустаъмал мебошанд.

Дар байти дигар шоир аз исми ҷомеъи мардон ва пасванди -вор сифати мардонаворро сохтааст:

Об созад оташи ман заҳраи парвонаро,
Шамъро **мардонавор** аз анҷуман берун кунам.

Шоир дар ин қолаб аз калимаи меҳроб сифати **меҳробвор** сохтааст:

Аз тараддуд по ба доман мекашам **меҳробвор,**
Панҷае дар панҷаи аҳли таваккул мезанам.

Калимаи дигаре, ки шоир дар ин қолаб сохтааст, **бегонавор** мебошад:

**Бегонавор** гӯш ба ҳарфи касон манеҳ,

Берун зи худ ба ҳар сухани ошно марав!

Баъзе аз калимаҳое, ки шоир дар ғазалиёташ сохтааст, ба назари мо, сохтаи худи ӯст. Калимаи **хушгувор** аз ҷумлаи чунин вожаҳост.

Бе дарди сар нишот муяссар намешавад,
Дар соғари замона майи **хушгувор** ку?

Яке аз калимаҳои сохтаи худи шоир калимаи **чобуксавор** мебошад:

Мурассаъταркаше, **чобуксавор**е, қодирандозе,
Кавибозу камондоре, хадангалмоспайконе.

Дар байти зер низ калимаи **аъҷубвор** низ таровиши зеҳни худи шоир аст:

**Аъҷубвор** дар таҳи сандуқ ҷо шавӣ,
Айёри косапушт туро аз мусоҳибон.

Шоир аз исмҳои моддӣ низ ба воситаи илова намудани пасванди **-вор** сифатҳои нав сохтааст. Маслан, калимаи **суроҳивор** низ, ки дар байти зер омадааст, ба назари мо, сохтаи худи шоир аст:

Шаб, ки аз паймона май мерехтам аз баҳри зист,
Бе лаби лаълат **суроҳивор** чашмам хун гирист.

Баъзан мешавад, ки шоир аз исмҳои хос ва моддӣ низ сифат месозад. Маслан дар байтҳои зер исми хос – **Яъқуб** ва пасванид –**вор** сифтаи **яъҷубвор** сохтааст:

Баски мерезад зи чашмам хуни ҳасрат бар канор,
Дар сари мижгони ман чун шамъ бошад шуъладор,
Дар фироқи Юсуфи гулпераҳан **Яъқубвор,**
«Хушдилам, гар дидаи ман шуд сафед аз интизор,
Дар пайи дидори ҷонон дида ҳам номаҳрам аст!».

Ё ин ки дар байти зер калимаи **ғунчаворро** истифода кардааст, ки аз исми **ғунча** ва пасванди сифатсози **–вор** таркиб ёфтааст:

Вақфи дандони надомат шуд лаби ман **ғунчавор,**
Орзуи бӯса з-он кунҷи даҳан дорам ҳанӯз.

Яке аз пасвандҳои сифатсози дигар, ки дар адабиёти классики мо истифодаи васеъ дорад, пасванди **–манд** ба шумор меравад. Пасванди ***-манд*** дар забони форсии миёна гунаи ***mand*** ва ***omand***-ро дошта, муносибати сифатро ба шахс мефаҳмонд. Пасванди ***-манд*** дар калимасозӣ сермаҳсул буда, аз исмҳои маънӣ сифатҳои аслие месозад, ки ба аломат, хислат ва хосият доро будани ашёро ифода мекунад [3, 141-142].

Дар ғазалиёти Сайидо дар ин қолаб калимаҳои **дардманд, ҳоҷатманд ва ниёзманд, баҳраманд** сохта шудааст:

Зи бетобӣ гурезон аст ҷони **дардманди** мо,
Нишинад чорзону бар сари оташ сипанди мо.

Калимаи ҳунарманд низ аз исми ҳунар ва пасванди –манд сохта шудааст:

Ба ғайри меҳнату ғам нест қисмати Фарҳод,
Ҳамеша хуни ҷигар рӯзии **ҳунарманд** аст.

Калимаи **дардманд** аз исми маънии **дард** ва пасванди **-манд** сохта шудааст. Дардманд дар фаҳангҳо ба ду маънӣ тафсир шудааст: 1. Бемор, касал, ранҷур; 2. Аламнок, пурдард, ғамзада, гирифтори ғам. Дар байти зер дардманд ба маънии «ғамзада, гирифтори ғам» омадааст:

Ба ҳоли хастаи худ ин ҳама тағофул чист?
Фироқ зеру забар карда **дардманди** туро.

Калимаи **ҳоҷатманд** низ аз исми маънии орзу ва пасванди **-манд** сохта шуда, сифатро ифода мекунад. Калимаи **ҳоҷатманд** ба маънии «хоҳишманд, талабгор» ба кор рафтааст:

Қадри **ҳоҷатмандро** муҳтоҷ медонад, ки чист,
Гӯш ҳамчун ҳалка бар овози дар бошад маро.
Дар байти дигар калимаи баҳраманд истифода шудааст:
Чун гул аз тарфи мазорат чун нагардам **баҳраманд,**
Ғунчаи худро ба боғи дилкушо овардаам.

Шори дар байтҳои зер ба воситаи пасванди **-манд** калимаҳои **ҳоҷатманд** ва **ниёзманд** сохтааст, ки ҳар ду дорои маънои «муҳтоҷ» аст:

Бар дари ёр агар афзун накунад нолаи зор,
Чӣ кунад толиби дидор, ки **ҳоҷатманд** аст.

**Пасванди –сор.** Ин пасванд каммаҳсул буда, он исми макон ва фаровонӣ месозад [3, 115]. Пасванди ***-сор*** дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ дар калимасозии исм ва сифат ба кор рафтааст. Шоир бо ин пасванд калимаҳои **рухсор**, **шармсор**, **сангсор** ва **чашмасор**ро сохтааст:

Ба калимаи р**ухсор**:

Ба гулшан чун барафрӯзад зи май **рухсори** чун гулро,
Кунад фаввораи хун ғунчаи минқори булбулро.
****
**Рухсори** худ дареғ мадор аз нигоҳи мо,
Аз боғ мева кам ба тамошо намешавад.

Ба калимаи **шармсор:**

Бувад кори ту, ё Раб, дар ду олам парда пушидан,
Макун маҳҷуб он чову магардон **шармсор** ин ҷо.
****
Ба пойи сарву гул аз лутфи сайрат
Ҳанӯз оби равон дар **шармсорист**.

Пасванди **-сор** бо исми **санг** омада, исми амал сохтааст. Калимаи ***сангсор*** дар фарҳангҳо ба ду маънӣ омадааст: 1. *сангандозӣ, сангпартоӣ. 2. як тарзи ҷазо, ки гунаҳкорро то миён ба замин гӯр карда, аз ҳар сӯ ҷониби ӯ санг меандохтанд:*

Ай, ки манзури назарҳо гаштаӣ, андеша кун,
Мекунад зангор рӯзе **сангсор** ойинаро.

Шоир аз исми мушаххас ва маънӣ исми макон ва фаровонӣ сохтааст:

Ба **чашмасори** Хизир панчааш занад силӣ
Касе, ки сохт кафи даст ошнои кадаҳ.

Калимаи дигар **лоларухсорон** мебошад, ки шоир дар байти зер меорад:

Тоби ишки **лоларухсорон** надорам беш аз ин,
Рузии оташ макун, ё Раб, хасу хори маро.

Аз таҳқиқи пасвандҳои сифатсози ашъори Сайидо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ашъори ӯ аксари пасвандҳои пурмаҳсули сифатсоз, ки имрӯз низ дар забонамон корбурди фаровон доранд, истифода кардааст.

**АДАБИЁТ**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 198В.-қисми I: Фонетика, Морфология. - 356 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. -Душанбе: Маориф, 1973. -Қисми I: Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. -464 с.
3. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2./ Муҳаммад Ғиёсуддин. -Душанбе: Адиб, 1988. -416с.
4. Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод, 1954. - В0 с.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1972.-78с.
6. Саймиддинов Д. Вожасозии забони форсии миёна./ Д Саймиддинов -Душанбе: 2001, -310 с.
7. А. Насафӣ Сайидо. Куллиёт. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 584 с.
8. Б. Насафӣ Сайидо. Девон. – Душанбе: Адиб, 2017. 480 с.



**КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИИ СИФАТ ДАР ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЙИДОИ НАСАФӢ**

Муаллифи мақола пасвандҳои калимасози сифатро дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ таҳлил намудааст. Дар ғазалиёти Сайидои Насафӣ калимасозии сифат тавассути пасвандҳо аз равишҳои маъмул маҳсуб мешавад. Шоир бо пасвандҳои **-вор, -манд** ва **-сор** сифатҳои зиёд сохтааст. Пасванди **–вор** дар ғазалиёти шоир фаъол буда, шоир бо ин калимаҳои наверо сохтааст, ки дар осори шоирони пеш аз ӯ дида намешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сифат, шоир, равиш, осор, исм, калима.



**СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СУФФИКСОВ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ГАЗЕЛЯХ САЙИДО НАСАФИ**

Автор статьи проанализировал окончания прилагательных в газелях Сайидо Насафи. В газелях Сайидо Насафи одним из распространенных подходов является формулировка прилагательных через суффиксы. Поэт создал множество прилагательных с окончаниями **-вор, -манд** и **-сор**. Суффикс **-вор** активен в поэзии поэта, и с его помощью поэт создал новые слова, которых нельзя увидеть в произведениях поэтов до него.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** прилагательное, поэт, подход, произведение, существительное, слово.



**WORD FORMATION OF SUFFIXES OF ADJECTIVES IN** ghazals **OF SAYIDO NASAFI**

The author of the article analyzed the endings of adjectives in the ghazals of Sayido Nasafi. In Sayido Nasafi's ghazals, one common approach is to formulate adjectives through suffixes. The poet created many adjectives with the endings -vor, -mand and sor. The suffix -thief is active in the poet’s poetry, and with its help the poet created new words that cannot be seen in the works of poets before him.



**KEYWORDS:** adjective, poet, approach, work, noun, word.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мансурова Манижа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **006772869.**

**Сведения об авторе:** ***Мансурова Манижа*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **006772869.**

**Information about the author:** ***Mansurova Manizha*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **006772869.**

# ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБАИ МУАЙЯНШАХС ДАР РОМАНИ “ДУХТАРИ ОТАШ”-И ҶАЛОЛ ИКРОМ

*Бобишоева С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташаккулу густариши забони адабӣ ва тағйирот, махсусан, дар таркиби луғавии он ба ҳаёти иҷтимоӣ, моддӣ, сиёсӣ ва таърихии ҳар як миллату халқият вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ тадқиқу таҳлил ва омӯзиши забони адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ барои муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии забони адабии асрҳои гуногун ёрии калон мерасонад.

Омӯзиш ва баррасии осори мансур таҳлили ҳамаҷонибаи ҷузвҳои он аз нигоҳи забоншиносӣ, нишон додани ғановати забони адибони муосир кори бисёр муҳим аст. Таҳқиқи осори классикии ҳар як асру давр дар муайян намудани воситаҳои лексикӣ ва грамматикии забони адабӣ, равшан кардани тараққиёти он нақши муҳим мебозад.

Синтаксис калимаи юнонӣ буда, маънои тартиб додан, бунёд намудан ва ё сохтро дорад. Ин калимаҳо ба вазифаи синтаксис чун як қисмати грамматика мувофиқат мекунанд, зеро синтаксис чун илми мустақилу ҷудогона доир ба ҷумла ва ибора, роҳу воситаҳои ташаккули ин воҳидҳои забон маълумот медиҳад. Калимаи арабии наҳв бо синтаксис муродиф буда, дар забоншиносӣ ба ҳамин вазифа истифода мешавад. Синтаксис бо тамоми қисматҳои дигари забоншиносӣ аз қабили морфология, лесикология, фонетикаву услубшиносӣ алоқаи зич дорад. Алоқаи зичи синтаксисро бо морфология махсус қайд кардан лозим аст, зеро онҳо дар якҷоягӣ грамматикаро ташкил медиҳанд.

Синтаксис қисмати муҳимми забон буда, ҳама гуна фикр бо ёрии воҳидҳои он ифода мегардад. Ба воҳидҳои асосии синтаксис ибора, ҷумлаҳои сода ва мураккаб дохил мешаванд. Синтаксис сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои онҳо воситаҳои грамматикии муносибати байни ҷузъҳо ва инчунин хелҳои ибораву ҷумларо меомӯзад.

Аз Юнони қадим сар карда дар маркази баҳси синтаксис ҷумла меистад. Ҷумларо олимон ба таври гуногун маънидод ва шарҳ додаанд. Аз он давра то нимаи дуюми асри Х1Х бо ҳам омехта кардани сохти грамматикии забон ва сохти мантиқии тафаккур мушоҳида мешавад. Тарафдорони ҷараёни мантиқӣ дар забоншиносӣ ҷумларо бо муҳокима як мешуморанд. Ба ақидаи онҳо, ҷумла ин фикрест, ки бо калимаҳо ифода гардидааст. Азбаски ҷумла айнияти муҳокима мебошад, он дар ҳамаи забонҳо як хел аст, яъне шакли мантиқии муҳокима ё шакли фикр бо шакли грамматика пурра мувофиқат мекунад. Субъекти мантиқӣ бо мубтадо ва предикати мантиқӣ бо хабар пурра мувофиқат мекунад.

Масъалаҳои омӯзиши ҷумлаҳои сода васеъ ва доманфарох аст. Ҷумлаҳои сода шохаю зершохаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки ҳар яки онҳо дорои категорияҳои махсусанд. Яке аз зершохаҳои ҷумлаи сода ҷумлаи содаи яктаркиба аст.

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба гуфта, ҷумлаҳоеро меноманд, ки дар он аз сараъзоҳо – мубтадову хабар, танҳо яке иштирок дорад. Онҳо ҷумлаҳои табиии забон буда, ҳам дар шакли холис ва ҳам дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби гуногун дучор мешаванд. Зикр нагардидани сараъзои дуюм ба ифодаи пурраи фикр монеъ намешавад. Ҷумлаҳои мазкур дар шакли хуллас, яъне танҳо ҳамон аъзои ягона ва ҳам тафсилӣ дучор мешаванд.

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ ва ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ.

Ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс ва бешахс мешаванд. Барои он феълӣ меноманд, ки аз сараъзоҳо танҳо хабар иштирок дорад ва ин сараъзои ягона онҳоро, аз як тараф, ба як гурӯҳ муттаҳид мекунад ва аз тарафи дигар, аз ҳамдигар фарқ мекунонад.

Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсро ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибае, ки мубтадо надоранд, дохил мекунанд, аммо инро низ бояд қайд кард, ки аз онҳо ба куллӣ фарқ менамоянд, чунки дар ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс аз таркиби хабари ҷумла иҷрокунандаи амал, яъне фоилро ёфтан душвор нест. Маъмулан хабарҳои ин навъи ҷумлаҳо ба шахси якум ва дуюм далолат мекунанд. Устод Норматов оид ба ин ҷумлаҳо чунин қайд кардаанд: «Ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс ҳаракат ва амалиёти иштирокчиёни бевоситаи нутқ-гӯянда ва шунавандаро ифода мекунад, ки аз ин рӯ, мубтадои ин гуна ҷумлаҳо танҳо ҷонишинҳои шахсии ман, ту, мо ва шумо шуданашон мумкин аст. Ягон калимаи дигарро мубтадои ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс тасаввур кардан мумкин нест>> [ 9;174].

Нақши бандакҳои феълию хабарӣ дар сохтани ин навъи ҷумлаҳо хеле калон аст. Аз рӯйи он муайяну мушаххас намудани фоили ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс имконпазир мегардад. Деҳқонӣ, боғдорӣ, молпарвариро медонам. (саҳ. 9) Холаҷон, кадом бибихалифаро гӯем? (саҳ. 11) Духтарамро ёфта медиҳӣ! (саҳ. 37) Духтарчаи бечораро маъюс накунед. (саҳ. 131) Ҳар дуяшонро ба ҳамом фиристодам (саҳ. 393).

Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс аз рӯйи хабари ҷумла ва ифодаи он муайян карда мешавад:

1. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс метавонанд дар тамоми шаклу намудҳои сиғаи хабарӣ дар ҳамаи замонҳои феъл омада бошад: -Он тавр духтарро аз куҷо меёбем? (саҳ. 210). Камтар истода арзи маро шунавед! (саҳ. 437) Лекин ба арзам гӯш диҳед. (саҳ. 437)

2. Чи хеле ки маълум аст, сиғаи амрӣ ба шахси дуюм далолат карда, он дар ҳарду шумора, яъне танҳо ва ҷамъ метавонад. Мавқеи амр дар ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс хело зиёд аст. Онҳо ифодакунандаи таъкид, мурочиат, водоркунӣ, амру фармон ё хоҳишанд: -Шӯхиро ман, масхарабоз (саҳ. 54). Наход, ки аз ман мулоҳиза мекунӣ?! (саҳ. 98) -Набошад зудтар баред. (саҳ. 233)

3. Агар дар ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс хабар бо сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ омада бошад, он гоҳ ҷумла маънои майлу хоҳишро ифода мекунад. Кошкӣ ӯро хонадомод мекардам! (саҳ. 109) Дар дунё ҳаққу ҳақиқат нест мегӯӣ? (саҳ. 380) (Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ»).

4. Яке аз сиғаҳои феъл ин сиғаи эҳтимолӣ аст, ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар ин сиға омада метавонад. — Албатта дар бораи Фирӯза хабар кашидагистӣ (саҳ. 217). Эҳтимол мулоҳиза кардагистӣ? (саҳ.221). Аз Пушкин дуздидагистӣ? (саҳ. 268).

5. Хабари ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс дар баробари феълӣ буданашон, инчунин боз номӣ ҳам шуда метавонанд. Ба вазифаи хабарҳои номӣ исму сифат меоянд. Дар ин навъи ҷумлаҳо шахсу шумора ба воситаи бандакҳои хабарӣ ва ё феълҳои ёридиҳанда ифода меёбад: -Холаҷон, фалон қадар одам хабар кардем (саҳ. 95). - Лекин ин дафъа ҳам лозим нашуда мондӣ! (саҳ. 126). Майлаш аз сар бозӣ мекунем (саҳ. 52).

Дар ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс зикри мубтадо шартӣ набуда, иҷрокунандаи амалро аз таркиби хабари ҷумла ёфтан мумкин аст.

Аз рӯйи оҳанг ва ифодаи марому мақсад ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсро ба ҳикоягӣ, амрӣ, саволӣ ва хитобӣ ҷудо мекунанд. Категорияи замон бошад дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо хело пурпечутоб ва аҳаммиятпазир аст. Оид ба ин мавзуъ дар боби дуюм муфассалтар маълумот медиҳем.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки ҷумлаҳои содаи яктаркибаи таркибаи муайяншахс яке аз қисматҳои муҳимми таркиби синтаксис мебошад ва аз ҳар нигоҳе дар мисоли осори мансури адибони муосир қобили мулоҳиза, баррасӣ ва пажуҳиш мебошад.

Дар таркиби романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ мавқеи ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс хело калон буда, зимни баррасӣ муайн намудем, ки ин қисмати ҷумласозии романи мавриди назар қобили мулоҳиза мебошад. Албатта дар таркиби ин асари гаронарзиш мавқеи дигар гурӯҳи ҷумлаҳо низ назаррас мебошанд, аммо дар ин баррасӣ ҳадафи мо танҳо таҳлил ва баррасии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ.2. Синтаксис барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна. –Сталинобод, 1955. -140 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ч.2-3. Душанбе: Дониш, 1986 ва 1989. – 372 ва 224 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Ирфон, 1970. 268 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ.2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ.- Душанбе: Маориф,1995.- 294с
5. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2010.
6. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Наҳв. Қ.2 / М. Набиев. -Душанбе: Маориф, 1992.- 176 с.
7. Норматов М., Рашидов Ш. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба / М. Норматов, Ш. Рашидов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
8. Норматов М. Таҳлили синтаксисӣ ва навъҳои он (Дастури таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва муаллимони забон ва адабиёти мактабҳои таҳсилоти умумӣ). – Душанбе: Матбуот, 2008. – 148 с.
9. Норматов М. Забони адабии ҳозираи тоҷик (синтаксис) / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011, -230 с.
10. Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ. –Душанбе: Адиб, 2009. –563 с.



**ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБАИ МУАЙЯНШАХС ДАР РОМАНИ “ДУХТАРИ ОТАШ”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ**

Дар мақолаи мазкур яке аз мавзуъҳои асосии синтаксис ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар романи "Духтари оташ "-и Ҷалол Икромӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф мавзуъҳои асосии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсро мавриди мутолиа қарор дода, ба чунин натиҷа расидааст, ки чунин анвои ҷумлаҳо аз рӯйи сохту таркиб ва оҳанги гуфтор гуногуншоха буда, нависанда ин гуна ҷумлаҳоро бо тамоми паҳлӯҳои сохторию оҳангнокӣ дар роман бо маҳорати баланди суханпардозӣ истифода бурдааст.


**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс, сохту таркиб, оҳанги гуфтор.



**ПРОСТОЕ ОДНОСОСТАВНОЕ ОПРЕДЕЛЕННО-ЛИЧНОЕ ПРЕДЛОЖЕНИЕ В РОМАНЕ «ДУХТАРИ ОТАШ» ДЖАЛАЛА ИКРОМИ**

В данной статье рассматривается одна из основных тем синтаксиса простое односоставное определенно-личное предложение в романе Джалала Икроми «Духтари оташ». Автор изучил основные темы простых односоставных определенно-личных предложений и пришел к выводу, что такие предложения разнообразны по строению, составу и тону речи, а такие предложения писатель использовал со всеми аспектами строения и тона в романе с прекрасными риторическими способностями.


**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** простые односоставные определенно-личные предложения, структура и композиция, тон речи.



**SIMPLE ONE-SITE DEFINITE-PERSONAL SENTENCE IN THE NOVEL “DUKHTARI OTASH” BY JALAL IKROMI**

This article examines one of the main themes of syntax, a simple one-part definite-personal sentence in Jalal Ikromi’s novel “Dukhtari Otash”. The author studied the main themes of simple one-part definite personal sentences and came to the conclusion that such sentences are varied in structure, composition and tone of speech, and the writer used such sentences with all aspects of structure and tone in the novel with excellent rhetorical abilities.


**KEYWORDS:** simple one-part definitely personal sentences, structure and composition, tone of speech.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобишоева Субҳиноз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюмифакултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Бобишоева Субхиноз*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Bobishoeva Subhinoz*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ОСОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Қодириён А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забон яке аз василаҳои асосии таҳкими ваҳдату ягонагии миллатҳои дунё ба шумор рафта, он ҳамчун нишонаи асосии миллат яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ дар асоси ваҳдат, ягонагӣ ва умумияти миллист. Маҳз ҳамин далел собит месозад, ки вақте давлатҳои хурду бузург пайдо мешавад, пеш аз ҳама барои устувор сохтани пояҳои давлатдории худ аз унсурҳои бегона сарфи назар карда, тадриҷан рӯ ба асолати дохилии миллӣ оварда, фарҳанги худро бою ғанӣ гардонида, робитаҳои дипломатии худро бо кишварҳои хурду бузург мустаҳакам мегардонанд. Аз ин ҷост, ки мамлакати сулҳпарвар ва тозаистиқлоли мо мавқеи хос ва сиёсати сулҳҷӯёнаи худро байни мамлакатҳои ҷаҳон ишғол намуда, қариб бо ҳама мамлакатҳои хурду бузург робитаи мустаҳками дипломативу ҳамкории гуногунҷанба дорад. Албата, барои робита ва ҳамкорӣ бо давлатҳои гуногуни ҷаҳон, пеш аз ҳама, донистани фарҳанг, урфу одат ва мавқеи ҷуғрофии онҳо басо муҳим аст. Инчунин забон, ки бахше аз фарҳанг мебошад, ҷузъи асосӣ барои робитаҳои гуногуни дипломатӣ ва ҷаҳонишавӣ мебошад. Инчунин, пас аз эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарту шароит ба куллӣ дигаргун гардид. Тоҷикистон равобити байналмилалиро бо бисёр давлатҳо барқарор намуд. Инчунин, забони тозаю шоиронаи тоҷикӣ то ҷое тавонистааст, ки мақому манзалати худро дар байни дигар забонҳо пайдо намояд. Чуноне ки таърих худ шоҳиди давлатдории Сосониён, Сомониён ва дигар давлатдории Сулолаҳо дар Осиёи Миёна аст, гуфтан ба маврид аст, ки забони мо на танҳо забони шеъру шоирӣ, балки забони ҳукмрон ва дарбор будааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама суханрониҳояш омӯзиши забонҳои модарӣ ва хориҷиро муҳим ва аввалиндараҷа дониста, дар китоби хеш Эмомали Раҳмон “Забони миллат- ҳастии миллат” чунин ибрози андеша намудааст: “Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад” [3.10]. Инчунин, Сарвари кишвар борҳо таъкид менамояд, ки омӯзиши забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ дар ҳама муассисаҳои таълимӣ васеъ ба роҳ монда шавад.

Истилоҳи “дипломатия”, тавре ки маълум аст, бори аввал соли 1645 дар Британия Кабир истифода шуда буд, баъдан ташаккул ёфтааст. Дипломатияи тоҷик таърихи хеле қадимтар аз онро дорад, ки дар сарчашмаҳои илмӣ, таърихӣ зикр гардидааст. Бо назардошти он ки пайдоиши дипломатия ба сифати “илм дар бораи муносибатҳои мутақобилаи давлатмардон ва давлатҳо” (В.И.Дал) ба пайдоиши давлату давлатдорӣ вобастагӣ дорад ва таърихшиносон пайдоиши нахустин давлатҳоро дар сарзамини мо дар асрҳои IX-VII пеш аз мелод нисбат медиҳанд, метавон гуфт, ки дипломатияи тоҷик таърихи беш аз 3000 соларо соҳиб мебошад.

Дар хусуси он ки дипломатияи тоҷик, дарвоқеъ, таърихи қадим дошта, дар гузашта хеле инкишоф ёфта буд, санади муътамади дигар он аст, ки дар байни девонҳои (вазоратхонаҳои) маъмули давлати Сосониён девони махсусе бо номи “Девони амидулмулк ё расоил ва иншо” буд, ки ба муносибатҳои дипломатӣ ва мукотиботи муҳимми давлатӣ машғул буд.

Яке аз муҳимтарин марҳилаҳои инкишофи дипломатияи муосири тоҷик, табиист, ки давраи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва аз марҳилаҳои пешин ба куллӣ фарқ мекунад [5, с.4]. Мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи хеш баъзе андешаҳои хешро дар мавриди истилоҳоти дипломатӣ баён намоем. Масъалаи истилоҳоти дипломатӣ дар забоншиносии тоҷик ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ объекти омӯзиши вижаи забоншиносон нагардидааст. Бояд гуфт, ки омӯзиши лексика ва истилоҳоти дипломатӣ барои ҷанбаҳои забоншиносӣ муҳим аст. Тавре

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки кишвари мо дар сиёсати хориҷии бисёрҷанбавӣ – “**Сиёсати дарҳои боз**”-ро пеш мебарад, бо тамоми давлатҳои дигар дар шароити баробар ҳамкорӣ мекунад. Имрӯз омӯхтани тамоми нозукиҳои забони дипломатӣ, ба хусус низоми истилоҳоти дипломатӣ ба забонҳои гуногун бо назардошти таҷриба ва шохабандии хадамоти дипломатии кишварҳои пешрафта вазифаи аввалиндараҷаи илми забоншиносӣ мебошад.

Донишмандони гуногуни соҳаи забоншиносӣ сарчашмаи пайдоиш ва мазмуну мафҳумҳои “**истилоҳ**” ва “**истилоҳшиносӣ**” (термин ва термнология), ё ин ки “**истилоҳнигорӣ**”-ро бо шаклҳои зайл шарҳ дода, пешниҳоди хонанда мегардонанд. Истилоҳ (термин) вожаи лотинии “**terminus**” буда, маънои “**маҳдудият**”, “**ниҳоӣ**”, “**сарҳад**” ва “**худмуайянкунӣ**”-ро дорад ва дар асоси соҳаи муайяни касбӣ қабул карда шудааст ва дар шароити махсус истифода мешавад. Истилоҳот калимаҳое ба шумор меравand, ки мафҳумҳои соҳаи муайяни донишҳои касбиро дар бар мегиранд. Истилоҳ ҳамчун маҷмуи истилоҳот бахши алоҳидаи ҳама гуна забони миллӣ мебошад, ки бо фаъолияти касбӣ алоқамандии зич дорад. Истилоҳоти ҳар як соҳаи илм, техника, технология, истеҳсолот системаҳои муайяни худро ташкил мекунанд, ки пеш аз ҳама, аз ҷониби робитаҳои консептуалии донишҳои касбӣ бо майли баён кардани ин робита тавассути забон муайян карда мешаванд [2, с.365].

Истилоҳ узви системаи таҳлилии истилоҳшиносии вобаста ба соҳаи илм ва истеҳсолот мебошад ва мундариҷаи консептуалии он дар асоси система муайян карда мешавад. Ҳар як истилоҳ муайянкунандаи таърифи худ (таърифи дақиқ) бо як қатор шартҳои дигар дар ҳамон соҳа мебошад.

Истилоҳот аз калимаҳои маъмул бо чунин хусусияҳои худ фарқ мекунад: Одатан дар дохили майдони истилоҳоти худ якранганд; як калима метавонад истилоҳи соҳаҳои гуногуни дониш бошад, аммо ин полисемия ба шумор нарафта, балки омонимия аст (масалан, истилоҳи мавҷ дар радиотехника ва оптика). Истилоҳот ба луғоти умумӣ низ мухолифанд, зеро онҳо бо мафҳуми муайяни илмӣ алоқаманд буда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаҳмиши назариявии онҳоро инъикос мекунанд [1, с.7].

Доир ба истилоҳот ва хусусиятҳои умдатарини он муҳаққиқону забоншиносон С. Айнӣ, Т. Зеҳнӣ, Я.И. Калонтаров, Н. Маъсумӣ, Р. Ғафуров, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, М. Шакурӣ, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, Б. Камолиддинов, Мирзоҳасани Султон, А. Шафоатов ва дигарон ибрози андеша намуда, дар пешрафти илми истилоҳотгузинӣ ва ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ саҳми босазое гузоштаанд.

Ҳадафи мо атрофи истилоҳоти дипломатӣ ин таҳлилу баррасии якчанд истилоҳотӣ дипломатӣ дар асарҳои Пешвои Миллат мебошад. Чуноне ки шумо медонед, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди 1000 сол соҳиби давлати миллӣ гардид ва бо кишварҳои зиёде аз дунё равобити дипломатӣ барқарор намудааст. Дар бисёр вохӯриҳо, мулоқотҳо ва баромадҳои Пешвои Миллат истилоҳоти дипломатӣ садо медиҳанд. Месазад, ки муҳаққиқони мо дар атрофи истилоҳоти дипломатӣ пажӯҳишҳо анҷом диҳанд. Мо дар ин самт хостем як пажӯҳиши кӯчакеро анҷом диҳем. Акнун мепардозем ба таҳқиқи баъзе истилоҳоти дипломатӣ дар асарҳои Пешвои Миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳанӯз дар яке аз мурoҷиатномаҳои нахустини худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- **Пешвои Миллат**, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи сиёсии мамлакат дар он рӯзҳо иҷрои вазифаҳои зеринро дар навбати аввал гузошта буд: дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ ва таъмини кори пурмасъулияти онҳо; барқарор намудани сохтори мақомоти амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқ дар маҳалҳо ва барои онҳо дар иҷрои вазифаи худ фароҳам овардани шароити мусоид.

In one of his first addresses, the Founder of Peace and National Unity – **Leader of the Nation**, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, depending on the political situation in the country, considered in those days the following tasks to be top priority: restoration of power and governing bodies in all parts of Tajikistan ensuring their effective activity; the revival of law

enforcement structures on the ground and the creation of favorable conditions for the fulfillment of their tasks.

Дар ин ҷо калимаи Пешвои Миллат омадааст, ки ин калима ҳамчун як унвон ба Президенти мамлакат дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1992 ҳамчун иштирокчии **Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо** ва аз 2 марти ҳамин сол ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуда буд.

It should be noted that on February 26, 1992, Tajikistan was accepted as a member of the **Organization for Security and Cooperation in Europe**, and on March 2 of the same year it was granted membership in the United Nations [4, 132].

Калимаи **Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо** ин як созмони байналмилалие мебошад, ки имрӯз дар дунё амал мекунад.

**СММ** дар аввали соли 1993 Намояндагии худро дар Душанбе таъсис дод, Фиристодаи вижаи **Дабири кулли СММ** оид ба Тоҷикистон таъин гардид.

In early 1993, the **United Nations** established its Office in Dushanbe and appointed a special envoy of the **UN Security-General** for Tajikistan [4,135]. Марҳилаи аввали татбиқи муваффақона ин стратегияи фарогир дар муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ дурустии онро пурра собит сохт. Минбаъд он бемайлон такмил ёфта, дар маҷмуъ асоси консепсияи сиёсати “**дарҳои боз**”-ро, ки соли 2002 аз тарафи Пешвои миллат эълом шуд, ташкил дод.

The first stage of the successful implementation of this universal strategy has fully proved its correctness in the international relations of the republic. In the future, steadily improving, it as a whole formed the basis for the concept of the “**open door**” policy announced by the Leader of the Nation in 2002 [4, 136].

Соли 2016 бо пешниҳоди Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун ва Президенти **Бонки ҷаҳонӣ** Ҷим Ёнг Ким Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба узвияти Панели сатҳи баланд роҷеъ ба об" интихоб ва пазируфта шуд.

In 2016, the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon was elected and edmitted to the membership of the High-Level Panel on Water at the suggestion of the United Nations Secretary-General Ban Ki-moon and **World Bank** President Jim Yong Kim [4, 140].

Соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони олии фарҳангию сиёсии ҷомеаи Аврупо - Пешвои асри XXI сарфароз гардид. Ба Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Президенти **Шурои Аврупо** оид ба робитаҳои байналмилалӣ Антон Караҷа тақдим карда шуд.

In 2011, the **European Council** on International Relations bestowed the Leader of XXI Century Award in the field of culture and politics upon the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. The award was presented to the President of Tajikistan Emomali Rahmon by the President of the European Council on International Relations Anton Caragea [4, 143].

Дар давоми солҳои 1993-2016 дар қаламрави **Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил** ва кишварҳои дури хориҷӣ марказҳои фарҳангии тоҷикону форсизабонон таъсис ёфтанд.

For the period 1993-2016, the cultural centers of the Tajiks and Persian-speaking peoples were established in the countries of the **Commonwealth of Independent States** and far around. [4, 146].

Муносибати Тоҷикистон бо Арманистон бештар дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, пеш аз ҳама **ИДМ**, **СААД** ва **Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё** сурат мегиранд, вале робитаҳои дуҷониба низ дар асоси заминаи қарордодӣ-ҳуқуқӣ, ки зимни сафари расмии Президенти Арманистон Роберт Кочерян ба Тоҷикистон 2-3 апрели соли 2002 ва сафари расмии ҷавобии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Арманистон 25-26 ноябри соли 2003 гузошта шудааст, густариш меёбанд.

Relations of Tajikistan with Armenia are carried out mainly within the framework of international and regional organizations, including **CIS**, **CSNO** and **Eur AsEC**, however, bilateral realations are olso being developed based on legal framework developed during the official visit of

the President Robert Racharyan of Armenia paid to Tajikistan on april 2-3, 2002 and the return official visit of the President Emomali Rahmon of Tajiristan to Armenia paid on Noveber 25-26, 2003 [6, 151].

**АДАБИЁТ**


1. Калонтаров Я.И. Масъалаҳои терминологияи тоҷикии илмӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ. //Мактаби советӣ, 1952, №7
2. Кондаков Н.И. Логический словарь/ Н.И. Кондаков М., 1975. 594с. Философский энциклопедический словарь. М., 1983. 681с.
3. Қосимова М. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М. Қосимова. - Душанбе:2003. - 113с.
4. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ- Душанбе. -384 саҳ
5. Талбак Назаров. Дипломатияи муосири тоҷик / Талюак Назаров. - Душанбе: 2006.-227с.
6. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ. – Душанбе, Ирфон 2011- 371с.


**ТАҲЛИЛИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ОСОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ**


Мақолаи мазкур ба яке аз масоили муҳимми илми забоншиносӣ, яъне истилоҳшиносӣ башида шудааст. Дар раванди пажӯҳиш таҳқиқ карда шуд, ки нақши истилоҳоти дипломатӣ на танҳо дар дигар китобҳо, инчунин, дар китобҳои Пешвои Миллат ҳам нақши босазо гузоштааст ва мо пай бурдем ки ин истилоҳҳо асосан аз забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, англисӣ, русӣ ба хазинаи забони мо ворид гашта, забони моро бой гардонидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: истилоҳ, иттиҳод, шурои Аврупо, консул, амният.


**АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ВОПРОСОВ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТВОРЧЕСТВЕ ЛИДЕРА НАЦИИ**


Данная статья посвящена одному из важных вопросов лингвистической науки, а именно терминологии. В процессе было исследовано, что роль дипломатических терминов играла значительную роль не только в других книгах, но и в книгах Лидера Нации, и мы заметили, что эти термины в основном пришли из латыни, французского, английского и русского языка.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** срок, союз, Совет Европы, консул, безопасность.


**ANALYSIS OF SOME ISSUES OF DIPLOMATIC TERMS IN THE WORKS OF LEADER OF THE NATION**


This article is devoted to one of the important issues of linguistic science, that is, terminology. In the process of research, it was investigated that the role of diplomatic terms played a significant role not only in other books, but also in the books of the Leader of the Nation, and we noticed that these terms mainly came from Latin, French, English, and Russian languages.



**KEYWORDS:** term, union, council of Europe, consul, security.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қодириён А.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919305067.**

**Сведения об авторе**: ***Кодириён А.*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **919305067.**

**Information about the author**: ***Qodiriyon A.*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **919305067.**

# МАВҚЕИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ “ВАРЗИШ”

***Сафаров Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаъолияти телевизиони “Варзиш” ҳамчун аввалин шабакаи махсусгардонидашудаи варзишӣ шуруъ аз 1 марти соли 2016 дар саросари кишвар ба таври шабонарӯзӣ пахш мешавад. Дар кишварҳои дигар шабака тавассути моҳвора ва интернет дастрас аст.

Шабакаи соҳавии мазкур ба таҳияву тадвини барномаву гузоришҳои мустақим доир ба варзиш - яке аз бахшҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар нигаронида шудааст. Телевизион барномаҳои худро дар формати муосири телевизионии дақиқияташ баланди HD пахш намуданро шуруъ кард, ки ин таҷрибаи нахустин барои шабакаҳои телевизиони ватанист.

Таъсиси шабакаи мазкур ҷиҳати боз ҳам ғаниву рангоранг гардидани фазои иттилоотии кишвар, дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, тарзи ҳаёти солим ва зебоипарастӣ тарбия намудани насли ҷавон ва дастрасии бештар пайдо кардани аҳолии кишвар ба иттилооти варзишӣ мусоидат менамояд.

Дар тули фаъолияти худ телевизиони “Варзиш” ҳарчанд таҷриба надошт, тавонист як қатор корҳоро ба итмом расонад, ки то кунун дар таърихи фаъолияти телевизионҳои Тоҷикистон ба назар намерасид, аз ҷумла ҳуқуқи пахши расмии мусобиқаҳои байналмилалӣ, сабқатҳои қитъаи Аврупо, Англия, Испания, Италия ва Олмонро ба даст овард. Ҳамзамон, бори аввал дар таърихи шабакаҳои ватанӣ ҳуқуқи пахши расмии бозиҳои олимпӣ ва акредитатсияи ду хабарнигори муассиса расман ба даст омаданд.

Кормандони муассиса соли 2016 ба шаҳри Рио де Женейрои Бразилия, ки дар он ҷо бозиҳои олимпӣ баргузор мешуд, сафарбар шуда, ҳамарӯза муддати баргузории бозиҳо наздик ба 20 соат пахши мустақимро бо забони тоҷикӣ ба роҳ монданд, ки ин яке аз дастовардҳои назаррсаси ин шабакаи навътаъсис буд. Ҳамин тавр, дастоварди таърихии Дилшод Назаров, аввалин варзишгари тоҷик, ки медали тиллои бозиҳои 31-уми тобистонаи олимпиро дар Рио де Женейро ба даст овард, мустақиман тавасуси телевизиони “Варзиш” пахш шуд.

Ба ғайр аз ин, “Варзиш” вохӯрии дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон, бозиҳои лигаи олӣ ва аввали футболи кишвар, инчунин, чемпионатҳо ва мусобиқаҳоеро, ки таҳти васояти Конфедератсияи футболи Осиё сурат мегирад, инъикос мекунад. Дар эфири шабака бозиҳои шавқовару мафтункунандаи Лигаи чемпионҳо, Лигаи Аврупо, Премер-лигаи Англия, Ла-Лигаи Испания, бозиҳои серияи “А”-и Италия, Бундес-лигаи Олмон, Лигаи Франсия, Премер-лигаи Русия, ҳамчунин, вохӯриҳои марказии дигар чемпионатҳои муқтадири кишварҳои аврупоӣ бо сифати баланд пахш мегарданд.

Дар баробари ин, шабака намудҳои дигари варзиш, аз ҷумла футзал, баскетбол, воллейбол, ҳандбол, теннис, ҷудо, самбо, варзиши сабук, намудҳои зимистонаи варзиш, сабқатҳои мошинрониву велосипедронӣ ва ғайраро низ инъикос мекунад.

Аз ҷиҳати техникӣ ва дастгоҳҳои наворбардорӣ телевизиони “Варзиш” аз дигар шабакаҳои кишвар як қадам пеш аст ва маҳз шореҳони идораи гузоришҳо ва пахши мустақим бештар тариқи пахши зинда аз техникаи муосир истифода мекунанд. Чунки телевизиони мазкур пурра бо таҷҳизоту техникаи муосир таъмин мебошад.

Ба таъкиди муҳаққиқ Зафарҷон Эшматов “Инъикоси мавзуъҳои марбут ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ то ба майдон омадани телевизион дар матбуоту радио низ роиҷ буд. Аммо бо пайдо шудани телевизион ин қисмати журналистика рушди бештар пайдо карда, шаклу қолаби муайян касб намуд. Пахши мустақими репортажҳо аз майдони варзишии футбол, гузоришҳо аз бозиҳои олимпӣ, таҳияи лавҳаю очеркҳо аз ҳаёти варзишгарони номӣ ҳанӯз аз рӯзҳои аввали пайдоиши телевизион ба роҳ монда шуда буд. Хоса, баъди фароҳам шудани сабту танзим дар телевизион хабарнигории варзишӣ рушди бештар пайдо кард.

Хабарнигорон ва шореҳони варзиш бевосита ба макони баргузории чорабинӣ рафта, аз он ҷо барномаҳо омода мекарданд” [5, 83].

Дар эфири шабакаи телевизионӣ, инчунин, барномаҳои муаллифӣ оид ба чеҳраҳои намоёни намудҳои гуногуни варзиш, ситораҳои собиқ ва тозазуҳури варзиши ватаниву хориҷӣ, аз таърих ва фаъолияти тиму бошгоҳҳои алоҳида, чемпионҳои ҷаҳон ва дастаҳои мунтахаби маъруфи олам намоиш дода мешаванд.

Соли 2017 ҳайати эҷодиву техникии телевизион бори аввал пахши бузургтарин мусобиқоти варзишии сайёра - Чемпионати ҷаҳонии Русия - 2018-ро таҷриба карданд. Моҳи январи соли 2019 шореҳони футбол Бобо Холмуродзода ва Фаридуни Шарифзод аз шаҳри Олмалиқи Ӯзбекистон ба таври мустақим ҷараёни бозии даври муқаддамотии Лигаи Чемпионҳои Осиёро байни дастаҳои “АГМК”-и Ӯзбекистон ва “Истиқлол”-и Тоҷикистон шореҳӣ карданд.

Инчунин, дар рӯзҳои баргузории мусобиқоти Ҷоми ҷаҳон - 2008 шореҳ Бобо Холмуродзода бевосита ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафар намуда, ҷараёни баргузории онро пешниҳод гардонд.

Ҳамин тариқ, барномаву гузоришҳои мустақим дар эфири шабака авлавият доранд. Бинобар ин, дар баробари хабару гузоришҳои зинда барномаҳои “Иртибот”, “Пеш аз бозӣ”, “Баъд аз бозӣ” ва дигар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳониву ҷумҳуриявӣ бештар ба тариқи мустақим пахш гардида, малакаи баланди суханварӣ ва шореҳиро аз журналистон тақозо менамояд.

Барномаи мустақими “Иртибот” бо Алӣ Шариф аз ҷумлаи барномаҳои сербинандаи зиндаи ин шабака аст. Барои пешбурди ин барномаи мустақим журналист, пеш аз ҳама, мавзуи умдаи рӯз интихоб мегардад. Меҳмонон вобаста ба хусусияти мусобиқаи марбут ба мавзуъ, иштирок ва аҳаммияти он ва монанди ин суханронӣ мекунанд. Дар барнома ба ғайр аз сужаҳои қаблан омодашуда ва таҳлилу барасии мусобиқа дар студия боз журналист дар хати алоқа бо бинандагон қарор дорад ва ба саволҳои онҳо мустақиман меҳмонон посух медиҳанд.

Барномаи дигар “Аврупоафрӯз” аст, ки хусусияти мавсимӣ дорад. Он аз оғози бозиҳои Лигаи қаҳрамонҳои Аврупо то анҷом манзури бинандагон мешавад. Барнома бо ҳаммуаллифии Бобо Холмуродзода ва Парвизи Маҳмадамин таҳия шуда, ҳафтае чаҳор маротиба (се нашри зинда ва як ҷамъбастӣ) дар вақти баргузории бозиҳои Лигаи чемпионҳо пешниҳод мегардад. Мақсади асосии барнома намоиши беҳтарин бозиҳо, таҳлилу барассӣ ва шарҳу тавзеҳи он ба бинандагон аст. Ин барнома шуруъ аз моҳҳои сентябр то декабр, ки бозиҳои гурӯҳӣ сурат мегиранд, соатҳои 09:30 дақиқаи субҳ мустақиман ва дар дили шаб пеш аз бозиҳо такроран пахш мешавад. Шуруъ аз моҳи феврал, ки марҳилаи плей-офиф мусобиқа баргузор мешавад, шабҳои баргузории бозиҳо барнома бо иштироки коршиносон ва шореҳон (соати 21:30) мустақиман пешниҳод мешавад.

Бояд гуфт, ки барои пешниҳоди барномаҳои мустақим дар шабака идораи алоҳида фаъолият дорад. Дар идораи гузоришҳо ва пахши мустақими телевизиони “Варзиш” 11 нафар кормандон фаъолият мекунанд, ки аз ин шумора 2 нафараш коргардон мебошанд. Сармуҳаррири идора Аловиддин Бӯриев муаллифи барномаҳои “Футболи Осиё”, “Гирди як даста”, “Пеш аз бозӣ”, “Баъди бозӣ” ва дигар гузоришҳои мустақиму барномаҳои махсус мебошад. Идораи эҷодӣ ҳайати эҷодкоронро ба ҳам муттаҳид месозад, ки ба таҳия ва таҳрири гузоришу шарҳу барномаҳои мустақили телевизионӣ масъуланд.

Бо фаъолияти дурусти ин идора имрӯз бинандаи телевизион мусобиқаҳои варзиширо бо забони тоҷикӣ тамошо мекунанд ва аз истилоҳу вожаҳои соҳавӣ бо забони тоҷикӣ ошно гардида, маҳз истифода мекунанд. Ҳамин тариқ, тариқи барномаҳои “Иртибот”, “Пеш аз бозӣ”, Аврупоафрӯз” ва чанди дигар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳониву ҷумҳуриявӣ бештар ба тариқи мустақим пахш гардида, фазои иттилоотии кишварро сари вақт бо рӯйдодҳои муҳимтарини варзишӣ пур мекунанд.

**АДАБИЁТ**

1. Давронов Д. Ҷаҳони муосир:мавқеи симо ва садо / Д. Давронов. - Душанбе, 2012.-157 с.

2. Мирзоалӣ С. Иртиботи мутақобила дар ВАО-и интернетӣ // Журналистикаи байналхалқӣ-3. Маводи конфронси байналхалқӣ, –Душанбе, 2011. С. 77-83.
3. Усмонов И. Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. –280 с.
4. Шоев М. Гулов С. Телевизион ва имкониятҳои он. // Дар моварои сухан (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 38-42.
5. Эшматов З. Журналистикаи варзишӣ дар телевизион: муаммо ва пешомадҳо // Воситаҳои электронии ахбор ва ормонҳои миллӣ. 2015 - С. 83 – 86.

### МАВҚЕИ ПАХШИ МУСТАҚИМ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНИ “ВАРЗИШ”

Муаллиф дар мақолаи мазкур пажӯҳишро дар атрофи таъсис ва ташаккули телевизиони „Варзиш“ ва марҳилаҳои шаклгирии пахши гузоришу барномаҳои мутақим дар он, сафарбарии ҳайати журналистону кормандони техникӣ ба мусобиқаи мухталифи варзишӣ, фаъолияти мустақим дар фазои иттилоотии ҷаҳонии варзиши серрақобат анҷом дода, назарашро вобаста ба равандҳои шаклгирии барномаҳои мустақим дар ин шабака дар миёни расонаҳои дигари кишвар баён намудааст. Муаллиф дар такя ба таърихномаи шабака, ки дар адабиёти гуногун қисман баён шудаанд, таърихи ташаккули онро ба таври кӯтоҳ барои хонандаи тоҷик зикр карда, бо истифода аз андешаи назариячиёни журналистика ва рӯйдодҳои таърихӣ дар мавриди инъикоси мустақими чорабиниҳои гуногуни варзишӣ дар шабака ва барномаҳои алоҳидаи мустақими он маълумот додааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** телевизион, варзиш, журналистика, футбол, мустақим

### ПОЗИЦИЯ ПРЯМОЙ ТРАНСЛЯЦИИ НА ТЕЛЕВИДЕНИИ "ВАРЗИШ"

В данной статье автор проводит исследование создания и становления телевидения „Варзиш“ и этапов формирования на нем репортажей и программ, мобилизации журналистов и технического персонала на различные спортивные соревнования, непосредственной деятельности в мировом информационном пространстве, спортивных состязаний, а также его мнение о процессах формирования прямых трансляций этой сети среди других СМИ страны. На основе истории сети, частично описанной в различной литературе, автор кратко упоминает историю ее становления для таджикского читателя, используя мнение теоретиков журналистики и исторических событий относительно прямого освещения различных спортивных событий в сети. и его отдельные прямые трансляции предоставили информацию.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** телевидение, спорт, журналистика, футбол, прямой эфир.

### POSITION OF LIVE BROADCAST ON TV "VARZISH"

In this article, the author conducts a study of the creation and development of “Varzish” television and the stages of the formation of reports and programs on it, the mobilization of journalists and technical personnel for various sports competitions, and direct activities in the global information space. sports competitions, as well as his opinion on the processes of forming live broadcasts of this network among other media in the country. Based on the history of the network, partially described in various literature, the author briefly mentions the history of its formation for the Tajik reader, using the opinion of theorists of journalism and historical events regarding the direct coverage of various sporting events on the network. and his individual live broadcasts provided information.

**KEYWORDS:** television, sports, journalism, football, live broadcast.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Сафаров Фаридун*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992] 90-431-38-70**. E-mail**: faridun.fs@mail.ru.**

**Сведения об авторе: *Сафаров Фаридун*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: [+992] 90-431-38-70**. E-mail: **faridun.fs@mail.ru.**

**Information about the author: *Safarov Faridun*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone**: [+992] 90-431-38-70**. E-mail: **faridun.fs@mail.ru.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ

*Маҳинабонуи С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чуноне ки маълум аст, феълҳои модалӣ ин феълҳое мебошанд, ки муносибати гӯяндаро ба амал ё ҳолат ифода мекунанд. Феълҳои модалӣ танҳо бо масдар амал мекунанд. Азбаски феъли модалӣ дар худ ягон тасаввуротро оид ба амали муайян дар бар намегирад, он танҳо тобиши маъноӣ медиҳад.

Ба гурӯҳи феълҳои модалӣ шумораи на он қадар зиёди феълҳо дохил мешаванд. Ин феълҳо ягон категорияи грамматикии феълӣ (замон, шакл) надоранд. Онҳо танҳо шакли сиға ва замонро доранд, ки нишондиҳандаи хабар ба ҳисоб мераванд. Бо ин сабаб, ҳамчунин бо сабаби надоштани шаклҳои ғайрипредикативӣ (масдар, герундий, сифати феълӣ) феълҳои модалӣ дар канори низмои феълии забони англисӣ меистанд.

Аз рӯйи нақш феълҳои модалӣ феълҳои ёридиҳанда мебошанд. Онҳо имконият, қобилият, зарурати иҷрои амалеро, ки бо феъли асосӣ ифода меёбанд, мефаҳмонанд. Азбакси онҳо муносибати модалиро, на амалро ифода мекунанд, онҳо ҳеҷ вақт ба сифати аъзои алоҳидаи ҷумла истифода бурда намешаванд. Феълҳои модалӣ ҳама вақт танҳо бо масдар мувофиқ карда мешаванд.

Феълҳои модалӣ феълҳои нокифоя (Defective Verbs) ба ҳисоб мераванд, чунки онҳо ҳамаи шаклҳоеро, ки феълҳои дигар доро мебошанд, надоранд. Дар онҳо вуҷуд надоштани флексия -s дар шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозираи сиғаи хабарӣ чунин маънидод карда мешавад: шаклҳои муосири замони ҳозира як вақтҳо шаклҳои замони гузашта буданд ва шахси 3 шумораи танҳои замони гузашта бандак надошт.

Феълҳои модалии **have to, have got to, must, should** тобишҳои гуногуни ҷумларо ифода карда метавонанд.

Олимон ба чунин ақидаанд, ки феълҳои модалӣ воқеияти объективиро, калимаҳои туфайлӣ бошанд воқеияти субъективиро ифода мекунанд. Тахмин кардан мумкин аст, ки феълҳои **must, should** ба ғайр аз маънои зарурият, ҳамчунин амалҳои эҳтимолӣ, тахминшавандаро ифода мекунанд. Вақте ки калимаҳои модалӣ ва калимаҳои туфайлӣ ҳамзамон истифода мешаванд, дар чунин ҳолатҳо мо конструксияҳои синонимиро кор мебарем.

Дар ҷумла феълҳои модалӣ ҳама вақт бо масдар пайваст мешаванд ва як пайвастшавиро, ки хабари таркибии модалӣ ном дорад, ташкил медиҳанд. Феълҳои модалӣ ба сифати аъзои алоҳидаи ҷумла истифода намешаванд. Чунон ки дар боло қайд гардид, предикативият асоси ҷумла буда, он маҷмуи се навъ муносибат аст, ки дар мазмуни гуфтор нисбати воқеият инъикос меёбад. Онҳо муносибати ба замон, ба шахс ва ба амри воқеъ мебошанд. Маҷмуи ин се рукни предикативият дар ташакули ҷумла ҳалкунанда аст. Дар баробари ин дар ташаккули ҷумла мавқеи модалият басо муҳим аст. Модалият муносибати мазмуни гуфторро нисбати воқеият ифода мекунад ва ин муносибат аз тарафи гӯянда муқаррар карда мешавад.

Дар замон системаи муайяни воситаҳои ифодаи модалият мавҷуд аст. Аз байни он воситаҳо категорияи сиға ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Ба ибораи А.И. Смирнитский, категорияи сиға гуё як маҳаки предикативият мебошад, зеро маҳз ин категория муносибати амали феълиро ба ҳақиқати объективӣ ифода менамояд. Дар забони англисӣ дар муайян намудани миқдори шаклҳои категориалии сиға дар байни забоншиносон якдилӣ мавҷуд нест.

Яке аз нуқсонҳои тавсифи ин категория дар он зоҳир мешавад, ки грамматистон ҳангоми таҳлили ин ҳодиса мафҳумҳои семантикию функсионалиро бо мафҳумҳои сохтории омехта мекунанд. Алалхусус, аз рӯйи маънои умумии муносибати амал ба воқеият се навъи

сиға чудо карда мешавад, ки ҳар яке вобаста ба муносибати гӯянда ба амали зикршаванда маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

**Он маъноҳо тахти се сиға муттаҳид карда мешаванд:**

- Сиғаи хабарӣ, ки дар он сухан дар бораи амри воқеъ меравад, яъне он чи ки аз тарафи гӯянда иброз мешавад, ба ҳақиқати объективӣ мухолиф нест:
  - They were looking to this little scot (J.Alrige)
  - They are ready now (Ibid).
  - Cube is a sociflist country (Daily worker).

Дар ин ҷумлаҳо сухан дар бораи чунин амалҳое меравад, ки онҳо дар ҳақиқат ба вукуъ омадаанд, меоянд ё ҳамин тавр ҳастанд.

- Сиғаи амрӣ, ки дар он шахси дуюм, яъне сомеъ ё сомеон ба иҷрои амале водор карда мешаванд.

Дар мисолҳои
  - Wait a minute, my lad (E.Voynich).
  - Please, don`t refuse now (Ibid) - гӯянда амр ё хоҳиш мекунад,ки амалҳои номбурда ба ҷо оварда шаванд ё нашаванд.

- Сиғаи ғайривоқеӣ, ки дар он амал мухолифи воқеият аст ва он чун шубҳа, майлу хоҳиш, эҳтимол ё шарт ифода карда мешавад.
  - They should have been far away by now (J.Aldridge).
  - He did not wait to see if Slone were following (I.did). Амалҳои зикршудаи дар ин ду гуфтор ба ҳақиқат рост намеоянд,яъне ғайривоқеианд.

Муносибати мазмуни гуфтор ба ҳақиқатӣ объектив, ба ғайр аз категорияи сиға, бо дигар воситаҳо низ ифода меёбад.

Алалхусус феълҳои модалӣ (**can, must, may** ва ғ.) ва калимаҳои модалии навъи **perhaps, indeed of course, may be by no means** ва ғайра аз нуқтаи назари гӯянда ба воқеияти чи гуна муносибат доштани мазмуни гуфторро ифода мекунанд:
  - Perhaps he was really not so young as he looked. (Conrad)
  - Now, Jane, you should take a walk and with me (Bronte).
  - She must have heard it all! (J.Galthworhy).

Дар ҷумлаи якум калимаи модалии **perhaps** ба гуфтор маънои эҳтимолиятро ворид сохтааст. Ҳамин маъно дар ҷумлаи сеюм таввасути феъли модалии **must** ва масдари перфектӣ ифода шудааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, феъли модалии **should** маслиҳатро ифода кардааст. Ғайр аз ин, худи хели ҷумлаҳо (инкор, саволӣ) низ ба андозае модалиятро ифода мекунанд.

Б. Хаймович ва Б. Роговская се категорияи синтаксисро ҷудо кардаанд, ки онҳо бо модалият алоқаманданд. Дар асоси муқобилгузории ҷумлаҳои ҳикоягӣ ба саволи категорияи махсуси синтаксисии манзурият (презентатсия) дарёфтаанд:
  - He is student - Is he student?

Хумлаҳои тасдиқӣ ва инкориро ба ҳам муқобил гузошта, дигар категорияи синтаксисӣ - категорияи ахборро (информатсияро) дарёфтаанд:
  - You know – You don’t know.

Ин муҳаққиқон дар натиҷаи муқобилгузорӣ ҷумлаҳои ташдиди категорияи сеюми синтаксисро нишон додаанд ва онро категорияи экспрессивият (муассирият) номидаанд:

Come - do come. Ҳамаи ин ҷумлаҳое, ки тазодҳои зикршударо зикр мекунанд, дорои маъноҳои гуногуни модалӣ мебошанд.

Забоншиноси маъруфи англис Хон Лайонз аз маънои модалӣ орӣ будани ҷумлаҳои ҳикоягиро қайд карда, танҳо дар ҷумлаҳои амрӣ ва саволӣ мавҷуд будани маъноҳои модалиро собит намудааст. Дар қатори модалияти амру пурсишӣ ӯ се гурӯҳи дигари маъноҳои модалиро ҷудо кардааст:

- Маънои хоҳиш ва азму ният (майл);
- Маънои зарурият ва соҳибият;

▪ Маънои эътимотнок, имконпазирӣ ва эҳтимолият.

Роҳу воситаҳои ифодаи тобишҳои мухталифи модалӣ дар забони англисӣ хеле гуногунанд ва ҳамаи сатҳҳои забонро фаро мегиранд. Алалхусус, дар ифодаи он шаклҳои сиғаи феълӣ, феълҳои модалӣ, вожаҳои модалӣ, як зумра ҳиссачаҳо,оҳанги гуфтор, навъҳои ҷумла аз рӯйи мақсади гуфтор ва ғайраҳо иштирок мекунанд. Аз ин назар категорияи модалиятро ба қатори категорияҳои фунсионалию семантикӣ дохил мекунанд, ки маҳаки онро категорияи сиғаи феъл ташкил мекунад. Воситаҳои дигари лексикӣ, синтаксисӣ, фонетикӣ ва ғайраҳо ҳалқаҳои дигари ин майдони семантикиро пур мекунанд.


**АДАБИЁТ**

1 Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов: словарь/ О.С. Ахманова. -М.: Стереотип, 2013. -45с.

2.Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка.: учеб. для вузов/ Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М.: Книжный дом "Либроком". - 2012. - 234с.

3.Ионина, А.А. Англ.грамматика. Теория и практика: уч. для вузов/ А.А. Ионина, А.С. Саакян. - М.: Проспект. - 2008. - 77с.

4.Качалова, К.Н. Практическая грамматика английского языка: уч. для вузов/ К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. - М.: Ладком. - 2012. - 36с.

5.Крысин, Л.П. Толковый словарь иностранных слов: словарь/ Л.П. Крысин. - М.: Эксмо, 2008. - 35-36 с.

6.Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка: уч. для вузов/ А.И. Смирницкий. - М.: Высш. образование, 2000. - 88с.

7.Убина А.И. Проблема передачи модальности на уровне текста художественной литературе (на материале перевода с английского языка на русский отрывка из книги А.Дж. А. Саймонса "В поисках Корво"): - М.: МГЛУ, 2004. - 24с. - URL: http://www.bestreferat.ru/referat-163250.html

8.Fleming, Ian. The man with the Golden Gun/ Ian Fleming: Penguin Books LTD, 2006. - 220-223 p.



**ТАВСИФИ УМУМИИ ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи тавсифи умумии феълҳои модалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки Ба гурӯҳи феълҳои модалӣ шумораи на он қадар зиёди феълҳо дохил мешаванд. Ин феълҳо ягон категорияи грамматикии феълӣ (замон, шакл) надоранд. Онҳо танҳо шакли сиға ва замонро доранд, ки нишондиҳандаи хабар ба ҳисоб мераванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** феъли модалӣ, замон, шумора, хабар, шакл.



**ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ МОДАЛЬНЫХ ГЛАГОЛОВ**

В данной статье рассматривается тема общего описания модальных глаголов. Автор отметил, что в группу модальных глаголов входит небольшое количество глаголов. Эти глаголы не имеют какой-либо грамматической глагольной категории (времени, формы). У них есть только форма наклонении и времени, которые считаются индикаторами сказуемых.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: модальный глагол, время, число, сказуемое, форма.



**GENERAL DESCRIPTION OF MODAL VERBS**

This article examines the topic of general description of modal verbs. The author noted that the group of modal verbs includes a small number of verbs. These verbs do not have any grammatical verb category (time, form). They only have a mood and tense form, which are considered indicators of predicates.



**KEYWORDS:** modal verb, time, number, predicate, form.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳинабонуи Садриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905400034.**

**Сведения об авторе:** ***Махинабонуи Садриддин*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **905400034.**

**Information about the author:** ***Mahinabonui Sadriddin*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **905400034.**

## «MUST-KNOW» TERMS AND PHRASES IN REAL ESTATE

***Khudoyarova A.H.***
**Tajik National University**

Before diving into the definitions of real estate terminology, first and foremost, we have to know the differences between terms and phrases. In English grammar, a phrase is a group of two or more words functioning as a meaningful unit within a sentence or clause. A phrase is commonly characterized as a grammatical unit at a level between a word and a clause.

A phrase is made up of a head (or headword) - which determines the grammatical nature of the unit - and one or more optional modifiers. Phrases may contain other phrases inside them.

Common types of phrases include noun phrases (such as a good friend), verb phrases (drive carefully), adjective phrases (very cold and dark), adverb phrases (quite slowly), and prepositional phrases (in the first place).

A prototypical phrase is a group of words forming a unit and consisting of a head, or "nucleus" together with other words or word groups clustering around it. If the head of the phrase is a noun, we speak of a noun phrase (NP) (e.g., all those beautiful houses built in the sixties). If the head is a verb, the phrase is a verb phrase (VP). In the following sentence, the VP is in italics and the verb head is in bold: Jill prepared us a couple of sandwiches [ThoughtCo.com].

According to Merriam-Webster, a term is a word or expression that has a precise meaning in some uses or is peculiar to a science, art, profession, or subject.

Examples of terms in a sentence: «I had the feeling that I had been there before». «The term for that is déjà vu», «That's an outdated term that no one uses anymore». Knowing the definition of terms and phrases in any sphere will definitely improve the understanding of the nuances, pros as well as cons of the searching process.

Real estate is a significant aspect of a person's life. We can come to such a concept by understanding that for each person, it is vital to have a property where he or she can live and grow. Moreover, nowadays, real estate is considered one of the most stable and reliable ways to invest capital. As Tamer Sapir quotes, “If you are not going to put your money in real estate, where else then?”. Definitely, people who own real estate have much better living conditions than those who do not own any property.

The majority of people work so hard for years to get real estate. In addition, some even dream about it. However, we have to truly believe that each dream comes true through clever strategies and hard work. So what is real estate?

The definition of real estate regarding Investopedia is as follows: real estate is considered real property that includes land and anything permanently attached to it or built on it, whether natural or man-made.

According to the most famous dictionary, Merriam-Webster, real estate is property in buildings and land. Synonyms of it may be: capacity, complement, real property, and volume. In the following sense, the first known use of it is approximately 1642. Moreover, if we look through the etymology of this term, the word “real” is derived from Latin, meaning existing, actual, or genuine, while the word “estate” is an English translation of the Old French word “estate” meaning status. Nowadays, estate is the word we use to describe owned property consisting of houses or land [2.4]. The translation of real estate into Tajik is: амволи ѓайриманќул.

To me, real estate is the cost of any property, like a home or land. It means that in order to purchase real property, we have to measure the cost of the land and the price of the volume itself.

There are a variety of terms concerning real estate that will help anyone who wants to know more about this sphere in depth. For instance, the phrase "single-family home". A single-family home is a

house intended for one family to live in at a time. In most cases, this phrase is used to refer specifically to single-family detached homes-meaning freestanding structures on their own pieces of property and not attached to homes owned by other individuals. [Forbes]

Regarding the Bank rate, a single-family home is a standalone residential structure designed to be occupied by an individual household. In contrast with a single-family home, there is a multi-family home that's divided to accommodate more than one family living separately.

The translation into Tajik is: хонаи яккафара, якњуљрагї,

Another well-known option in real estate is the "duplex." In real estate, a duplex refers to a housing configuration that allows for two separate residential units within one structure. [Bank rate] This type of home is popular and more suitable for urban areas. In general, the design of a duplex house is attractive enough and gives the feeling of an independent house. Duplex itself as an adjective means «having two principal parts». Synonyms for it may be binary, dual, twin, double, etc. Etymology: Borrowed from Latin duplex ("double, two-fold"), from duo ("two") + plico ("fold together") [2.4].

The translation into Tajik is: дуплекс.

Another popular type of house is a condominium, which, for short, is a condo. The Oxford Learner's Dictionary gives us the following definition of this term: A condominium is an apartment building or group of houses in which each flat or house is owned by the person living in it, but the shared areas are owned by everyone together. A flat or house in such a building or group of houses.

He bought an ocean-front condo in his native Florida.

Etymology: Condominium is an invented Latin word formed by adding the prefix *con-* together to the word dominium, 'dominion, and ownership. Its meaning is, therefore, joint dominion or co-ownership.

The translation into Tajik is: кондоминиум.

One of the basic terms in real estate is tenant. Concerning Cambridge Dictionary, a tenant is a person who pays rent for the use of land or a building. The first known use dates back to the 14th century. Examples: Tenants are complaining that vital repairs are not being done. They formed a tenant's association. He was cruel to his tenants. Tenants had to give part of their harvest to the landowners.

There is a term that almost refers to any sphere of our daily lives. This well-known term is a tax. Conforming to Britannica, a tax is an amount of money that a government requires people to pay according to their income, the value of their property, etc., and that is used to pay for the things done by the government. Here are some examples using the following words:

-The decision was made to raise taxes.

- What was your income before taxes?

- What is the amount of tax to be paid?

The first known use is the 14th century.

The translation into Tajik language is: андоз.

There are three basic financial terms regarding real estate. Firstly, one of the most popular words concerning real property is "mortgage." According to the Cambridge Dictionary, a mortgage is an agreement that allows you to borrow money from a bank or similar organization, especially in order to buy a house, or the amount of money itself. Let's check out the usage of this term by example: Mary has to take out a mortgage to buy the house. This term is quite an old one. The first known use of it dates to approximately the 15th century.

The word "mortgage" is made up of two words: mort and gage. Mort is "dead," and gage is "promise." It turns out to be "a dead promise" or "obligated to death." (то дами марг вазифадор будан, ќарз то охири њаёт). "Mortgage" is of French origin, so the «t» is not pronounced [2.4].

The translation into Tajik is: горевать, ипотека.

Another significant term is a down payment. It is important to know that when you take out a mortgage, you have to make a down payment. A down payment is a sum of money, usually a percentage of the cost the buyer pays at the outset of a home purchase. The average first-time home buyer pays 6% upfront and finances the balance. Nevertheless, it commonly ranges from 3% to 20% of the purchase

price. The first known use of a down payment was in 1854. For example, they put a down payment on the house.

The translation into Tajik is: пешпардохт

The last term, but not the least, is equity. Equity is the difference between what something is worth and what you owe. Regarding Investopedia, home equity is the difference between the amount you owe on a mortgage and what the home is worth. It's essentially what you own in a home. An example of this might be: We've been slowly paying off our mortgage and building up equity in our house. There are several synonyms for this term: detachment, disinterest, fairness, objectiveness, etc.

"It came from the French derivative of acquits, equate, a word that has clear legal connotations," according to Merriam-Webster's dictionary. "In French, it means 'justice' or 'rightness,' and those meanings, plus a splash of fairness,' have come down to us in the English word as well".

The translation of home equity into Tajik: сармоя барои хона

To sum up, knowing about real property terms and phrases will help to increase our knowledge as well as our comprehension of the following sphere. Of course, there are much more beneficial terms and phrases like realtor, rental income, storage space, and others that relate to real estate, but I have mentioned in the following thesis the most usable ones.

## LITERATURE


1. Елена Чубина: Фразеологические единицы в аспекте лингвистической экспертизы. Учебное пособие. Норма 2023
2. Betty Kirkpatrick Essential English Phrases: Everyday Phrases Explained (Webster's Word Power)
3. Phraseological Units: Basic Concepts and Their application. J. Allerton, Nadja Nesselhauf, Paul Skandera Schwabe, 2004
4. Margarita Dedej Phraseology and Phraseological Units
5. w.w.w.investopedia.com
6. w.w.w.forbes.com
7. w.w w.bankrate.com
8. https://en.m.wiktionary.om
9. Marriem Webster Dictionary
10. Фарњанг
11. Encyclopedia Britannica
12. Oxford Dictionary of English
13. Cambridge English Dictionary


## ИСТИЛОҲҲО ВА ИБОРАҲОИ БАРОИ ДОНИСТАН ЗАРУР ДАР СОҲАИ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛ


"Хона он ҷоест, ки ҳикояи шумо оғоз меёбад."

Барои осон кардани ин ибтидо, ман баъзе аз истилоҳоти заруриро дар ин мақола шарҳ додам. Донистани истилоҳоти амволи ғайриманқул хариди амволро хеле осон мекунад. Гарчанде ки мо баъзан ин истилоҳҳоро ҳар рӯз мешунавем, аммо, мо маъно ва истифодаи онҳоро дуруст намедонем. Масалан, калимаи "ипотека". Ин як ҳақиқат аст, ки баъзеҳо маънои мувофиқи ин вожа ва давомнокии корбурди онро дар кишвари худ намедонанд. Албатта, ман тамоми ҷиҳати ин калимаю ибораҳоро ошкор накардаам. Вале дар мақолаи мазкур якчанд вожаҳои зарурӣро бо мафҳумҳои умумии онҳо зикр кардам. Ғайр аз он, ман якчанд луғатҳоро истифода кардам, ба монанди Merriam-Webster ва Cambridge Dictionary, ки маънои истилоҳотро ифшо карда, таърифҳои равшан доданд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** амволи ғайриманқул, хонаи якҳуҷрагӣ, хонаи бисёрошёна, дуплекс, ипотека, пешпардохт, сармоя, риэлтор.


## ТЕРМИНЫ И ФРАЗЫ, КОТОРЫЕ НЕОБХОДИМО ЗНАТЬ В СФЕРЕ НЕДВИЖИМОСТИ


«Дом – это место, где начинается ваша история».

Чтобы облегчить это начало, я объяснила некоторые наиболее необходимые термины в этой статье. Знание терминологии недвижимости значительно облегчает приобретение недвижимости. Хотя иногда мы слышим эти термины ежедневно. Однако мы не знаем их значения и правильного использования. Например, слово «ипотека». Это факт, что некоторые люди не знают правильного значения этого слова или продолжительности его использования в своей стране. Я, конечно, не раскрыла всего аспекта этих слов и фраз. Однако в данной статье я упомянула несколько из них с их общими понятиями. Кроме того, я использовала несколько словарей, таких как Merriam-Webster и Cambridge Dictionary, которые отражали значения терминов и давали четкие определения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** недвижимость, частный дом, многоквартирный дом, дуплекс, ипотека, первоначальный взнос, собственный капитал, риэлтор.

**“MUST-KNOW” TERMS AND PHRASES IN REAL ESTATE**

"Home is where your story begins"

In order to make this beginning easier, I have explained some of the most necessary terms in this article. Knowing real estate terminology makes it much easier to purchase property. Even though sometimes we hear these terms daily. However, we don't know their meanings or usage correctly. For instance, the word “mortgage.” It's a fact that some people don't know the appropriate meaning of this word or the duration of its usage in their country. Of course, I did not reveal the whole aspect of these words and phrases. However, in the following article, I have mentioned several ones with their general concepts. Furthermore, I have used several dictionaries, like Merriam-Webster and the Cambridge Dictionary, which fulfilled terms’ meanings and gave clear definitions.

**KEYWORDS:** real estate, single-family home, multi-family home, duplex, mortgage, down payment, equity, realtor.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худоярова Азиза Ҳусеновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992-009-094-734; +992-917-201-971.**

**Сведения об авторе:** ***Худоярова Азиза Хусеновна*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **+992-009-094-734; +992-917-201-971.**

**Information about the author:** ***Khudoyarova Aziza Husenovna*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **+992-009-094-734; +992-917-201-971.**

# ТАНЗИМИ ҚОНУНИИ РЕКЛАМА ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Наргиси Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунгузории давлатҳои муосир дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки шаклҳои гуногуни зуҳурот доранд, бо роҳҳои гуногун ба низоми қонунгузории миллӣ таъсир мерасонанд. Ҳамаи шаклҳои ҷаҳонишавӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва дигар) ба низоми қонунгузории миллӣ таъсир мерасонанд, чунки бо истифода аз тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ паҳн мешаванд.

Воситаҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавии фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва дигар низ истифода мешаванд. Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотии глобалӣ раванди мутобиқгардии қонунгузории миллӣ, пеш аз ҳама қонунгузории иттилоотӣ ба меъёрҳо, принсипҳо, қоидаҳои ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ба мушоҳида мерасад. Табиист, ки сенарияи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ танзими ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, таъсиррасонии самараноки ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар акси ҳол низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, аз он ҷумла низоми қонунгузорӣ халалдор мегардад.

Қонунгузорӣ яке аз воситаҳои самараноки ҳифзи манфиатҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Санадҳои меъёрии ҳуқукӣ, ки сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ мебошанд, аз тарафи субъектони босалоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ қабул гардида, манфиатҳои миллиро ифода мекунанд. Ин санадҳо чун сарчашмаи аввалиндараҷаи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла реклама нақши ҳалкунанда доранд.

Танзими ҳуқуқии реклама солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар робита бо паҳннамоии фаъоли реклама, ки аз рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад, бояд ба талаботи муосири танзими тиҷорат мувофиқ бошад.

Реклама як намуди иттилоот ба ҳисоб рафта, барои ҷалби муштариён дар фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ равона шудааст. Истилоҳи «реклама» оғози худро аз забони лотинии «reclamare» гирифта, маънои «садои баланд»-ро дорад. Он дар як маврид бо муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди хариду фурӯши мол ба миён омадаанд, ба вуҷуд омада, дар замони муосир як муҳаррики пешравии фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст [2, 45].

Реклама имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қонунгузории худ мебошад. Ҷараёни ташаккулёбии қонунгузории бахши рекламаи муосир аз ду марҳилаи пайдарҳам ташкил меёбад, ки давраи ташаккулёбӣ ва танзими фаъолият, талаботҳои нисбат ба иштирокчиёни реклама пешниҳодшавандаро дарбар гирифта, аз таҳкими қонунгузории миллӣ дар ин самт бо дарназардошти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад. Марҳилаи якуми ташаккулёбии самти реклама қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи дигари реклама, ки аз танзими бевоситаи он иборат мебошад, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» мебошад. Зинаи маркази қонунгузории муосири рекламаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ташкил медиҳад, ки 1 август соли 2003, таҳти №34 қабул карда шудааст ва аз 5 боб 32 модда иборат мебошад [3].

Қонуни мазкур муносибатҳои соҳаи рекламаро (ба истисноии рекламаи сиёсӣ) ба танзим даровaрда, онро аз рақобати бевиҷдонона ҳифз менамояд ва рекламаи номуносиберо, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молумулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шараф ё эътибори кории шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ менамояд.

Мутобиқи моддаи 3-юми он "қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад" [3].

Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки қонунгузории реклама пеш аз ҳама, муносибатҳо дар самти рекламаро на танҳо дар асоси қонуни доир ба реклама қабулшуда ба танзим медароранд, балки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки муқаррароти онҳо ба ин ё он андоза самти рекламаро ба танзим медароранд, дарбар мегирад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат» ба андозаи пурра ба самти реклама дахл дорад [5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» сарчашмаи ягонаи мукаммалгардонидашуда дар самти танзими муносибатҳои рекламавӣ ба ҳисоб рафта, мафҳумҳои асосии дар самти реклама истифодашаванда, тавсифи умумии муносибатҳои ҳуқуқии реклама ва вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни асосии бозори рекламавиро муайян менамояд.

Ба вазифаҳои афзалиятноки худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҳимояи рақобати бовиҷдонона дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ, таъмини ягонаи фазои иқтисодӣ ва додани кафолати амалисозии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба дастрасии бовиҷдонона ва рекламаи воқеӣ вобаста менамояд. Ба ғайр аз ин, қонунгузор ба масъалаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар самти реклама ва роҳ надодан ба рекламаи нодуруст, ки дар натиҷаи паҳннамоии он ба истеъмолкунанда зарар мерасонад, диққати махсус медиҳад [3].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими реклама нақши назарраси худро доро мебошад. Муносибатҳои рекламавӣ чун қоида ба шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ такя менамоянд ва муносибатҳо дар самти реклама дар қисмати бастан ва иҷрои шартномаҳои рекламавӣ, пеш аз ҳама бо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ба танзим дароварда мешаванд. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои махсусро дар самти танзими реклама пешбинӣ намудааст. Ҳамин тавр, дар моддаи 469 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «реклама ё дигар пешниҳоде, ки ба гурӯҳи шахси номуайян манзур шудаанд, ҳамчун даъвати бастани оферта эътироф мешавад, ба шарте, ки дар таклиф тартиби дигаре дақиқ инъикос наёфта бошад [8].

Ба таври назаррас қисмати муносибатҳои ҳуқуқии реклама таҳти танзими меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба он, қонунгузорӣ дар бораи тамғаҳои молӣ қарор дода мешавад.

Яке аз санадҳои дигари қонунгузории муҳим, ки муқарраротро дар самти танзими фаъолияти рекламавӣ пешбинӣ менамояд, ин Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои вайрон кардани қонунгузории реклама пешбинӣ менамояд. Масалан, тибқи моддаи 546 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби рекламадиҳанда паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи истеҳсол ё фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки дар онҳо иттилооти аз ҳақиқат дур ҷой дошта, истифодабарандагони рекламаро гумроҳ месозад, инчунин барои рекламаи маҳсулоти ҳатман сертификатсияшавандае, ки сертификатсияи мутобиқат надорад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд [6].

Ба сифати қисми таркибии қонунгузории реклама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бояд баррасӣ намуд, зеро дар моддаи 6 он зикр шудааст, ки интишори… реклама барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, зулму зӯроварӣ… ё предметҳои порнографиро таблиғ ва ташвиқ мекунад, манъ аст [7].

Аҳаммияти ниҳоят муҳимро дар самти танзими реклама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ишғол менамояд. Дар моддаи 16-и ин қонун зикр шудааст, ки ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, тарз, ҷойи

истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолӣ, сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад, рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешавад. Ба ғайр аз ин, дар моддаи мазкур реклама бо тамғаҳои молӣ, нишонаи фирмавии дигар субъектони хоҷагидорро рақобати бевиҷдонона шуморидааст [5].

Ҳамин тавр, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон зикр шудааст, ки иттилоот, маълумотҳо (реклама низ дохил мешавад, зеро иттилоот шуморида мешавад) ва истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуҷур (порнаграфия) манъ аст.


**АДАБИЁТ**

1. Мавлоназаров О. А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан. Автореферат на соиск. уч. степ. кан. юр. наук. Душанбе. 2017. С. 23
2. Спиридонова Г. В. Реклама в современной экономике: теория и практика зарубежных стран. Реклама в XXI веке: современные тренды: доклады и материалы научно-практической конференции XVI Международного студенческого фестиваля рекламы. Москва, 23-25 апреля 2014 г. / Отв. ред. Р.Т. Мухаев. – М.: Издательство Московского гуманитарного университета, 2014. С. 45.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” [Манбаи электронӣ:] https://mmk.tj/content/дар-бораи-реклама/ Саннаи муроҷиат: 18.04.2024
4. Минбалеев А. В. Правовое регулирование рекламной деятельности: учебное пособие / Под ред. д.ю.н. В. В. Кваниной. – М.: ИД «Юриспруденция». 2010. – С. 48-49.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат» [Манбаи электронӣ:] https://mmk.tj/content/дар-бораи-ракобат/ Саннаи муроҷиат: 19.04.2024
6. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ:] https://mmk.tj/content/кодекси-хукуквайронкунии-мамури/ Саннаи муроҷиат: 20.04.2024
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” [Манбаи электронӣ:] https://mfa.tj/tg/moscow/khadamoti-matbuot/sanadhoi-mejori-va-huquqi/ Саннаи муроҷиат: 20.04.2024
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ:] https://mmk.tj/content/кодекси-граждани/ Саннаи муроҷиат: 20.04.2024


## ТАНЗИМИ ҚОНУНИИ РЕКЛАМА ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар замони муосир тарғиби молу хизматрасонӣ бо истифода аз имкониятҳои реклама аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Давлатҳои пешрафтаи олам ба омӯзиши ин самт диққати ҷиддӣ додаанд ва дар асоси он поягузории самараи дилхоҳро дастрас намудаанд. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳое қабул гардидаанд, ки ташаккулёбӣ, рушд ва тағйироти дар соҳаи иттилоот ва ҳифзи он, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бамиёномадаро инъикос карда, ба танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои соҳаҳои мазкур равона гардидаанд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ, ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир ва танзими ҳуқуқии реклама равона карда шудааст. Мақолаи мазкур низ ба масъалаи танзими қонунии реклама дар телевизион дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, мавзуи мазкур дар такя ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷории кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** реклама, хизматрасонӣ, телевизион, ҳуқуқ, қонун, мол.


## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РЕКЛАМЫ НА ТЕЛЕВИДЕНИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В современное время продвижение товаров и услуг с использованием рекламных возможностей приобретает первостепенное значение. Развитые страны мира уделили серьезное внимание изучению этой области и на основе этого добились желаемых результатов. В период независимости Республики Таджикистан был принят ряд законов, отразивших становление, развитие и изменения в сфере информации и ее защиты, периодических изданий и других средств массовой информации, а также информационно-коммуникационных технологий, направленных на комплексное регулирование отношений в этих сферах. Правовая политика в республике направлена на снижение негативных последствий глобализации, противостояние глобальным рискам и угрозам, защиту информационного пространства республики от информационных рисков современного мира, правовое регулирование рекламы. В

данной статье также изучен вопрос правового регулирования рекламы на телевидении в условиях Республики Таджикистан, и данная тема рассмотрена на основе действующих муниципальных и правовых документов страны.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** реклама, услуги, телевидение, права, закон, товары.

**LEGAL REGULATION OF ADVERTISING ON TV IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In modern times, the promotion of goods and services using advertising opportunities is of paramount importance. Developed countries of the world have paid serious attention to the study of this area and, based on this, have achieved the desired results. During the period of independence of the Republic of Tajikistan, a number of laws were adopted that reflected the formation, development and changes in the field of information and its protection, periodicals and other media, as well as information and communication technologies, aimed at comprehensive regulation of relations in these areas. Legal policy in the republic is aimed at reducing the negative consequences of globalization, countering global risks and threats, protecting the information space of the republic from the information risks of the modern world, and legal regulation of advertising. This article also examines the issue of legal regulation of advertising on television in the conditions of the Republic of Tajikistan, and this topic is considered on the basis of existing municipal and legal documents of the country.
**KEYWORDS:** advertising, services, television, rights, law, goods.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Наргиси Ҷумахон* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992919501603**.

**Сведения об авторе:** ***Наргиси Джумахан*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: +992919501603**.

**Information about the author:** ***Nargisi Jumakhan*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone**: +992919501603**.

# АСИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

***Раҳимова И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Забоншиносӣ фарҳанги миллиро аз лиҳози вижагиҳои забонӣ меомӯзад. Аксари мутафаккирон дар ин бора таъкид намудаанд, ки фарҳанги анъанавӣ, этникӣ, фарҳанги миллию минтақавӣ ва умумибашарӣ миёни мардум бештар мутадовил аст.

Мароифпарварӣ яке аз зухуроти фарҳанги мадании қарни XVIII ба ҳисоб рафта, он дар Англия, Фаронса, Олмон ва Россия доман густурдааст. Падидаи маорифпарварӣ навъи ҷараёни адабӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, ҳадафи аслиаш таблиғи ғояҳои некӣ, адолат, илму маърифат ва таваҷҷуҳ ба сӯйи ояндаи нек, тағйири анъана ва сиёсат будааст.

Дар нимаи дуюми қарни XIX ҷунбиши сиёсиву иҷтимоии маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна оғоз гардида, намояндагони фарҳангу адаби форсу тоҷик Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Исо Махдуми Бухороӣ, Шамсиддини Махдуми Бухороӣ, Шамсиддин Махдуни Шоҳин, Мирзоҳайити Саҳбо, Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат, Тошхоҷа Асирӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон кӯшиш ба харҷ додаанд, то ки Зиёиёнро аз ғафлати шахшудаи давраи феодалӣ бедор намуда, ба замони тантанаи илму адаби ва адолат даъват намояд. Гуфтаҳои боло ба он далолат мекунанд, ки ҳаракату ҷунбишҳои маорифпарварӣ ва фарҳангӣ тақрибан дар як замон зуҳур карда, инсоният саъй ба сӯйи инкишоф ва рушди фарҳанги маданӣ намудааст.

Яъне, эҳтиёҷоти равонии башарият дар тамоми гӯшаву канори олам ягона буда, аз қадим то кунун халқиятҳои мухталифи дунё ҷиҳати такомули илму адаб ва фарҳангу маданият рӯ ба ниҳод гузоштаанд.

Асрҳои IX-X замони шукуфони илму фарҳанги халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, эҳёи нави тамаддун дар замони Тоҳириён ва нуқтаи авҷи он дар даврони Сомониён ба амал омадааст. Дар Англия ва Амрико нависандагони машҳур В. Шекспир, Ч. Диккенс, У. Фолкнер,

Э. Ҳеменгуэй ва дигарон бо таълифи осори пурғановат ҷиҳати пешрафти фарҳангу адаби англисӣ саҳми бо сазо гузоштаанд.

Хиҳати дарки истилоҳи “ихтилофи фарҳангҳо“ нахуст бояд перомуни вожаи “бегона” андеша кард, зеро байни фаҳангҳо ҳамеша тафовути назаррас ҷой дошт, аммо ҳангоми муаррифӣ ва интиқоли он (фарҳанг) тарҷумон ба мушкилот рӯ ба рӯ мешуд.

Фарҳанги миллӣ сипарест ҳувияти як халкро ҳифз намуда, намегузорад то арзишҳои фарҳангӣ зеъри таъсири фаҳанги дигар рӯ ба фаромӯшӣ ва таназзул орад.

Чунончӣ забоншиносон, адабиётшиносон, бостонишосон ва фарҳангшиносон таъкид мекунанд, забон ва фарҳанг мардумро муттаҳид намуда, онҳоро ҳангоми низоъ ба созиш меорад. Воқеан, имрӯз забони англисӣ воситаи асосии муоширати байналмилалӣ гардидааст.

Ба қавли Вернадский В.И. ҳар иттилое, ки навишта мешавад, метавонад дорои арзиши фарҳангӣ бошад ва ба матн табдил ёбад. Академик Вернадский В.И. мафҳуми луғавии матнро таҷдиди назар намуда, ба илми адабиётшиносӣ рӯ меорад ва бештар ба мафоҳими фарҳангӣ таваҷҷуҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ, омӯзиши вазифаи матн ҷиҳати ҳаллу фасли қабатҳои фазои фарҳангӣ, аз ҷумла бахшҳои диахронии он шароит фароҳам меорад.

Баъдан, таълимоти Вернадский В.И. имкон медиҳанд, ки таълифоти мухталифи адабӣ, бадеӣ ва фарҳангро матн номида, таҳлилу баррасии прагматикии матнро дар осори гуногуни ӯ мушоҳида кунем.

Мутобиқсозӣ ё ҳамоҳангсозӣ усулест ҷиҳати тарҷумаи осори бадеӣ корбаст мегардад. Усули навсозӣ низ дар интиқоли осори бадеӣ ва фарҳангӣ васеъ истифода шуда, ҷиҳати ташреҳи вожаву ибораи мураккаб мавриди корбурд қарор мегирад.

Дар фазои тарҷума мафҳуми макростратегия аҳаммияти хоса дошта, аз методҳои мухталифи мутобқисозӣ, навсозӣ, ҳамоҳангсозӣ иборат аст. Механизми семиотикии

фарҳанг бештар дар асарҳои академик Вернадский В.И. асоснок гардидааст. Ҳамин тариқ, мувофиқи ғояҳои академик Вернадский В.И. вазифаи муоширaт танҳо интиқоли иттилоот набуда, балки тарҷумаи матн аз забони “асл” ба забони “тарҷума” низ ҳаст. Зарурати тарҷума аз он сабаб рӯйи кор меоянд, ки рамзҳои ду самти муошират, бо вуҷуди шабоҳати системаҳо, тавфовути зиёдро ташкил медиҳанд. Вернадский В.И. таъкид мекунад, ки семиосфера асоси рушди фарҳанг буда, сохтор ва таркиби он асимметрия аст.

Модом ки, дар аксари ҳолатҳо забонҳои гуногуни семиосфера аз ҷиҳати семиотикӣ нобаробаранд, пас, аз лиҳози маъно яксон нестанд. Дар маҷмуъ, тамоми семиосфераро метавон ба ҳайси нуқтаи асосии иттилоот баррасӣ намуд.

Дар асоси вижагиҳои семиотикии фарҳанг, олимони рус бахшҳои зеринро ҷудо намудаанд: навъ (навъи маишӣ, санъат, маросимҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ ва ғ.) ҷузъи ҷумла ( муносибатҳои фазоӣ, замон, семиотикӣ, рамзӣ ва ғайра) эътиқод (ба ҳайси як қишри воқеии фарҳанги мазкур фаҳмида мешавад) арзишҳо (омилҳои эҳсосии хоҳиш, ниёзҳо ва ғ. ки ба эътиқод рабт доранд) қоидаҳои иҷтимоӣ (системаи арзишҳо) намунаи рафтор, урфу одат, фаъолият, муошират, баҳс, озодии шахс ва истиқлолияти фикрӣ, рақобат, қудрат, ҳодиса, раванд, арзишҳои миллӣ фарҳангӣ ҳастии фарҳанг ва ғ. мебошанд.

Дар ин росто таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки на фақат арзишҳои фарҳангии як халқ, балки робитаҳои байнифарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, зуҳуроти симметрия ва асимметрия таъин шаванд. Ҳамин тариқ, падидаи асимметрия дар таҳлилу баррасии нобаробариҳои фарҳангӣ зоҳир шуда умумият ва тафовути байнифарҳангӣ муайян мешаванд.

**Матни асл:** <<Perico gave it to me at the bodega>> he explained.

**Тарҷумаи1**: Перико инро дар назди Қаҳвахона ба ман дод, гуфт пирамард

**Тарҷумаи2:** Перику ина ту кофе ба ма дод.>>

Чи тавре ки аз тарҷумаи боло бармеояд, дар он ҳолати симметрияи байнифарҳангӣ ба амал омадааст, зеро вожаи “bodega” қаҳвахона бештар байни амрикоиҳои испонизабони маҳаллӣ бо маъноҳои “мағоза”, “майкада”, ё “майхона” истифода мешавад. Вожаи мазкур дар луғатномаи Кембриҷ чунин тавзеҳ ёфтааст:

▪ in a neighborhood with a lot of Spanish-speaking people ) a small store that sells food and other Items for the house - (дар минтақаҳои низдики испонизабон) мағозаи хурде, ки дар он озуқа ва дигар таҷҳизоти хона фурӯхта мешавад:

➢ Would you run down to the bodega and pick up a quart of milk and some kitty litter? - (ба мағоза фаромада 1 л шир ва камтар оби ҷав намеорӣ?

Дар фарҳанги Оксфорд: -from Spanish-(in the US) a small store selling food, wine and household goods, especially in a neighborhoods where

most people speak Spanish - (дар ИМА) мағозаи хурде, ки дар он озуқа фурухта мешаванд, бахусус дар минтақаҳое, ки он ҷо мардум бо забонӣ испонӣ ҳарф мезананд.

➢ Try your local deli, bodega or convenience store - (Аз мағозаҳои маҳаллӣ бо ё мағозаи ба худат қулай истифода бар).

Чунончи аз мазмуни луғавии вожаҳои мазкур бармеояд, ин калимаҳо дар ҳар ду матн бо маънои яксон қаҳвахона ва кофе тарҷума шудаанд. Бояд тазккур дод, ки дар ин ҷойҳо нушокиҳои спиртӣ, озуқаворӣ ва техникаи маишӣ фурухта намешавад. Аз ин лиҳоз мутарҷимон бояд вожаҳои номбурдаро мағозаи озуқаворӣ ё мағоза маънидод мекарданд.

**АДАБИЁТ**


1.Вернадский В.И. Избранные труды по истории науке\\.. - М.: Наука,1981.- 458 стр.

2.Гак В.Г. Межъязыковая асимметрия ипрогранизораваниe переводические трансформаций. - М.: МГПИИЯ.1975 , 24-25 стр.

3.Гарбовский Н.К. Теория перевода / Н.К. Гарбовский.- М.: Изд. МГУ,2007.- 544 стр.

4.Комисаров В.Н. Слово о перевода\\ Комисаров В.Н. - М.: Наука,1973.- 357 стр.

5.Шубников А. В. Симметрия в науке и искусстве / А.В. Шубников. - М.: Наука,1972.- 458 стр.
6.Понамаренко И.Н. Симметрияи\ асимметрия в лингвистике текста \\ Понамаренко И.Н. - Краснодар,2005.- 322 стр.

## АССИММЕТРИЯ ДАР ТАРҶУМАИ БАДЕӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи ассимметрия дар тарҷумаи бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки падидаи асимметрия дар таҳлилу баррасии нобаробариҳои фарҳангӣ зоҳир шуда умумият ва тафовути байнифарҳангӣ муайян мешаванд. Ҳамчунин, муаллиф якчанд намунаи мисолҳои ба мавзуъ марбутаро оварда, онҳоро ба таври муфассал шарҳ додааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** мафҳум, симметрия, асимметрия, принсипҳо, забоншиносӣ, сарчашма, сохтор.

## АСИММЕТРИЯ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПЕРЕВОДЕ

В данной статье рассматривается тема асимметрии в художественном переводе. Автор отметил, что явление асимметрии проявляется при анализе и рассмотрении культурного неравенства, определяются межкультурные общности и различия. Также автор привел несколько примеров, связанных с темой, и подробно их объяснил.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: понятие, симметрия, асимметрия, принципы, лингвистика, источник, структура.

## ASYMMETRY IN LITERARY TRANSLATION

This article examines the topic of asymmetry in literary translation. The author noted that the phenomenon of asymmetry manifests itself in the analysis and consideration of cultural inequality, intercultural commonalities and differences are determined. The author also gave several examples related to the topic and explained them in detail.

**KEYWORDS:** concept, symmetry, asymmetry, principles, linguistics, source, structure.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Раҳимова Истатой*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905400034.**

**Сведения об авторе**: ***Рахимова Истатой*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 905400034.**

**Information about the author**: ***Rahimova Istatoi*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 933988045.**

# ФЕЙСБУК ВА ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКИИ ОН

*Мирзоева З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зери мафҳуми шабакаи иҷтимоӣ муҳаққиқони соҳаи журналистика, махсусан васоити электронии ахбор платформаи интернетӣ, хизматрасонии шабакавии мустақим ё веб-сайтеро мефаҳманд, ки "барои барқарорсозӣ, инъикос ва ташкили муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ дар фазои маҷозӣ пешбинӣ гардидааст". Ва шабакаи иҷтимоие, ки ба ин гуфтаҳо барчаспи зиёдтар дорад, шабакаи иҷтимоии Фейсбук мебошад. Имрӯз ба ин шабака қариб 4 миллион аҳолии Тоҷикистон дастрасӣ доранд ва бештари манфиати иттилооти худро аз инҷо меҷӯянд ва он ба як манбаи боэътимод табдил ёфтааст.

Дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук гурӯҳҳои зиёде мавҷуданд, ки ба манфиати ашхосу мақосиди гуногун кору фаъолият мекунанд. Боз ҳастанд гурӯҳҳое, ки танҳо бо мақсади фароғат пешбинӣ шудаанд. Чунки аср – асри илму техника буда, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ маҳз барои қулай ва зуд расидани иттилоъ аст. Чуноне ки муҳаққиқон менигоранд: «Асри электронии ахбор барои илм низ (дар қатори дигар соҳаҳо) қоидаҳои зиёдеро ба вуҷуд овард ва оварда истодааст. Ин қоидаҳо дар солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта чун як афсона ба назар мерасиданд».

Гурӯҳҳои фаъоли тоҷикии шабакаи иҷтимоии Фейсбукро мо ба якчандтои онҳо, ки муҳиммияти хосае доранд, рӯй меорем. Аз ҷумла, яке аз онҳо «Аз ҳар зовия» гурӯҳи фаъоли ин шабакаи иҷтимоӣ буда, қариб 92 ҳазор нафар ба он обунаанд ва матолиби он ҷо гузошташударо пайгирӣ мекунад. Ин гурӯҳ аслан фарҳангӣ – иттилотӣ буда, бештар ҷанбаи фароғатиро дорост. Бештар дар ин гурӯҳ бахшҳои зайл фаъоланд: Дуруд, Ҳикоят, Панди рӯз, Оё медонед? Латифаи рӯз, Фикри шумо, Ғазал, Иттилоъ, Тавсия ва ғайраҳо. Дар гурӯҳ баҳсҳои сиёсӣ, ғайриахлоқӣ ва дорои хусусиятҳои ихтилофию маҳалгароӣ қатъиян манъ аст. Гурӯҳ ба истилоҳ «пӯшида» аст. Яъне то ба он обуна нашаванд маводҳои интишоршударо хонда наметавонанд. Корбарони аз ҳама фаъоли ин гурӯҳ Аҳлиддин Бобоҷон ва Абдурашиди Қаюмзод, ки ҳарду ҳам администратор, яъне маъмур мебошанд.

Муҳаққиқи рус Алексей Бабий дар рисолаи таҳқиқиаш «Интернет как инструмент общественных организаций» шабакаҳои иҷтиморо ҳамчун асбоби кории доимамалкунанда муаррифӣ намуда, таъкид месозад, ки «ҳар қадар кори ташкилотҳо иртибот бо ҷомеаро талаб кунад, ҳамон қадар талабот ба шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд мегардад». Бинобар ин, имрӯз ҳар касе шуҳрат мехоҳад бояд ба шабакаҳои иҷтимоӣ рӯй орад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз гурӯҳҳо, ҳатто саҳифаҳои инфиродӣ ҳам боиси маъруфияти шахсият мегарданд.

Як гурӯҳи дигаре, ки имрӯз ба минбари эҷод табдил ёфтааст, «Адибони тоҷик ва дӯстдорони адаб» мебошад. Гурӯҳи мазкур баръакси гурӯҳҳои боло тамоми маводҳои интишоргардида ва обунашудагонро ҳар нафар дида метавонад, новобаста аз он ки аъзо аст ё не. Шояд аз он сабаб бошад, ки маъмурон онро маҳфил номидаанд на гурӯҳ. Ин гурӯҳ 13-уми марти соли 2013 ташкил шуда, имрӯз ба он зиёда аз 35 ҳазор нафар обунаанд ва дар тули як моҳи охир ҳазор нафар зиёд шудаанд. Ҳар рӯз то 15 мавод дар он ба хотири интишор гузошта мешавад. Маъмурони гурӯҳ Салим Аюбзод бо ду саҳифа, Фирдавси Аъзам ва Шариф Холов мебошанд. Аз рӯйи гуфти маъмурини гурӯҳ фаъолияти аслии гурӯҳ ба адабиёт равона шудааст ва қобили қайд аст, ки саҳми босазои худро низ гузошта истодаанд. Бисёр нафарон номи шеъру ғазалҳои даркориашонро дар гурӯҳ мегузоранд ва маъмурону корбарон онро ёфта медиҳанд. Дар ин гурӯҳ баҳсҳои адабӣ хеле зиёд мегузаранд ва муҳимаш ин аст, ки хеле ором. Гоҳо берун аз доираи фаъолияти гурӯҳ матлабҳои гуногун низ гузошта мешаванд. Хусусан, Абудқодири Рустам мақолаҳои танқидиву проблемавӣ мегузоранд, ки қариб ҳамаашон ба манфиати адабиёту забони миллат равона гардидаанд.

Дар санаи 3.02.2022 аз ҷониби гурӯҳи «Ҷамъияти тоҷикони Эрон» дар «Ормонҳои миллӣ» матлаби «Таҳқири муаллим таҳқири илм аст!!!»-и Камолзода Саидмуҳсин, донишҷӯи Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштии шаҳри Теҳрон гузошта шуда буд, ки чуноне дар боло зикр кардем то андозае хусусияти гуманизму маҳкумкунандагиро дорад. Ба он вокуниши зиёде нишон дода шудааст. Дар зери ин матлаб 51 нафар лайк гузоштаанд ва 93 нафар шарҳ навиштаанд, ки чунинанд:

«Амали нангини Маҳмадбоқир Маҳмадбоқиров - саркардаи гурӯҳи ҷинояткор, авбоши разил, роҳзан ва бетамиз, ки сардори Идораи маорифи ВМБК Лутфулло Наврӯзовро латукӯб кардааст, имруз нафрати ҳамаи мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз онро нисбат ба ин ғоратгари моли мардум ба вуҷуд овардааст. Роҳзанию дуздӣ, зуригарӣ, беодобиро дида будам, вале чунинашро бори аввал мебинам, ки муаллим - чароғи рӯзгорро нагузорӣ оромона кор кунад. Ин омӯзгор аз ноҳияи Ванҷ омадааст, ки ба фарзандони Хоруғ таълиму тарбия диҳад, онҳоро бо роҳи рост, одамгарӣ, хайрхоҳӣ, некукорӣ ҳидоят кунад, вале аз тарафи як ваҳшие, ки аз кучаи одобу ахлоқ нагузаштааст, мавриди беҳурматӣ қарор мегирад. Ин дар Тоҷикистон то ҳоло мушоҳида нашудааст, ки як нафар худро ҳокими мутлақи Хоруғ эълон кунаду ба намояндаи ноҳияи дигар таҳдид кунад, ки шаҳри Хоруғро тарк кунад. Магар Тоҷикистон хонаи ҳар тоҷикистонӣ нест? Чаро Маҳмадбоқиров тухми низоъ ва маҳалгароиро дар замини поки кишвари мо мекорад? Вай чи мехоҳад? Хоруғ магар моли падари вай аст? Вай тарбияти падарро ҳам надидааст, агар медид ба ин амали ноҷавонмардона даст намезад.

Мо аз бегонагон дар кишварҳои дигар чаро нолем, ки фарзандони беномусе мисли Маҳмадбоқиров ба зодагони дигар ноҳияҳо таҳқиру зуриро раво мебинанд. Ин бадкору бадният бо ин амали худ мехоҳад охирин умеди рӯзгори мо - маорифро ҳам хомуш кунад, то наслҳои оянда мисли вай бесавод, пуч, бадахлоқу роҳзан ба воя расанд. Аз мақомоти дахлдор илтимос мекунем ин амали ӯ дар байни халқ муҳокима шавад, дар телевизон аз ин муаллим ва намояндаи ҳукумат узрхоҳӣ кунад ва онгоҳ ӯ мувофиқи амалаш ҷазо бинад, то ба дигар беодобоне мисли ӯ сабақ шавад. Сабр ҳам ҳаду андоза дорад. То кай мардум аз тарси ин буздилони курдил амнияти шаҳрвандиашон таҳти хатар қарор гирад? То кай мо ҳамаи кирдорҳои ношоистаи онҳоро таҳаммул кунем? Амали нангини ин ҷояткор бояд тавассути ҳамаи мардум маҳкум шавад. Дар ғайри ин сурат онҳо ва гурӯҳҳои дигари авбош ҷуръат карда, даст ба амалҳои ғайриинсонии дигар мезананд. Бас аст бетарафӣ. Бас аст муносибати бетарафона ба амалҳои нопок.

Мардуми мо дар назди бегонаи ғосиб ҳаргиз таслим нашуд, мо зулму беинсофиро таҳаммул намекунем, мо мардуми ғаюру озода ҳастем ва намегузорем ин гуна афроди дур аз одобу ахлоқи инсонӣ даст ба ҳар коре, ки дилашон мехоҳад зананд. Ҳақ бояд ба ҳақдор расад-чунин аст андешаи ман».

Яке аз муҳаққиқоне, ки ба пажӯҳиши журналистикаи интернетӣ машғул шудааст, Фирдавс Абдуҷалилов мебошад. Муҳаққиқи мазкур зимни омӯзиш ба он хулоса меояд, ки шохаҳои алоҳидаи журналистикаи интернетӣ монанди журналистикаи чандрасонаӣ, қонуниятҳои журналистӣ дар шароити муносибатҳои нави иттилоотӣ, журналистикаи таҳлилӣ (дата-журналистика), ҳолат ва дурнамои журналистикаи интернетӣ дар минтақаҳои кишвар ва шаклҳои нави реклама дар журналистикаи интернетӣ аллакай дар мисоли муҳити расонаии Тоҷикистон арзиши илмӣ пайдо карданд ва ҳарчанд доир ба ин шаклҳо пажуҳишҳои илмию оммавӣ сурат гирифта бошанд ҳам, дараҷаи таҳқиқ ва шеваи нигориши онҳо мухталиф аст.

Гурӯҳи дигар «Дуруст бинависем»-и Рустами Ваҳҳоб аст. Ин гурӯҳ ҳам мисли «Адибони тоҷик ва дӯстдорони адаб» ба ҳамагон дастрас буда, 23-юми майи соли 2014 ташкил шудааст. Маъмурони он Рустами Ваҳҳоб, Рустам Сорбон, Искандари Ориф, Толиб Луқмон, Суҳроб Ваҳҳобниё ва Саъдӣ Маҳдӣ мебошанд. Иштирокчиёни гурӯҳ қариб 10 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Ва мақсаду мароми таъсисдиҳандагони гурӯҳ то андозае поку беғалат нигоҳ доштани забони тоҷикӣ аст. Дар як моҳи охир 47 нафар ба он аъзо шудаанд. Ҳамарӯза 4 ва гоҳо 5 мавод дар гурӯҳ гузошта мешаванд ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Зикр кардан бамаврид аст, ки нафарони зиёде барои фаҳмидани

дурустиву нодурустӣ ва ё маънои ин ё он калима ба аҳли гурӯҳ мурочиат карда ба саволҳои худ посухи пухтаву мукаммал ва боэътимод мегиранд. Хусусан, Рустами Ваҳҳоб ва Суҳроб Ваҳҳобниё аз корбарони фаъол ба ҳисоб мераванд.

Дар ин гурӯҳ ғайр аз он ки матолибе аз қабили “Бизнесмен чӣ маънӣ дорад?”, “Оё калимаи “Зажигалка” ба тоҷикӣ тарҷума шудааст?” ва амсоли ин боз матолибе гузошта мешаванд, ки хусусияти геополитикӣ низ доранд, аммо чизи ҷолиб он аст, ки гарчанде чунин матолиб дар назари хонанда ночиз намояд ҳам, дар зери инҳо шарҳҳои зиёде гузошта мешаванд. Масалан дар зери матлаби “Бизнесмен чӣ маънӣ дорад?” 26 шарҳ навишта шудааст. Ин ҳам сабаб дорад. Агар ҳар як нафар ба забон бо чунин ҷузъиёт муносибат кунад, забони мо дар як муддати кӯтоҳ поктарин ба қайд гирифта мешавад. Аммо “деҳ кучҷову дарахтон кучҷо”.

Хулоса, чунончӣ дар боло маълум гардид, контенти гурӯҳҳои тоҷикии фейсбукӣ басо доманадору печдарпечанд. Дар ин ҷо мо танҳо сари чанд масъала истода гузаштем. Агар дар мавриди муошират, эҳтироми ҳамдигарӣ, риояи забони адабӣ ва амсоли ин гуфта мегузаштем, кор хеле васеъ мешуду, мавзуъ рангоранг ва имкони аз доираи таҳқиқ баромадан низ дур намешуд. Бинобар ин, мо танҳо ҳамин мавзуъро ҳаллу фасл карда, оид ба ҳар яке аз гурӯҳҳои маъмули тоҷикии ин шабакаи иҷтимоӣ маводро айнан оварда, онро шарҳ низ додем, ки фикр мекунем худ басанда аст. Дар фазои тоҷикии интернет гурӯҳҳои зикршуда то андозае саҳми босазо гузошта истодаанд.


## АДАБИЁТ

1 Абдуҷалилов, Ф. Н. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо / Абдуҷалилов Фирдавс Низомович // Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе.– 2021. – 30 с.

2 Бабий, А. Интернет как инструмент общественных организаций / Алексей Бабий. – Россия, Красноярск.– 2012. – 202 стр., с. 9.

3 Ҳамидиён, И., Низом, Ф. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо (монография) / Илҳомҷон Ҳамидиён, Фирдавси Низом. – Душанбе, 2022.– 268 с., с. 211.

4 Имомзода, М. Усули таҳқиқ / Муҳаммадюсуф Имомзода, Саъдӣ Маҳдӣ, Бахтиёри Қутбиддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – 200 с., с.60.


## ФЕЙСБУК ВА ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКИИ ОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзуи фейсбук ва гурӯҳҳои тоҷикии онро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки зери мафҳуми шабакаи иҷтимоӣ муҳаққиқони соҳаи журналистика, махсусан васоити электронии ахбор платформаи интернетӣ, хизматрасонии шабакавии мустақим ё веб-сайтеро мефаҳманд, ки “барои барқарорсозӣ, инъикос ва ташкили муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ дар фазои маҷозӣ пешбинӣ гардидааст”.



**КАЛИДВОЖАҲО**: муҳаққиқ, муносибат, фазои маҷозӣ, журналистика.


## ФЕЙСБУК И ЕГО ТАДЖИКСКИЕ ГРУППЫ


В данной статье автор обсуждает тему Фейсбук и его таджикских групп. Автор отметил, что под понятием социальной сети исследователи в области журналистики, особенно электронных СМИ, понимают интернет-платформу, прямой сетевой сервис или веб-сайт, который «предназначен для восстановления, отражения и организации взаимного общения и соќиалїнљх отношений в виртуальном пространстве».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: исследователь, отношения, виртуальное пространство, журналистика.


## FACEBOOK AND ITS TAJIK GROUPS


In this article, the author discusses the topic of Facebook and its Tajik groups. The author noted that by the concept of a social network, researchers in the field of journalism, especially electronic media, understand an Internet platform, direct network service or website, which “is intended to restore, reflect and organize mutual communication and social relationships in the virtual space.”



**KEYWORDS:** researcher, relationships, virtual space, journalism.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоева Зебонисо Каримовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 911122833**. E-mail: **zebomirzoeva20@gmail.com**

**Сведения об авторе**: ***Мирзоева Зебонисо Каримовна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 911122833.** E-mail: **zebomirzoeva20@gmail.com**

**Information about the author:** ***Mirzoeva Zeboniso Karimovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 911122833.** E-mail: **zebomirzoeva20@gmail.com**

# ШАРҲУ ТАФСИРИ ЭТИМОЛОГИИ ИҚТИБОСОТ АЗ ЗАБОНИ ЮНОНӢ

***Сафарова С.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Иқтибосоти юнонӣ ба забони англисӣ дар натиҷаи чанд мавҷ ворид шудаанд. Марҳилаи қадимтарин ба давраҳое рост меояд, ки қабилаҳои германии *англҳо, саксҳо, ютҳо* ва *фризҳо* ҳанӯз пеш аз ба Британия кӯчидан, робитаҳои ҳарбӣ ва тиҷоратӣ бо румиҳо барқарор карда буданд. Баъдан дар давраи дуюм шумораи зиёди вожаҳои юнонӣ ба воситаи забонҳои дигар (асосан, тавассути забони лотинӣ) ба забони англисӣ ворид шуда буданд. Ниҳоят дар марҳалаи сеюм вожаҳои нав, ки решаҳои юнонӣ доштанд, ба забони англисӣ ворид мешуданд.

Масалан, номҳои ҳафт илм, ки фанҳои барномаҳои донишгоҳҳои асримиёнагиро ташкил медоданд, ҳамашон этимологияи забони қадимии юнонӣ доштанд: *grammar* – грамматика, *logic* – логика, *rhetoric* – реторика; *arithmetic* – арифметика, *geometry* – геометрия, *astronomy* асрономия ва *music* – музика. Бе истилоҳоти юнонӣ Чоссер неметавонист рисолаи худро дар бораи устурлоб (астролябия) нависад.

Дар даврони Эҳё забоншиносон ду давраи таърихи забони англисиро ҷудо мекунанд, ки теъдоди бештарини иқтибосот аз забони юнонӣ, нисбат ба забонҳои дигар, ба забони англисӣ ворид шуда буданд. Хусусияти фарҳанги ин давра – набудани забони ягонаи адабии англисӣ буд. Ашроф (аҷдодони норманҳо) ба забони фаронсавӣ гап мезаданд, ба лаҳҷаҳои сершумори англо-саксонӣ деҳқонон ва шаҳрнишинон суҳбат мекарданд. Дар калисо бошад забони расмӣ – забони лотинӣ буд.

Теъдоди зиёди асарҳо ба забони фаронсавӣ нашр мешуданд. Фарҳанги ягонаи миллӣ набуд, фақат дар миёнаҳои асри XIV забони адабии англисӣ дар заминаи шеваи Лондон тадриҷан шакл мегирифтагӣ шуд. Маҳз дар асри XVI теъдоди бештарини вожаҳо бо решаҳои юнонӣ ба забони англисӣ ворид шуда буданд. Иқтибосот аз забони юнонӣ таркиби луғавии забони англисиро, аз ҷумла тавассути иқтибосоти истилоҳоти адабӣ ғанӣ ва бой гардонда буданд. Чанде аз онҳоро баррасӣ менамоем:

**гимн (***юн. hymnos – суруди мадҳ, мадҳия*). Ин истилоҳ ба забони англисии қадим дар шакли *ymen*, пеш аз асри XII, баъдан ба англисии миёна дар шакли *yemne* ва ба забони муосири англисӣ дар шакли *hymn* аз забони лотинӣ дар шакли *hymnus* ворид шудааст, ки худ ба ин забон аз шакли юнонии *hymnos* ворид шудааст. Ин истилоҳ дар аксарияти луғатҳои адабиётшиносии тоҷик ба шаклҳои навишти ғалати *himnos* дода шуда бошад, дар чанди дигаре дар шакли ҳарфгардон *ҳимн* омадааст. Дар Юнони Қадим шеъри ботантанаро, ки ба мадҳу ситоиши қаҳрамонҳои афсонавӣ ва худоҳо бахшида мешуд, *гимн* мегуфтанд.

Дар асрҳои минбаъда дар гимнҳо ягон воқеаи муҳим ё шахси барҷастае васф мешуд. Аз асри XIX сар карда, сурудҳои бошукӯҳеро, ки ба тараннуми ягонагии миллӣ, давлатӣ ё синфӣ бахшида мешавад, *гимн* мегӯянд.

**драма – drama** (*юн. drama* ҳаракат, кирдор, амалиёт). Ин вожа ба воситаи забони лотинӣ ба англисӣ дар соли 1515 ворид шудааст. Драма – яке аз навъҳои адабӣ мебошад, ки маҷмуи асарҳои саҳнавиро дар бар мегирад. Асарҳои драмавӣ барои дар саҳнаи театр гузошта шудан навишта мешаванд. Дар драма ба воситаи ҳаракат ва диалог, инчунин ба воситаи монолог, луқма, имову ишора, фосила ва ғайра образ офарида мешавад. Дар драма на ин ки нақл, балки бевосита намоиш додани амалиёту ҳаракат ва рафтору кирдори одамон бештар мушоҳида мешавад.

Луғатнигори англис М.Н. Абрамс низ вожаи драмаро чунин тавзеҳ додааст: **драма** – шакли композитсияе, ки барои баромад дар театр муқаррар шудааст ва дар он ҳунармандон нақшҳои қаҳрамононро мебозанд ва дар ҷараёни он суҳбатро дар шакли диалог анҷом медиҳанд. (Номи дигари ин композитсияи драмавӣ - бозӣ аст). Дар драмаи шеърӣ, суҳбат

дар шеърҳо, бо забони англисӣ сурат мегирад ва бо забони фаронсавӣ бошад, дар дувоздаҳ сатр, ки бо номи Александрия машҳур аст, иҷро мегардад. Аммо қариб ҳамаи драмаҳои қаҳрамонии давраи барқароршавии англисӣ дар бандҳои қаҳрамонӣ навишта шудаанд (хатҳои ямбикии пентаметрӣ, ки бо ҷуфтҳо ҷудо карда мешаванд). Драмаи мазкур дар шакли драматикӣ бо суҳбатҳо ва реҷаҳои намоиш омода карда шудааст, лекин танҳо барои хондан аз ҷониби муаллиф ва на барои иҷро муқаррар карда шудааст; Мисолҳои он, намоиши «Амонистҳо» Самсон Милтон (1671), «Манфред Байрон» (1817), «Прометей Шелли» (1820) ва «Династии Харди» (1904 -8) мебошанд.

Дар забони англисӣ ба маъноҳои зикршуда маъноӣ *бозӣ* низ илова шудааст. Аксарияти луғатҳои адабиётшиносии мавриди таҳқиқи англисӣ таърих ва ё асли пайдоиши истилоҳоти адабиётшиносиро зикр накардаанд.

Гуногунии шаклҳои муборизаи иҷтимоӣ гуногунии жанрҳои драмаро муайян мекунанд: драма, трагедия, комедия, водивел. Дар драма конфликти ҷиддӣ ва мураккаби ҳаётӣ, муборизаи басо тунду тези мардум тасвир меёбад. Чунончи, дар драмаи Ғ. Абдулло, ва Ш. Қиёмов "Тӯфон" муборизаи шадиди қувваҳои инқилобӣ ва зиддиинқилобӣ инъикос ёфтааст. Дар бораи пайдоиши вожаи драма, таърихи асарҳои драмавӣ дар адабиёти классикӣ, навъҳо ва шаклҳои драма дар адабиёти форсу тоҷик ва рус иттилооти пурраро адабиётшинос Т. Атахонов овардааст.

**комедия – comedy** (*юн.* comedia – мазҳака, комедия).

**монография – monograph (***аз. юн. monos – як; graphe – тасвир кардан*) – асари илмие, ки аз тарафи як кас оид ба ягон масъала навишта шудааст. Яъне, монография рисола ё асри яклухти илмӣ мебошад. Чунончи, монографияи С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» ва монографияи А. Мирзоев «Биноӣ» асарҳои таҳқиқотие мебошанд, ки ҳар кадом ба ҳаёту эҷодиёти як шоир бахшида шудаанд. Дар забони англисӣ ин истилоҳ дар шакли феъл *to monograph* ҳам роиҷ аст, ки маънои монография навиштанро дорад, ки дар забони тоҷикӣ ва русӣ вожаи монография фақат ба вазифаи исм истифода мешавад.

**пролог – prologue** ё **prolog** *(аз юн. prologos* – сарсухани намоишнома ё асари адабӣ*)*. Ин вожа аз забони юнонӣ ба лотинӣ дар шакли *prologus* ворид шуда дар асри 14 ба забони англисии миёна дар шаклӣ *prolog* ва ба фаронсавии миёна дар шакли *prologue* ворид шудааст. Аз ин рӯ, дар забони англисии муосир ҳарду шакли навишт роиҷ мебошанд. Яке аз шаклҳои муқаддимаи асари бадеӣ, сарсухан ё дебоча аст, ки хонандаро пешакӣ бо моҳияти воқеаҳои асар ё фикру мулоҳизаҳои муаллиф шинос менамояд. Адабиётшинос С. Табаров ба ин синонимҳои зикршудаи вожаи пролог калимаҳои *огоз* ва *мадхалро* низ илова кардааст

Дар адабиёти тоҷик *прологро* дар шакли дебоча, сарсухан, аввалсухан, муқаддима, пешгуфтор, ибтидо дар достонҳо, куллиёти ашъори шоирон, асарҳои насри бадеии каласcикӣ ва ғ. дидан мумкин аст.

**риторика – rhetoric (***аз юн. rhetorike – санъати нотиқӣ)*. Ин вожа ба англисии миёна дар асри 14 дар шакли *rethorik* аз фаронсавии миёна дар шакли *rethorique*, аз забони лотинӣ дар шакли *rhetorica* аз вожаи юнонии *rhetorike* ворид шудааст. Дар адабиёти давраи қадим ва асрҳои миёнаи халқҳои Аврупо илме буд дар бораи фасоҳати баён ва санъати нотиқӣ. Асосҳои назариявии ин илм ба гуфтаи адабиётшинос Т. Атахонов дар асари Аристотель "Риторика" оварда шудааст, ки панҷ талаби асосиро дарбар мегирад: таълимот дар бораи услуб, ба ҳисоб гирифтани се тарзи баён (баланд, миёна ва паст), истифодаи се воситаи такмили услуб – интихоби калима, мувофиқати калима, ибораҳои услубӣ ва аз ёд кардан ва талаффуз кардан.

Адабиётшинос Х. Мирзозода истилоҳи "риторика"-ро *rhetor – нотиқ* гуфта аст, ки иштибоҳ аст ва шарҳи маънои риторикаро овардааст на истилоҳи *нотиқро* – илме дар бораи нотиқӣ ва фасоҳати баён. Дар замони ҳозира риторика маънои манфӣ низ касб намудааст: асар ё нуктаҳоеро, ки зоҳиран зебо, аммо дар маънӣ хушку холӣ бошанд, риторика мегӯянд.

**аноним** (юн. **annonymos – беном**) – асаре, ки номи муаллифаш қайд нашудааст ё ки нависанда номи худро пинҳон кардааст, асарҳои халқӣ ҳам аномонӣ номида мешавад, ба мисли сурудҳо, афсонаҳои беноми муаллиф;

Истилоҳоти соҳаи адабиёшиносӣ дар ҳамаи забонҳо, аз ҷумла, дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ яке аз қабатҳои муҳимми таркиби луғавии забон буда, дорои таърихи қадима мебошанд ва дар рушду такомули истилоҳоти забони адабии ҳозираи забонҳои таҳқиқшаванда нақши муассире гузоштаанд. Мутаассифона, то кунун аз нигоҳи этимологӣ ва вижагиҳои шарҳу тафсир ва тасири ин қабати луғавии забон дар луғатномаҳои истилоҳоти адабиётшиносӣ ин забонҳо мавриди таҳқиқи густурда қарор нагирифтааст.

### АДАБИЁТ


1. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд. Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2015, 400 с.
2. Каушанская В.Л. A grammar of the English language / В.Л. Каушанская. - Москва,1967, - 356 с.
3. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣс / М. Муродов. - Душанбе, Ирфон, - 2014.
4. Назарияи публисистика. - Душанбе: Маориф. - 2000.
5. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / Назарзода Сайфиддин. - Душанбе; 2014. - 369 с.
6. Саидов Ҳ.А. - Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Ҳ.А. Саидов. - Душанбе, 2013. - 335 с.
7. R. Galperin. Stylistics, II part. Moscow «Higher school» 1977.335 pages.


### ШАРҲУ ТАФСИРИ ЭТИМОЛОГИИ ИҚТИБОСОТ АЗ ЗАБОНИ ЮНОНӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи шарҳу тафсири этимологии иқтибосот аз забони юнонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки истилоҳоти соҳаи адабиёшиносӣ дар ҳамаи забонҳо, аз ҷумла, дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ яке аз қабатҳои муҳимми таркиби луғавии забон буда, дорои таърихи қадима мебошанд ва дар рушду такомули истилоҳоти забони адабии ҳозираи забонҳои таҳқиқшаванда нақши муассире гузоштаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** забон, таркиби луғавӣ, забони адабӣ, этимология, рушд.


### ЭТИМОЛОГИЧЕСКОЕ ОБЪЯСНЕНИЕ ЗАИМСТВОВАНЫХ СЛОВ ИЗ ГРЕЧЕСКОГО ЯЗЫКА


В данной статье рассматривается тема этимологической интерпретации заимствованных слов из греческого языка. Автор отметил, что термины из области литературоведения на всех языках, включая английский и таджикский, являются одним из важных пластов лексики языка, имеют древнюю историю и сыграли действенную роль в развитии и совершенствовании терминов текущего литературного языка изучаемых языков.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: язык, лексика, литературный язык, этимология, развитие.


### ETYMOLOGICAL EXPLANATION OF BORROWED WORDS FROM THE GREEK LANGUAGE


This article examines the topic of etymological interpretation of borrowed words from the Greek language. The author noted that terms from the field of literary studies in all languages, including English and Tajik, are one of the important layers of the vocabulary of the language, have an ancient history and played an active role in the development and improvement of the terms of the current literary language of the studied languages.



**KEYWORDS:** language, vocabulary, literary language, etymology, development.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сафарова Саёҳат Маҳмадуллоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Сафарова Саёхат Махмадуллоевна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17.

**Information about the author**: ***Safarova Sayohat Mahmadulloevna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

# ТАҲАВВУЛОТИ МУНДАРИҶАВӢ ВА ҒОЯВИИ ШЕЪРИ НАВ ДАР НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИК

*Сафарзода М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шеъри нав дар адабиёти тоҷик падидаи наву тоза буда, давоми шеъри пурғановати классикии форсу тоҷик аст. Ин навъи шеър дар ибтидои асри XX зуҳур карда, мақоми тозаеро дар адабиёт касб кард.

Дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии охирҳои асри XIX омилҳои асосӣ дар нав гардидани шеъру адаби тоҷик дониста мешаванд. Густариши робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратии Аморати Бухоро ва Русия ҷомеаи адабиро зери таъсир қарор дод ва боиси он гардид, ки дар радифи ҳайатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, зиёиён низ ҳузур пайдо кунанд. Ошноӣ бо дунёи нав омили дигари таҷаддудгароӣ дар адабиёт гардид ва дар ин замина бо талоши Аҳмади Дониш ҷараёни маорифпарварӣ бунёд гузошта шуд. Фарҳангу тамаддун, дастовардҳои илмию иқтисодии он кишвар андешаҳои инқилобиро дар зеҳни зиёиён вусъат дод. Маҳз дар ҳамин давра ва бо асари ҳамин гуна равобит адабиёте, ки инъикоскунандаи тамоилоти мардум буд, ривоҷ ёфт ва андешаҳои навинеро арзонӣ дошт. Аммо ба далели камбуди таҷриба ва набуди санъати чоп ва рӯзнома андешаҳои пешқадами Аҳмади Дониш аз доираи як гурӯҳи кӯчаки аҳли адаб берун нарафт ва ба як ҳаракати фарогири иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил нашуд.

Дар ҳамин давра бархе шоирон, аз ҷумла Тошхоҷаи Асирӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ дар ашъори худ бар зарурати таъсиси мактабҳои типи нав, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба сӯйи тараққиёт ишора, аз рӯзгори нобасомони он айём шикоят кардаанд. Ин мавзуъҳо дар баъзе шеърҳои Тошхоҷаи Асирӣ ба монанди «Дар мазаммати мактаби куҳна», «Ба тараққкиёт руҷуъ кунед», «Дар ҳаққи Осиёи Миёна» ва «Саллаи панҷ карат бузург» матраҳ шудаанд. А. Ҳамдӣ низ дар ашъори пеш аз инқилобии худ кӯшиш кардааст, ки ба шеъри худ ҷомаи нав бипӯшонад, аммо ин талошҳои навгароии ӯ танҳо бо ворид кардани калима ва ибораҳои ноошнои бегона маҳдуд шудааст.

Ҳамин тавр, дар он давра шеъри тоҷик аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, лафз ва услуби нигориш ба дигаргуниҳо ва тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ мешуд. Шоирон дар мавзуъ ва масъалаҳои рӯзмарраи мактабу маориф, омӯхтани забон, ватандорӣ ва хештаншиносию ифтихори миллӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ бо забони содаю мафҳум ва баёни шево афкори худро ифода мекарданд. Шеър аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа тағйир мeёфт ва мазмуни нав наметавонад ба таври мутаносиб дар шакли куҳна ифода шавад, барои ин сухани нав, услубу вазну оҳанги тоза лозим аст. Чи тавре ки Баҳром Сирус дар мақолаи хеш мегӯяд: “Мумкин аст, ки мазмуни нав, ки таърихан ба шакли тақаддум дорад, дар авоили зуҳури худ фавран барои худ шакли муносиберо пайдо накунад. Дар ин сурат мазмуни нав муваққатан дар шакли куҳна зоҳир мешавад. Вале дар ин гуна маврид дар байни мазмун ва шакл, ки бояд бо ҳамдигар таносуби лозимӣ дошта бошанд, ихтилоф ба вуҷуд меояд, лекин ин хел ихтилоф доимӣ шуда наметавонад. Мазмуни нав дер ва ё зуд бояд, ки барои худ шакли наверо қабул кунад” [2;116].

Дар саргаҳи ин навгонӣ устод Садриддин Айнӣ меистод. Дар ин замина, аввалин шеъри наворонаи тоҷик, ки қолаби шеъри суннатиро шикаст, “Марши ҳуррият”-и устод С. Айнӣ буд. Шеъри “Марши ҳуррият” пас аз инқилоби Октябр, дар соли 1918 суруда шуд ва дар саргаҳи навовариҳои сохторӣ қарор гирифт ва заминаи муфиде барои нав шудани шеъри тоҷик дар солҳои баъд гардид. Нахустин шеъри нави тоҷик марш буд ва муаллифи марш Садриддин Айнӣ буд.

Рустами Ваҳҳобзода, пажуҳишгари шеъри муосири тоҷик низ бархе аз ашъори Айниро ба унвони “муқаддимаи шеъри нави форсӣ” арзёбӣ кардааст. Ин муҳаққиқ бар он аст, ки ҳарчанд поягузори мактаби шеъри нав дар Эрон Нимо Юшич аст, вале бархе ашъори

Садриддин Айниро низ метавон “муқаддимаи шеъри нави форсӣ” талаққӣ кард. Ба иддаои мавсуф ашъори нави Айнӣ дар ибтидои асри XX ва солҳо қабл аз шеъри маъруфи “Афсона”–и Нимо Юшич, вале тақрибан ба ҳамон сабки нимоӣ суруда шудааст. Р. Ваххобзода меафзояд, ҳанӯз дар ибтидои асри XX устод Айнӣ нахустин намунаҳоеро менависад, ки бо меъёрҳое, ки баъдан таъин шуданд, онҳоро метавон намунаҳои шеъри нав ё арузи нав ба шумор овард” [4;225].

Гарчанде талоши С. Айнӣ ҷиҳати сохторшикании қолабҳои шеъри классикӣ идома наёфт, аммо “тарзи нав”–и ӯ барои ворид кардани мазмунҳои нав дар қолаби шеър аз сӯйи бархе шоирони ибтидои асри XX ҳамовозӣ пайдо кард. Аз ҷумла М. Сироҷ, Ҳозиқ, Симо, Исо, Дилкаш, Савдо, Шоҳин, Саҳбо А. Ҳамдӣ, Мунзим, Т. Асирӣ, П. Сулаймонӣ, Аминзода, М. Раҳимӣ, Бектош ва дигарон ин ҷараёнро инкишоф дода, дарду алами мардумро дар қолабҳои суннатӣ, аммо бо мазмуни ҷадид дар ашъори худ суруданд.

Бояд қайд намуд, ки таҳаввулот на танҳо дар шеъри тоҷик, балки кулли қаламрави шеъри форсизабон ба вуҷуд омад. Дар адабиёти Эрон ин ҷараён бо номи адабиёти машрутахоҳӣ ёд мешавад ва он ба истилоҳи машрутият, ки 30 декабри соли 1906 аз тарафи Музаффариддиншоҳ ба тасвиб расида буд, иртибот мегирад. Падидаи машрутият бештар дар шеър зоҳир мегардад ва намояндагони адабиёти машрутият Маликушшуаро Баҳор, Фаррухии Яздӣ, Адибулмамолики Фароҳонӣ, Сайид Ашрафиддини Гелонӣ, Мирзода Ишқӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Эраҷ Мирзо, Орифи Қазвинӣ буда, он мавзуъҳои озодӣ, қонун, Ватан, таълиму тарбия, фаъолияти коргариро дар бар мегирифт.

Дар Афғонистон низ дар ибтидои асри XX адабиёти бадеӣ давраи равшангароӣ-маорифпарвариро аз сар гузаронд ва дар мазмуну қолабҳои адабӣ, чунонки аз «Равзаи ҳукм»-и Маҳмуди Тарзӣ, «Булбули гирифтор»-и Абдулҳодии Довӣ, ашъори Абдурраҳмони Лудин бармеояд, тағйироти чашмрас ворид гардид. Дар Афғонистон аввалин шоире, ки шеваи ҷадид ва тарзи тафаккури асриро дар шеъри дарӣ ривоҷ бахшид, Маҳмуди Тарзӣ буд. Вай дар ҳақиқат, падари адабиёт ва маорифи асрии Афғонистон шумурда мешавад, ки дар назму наср соҳиби мактаби наву тозае буд.

Шеъри нав дар адабиёти тоҷик якбора ҳам аз таҳаввули дарунии худи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳам аз таҳаввули адабиёти Эрон, ҳам аз таҳаввули адабиёти ҷаҳон бархӯрдор гардида, дар он тағйироти ғоявию мундариҷавӣ ба амал омад.

Ташаккули шеъри нав ҳам, ки бо навъҳои “шеъри нимоӣ”, ё “арузи озод”, “шеъри сафед” ва “чаҳорпора” рӯнамо гардид, яке аз заминаҳои фарох дар нав шудани андешаю афкор дар адабиёти муосир мебошад. Ин падидаи тозаи адабӣ дар қатори дигар таҷаддудкориҳои илмию адабӣ, ки адабиётро ба ду давраи бузурги таърихӣ – “адабиёти классикӣ” ва “адабиёти муосир” тақсим намуд, замина ва омилҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва адабии худро дорад. Ҳамин тариқ, гузариши шеър аз як марҳила ба марҳилаи дигар, вобаста ба тафаккури ҷомеа ва инкишофи ақлонии инсонҳо дар ҳаёти мадании мардум боиси навназарӣ дар адабиёт гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки таҳаввули мундариҷавӣ ва ғоявӣ на танҳо дар шеъри нав ба вуҷуд омад, балки ҳарчанд ҳамаи анвои классикии мо аз ҷиҳати шакл тағйир наёфтанд, вале дар онҳо низ таҳаввулоти ғоявӣ ва мундариҷавӣ ба вуҷуд омад. Агар ба таърихи адабиёти муосирамон назар андозем, то имрӯз чунин таҳаввулот мушоҳида мешавад, ки шеъри нав ҳам аз ин истисно нест.

Аввалан, тағйироти мундариҷавию ғоявӣ аз охири асри 19 то соли 1930 - ро дар бар мегирад. Дар ин марҳила шеърҳои инқилобӣ вусъат доштанд. Шоирон мавзуъ ва масъалаҳои рӯзмараи мактабу маориф, омӯхтани забон, ватандорӣ ва хештаншиносию ифтихори миллӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоиро бо забони содаю мафҳум ва баёни шево ифода мекарданд.

Кӯшишҳои навоварона дар шеър ба таври муназзамтар танҳо пас аз соли 1905 дар адабиёти тоҷик равнақи бештар гирифтанд. Дар ин давра, пас аз инқилоби аввали Русия дар соли 1905, таъсири он ба Осиёи Миёна ва фаъол гардидани ҳаракати тачаддудхоҳӣ дар минтақа шеъри тоҷик аз назари муҳтаво дучори таҳаввули тоза гардид. Метавон гуфт, ки тағйироти босуръати сиёсиву иҷтимоии ибтидои асри XX дар Русия, заминаро

барои рушди навгарой дар адабиёти тоҷик фароҳам кард. Ба гуфтаи Р. Мусулмонқулов: “Сабаби пайдоиши нававарӣ ҳодиса ва воқеаҳои ҳаётӣ будааст” [4, 34]. Маҳз дар ҳамин давра бархе шоирони тоҷик ашъоре бо мавзуъ ва мазмунҳои мушаххаси иҷтимоӣ, аммо дар қолабҳои суннатӣ эҷод карданд. Агар дар ашъори шоирони мубориз охири асри Х1Х тарҳи мавзуъҳои иҷтимоӣ хусусияти пандуахлоқӣ ва даъват ба таҷаддудро дар бар мегирифт, дар ин марҳала мавзуъҳои мушаххаси иҷтимоию ватанӣ ва ҳамчунин даъват ба мубориза барои ба даст овардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ матраҳ мешуд, ки ин равиш қаблан собиқа надошт. Дар тағйири мазмун ва муҳтавои шеър дар ибтидои асри ХХ устод С Айнӣ аз ҳама пешгом буд. Маҳз С. Айнӣ буд, ки дар ин марҳала бо такя ба анъанаҳои гузаштагон шеърҳои «Дар фоҷиаи шиа ва суннӣ», (1910), «Нидо ба ҷавонон» (1914), «Заминро бояд нафурӯшед!» (1916) ва «Қиссаи кирмак ва парвона» (1917)–ро ҷасурона сароид ва дар қолабҳои шеъри суннатии тоҷик руҳи тоза дамид. Аз ин ба баъд анъанаи сурудани шеърҳои иҷтимоию сиёсӣ бо меҳвар қарор додани як мавзуи хос дар адабиёти ибтидои асри ХХ–и тоҷик роиҷ шуд. Устод С. Айнӣ ин анъанаро бо қудрати бештар дар эҷодиёти қаблазинқилобии худ такмил дод ва тавоноии худ барои сурудани ашъори инқилобиро нишон дод. Ба қавли А. Маниёзов: “Хизмати С. Айнӣ дар ин аст, ки ғазалро бо сифатҳои нав ороста, онро ба лирикаи сиёсии револютсионӣ табдил дод” [4;48].

Давраи дуюми тағйироти мазмуну мундариҷа солҳои сиюм то соли панҷоҳуми қарни гузаштаро дар бар мегирад.

Дар ин давра насле ба фаъолият шуруъ кард, ки парвардаи ҳокимияти шуравӣ буд ва зери идеологияи шуравӣ кору фаъолият мекард. Дар ҳақиқат ҷомеаи идеологӣ чунон аст, ки инсонҳо зоҳиран дар он ҷомеа хубу муназзам менамоянд, вале дар асл аз лиҳози маънавӣ сода ва қолабӣ мешаванд.

Шеъри ин давра бо тақозои сиёсат шеъри бемазмуну хушк аст. Адабиётшинос Х. Мирзозода зидди ашъори шуарои онвақта, ки қариб хитобавию шиорӣ буданд чунин менависад: “Акнун кори шеър рӯзномаҳоро ба назм даровардa ва бидуни риояти қавонини адабию ҳунарӣ ба унвони шеър чоп мекунанд. Ин хитобаҳо, ки шеър нестанд. Ин шоирон қабл аз он ки бихоҳанд шуури дигаронро нав кунанд, бояд шуури хешро дигаргун намоянд” кор ба ҷое расидааст, ки дастуроти ҳаррӯзаи ҳукумат, қарорҳои Шурои олӣ ва ҳатто ахбори рӯзонаи ҳаррӯзаро назм мекунанд [4;103]. Дар шеъри ин давра бештар ғояҳои меҳнатпарастӣ ба тасвир омадааст. Инчунин, ба рӯзгори мардум ворид шудани радио, трактор, автобус, завод, кино ва дигар васоити техникӣ ба шеър низ бетаъсир намонд.

Шеъри ин даврон дар маҷмуъ вазифаи шиорро бар уҳда дорад ва ғолибан фориғ аз шӯри шоирона аст. Аз ин рӯ, гоҳ шеърҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин давраро “Шеъри матбуотӣ” хондаанд, ки мубориозони инқилоб ночор буданд, ки барои таблиғи андешаҳои навин аз шеър, ки беҳтарин василаи баёни отифаву эҳсосот мебошад, ёрӣ ҷӯянд ва дар воқеъ қисмате аз вазифаҳои матбуотро ба уҳдаи шеър вогузоранд. Ҳукумати Шуравӣ барои таблиғу ташвиқи барномаҳои худ ба шоирону нависандагон имтиёзоти зиёде дар ихтиёр мегузошт. Шояд ҳамин омил, яъне, имтиёзоти таъйиншуда боис шуд, ки шоирону нависандагони тоҷик ба ҷойи эҷоди ашъори ҳунарӣ ва аз диди эстетикӣ зебо саргармӣ эҷоди ашъори публистӣ, умумигӯӣ ва пур кардани маҷмуаҳои худ бо ашъори шиорӣ шаванд.

Ягона мавзуи ҷолиби диққат дар ин даврони сисола мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст, вале боз ҳам мазҳари он васфи ҳизб, доҳӣ, низоми сотсиалистӣ, ситоиши миллати бузурги руси бародар, шикастнопазирии Давлати Шуравӣ ва бародарию баробарии миллиятҳои ин императории паҳновар буд. Яъне, ҳудуд ва марзҳои шеъри Тоҷикистон дар ин даврони сисоларо мавзуъҳои дар боло зикршуда таъйин мекард.

Давраи сеюми таҳаввулоти мундариҷаву ғоявӣ аз солҳои шастум то имрӯзро дар бар мегирад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии замон дар ин давра дарк ва тасвир карда мешаванд. Ин гуна ашъор муҳтавои муайяни ғоявӣ дошта, аз назари шакл ва ифода шеъри лирикии тасвирию тавсифиянд, ки бо иҷрои талаботи қонуниятҳои бадеии худ ба қалам омадаанд. Дар онҳо шоир манзараи тасвир ва ё унсурҳои олами ашёро айнан ба тасвир нагирифта, мувофиқи

табъу бардошти шоиронааш дигаргун мекунад, ба онҳо унсуреро меафзояд ва ё кам карда, хусусиятҳо ва рамзҳои хоссаи онҳоро эҷодкорона ба риштаи тасвир кашидааст.

Шеъри ишқӣ оламҳи рангини ҳиссу ҳаяҷони инсонро бо тобишҳои мухталиф ба шеъри тоҷикӣ дохил намуда, бунёди инсоншиносии онро устувор гардонидааст. Мундариҷа, забону услуб, тарзи бинишу инъикос, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва чи пайравию тозаҷӯиҳои шуарои давр метавон ба мушоҳида гирифт, ки дар осори илмию назарии мунаққидону адабиётшиносони тоҷик хеле амиқ ба муҳокимаю баррасиҳо гирифта шуд. Шеъри ин давра ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам аз лиҳози шаклу услуб қобили қабул буда, беҳтарин тасвирҳоро мо дар ашъори шоирони ин давра мушоҳида мекунем.

Таҳаввулоте, ки дар шеъри муосири тоҷик ба амал омад аз он шеъри нав низ орӣ нест. Таҳаввулоти мундариҷавӣ ва ғоявии шеъри суннатӣ шеъри навро ба вуҷуд овардааст. Яъне, мазмуну мундариҷаи нав дигар дар жанрҳои суннатӣ намеғунҷид.

Вақте ки шеъри нав ба вуҷуд омад он дар баробари анвои суннатӣ ташаккулу таҳаввул ёфт, аммо ин навъи шеър таҳаввулоти марбут ба худро паси сар намуд. Мо ин таҳаввулотро ба ду давра ҷудо намудем:

1. Ибтидои асри 20 то соли 1970.
2. Аз соли 1970 то имрӯз.

Аз ибтидо то солҳои 1970 шоирон шеъри навро бештар дар шакли нав мепиндоштанд. Ва шеърҳои нави ин давра нисбатан каммазмунанд. Дар шеъи нави ибтидои асри XX шеъри тоҷик ҳам аз назари шакл ва ҳам аз назари муҳтаво дигаргун шуда, вориди марҳалаи нави такомул гардид. Ин таҳаввул дар шеъри тоҷик пас аз сурудани шеърҳои «Марши ҳуррият» ва “Ба шарафи инқилоби Октябр”–и устод С. Айнӣ дар соли 1918 оғоз мешавад.

Таъсиси Давлати Шуравӣ ва ташкили ҷамоҳири мухтори сотсиалистӣ дар Осиёи Миёна, ба раванди таҳаввул ва навгароии адабиёти тоҷик, бахусус шеъри он такони тозае бахшид. Аз ин пас шоирони тоҷик бо ҷуръати бештаре ба эҷоди навовариҳои шоирона дар шеъри худ даст мезаданд. Дар миёни шоирони инқилобии тоҷик дар даҳаи 20–ум, пас аз устод С. Айнӣ хидмати А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ ва А. Ҳамдӣ дар таҷдиди сохтори шеър бештар ба назар мерасад. Бо омадани устод Лоҳутӣ ба сарзамини Шуравӣ лирикаи сиёсию иҷтимоӣ дар шеъри тоҷик дар ибтидои асри XX ба нуқтаи камолот расид. П Сулаймонӣ бо илҳом аз ашъори шоири инқилобии рус Маяковский тавонист шаклу муҳтавои ашъори худро тағйир диҳад. Шеърҳои “Якуми май”, “Корвон”, “Навиди Вахшстрой”, “Марши пионерон”, “Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо”, “Асира ё худ исён”, “Дасти булӯрин” ва “Ба муносибати вафоти шоири инқилобии рус Маяковский” аз ҷумлаи беҳтарин ашъори навоварона ибтидои асри XX ба шумор меравaнд. Г. Сулаймонова ва С. Алиев дар муқаддимаи китоби “Маҷмуаи шеърҳо”–и П Сулаймонӣ навиштаанд: “Ҳамин як факти муҳимро қайд кардан зарур, ки Пайрав аз аввалин шоиронест, ки дар назми советии тоҷик пайрави шоири кабири револютсионии рус Маяковский шуда, аз анъанаҳои шакли куҳна даст кашид ва мувофиқи оҳангҳои револютсионӣ шаклҳои нав ҷустуҷӯ кард ва дар ин соҳа ба муваффақиятҳои сазовори диққат соҳиб шуд” [4;51]. Ҳарчанд шаклу муҳтавои шеъри Сулаймонӣ дар пайравӣ аз шеърҳои инқилобии Маяковский эҷод шудаанд, аммо дар бофти ин ашъор руҳи шеъри классикии тоҷик эҳсос мешавад. Дар тамоми ашъори инқилобӣ ва хитобаи П. Сулаймонӣ, ки дар пайравӣ аз Маяковский сохторшиканӣ кардааст, руҳи шоирона ва инсиҷоми дарунмояи шеъри ӯ қобили ситоиш аст. П. Сулаймонӣ бо истифода аз маҳорати шоирии хеш ва шинохте, ки аз зарфиятҳои шеъри классикӣ дошт, шеърҳои публитсистӣ ва хитобавии худро чунон танзим кардааст, ки хонанда аз мутолиаи онҳо ҳаргиз хаста намешавад. П. Сулаймонӣ ҳунармандона аз уҳдаи омезиши (синтез) руҳи шеъри классикӣ дар қолаби нав баромада, хонандаи шеъри худро ба таври сеҳромез маҷзуб мекунад. Ин равиш дар шеъри “Асира ё худ исён”–и шоир ба хубӣ дида мешавад:

Нолаи дилхарошу савти ҳазин,
Алъамон !

дод !
тавба !
истимдод !
Гиряву лоба,
зорию фарёд...
Илтиҷои хафифу аҷзи анин...
Ногаҳонӣ расид дар гӯшам,
Мегузаштам шабе зи гулзоре,
Дидам аз як шикофи деворе...
Дида торику маҳв шуд ҳушам,
Раъша дар ҷисму пайкарам афтод... [4; 47].

Мутаассифона, шеъри зинадор дар ҳамон қолабе, ки П. Сулаймонӣ дар адабиёти тоҷик поягузорӣ кард, ба далелҳои гуногун идома пайдо накард. Албатта, нишонаҳои ин равиш ё худ шеъри зинадор дар даҳаи 30 дар ашъори Ҳ. Юсуфӣ низ то ҷойе ҳифз шудааст, аммо баъди ин ду шоири оташинсухан дар осори шоирони дигар ин сабк идома наёфт. Мавзуи байналмилалӣ ва таваҷҷуҳ ба сарнавишти меҳнаткашони ҷаҳон дар даҳаи 20-ум аз ҳама бештар дар ашъори А. Лоҳутӣ ва П. Сулаймонӣ васеътар инъикос ёфтааст. Ба иловаи шеъру достонҳои ҷудогонаи устод Лоҳутӣ, ки дар онҳо шоир мавзуи озодии синфи коргару деҳқон дар саросари ҷаҳон, муборизаи оштинопазири синфӣ, маҳкум намудани низоми сармоядорӣ, мубориза ба муқобили хавфи ҷанги ҷаҳонӣ ва иттиҳоди пролетариати оламро матраҳ мекард, П. Сулаймонӣ чандин шеър дар мавзуъҳои доғи минтақаӣ ва байналмилалӣ эҷод кардааст. Шеърҳои "Ҳиндустон", "Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо", "Ба муносибати воқеаи Афғонистон", "Ба милитаристони Япония", "Шӯриши Чин ё худ воқеаи Нанкин" ва "Ба фалокатзадагони зилзилаи Эрон" аз ҷумлаи ашъори П. Сулаймонӣ дар ин мавзуъҳо ба шумор мераванд.

Як камбудии асосие, ки дар шеъри ин давра ба назар мерасад умумигӯӣ мебошад.

Давраи дуюми таҳаввулот дар шеъри навро аз солҳои ҳафтодуми қарни гузашта то имрӯз ҷудо кардан мумкин аст.

Соли 1968 дар шаҳри Душанбе симпозиуми назми форсизабонон баргузор шуд, ки дар он аз Москва, Ленинград, ҷумҳуриҳои бародар, хусусан аз давлатҳои дӯсту ҳамзабон, аз он ҷойҳое, ки бо адабиёту санъати форсизабонон шуғл доштанд, меҳмонон иштирок карданд.

Ин нишаст то андозае боиси бештар шинохтани шеъри нав дар Тоҷикистон шуд. Дар ин симпозиум мавзуи матраҳ дар шеъри нав он буд, ки асоси шеъри навро на танҳо мазмуни нав ва нигариши тоза ба он ташкил медиҳад, балки он аз лиҳози сохтори дохилӣ ва зоҳирӣ низ махсусиятҳои худро дорад. Дар он шоирону нависандагон ва донишмандону адабиётшиносони тоҷик М. Турсунзода, М. Миршакар, Н. Маъсумӣ, Б. Сирус, Р. Амонов, Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, Х. Отахонова, С. Давронов (аз Душанбе) И.С. Брагинский, З. Османова (аз Маскав) аз дигар шудани авзои замон ва вобастагии раванди шеър ба он мулоҳиза ронда, бештар аз тозагии мавзуъ ва қувват гирифтани лирика дар шеър сухан гуфтанд. Ягона мақсади ин донишмандон ва адибон дар он зоҳир мегардид, ки зуҳури шеъри навро бо тозагии мавзуъ, қувват гирифтани образҳои бадеӣ, суд ҷустан аз наср, таъсирпазирӣ аз шеъри рус ва баҳра гирифтан аз анвои суннатӣ аз оғози асри XX медонистанд. Донишмандони Афғонистон Моили Ҳиравӣ, Абдулҳақи Вола, Накҳат Саидӣ ва донишмандону шоирони Эрон аз ҷумлаи Лутфалии Суратгар, Нодири Нодирпур, Жола Бадеъ бештар пайванди мустақим доштани шеъри тоҷикро бо гузашта ва имрӯзаи шеъри Эрону Афғонистон арзёбӣ мекарданд. Муҳимтарин арзишдовариҳои донишмандону адибони Эрону Афғонистон ба тозаҷӯиҳои шоирон дар ҳунари офарандагӣ ва сохтори арузи озод пайванд меҳӯрд.

Баъди баргузории ин ҳамоиш шоирони тоҷик ба шеъри Эрону Афғонистон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз пайи ҷустуҷӯ ва мутолиаи осори ҳавзаҳои адабии ин ду кишвар шуданд. Дар шеъри тоҷик як навъ тағйироти ҷиддии эстетикию ғоявӣ ба вуҷуд омад, сохтмони жанрию услубии шеър рӯ ба навшавӣ ниҳод.

Ғ. Мирзо ва М. Қаноат тозагӯйию навҷӯиҳоеро пеш гирифтанд, ки баъдтар дар эҷодиёти Ф. Ансорӣ, Б. Ҳоҷӣ, А. Сафар, М. Шералӣ, Қ. Киром, Ғ. Сафарзода, Л. Шералӣ, Б. Собир, Ҳ. Файзулло, Гулназар, Гулрухсор, С. Маъмур, А. Ҳаким, С. Шоҳзода ва дигарон самараҳои хуб овsecurityарданд.

Дар эҷодиёти номбурдагон унсурҳои тасвиру таҳлили бадеии ҳам воқеияти имрӯзу гузашта, ҳам ғалаёнҳои ботинии инсон қувват гирифта, ҷанбаи ҳунарии шеър ба ҷойи аввал баромад. Аммо рӯй овардан ба арузи нав дар миёни шоирон мавқеи намоёнро ишғол кард.

Баъдан шоирон дар ин давра нисбати шакл бештар таваҷҷуҳ медоданд ба мазмуну мундариҷаи шеъри нав. Барои шеъри нав мазмуну мундариҷа дар ҷои аввал меистод ва ҳатто ақидае, ки шеъре, ки дар шакли суннатӣ навишта шуда бошаду мазмуну мундариҷаи нав дошта бошад, шеъри нав аст дар ин давра пайдо шуд.

Як сабаби дигари таҳаввулоти мундариҷавии шеър дар ин давра густариши робитаҳои адабӣ ва огоҳии бештари шоирони тоҷик аз осори шоирони ҷаҳон мебошад.

Ашъори шоирони ин давраро метавон ба унвони шеъри даврони бозгашт ба асолати хеш номид. Дар шеъри ин давра воқеияти иҷтимоии дирӯзу имрӯзи миллат, ҳастии маънавии инсон ва гоҳ бемаънавиятии ӯ, дурахшишҳои нозуки андеша ва эҳсосро ба таҳқиқ гирифтааст ва ба ниҳонхонаи дили инсон роҳ меёбад. Шоирони ин давра масоили бузурги иҷтимоӣ ва маънавии замонро ба таҳқиқ кашида ва дар ин роҳ комгор ҳам шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Аламхон Кӯчарзода. Шеъри нав дар замони истиқлол// Садои Шарқ, №9 соли 2021.- 123 саҳ.
2. Абдулалии Дастғайб. Таҳлиле аз шеъри нави форсӣ// Садои Шарқ, № 11, соли 2007
3. Баҳром Сирус . Оид ба шеъри нав // Садои Шарқ, соли 1965, №8, 157саҳ.
4 .Беҳрӯзи Забеҳулло. Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики замони Шӯравӣ.- Душанбе, 2019.-153саҳ.
5. Бузургмеҳри Баҳодур. Ашъор// Садои Шарқ, №5, соли 2020.-123саҳ.
6. Қосимзода Солеҳ . Масоили шинохти сабки шеър дар замони истиқлол / Қосимзода Солеҳ. - Душанбе . – 2022
7. Муъмин Қаноат. Сухан. Ашъор// Садои Шарқ, №5, соли 2022.-123 саҳ.
8.Низомиддин Давлатзода . Ашъор// Садои Шарқ, №12, соли 2016.- 123 саҳ.
9. Сафар Амирхон. Ашъор// Садои Шарқ, №1, соли 2018.-123 саҳ.
10. Файзи Ашӯр. Ашъор// Садои Шарқ, №;1, соли 2021.-123 саҳ.


**ТАҲАВВУЛОТИ МУНДАРИҶАВӢ ВА ҒОЯВИИ ШЕЪРИ НАВ ДАР НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИК**


Дар мақолаи мазкур муаллиф таҳаввулоти мундариҷавӣ ва ғоявии шеъри навро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф таҳаввулоти шеъри навро ба ду давра ҷудо намуда, онҳоро шарҳу эзоҳ додааст. Инчунин, дар баробари таҳаввулот дар шеъри нав таҳаввулоти мундариҷавии шеъри суннатиро низ ба таври мухтасар шарҳ додааст. Шеъри нав ба адабиёт бо мазмуну мундариҷаи нав ворид шуда, дар баробари анавои суннатӣ дар ашъори шоирон во меҳӯрад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: адабиёт, мундариҷа, ғоя, шеъри нав, таҳаввулот, классик, муосир.


**СОДЕРЖАТЕЛЬНОЕ И ИДЕЙНОЕ ПРЕОБРАЗОВАНИЕ НОВОЙ ПОЭМЫ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ**


В данной статье автор рассматривает содержательное и идейное преобразование новой поэмы. Автор разделил содержание новой поэмы на два периода и объяснил их. Кроме того, наряду с развитием новой поэзии, он также кратко объяснил развитие содержания традиционной поэзии. Новая поээма входит в литературу с новым содержанием и наряду с традиционными формами встречается в стихах поэтов.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: литература, содержание, идея, новая поэзия, эволюция, классика, современный.


**CONTENT AND IDEOLOGICAL TRANSFORMATION OF THE NEW POEM IN MODERN TAJIK POETRY**


In this article, the author examines the content and ideological transformation of the new poem. The author divided the content of the new poem into two periods and explained them. In addition, along with the development of new poetry, he also briefly explained the development of the content of traditional poetry. The new poem enters literature with new content and along with traditional forms is found in the poems of poets.



**KEYWORDS:** literature, content, idea, new poetry, evolution, classics, modern.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сафарзода Моҳпочо* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Мохпочо*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Safarzoda Mohpocho*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ

*Джумаева Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеӣ, ки бо ёрии онҳо шоир фикр, ғояву мақсад ва мазмунеро дар шакли муъҷазу таъсирбахш ифода менамояд, воситаҳои тасвири бадеӣ мебошанд. Аз ҷумлаи воситаҳои муҳимми ороиши сухан буда, дар адабиёти бадеӣ ҳамчун унсури шакл сохти нисбатан устувори анъанавиро дороянд.

Омӯзиш ва таҳлили ғазалиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат моро огоҳ мекунад, ки шоир қариб аз ағлаби санъатҳои бадеӣ дар эҷоди шеър ба маврид истифода бурдааст. Дар корбурди санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти шоир ба ду шеваи истифода дучор мешавем, ки ба масъалаи хусусияти хоси сабки эҷодии шоир низ пайвандӣ меёбад.

Шеваи аввал истифодаи санъатҳои маънавӣ ва лафзии анъанавист, ки вобаста бо мавзуъ ва мундариҷаи маъмулии ашъори шоир истеъмол ёфтаанд.

Шеваи дуюм дар баробари давом додан ва такрор намудани обуранги бадеӣ, санъатҳои гуногуни истифодакардаи гузаштагон, ташаббуси то андозае тағйир додани як қисми муайяни воситаҳои тасвири бадеӣ, ба мисли ташбеҳ ва истиора, инчунин, дар либоси нисбатан тозатаре ҷилва додани маънӣ мебошад.

Дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ Ҳайрат маҳорати хеле баланд нишон дода, дар ғазалиёти худ қариб аз бештари санъатҳои сéристеъмоли бадеӣ фаровон истифода намудааст. Аз миёни санъатҳои бадеӣ, ки мавриди истифодаи Ҳайрат будааст, беш аз ҳама, ташбеҳ, талмеҳ, танҷим, муболиға, истиора, саволу ҷавоб ва тазодду муқобала серистифода мебошанд. Шоир дар истифодаи ин саноеъ баъзан аз ибораю таркибҳои маъмул дар шеъри шуарои гузашта истифода кардааст.

Дар шинохти шеваи нигориш ва маҳорати бадеии шоир воситаҳои баён ва тасвир ба ҳайси меъёри хубе хизмат мекунанд. Ин бозофаринӣ вобаста аз завқу салиқа ва ҳунари шоир аст, ки дар натиҷаи инсиҷоми инсону табиат дар асари бадеӣ, хосса шеър, ҳам сурат дигар мекунад ва ҳам сират.

Ҳоло дар бораи он санъатҳое хоҳем истод, ки онҳо дар ашъори шоир серистифода буда, то як ҳадди муайян аз тозахаёлии шоир дарак медиҳанд. Таваҷҷуҳи мо бештар перомуни санъатҳои серистеъмолиест, ки шоир барои барҷаста, таъсирбахшу зебо воқеъ гардидани тасвири лавҳаҳои гуногуни зиндагӣ аз онҳо суд ҷустааст.

**1. Ташбеҳ** калимаи арабӣ буда, дар луғат ба маънои “монанд кардан” омадааст. Ташбеҳ ба маънои истилоҳӣ номи яке аз санъатҳои маънавист, ки чизе ба чизе монанд карда мешавад. Ҳангоми монанд кардани чизе ба чизе ҳатман сифат ё хусусияти муштараки миёни ҳарду ба назар гирифта мешавад. Дар мавриди ташбеҳ истилоҳоти **мушаббаҳ** (монанд) ва **мушаббаҳбиҳӣ** (монанда), **монандшаванда** ва **монандкунанда** хеле серистеъмоланд. Аҳли қалам он чизро, ки монанд кунанд, мушаббаҳ ва он чизро, ки ба ӯ монанд кунанд, **мушаббабиҳӣ** гӯянд. Аксари муҳаққиқон тарафдори онанд, ки шакли осонтару муносибтари ин истилоҳот **монанд** ва **монанда** қабул карда шавад [7, с. 161].

Ташбеҳ дар ашъори Ҳайрат хеле пуробу ранг ва латиф аст. Ташбеҳоти шоир ҳақиқӣ буда, барои баёни ақидаи лирикии шоир хеле муносибанд. Аз ин лиҳоз, Ҳайрат дар тасвирсозӣ, воқеан, ҳам дасти тавоно дорад. Ӯ инсон, манзара ва ё ҳолатро чунон моҳирона ба риштаи назм мекашад, ки матлаб дар зеҳни хонанда хеле равшан инъикоси худро меёбад. Ҳайрат дар ғазали зерин аз сар то ба по санъати ташбеҳро чунон моҳирона ба кор бурдааст, ки ба шеъри ӯ лаззати нотакроре ато намудааст:

Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ?
Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ!

Ороми сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,
Эй сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидаӣ.
Ӯ сарви дилбар асту равон аст дар хиром,
Ту сарви бебарию ба кунҷе хазидаӣ!
Ӯ реша дар дил асту зи дил об мехурад,
Ту реша дар гил астию аз гил дамидаӣ [10, с. 114 ].

Ғазали зикршуда, бешубҳа, хеле ҳунармандона эҷод шудааст. Бунёди тасвири шеъри боло, аз ибтидо то интиҳо, ташбеҳи баргаштаву ташбеҳи тафсилӣ мебошад. Ҳунари тасвиргарии шоир дар ин ғазал ба хубӣ зуҳур кардааст. Дар ин ғазал шоир лаби маъшуқаро ба писта ташбеҳ медиҳад:

То ҳарфи васфи он лаби чун писта бастаам,
Аз қайди қанду в-аз тамаи руста растаам [10, с. 98].

Дар ғазали дигари худ шоир чеҳраи маъшукро ба офтоби маҳи анвар монанд мекунад. Ва дар мисраи дуюми байт рухсори маҳбубаро ба чеҳраи тобони ҳури биҳишт ташбеҳ додааст:

Эй ба рухи офтоби худ маҳи анвар,
Эй ба узор чу моҳи ҳури тобон [10, с. 109].

**2**. **Талмеҳ** маънии талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Агар «талмеҳ»-ро қалбан «тамлеҳ» карор диҳем, ба маънои милҳ кардан –намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст. Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои тарихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан санъати талмеҳ номида мешавад» [6, с. 128 ].

Мухаммадсиддиқи Хайрат дар эҷодиёти худ аз санъати талмеҳ самаранок истифода бурдааст. Санъати талмеҳ дар аксари анвои шеърии ӯ мушоҳида мешавад. Ишороти Ҳайрат ба номҳои паёмбарон ва ашхоси марбут ба таърихи дин барои ифодаи маъниҳои бикр ва мазмунҳои тоза низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Шоир, аз як тараф, ба қиссаҳои ишқи Лайлию Маҷнун, Фарҳоду Ширин ва саргузашти Хизру Яқуб барин шахсиятҳо ишора ва руҷуъ карда бошад, талмеҳоти дигари ӯ зимни ҳиссаву асотир ва саргузаштҳои Юсуфу Зулайхо, Хусраву Ширин, Довуду Иброҳим, Довуду Искандар, Мансуру Сулаймон, Исову Масеҳ, дашти Карбалову сеҳри Сомирӣ ва ғайраҳо ба ҳам омадаанд. Ҳангоми баррасии ин гуна ашъор мусаллам мегардад, ки талмеҳотро Ҳайрат на ба хотири пур кардани мисраву абёт ё лафзтарошӣ корбаст намудааст, балки талмеҳоти шоир дар ифодаи андешаҳои ҷолибу олии вай хизмат кардаанд.

Шоир бештар ба қиссаҳои пайғомбарон талмеҳ меорад. Намунаи талмеҳоти шоирро бо таҳлилу баррасии кӯтоҳ хоҳем овард. Чунончи, дар байти зерин шоир ҳусну фазилатҳои маъшуқаро ҳатто аз хисоли Юсуф боло ва дар эъҷоз ӯро аз Исии Марям муқаддам тарҷеҳ медиҳад:

Ба хубӣ инфиоли Юсуфи мисрӣ,
Ба эъҷоз устоди Исии Марям [10, с. 128].

Дар байти зерин шоир талмеҳан ба **(«шаби қадр»)** истинод карда, ғазалро хеле барҷаста кардааст:

Зи зулфи ман чӣ мепурсӣ дар ин шаб,
Шаби қадр аст, қадри хеш дарёб [10, с. 37-38].

Ҳайрат аз роҳи талимеҳ ба қиссаҳои машҳури пешиниён низ дар ғазалиёти худ ишораҳо дорад. Аз ҷумла, ишора ба Вомиқу Узро, ишора дорад, ки қаҳрамонони қиссаи машҳури “Вомиқ ва Узро” мебошанд.

Узори ёсуманатро чӣ нисбат аст ба Узро,
Ба Вомиқам зи ғаму дарди ошиқӣ чӣ шабоҳат? [10, с. 46 ].

Корбурди ановин ва номҳои таърихӣ дар ғазалиёти Ҳайрат бо назардошти таърих ва мазомини ҳиссавии худ ҷиҳати мазмунсозиву маъниофарии адиб нақши муассир гузоштаанд. Масалан, шоир дар ғазал ғами худро ба ғами Фарҳод монанд кардааст.

З-он лаби ширин лабе ширин нашуд охир маро,
Ҳамнишини кӯҳи ғам монанди Фарҳодам кунад [10, с. 136].

Ё ин ки:

Лоиқи хубият асбоби ҷамол он чи муяссар,
Волаи рӯйи ту чира шуда бар волаи Лайлӣ [10, с. 74 ].

**3. Танҷим**. Суханварони гузаштаи мо аз донандагони хуби санъати танҷим буданд ва дар ашъори хеш ҳамвора номи ситораву сайёрагони ҳафтгона аз қабили Суҳову Суҳайли Яманӣ, Парвину иқди Сурайё, Моҳу Хуршед, Зуҳраву Уторид, Мирриху Муштарию Зуҳал, хамчунин, бурҷҳои осмонӣ – Ҳамалу Сарв, Ҷавзову Асад, Саратону Сунбула, Мизону Ақраб, Қавсу Далв, Ҷаддию Ҳут ва дигар мусталеҳоти илми нуҷумро ба касрат истифода мекарданд. Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат низ чун донандаи моҳири илми нуҷум дар ғазалҳояш ҳамвора истилоҳоти нуҷумро истифода карда, зимни корбурди онҳо мазомини латоифи шоиронаро тарҳрезӣ намудааст. Чунончӣ:

Дидам аз он, ки меҳри рухаш собити дил аст,
Бо халқ он чи кинаи сайёра мекунад [10, с. 138 ].

Ё худ:

Ҳайрони оразат маҳу хуршеди анвар аст,
Бо накди ҷон висоли туро Зуҳра муштарӣ [10, с. 123 ].

**4. Муболиға.** Санъати муболиға дар адабиёти мо ҳамчун меҳвари санъатҳо дар ифодаи фикр, тасвиру тавсиф ва амсоли инҳо аз арзиш ва аҳаммияти бадеӣ бархурдор аст. Бино ба навиштаи Т. Зеҳнӣ: «Гоҳе нависанда дар тасвир ва ситоиш чизе аз ҳадди табӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебарорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефарорад, ки ин ҳолати тасвир муболиға ном дорад. Дар забони халқ муболиға болобардорӣ ва муҳобот номида мешавад». Ин санъат дар эҷодиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Чунончи дар байти зерин:

Моҳро то оразат фарқ аз замин то осмон,
Нофаро нисбат ба зулфат аз Бухоро то ба Чин [10, с. 52 ].

Ё худ:

Абруяш тири ғазаб ҳар лаҳза бар дил мезанад,
Наргиси масташ ба чон сад фитна эҷодам кунад [10, с. 136 ].

Муболиғаҳои Ҳайрат дорои мазомини тоза ва маонии латиф буда, бозгӯйи маҳорати сухангустарии шоир мебошанд.

**4. Суолу ҷавоб**. Аз ҷумла санъатҳои бадеӣ, ки барои ифодаи эҳсосоти қалбӣ воситаи хубест санъати суолу ҷавоб меобашад, ба шарти он ки суолу ҷавобҳо дар сурати мантиқӣ, нозук ва нуктасанҷона воқеъ шаванд [6, 95 с].

Дар эҷодиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат санъати суолу ҷавоб низ дида мешавад. Санъати мазкур барои ифодаи эҳсосоти ботинии шоир воситаи хубе ба шумор рафта, дар сурати ба мантиқ нозук ва нуктасанҷона истифода бурдани он вазифаи худро хуб адо мекунад. Аслан, санъати суолу ҷавоб собиқаи тулонӣ дошта, шуруъ аз ашъори Рӯдакиву Унсурӣ то ба имрӯз идома ёфтааст. Санъати суолу ҷавоб дар ашъори Ҳайрат танҳо ба тариқи унсури дохилии ашъор мавриди истифода қарор гирифтаасг. Яъне, дар дохили ғазалҳо шоир дар баъзе аз байтҳо тавассути ин санъат ибрози назар мекунад. Ин ҳолатҳо дар як байт ё се-чаҳор байт ба назар мерасанд. Чунончи, дар шеъри бо матлаи «Шабе бемӯнису бе ёру бе ҳамдам» танҳо дар мисраи якуми дохили ғазал санъати суолу ҷавоб истифода шуда, тавассути он андешаву афкори минбаъдаи шоир иникшоф ёфтааст:

Чӣ гуфто? Гуфт: Эй оне, ки гардидӣ,
Ба истеҳқоқ иқлими суханро Ҷам [10, с. 127 ].

Ё ҷойи дигар:

Бигуфтам: Эй муроди ҷони ушшоқ,
Суруди ҷону нури чашми аҳбоб,
Ки дидам зулфу рухсорат дар ин дам,
Шаб аст ин рӯз, бедорист ё хоб?
Табассум сӯйи ман мекарду мегуфт:
Мабор, охир, зи роҳи дида хуноб.
Зи зулфи ман чӣ мепурсӣ дар ин шаб,
Шаби қадр аст, қадри хеш дарёб [10, с. 37-38 ].

Ва:

Гуфтӣ: Дили ту аз чӣ хавохоҳи Нахшаб аст?
Бингар бад-ин расида, ки аз рохи Нахшаб аст [10, с. 122 ].

Намунаҳои дар боло оварда шуда, ки дар онҳо санъати суолу ҷавоб моҳирона истифода шудааст, далели он аст, ки шоир аз шартҳои корбурди санъати мазкур огоҳии комил доштааст. Аммо, ба ҷуз ин дар девони Мухамадсиддиқи Ҳайрат ғазал ва ёягон навъи дигарӣ адабӣ, ки тамоман дар шакли суолу чавоб навишта шуда бошад, ба назар нарасид.

**6**. **Истиора.** Истиора дар луғат ба маънои ба орият гирифтани чизе меояд, вале дар адабиёт як намуди маҷоз буда, ба ҷойи як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад. Зеҳнӣ истиораро аз ташбеҳ муъҷаз ва барҷастатар меҳисобад ва дар ифодаи эҳсосот ва дар тасвири ягон лавҳаи ҳаёт ва табиат беҳтарин воситаи бадеӣ меҳисобад. Дар истиора дар асоси монандии ду ҳодиса калимае ба худ маънои маҷозӣ мегирад. Яъне, истиора ба ташбеҳ хеле наздик аст, дурусттараш ин, ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст. Лекин фарқи истиора аз ташбеҳ ин аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр намеёбад, балки танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад. Истиора аз ду қисм иборат аст: соҳибистиора ва истиорашаванда. Бояд миёни соҳибистиора ва истиорашаванда алокаи монандӣ дар атвор, кирдор, сифату хислат мавҷуд бошад [6, с. 83-84 ].

Дар адабиёт истиора як намуди маҷоз буда, ба ҷойи як калима калимаи дигар истифода мешавад. Масалан, аз эҷодиёти Ҳайрат метавон фаровон мисолҳоеро овард, ки он дар яке аз ғазалҳо машҳури шоир дар заминаи санъати истиора рӯйи кор омадааст:

Рӯзи ид аст, он маҳи абруҳилоли ман куҷост?
Бадри бурҷи толеи наҳсу ваболи ман куҷост? [10, с. 43 ].

Агар ба ғайр аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои шеърӣ ба санъати истиора назар андозем, он гоҳ дидан душвор нест, ки Ҳайрат истиораро низ дар ин ғазал ба кор бурдааст. Дар матлаи ғазали Ҳайрат «маҳ» ва «бадр» низ истиора аз ёр мебошад. Шоир аз тавсифи маҳ (яъне, маҳбуба) бевосита ба тасвири сифатҳои дилбар, баъд ба «ошӯби ҳол» (ин низ истиора аз ёр аст) ва дар охир боз ба тавсифи «моҳ» (ин низ истиора аст) мегузарад. Ҳайрат, баръакс, аз аввали ғазал ёрро ба «моҳ» монанд мекунад ва онро тавсиф менамояд. Аз ин ҷо то чӣ андоза ба ҳам наздик будани истиороту ташбеҳоти ин ғазалҳоро равшан дарк намудан мумкин аст.

**7. Тазод(д) ва муқобала**. Санъати мазкур аз дигар санъатҳо бо он тафовут дорад, ки дар он танҳо ашё ва ҳодисаҳову ҳолатҳои ба ҳам зид тасвир мегарданд. Заминаи асосии пайдоиш ва рушди ин санъати бадеӣ марбут ба ҳастӣ ва тазодҳои воқеъ дар он аст. Масалан, рӯзу шаб, гарму сард, талху ширин, баҳору тирамоҳ... Дараҷаи олии санъати тазодду мукобаларо парадокс меноманд.

Дигар аз санъатҳои бадеие, ки дар ашъори Муҳаммадсидиқи Ҳайрат бештар ба назар мерасад, тазод(д) ва муқобала мебошад. Ин санъатхо аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ ба ҳисоб рафта, дар он ду фикр муқобили ҳам гузошта мешавад. Ё ба таъбири дигар, сифату хислатҳои ду кас ва ё ду чиз ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузошта мешавад. Санъати тазод(д) ва муқобала матлаби шоирро фасеҳтар баён месозад. Ҳайрат дар ашъори худ ин гуна санъатро бо таъриху роҳҳои мухталиф монанди суханварони пешин истифода кардааст. Чунончи, барои ифодаи фикр дар дохили як мисраъ ё як байт ду калимаи ба ҳамдигар зидро истифода мекунад. Чунончи, дар байти зерин вожаҳои «об» ва «оташ» муқобили хам истифода шуда, як маънии латиф эҷод кардаанд:

Зи сина оҳ, аз чашм об мерехт,
Ки будам дар миёни оташу об [10, с. 37 ].

Баъзе аз муқобилгузориҳои Ҳайрат аз рӯйи мазмун ва мундариҷа буда, зимнан, хонанда бо дарку маърифати таърихӣ ин ё он воқеа метавонад онро эҳсос кунад. Ба иборати дигар, Ҳайрат кӯшиш кардааст, ки як воқеа ё ҳодиса, ё ҳолатро бар муқобили дигар воқеа, ходиса ё ҳолат гузорад. Чунончи, дар байти зерин мегӯяд:

Кинаҷӯе бари мо аз пайи ҷанг омадааст,
Дили мо бо дили ӯ шишаву санг омадааст [10, с. 130 ].

Ё ин ки:

Нест суди оҳи сард, эй дил, хамушӣ пеша кун,
Гарм то кай рафт роҳи нолаву шеван туро?! [10, с. 135 ].

Дар байтҳои болои ҳамзамон метавон санъати тазод(д) ва муқобиларо ба хубӣ мушоҳида намуд, ки шоир хунармандона ба кор гирифтааст.

Мухаммадсиддики Ҳайрат, дар хақиқат, аз зумраи шоирони донандаи илми аруз, балоғати калом, вазни аруз ва дигар улуми адаб буда, дар корбурди санъатҳои бадеӣ бештар саъй карда, ҳунари шоирии хешро ба намоиш гузоштааст.

**АДАБИЁТ**

1. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. –Сталинобод: Нашдав тоҷ,1958,-128с.
2. Айнӣ, С.Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. –М:Чопҳои Нашриёти Маркази халқии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯраввии Сотсиалистӣ,1926. – 626 саҳ.
3. Айнӣ,С.Намунаи адабиёти тоҷик (аз хатти форсӣ таҳия ва тасҳеҳи

Акбарзод/С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб,2010. – 438саҳ.
4. Айнӣ,С. «Ёддоштҳо».Ҷилди 7.Қисми 3-4/С.Айнӣ Сталинобод:Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1957.
5. Атоулло, Ҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Ҳ. Атоулло. –Душанбе: Ирфон, 1994. –222с
6. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 301 саҳ.
7. Томашевский ,Б .В. Стилистика/ В.Б. Томашевский.- 2 е изд, испр . -Л: Изд – ва ЛГУ, 1983,- 288 с.
8. Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға”-и Умари Родуёнӣ ва “Ҳадоиқ-ус сеҳр”-и Рашидуддини Ватвот / Х. Шарифов. –Душанбе: Дониш, 1987. –143 с.
9. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 337 саҳ.
10. Ҳайрат, Муҳаммадсиддиқ. Ашъори мунтахаб / Муҳаммадсидиқи Ҳайрат. – Душанбе, 1964. – 252саҳ.
11. Шарифов, Х . Балоғат ва суханвари / Х. Шарифов.- Душанбе: Ирфон , 2002.-278 с .
12. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов.–Душанбе: Маориф, 1991. – 159 с.
13. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 199 саҳ.


## КОРБУРДИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ

Дар мақола санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифи мақола кӯшидааст, санъатҳои гуногунро, аз кабили тазодду муқобила, таҷнис, ташбеҳ, истиора, маҷоз, такрор, суолу ҷавоб, муболиға ва ғайраро дар ғазалиёти Ҳайрат ҷамъоварӣ намуда, қайд намудааст, ки бадеияти осори шоир бидуни тардид, истифодаи санъатҳои бадеӣ ба рифъати ҷанбаи ҳунарии он тавъам омада, сухани шоирро муассир ва мақбул гардонидаанд.


**КАЛИДВОЖАҲО:** санъатҳои бадеӣ, такрор, суолу ҷавоб, муболиға, ғазал,.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ИСКУССТВА В ГАЗЕЛЯХ МУХАММАДСИДДИКА ХАЙРАТ

В статье анализируется и обсуждается художественное искусство в газелях Мохаммадасиддика Хайрата. Автор статьи попытался собрать различные искусства, такие как контрасты, сравнения, сравнения, метафоры, повторения, вопросы и ответы в газелях Хайрата, и отмечает, что его мастерство улучшилось, а слова поэта стали действенными и приемлемыми.


**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: художественное искусство, повторение, вопрос и ответ, преувеличение, газель.


## USING ARTISTIC ART IN MUHAMMADSIDDIK KHAYRAT'S GHAZELS

The article analyzes and discusses the art of art in the ghazals of Mohammadasiddik Khayrat. The author of the article has tried to collect various arts such as contrasts, comparisons, simile, metaphors, repetitions, questions and answers in Khayrat's ghazals and notes that his skill has improved and the poet's words have become effective and acceptable.


**KEYWORDS:** art of art, repetition, question and answer, exaggeration, ghazal.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Джумаева Шабнам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Джумаева Шабнам*** – Таджикский национальный университет, магистрант факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Jumaeva Shabnam*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Tajik Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ТАРҒИБОТ ДАР ВАО

***Кенҷаев Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таблиғот ё худ пропаганда тавассути ҳадафнокӣ ва манипулятсияи шуур ва рафтори одамон аз дигар василаҳои таъсир фарқ мекунад. Пропаганда ҳамеша мақсад ё маҷмуи мақсадҳо дорад ва барои расидан ба ин мақсадҳо тарғиботчӣ далелҳоро интихоб карда, тавре пешниҳод мекунад, ки таъсир ба шуур бештар бошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ, он метавонад баъзе далелҳои муҳимро рад кунад ё таҳриф намояд ва инчунин кӯшиш кунад, ки диққати аудиторияро аз дигар манбаъҳои иттилоот дур кунад.

Аз ибтидои асри XX дар баробари рушди босуръати воситаҳои ахбори омма истифодаи пропаганда ҳамчун василаи ба таври сунъӣ ташаккул ва таҳрикдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ беш аз пеш афзуд. Усулҳои таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинии одамон ва ба самти зарур равона кардани таваҷҷуҳи ҷомеа ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ хеле талабгор гардиданд. Дар қитъаҳои гуногуни сайёра пропаганда, чӣ барои тағйир додани режимҳо ва чӣ барои нигоҳ доштани онҳо, беҳтарин такягоҳ ва воситаи тавонотарин гардид.

Дар асри нав, ки барои гузариш ба раванди ҷаҳонишавӣ ва набардҳои иттилоотӣ асос гузошт, тамоюлҳои тарғиботии давлатӣ, инқилоби ҷаҳонии илмию техникӣ, ки низомҳои сермаҳсули интиқол ва сабти иттилоотро ба вуҷуд овард, ҳукмронӣ мекарданд. Ин сабаб гардид, ки дар пропаганда дигаргуниҳои амиқ ба вуҷуд омаданд ва бештари ҳукуматҳо аз он чун абзори муҳим таъсир ба афкор истифода карданро шуруъ карданд, махсусан, тариқи ташкил ва бароҳмонии фаъолияти расонаҳои хабарӣ. Ҳамин тавр, таблиғот ё худ пропаганда дар ҷанги муосири иттилоотӣ аслиҳаи бениҳоят тавоно мебошад.

Бо назардошти ҳамин аҳаммият, ки имрӯз таваҷҷуҳи абарқудратҳо ба воситаи мазкур бештар аз дигар василаҳо буда, ҳукуматҳои мутараққӣ дар ростои давлатҳои заифтар мавқеи худро танҳо бо ҳамин роҳ муайян карда истодаанд.

Зери мафҳуми пропоганда маъмулан амалҳои ҳадафноки ба низом даровардашуда дар фазои иттилоотӣ барои таъсир расонидан ба шуури ҷамъиятӣ ва ташаккули афкори ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки бо мақсади муайяне аз ҷониби фармоишгар анҷом дода мешавад.

Оид ба пайдоиши пропаганда нуктаҳои назари гуногун мавҷуданд. Зимнан, аксари муҳаққиқон давраи инкишофи ҷомеаро, ки дар он шахс ба амалӣ намудани манфиати моддии худ оғоз мекунад, як навъ "нуқтаи муқаррарот" мешуморанд, яъне давраи пайдоиши синфҳо ва ба вуҷуд омадани давлат.

Дар ҷомеаҳои қадим назорати омма асосан ба тариқи тарсдиҳӣ ва маҷбурӣ сурат мегирифт. Гузашта аз ин, ҳуқуқи назорат аз болои зердастоне, ки ҳаёташон ба қавле дар дасти ҳукмдорон буд, ба ақидае вобастагӣ дошт, ки гӯё ҳокимон бо Худо муносибати наздик доранд ва онҳо ҳуқуқи назорат кардани ҳаёти тобеонро ба ҳокимон вогузор кардаанд.

Эътиқоди мардум ба он ки ҳокими онҳо фиристодаи Худо, барандаи ирода ва лутфи Ӯст, баъдан паҳн шуда, одамони қадимро ба ҳам муттаҳид кардааст. Ин эътиқод раванди идоракуниро барои ҳама фаҳмо гардонида, ба ҷомеа созгорӣ ва ҳамоҳангӣ овард. Дар нигоҳдории ин ҳолат сеҳргарон ва баъдан коҳинону руҳониён машғул буданд.

Ҳамин тавр, баъди ин аллакай мардум ба тарғибот дода мешуданду рисолату вазифаи онро дарк мекарданд. Ҳарчанд ба баёни бисёре аз муаррихон аввалин тарғиботчиён маҳз коҳинону руҳониёнанд, вале таърихи пайдоиш ва ташаккули тарғибот ба давраҳои пештар аз он ишорат мекунад, ки дар фасли якуми кор дар ин бора маълумот медиҳем.

Яке аз ихтирооти бузургтарине, ки ба пропоганда мисли матбаа таъсир расонд, пайдоиши матбуоти даврӣ – рӯзномаҳо буд. Худи калимаи рӯзнома аз калимаи итолиёвӣ бо ҳамин ном "gazzetta" - тангаи майда гирифта шудааст.

Дар асри XVI дар Венетсия барои мутолиаи варақаҳое, ки дар онҳо хабарҳои тиҷоратӣ, рӯйдодҳои дигар шаҳрҳо ва маълумот аз ҳаёти табақаи олӣ ҷойгир мегирифт, як газета пардохт мекарданд. Аввалин рӯзномаро ба маънои муосири калима метавон рӯзномаи “La Gazette” номид, ки моҳи майи соли 1631 дар Фаронса нашр шудааст. Тиражи он 1200 нусха буда, дар тамоми Фаронса паҳн мешуд. Аҳаммияти газета чунон бузург буд, ки шоҳи Фаронса Людовик XIII, инчунин, кардинал Ришеле шахсан барои он мавод навиштаанд.

Дар Русия аввалин газетаҳо (номаҳои дастнависи хабарӣ – “сутунҳо”, баъдтар “Курант” номида шуданд) соли 1613 пайдо шуданд. Газета ба маънои аврупоии ин калима дар Русия соли 1702 дар замони Пётри Бузург пайдо шуд.

Ҳамин тавр, ин ду ихтироъ – дастгоҳи чоп ва паҳншавии оммавии газетаҳо ба рушди санъат ва илми тарғибот ҳиссаи калон гузоштанд. Тадқиқоти идеологӣ дар давраи маърифатнокшавӣ, яъне охири асрҳои XVII-XVIII низ ба пропаганда таъсири ҷиддӣ расонид. Идеологияҳои муосир, аз қабили либерализм, асоси худро аз ин давра мегиранд.

Дар инкишофи таърихӣ пропаганда бо таҷрибаи гуногунсоҳаю бисёрсатҳаи пеш бурдани муборизаи фикрӣ ва инстинктивӣ мусаллаҳ шудааст, ки ин ба ташаккули тарзи тафаккури халқҳо, муносибати онҳо нисбат ба худ ва дигарон дар лаҳзаҳои душвор ва шукуфоӣ, дар вазъияти сулҳ, ҷанг ва дар дигар шаклҳои мавҷудияти инсоният то андозае мусоидат кардааст.

Дар ин замина, алалхусус, агар хусусияти робитаи зичи пропаганда ва рекламаро ба инобат гирем, метавонем пропагандаро яке аз воситаҳои ташаккули шуур ва воситаҳои ифодакунандаи забон муаррифӣ намоем.

Таҳлили давраи таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки соҳаи сиёсатро махсус қайд намоем, ки дар он раванди инкишофи пропаганда бештар аҳаммиятнок аст. Вазъияти сиёсӣ фавран ба рушди технологияҳои таблиғотӣ водор кард.

Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ, Инқилоби Октябри соли 1917, Инқилоби гитлерӣ дар соли 1933, Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, вусъати минбаъдаи ҷангҳои инқилобӣ аз соли 1944 дар Чин, Ҳиндучин ва Алҷазоир, инчунин “Ҷанги сард” зинаҳои инкишофи технологияҳои муосири пропаганда буданд. Ҳар сол роҳу усулҳои нав ва ташаккулёфта таҳия ва кашф карда мешуданд.

Дар байни омилҳои сиёсӣ, таърихшиносон таъсири таълимот ва сиёсатмадоронро қайд карданд. Таълимоти махсусгардонидашуда пропагандаро ба маркази ҳаёти сиёсӣ, моҳияти амалиёти сиёсӣ табдил дода тавонист.

Яке аз чунин таълимоти пропагандистӣ ленинизм буд. Баробари паҳн шудани он пропаганда ҳам вусъат ёфт. Ғайр аз ин, ба шарофати фаъолияти як қатор ходимони сиёсӣ пропаганда чунон инкишоф ёфт, ки аз ҷиҳати миқёс ба тамоми таърихи пештараи инсоният номутаносиб аст.

Тавре ки дар боло қайд кардем, таблиғот, махсусан, дар давраҳои бухронӣ, навсозии ҳама гуна технологияе, ки метавонад дар мубориза барои фикри аҳолӣ ғолиб ояд, босуръат инкишоф ёфт.

Баъдан, вақте ки вазъият муътадил шуд, пропаганда дигар хусусиятҳои агитатсиониашро аз даст дода, хусусиятҳои интегратсионӣ пайдо кард, ки ба ҳифзи мавқеи бадастовардаи ин ё он гурӯҳ ё фард нигаронида шудааст.

Вобаста ба характери идеология пропаганда ба ду намуди ба ҳам зид ҷудо мешавад: буржуазӣ ва коммунистӣ. Дар шароити ҳозира пропагандаи идеологӣ ба соҳаи махсуси фаъолияти маънавӣ табдил ёфта, системаи ташкилотҳо, воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои таъсири идеявию психологӣ ба омма мебошад. Хусусиятҳои хоси он мақсаднокӣ, фарқияти муайян, давомнокии таъсир ва хусусияти оммавӣ мебошанд.

Дар сохти кори идеявию тарбиявии коммунистон пропаганда ва агитатсия ҳамчун воситаи нисбатан мустақили таъсири идеявию сиёсӣ ба омма ба миён омадааст. Хусусияти ба худ хоси пропагандаи коммунистӣ дар он аст, ки вай ҳизбӣ будани худро ошкоро эълон карда, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани шуури сиёсии синфи коргар, ҳамаи меҳнаткашон нигаронида шудааст.

Дар баробари ин пропагандаи коммунистӣ дар асоси илмӣ устуворона сохта шуда, бо ҳаёт, бо муборизаи амалӣ барои сотсиализм ва коммунизм зич алоқаманд аст. Дар ҷамъияти сотсиалистӣ ташкилотчӣ ва роҳбари пропаганда ҳизби коммунистӣ мебошад.

Ҳизб дар вақти кор карда баромадани вазифаҳои кори сиёсӣ, хоҷагӣ ва идеологӣ вазифаҳои пропаганда ва нуқтаҳои принсипиро дар бораи шаклҳои ташкили он муайян мекунад. Дар маркази пропагандаи коммунистӣ фаҳмонда додани идеологияи илмӣ ва сиёсати ҳизб, тафсири қонунҳои тараққиёт ва фаъолияти ҷамъияти баркамоли сотсиалистӣ, нишон додани афзалиятҳои таърихии он, роҳҳои расидан ба қуллаи коммунизм меистад.

Вай ба муқобили пасмондаҳои замони гузашта мубориза бурда, вайронкориҳои идеявию психологии империализмро, ки ба муқобили мамлакатҳои сотсиалистӣ ва ҳаракати миллию озодихоҳӣ, сулҳ ва ҳамзистии осоиштаи ду низоми ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, фош мекунад.

Мақсади пропагандаи коммунистӣ ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, ватандӯстӣ ва интернатсионализми пролетарӣ, тарбияи мавқеи фаъолонаи ҳаётии шахс мебошад, ки ба мубориза барои тантанаи коммунизм нигаронида шудааст.

Аз ибтидои асри XX дар баробари рушди босуръати воситаҳои ахбори омма пропаганда ҳамчун василаи ба таври сунъӣ ташаккул ва таҳрикдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ беш аз пеш васеъ истифода мешавад. Усулҳои таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинии одамон ва ба самти зарурӣ равона кардани таваҷҷуҳи ҷомеа ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ хеле талабгор гардиданд. Дар қитъаҳои гуногуни сайёра пропаганда чи барои тағйир додани режимҳо ва чи барои нигоҳ доштани режимҳо беҳтарин такягоҳ ва воситаи тавонотарин гардид.

Таърихи асри XX, ки ба инсоният хотираи ду ҷанги ҷаҳонӣ, инқилобҳо ва задухӯрдҳои сершумори низомии маҳаллиро гузоштааст, равшан нишон медиҳад, ки чӣ гуна тақаллуби шуури ҷамъиятӣ бо ёрии воситаҳои ахбори омма имкон медиҳад, ки тамоми халқҳоро зери назорат гиранд.

Пеш аз гузаштан ба таснифи усулҳои пропаганда якчанд таърифҳои маъмултарини ин мафҳумро, ки дар адабиёти илмӣ бештар мавриди муҳокима карор мегиранд, дида мебароем.

Тибқи Энсиклопедияи Калони Шуравӣ, “пропаганда (лот. propaganda – ба паҳн кардан, аз propago – паҳн мекунам тааллуқ дорад), паҳн кардани назар ва ақидаҳои сиёсӣ, фалсафӣ, илмӣ, бадеӣ ва ғайра бо мақсади дар шуури ҷамъиятӣ ҷорӣ намудани онҳо ва пурзӯр намудани фаъолияти оммавии амалии онҳо”.

Дар “Энсиклопедияи Британник” дар навбати худ ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: “пропаганда кӯшишҳои каму беш муназзами дасткории тафаккур ва боварии одамон ба воситаи рамзҳои гуногун: калимаҳо, шиорҳо, ёдгориҳо, мусиқӣ ва ғ. мебошад. Аз дигар василаҳои паҳн кардани дониш ва ақидаҳо тавассути ҳадафнокӣ ва дасткории шуур ва рафтори одамон фарқ мекунад.

Пропаганда ҳамеша мақсад ё маҷмуи мақсадҳо дорад. Барои расидан ба ин мақсадҳо пропаганда далелҳоро интихоб карда, тавре пешниҳод мекунад, ки таъсир ба шуур бештар бошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ, таблиғ метавонад баъзе далелҳои муҳимро рад кунад ё таҳриф намояд ва инчунин метавонад кӯшиш кунад, ки диққати шунавандагонро аз дигар манбаъҳои иттилоот дур кунад”.

Метавон мушоҳида кард, ки дар таърифи Британник мафҳуми манфии истилоҳ бештар аст ва таърифи Энсиклопедияи Калони Шуравӣ аз ҷиҳати мазмун мулоимтар аст. Тафсирҳои дигар низ ҳастанд, вале ҳамаи онҳо ба андешаи он, ки таблиғ як ҷузъи иттилоотист, ки барои мақсаднок таҳриф кардани афкори ҷомеа ба нафъи доираи танги одамоне, ки сарчашмаи таблиғот мебошанд, истифода мешавад.

Вобаста ба ҳадафҳои пешгирифта таблиғотро ба мусбат ва манфӣ тақсим кардан мумкин аст. Пропагандаи мусбат (конструктивӣ) кӯшиш мекунад, ки ақидаҳои дигарро ба шунавандагон дар шакли фаҳмо расонад. Мақсади пропагандаи мусбат ба ҳамфикрии ҷамъиятӣ, ризоият, тарбияи одамон мувофиқи арзишҳои аз тарафи умум қабулшуда мебошад.

Таблиғоти мусбат дар ҷомеа вазифаҳои тарбиявӣ ва иттилоотиро иҷро мекунад. Он ба манфиати шахсоне, ки ба онҳо муроҷиат карда шудааст, ба амал баровarda мешавад, на доираи маҳдуди манипуляторҳо. Масалан, тарғиби тарзи ҳаёти солим, эмкунӣ, давидан ва ғайра. Пропагандаи мусбат бо реклама ва агитатсия сарҳади хеле норавшан дорад ва ба осонӣ аз як шакл ба шакли дигар мегузарад.

Пропогандаи манфӣ (деструктурӣ) аз рӯйи принсипи "мақсад василаҳоро ислоҳ мекунад" ба одамон эътиқоди муайянеро бор менамояд. Мақсад аз пропагандаи манфӣ барангехтани адовати иҷтимоӣ, тезутунд гардондани низоъҳои иҷтимоӣ, тезутунд гардондани зиддиятҳо дар ҷамъият, бедор кардани ҳиссиёти асосӣ дар одамон ва ғайра мебошад.

Ин имкон медиҳад, ки одамонро аз ҳам ҷудо ё муттаҳид намояд, онҳоро аз ҳар гуна ҳодисаҳо дур намуда, ба иродаи пропаганда итоат кунонад. Вазифаи асосии пропагандаи манфӣ эҷоди воқеияти хаёлӣ ва параллелӣ бо низоми "чаппагардонида"-и арзишҳо, эътиқодҳо ва ақидаҳо мебошад. Пропагандаи манфӣ ба таклифнокӣ ва дараҷаи пасти тафаккури интиқодии омма такя мекунад, то ки ин оммаро ба манфиати гурӯҳи маҳдуди одамоне, ки одатан ба манфиатҳои худи омма мухолифанд, ба кор андозанд.

Аз рӯйи усулҳои таъсиррасонӣ пропаганда ба се намуд тақсим мешавад: сафед, хокистарӣ ва сиёҳ.

Сафед – ба таҳрифи далелҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо роҳ намедиҳад. Чунин пропаганда танҳо метавонад рӯйдодҳоро ба таври мусоид пешкаш кунад.

Хокистарӣ – ба таҳрифи ночизи далелҳо, аз қабили камбудӣ, хомӯшӣ, муболиға ва таҳрифи омор имкон медиҳад.

Сиёҳ – барои ноил шудан ба ҳадафҳо ба ҳама гуна таҳрифи воқеият, аз ҷумла далелҳои ошкоро сохта ё баръакс имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки таърифи илмии "пропаганда" тафсирҳои гуногун дорад, аммо дар маҷмуъ он як ҷузъи иттилоотист, ки барои ташаккули афкори зарурии ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст. Пропаганда ҳам ба шуур ва ҳам ба ҳиссиёти одамон таъсир мерасонад. Ин навъи таъсир ҳамеша дар он ҷойе ба миён меояд, ки "...зарурияти таърихии асоснок кардани нобаробарии иҷтимоӣ, ба омма бор кардани идеяҳои муайяни иҷтимоӣ ба касе лозим аст".

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки сарфи назар аз тафовути тафсирҳои моддӣ, заминаи назариявӣ ва методологии таблиғот заминаи иттилоотии он мебошад, ки барои фаро гирифтани доираи васеи одамони дорои таҷрибаи гуногуни иҷтимоӣ, маълумотнокӣ, ақидаҳои аллакай муқарраршуда ва ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

**АДАБИЁТ**


1. Всемирная история. Под ред. А. Н. Бадак, И. Е. Войнич: учебник. – Минск: Литература, 1997. – 55 с.
2. Нуралиев А., Брукер Н.И., Афсахзод А.А. Информационные жанры печати / А. Нуралиев, Н.И. Брукер, А.А. Афсахзод. – Душанбе: Деваштич, 2005.– 131 с.
3. Encyclopedia Britannica [Электронный ресурс]. URL: http://www.britannica.com / (дата обращения: 29.01.2024)
4. Аронсон Э., Пратканис Э. Современные технологии влияния и убеждения / Э. Аронсон, Э. Пратканис. – М.: Прайм-Еврознак, 2008.
5. Бернайс Э. Пропаганда / Э. Бернайс. – М.: Hippo Publishing, 2010.
6. Бессонов В. Пропаганда и манипуляция как инструменты духовного порабощения // Большая Советская Энциклопедия (БСЭ) [Электронный ресурс]. URL: http://bse.sci-lib.com / (дата обращения: 29.01.2024).
7. Володенков С.В. Современная коммуникация как инструмент манипулирования общественным сознанием // вестн. Моск. Ун-та. сер. 12. Политические науки. 2012. № 5.
8. Давлетбаков С.К. Йозеф Геббельс и искусство пропаганды // Вопросы студенческой науки. – 2022. – Вып. 7 (71).– С. 119-123
9. Доценко Е.Л. Психология манипуляции [Текст]: учебное пособие / Е.Л. Доценко. – М: Реф-бук, 1997. – 64 с.
10. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷахон. (Маҷмӯаи мақолаҳо).–Душанбе: «Деваштич», 2004.– 88 с.

**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ТАРҒИБОТ ДАР ВАО**

Дар мақолаи худ мо сар карда аз таърихи пайдоиши нахустин нишонаҳои тарғибот то ташаккул ва рушди он дар замони имрӯз ва нақши истифодаи воситаҳои муосири техникиро дар ривоҷи тарғибот таҳқиқ кардем. Бо истифода аз таҳқиқи муҳаққиқон мо ташаккули тарғиботро даврабандӣ ва усулу воситаҳои истифодаи онро таснифбандӣ кардем. Дар заминаи он ба чунин назар омадем, ки тарғибот дар ҳама давру замон будааст ва дар баробари ташаккули ҷомеа ва навовариҳои техникӣ шаклу намудҳои нав пайдо мекунад ва пеш меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тарғибот, иттилоъ, журналистика, таърих, ташаккул, техника, усул, хабар, манбаъ, расона.

**ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ПРОПАГАНДЫ В СМИ**

В нашей статье мы рассмотрели роль использования современных технологий в развитии пропаганды, начиная с истории появления первых признаков пропаганды, до ее становления и развития до сегодняшнего дня. Опираясь на работы исследователей, мы классифицировали формирование пропаганды, а также методы и средства ее использования. По результатам работы мы пришли к выводу, что пропаганда существовала во все времена и вместе со становлением общества и техническими инновациями находит новые формы развития.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** пропаганда, информация, журналистика, история, формирование, техника, метод, новости, источники, СМИ.

**HISTORY OF THE ORIGIN AND IMPLEMENTATION OF PROPAGANDA IN THE MEDIA**

In our article, we examined the role of the use of modern technologies in the development of propaganda, starting from the history of the appearance of the first signs of propaganda, to its formation and development to the present day. Based on the work of researchers, we classified the formation of propaganda, as well as the methods and means of its use. Based on the results of the work, we came to the conclusion that propaganda has existed at all times and, together with the formation of society and technical innovations, finds new forms of development.

**KEYWORDS:** propaganda, information, journalism, history, formation, technology, method, news, sources, media.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кенҷаев Шодмон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992] 92-759-11-15**. E-mail: **kenjaev.shodmon00@gmail.com.**

**Сведения об авторе:** ***Кенджаев Шодмон*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультет журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: [+992] 92-759-11-15**. E-mail: **kenjaev.shodmon00@gmail.com.**

**Information about the author:** ***Kenjaev Shodmon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone**: [+992] 92-759-11-15**. E-mail: **kenjaev.shodmon00@gmail.com.**

# ДИАЛЕКТИЗМҲО ВА КАЛИМАҲОИ СОҲАВӢ ДАР РОМАНИ “ГАРДИШИ ДЕВБОД” – И АБДУЛҲАМИД САМАД

***Наврузова П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз шохаҳои инкишофёфтаи илми забоншиносии тоҷик лаҳҷашиносӣ ё диалектология (аз калимаи юнонии dialektos – лаҳҷа, гуфтор ва logos – таълимот) мебошад, ки масъалаи меҳварии онро омӯзиши захираи луғавии лаҳҷаҳои мухталифи забон ташкил медиҳад. Дар солҳои 60 – уми қарни гузашта А. Л. Хромов ва М. Эшниёзов ин истилоҳи мазкурро ба кор бурданд [11, 83; 12, 107]. Лаҳҷа ва шеваҳои маҳаллӣ ҳамчун як манбаи пурмавод дар ҳама давраҳои рушди ҷомеа таркиби луғавии забони адабии тоҷикиро такмил доданд. Махсусан, он дар давраи солҳои 30-юми қарни XX вусъати бештар пайдо кард.

Боиси зикр аст, ки сарвати забони тоҷикӣ нахуст дар нигоришоти аҳли қалам – роману очерк, ҳикояву повест, асарҳои драммавии онҳо инъикос меёбад. Нависандагон диалектизмҳоро аслан вобаста ба мақсади эҷоди асар, мавзуъ ва муҳтавои асар ва айнан ба тасвир овардани нутқи гуфтугӯии персонажҳо ба кор мебаранд. Яке аз адибони замони муосир, ки забони осораш ҷолибу қобили таҳқиқи махсус аст, Абдулҳамид Самад мебошад. Дар осори нависандаи мазкур калима ва ифодаҳои ноби лаҳҷавӣ хеле зиёд истифода шудаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо мафҳумҳои ҳаётан муҳим, ҳодисаву воқеаҳои нодирро мефаҳмонанд ва як қабати луғати осори нависандаро ташкил медиҳанд. Ба монанди:

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ диалектизми **сагболиғ** истифода мешавад, ки бо ифодаи “писари болиғ” маънӣ шудааст. А. Самад онро ду маротиба дар роман дар сухани персонаж мавриди истифода қарор додааст:

Ту ворӣ **сагболиға** дар фурти ҷой мефиребад (с. 144). Давраи **сагболиғияш** аст, маълим (с. 259).

Диалектизми **сумсабил**, ки дорои мафҳуми “шахси бекасу бенаво, бехона” мебошад, дар романи номбурда 3 маротиба дар сухани персонажҳо ба таври манфӣ корбаст гардидааст:

Худам ёфта хӯрдам, туи **сумсабилу** муфтхӯру ҳамсояҳо монден (с. 111). Хайр кадом босаводи соҳибмансаб курсии мулоиму маоши хуба монда, қатори **сумсабилу** шӯрапуштҳои бефаровездаҳон майдонбозӣ мекунад (с. 385).

Калимаи лаҳҷавии **ҷаҳманд**, ки маънои ошиқро доро мебошад, муаллиф дар нутқи персонажи асар як маротиба истифода намудааст:

Ҳоло ман намурда, аллакай **ҷаҳманд** ёфтӣ? (с. 109).

Бояд қайд намоем, ки дар Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ диалектизми **ҷаҳманд** зани шавҳардорест, ки ба марди оиладор дил бастааст ва ё баръакс марди оиладоре, ки ба зани шавҳардор ошиқ аст [6; 876].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дарвоқеъ, забони зиндаи халқ, алалхусус шохаҳои лаҳҷавии он, пур аз калимаҳои дорои тобишҳои услубию маъноӣ ва ҳам истилоҳоти зиёди соҳавӣ мебошанд, ки онҳоро дониста, дар асарҳои бадеӣ кор фармудан услуби нигоришро сода, таъсирбахш ва рангин месозад.

Зимни таҳқиқ мо дар романи “Гардиши девбод” чанде аз номҳои дарахту алафҳои худрӯйро вохӯрдем, ки нависанда онҳоро дар сухани тасвирӣ истифода намудааст: **мушкбед, думи рӯбоҳ ва говдумбол.**

Калимаи **мушкбед** яке аз навъҳои бед ба шумор рафта, А. Самад онро дар романи мазкур ду маротиба рӯйи кор овардааст:

Боз ба оғӯши шохсорони **мушкбедҳои** болои пайроҳа хамзадаи лаби рӯд фурӯ рафта, дарҳол пайдо мегардид (с. 208). Гулхумор аз байни шохаҳои пурбарги **мушкбед** баромада, бо шакарханд гуфт (с. 210).

**Говдумбол** ва **думи рӯбоҳ** номҳои алафҳои саҳроӣ буда, аз сухани тасвирии нависанда бармеояд, ки ин алафҳо дар боғот низ мерӯянд. Танҳо калимаи **говдумбол** дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» бо ифодаи «як навъи растании гулаш зардчатоби ба думи гов монанд» маънидод шудааст [6; 157]. Ба мисли:

Буттаҳои гулхору хайрӣ, **думи рӯбоҳу говдумбол** низ дар гӯшаҳои боғ низом доранд (с. 77). Ба ростӣ, чашми кас аз дидани хел-хел олуболу, ангуру себ, бодому зардолу, **думи рӯбоҳаку** шафтолу, буттаҳои зелолу бушол об мехӯрад (с. 77).

Инчунин, аз роман вожаи **ҷиздак**ро дарёфт намудем, ки яке аз номи ҳашаротҳо мебошад, вале он дар ягон луғат зикр нагардидааст:

-Нолиши малаху **ҷиздак** ҳам баҳона аст? (с. 143).

Барои он ки маънои **ҷиздак** ба хонанда равшан аён гардад, адиб онро дар алоқамандӣ бо вожаи умумиистеъмолии **малах** аз забони персонажи асар – Гулхумор рӯйи коғаз овардааст ва хонанда мефаҳмад, ки **ҷиздак** як навъ ҳашарот аз ҷинси малах мебошад.

Диалектизмҳои **шаст** на танҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, балки дар забони адабиёти классикӣ низ яке аз унсурҳои сермаъно ба ҳисоб рафта, маҷозан мафҳумҳои “ҳиммат, ирода, саховат” – ро ифода мекунад:

Гулхумор аз **шасташ** гашт ва нигоҳи хиҷолатманд аз ҳозирин гурезонд (с. 97). Низомипӯш аз **шасташ** гашт, ки сар хам карду ба андеша фурӯ рафт (с. 307).

Вожаи мазкурро нависанда дар нутқи тасвирӣ дар ҳамбастагӣ бо калимаҳои тоҷикӣ чунон устокорона ва бамаврид кор фармудааст, ки маъно ва муҳтавои он ба хонанда намоён аст.

Инчунин, диалектизми **чанг** низ сермаъно буда, яке аз маъноҳояш дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» «хамида, қоматхамида, кӯзпушт» [6; 820-821] буда, ба ҷуз аз луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар дигар луғатҳо онро пайдо накардем. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ин вожа дар забони адабӣ мафҳумҳои омонимӣ дошта, номи яке аз асбобҳои мусиқӣ ва чангу ғубори табиатро ифода мекунанд. Адиб дар романи «Гардиши девбод» аз диалектизми **чанг** дар нутқи тасвирӣ истифода кардааст:

Пича сафед, қомат **чанг**, зеҳн кунду чашм камнур, ғаму ташвиши зиндагӣ беҳисоб (с. 99). Қомати сутунвор росту оҳаносо қавиаш як каме **чанг**, чашмони замоне калон-калону барқпошаш акнун тангу обрав шуда буданд (с. 62).

Дар асарҳои А. Самад диалектизмҳои **мӯкӣ** ва **шиппак** низ ба кор рафтаанд, ки яке аз номҳои пойафзоли мардона мебошанд. Аз инҳо диалектизми **шиппак** ба лаҳҷаҳои шимолӣ дохил дошта, бо маънии дар боло зикргардида дар луғати В. С. Расторгуева (1963) ба қайд гирифта шудааст. Дар роман низ ба ҳамин маънӣ истифода шудааст:

Мардони гуногунсол, қавораашон дар риши бетартиб гум, лахҷаву либосҳояшон ноошно, дар по **шипаку** дар сар кулоҳи намадӣ ё салаи фашдори дағал, аз чор тараф ба ин ҷо рехтаанд (с. 475).

**Мӯкӣ** бошад дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» бо ҳамон маъние, ки Абдулҳамид Самад онҳоро дар романи худ истифода кардааст, дарҷ гардидаанд [6; 458]. Бинобар ин, метавонем ин калимаро ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ нисбат диҳем.

Дар хаёлашон Гадо ҳанӯз ҳам дар тан либосҳои урфии даридаву ҷанда, дар по **мӯкиҳои** дарзкандаву пур аз поргӣ дошт (с. 29).

Аз романи “Гардиши девбод” диалектизмҳоеро пайдо намудем, ки марбут ба навъҳои нон ва хӯрока мебошанд. Ҳадафи нависанда аз истифодаи вожаҳои мазкур ин бозгӯ намудани як суннати мардуми кӯҳистон аст: **бойсунӣ**, **чаппотӣ** (навъҳои нон), **пиёва** (шӯрбои бегӯшт, ки аз равғану пиёз пухта мешавад), **нишоста** (навъи таоме, ки аз шираи гандум тайёр мешавад ва байни мардуми Хатлон маъмул аст), **чолов** (чакаи дар об омехта, ки ҳамчун нӯшоба истифода мебаранд), **чанголӣ** (навъи таоме, ки аз нони гарм ва равғани зард тайёр карда мешавад), **тарғафа** (нони гарми нав аз танӯр кандаро дар оби хунук пора карда хӯрдан), **таҳаловӣ** (тухм ё картошкае, ки дар зери оташи хокистар пухта мешавад), **сабзак, тезак** (навъи таоми якум, ки бо қаланфури сабз омода мешаванд).

Дар карсонҳои алоҳида яке хамири **чаппотӣ,** дигаре хамири нони **бойсунӣ**, сеюми хамири **гирдаву** кулча ва фатир хелидаву шӯрида, мехобониданд (с. 102). Хайрхоҳон аз ҳар

тараф барои мардуми гуреза дастархони пурнон, сатили оши бурида ё дӯғу **чолов**, дами гарме меоварданд (с. 77). Бо навбат яке сари субҳ косаи ширбиринҷ ё **нишоста**, дигаре пешин бо дастархону хурмаи пур аз **пиёва** ё **оши бурида** ба сухбаташ меоянд... (с. 120).

Аз инҳо диалектизмҳои **тарғафа, тезак, сабзак** ва **чанголӣ** дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» айнан бо ҳамин мафҳумҳои дар боло зикрёфта дарҷ гардидаанд [6; 590, 644, 678, 821], вале онҳоро дар дигар луғатҳои шевагӣ вохӯрда натавонистем. Ҳамин далели гуфтаҳои болост, ки ин вожаҳо, дар ҳақиқат, ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ дахл доранд ва аз ин ҳавзаи ҷуғрофӣ берун намераванд.

**Тарғафа** не, барракабоб аст, касе насиба нагирад, армонӣ мемонад (с. 103). Як коса оби хунук биёреду **тезаку сабзак** (с. 103). Э агар роҳ наздик мебуд, ба Заъфарон мефармудам, ки барояшон фатирҳои серравған пазад, як-ду табақ **чанголӣ** ё **фатирмаскаи** болояш харбузадор тайёр кунад…(с. 205).

**Испор** номи олотест барои шудгори замин, амоч, ки ба лаҳҷаҳои ҷануб мансуб мебошад, дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» низ зикр гардидааст [6; 622]. Ин вожа дар романи «Гардиши девбод» истифода шудааст:

Ба мардум бепул оҳани **испор**, табару теша бисозӣ, аз замин то осмон аз ту шод мешаванд (с.131).

Ба монанди ҳамин дар роман диалектизми **поза** корбурд гардидааст, ки он ҳам номи олотест, ки барои шудгори замин истифода мешавад. Ин калима ба лаҳҷаҳои тоҷикони Бухоро мансуб аст ва дар луғати устод Садриддин Айнӣ бо маънии зерин ифода шудааст: «олоти сартези чӯянии рехтаест, ки ба сари амоч гузаронида, бо вай замин ронанд» [3; 296]. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ муродифи он **оҳани ҷуфт** ва **оҳани испор** мебошанд, ки нависанда онро ба гунаи зайл ба қалам додааст:

...чоряки оҳанпораҳои гирдовардаи Саидаҳмада бурда тавонем, бе пул барои ҳама корд, ошбур, **поза**, дос, табару теша, гулмех, барои духтарҳо лабчанг месозам (с. 132).

Калимаи **юғ** низ номи асбобе мебошад, ки ҳангоми шудгори замин ва дигар корҳои марди деҳқон истифода бурда мешавад. Ин калима дар «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» бо ифодаи «чӯбе, ки ба гардани ҷуфти гов ниҳода, ба вай амоч ё дандонаро банданд» зикр ёфтааст [6; 298]. Дар луғати С. Айнӣ ҳам айнан бо ҳамин тарз зикр шудааст. Аз ин маълум мешавад, ки диалектизми **юғ** фарохистеъмол буда, дар ҳавзаҳои лаҳҷаҳои минтақаи ҷанубӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикони Бухоро мавриди истеъмол қарор дорад. Абдулҳамид Самад вожаи мазкурро дар романи «Гардиши девбод» кор фармудааст:

…бо сад қасам ба гарданаш **юғ** андохта мисли барзагов кораш мефармояд, кори сахт. (с. 59).

Диалектизми **курчак** дар мафҳуми як навъ бели чӯбин истифода мешавад, ки ба воситаи он ғаллаи куфташударо дар хирман бод мекунанд ва зимистон барфи рӯйи бому роҳрави ҳавлиро мепартоянд. Вожаи мазкур дар чунин шакл дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ [6; 362] ба қайд гирифта шудааст ва дар лаҳҷаи Бухоро бошад, дар шакли **курак** истеъмол меёбад [5; 132]. Нависанда диалектизми мазкурро дар «Гардиши девбод» дар сухани тасвирии худ ду маротиба мавриди корбурд қарор додааст:

Белу **курчак** барои рӯфтани барфи болои бому пеши даҳлез муҳайё (с. 107). Дар авҷи хаму хез ва дарави одамон баногоҳ аз хирманҷо овози бобои Ҷонак, ки бо **курчак** гандум бод медиҳад, базӯр-базӯр ба гӯш меояд (с. 130).

Ба ҳамин тариқ, нависанда диалектизмҳоро дар якҷоягӣ бо унсурҳои меъёрии нутқ чунон бамаврид корбаст намудааст, ки хонанда бе ягон душворӣ маъно ва мухтавои онҳоро сарфаҳм рафта метавонад. Бояд ёдовар шавем, ки вожаҳои мазкур дар асл вожаҳои соҳавӣ мебошанд ва айни ҳол аз қабили элементҳои архаистии забон ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, диалектизмҳо дар забони адабӣ ҳамчун меъёр фаъолият карда наметавонанд. Чунин навъи воҳидҳои забонӣ дар забоншиносии тоҷик бо истилоҳи “калимаҳои лаҳҷавӣ”, “калимаҳои шевагӣ”, “лексикаи шевагӣ” ва ғайра ифода меёбанд, ки олимону донишмандон миёни онҳо ҳеҷ фарқият нагузошта, дар эҷодиёташон муродифҳои онҳоро ба кор мебаранд ва онҳо аз ҳудуди муайяни ҳамон маҳал, ки истифода мешаванд, берун набаромада, ҳастии худро дар нутқи аҳолии ҳамон мавзеъ нигоҳ медоранд.

**АДАБИЁТ**

1. Абдулҳамид С. Гардиши девбод. – Душанбе, 2007. – 512 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.11. – Душанбе, 1964. – 435 с.
3. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.12. – Душанбе, 1976. – 563 с.
4. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. - Душанбе, 1977. – 197 с.
5. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М. Маҳмудов, Б. Бердиев. - Душанбе, 1989. – 278 с.
6. Маҳмудов М., Ҷураев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷураев, Б. Бердиев. – Душанбе, 2012. – 952 с.
7. Неменова Р. Л., Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ҷ.1 / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 1980. – 328 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон – иборат аз 2 ҷилд. – М: Советская энциклопедия, 1969. – ҷ.1. – 951 с; ҷ.2. – 948 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.1. – Душанбе, 2010. – 996 с.
10. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Душанбе, 2006. – 784 с.
11. Хромов А.Л. Говоры таджиков Матчинского района / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1962. – 215 с.
12. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 2 / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1979. – 135 с.

## ДИАЛЕКТИЗМҲО ВА КАЛИМАҲОИ СОҲАВӢ ДАР РОМАНИ “ГАРДИШИ ДЕВБОД” – И АБДУЛҲАМИД САМАД

Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки забони зиндаи халқ, алалхусус шохаҳои лаҳҷавии он, пур аз калимаҳои дорои тобишҳои услубию маъноӣ ва истилоҳоти зиёди соҳавӣ мебошанд, ки онҳоро дониста дар асарҳои бадеӣ кор фармудан услуби нигоришро сода, таъсирбахш ва рангин месозад. Як қабати чунин воҳидҳои нутқро диалектизмҳо ташкил медиҳанд, ки аксарияти онҳо хусусияти этнографӣ доранд ва дар ифодаи номи ашёҳои рӯзгор, суннатҳои мардумӣ, кору амали одамон, навъҳои таом, гиёҳ ва дарахтони ёбой, ҳашароту парандаҳо, узвҳои биологии инсон ва монанди инҳо ба кор бурда мешаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** лаҳҷа, узв, паранда, асарҳои бадеӣ, нутқ.

## ДИАЛЕКТИЗМЫ И ОТРАСЛЕВЫЕ СЛОВА В РОМАНЕ АБДУЛХАМИДА САМАДА "ГАРДИШИ ДЕВБОД"

Автор статьи подчеркивает, что живой язык народа, особенно его диалектные ветви, насыщен словами, имеющими стилистические и семантические оттенки, и многими отраслевыми терминами, знание их и использование в художественных произведениях делает стиль рассмотрения простым, эффективным и красочный. Слой таких речевых единиц составляют диалектизмы, большинство из которых имеют этнографический характер и используются для выражения названий предметов быта, народных традиций, действий людей, видов пищи, диких растений и деревьев, насекомых и птиц, человека. биологические органы и т.п.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: диалект, орган, птица, произведения искусства, речь.

## DIALECTISMS AND BRANCH WORDS IN THE NOVEL BY ABDULHAMID SAMAD "GARDISHI DEVBOD"

The author of the article emphasizes that the living language of the people, especially its dialect branches, is saturated with words that have stylistic and semantic nuances, and many industry terms, knowledge of them and their use in works of art makes the style of consideration simple, effective and colorful. The layer of such speech units is made up of dialectisms, most of which are of an ethnographic nature and are used to express the names of household items, folk traditions, human actions, types of food, wild plants and trees, insects and birds, humans. biological organs, etc.

**KEYWORDS:** dialect, organ, bird, works of art, speech.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Наврузова Парвина*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **919702424.**

**Сведения об авторе:** ***Наврузова Парвина*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **919702424.**

**Information about the author**: ***Navruzova Parvina*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919702424.**

# МОДЕЛҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ - ИҶТИМОӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

*Сафарова З.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Модел калимаи франсавӣ аз решаи **“model”** гирифта шуда, маънои нусха, тасвир, нақша ё намунаи хурди чизе, ки аз рӯйи он чизеро бо теъдоди зиёд истеҳсол мекунанд, дорад. Дар фарҳанги “ Англисӣ-тоҷикӣ” ба маънои: 1. қолаб, тарҳ, нақша: a working model of a car - қолаби ҳаракаткунандаи автомобил; 2. намуна, модел: The boy is a model of good behavior - одоби ин бача намунаи ахлоқи хуб мебошад; 3. мисол; 4. сарнамуна, қолаб; 5. сармашқ;6. маникен, модел, намунаи зинда / *дар магозаҳои либоса ва ғайра);* 6. либоси намунавӣ.

Дар фарҳанги “English-PersianDictionary” ба маънои модел (model, pattern), намуна, сармашқ (sample, example), тарҳ (plan, desing), қолаб ( format), пайкар ( figure), нақша (map, plan), шакл додан (shape), намуна қарор додан, тароҳи кардан, сохтан амадааст: a small-scale model of our new airplanes; намунаи андозаи хурди ҳавопаймоҳои нави мо. Good role models for children; сармашқҳои хуб барои кӯдакон. To model in clay; бо лой намунасозӣ кардан.

Чи тавре иброз намудем, модел ин ба маънои сохтан аст. Усулҳои истилоҳофаринии забони тоҷикӣ иборат аз:

1. Асоситарин ва маъмултарин шеваи интихоби истилоҳоти иҷтимоӣ ин истифодаи калима, истилоҳот, таркибҳо ва ибораҳои забони зиндаи ҳар давра мебошад: тавонгар, дарвеш, деҳқонон, ҳушёрон, достон, шоҳнома, доду доварӣ, даҳяк, бистяк ва ғайра.

Зимнан бояд хотирнишон кард, ки дар сохтан ва эҷод кардани калима ва истилоҳот барои илмҳои маълуми ҳар давра низ ҳамин усул ба кор бурда шудааст: дароз-тул, паҳн- арз, шинохт-маърифат.

2. Иқтибос ва интихоби калимаву таркибот аз дохили матни китобҳои маълуми ҳар як давра ва аз онҳо сохтани калимаю истилоҳоти соҳаҳои гуногун: падидкунанда-холиқ, афзудан-зиёд кардан, ниҳод-вазъ ва ғайра.

3. Тарҷумаи таҳтулафзии вожа ва истилоҳоти араб: толиб-ул-илм-донишҷӯ, қат- ун-нур - буридани нур, мутафаккир-андешгар.

4. Тағйири маънои калимаҳои мавҷуда ва маҷозан ба маъноҳои нав ва ҳамчун истилоҳ истифода бурдани онҳо: танумандӣ- олами ҷисмонӣ, равон-нафс, чиз- шайъ, истода-қоим, бозгашт-руҷъат.

5. Сохтани луғат ва истилоҳоти “дурага”, мураккаб аз арабӣ ва форсӣ: ҷиҳатхоҳ, таркибпазир, бурҳони ҳастӣ, илмӣ барин – метафизика, илми тарозӯ- мантиқ. Заимнан бояд гуфт, ки сохтани луғат ва истилоҳот ба воситаи калимаҳои мураккаби форсӣ низ ба ҳамин тариқ сурат гирифтааст: андаррасидан-тасаввур, худтавоно-ақли фоид, истода ба худ-қоим ба зот.

Ин равиш зоҳиран хоси забони гуфторӣ аст. Вале баъдан чунон ривоҷ гирифт, ки то имрӯз яке аз усулҳои муҳимми луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ гардидааст.

6. Сохтани луғат ва истилоҳоти нав: сухангӯй-нотиқ, ёбандаг-идрок, пояндагӣ-абадият, падидкун-холиқ.

7. Калимасозӣ ва истилоҳ офаринӣ аз тариқи иштиқоқ. Ин шева низ яке аз густурдатарин роҳи луғатофаринӣ мебошад ва ҳоло ҳам васеъ ба кор бурда мешавад.

Нахустин нависандагон ва тарҷумонҳо агар аз роҳҳои дигар муваффақ нашудаанд, луғат ва истилоҳи зарурии худро ба ин восита сохтаанд. Масалан, иштиқоқ аз феъл ва сохтани таркибҳо аз онҳо: омехтан-омезанда, омезиш, андарёфтан-андарёфт, андарёбанда, андарёбӣ; тавонистан-тавоноӣ, тавоно, тавонгар, тавониш; донистан-доно, дoff донанда, дониста; пазируфтан-пазиро, пазируфта.

Истифода аз исми масдар барои баёни мафҳумҳои фалсафӣ: ороиш, офариниш, омезиш, полоиш, коиш, ситоиш, гироиш, ангориш, зоиш, гузариш, гардиш.

Дар забонҳо боз моделҳо ё усулҳои зерини калимасозӣ ва истилоҳсозӣмушоҳида мешаванд:

1.синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад : васлшавии калимаҳо ва тарзи омехта;

2.морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ;

3.луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб;

4.луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст;

5.конверсия;

Роҳҳои калимасозӣ дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ он қадар тафовуте надорад. Дар забони англисӣ бо исму исм, **fire-place** – *оташдон,* ин навъи калимасозиро синтаксисию морфологӣ меноманд. Зерои калимаи **"fire"** исм буда, далолат ба чиз менамояд ва калимаи **"place"** аз ҷиҳати синтаксизӣ зарф буда, ба макон дахл дорад. Синтаксисию морфологӣ бошад бо сифату исм, **quick – silver – симоб,** калима месозанд ва бо преффикс ва суффикс аз дигар ҳиссаҳои нутқ калимаҳои зиёд месозанд ва ин тарз сермаҳсултарин тарзи калимасозии ин забон ба шумор меравад, ки ин намуди модели калимасозиро баён хоҳем кард.

Одатан дар забони англисӣ вожаҳои дароз аз калимаҳои кӯтоҳтар бо иловаи чанд ҳарф дар аввал (пешванд) ва чанд ҳарф дар охир (пасванд) сохта мешаванд. Маъмулан пешвандҳо маънои калимаро иваз мекунанд, пасвандҳо бошанд, ҳиссаҳои нутқро.

Пасвандҳои моделҳои калимасоз ва истилоҳсози забони англисӣ иборатанд аз:

**-er, or;** аз феъл исм месозанд: To teach – teacher; Омӯзондан–омӯзгор, To direct – director; Идора кардан – роҳбар:

We appreciate the close cooperation the Director of Tajikistan's National Library, Nosirjon Salimov, has given us on this project.

~Мо ҳамкорӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Носирҷон Салимовро барои дастгирии ин лоиҳа қадрдонӣ мекунем.

Истилоҳи **directo** калимаи лотини буда, дар ҷумлаи боло ба забони тоҷикӣ ба ҳамон шакли лотиниаш тарҷума шудааст зеро ин истилоҳ аз лотинӣ ба забони русӣ ва аз русӣ ба забони мо иқтибос шудааст ва ҳамчун як истилоҳи сотсиологӣ дар миёни ҷомеа ба кор бурда мешавад, хусусан дар соҳаи маориф ва ширкатҳову муассисаҳо: Директори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 8. Директори ширкати "Олим текстил" ва ғайра.

**-ian;** Ба касбу кор ё миллат ишорат мекунад: Russian – рус; Library –librarian; Китобхона – китобхоначӣ.

**-ion, tion, ation, sion, ssion;** Аз феъл исм месозанд: To discuss – discussion;

Муҳокима кардан–муҳокима, To collect – collection Ҷамъ кардан – ҷамъоварӣ, To organize – organization; Ташкил кардан – ташкилот, To explode – explosion; Таркондан – таркиш.

**-ness, th;** Асосан аз сифат исм месозанд: Bright – brightness; Рӯшан–рӯшноӣ,Long – length; Дароз – дарозӣ.

**-dom, hood, ship;**Аз сифат ва худи исм исми дигаре месозанд: King –kingdom; Шоҳ–шоҳигарӣ, Free – freedom; Озод – озодӣ, Brother – brotherhood; Бародар – бародарӣ,Friend – friendship; Дӯст–дӯстӣ.

**-ment, ance, ence;** Аз феъл исм месозанд: punish – punishment, озор додан – озор, дард, To resist – resistance;Муқобилбудан–муқобилият,To differ – difference;Фарқкардан–фарқ, дигар:

The punishment of the hook is nothing. ~Дарди чангак барояш чандон сахт нест.

He was still bearing the pull of the fish across his shoulders but he placed his left hand on the gunwale of the bow and confided more and more of the resistance to the fish to the skiff itself.

~Вай ҳанӯз ҳам вазни моҳиро дар тахтапушташ ҳис мекард, аммо дасти чапашро ба камонгоҳи қавсаи заврақ гузошта, қувваи муқобили моҳиро ҳарчи бештар ба заврақ мепартофт.

The land must make a difference too, in the shape of the clouds. But we have no hurricane coming now.

~Дархушкӣ шаклиабрҳо низдигараст.Аммо ҳоло ҳеч нишонае аз тӯфон нест. [ Ҳеменгвей Э. 2014. С. 78, 98.]

Дар илми забоншиноси яке аз усулҳои ҳосил намудани калимаҳои нав конверсия мебошад, ки дар натиҷаи он калимаҳо аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ мегузаранд. Зарф аз қабили онҳо мебошад. Дар забони тоҷикӣ танҳо калимаҳои дорои хусусиятҳои махсуси морфологӣ ба зарф мубаддал мешаванд. Дар забони ҳозираи тоҷикӣ аксари ҳиссаҳои нутқ, ба монанди исм, сифат, калимаҳои модалӣ, шумора ва ғ. ба зарф мубаддал шуда метавонанд. Нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ исм ва сифат дучори ба зарфҳо табдилёбӣ мегарданд.

Бояд хотирнишон кард, ки дар ин зеробоб исм, сифат, зарф ки бо ҳам якҷо шуда, як модели калимасоз ё истилоҳсоз мебошанд ба шакли ихтисораҳои шартӣ зикр намудаем: Adj–сифатAdv-зарф,N-исм, V-феъл.

Инак, модели Adj—»Adv ва N->Adv муфассалтар дида мебароем.

а) Модели Adj-»Adv

Дар забони тоҷикӣ ба зарф мубадалшавии сифатҳо яке аз усулҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Чи тавре ки дар боло зикр намудем, раванди мазкур аслан аз ҳисоби калимаҳои хусусиятҳои махсуси морфологидошта сурат мегирад: масалан, беҳуда<топусту,зря»,ба кафо «назад, обратно»,тулонӣ «надолго», **ройгон** «даром», **аз дур** «издалека», **иҷборан** «поневоле, вынужденно», **ихтиёрӣ**«добровольно», **аз фардо «с** завтрашнего дня», **ба истиқболи** «навстречу» ва ғ.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки дар байни сифатҳои номбаршуда сифатҳои дорой хусусиятҳои падежидошта мавҷуд нест, зеро онҳо чунин хусусиятҳои худро гум карданд ва аз системаи падежҳо дур шуданд.

### АДАБИЁТ


1. Арон Р. Этапы развития социологической мысли / Р. Арон. - М.,1983.
2. Байзоев А. Калимасозӣ ва истилоҳот дар “Донишнома”–и Ибни Сино. Душанбе / А. Байзоев. - Эр-граф, 2016. 169 с.
3. Ғуломов О. Сотсиология. Китоби дарсӣ / О. Ғуломов. - Душанбе,2000.
4. Идиев Х.У., Самиев Б.И. Сотсиология / Х.У. Идиев, Б.И. Самиев. - Душанбе, 2006.
5. Мамадназаров Абдусалом. “Фарҳанги англисӣ – тоҷикӣ”. Душанбе “ЭР – граф”, 2015.
6. Назарзода Сайфиддин. “ Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо”. Душанбе “ Маориф ва фарҳанг”. 2013
7. Саидов А. Намудҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ/ А. Саидов. - Душанбе. 2016. 67с.


### МОДЕЛҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ СИЁСӢ - ИҶТИМОӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи моделҳои калимасозии истилоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки модел калимаи франсавӣ аз решаи “model” гирифта шуда, маънои нусха, тасвир, нақша ё намунаи хурди чизе, ки аз рӯйи он чизеро бо теъдоди зиёд истеҳсол мекунанд, дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истилоҳот, калима, модел, сиёсӣ, нусха, маъно.


### СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ МОДЕЛИ ПОЛИТИКО-СОЦИАЛЬНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ


В данной статье рассматривается тема словообразовательных моделей политико-социальных терминов в таджикском и английском языках. Автор отметил, что французское слово «модель» происходит от корня «модель» и означает копию, изображение, план или небольшой образец чего-либо, из чего что-то производится в больших количествах.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: терминология, слово, модель, политическое, копия, значение.


### WORD-FORMATION MODELS OF POLITICAL AND SOCIAL TERMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES


This article examines the topic of word-formation models of political and social terms in the Tajik and English languages. The author noted that the French word "model" comes from the root "model" and means a copy, image, plan or small sample of something from which something is produced in large quantities.



**KEYWORDS**: terminology, word, model, political, copy, meaning.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сафарова Зарина Исмоиловна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе**: ***Сафарова Зарина Исмоиловна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета языков Азиии и Европы. **Адрес**:734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17.

**Information about the author**: ***Safarova Zarrina Ismoilovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

# ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

## ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рустамов Ш.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Даромади буҷети давлатӣ асосан ба воридоти андозӣ такя мекунад. Нақши даромадҳои андозӣ, дар айни замон, нисбат ба воридоти дигар барои ташаккули қисмати даромади буҷети давлатӣ хеле назаррас мебошад.

Дар соли 1776 Адам Смит дар кори илмӣ-таҳқиқотии худ "Таҳқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии аҳолӣ» 4 принсипи асосии андозбандиро ташаккул дод:

1. Андозҳо бояд характери умумӣ дошта бошанд. Иштирокчиёни пардохти андозҳо ҳамаи шахсони воқеию ҳуқуқӣ мебошанд, ки онҳо дар мамлакат кору фаъолият менамоянд.
2. Андозҳо бояд ҳиссавӣ, мунтазаму баробар бошанд, яъне андозҳо вобаста аз қобилияти пардохтпазирии ҳар як субъект ё ки шахс бояд тақсим ва муайян карда шаванд.
3. Хароҷоти ситонидани андозҳо дар сатҳи минималӣ таъмин карда шавад, чунки аҳолӣ, андозсупорандагон ҳар чӣ камтар пардохт кунанд, озод намудани онҳо аз хароҷоти иловагӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.
4. Пардохти андозҳо бояд оммафаҳм ва сода барои супорандагони андоз ташкил карда шавад, яъне дар интихоби ҷой, вақти пардохт ва усули пардохти андозҳо бояд ҳавасмандии андозсупорандагон ба инобат гирифта шавад.

Принсипҳое, ки аз тарафи А. Смит пешниҳод шуда буданд, дар қонунгузории ибтидоии кишвар оид ба андоз ва андозбандӣ истифода гардида, бо баробари рушди иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои молиявии субъектҳои хоҷагидор ва сатҳҳои низоми буҷетӣ принсипҳои мазкур ташкил ёфта истодаанд, ки ба он қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба низоми андозиву буҷетӣ ва ворид кардани тағйиру иловаҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд. Принсипҳои зерин амал мекунанд:

- ҳар як шахсе, ки манбаъҳои даромад дорад, бояд мувофиқи қонун андоз супорад. Яъне, супоридани андоз ҳатмӣ мебошад. Қонунгузорӣ оид ба андоз ва пардохтҳои андозӣ ба принсипҳои характери умумӣ ва баробарӣ такя намуда, дар ҳолати муайян кардани меъёри андозҳо қобилияти пардохтпазирии андозсупорандагон (даромад ё фоидаи онҳо) ба этибор гирифта мешавад;
- барои муқаррар намудани меъёри дифференсиалии андоз ва ҷамъовариҳо, имтиёзҳои андозӣ вобаста ба шакли моликият, шаҳрвандии шахсони воқеӣ ё ҷойи амалишавии сармоя роҳ дода намешавад;
- андозҳо ва ҷамъовариҳо бояд асоси иқтисодӣ дошта бошанд ва наметавонанд амалиётҳои ғайриқонуниро худсарона анҷом диҳанд;
- роҳ надодан барои муқаррар кардани андозҳо ва ҷамъовариҳо, ки ягонагии масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кунанд, инчунин бевосита ё бавосита озодона ҳаракат кардани молу хизматрасонӣ ё маблағҳоро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ маҳдуд созанд;
- дар вақти муқаррар намудани андозҳо бояд ҳамаи унсурҳои андозбандӣ ба эътибор гирифта шаванд;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба андоз ва андозбандӣ ҳамон гуна ташкил карда шаванд, ки барои ҳар як субъекти андозсупор сода ва оммафаҳм буда, бояд донанд, ки кадом намуди андозҳо, кай, бо кадом тартиб ва меъёр пардохт мешаванд.

Барои ҳамин, дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андозу андозбандӣ диққати махсус дода истодааст.

Мақсади ислоҳоти андозӣ ба содатару равшантар намудан, баланд бардоштани сатҳи адолатнокӣ ва асоснокии иқтисодии низоми андозбандии ҷумҳурӣ (ситонидани андозҳо), инчунин паст кардани сарбории андоз ва баланд бардоштани ҳавасмандии андозсупорандагон равона мешавад.

Маҳдудияти манбаъҳои даромад дар байни сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ бояд ба принсипҳои зерин такя намояд:

- муътадил тақсим намудани даромадҳо дар байни сатҳҳои низоми буҷетӣ дар асоси принсипи ягонагии даромадҳо, ки таъминкунандаи ҳавасмандии мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, дар муҳайё кардани шароити қулай барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад;

- даромадҳои худии ҳар як сатҳи низоми буҷетӣ захираҳои асосии онҳо ба ҳисоб рафта, бояд барои амалишавии самарабахши хароҷот ва хариди молҳои ба онҳо вобастакардашуда бо назардошти баробар кардани таъминоти буҷетии маҳалҳо хизмат кунад.

Дар вақти тақсими намудҳои андоз ва манбаъҳои даромад байни сатҳҳои гуногуни низоми буҷетӣ бояд меъёрҳои зерин ба эътибор гирифта шаванд:

- мунтазамӣ: сатҳи воридоти андозӣ аз сохтори иқтисодӣ вобаста бошад;

- самаранокии иқтисодӣ: барои ҳар як сатҳи низоми буҷети давлатӣ бояд андозҳо ва манбаъҳои даромад вобаста карда шаванд, ки ташаккул ва истифодабарии онҳо аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии сатҳи гуногуни ҳокимияти давлатӣ вобаста бошанд;

- пойгоҳи муназзами андозии митақа: чи қадаре ки имкониятҳои баланди андозӣ дар минтақаҳои кишвар ҷой дошта бошанд, ҳамон қадар базаи андозӣ дар байни минтақаҳо ва сатҳи низоми буҷетӣ баландтар гардида, имкониятҳои андозҳои мувофиқро ҷорӣ намудан зиёд мешавад ва шароит барои марказонидани даромадҳои андозӣ беҳтар мегардад;

- баробар ҷойгир кардани базаи андозӣ: чи қадаре ки сатҳи номунтазамӣ дар андозбандӣ баланд бошад, ҳамон қадар сатҳи воридоти даромадҳои андозӣ номунтазам шуда, сатҳи ҷаримакунӣ ҳам пасттар мегардад ва пайдо кардани шароити мусоид барои марказонидани воридоти даромадҳои андозӣ душвор мешавад;

- адолати иҷтимоӣ: андозҳое, ки характери азнавтақсимкунӣ доранд, бояд асосан ба сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ вобаста бошанд;

- ҷавобгарии буҷетӣ: ҷамовариҳо ва пардохтҳои андозӣ бояд ба буҷети давлатӣ ворид гарданд.

Принсипҳои ташаккули даромади буҷети давлатӣ, ки дар боло қайд карда шуданд, баҳри таъмини адолати санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми буҷетиву андозбандии ҷумҳурӣ, таъмини ҳавасмандии андозсупорандагон, шаффофияти манбаъҳои даромади буҷети давлатӣ ва таъмини рушди иҷтимоӣ – иқтисодии мамлакат равона карда шудаанд.

Яке аз манбаъҳои дигари даромади сатҳи поёнии низоми буҷети давлатиро даромадҳои танзимшавандаи умумидавлатӣ ташкил медиҳанд.

Таносуби ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз ва даромадҳои умумидавлатӣ дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ муқаррар карда мешавад ва аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

Андозҳои танзимшавандае, ки ҳиссаи онҳо дар қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудааст, сараввал қатъиян ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда шуда, баъдан ҳиссаҳои муайяншуда ба буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

Маблағи як намуди андозро ба дигар намуди андоз берун аз таъйинот гузаронидан, инчунин анҷом додани амалиёти пардохти андозҳои танзимшаванда ба буҷетҳои дахлдор, бидуни гузаронидани амалиёт тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 436; с. 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; с. 2016, № 5, мод. 367. Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 746; аз 12.11.2013 № 1027; аз 14.05.2016 № 1316; аз 17.05.2018 № 1535.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» аз 20 ноябри соли 2020, №1724 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2020, №11, мод.846; ҚҶТ аз 6.04.2021с., № 1771.


## ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба принсипҳои ташаккули даромади буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки бо баробари рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар сол аз сол афзоиши мунтазам ва устувори даромаду хароҷоти низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Муайян карда шудааст, ки динамикаи афзоиши даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ таъмин гашта, он ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодию молиявии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: буҷети давлатӣ, даромади буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, даромадҳои ҷорӣ, пардохтҳои андозӣ, пардохтҳои ғайриандозӣ.


## ПРИНЦИПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ДОХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Данная статья посвящена принципам формирования доходов государственного бюджета Республики Таджикистан. В частности, было отмечено, что наряду с социально-экономическим развитием происходит закономерное и стабильное увеличение доходов и расходов государственной бюджетной системы Республики Таджикистан. Определено, что динамика увеличения доходов и расходов государственного бюджета обеспечивается, и это способствует достижению целей экономической и финансовой политики Правительства Республики Таджикистан.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государственный бюджет, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, текущие доходы, налоговые платежи, неналоговые платежи.


## PRINCIPLES OF FORMATION OF STATE BUDGET REVENUE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article is devoted to the principles of generating state budget revenues of the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that, along with socio-economic development, there is a natural and stable increase in income and expenses of the state budget system of the Republic of Tajikistan. It has been determined that the dynamics of increasing state budget revenues and expenditures is ensured, and this contributes to achieving the goals of the economic and financial policy of the Government of the Republic of Tajikistan.



**KEYWORDS:** state budget, state budget revenues, state budget expenses, current revenues, tax payments, non-tax payments.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамов Шарифҷон Қосимович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми ихтисоси молия ва қарз. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sharif-2015@mail.ru.** Телефон**: +992 555 55 57 37.**

**Сведения об авторе:** ***Рустамов Шарифджон Косимович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности финансы и кредит. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sharif-2015@mail.ru.** Телефон: **+992 555 55 57 37.**

**Information about the author:** ***Rustamov Sharifjon Kosimovich*** – Tajik National University, second-year master’s student majoring in finance and credit. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **sharif-2015@mail.ru.** Phone: **+992 555 55 57 37.**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ КИШВАР

***Муродалиев А.Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ин шароити рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мунтазам ба унсури муҳимтарини стратегияи дарозмуҳлати иқтисодии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, ба ҳалли масъалаҳои азнавсозӣ ва таъмини иқтисоди бозории рақобатпазир равона шудааст. Бинобар ин, ба самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ва яке аз қисматҳои асосии дигаргуниҳои сохторӣ табдил додани тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри қонунист [1]. Даргузашта аз ин, ташаккулёбӣ ва тараққиёти иқтидори содиротӣ траекторияи рушди миқдорӣ ва сифатии савдои беруна, миқёс ва самаранокии иштироки Тоҷикистонро дар иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити муосир муаяйн мекунад. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки маънидодкунии мафҳум ва моҳият, нақш ва ҷойгоҳи онро дар тараққиёти иқтисоди миллӣ муаяйн намоем. Новобаста аз мавҷудияти таваҷҷуҳи бештар ба масоили мазкур, иқтидори содиротӣ мафҳуми мураккаб, гуногуншакл ва аз рӯйи бисёр самтҳо мафҳуми аз бисёр ҷониб то охир зери таҳқиқ қарор нагирифта, ба шумор меравад. Дар адабиёти иқтисодӣ ва маводҳои меъёриву ҳуқуқӣ маънидодкунии умумии истилоҳи мазкур, усулҳои расмии баҳодиҳии он то ҳол ягона ва универсалӣ нестанд.

Барои тафсири истилоҳи «иқтидори содиротӣ», зарур аст, ки таваҷҷуҳро ба чунин мафҳумҳо «потенсиал-иқтидор» ва «содирот» равона созем.

Энсиклопедияи иқтисодӣ иқтидор ё худ потенсиалро («аз забони лотинӣ "potentia"-ро ҳамчун қувва, тавоноӣ) ҳамчун мавҷуд доштан ба субъекти иқтисодӣ захираҳо, истифодабарии оптималии онҳо, такмили сохтори ин захираҳоро барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, муаррифӣ намуд [2]. Таърифи нисбатан эътирофгардида ин "иқтидор- ин захираҳо, воситаҳо, сарчашмаҳо, ки дар ихтиёр қарор дошта, метавонанд дар амал истифода гардида, ҳамчунин барои ҳалли нақша, вазифа, нишонрасӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, имкониятҳои нафарони алоҳида, давлат ва ҷамъият дар бахши воқеӣ" иборат мебошад.

Ғайр аз ин, дар адабиёти иқтисодӣ маънидодкунии гуногуни истилоҳи «иқтидор» мавҷуд аст (ҷадвали 1).

Мафҳуми «содирот» дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти беруниқтисодии кишварҳо муаяйн карда мешавад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти беруниқтисодӣ» содирот ҳамчун содироти мол, кор, хизматрасонӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ аз ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ бе уҳдадории ворид намудан ба ин ҳудуд дар назар дошта шудааст [3].

**Ҷадвали 1. Равишҳо оид ба маънидодкунии мафҳуми «иқтидор»**

| Муаллифон | Тафсири мафҳуми «Иқтидор» |
|---|---|
| Черников Д., Фигурнов Е., Белова С. | Иқтидор- ин маҷмӯи захираҳои барои фаъолиятбарӣ ё ин ки тараққиёт зарурӣ фаҳмида мешавад. |
| Абалкин Л.И. | Иқтидор- ин тавсифи умумии захираҳо, ки ба ҷой ва вақт вобаста аст.<br>ресурсов, привязанная к месту и времени. |
| Архангелский В.М., Зиновев Л.Е. | Иқтидор- ин воситаҳо, захираҳо, манбаъҳо, ки мавҷуд буда, метавонанд барои расидан ба мақсадҳои ва ё ҳалли вазифаҳои асосӣ истифода бурда шаванд. |
| Иванов М.А., Одегов Ю. Г., Андреев К.Л. | Иқтидор- ин низоми омилҳои моддӣ ва меҳнатӣ, ки мақсадҳои расидаини истеҳсолотро шарҳ медиҳад. |
| Ансофф И. | Иқтидор- ин шарҳи умумӣ доир ба ягонагии сохтор ва функсияҳои объект, муаяйнкунии бо ҳам алоқамандии он. |
| Храмсова Т.Г. | Иқтидор- ин на танҳо миқдори захираҳо, балки дар дохили ин захираҳо дидани имконияти тараққиёти низом дар самти додашуда мебошад. |

Таҳлили адабиёти соҳавӣ, бо ҳам вобастагии мафҳуми иқтидори иқтисодӣ ва иқтидори содиротиро ошкор намуд. Хулосаи асосӣ, нисбат ба ба истилоҳи «иқтидори иқтисодӣ» аз он иборат аст, иқтидори содиротӣ унсури сохтории он, яъне зернизоми он, ки бояд таъмини тараққиёти истеъмолотро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолгардида дар бозор-ҳои байналмилалӣ ба роҳ монад.

Тадқиқи сарчашмаву манбаъҳо оид ба муаммои иқтидори содиротӣ як қатор тафовутҳоро дар рафти муаяйнкунии он, дарки унсурҳои сохтории он ва алоқамандии он бо дигар мафҳумҳои иқтисодиро равшан намуд.

Бояд қайд намоем, ки М. Сейфуллоева ва В. Капитсин тавсифи иқтидори содиротии минтақаро баҳо дода, бо ин таъриф базаи захиравӣ-ашёӣ ва вазъи умумии тараққиёти иқтисодии ҳудуди муаяйн, ки ба он тараққиёти илмӣ-техникӣ, технологӣ ва саноатӣ ва инчунин фарҳангӣ ва иҷтимоӣ хос аст. Ғайр аз ин, М.Сейфуллоева таърифи дигари иқтидори содиротиро пешниҳод мекунад: «…ин имкониятҳои воқеии он, дорои қобилияти ташаккул додан ва ба таври максималӣ қаноатманд сохтани талаботҳои харидорони ватанӣ ва хориҷӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳо бо дарназардошти шароитҳои мавҷуда ва пешгӯишавандаи бозорӣ дар ҷараёни истифодабарии оқилонаи захираҳои мавҷудаи содиротӣ».

Дар навбати худ, Ю.Токарева таърифи иқтидори содиротии ҳудудро бо наздиксозии ин мафҳум ба тарзи маънидодкунии мо, маҳз чун: «маҷмуи қобилияти бунёд намудан ва истеҳсол намудани маҳсулоти рақобатпазир барои содирот нигаронидашуда, талқин додани он ба бозорҳои беруна, ба таври бурднок ба фурӯш мондани он ва бо ин васила таъмини сатҳи хизматарсонии интизорбуда» дар назар дошт [5].

Ба андешаи Сафаров Б.Г. «амалишавии ҷараёни иқтидори содиротии кишвар, аз нуқтаи назари имкониятҳои захиравии кишвар, ки ҳамчун унсури ташаккулдиҳаднадаи пешниҳоди маҳсулоти содиротӣ» ба шумор меравад [6]. Олими дигари ватанӣ Бобокалон М.О. қайд мекунад, ки «дар ҷараёни фарогирии иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми муосири хоҷагии ҷаҳон аҳаммияти принсипиалиро диверсификатсияи иқтидори содиротӣ ишғол мекунад, зеро ки нигоҳ доштани сохтори содирот бо самтгирии ашёӣ ба нобаробарии таносубҳо дар иқтисодиёт оварда мерасонад» [7].

Ба андешаи Аминов Д.Ғ. [8] иқтидори содиротиро метавон ҳамчун низоми худташкилшаванда, ки се унсури асосӣ дорад: иқтидори дохилии иқтисоди миллӣ (тарафи

арза), иқтидори бозорҳои хориҷӣ (тарафи тақозо) ва низоми монеаҳо ва ҳавасмандиҳо барои маҳсулоти содиршаванда (расми 1.).




Дар натиҷа аз ҷониби муаллиф таърифи «иқтидори содиротии саноат» пешбарӣ мегардад, ки тахти он имконияту қобилияти ҳозираи субъектони иқтисодӣ (соҳа, минтақа, кишвар дар маҷмуъ) амалисозии содироти маҳсулоти саноатиро дар бозорҳои беруна дар шароити мавҷуд будани маҳдудиятҳои муаяйн ва ҳавасмандкуниҳо, ки аз иқтидори дохилии иқтисодиёт, талабот дар бозорҳои хориҷӣ, инчунин низоми монеаҳои дохилӣ ва берунӣ фаҳмида мешавад.

Ҳамин тарик, қисми зиёди муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар шароити муосир барои истеҳсолкунандагони мол ва хизматарсониҳо фарқият дар бобати фурухтани маҳсулоти худ дар дохили минтақа ё ин ки содир кардани он ба хориҷа вуҷуд надорад; тафсири асосӣ ва функсияи мафҳуми иқтидори содиротӣ ё ин ки иқтидори беруниқтисодӣ ин муаяйнкуни ба сатҳи рақобатпазирӣ ҷавобгӯ будани молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, ҳамчун эталони мувофиқаткунанда ё мувофиқатнакунанда ба ҳисоб меравад. Аммо бо вуҷуди сода ва оммафаҳм будани таърифи мазкур бояд ба инобат гирифт, ки то кадом андоза маҳсулотҳо рақобатпазиранд ва то кадом андоза ба эҳтиёҷоти бозор мувофиқат мекунанд. Дар ҳолати баръакс, чӣ хеле ки мо қайд накунем, ки молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳар як субъекти хоҷагидорӣ ба ҳама гуна меёърҳо мувофиқат мекунанд, дар ҳолати дар ҳадди минималӣ берун аз макони истеҳсолот харидори худро пайдо накардан, ба ҳама гуна хулосаҳои баҳои сифр хоҳад дод.


**АДАБИЁТ**

1. Худоиев. Х.О. Ҳадаф, асосҳо ва имкониятҳои ҳавасмандгардонии сектори содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014 -2/3 (135). С.39
2. Экономическая энциклопедия: в 3-х томах. Т. 3. - Киев: Научный центр «Академія», 2002. - С. 275.
3. Закон Республики Таджикистан «О государственном регулировании внешнеторговой деятельности» № 823 от 03.09.1999 г. ст. 2 п. 4.
4. Сейфуллаева, М. Э., Капицын, В. М. Экспортный потенциал российских регионов в условиях глобализации мировой экономики // Регион. 2006. № 3. С. 93–111
5. Токарев, Ю. В. Формирование и использование экспортного потенциала (на примере промышленных предприятий): автореф. дис. канд. эконом.наук: 08.00.05. Казань, 1997. – 14 с.
6. Сафаров Бахром Гулматович. Рыночные механизмы реализации экспортного потенциала Республики Таджикистан: Автореферат: 08.00.01, Душанбе. 2004

7. Бобокалонов Мансур Олимович. Расширение экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан: Автореферат: 08.00.05, -Душанбе.2004.
8. Аминов Д.Г. Развитие государственной поддержки промышленного экспорта Республики Таджикистан //Научное обозрение. Серия 1. Экономика и право. 2012.№5. С.187-194.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ КИШВАР

Дар мақола асосҳои назариявии ташакулёбӣ ва рушди иқтидори содиротии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки дар шароити рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мунтазам ба унсури муҳимтарини стратегияи дарозмуҳлати иқтисодии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, ба ҳалли масъалаҳои азнавсозӣ ва таъмини иқтисоди бозории рақобатпазир равона шудааст. Бинобар ин, ба самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ва яке аз қисматҳои асосии дигаргуниҳои сохторӣ табдил додани тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри қонунист.

**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтидор, иқтидори содиротӣ, содирот, воридот, гардиши савдои хориҷӣ, ММД.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ

В статье рассматриваются теоретические основы организации и развития экспортного потенциала страны. В частности, отмечается, что в условиях развития внешнеэкономической деятельности она стала важнейшим элементом долгосрочной экономической стратегии государства и Правительства Республики Таджикистан, и направлена на решение вопросы реконструкции и обеспечения конкурентоспособной рыночной экономики. Поэтому превращение внешней торговли Республики Таджикистан в приоритетное направление экономической политики государства и одну из основных частей структурных преобразований является правовым порядком.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** потенциал, экспортный потенциал, экспорт, импорт, торговый оборот, ВВП.

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF A COUNTRY'S EXPORT POTENTIAL

The article discusses the theoretical foundations of the organization and development of the country's export potential. In particular, it is noted that in the context of the development of foreign economic activity, it has become an essential element of the long-term economic strategy of the state and the Government of the Republic of Tajikistan, and is aimed at solving issues of reconstruction and ensuring a competitive market economy. Therefore, the transformation of foreign trade of the Republic of Tajikistan into a priority direction of the state’s economic policy and one of the main parts of structural reforms is a legal order.

**KEYWORDS:** potential, export potential, export, import, trade turnover, GDP.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муродалиев Абубакр Ғафурович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 000 00 01 23.**

**Сведения об авторе:** ***Муродалиев Абубакр Гафурович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 000 00 01 23.**

**Information about the author:** ***Murodaliev Abubakr Gafurovich*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 000 00 01 23.**

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Нуриддинзода М.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъд аз фурӯпошии собиқ давлати Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият, кандашавии занҷири ягонаи иқтисодӣ ва банақшагирии мутамарказонидашуда, бесарусомонӣ на танҳо ҷумҳурии мо, балки ҳамаи ҷумҳуриҳои пешина ба ин иттиҳод шомилбударо низ бо мушкилоти ҷиддии иктисодӣ мувоҷеҳ гардонид.

Гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ин кишварҳоро водор сохт, ки ташкили ин равандро тақвият бахшида, ҷиҳати рушди устувори соҳибкории хурд роҳҳои муассири ҳалли мушкилоти ин соҳаро ҷустуҷӯ намуда, танзим ва дастгирии давлатии онро таъмин созанд.

Дар Тоҷикистон зимни гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи муносибатҳои иктисодӣ таҳаввулоти ҷиддӣ рух дода, дигаргуншавии шаклҳои моликият бо роҳи ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият, раванди истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмолро дарбар гирифт.

Таҷрибаи ғановатманди ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон дод, ки рушди мунтазами соҳибкории хурд бештар дар мадди назари доимии мақомоти идоракунии иқтисодии давлат бояд қарор гирифта, ин ҳамчун раванди мусбат омили асосии таъмини рушди устувору болоравии сатҳи иқтисодиёт, бунёди ҳавасмандгардонӣ барои амалисозии фаъолияти фоидаовари иқтисодӣ, ғанигардонии бозор бо молҳои сермасраф ва хизматрасониҳои ногузир, паст кардани сатҳи бекорӣ, поён бурдани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, ки мақсади олии сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, накши муҳим мебозад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мафҳум ё истилоҳи «соҳибкорӣ» чун фаъолияти мустақилона, ташаббускорона, навоварона ва хавфу хатар асос ёфта, мақсади асосии он ба даст овардани фоида дар раванди амалигардонии фаъолияти хоҷагидории бозорӣ маънидод карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускорона дар субъектҳои хурд бо роҳи эҷодкорӣ, саъйу кӯшиши навоварона, ҷустуҷу, дарёфт ва қабули қарорҳои судманд, тавсеаи фаъолият, омода будан ба пеш омадану рух додани ҳама гуна хавфу хатар, инчунин, пайдо намудани роҳу усулҳои камхарҷ ва бартараф намудани монеаҳоро дар назар дорад.

Соҳибкорӣ ҳамчун роҳи хоҷагидории ояндадор ва қолиби иқтисодиёти муосир таърихи худро дошта, ташаккулёбии он асосан ба равишҳои методологӣ ва услуби илми иқтисодӣ оид ба иқтисоди бозоргонӣ такя намуда, ҳамчун шакли хочагидории судманд шинохта шудааст.

Фаъолияти соҳибкорӣ як раванди озодонаи иқтисодӣ буда, субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои зерин, аз қабили интихоби самт, соҳа, шакл, намуд ва усулҳои амалигардонии фаъолият, таҳия ва қабули қарорҳои идорӣ, таҳлил ва банақшагирии нишондиҳандаҳои муҳимми фаъолияти молиявию хочагидорӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон, шабака ва воситаҳои фурӯши молҳо, омӯзиши тақозои харидорон ва молистеъмолкунандагон, муайян кардани низоми ҳаҷми муайяни музди кори кормандон, муқаррар намудани нархи молу хизматрасонӣ, истифода ва тақсими фоида бо дарназардошти ҳиссагузорӣ ба буҷети давлатӣ ва ғайраҳо, мустақилияти пурра доранд.

Соҳибкории хурдро метавон ба сохтори афзалиятнок ва хеле муҳимми иқтисодиёти муосир айният дод.

Нақш ва мавқеи тиҷорати хурд дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ на танҳо аз рӯйи ба даст овардани ҳадди ақали фоида, инчунин аз рӯйи нақшу саҳми он дар ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоии ҷомеа, васеъшавии доираи шуғли аҳолӣ, густариши асосҳои

соҳибкорӣ, мутаносибан баробар кардани ҳиссаи даромаднокии аҳолӣ, ташаккули синфи миёна дар ҷамъият, ғанигардонии ҳамаи дараҷаҳои буҷа муайян карда мешавад.

Тавре ки мушоҳидаҳо собит намудаанд, дар аксари адабиёти илмие, ки ба масъалаҳои сохибкорӣ бахшида шудааст, то ҳол дар миёни олимони иқтисодшинос фикру андешаҳои гуногун нисбат ба ин шакли фаъолияти хоҷагидорӣ вуҷуд доранд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ доир ба ин масъала ба мо имконият доданд, то таъкид намоем, ки ин навъи фаъолият ё мафҳуми “соҳибкор” бо дараҷаи пешрафти ҷамъият ва тағйироти назаррас мувоҷеҳ гардидааст.

Дар асрҳои миёна таҳти калимаи “соҳибкор” шахсе дониста мешуд, ки барои татбиқи лоиҳаи бузурги сохтмонӣ ва ё истеҳсолӣ мутасаддӣ ва масъул мебошад.

Баъдтар дар асри XVII ин истилоҳ чунин маънидод карда шуд: ашхосе, ки бо давлат қарордоди мушаххасро ба маблағи муайян ба имзо расонидаанд ва муҳимтар аз ҳама, ин афрод барои иҷрои нишондодҳои қарордоди мазкур масъулияти пурра доранд.

Қобили қайд аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ нуқтаи назари Ричард Кантилон (соли 1725) дар бораи “соҳибкорӣ” ба тасаввуротҳои замони мо хеле наздик аст. Зеро вай соҳибкорро ҳамчун шахсе тавсиф намудааст, ки дар шароити номуайяне барои қонеъ гардонидани талаботаш қарори дахлдор кабул мекунад. “Даромади соҳибкор ба ақидаи ӯ, подоши меҳнати таваккалии ӯ мебошад”.

Асосгузори назарияи иқтисодӣ, ҳамзамон, хоҷагидории бозорӣ Адам Смит истилоҳи “соҳибкор”-ро боз ҳам мушаххастар гардонида, нуқтаи назари муҳимро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи вай, маҳз соҳибкор соҳиби корхона маҳсуб гардида, ақидаҳои таваккалонаи тиҷоратиро амалӣ месозад.

Вазифаи асосии соҳибкор, аз нуқтаи назари А. Смит ташкил ва идоракунии истеҳсолот дар доираи фаъолияти оддии хоҷагидорӣ мебошад.

Жан Батист Сей (соли 1830) чунин ақида дошт, ки соҳибкор пеш аз ҳама маҷмуи истифодаи оқилонаи омилҳои истеҳсолот дар нуқтаи муайяни фазои бозорӣ мебошад. Ҳамзамон бо ин, соҳибкор шахсест, ки одамонро дар доираи воҳиди ягонаи истеҳсолот роҳбарӣ менамояд. Вай дар маркази раванди истеҳсолӣ ва тақсимот қарор дошта, асли фаъолияти соҳибкориро истеъдоди инсон аз рӯйи ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот ташкил медиҳад.

Дар ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла дар байни мардуми Шарқ, соҳибкорӣ як мафҳуми нав набуда, он аз давраҳои хеле қадим дар миёни мардум барои барқарор кардани муносибатҳои доду гирифт ва савдо амалӣ карда мешуд.

Заминаҳои аввалини вай дар Шарқи Бостон пайдо шуда, дар ин бора сарчашмаҳои таърихии мардуми машриқзамин гувоҳӣ медиҳанд.

Сарчашмаҳои зиёде аз аҳди Сомониён нишон медиҳанд, ки дар он замон одамон молу маҳсулоти заруриро мувофиқи ҳунари худ истеҳсол намуда, онро дар бозор ба фурӯш баровconfigured, аз ин роҳ фоида ба даст меоварданд.

Ин навъи фаъолият дар шакли ҳунармандӣ, савдогарӣ ва тиҷорат амалӣ мегардад. Савдогарону тоҷирон ба воситаи хатсайри овозадору таърихии “Роҳи абрешим” аз Шарқ то Ғарб молу маҳсулотро тавассути корвонҳо ба дигар давлатҳо кашонда, то дасти харидорон бурда мерасониданд.

Ин таҷрибаи муҳимми мардуми Шарқ дар давлатҳои Ғарб ба таври зиёд истифода бурда мешуд. Маҳз тараққиёти босуботи иқтисодиёт ва саноати давлатҳои Русия, Англия, Фаронса, Олмон, ИМА имкон дод, ки шаҳрвандонашон ин тарзи тиҷоратро тавассути роҳҳои баҳрӣ равнаку ривоҷ бахшида, молу маҳсулоти истеҳсолнамударо ба давлатҳои ҳамсоя интиқол дода, ба фурӯш бароранд ва аз ин раҳгузор фоидаи дилхоҳ ба даст оранд.

Барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ ва тағйиротҳои куллие, ки тайи солҳои сохибистиқлолият ба ҳаёти ҷомеаи кишвари мо ворид гардиданд, зарурати қабули Сарқонун (Конститутсия)-и навро ба миён гузоштанд.

Таҳия ва қабули Сарқонуни кишвар дар соли 1994 яке аз омилҳои аслии суботи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа гардид. Маҳз дар асоси талаботи меъёрҳои Сарқонуни нав, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии муҳимме, ки ҳадафи онҳо

мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ ва танзими ҳуқуқии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мебошад, қабул гардиданд, ки онҳо дар маҷмуъ ифодагари раванди солими ислоҳоти ҳуқуқӣ дар мамлакат буда, заминаи боэътимодеро барои таъмини пешрафти иқтисодии кишвар ва рушди бахши хусусӣ гузоштанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди ба даст овардани истиқлолият роҳи иқтисоди бозориро пеш гирифтааст, ба масъалаҳои ҳарчи бештар устувор гардонидани нақшу мақоми фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти мамлакат аҳаммияти хоса медиҳад. Зеро инкишофи имрӯзаи ҷамъиятро ба рушди бемайлон ва дастгирии ҳаматарафаю давлатии соҳибкорӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Мақсади асосӣ аз пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳосил намудани натиҷаи дилхоҳ ва ба даст овардани фоида аст. Маҳз сохибкор бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолгарон, мизоҷон ва аҳолӣ ба истеҳсоли молу маҳсулот, хариду фурӯши молҳои бозорашон тез ва кору хизматрасониҳои гуногун машғул шуда, пеш аз ҳама манфиатҳои шахсии худро дар мадди назар мегирад.

Яъне, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ чун унсури пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ва ғанигардонандаи буҷети мамлакат баромад намуда, вазифаҳои зеринро, аз қабили таъмин кардани аҳолӣ бо ҷойи нави кор, қонеъ намудани талаботи ҳамарӯзаи аҳолии кишвар аз роҳи истеҳсоли молу маҳсулоти дохилии сифаташон баланд ва ҷавобгӯ ба табъу завқи харидорон, хариду фурӯши молу маҳсулоти ватанӣ ва хориҷии нархаш дастрас ба харидорон ва баланд бардоштани қобилияти харидорӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ анҷом медиҳанд.

Дар Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ аз чунин принсипҳои асосӣ бархурдор аст:

- озодӣ ва мустақилияти фаъолият;
- баробарҳуқуқии шаклҳои моликият дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда;
- рақобати озод ва маҳдудияти фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол;
- ба даст овардани фоида, ки мақсади асосии он мебошад.
- қонуният ва волоияти он дар фаъолияти соҳибкорӣ;
- фазои ягонаи иқтисодӣ;
- танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;

Ҳамон тавре ки дар муқаддимаи корамон қайд кардем, аз рӯзҳои аввали соҳибистиклолӣ яке аз ҳадафҳои асосию сиёсии Тоҷикистон маҳз рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ҳисоб меёбад.

Бо мақсади ноил шудан ба ин ҳадафи муҳим иқдоми бештару муассиртаре ҷиҳати ҷалб кардани бахши хусусӣ дар идоракунии давлатӣ, ҳамчунин хусусигардонии моликият шуруъ карда шуд.

Дар баробари хусусигардонии моликияти давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ барои ба танзим даровардани фаъолияти соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ сохтори нав – Агентии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд таъсис дода шуд.

Мақсад аз таъсиси ин сохтор дар он буд, ки ба рушди соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурд мусоидат намуда, сиёсати давлат ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон равона карда шавад.

Санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулшуда ва татбиқи амалии онҳо ҳуқуқҳои қонунӣ, амволӣ ва манфиатҳои сармоягузорони дохилию хориҷиро таъмин намуда, ҷиҳати рушди устувори фаъолияти соҳибкории хурд ва раванди он заминаҳои қонунӣ муҳайё намуда, сармоягузоронро барои бунёд ва тақвияти имконоти иқтисоди миллии кишварамон ҳавасманд мегардонад.

**АДАБИЁТ**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи тартиби ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки дар давраи мораторияи ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд», аз 3 декабри соли 2012, №696.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020», аз 30 апрели соли 2012, №201.

3. Бобоев О.Б., Оймаҳмадов М. Асосҳои иқтисодии соҳибкорӣ / О.Б. Бобоев, М. Оймаҳмадов. - Душанбе: ДПП «Анис», 1997.
4. Джамшедов М.Дж., Хабибов С.Х., Факеров Х.Н. «Потребительский рынок Республики Таджикистан», - Душанбе; «Ирфон» 2003.
5. Панкратов Ф.Г., Серегина Т.К. Коммерческая деятельность / Ф.Г. Панкратов, Т.К. Серегина. - М.; ИВЦ «Маркетинг», 1995.
6. Раҳимов М.З. «Ҳукуки соҳибкорӣ», китоби дарсӣ / М.З. Раҳимов. - Душанбе; Қонуният, 2001.
7. Ҳабибов С.Х., Исоматов Б.И., Давлатов И.Д. Иқтисодиёти бозоргонӣ / С.Х. Ҳабибов, Б.И. Исоматов, И.Д. Давлатов. - Красноярск; ПИК «Офсет», 2001.

**ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба омӯзиши заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки таҷрибаи ғановатманди ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон дод, ки рушди мунтазами соҳибкории хурд бештар дар мадди назари доимии мақомоти идоракунии иқтисодии давлат бояд қарор гирифта, ин ҳамчун раванди мусбат омили асосии таъмини рушди устувору болоравии сатҳи иктисодиёт, бунёди ҳавасмандгардонӣ барои амалисозии фаъолияти фоидаовари иқтисодӣ, ғанигардонии бозор бо молҳои сермасраф ва хизматрасониҳои ногузир, паст кардани сатҳи бекорӣ, поён бурдани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, ки мақсади олии сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, нақши муҳим мебозад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: соҳибкорӣ, соҳибкории хурд, рушди устувор, сатҳи бекорӣ, сатҳи некӯаҳволӣ, сабабҳои иқтисодӣ.

**ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена изучению основ становления и развития малого бизнеса в Республике Таджикистан. В частности, было отмечено, что удовлетворительный мировой и отечественный опыт показал, что регулярное развитие малого бизнеса должно находиться в постоянном фокусе органов государственного управления экономикой, как позитивный процесс, главный фактор обеспечения устойчивого развития и повышения уровень экономики, создавая стимулы для осуществления прибыльной экономической деятельности, обогащения рынка потребительскими товарами и незаменимыми услугами, сокращения безработицы, сокращения бедности и повышения благосостояния населения, что является высшей целью социально-экономической политики любой стране, играет важную роль.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательство, малый бизнес, устойчивое развитие, уровень безработицы, уровень благосостояния, экономические причины.

**PREREQUISITES FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF SMALL ENTERPRISE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to studying the basics of the formation and development of small businesses in the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that satisfactory global and domestic experience has shown that the regular development of small businesses should be in the constant focus of government economic management bodies, as a positive process, the main factor in ensuring sustainable development and improving the level of the economy, creating incentives for profitable economic activities , enriching the market with consumer goods and essential services, reducing unemployment, reducing poverty and improving the well-being of the population, which is the highest goal of the socio-economic policy of any country, plays an important role.

**KEYWORDS**: entrepreneurship, small business, sustainable development, unemployment rate, level of well-being, economic reasons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддинзода Махфуза Нуриддин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 989-15-00-09.**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинзода Махфуза Нуриддин*** **-** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 989-15-00-09.**

**Information about the author:** ***Nuriddinzoda Mahfuza Nuriddin*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of Department of World Economics. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki ave., 17. Phone: (+992) **989-15-00-09.**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ НАЗОРАТУ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

*Шодиева Ҳ.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Идора ва танзими равандҳои иҷтимоӣ ва махсусан муҳоҷират бояд омилҳо ва оқибатҳои зиёдеро, ки ниҳодҳои идоракунанда ва танзимгарон дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дучор мешаванд, ба назар гиранд. Аз ин рӯ, зарурати аввалиндараҷа дарки дақиқи ҳамкории системавии муҳоҷират ва шароити ташаккули равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки минбаъд ҳангоми танзими онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Фаҳмидани таъсири иқтисодии таъсири муҳоҷират ба вазъи умумии иқтисодӣ аксар вақт ба чунин тахмин асос меёбад, ки агар муҳоҷират вуҷуд надошт, муҳимтарин вазифаҳои иқтисоди минтақа метавонистанд талабнашуда боқӣ монанд, зеро ҷараёни асосии муҳоҷирон одатан ба ишғоли ҷойҳои корӣ нигаронида шудааст, ки аз ҷониби сокинони маҳаллӣ камтар талабот доранд [1].

Ҳамзамон, муҳоҷирон дар бозори меҳнат бори иловагии рақобатро ба вуҷуд меоранд, ки боиси истифодаи чораҳои маҳдудкунанда барои танзими ин соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мегардад.

Дар байни бартариҳои рақобатии муҳоҷирон нисбат ба қувваи кории маҳаллӣ: сатҳи пасти музди меҳнат, ки аз ҷониби муҳоҷирон талаб карда мешавад, инчунин таваҷҷуҳи баланди ҳавасмандгардонӣ барои дарёфти кор ва омодагӣ ба иҷрои ҳама гуна мураккабии меҳнат дар шароити нисбатан бадтар. Ин бартариҳо онҳоро барои корфармоён, бахусус дар соҳаи сохтмон, ки дар он муҳоҷирони корӣ воқеан коргарони маҳаллиро овора кардаанд, бештар "ҷолиб" мекунад.

Ҷанбаи муҳимме, ки аз мушкилоти қаблии рақобат дар бозори меҳнат байни муҳоҷирон ва захираҳои меҳнатии маҳаллӣ бармеояд, ин таъсир ба сатҳи музди меҳнат дар бахшҳои иқтисодиёт мебошад, ки дар он ҷо рақобати баландтарин вуҷуд дорад. Тамоюли муҳоҷирон барои кор бо маоши камтар арзиши неруи кориро дар минтақа ба таври қобили мулоҳиза коҳиш медиҳад. Ин дар навбати худ барои корфармо судманд аст ва ӯ бештар омода аст, ки муҳоҷири меҳнатиро ба ҳайси корманд интихоб кунад. Аммо дар сатҳи минтақавӣ коҳиши хароҷоти меҳнат боиси кам шудани даромади коргарони маҳаллӣ мегардад. Ин як омили такякунандаи сокинони маҳаллӣ шуда, онҳоро маҷбур мекунад, ки муҳоҷир шаванд ва дар ҷустуҷӯи кор ба минтақаи дигар раванд. Дар навбати худ, тағйироти арзиши меҳнат, ки аксаран дар баъзе соҳаҳои саноат хеле назаррас буда метавонад, барои бозори минтақавӣ параметрҳои нав ба вуҷуд меорад ва барои тағйир ёфтани сатҳи даромад ва сифати зиндагии аҳолӣ шароит фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки агар сухан дар бораи муҳоҷират байни кишварҳои гуногун бо сатҳи шуғли гуногун дар онҳо равад, он гоҳ дар бозори меҳнат дар сатҳи миллӣ тағйироти аёнӣ ба амал намеояд [2]. Дар сатҳи кишвар иваз намудани он соҳаҳои шуғли аҳолӣ, ки камтар талабот доранд, сурат мегирад, вале дар айни замон дар минтақаҳо метавонад тағйирёбии таносуби талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ба амал ояд ва бевосита дар минтақаҳо муҳоҷирон метавонанд «анклавҳо» - и саноатӣ эҷод кунанд, ки дар он кор барои аҳолии маҳаллӣ зараровар мегардад. Ин вазъият, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтмон, ки дар он ҷо коргарони бинокори маҳаллӣ аз тарафи муҳоҷирон кучонда шуданд ва онҳо маҷбур шуданд, ки ба берун аз ҷумҳурӣ рафта, аз рӯйи ихтисоси худ дар давлатҳои ҳамсоя кор кунанд.

Дар амалияи татбиқи сиёсати муҳоҷират танзими маҳдудкунанда шояд воситаи фаъолтарини идоракунии муҳоҷират бошад. Ба ғайр аз маҳдудиятҳои миқдорӣ

маҳдудиятҳо оид ба хусусиятҳои гуногуни сифатӣ, аз ҷумла талабот ба сатҳи таҳсилоти онҳо, давомнокии будубоши муҳоҷирон ва ғайра истифода мешаванд.

Дар байни тадбирҳои табъизи мусбӣ метавон ҳавасмандгардонӣ ва ҳавасмандгардонии муҳоҷиронеро, ки барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар омодаанд, инчунин ҳавасмандии муҳоҷиронеро, ки мутобиқи афзалиятҳои миллӣ дорои салоҳияти муайяни касбӣ доранд, қайд кардан мумкин аст. Ин равиш дар Иёлоти Муттаҳида ҳангоми додани иҷозатномаи иқомат ба олимони байналмилалӣ фаъолона истифода мешавад.

Дар ҳамин ҳол, тибқи қонунгузории бархе аз кишварҳои хориҷӣ, муҳоҷирон барои ба кор даромадан дар корхонаи маҳаллӣ муваззафанд ба буҷаи давлат маблағи муайян пардохт кунанд. Татбиқи сахттарин сиёсати маҳдудкунанда системаи муҷозот алайҳи муҳоҷироне, ки шартҳои будубошро вайрон мекунанд, аз ҷумла депортатсия, ҳабс, аз ҷумла ҷарима ба фоидаи давлат аст.

Таҷрибаи дар ҳама ҷо пазируфташуда истифодаи принсипи интихобӣ бо зарурати мутобиқсозии минбаъда мебошад: омӯзиши забон, қонунгузорӣ ва таърихи кишвари қабулкунанда, гирифтани хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, имкониятҳои омӯзиши касбӣ, фарогирии фаъолияти якҷояи фароғатӣ ва ғ. [ 3]

Яке аз принсипҳои муҳимми сиёсати муҳоҷират, ба гуфтаи муаллифони мухталиф, зарурати афзалиятноки кумаки суроғавӣ ба категорияҳои муҳоҷирони меҳнатии дорои сатҳи баланди маълумот, соҳибкорон ва сармоягузорони эҳтимолӣ мебошад. Барои чунин категорияҳои шаҳрвандон метавонад тартиби соддашудаи муҳоҷират татбиқ карда шавад. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани механизмҳои танзими шумора ва сохтори қувваи кории аз хориҷа ҷалбшуда дар асоси баррасии саривақтии дархостҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи иҷозати кор дар хадамоти ҳудудии шуғли аҳолӣ барои беҳбуд бахшидан ба истифодаи неруи меҳнатии хориҷӣ аҳаммияти бунёдӣ хоҳад дошт.

Самаранокии қарорҳо оид ба эҷоди мувозинат дар бозори меҳнат дар минтақаҳо, дар асоси равобити босуръати байни корфармоёни потенсиалӣ ва муҳоҷирон хеле муҳим аст. Воситае, ки дар сиёсати муҳоҷират истифода мешавад, барномаи ҳавасмандгардонии муҳоҷират, яъне баргардонидани ҳамватанон ё коргарон ба Ватан мебошад. Ба ин мақсад барномаҳои ҷуброни моддӣ, тайёрии касбӣ ва ёрии иқтисодӣ ба минтақаҳои муҳоҷирати оммавиро истифода бурдан мумкин аст.

Масалан, дар баъзе мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ (Германия, Франсия, Голландия) барномаҳое қабул карда шуданд, ки барои ба ватани худ ихтиёран рафтани муҳоҷирон додани ҷубронпулии моддиро пешбинӣ мекарданд. Гузашта аз ин, гирифтани ҷуброни моддӣ муҳоҷирро аз ҳуқуқи дубора ворид шудан ба кишвари мизбон маҳрум кард. Пардохти ёрдампулӣ аз маблағи дар фонди суғуртаи иҷтимоӣ ё фонди нафақа ҷамъшуда дар натиҷаи ҳиссаҷудокунии корхонае, ки муҳоҷирро ба кор қабул кардааст.

Ба ғайр аз сохторҳои давлатии идоракунии танзими муҳоҷират, сиёсати муҳоҷират нақши калон дорад, яъне дар ташаккули он, пеш аз ҳама институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебозанд.

Чунин ҳадафҳои асосии идоракунии муҳоҷирати меҳнатиро номбар кардан мумкин аст, ки ба андешаи мо, бояд ба ташаккули сиёсати муҳоҷират дар сатҳи минтақавӣ дохил карда шаванд:

1) Зарурати маҳдуд кардани ҷараёни муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади пешгирии фишори аз ҳад зиёди рақобатӣ ба захираҳои меҳнатии маҳаллӣ.

2) Нигоҳ доштани сатҳи даромади қувваи кории маҳаллӣ.

3) Зарурати танзими арзиши меҳнат ва ба ин васила идора кардани сатҳи даромад дар минтақа.

4) Пешгирии муноқишаҳо ва афзоиши шиддати иҷтимоӣ.

5) Пур кардани норасоии қувваи корӣ дар бахшҳои иқтисодии минтақавӣ.

Муайян намудани мақсадҳои асосии танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ зарурати муайян намудани воситаҳои асосии мавҷуда ва потенсиалии танзими муҳоҷирати меҳнатиро тақозо мекунад.

Таъсири ин воситаҳо на ҳамеша мустақим аст, балки метавонад ба равандҳои иҷтимоӣ таъсир расонад, ки метавонад танҳо бавосита ба муҳоҷират алоқаманд бошад. Дар баробари ин як қатор воситаҳои асосии татбиқи сиёсати муҳоҷиратро номбар кардан мумкин аст:

1) Бо дарназардошти ҳам маълумоти ҷамъшуда барои ташаккули омори умумии ҳаракатҳои муҳоҷират ва вазъи умумии муҳоҷират дар ҳудуди худ ва ҳам микромаълумотҳои дар натиҷаи пурсиши субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба даст овардашуда. Аз ҷумла, пурсишҳои гурӯҳи бевоситаи муҳоҷирон ва корфармоён оид ба сифати таъмини шароити гуногуни иҷтимоии зиндагӣ.

2) Мониторинги ҳаракатҳо, аз ҷумла таҳқиқи сабабҳои тарки муҳоҷирон аз минтақа.

3) Танзими қонунгузорӣ ва институтсионалии равандҳои муҳоҷират. Мустаҳкам намудани муносибати давлат ба проблемаи муҳоҷират, аҳаммияти иҷтимоии он, нишон додани унсурҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ оид ба танзими оқибатҳо ва таъсири муҳоҷират. Ин тамоми фаъолияти меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳияи намудҳои гуногуни талаботро дар бар мегирад.

4) Бастани созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи ҳамкорӣ ҷиҳати ҷалби қувваи корӣ ҳам дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳам дар сатҳи ҳамкории байниминтақавии ҳукумат.

5) Таъсиси институтҳои давлатии идоракунӣ ва танзими муҳоҷират ва оқибатҳои онҳо. Аз чумла, ба вуҷуд овардани системае, ки мувозинат ва нарасидани захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногун ба назар гирифта, бо мақсади аз ҳисоби минтақаҳои бо қувваи коргари зиёд таъмин намудани он пурра карда шавад.

6) Механизмҳои квотаҳои мустақим ва танзими ғайримустақими воридоти қувваи корӣ.

7) Тамоми соҳаҳои сиёсати иҷтимоӣ, махсусан дар соҳаи танзими шуғл.

Системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ дар сатҳи минтақавӣ бояд ҳадафҳо ва воситаҳои танзими дар боло зикршударо ба назар гирифта, ҳангоми интихоби оптималтаринҳо бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва бозори меҳнатро ба назар гирад. Вобаста ба ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти вазъи мавҷуда [4], шароити зарурии ташаккули сиёсати муҳоҷират шартҳои зерин хоҳанд буд:

1) Эҳтимолияти баландтарини тағйирёбии шиддати муҳоҷират аз сабаби тағйирёбии бозори меҳнати минтақа ба амал меояд.

2) Вазъи умумии иқтисодӣ нисбат ба шароити мушаххасе, ки дар соҳаҳои алоҳидаи саноат мавҷуд аст, ки дар онҳо сатҳи нисбатан баланди ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуд аст, бо афзоиш ё камшавии муҳоҷират таносуби наздиктар дорад.

3) Дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ натиҷаҳои иқтисодии муҳоҷират фарқ мекунанд ва аз намуди ҳудуди ҳаракат вобастаанд.

Параметри асосии низоми минтақавии идоракунии муҳоҷират бо зарурати ба инобат гирифтани таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнат ва мушкилоти ҷойивазкунии қувваи корӣ бо дарназардошти норасоии эҳтимолии қувваи корӣ дар бахшҳои иқтисодиёт, ки аз захираҳои меҳнатӣ вобаста аст. Эҳтимол пешгӯӣ кардани сатҳи рақобат дар байни муҳоҷирон ва бекорони маҳаллӣ низ барои ҳамин ҷойҳои холӣ зарур аст. Вобаста ба ин, дар байни муҳаққиқон чунин ақида мавҷуд аст, ки дар ҳолатҳои танқидӣ ҷараёни муҳоҷиратро бо назардошти эҳтиёҷоти рушди иҷтимоию иқтисодӣ дигар кардан лозим аст [5].

Параметри навбатӣ синну сол ва хусусиятҳои таҳсилоти муҳоҷирон аст. Бояд ба назар гирифт, ки дар мавриди муҳоҷирати меҳнатии муваққатӣ инҳо асосан ҷавонони бекоранд, ки маълумоти олӣ надоранд. Дар баробари ин, муҳоҷирати бебозгашт асосан ба қувваи корӣ хос аст. Тафовути синну соли байни муҳоҷирони корӣ ва бекорони маҳаллӣ метавонад ба рақобатпазирии ин категорияҳои қувваи корӣ нисбат ба ҳамдигар таъсири назаррас расонад.

Параметри сеюм – муҳоҷират, аз як тараф, роҳи рафъи ташаннуҷи иҷтимоӣ бошад, аз тарафи дигар, сабаби «шусташавӣ» ва аз даст додани неруи кории минтақа мебошад.

Ба ҳамгирӣ ва мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ҳамчун роҳи пешгирии ташаннуҷи байнимиллӣ дар ҷойҳое, ки муҳоҷирон зич зиндагӣ мекунанд, таваҷҷуҳи махсус бояд дод.

Яке аз воситаҳои асосии идоракунии муҳоҷират, бахусус муҳоҷирати меҳнатӣ, фароҳам овардани шароит барои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии пурраи муҳоҷирон ва ба онҳо додани имкони татбиқи стратегияи зиндагии дарозмуддати худ мебошад. Ин на танҳо ба муҳоҷирони кории хориҷӣ дахл дорад. Бо дарназардошти тафовути иҷтимоӣ-фарҳангии кишвари мо, мушкилоти мутобиқшавии муваффақ барои муҳоҷирони дохилӣ низ муҳим аст.

Дар баробари ин, соҳаи муҳоҷирати аҳолиро танҳо бо муносибатҳое маҳдуд кардан мумкин нест, ки дар ҳақиқат бо равандҳои ҳаракати аҳолӣ алоқамананд ва танҳо аз болои онҳо назорати мақомоти давлатиро таъмин менамоянд.

Дар ин хусус бо андешаи О.А.Сазонова [6] розӣ нашудан мумкин нест: «Муҳоҷират соҳаест, ки бо бисёр ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ба ҳаракати озод: иҷтимоӣ, фарҳангӣ, меҳнатӣ, манзилӣ дар ҳам мепайвандад».

## АДАБИЁТ


1. Авдокушин, Е.Ф. Международные экономические отношения [Текст]: учебник 4–е изд. / Е.Ф. Авдокушин // – М.: Экономист, – 2014. –366 с.
2. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Демографический ежегодник, 2022.
3. Амелин, В.В. Социальная адаптация вынужденных переселенцев в полиэтническом приграничном регионе России: социологический аспект [Текст] // Мониторинг общественного мнения: экономические и социальные перемены. – М., 2012. – № 3. – С. 45-51.
4. Арустамов, Э. А. Внешнеэкономическая деятельность: [учебник] / Э.А. Арустамов, Р.С. Андреева // – М.: КНОРУС, 2011. – С. 168-179.
5. Бабакова, М.А. Институт государства в рыночной экономической системе в России [Текст] / М.А. Бабакова, Е.Г. Зиновьева // Новый университет. Серия: Экономика и право. – 2015. – №7(53). – С. 102-105.
6. Барановский, В.Г., Иванова, Н.И. Глобальное управление: возможности и риски [Текст] / В.Г. Барановский, Иванова Н.И. – М.: ИМЭМО РАН, 2015. – 315 с.


## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ НАЗОРАТУ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ


Мақолаи мазкур ба омӯзиши масоили такмили механизми назорату танзими муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки идора ва танзими равандҳои иҷтимоӣ ва махсусан муҳоҷират бояд омилҳо ва оқибатҳои зиёдеро, ки ниҳодҳои идоракунанда ва танзимгарон дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дучор мешаванд, ба назар гиранд. Муайян карда шудааст, ки зарурати аввалиндараҷа дарки дақиқи ҳамкории системавии муҳоҷират ва шароити ташаккули равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки минбаъд ҳангоми танзими онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: муҳоҷирати тасодуфии қувваи корӣ, мавсимӣ, қувваи корӣ, фоидаи иқтисодӣ, музди кор, сабабҳои иқтисодӣ.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА КОНТРОЛЯ И РЕГУЛИРОВАНИЯ МЕЖДУНАРОДНОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ


Данная статья посвящена исследованию вопросов совершенствования механизма контроля и регулирования международной трудовой миграции. В частности, отмечается, что управление и регулирование социальных процессов, особенно миграции, должно учитывать множество факторов и последствий, с которыми сталкиваются институты управления и регуляторы на уровне республиканских и региональных исполнительных органов. Определено, что первоочередной необходимостью является четкое понимание системного взаимодействия миграции и условий формирования социально-экономических процессов, которые следует учитывать при их регулировании.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: случайная миграция рабочей силы, сезонность, рабочая сила, экономические выгоды, заработная плата, экономические причины.


## IMPROVING THE MECHANISM FOR CONTROL AND REGULATION OF INTERNATIONAL LABOR MIGRATION


This article is devoted to the study of issues of improving the mechanism of control and regulation of international labor migration. In particular, it is noted that the management and regulation of social processes, especially migration, must take into account many factors and consequences faced by management institutions and regulators at the level of republican and regional executive bodies. It has been determined that the primary need is a clear understanding of the systemic

interaction of migration and the conditions for the formation of socio-economic processes, which should be taken into account when regulating them.

**KEYWORDS:** random migration of labor, seasonality, labor force, economic benefits, wages, economic reasons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шодиева Ҳилола Шуҳратовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **hilola-2010@mail.ru**. Телефон: **+992 938 90 27 97.**

**Сведения об авторе:** ***Шодиева Хилола Шухратовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **hilola-2010@mail.ru.** Телефон: **+992 938 90 27 97.**

**Information about the author:** ***Shodieva Hilola Shukhratovna*** - Tajik National University, second-year master`s student in World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **hilola-2010@mail.ru**. Phone: **+992 938 90 27 97.**

# МЕХАНИЗМҲОИ КОРКАРДШУДАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶАҲОН ВА ТАҲЛИЛИ АМАЛИШАВИИ ОНҲО

***Қосимзода М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Механизм гуфта, ин роҳҳо, усулҳо, меъёрҳо ва воситаҳоеро меноманд, ки тартиби ягон намуди фаъолият ё равандро муайян мекунанд. Муханизми амнияти озуқаворӣ бошад, ин системаи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки фаъолияти мутавозини бозорҳои озуқаворӣ ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти озуқавориро таъмин менамояд.

Механизмҳо ва воситаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ инҳоянд:

1. Танзими давлатии сиёсати нарх, молия, қарз ва андоз дар комплекси агросаноатии дохилӣ; Сиёсати танзими давлатии озуқаворӣ бояд хатарҳо ва таҳдидҳоеро, ки метавонанд амнияти озуқавориро ба таври назаррас заиф созанд, ба назар гирад. Ин ҷо, инчунин, омилҳоеро дар бар мегирад, ба монанди нарасидани коргарони ихтисоснок, номутаносибии нархҳо ва системаҳои муосири мониторинги вазъи бозори озуқаворӣ. Танзим ва дараҷаи таъсири давлат ҳар қадар баланд бошад, сатҳи амалишавии механизми худтаъминкунӣ дар кишвар ҳамон қадар баландтар мегардад.

2. Субсидияҳои буҷетии озуқаворӣ барои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир; Инчунин таъмини субсидияҳои буҷети озуқаворӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо маблағҳои молиявӣ, маблағҳои гуногуни дастгирии соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт ва кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин, бо маблағҳои худ таъмин намудани ташкилоту корхонаҳо ва дигар субъектҳои бахши хусусӣ аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазирро ва амсоли инҳо сарчашма мегирад [1].

3. Ҷорӣ намудани биотехнологияҳои муосир

4.Мутобиқгардонии заминаи меъёрӣ ба тағйироти трансформатсионӣ дар бозори озуқаворecho кишоварзӣ: — инкишоф додани фаъолияти корхонаҳои махсусгардондашуда оид ба пешпардохт, харидан, кашондани маҳсулот, нигоҳ доштан ва фурӯши яклухти меваю сабзавот бо мақсади таъмин намудани муътадилии бозорҳои асосии озукаворӣ [3].

5. Механизми худтаъминкунӣ ё худмустақилияти минтақаҳо - Дар маҷмуъ, таҳти мафҳуми «худтаъминкунӣ»-и минтақа, пеш аз ҳама маҳорати ба таври мустақилона тараққӣ додани воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии худӣ фаҳмида мешавад [4]. Ҳамзамон, дар қатори мафҳумҳои дар боло овардашуда мафҳуми «худмустақилият» истифода мешавад, ки пеш аз ҳама ҳуқуқ доштан ва вазифаи таъмини мувозинатии қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа бо озуқа дар асоси истифодаи худии захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва дигар иқтидорҳои иқтисодӣ-табиӣ равона карда шудааст [5].

Аз ин ҷост, ки кишварҳои гуногун барои пешгирии бӯҳрони озуқа ва таъмини рӯзафзуни аҳолии кураи замин бо озуқа механизмҳо, роҳҳо ва чорабиниҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Барои ба ин боварӣ ҳосил намудан ба таҷрибаи амалишавии механизмҳои коркардшудаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар баъзе аз мамлакатҳои ҷаҳон назар меандозем:

Механизми дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ҷаҳон хеле назаррас аст, аммо нишондиҳандаҳо дар ҳар кишвар фарқ мекунанд. Масалан, дар кишварҳои Аврупо, аз қабили Олмон, Фаронса, Дания, Ҳолландия ду намуди асосии чораҳои ҳукумат мавҷуданд: мустақим ва ғайримустақим. Таъсири мустақим тадбирҳои маъмурӣ, дастури шахсӣ ва банақшагирӣро дар назар дорад, ки ба дастгирии бахши кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Таъсири ғайримустақим ба танзими механизмҳои сармоягузорӣ, молиявӣ, кредитӣ, нарх ва андоз асос ёфтааст.

**Дар Олмон** барномаи қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандагони мол дастгирии сармоягузориро дар бар мегирад, ки ба беҳтар кардани шароити зиндагӣ нигаронида

шудааст. Барои баланд бардоштани сифати маҳсулоти хоҷагии кишлок барномаҳои инвеститсионӣ пешбинӣ карда шудаанд. Ба монанди барномаи қарздиҳии кишоварзӣ барои Олмон, ки дастгирии фаъолияти сармоягузориро дар бар мегирад, ки ин ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ҷустуҷӯи доимии бозорҳои фоидаовар нақши муҳим мебозад.

Механизми дастгирии давлатии кишоварзони истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ таҳия гардида, даромади онҳо аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ камаш 25 фоизи даромади умумиро ташкил медиҳад.

**Дар Фаронса** Баро иҷрои ин раванд ду созмон таъсис дода шудааст: Coface ва OSEO. Имрӯз ширкати суғуртавии Coface пешсафи ҷаҳонӣ дар бозори суғуртаи қарзӣ мебошад, ки дар бисёр кишварҳо филиалҳо дорад. Яке аз ҳадафҳои таъсиси он таҳия ва истифодаи механизмҳои молиявӣ барои ҳадди ақал кам кардани хатарҳои молиявӣ, аз ҷумла дар бахши кишоварзии иқтисодиёт мебошад. Агентии давлатии дастгирии соҳибкории хурд ва миёна (ОСЕО), инчунин, ба ҳавасмандгардонии инноватсия тавассути интиқоли технология, маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои технологияҳои инноватсионӣ тахассус дорад. Илова бар ин, OSEO талаботи тиҷорати хурдро ба қарздиҳии дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат қонеъ карда, маблағгузории муштаракро бо бонкҳо таъмин мекунад ва баргардонидани онро дар таносубҳои гуногун кафолат медиҳад.

**Канада** яке аз бозингарони калонтарин дар бозори ҷаҳонии озуқаворӣии кишоварзӣ мебошад. Муваффақиятҳои хочагии кишлоки мамлакат бо воситахои самарабахши идоракунии давлатӣ, аз ҷумла назорати пурраи бозорҳои дохилӣ бо роҳи танзими нарх алоқаманд аст. Татбиқи ин барномаҳо бо таъмини бехатарии маҳсулоти истеҳсолшуда ва таҳлили марҳила ба марҳилаи хатарҳо алоқаманд аст.

**ИМА** - асоси баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ истифодаи васеи қарорҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба деҳқонон имкон медиҳанд хароҷоти воҳидро кам кунанд.

Маҳсулоте, ки аз 30% майдони кишти ИМА гирифта мешавад, ба кишварҳои Амрикои Лотинӣ, Осиё, Африқо ва Аврупо нигаронида шудааст, ки ба вазъи савдои озуқа дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ таъсири назаррас мерасонад ва воситаи таъсири Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат ба кишварҳои камбизоат мебошад.

**Чин** рақиби асосии ИМА дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дар ибтидои асри 21 дар ихтиёри худ қариб 95 млн.га замини корам дошт. Гуногунии шароити табиию иқлимӣ, намудҳои хок ва релеф барои ташаккули экосистемаҳои гуногун асос гузоштанд. Дар Чин зиёда аз 50 намуди зироатҳои киштоварзӣ, 80 хел зироатҳои боғдорӣ ва 60 хели сабзавот парвариш карда мешаванд.

Боз дигар намуди таҷрибаи давлатҳои тараққикарда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус, ба таъмини маҳсулоти озуқаворӣ диққати махсус медиҳад. Масалан, дар давлатҳои Япония ва ИМА вазъи таъмини озуқаворӣ ба таври кушода ҳамчун нишондиҳандаи асосии амнияти миллӣ эътироф гардидааст. Дар Япония сиёсати маҳдудияти ҷиддӣ барои ворид намудани озуқа гузаронида мешавад. Масалан, воридоти биринҷ тамоман манъ карда шудааст. Ин чорабинӣ дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки давлат биринчро аз хоҷагиҳо харида, дар дохили мамлакат бо нархи 6-8 маротиба баландтар нисбат ба нархҳои ҷаҳонӣ мефурӯшад. Ин сиёсат ба он хотир амалӣ карда мешавад, ки якум, давлат сиёсати протексионистиро ба роҳ мемонад (яъне, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ). Дуюм, талаботи рӯзафзуни аҳолиро бо маводи озуқа бахусус, биринҷи худӣ (ватанӣ), ки хӯроки асосии японҳо ба ҳисоб меравад, таъмин месозад.

Аз ин ҷост, ки давлатҳои дар ҳолати рушд қарордошта бозори ҷаҳони озуқавориро инкишоф дода, дараҷаи баланди худтаъминкунии озуқаро нигоҳ медоранд. Масалан, мутобиқи баъзе аз нишондиҳандаҳо сатҳи бохудтаъминкунии озуқа дар ИМА ва Фаронса зиёда аз 100 %, Олмон - 93 %, Италия -78 % ва ҳатто Япония, ки на он қадар заминҳои ҳосилхез дорад - 40 % ва Федератсияи Россия-30 %-ро ташкил медиҳад. Барои муқоиса қайд менамоем, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 %-ро ташкил медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Ҳакимзода М.М. Такмили механизми рушди устувори ҳудудҳои кишоварзии минтақаҳои сераҳолӣ.матн.дис. Душанбе, 2019-172с
2. Абдуллоев.А.Х. Роҳҳои таъмини устувории бозори маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.матн.дис. Душанбе,2022- 185с
3. Садыкова Г.И. Формирование и развитие рынка общественного питания в условиях трансформирующейся экономики. дис. Душанбе ,2016,- 171с.
4. Исайнов Ҳ.Р. Худтаъминкунии озуқавории минтақа : вазъи ҳозира ва дурнамои пешрафт. Матн/Исайнов Ҳ.Р., Исайнова М.Ҳ.//Паёми молия ва иқтисод.- 2021.№2(26).- с.28-35.
5. Исайнова М. Ҳ. Диссер. “ Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ”-Душанбе. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 2022 .с- 36-37.

## МЕХАНИЗМҲОИ КОРКАРДШУДАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶАҲОН ВА ТАҲЛИЛИ АМАЛИШАВИИ ОНҲО

Мақолаи мазкур ба омӯзиши механизмҳои коркардшудаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон ва таҳлили амалишавии онҳо бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки механизм гуфта, ин роҳҳо, усулҳо, меъёрҳо ва воситаҳоеро меноманд, ки тартиби ягон намуди фаъолият ё равандро муайян мекунанд. Муханизми амнияти озуқаворӣ бошад, ин системаи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки фаъолияти мутавозини бозорҳои озуқаворӣ ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти озуқавориро таъмин менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: амнияти озуқаворӣ, сиёсати агросаноатӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, бозори озуҷавории ҷаҳонӣ, истеъмолкунанда, сабабҳои иқтисодӣ.

## РАЗРАБОТАННЫЕ МЕХАНИЗМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В МИРЕ И АНАЛИЗ ИХ РЕАЛИЗАЦИИ

Данная статья посвящена изучению разработанных механизмов обеспечения продовольственной безопасности в мире и анализу их реализации. В частности, было отмечено, что под Механизмом понимаются способы, методы, нормы и инструменты, определяющие порядок осуществления любого вида деятельности или процесса. Механизм продовольственной безопасности – это система организационных, экономических и правовых мер, обеспечивающих сбалансированное функционирование продовольственных рынков и предотвращение угроз продовольственной безопасности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** продовольственная безопасность, агропромышленная политика, сельскохозяйственное производство, мировой продовольственный рынок, потребитель, экономические причины.

## DEVELOPED MECHANISMS TO ENSURE FOOD SECURITY IN THE WORLD AND ANALYSIS OF THEIR IMPLEMENTATION

This article is devoted to the study of developed mechanisms for ensuring food security in the world and analysis of their implementation. In particular, it was noted that the Mechanism refers to the methods, methods, norms and instruments that determine the procedure for carrying out any type of activity or process. The food security mechanism is a system of organizational, economic and legal measures that ensure the balanced functioning of food markets and the prevention of threats to food security.

**KEYWORDS:** food security, agro-industrial policy, agricultural production, world food market, consumer, economic reasons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қосимзода Меҳрона Асроркул* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **931941377.**

**Сведения об авторе:** ***Косимзода Мехрона Асроркул* -** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **931941377.**

**Information about the author:** ***Kosimzoda Mehrona Asrorkul* -** Tajik National University, second-year master`s student of Department of World Economics. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki ave., 17. Phone: **931941377.**

# ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ГАРДИШИ ТИҶОРАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Ҳисайнова М.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва содагардонии расмиёти савдо дар соли 2022 як қатор корҳо амалӣ гардиданд.

Бо мақсади таъмин намудани намояндагиҳои дипломатӣ бо маълумоти мунтазам ва ҷиҳати муаррифии беҳтари имкониятҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон мулоқоти Вазири рушди иқтисод ва савдо бо сафирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, Қазоқистон, Швейтсария, Хитой, Ӯзбекистон, Туркия, Ҳиндустон, Эрон, Олмон, Белгия, Япония, Фаронса, Озарбойҷон, Покистон, Туркманистон Қирғизистон, Корея, Малайзия, Австрия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Беларус, Британия Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Кувайт, Мисри Араб, Қатар, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Консулҳои генералӣ дар шаҳрҳои Санкт Петербург, Екатеринбург, Уфа, Новосибирск, Алмато ва Истанбул дар шакли видеоконфронс баргузор гардид.

Таҳлили рушди тиҷорати электронӣ дар ҷаласаи XXII Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ 16 марти соли 2022 баррасӣ гардида, бо мақсади танзим намудани муносибатҳои идоракунии давлатӣ дар савдои электронӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатии соҳа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Инчунин, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2022, №476 «Дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи қолабӣ оид ба содагардонии расмиёти савдои бекоғази наздисарҳадӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором» ба тасвиб расида, лоиҳаи «Барномаи рушди савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор манзур гардид.

Мониторинги иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) гузаронида шуда, ҳисоботи муфассал оид ба корҳои анҷомдодашуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва сифатноки дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷаласаҳои 13, 14 ва 15 Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба содагардонии расмиёти савдо ва 3 ҷаласаи Гурӯҳи доимоамалкунандаи коршиносон оид ба такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷӣ, инчунин 3 ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба такмили Портали савдои Тоҷикистон баргузор гардиданд.

Вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қатъномаи 1540 Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва ташкили системаи самараноки миллии назорати содирот лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» таҳия гардида, дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад.

Рӯзҳои 12-17 июни соли 2022 дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария Конфронси 12-уми вазирони СУС баргузор гардид, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Вазири рушди иқтисод ва савдо Завқизода Завқӣ Амин дар он иштирок намуд.

Дар конфронс вобаста ба дастовардҳои ҷумҳурӣ дар давраи 9 соли узвият дар ин созмон, мавқеи кишвар оид ба масъалаҳои глобалии марбут ба савдо, бахусус пайомадҳои манфии бухронҳои ҷаҳонии озуқаворӣ, энергетикӣ, тағйирёбии иқлим, таҳримҳо, низоъҳои тиҷоратӣ ва пешниҳоди кумаку дастгириҳо барои тадбирҳои зиддибухронии кишварҳои камдаромад маълумот пешниҳод карда шуд.

Вазорат се ҷаласаи Гурӯҳи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шомилшавӣ ба Низоми умумии бархурдории тиҷорати Иттиҳоди Аврупо (GSP+)-ро бо иштироки роҳбарони вазорату идораҳо баргузор намуд, ки дар рафти онҳо масъалаҳо вобаста ба тезонидани раванди шомилшавӣ ба ин низом баррасӣ гардиданд. Инчунин, вобаста ба баррасии масъалаи мазкур 6 мулоқот бо ҷониби Иттиҳоди Аврупо баргузор карда шуд.

Илова бар ин, дар шаҳри Душанбе рӯзҳои 5-9 декабри соли 2022 муколамаи ҳуқуқи инсон байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баргузор гардида, дар доираи он 27 конвенсияҳои байналмилалӣ ба 4 кластер, аз ҷумла ҳуқуқи инсон, муҳити зист, ҳуқуқ ба меҳнат ва мудирияти босалоҳият, ки талаботи асосӣ барои шомилшавӣ ба низоми қайдшуда ба ҳисоб меравад, баррасӣ гардиданд.

Ҷаласаҳои Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаҳои «Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон», «Тақвияти ҷомеаҳои минтақаи Хатлон ва водии Рашт» ва «Суръат бахшидан ба барқарорсозии иқтисодӣ пас аз COVID-19 тавассути беҳбуди шароити зиндагӣ, машғулият ва ҳамкории минтақавӣ дар водии Фарғона» рӯзҳои 8 ва 14 декабри соли 2022 баргузор гардиданд.

Ба ҳолати 9 январи соли 2023 аз Портали савдои Тоҷикистон 373912 нафар аз 100 кишвари дунё боздид намуданд.

Бо натиҷагирӣ аз амалҳои пешбинишуда ба мақсади таъмини иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, густариши иқтидори содиротии кишвар як силсила тадбирҳо амалӣ гардидаанд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда гардиши савдои хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2022 ба 7512,9 млн. доллар баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли гузашта 25,1 фоиз ё 1508,2 млн. доллар зиёд гардидааст.

**Диаграммаи 1**. Ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ ва тарози он солҳои 2018 – 2022 (млн. доллар)



Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот то 31 фоиз баланд ва воридот то ба 69 фоиз паст гардид, ки дар доираи афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 бо бештар аз 100 кишвари ҷаҳон муносибатҳои тиҷоратӣ дошта, шарикони асосии тиҷоратӣ дар ин давра Федератсияи Россия (22,3 фоиз), Қазоқистон (19,2 фоиз), Хитой (16,1 фоиз), Ӯзбекистон (7,4 фоиз), Швейтсария (5,3 фоиз), Туркия (4,7 фоиз), Эрон (3,2 фоиз), ИМА (2 фоиз), Ҳиндустон (1,7 фоиз), Белгия (1,6 фоиз), Олмон ва Афғонистон (1,5 фоизӣ), Ҷопон (1,4 фоиз), Беларус (1,2 фоиз) ва дигарон ба ҳисоб меравaнд.

Дар соли 2022 гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба 3870,4 млн. доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳанда 52 фоизи гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи содирот дар соли 2022 ба таври назаррас афзоиш ёфта, мувофиқи маълумоти Хадамоти гумрук то ба 2330 млн. доллар расид, ки нисбат ба соли 2021 30,4 фоиз ё 543,1 млн. доллар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи воридот бошад 5182,9 млн. долларро ташкил намуда, нисбат ба соли 2021 22,9 фоиз ё 965,1 млн. доллар зиёд шудааст. Ҳарчанд тарози манфии савдои хориҷӣ ба назар мерасад, вале 76 фоизи воридотро сармоя ва ашёи хом ташкил медиҳад, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт равона шудааст.

Мувофиқи таҳлилҳо дар соли 2022 нишодиҳандаи содироти ҷумҳурӣ бе назардошти металҳои қиматбаҳо 1612,6 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 43,8 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҷумла, нишондиҳандаи содироти маъдану консентратҳо 2,1 маротиба, маҳсулоти кишоварзӣ 1,4 маротиба, дигар металҳои нимқиматбаҳо (сурма ва маҳсулот аз он) 1,2 маротиба, алюминийи аввалия 1,1 маротиба, металҳои сиёҳ 1,1 маротиба ва неруи барқ 1,1 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур зиёд шудани молҳои содиротӣ ва талабот дар кишварҳои шарикони асосии тиҷоратӣ, инчунин, боло рафтани нархи миёнаи содиротии молҳо мусоидат намуд. Мувофиқи маълумоти омори гумрукӣ нархи миёнаи содиротии маъданҳо 511 доллар ё 40,4 фоиз, металлҳои нимқиматбаҳо (сурма ва маҳсулот аз он) 1855 доллар ё 20,2 фоиз, нахи пахта 389 доллар ё 19,3 фоиз, алюминийи аввалия 310 доллар ё 12,8 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 99 доллар ё 57,2 фоиз ва металлҳои сиёҳ 41 доллар ё 12,3 фоиз барои як тонна нисбат ба нархҳои миёнаи содиротии соли 2021 афзоиш ёфтаанд.

Вазни хоси содиротии кишвар асосан аз ҳисоби фурӯши маъдану консентратҳо (31,4 фоиз), металҳои қиматбаҳо (30,8 фоиз), нахи пахта ва маҳсулот аз он (10,7 фоиз), алюминийи аввалия ва маҳсулот аз он (7,5 фоиз), қувваи барқ (4,6 фоиз), дигар металҳои нимқиматбаҳо (4,4 фоиз), меваю сабзавот (2,2 фоиз), семент (1,9 фоиз), металҳои сиёҳ (1,1 фоиз) ва дигар маҳсулот ташаккул ёфтааст.

Дар сохтори содирот ҳиссаи маъдану консентратҳо назаррас буда, аз ҷониби ширкатҳои саноати кӯҳӣ 411,2 ҳазор тонна ба маблағи умумии 730,8 млн. доллар содирот гардид, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 139,5 ҳазор тонна ё 386,9 млн. доллар зиёд мебошад. Дар сохтори содироти маъданҳо аз рӯйи арзиш тамоюли зиёдшавии содироти консентрати металлҳои қиматбаҳо ба мушоҳида мерасад. Дар соли 2022 содироти 92,9 ҳазор тонна консентрати металлҳои қиматбаҳо ба маблағи 245,6 млн. доллар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2021 92,6 ҳазор тонна бо арзиши 242,5 млн. доллар зиёд мебошад.

Сохтори содирот дар солҳои 2021-2022 (бо фоиз)
*соли 2021 соли 2022*







Сохтори ҷуғрофии содироти маъдану консентратҳо дар қиёс ба солҳои гузашта тағйир ёфта, аз ҳаҷми умумии содироти ин номгӯйи маҳсулот 67,5 фоиз ба Ҷумҳурии Қазоқистон, 20,6 фоиз ба Хитой, 7,2 фоиз ба Ӯзбекистон, 4,2 фоиз ба Сингапур, 0,2 фоизӣ ба Федератсияи Россия ва ба Нидерландия рост меояд.

Ҳарчанд ки дар сохтори содиротии кишвар ҳаҷми содироти хокаи мис ва сурма афзоиш ёфта бошанд ҳам, ҳаҷми бештари ин намуд маъданҳо бе коркард дар шакли ашёи хом содирот карда мешавад.

Бо мақсади ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва дорои арзиши баланд дар дохили кишвар, кам намудани хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин дарёфти сарчашмаи иловагии воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ дар Кодекси андоз барои содироти консентрати металҳои қиматбаҳо, сиёҳ, ранга, нодир, радиоактивӣ, ашёи хоми кимиёвии кӯҳӣ ва ғайраҳо рентаи содиротӣ ба андозаи 2 фоиз аз соли 2023, 4 фоиз аз соли 2025 ва 6 фоиз аз соли 2027 муқаррар гардидааст.

Дар доираи протоколҳои баимзорасида сохтмони корхонаҳои коркарди маъданҳо то маҳсулоти ниҳоӣ дар назар дошта шуда буд, ки дар мавриди амалӣ гаштани тадбири мазкур иқтидори содиротии кишвар таҳким ёфта, ҳиссаи ҷумҳурӣ дар ташкили занҷираи арзиши изофашуда афзун мегардад.

Бо мақсади таъмини иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда Вазорати саноат ва технологияҳои нав, ҷиҳати иҷрои Протоколи уҳдадориҳои кафолатӣ байни корхонаҳо ва татбиқи бомароми Барномаи саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва коркарди маъданҳо то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар тадбирҳои таъхирнопазирро амалӣ намояд.

Дар соли 2022 содироти металҳои қиматбаҳо (гурӯҳи молии 71) низ назаррас буда, тибқи маълумоти Хадамоти гумрук содироти он ба маблағи 717,4 млн. доллар барасмияти гумрукӣ дароварда шудааст, ки нисбат ба соли 2021 51,5 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар соли 2022 ҳаҷми содироти нахи пахта 81 ҳазор тоннаро бо арзиши 194,7 млн. доллар ташкил дод, ки назар ба соли 2021 19,6 ҳазор тонна ё 7,9 млн. доллар коҳиш ёфтааст.

Ҷуғрофияи содироти нахи пахта дар моҳҳои январ-декабри соли 2022 аз рӯи ҳаҷм асосан ба Эрон (59,8 фоиз), Туркия (18,5 фоиз), Ӯзбекистон (8,2 фоиз), Россия (7,2 фоиз), Латвия (3,5 фоиз), Гурҷистон (1,5 фоиз), Беларус ва Покистон (0,6 фоизӣ) ва Белгия (0,1 фоиз) сурат гирифтааст.

Нахи пахта дар арзиши аслии маҳсулоти ресандагӣ ва бофандагӣ тахминан 75-78 фоизро ташкил менамояд. Дар мавриди ташкили истеҳсолоти ниҳоӣ арзиши содиротии он бамаротиб меафзояд ва дар ташаккули нишондиҳандаи содиротии кишвар низ саҳм мегузорад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳаҷми асосии нахи пахтаи истеҳсолшуда ба хориҷи кишвар содирот мегардад ва ин ҳолат дар солҳои минбаъда барои корхонаҳои коркарди соҳа мушкилоти нарасидани ашёи хомро ба миён меорад.

Дар ин раванд таъсиси корхонаҳои нассоҷӣ ва истифодаи фишангҳои тарифӣ вобаста ба содироти нахи пахта имкон дод, ки истеҳсоли маҳсулоти сикли аввал ва маҳсулоти тайёр тадриҷан афзоиш ёбад.

Дар соли 2022 дар корхонаҳои ҷумҳурӣ 127,1 ҳазор тонна нахи пахта, 549,1 тонна пахтаи курпабоб ва 18,8 ҳазор тонна ресмони пахтагин (калоба) ва дигар молҳо аз нахи пахта истеҳсол гардидаст.

Дар баробари ин содироти 12,8 ҳазор тонна ресмони пахтагӣ бо маблағи 48,5 млн. доллар ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2021 6,8 ҳазор тонна ё 3,4 млн. доллар кам мебошад.

Содироти либос ва қисмҳои он бошад 21,6 млн. долларро ташкил намуда, нисбат ба соли 2021 3 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар сохтори содироти нахи пахта ҳиссаи давлатҳои аъзои ИДМ ҳамасола тақрибан аз 17 то 24 фоизро ташкил намуда, ҳаҷми содироти ин намуди маҳсулот ба Ӯзбекистон ва Россия тамоюли афзоиш дорад. Дар доираи Шартнома дар бораи минтақаи савдои озод аз давлатҳои ИДМ боҷи гумрукӣ ситонида намешавад. Дар ин сурат эҳтимолияти содироти нахи пахта ба давлатҳои сеюм тавассути давлатҳои аъзои ИДМ (реэкспорт) вуҷуд дорад.

### АДАБИЁТ


1. Ганочка А.А. Международные морские порт-хабы как фактор развития региона Балтийского моря. Автореферати диссертация барои дарёфти дараҷаи н.и.и., аз руи ихтисоси 08.00.13-Иқтисоди ҷаҳон.-Санкт-Петербург.-2017.С. 3-4.
2. История экономики: учебник/ под общ. Ред. О.Д. Кузнецовой и И.Н. Шапкина. М., 2007. С. 62.
3. Экономики одного пояса, одного пути: возможности и риски транспортных коридоров. Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Belt and Road Economics: Opportunities and Risks of Transport Corridors в 2019». Захираи элктронӣ: (Санаи муроҷиат: 04.03.2024с).


### ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ГАРДИШИ ТИҶОРАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Дар мақола таҳлили нишондиҳандаҳои гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистон дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда гардиши савдои хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2022 ба 7512,9 млн. доллар баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли гузашта 25,1 фоиз ё 1508,2 млн. доллар зиёд гардидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: тиҷорати байналхалқӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, содирот, воридот, гардиши савдои мол, ММД.


### АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ ТАДЖИКИСТАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В статье рассмотрен анализ показателей внешнеторгового оборота Таджикистана в современных условиях. В частности, отмечается, что в результате выполненных работ оборот внешней торговли значительно увеличился и по статистике в 2022 году достигнет 7512,9 миллиона. доллара, что считается самым высоким показателем за всю историю независимости. По сравнению с прошлым годом этот показатель составляет 25,1 процента или 1508,2 миллиона человек. доллар вырос.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: международная торговля, международные отношения, экспорт, импорт, торговый оборот, ВВП.


### ANALYSIS OF FOREIGN TRADE INDICATORS OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS


The article examines the analysis of indicators of foreign trade turnover of Tajikistan in modern conditions. In particular, it is noted that as a result of the work performed, foreign trade turnover has increased significantly and, according to statistics, will reach 7512.9 million in 2022. dollar, which is considered the highest figure in the history of independence. Compared to last year, this figure is 25.1 percent or 1508.2 million people. the dollar rose.



**KEYWORDS:** international trade, international relations, export, import, trade turnover, GDP.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳисайнова Марҳабо Содиқовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992553181212.**

**Сведения об авторе:** ***Хисайнова Мархабо Содиковна*** - Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992553181212.**

**Information about the author**: ***Khisaynova Markhabo Sodikovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Department of World Economics. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki ave., 17. Phone: **+992553181212.**

## ТАНЗИМИ ҲАРАКАТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ САРМОЯ ДАР САТҲИ БИСЁРҶОНИБА ВА ДУҶОНИБА

*Усмонова Д.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар сатҳи бисёрҷониба низ дар марҳалаи кунунӣ нақши муҳим мебозад. Он дар шакли созишномаҳои байналмилалии сармоягузорӣ - IIA (PA - Agreements International Investment Agreements) амалӣ карда мешавад. Хусусиятҳои хоси ин созишномаҳо якрангӣ, шаффофият ва қобилияти бастани давлатҳо бо ҳуқуқ ва ухдадориҳои мувофиқашуда мебошанд. Дар асл, ин созишномаҳо сиёсати миллиро дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамоҳанг мекунанд. Инчунин, конвенсияҳои байналмилалӣ мавҷуданд, ки қоидаҳои рафторро барои ширкатҳое, ки дар хориҷа сармоягузорӣ мекунанд, муқаррар мекунанд.

Аз рӯйи ҳаҷм, ИИ метавонад дуҷониба (яъне, байни ҳукуматҳои ду кишвар баста мешавад), минтақавӣ (яъне, байни ҳукуматҳои кишварҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ ба ҳам наздик баста мешавад), байниминтақавӣ (дар он тарафҳои асосии ҳамкорӣ гурӯҳҳои минтақавии кишварҳо мебошанд) буда метавонанд), гурӯҳӣ (яъне, байни ҳукуматҳои кишварҳое, ки ба ғайр аз хусусиятҳои ҳудудӣ хусусиятҳои муттаҳидкунанда доранд) ва бисёрҷониба (ки барои ҳар як кишвари манфиатдор боз ҳастанд ва аз рӯйи ҳайати иштирокчиён фарогирии умумиҷаҳонӣ доранд) баста мешаванд.

Инчунин, баъзе ташкилотҳои иқтисодии байниҳукуматӣ (аз ҷумла, СҶТ (пеш аз ҳама TRIMS), ЮНКТАД, OECD, СБМ) дар таҳияи IIA ва равандҳои гуфтушунид иштирок мекунанд.

Ғайр аз ин, бо проблемаи сармоягузории хориҷӣ чунин ташкилотҳои бонуфузи байналхалқии ғайриҳукуматӣ, монанди Палатаи байналхалқии савдо, Ҷамъияти якдилӣ ва боварии истеъмолкунандагон, Конфедератсияи байналхалқии иттифоққои касабаи озод ва ғайра машғул мешаванд.

*Танзими дуҷонибаи сармоягузории мустақими хориҷӣ.* То ба имрӯз аҳаммияти амалӣ дар танзими гардиши байналхалқии сармоягузории хориҷӣ танзими дуҷонибаи СМХ дар шакли созишномаҳои сармоягузории дуҷониба буд.

Созишномаҳои сармоягузории дуҷониба (ССД), ки байни ҳукуматҳои кишварҳое, ки ба густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи сармоягузорӣ манфиатдоранд, баста шудаанд. Моҳияти асосии ССД сабти хоҳиши ҳукуматҳое мебошад, ки ба онҳо имзо гузоштаанд, то ҳадди имкон ҳавасмандкунии сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ҳавасманд кунанд. Ин созишномаҳо муқарраротеро дар бар намегиранд, ки ҳуқуқи фирмаҳои хориҷиро барои ворид шудан ба иқтисоди кишвари қабулкунанда танзим мекунанд, яъне, ҳуқуқи ҳукуматҳо барои муайян кардани шартҳои қабули сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди худ эътироф карда мешавад. Илова бар ин, аксарияти ССД ба таври возеҳ масъалаҳои моликият ва назорати корхонаҳои мустақими сармоягузориро баррасӣ намекунанд. Онҳо хеле кам тадбирҳоеро, ки ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва масъалаҳои марбут ба дахолати ҳукумат бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозорҳои маҳаллӣ барои сармоя, мол, меҳнат ва хизматрасонӣ доранд, мушаххас мекунанд.

*Танзими минтақавии СБМ.* Дар нимаи дуюми солҳои 90-ум фаъолият дар соҳаи танзими технологияҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ афзоиш ёфт. Ҳарчанд сифати танзими байналмилалии сармоягузориҳои хориҷӣ, ки ба системаи созмонҳои минтақавӣ ҷалб карда мешаванд, чизи дилхоҳро ба вуҷуд меорад, аммо худи тамоюли васеъшавии доираи ин гурӯҳҳо бешубҳа таъсирбахш аст.

Ҳамин тариқ, соли 1998 дар Осиё созишномаи чаҳорчӯбаи Минтақаи сармоягузории АСЕАН ба имзо расид, ки барои ташкили як минтақаи рақобатпазири сармоягузорӣ дар

доираи АСЕАН бо режими бештар либералӣ ва шаффоф барои танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо мақсади ба таври назаррас фаъол гардонидани ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳои узви АСЕАН пешбинӣ шудааст.

Созишнома пешбинӣ мекунад: 1) таҳияи барномаи ягонаи координатсияшуда дар соҳаи ҳамкории сармоягузории мамлакатҳои иштирокчӣ бо мақсади вусъат додани воридоти бевоситаи сармоягузорӣ; 2) аз соли 2010 ва то соли 2020 ба ҳама сармоягузорон новобаста аз мансубияти онҳо (ба истисноі баъзе истисноҳои махсус муайяншуда) пешниҳод намудани низоми миллии танзими миллӣ; 3) то соли 2010 кушодани тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ барои сармоягузории мустақими кишварҳои АСЕАН ва то соли 2020 ба сармоягузории тамоми ҷаҳон;) таъмини озодии бештари ҳаракати сармоя, технология, қувваи корӣ ва мутахассисон дар ҳудуди минтақаи АСЕАН.

Илова бар ин, ба хотири баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, раҳбарони кишварҳои АСЕАН маҷмуи «тадбирҳои қатъӣ»-ро эълон карданд, ки ба...

- ташкили минтақаи савдои озоди Осиёро тезондан;
- доираи имтиёзҳои маблағгузорӣ ба истеҳсолот васеъ карда шавад, саноат ба ғайр аз манфиатҳои аллакай дар муайян истифода бурда мешавад;
- ҳадди ақал 30 фоизи иштироки миллиро, ки қаблан дар нақшаи кооператсияи саноатии АСЕАН муқаррар шуда буд, бекор кунад.

Баъзе тадбирҳое, ки қаблан барои соли 2010 ба нақша гирифта шуда буданд, бояд то соли 2013 амалӣ карда шаванд, аз ҷумла, “кушодани” пурраи сармоягузориҳои мустақими мутақобила нисбат ба бахшҳои истеҳсолӣ.

Кӯшишҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи Ассотсиатсияи ҳамкории минтақавии Осиёи Ҷанубӣ (SAARC) низ сурат мегиранд. Ҳанӯз соли 1996 дар ҷаласаи ҳафтуми Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии Ассотсиатсия тасмим гирифта шуда буд, ки барои ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак дар кишварҳои минтақа чораҳои мақсаднок андешида шаванд. Соли 1997 дар Деҳлӣ ҷаласаи махсуси кишварҳои узв бахшида ба масъалаҳои сармоягузорӣ баргузор гардид, ки дар он бори аввал лоиҳаи Созишнома оид ба мусоидати минтақавӣ ва ҳифзи сармоягузорӣ дар СААРК мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ташкили Совети арбитражӣ бояд дар роҳи бастани чунин шартнома конкретӣ бошад.

Созмони ҳамкории иқтисодии Бангладеш-Ҳиндустон-Мянма-Шри-Ланка-Таиланд (BIMSTEC) низ ба масъалаҳои сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекунад. Вазифаи асосии ин созмон мусоидат ба рушди робитаҳои корхонаҳои бахши хусусии кишварҳои ширкаткунанда мебошад. Дар иҷлосияи дуюм дар сатҳи вазирони кишварҳои узви ин созмон дар моҳи декабри соли 1998 масъалаҳои ҳамкориҳои сармоягузорӣ ҳамчун самти афзалиятнок муайян карда шуданд. Гуфта шуд, ки ҳадафи ниҳоии талошҳои муштарак ҳаракат ба сӯйи бунёди минтақаи озоди тиҷорат, рафъи монеаҳо дар роҳи сармоягузориҳо ва ҳавасмандгардонии табодули хадамот хоҳад буд. Дар доираи Ассотсиатсияи укёнуси Ҳинд оид ба ҳамкории минтақавӣ (IOR-ARC), дар ҷаласаи сеюми Кумитаи мансабдорони баландпоя дар моҳи марти соли 1999 зеркумитаи махсус таъсис дода шуд, ки вазифадор аст, тавсияҳои мушаххасро барои ҳукуматҳо оид ба фаъолгардонии робитаҳои иқтисодӣ дар минтақа таҳия намояд. Ин тавсияҳо бояд асоси нақшаи амали созмонро оид ба либерализатсия ва ҳавасмандгардонии тиҷорат ва сармоягузории мутақобила байни кишварҳои узв, инчунин рушди ҳамкориҳо дар сатҳи коршиносони техникӣ ташкил диҳанд. Дар Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ соли 1999 Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) кишварҳои узвро барои қабули лоиҳаи созишномаи минтақавӣ ҷиҳати ҳавасмандкунӣ ва ҳифзи сармоягузориҳои мутақобила дар дохили минтақа омода ва даъват кард.

Муқаррароти асосии созишнома ба таъмини амнияти интиқоли сармоя, иттилооти мутақобила дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ, имтиёзҳо ба сармоягузорон, татбиқи низоми мусоидтарини миллӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва кафолатҳо ба сармоягузорон оид ба ҳуқуқи моликият, озодии интиқол ва фурӯши сармоя, ҷуброни зарари ба сармоягузорон расонидашуда, муносибати баробар бо сармоягузорони миллӣ ва хориҷӣ,

истифодаи механизмҳои ҳуқуқии миллии ҳалли баҳсҳо. Дар минтақаи Африқои биёбони Сахара, онҳо инчунин бо мавзӯъҳои сармоягузорӣ машғуланд. Ҷамъияти Иқтисодии




Африқои Марказӣ ва Иттиҳоди Пул (CEMAC) аз соли 1998 дар асоси Оинномаи сармоягузории ҷомеа кор мекунад. Устав бояд конвенцияи умумиро оид ба сармоягузорӣ, ки соли 1965 баста шуда буд ва дигар ба воқеияти кунунии иқтисодӣ ва сиёсии дохили ин кишвар мувофиқат намекунад, иваз кунад.

**Расми 1. Ҷалби СМХ ба Африка аз руи зерминтақаҳо дар солҳои 2021-2022 (млрд. долл. ИМА)**

**Расми 2. Ҷалби СМХ ба мамлакатҳои тараққиёбандаи Осиё аз рӯйи зерминтақаҳо дар**




**солҳои 2021-2022 (млрд. долл. ИМА)**

Дар доираи Ҷамъияти рушди Африкаи Ҷанубӣ (SADC) дар аввали соли 1998 таҳияи Протокол оид ба молия ва сармоягузорӣ ба охир расид, ки дар он принсипҳои умумии сиёсати сармоягузории давлатҳои аъзои ин гурӯҳ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, дар ин санад гуфта мешавад, ки кишварҳои минтақа бояд равандҳои хусусигардониро суръат бахшанд ва ба таъсиси ширкатҳои муштараки хусусию давлатӣ ҳавасманд гардонанд, ба сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ шароити баробари ҳуқуқӣ барои фаъолият фароҳам оварда, расмиёти иҷозадиҳӣ барои сармоягузории мустақими хориҷӣ соддатар ва шаффофтар шаванд.

Ба ғайр аз Протокол, ки принсипҳои умумии сиёсати сармоягузории мувофиқшудаи мамлакатҳои аъзои гурӯҳро муайян мекунад, бояд ба он иловаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум таҳия карда шаванд. Гузашта аз ин, Протокол ҳатмӣ хоҳад буд, аммо ҳуҷҷатҳои боқимонда ин тавр нестанд. Ин ҷудокунӣ ҳосили созишро дар бораи принсипҳои умумӣ нисбат ба масъалаҳои мушаххаси танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ хеле осон мекунад. Илова ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои дохилиминтақавии тиҷорат ва сармоягузорӣ, кишварҳои SADC бо Иёлоти Муттаҳида дар асоси дастаҷамъона ҳамкорӣ мекунанд. Дар бораи бастани созишномаи махсус бо Иёлоти Муттаҳида оид ба масъалаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ, ки ба беҳтар шудани ҳамдигарфаҳмии тарафҳо оид ба масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои мустақими сармоягузории хориҷӣ (дар Р"7 аз ҷумла, дар масъалаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ).




**Расми 3. Ҷалби СМХ Амрикои Лотинӣ ва мамлакатҳои ҳавзаи Кариб аз рӯйи зерминтақаҳо дар солҳои 2021-2022 (млрд. долл. ИМА)**

Ин созишнома бояд як қатор созишномаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бошад, ки ба наздикӣ бо ташаббуси Штатҳои Муттаҳида дар муносибат бо як қатор ташкилотҳои минтақавӣ ва субминтақавии қитъаи Африқа бо мақсади беҳтар намудани шароити сармоягузории хориҷии Америка дар ин қитъаи ҷаҳон баста шудааст. Дар байни Штатҳои Муттаҳида ва Иттиҳоди иқтисодии Африқои Ғарбӣ (ЭКОВАС) низ ҳамин гуна созишнома тайёр карда мешавад. То соли 1998 лоиҳаи шартнома оид ба барқарорсозии Ҷамъияти Африқои Шарқӣ (ЕАС) омода карда шуд, зеро ҷомеаи қаблӣ ғайриимкон буд ва соли 1977 пароканда шуд.

## АДАБИЁТ


1. Иностранные инвестиции и экономическая безопасность государства / Под ред. Н.Г. Морозова. — СПб.: Лань, 2018. — 310 с.
2. Иностранные инвестиции и экономическая интеграция / Под ред. П.В. Громова. — СПб.: Питер, 2018. — 310 с.
3. Иностранные инвестиции: практика и теория / А.А. Волков, В.Б. Разумовский. — М.: Эксмо, 2018. — 320 с.
4. Международные инвестиции и инновационное развитие / Под ред. А.М. Кузнецова. — М.: Феникс, 2019. — 280 с.
5. Международные инвестиции и инновационное развитие / Под ред. В.А. Федорова. — М.: Издательство "Три квадрата", 2018. — 280 с.
6. Международные инвестиции: политика и практика / Под ред. О.Н. Тарасова. — М.: Издательство МГУ, 2019. — 290 с.
7. Регулирование иностранных инвестиций в современной мировой экономике / Под ред. Е.А. Сидорова. — М.: КноРус, 2018. — 300 с.


## ТАНЗИМИ ҲАРАКАТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ САРМОЯ ДАР САТҲИ БИСЁРҶОНИБА ВА ДУҶОНИБА

Ин мақолаи илмӣ ба омӯзиши масъалаҳои танзими ҳаракати байналмилалии сармоя дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодҳо танзими самараноки гардиши сармоя ҷанбаи асосии таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувор мебошад. Муаллиф равишҳои гуногуни танзими сармояро ҳам дар сатҳи дуҷонибаи байни ду кишвар ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба тавассути иштирок дар созмонҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ таҳлил мекунад. Дар мақола таҷрибаи кишварҳои гуногун баррасӣ шуда, бартарӣ ва нуқсонҳои равишҳои гуногуни танзим баҳо дода шудааст. Муаллиф тамоюлҳо ва мушкилоти асосӣ дар соҳаи танзими ҳаракати байналмилалии сармояро таъкид намуда, барои эҷоди механизмҳои муассир ва устувори назорат тавсияҳо пешниҳод мекунад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** танзим, ҳаракати байналмилалии сармоя, дуҷониба, бисёрҷониба, сатҳ, ҷаҳонишавӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ДВИЖЕНИЯ КАПИТАЛА НА ДВУСТОРОННЕМ И МНОГОСТОРОННЕМ УРОВНЯХ

Данная научная статья посвящена исследованию вопросов регулирования международного движения капитала на двустороннем и многостороннем уровнях. В условиях глобализации и интеграции экономик, эффективное регулирование капитальных потоков является ключевым аспектом обеспечения финансовой стабильности и устойчивого развития. Авторы анализируют различные подходы к регулированию капитала как на двустороннем уровне между двумя странами, так и на многостороннем уровне через участие в международных организациях и соглашениях. В статье рассматриваются опыт различных стран и оцениваются достоинства и недостатки различных подходов к регулированию. Авторы выделяют основные тенденции и вызовы в области регулирования международного движения капитала и предлагают рекомендации для создания эффективных и устойчивых механизмов контроля.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** регулирование, международное движение капитала, двусторонний, многосторонний, уровень, глобализация.

## REGULATION OF INTERNATIONAL CAPITAL MOVEMENTS AT BILATERAL AND MULTILATERAL LEVELS

This scientific article is devoted to the study of issues of regulation of international capital movements at the bilateral and multilateral levels. In the context of globalization and integration of economies, effective regulation of capital flows is a key aspect of ensuring financial stability and sustainable development. The authors analyze various approaches to capital regulation both at the bilateral level between two countries and at the multilateral level through participation in international organizations and agreements. The article examines the experience of various countries and evaluates the advantages and disadvantages of various approaches to regulation. The authors highlight the main trends and challenges in the field of regulation of international capital movements and offer recommendations for creating effective and sustainable control mechanisms.
**KEYWORDS:** regulation, international capital movement, bilateral, multilateral, level, globalization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Усмонова Дилноза Шавкатовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 882 02 50 05.**

**Сведения об авторе:** ***Усмонова Дилноза Шавкатовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +**992 882 02 50 05.**

**Information about the author:** ***Usmonova Dilnoza Shavkatovna*** **-** Tajik National University, second-year Master's student of Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 882 02 50 05.**

# ШАКЛҲО ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ

*Бадалзода С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қарзи давлатӣ ин ҳаракати сармояи қарзӣ дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мебошад, ки ба шакли асъор ва ё захираҳои молӣ бо шартҳои баргардандагӣ, таъминнокӣ ва музднокӣ дода мешавад.

Қарзи давлатӣ ҷузъи муҳимтарини муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва қувваи пешбарандаи инкишофи алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Қарзи давлатӣ ин қарзест, ки онро давлат, бонкҳо, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлати дигар медиҳанд.

Ба сифати қарздиҳанда ва қарзгиранда бонкҳо, корхонаҳо, давлатҳо, муассисаҳои байналхалқии молиявӣ ва ғайраҳо баромад мекунанд.

Қарзи давлатӣ чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- тақсим ва аз нав тақсим намудани сармояи асъорӣ дар байни мамлакатҳо бо мақсади таъмини талаботи такрористеҳсоли васеъ. Бо ин қарзи байнидавлатӣ, баробаршавии даромади миллӣ ба даромади миёнаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ҳаҷми (массаи) ӯро зиёд менамояд;
- кам намудани хароҷоти муомилот дар соҳаи ҳисобу китоби байнидавлатӣ бо роҳи истифодаи воситаҳои қарзӣ (тратта, векселҳо, чекҳо ва ғ.) инкишоф ва тезонидани пардохтҳои ғайринакдӣ;
- тезонидани мутамарказӣ ва захира шудани сармоя бо роҳи истифодаи қарзҳои хориҷӣ;
- танзими иқтисодиёт.

Қарзи давлатӣ вазифаҳои ба ҳам алоқамандро иҷро намуда, дар инкишофи истеҳсолот нақши мусбат мебозад. Ин қарз аз як тараф такрористеҳсол ва васеъ шудани онро таъмин намуда, ба байналхалқӣ шудани истеҳсолоту муомилот, тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, қарзи байнидавлатӣ дар мустаҳкам шудани мавқеи қарздиҳандагони хориҷӣ дар муборизаи рақобатӣ истифода мешавад.

Қарзи давлатӣ ҳам ба монанди қарзи дохилӣ дар ду шакли асосӣ пешниҳод мешавад:

- қарзи молӣ ё худ қарзи тиҷоратӣ;
- қарзи пулӣ ё худ бонкӣ.

Қарзҳои давлатиро вобаста ба нишондиҳандаҳои гуногун ба шакли зерин ҷудо кардан мумкин аст.

Аз рӯйи таъинот:

- қарзҳои тиҷоратӣ, ки ба таъмини савдои мол ва хизмарасонии байналхалқӣ мансубанд;
- қарзҳои молиявӣ, ки барои объектҳои сармоягузорӣ, хариди коғазҳои қиматнок, захираҳои асъории бонкҳои марказӣ истифода мешаванд;
- қарзҳои марҳилавӣ барои таъмини навъҳои омехтаи содироти сармоя, мол ва хизматрасониҳо истифода мегарданд;

Аз рӯйи навъ:

- қарзҳои молӣ ё худ қарзи ширкатӣ, ки дар он корхонаи содиротии як мамлакат ба корхонаи воридотии тарафи дигар муҳлати пардохти арзиши мол ё хизматро дароз менамояд (содироти мол бо таърихи пардохти арзиши он);
- қарзҳои асъорӣ (дар шакли пули накд) ё худ қарзи бонкӣ, ки дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ номи қарзи хориҷиро гирифтааст.

Аз рӯйи тарзи пешниҳод шудан:

- қарзҳои накдӣ, ки ба ҳисобҳои қарзгиранда ворид мешаванд;
- тасдиқномаҳои амонатӣ;
- қарзҳои вомбаргӣ;

Аз рӯйи додани қарз бо асъор:

- қарзи байналхалқӣ бо асъори мамлакати қарздор ё худ мамлакати қарздиҳанда, ё мамлакати сеюм, ё бо воҳидҳои асъори ҳисоби байналхалқӣ (СДР, ЕВРО). Дар аксари ҳолатҳо қарз бо асъори мамлакати қарздиҳанда дода мешавад.

Аз рӯйи муҳлат:

- қарзҳои кӯтоҳмуддат (аз як рӯз то як сол);
- қарзҳои миёнамуддат (аз як сол то панҷ сол);
- қарзҳои дарозмуддат (зиёда аз панҷ сол).

Ҳолате, ки қарзгиранда қарзро дар муддати муқарраршуда баргардонида наметавонад, бо нишон додани сабабҳо барои тамдид (дароз) кардани муҳлати қарз муроҷиат мекунад. Ҳангоми тамдид намудани муҳлати қарзи кӯтоҳмуддат, ки бо кафолати давлат амалӣ шуданаш мумкин аст, ин қарз бо қарзи миёнамуддат ё худ дарозмуддат табдил дода мешавад.

Аз рӯйи таъминот:

- қарзҳои таъминшуда;
- қарзҳои бетаъмин (бланковые).

Ба сифати таъминоти қарз амвол, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ, коғазҳои қиматнок, замин ва дигар дороии беҳаракат (ғайриманқул), баъзан тилло хизмат карда метавонад. Қарзи бетаъмин (бланковые) бо пешниҳоди уҳдадории (вексели) қарзгир оиди дар вақти муқарраршуда баргардонидани қарз дода мешавад.

Вобаста ба шахсияи қарздиханда қарзи байналхалқӣ тақсим мешавад ба:

- қарзи ширкат (хусусӣ)
- қарзи бонкӣ;
- қарзи даллолӣ (брокерӣ);
- қарзи ҳукуматӣ;
- қарзҳои омехта, бо иштироки корхонаҳои хусусӣ (аз ҷумла бонкҳо) ва давлат;
- қарзҳои байнидавлатии ташкилотхои байналхалқии молиявӣ.

Қарзи ширкатиро (хусусиро) содиркунанда ба воридкунандаи хориҷӣ ба воситаи тамдид намудани муҳлати пардохти арзиши моли содиршуда (аз ду то ҳафт сол) медиҳад.

Ин қарз бо вексел ё худ бо тарзи ҳисоби кушода ба расмият даровара мешавад. Дар қарзи векселӣ, содиркунанда ба воридкунанда вексели интиқолӣ (тратта) пешниҳод менамояд, ки онро воридкунанда пас аз гирифтани ҳуҷҷати тиҷоратӣ, розигӣ медиҳад. Қарзи бо ҳисоби кушода додашаванда ба қарордоди содиркунанда ва воридкунанда оид ба дар ҳисоби харидор навиштани қарз ё барои моли воридшуда ва уҳдадории баргардонидани қарз дар вақти муайян (миёна ё охири моҳ) асос ёфтааст. Ин шакли қарз ҳангоми робитаҳои мунтазами боваринок доштани тарафҳо истифода мешавад [1].

Қарзи байналхалқии бонкӣ ҳамчун қарз дар шакли пулӣ баромад намуда, аз тарафи бонкҳо ба содиркунандагону воридкунандагон чун қоида бо гарави молу ашёи онҳо дода мешавад.

Дар робитаҳои байналхалқии хоҷагӣ қарзи бонкӣ аз қарзи ширкат (хусусӣ) афзалият дорад. Қарзи бонкӣ ба қарзгиранда имкон медиҳад, ки маблағи гирифтаашро озодона бо ихтиёри худаш истифода барад ва аз корхонаи қарздиҳанда вобаста набошад.

Қарзи байналхалқии бонкӣ бо навъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

➢ **Қарзи содиротӣ** – қарзе, ки бонки содиркунанда ба бонки воридкунанда барои маблағгузории хариди мошин, таҷҳизот, ашёи хом ва ғайра медиҳад. Ин гуна қарзҳо чун қоида «шарти маҳдудкунанда» доранд.

Ин шарт маънои онро дорад, ки қарзгиранда қарзи гирифтаашро танҳо ба мақсади дар шартнома махсус таъкидшуда истифода бурда метавонаду халос. Мақсади чунин шарт танҳо харидани молҳои мамлакати қарздиҳанда ва монанди инҳост;

➢ **Қарзи молиявӣ** – қарзест, ки имкон медиҳад молу ашё аз бозорҳои дилхоҳи ҷаҳонӣ харидорӣ карда шаванд. Ин ба қарзгиранда имкон медиҳад, ки бо истифода аз рақобати бозорӣ қарордодҳои бештар манфиатноки хариди молу ашё ба имзо расонад, харидашро дар асоси озмун ташкил намояд. Инчунин, ба вай имконияти маблағгузорӣ (сармоягузорӣ) дар дохил ва хориҷи мамлакат фароҳам меояд;

➢ **Қарзи асъорӣ** – қарзест, ки асъори муайяни хориҷӣ барои пардохти қарзи хориҷӣ, нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, зиёд намудани захираҳои асъорӣ гирифта мешавад.

Мамлакати қарзгиранда ба муҳлати 8 – 15 сол мошин ва таҷҳизотро барои аз худ намудани захираҳои табиӣ ва истеҳсоли мол қарз гирифта, пас пардохти қарзро аз ҳисоби маҳсулоти ин корхона анҷом медиҳад.

Ин гуна қарзҳо асосан аз тарафи консорсиумҳои бонкӣ пешниҳод карда мешаванд ва дорои шаклҳои зеринанд:

- қарзи даллолӣ (брокерӣ) – қарзи байниширкатӣ ва бонкӣ буда, онро брокерҳо аз бонкҳо мегиранд;
- шакли муҳимми қарзи байналхалқӣ қарзи дарозмуддати байнидавлатӣ (қарзи ҳукуматӣ) ба ҳисоб меравад.

Ин қарз дар асоси шартномаҳои байниҳукуматӣ аз ҷониби давлатҳои мутараққӣ ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ дода мешавад ва аз барномаҳои гуногуни миллӣ, қитъавӣ ва байналхалқии мададрасонӣ вобастагӣ дорад.

Дар соҳаи қарзи байналхалқӣ мақом ва аҳаммияти қарзи ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонии Таҷдиду Инкишоф (БҶТИ) ва шуъбаҳои он, Иттиҳодияи Умумии Байналхалқии Инкишоф (ИУБИ), Корпоратсияи Байналхалқии Молиявӣ (БАТИ), инчунин бонкҳои гуногуни инкишофи қитъавӣ басо бузург аст.

Мақоми хоси хазинаҳои байналхалқӣ, бахусус Хазинаи Байналхалқии Асъор (ХБА)-ро, дар низоми қарзи байналхалқӣ қайд намудан лозим аст. Қарзи ин ташкилот дар аксари ҳолат шарт ва кафили аз бозорҳои ҷаҳонӣ гирифтани қарзҳои иловагӣ мебошад*.

Шакли махсуси маблағгузории қарзии робитаҳои иқтисоди хориҷӣ амадиёти лизингӣ ва факторингӣ ба ҳисоб мераванд.

**Лизинг** – қарордоди иҷораи моликият ба муддати аз се то понздаҳ сол мебошад. Фарқи ин иҷора аз иҷораи анъанавӣ дар он аст, ки объекти қарордоди лизингӣ аз тарафи лизинггиранда (иҷорагир) интихоб мешавад ва лизингдиҳанда (иҷорадиҳанда) ин таҷҳизотро аз ҳисоби худаш харидорӣ мекунад. Муҳлати қарордоди лизинг аз муҳлати хурдашавии воқеии таҷҳизот кам аст. Бо тамом шудани муҳлати қарордод муштарӣ метавонад иҷораро бо шартҳои имтиёзнок давом диҳад ё худ ин моликиятро бо нархи бақиявияш харидорӣ кунад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ чун қоида лизингдиҳанда бонк набуда, балки ширкати лизингӣ аст.

**Факторинг** – аз тарафи ширкати молиявии махсус харидани ҳамон талабҳои пули содиркунанда ба воридкунандаи хориҷӣ ба андозаи то 70 -90% маблағи қарордод (шарнома) то расидани вақти пардохти он аст. Дар ин ҳолат ширкати факторингӣ ба содиркунанда ба муҳлати то 120 рӯз қарз медиҳад.

Қарзи давлатӣ содироти мол ва хизматҳоро тезонида, шароити мусоиди сармоягузориро фароҳам меоварад ва ба ҷараёни байнидавлатии онҳо мусоидат карда, бо ҳамин тақсимоти байналхалқии меҳнатро пурзӯр менамояд.

Принсипҳои асосии қарзи байналхалқӣ:

1.<u>Баргардандагии қарз</u> – ин принсип зарурати сари вақт баргардонидани захираҳои молиявӣ аз қарздиҳанда гирифташуда, баъди ба анҷом расидани истифодаи он аз тарафи қарзгиранда, ифода менамояд. Ин хусусият, яъне баргардонида шудани қарз барқароршавии захираҳои қарзии бонкро ҳамчун шарти зарурӣ идома додани фаъолияти

иқтисодии бонк таъмин мекунад. Ин принсип фарқи асосии қарзро аз маблағҷудокуниҳои (субсидияҳои) буҷетӣ, ки барои дастгирии давлатии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ сафарбар мешаванд, таъмин мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ мафҳуми қарзи бебозгашт (субсидияҳо) ҳамчун мафҳуми «корхонаи хусусии зиёновар» ғайриимкон аст.

Гирифтани қарз кори осон аст, вале баргардонидани он хеле мушкил мебошад. Беҳуда нест, ки дар бораи қарз чунин мегӯянд: «пули бегонаро мегирию пули худатро медиҳӣ». Баргардонидани қарз нишондиҳандаи фаъолияти самараноку боварибахши қарзгиранда ва ташкили дурусти муносибатҳои қарзии байни он ва бонк мебошад. Иҷрои саривақтии қарзии қарздорон асоси иҷрои уҳдадориҳои бонк дар назди мизоҷон (пасандозкардагон) аст, зеро қарз аз ҳисоби пасандозҳои онҳо дода мешавад. Бонк соҳиби мутлақи маблағҳои пулии ба қарз додашуда нест, бинобар ин, ҳар бор пеш аз додани қарз бонкро зарур аст, ки имконияти саривақт баргаштани онҳоро дуруст муайян намояд. Агар қарзҳо саривақт баргардонида нашаванд, бонк пасандозҳои аҳолиро дар муҳлатҳои муайяншуда баргардонида наметавонад, ки боиси косташавии боварии мардум ба бонк ва касодии он мегардад. Аз ин рӯ, баргардандагии қарз хосияти объективии он буда, новобаста аз хоҳиши мо вуҷуд дорад. Пурра бекор кардани ин қоида аз ҷониби ҷамъият боиси зарарбинии бонкҳою пасандозкардагон ва аз байн рафтани қарздиҳӣ мегардад, ки ба манфиати ҷамъият нест.

2.<u>Муҳлатнок будани қарз</u> – таъмини баргардонидани қарз тибқи муҳлати созишномаи қарзӣ бояд сурат гирад. Азбаски вайрон кардани талаби ин нишондод боиси саривақт иҷро нашудани уҳдадориҳои бонк дар назди мизоҷону давлат мегардад, дар шартнома намудҳои муайяни ҷазо пешбинӣ шудааст. Бонк метавонад нисбати қарздори ноуҳдабаро ҷазоҳои зеринро раво бинад: зиёд кардани фоизи қарз, мурочиат ба додгоҳ оид ба гирифтани маблағи зарурӣ аз қарздор, касод эълон кардани қарздор ва фурӯши молу мулки он.

3.<u>Фоизнок будани қарз</u> – моҳияти ин қоида аз додани иловапулӣ (фоизи қарз) ба қарздода иборат аст, зеро қарздода ин маблағҳоро аз дигарон (пасандозкардагон) гирифтааст ва барои истифодаи онҳо иловапулӣ медиҳад. Илова ба он, бонк хароҷотҳои худро дорад, ки яке аз сарчашмаҳои пӯшонидани онҳо фоизи қарз аст. Дар ҳолати фаъолияту истифодаи самараноки қарз қарздор фоидае ба даст меорад, ки қисми он ҳамчун фоизи қарз ба бонк дода мешавад.

Фоизи қарз воситаи ҳавасмандкунии пулдорон барои додани пулашон ба қарз мебошад ва ҳамин ҳавасмандӣ боиси истифодаи васеи маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ, ширкатҳою давлат барои таъмини талаботи иловагии истеҳсолоту муомилот ба воситаҳои пулӣ гардидааст. Додани иловапулӣ қарздорро водор месозад, то қарзро барои фаъолияти фоиданок истифода кунад, ки ҳам барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ва ҳам барои иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои он дар назди бонку давлат хеле зарур аст.

Вазифаи дигари фоизи қарз ҳимояи маблағҳои пулии аҳолию давлат аз беқурбшавӣ мебошад. Дар ҳолати мавҷудияти сатҳи муайяни таваррум фоизи қарзии мустаҳкам намегузорад, ки қобилияти харидории пулҳои аҳолию давлат поён равад.

4. <u>Таъминнокии моддии қарз</u> – кафолатнок будани пардохти қарз. Манфиати қарздиҳанда бо роҳи ҳамчун гарав қабул кардани моликият, захираҳои молӣ, таҷҳизоту дигар воситаҳои истеҳсолоти қарзгиранда, кафолатномаҳои ширкату бонкҳо, замонатномаҳои шахсони алоҳида ва ғайра ҳимоя карда мешавад. Дар ҳолати барнагардонидани қарзу фоизи он моликияти ба гарав гузошташуда бо тартиби муайянкардаи қонуни дахлдор ба фурӯш монда мешавад. Албатта, кормандони бонкро зарур аст, ки арзиши моликияти ба гарав гирифташударо дуруст муайян намоянд. Вагарна маблағи аз фурӯши он бадастомада барои адои қарз басандагӣ намекунад. Агар қарз дар асоси кафолатномаи ширкати дигар дода шуда бошад, маблағи зарурӣ аз суратҳисоби он ситонида мешавад. Аксари қарзҳо дар асоси гарав дода мешаванд, вале ширкату соҳибкороне низ ёфт мешаванд, ки бонкҳою шахсони алоҳидаро фиреб дода, боиси касодшавии онҳо мегарданд.

5. <u>Мақсаднок истифода бурдани қарз</u> – муайян кардани объекти мушаххаси истифодаи қарзҳо, пеш аз ҳама бо мақсади мунтазам нигоҳ доштани иқтидори содиротии қарзи давлат.

Аз ин рӯ, зиёда аз 90 фоизи қарзҳо ба мақсади муайян дода мешаванд, яъне қарзгиранда уҳдадор аст қарзро танҳо барои фаъолияти муайян (масалан, хариди ашёи хом ва ё таҷҳизот) истифода кунад. Ин яке аз шартҳои гирифтани қарз буда, дар шартнома қайд мешавад. Бонк пайваста иҷрои онро назорат мекунад. Ширкату соҳибкороне, ки ин шартро вайрон мекунанд, мувофиқи талаби шартнома ва қонуни дахлдор ҷазо дода мешаванд.

Принсипҳои қарзи байналхалқӣ ба қонунҳои иқтисоди бозорӣ алоқаманд буда, барои иҷро намудани вазифаҳои ҷорӣ ва мақсадҳои субъектҳои бозор ва давлат нигаронида шудааст. Риояи қоидаҳои қарздиҳӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои қарзӣ дуруст ба роҳ монда шуда, маблағҳои муваққатан озоди корхонаю аҳолӣ барои таъмини пешрафти иқтисодиёт истифода шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Нусрат Ашуров “Пул, қарз, бонк” Нашри II “Матбуот” Душанбе соли 2011 саҳ. 195
2. Алехин, Б.И. Государственный долг: пособие для студентов Академии бюджета и казначейства [Текст] / Б.И. Алехин. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. -302с.
3. Астапов, К. Управление внешним и внутренним государственным долгом в России [Текст] / К. Астапов // Мировая экономика и международные отношения. – 2003. - №2.– С.26-35.
4. Государственный Комитет по Инвестициям и Управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. Данные с официального сайта [Электронный ресурс]. – Точка доступа: http://www.amcu.gki.tj


## ШАКЛҲО ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ


Мақолаи мазкур ба омӯзиши шаклҳо ва принсипҳои асосии пешниҳоди қарзи давлатӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки қарзи давлатӣ ин ҳаракати сармояи қарзӣ дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мебошад, ки ба шакли асъор ва ё захираҳои молӣ бо шартҳои баргардандагӣ, таъминнокӣ ва музднокӣ дода мешавад. Муайян карда шудааст, ки қарзи давлатӣ ҷузъи муҳимтарини муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва қувваи пешбарандаи инкишофи алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: қарзи давлатӣ, қарзи давлатии хориҷӣ, қарзи давлатии дохилӣ, идоракунии қарзи хориҷӣ, хизматрасонии қарзи хориҷӣ, принсипҳои қарзи давлатӣ.


## ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ И ПРИНЦИПЫ ПРЕДЛОЖЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО КРЕДИТА


Данная статья посвящена изучению основных форм и принципов обеспечения государственного долга. В частности, отмечается, что государственный долг – это движение ссудного капитала в международных экономических отношениях, который дается в форме валюты или финансовых ресурсов с условиями возврата, обеспечения и вознаграждения. Установлено, что государственный долг является важнейшей частью международных экономических отношений и движущей силой развития мирохозяйственных отношений.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государственный долг, внешний государственный долг, внутренний государственный долг, управление внешним долгом, обслуживание внешнего долга, принципы государственного долга.


## BASIC FORMS AND PRINCIPLES OF OFFERING STATE CREDIT


This article is devoted to the study of the basic forms and principles of securing public debt. In particular, it is noted that public debt is the movement of loan capital in international economic relations, which is given in the form of currency or financial resources with terms of repayment, security and remuneration. It has been established that public debt is the most important part of international economic relations and the driving force for the development of world economic relations.



**KEYWORDS:** public debt, external public debt, internal public debt, external debt management, external debt servicing, principles of public debt.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бадалзода Субҳиддин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти соли дуюми кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 901-10-94-64.**

**Сведения об авторе:** ***Бадалзода Субхиддин*** **-** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 901-10-94-64.**

**Information about the author:** ***Badalzoda Subhiddin*** **–** Tajik National University, second-year master's student of the Department of Customs Activities. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 901-10-94-64.**

# РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲО ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

*Комилзода Ф. Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рақобатпазирӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ падидаи бегона набуда, он унсури асосии ин раванд ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат талаб мекунад, ки ҳамаи ҷиҳатҳои ин муаммо омӯхта шаванд, алалхусус, худи ҷараёни рақобат, идоракунии он, субъектҳои дар доираи рақобат амалкунанда, қонунгузории ин масъала, тарзи рақобатбарӣ, шиддатнокии он барои рақобаткунандагон, усули рақобатбарӣ, зинаҳои рақобатбарӣ, чорабиниҳои назарраси давлатӣ ва ғайра.

Асоси иқтисодиёти бозориро мафҳуми рақобат ташкил медиҳад, ки он барои инкишофи муносибатҳои тарафайни корхонаҳо дар муҳити иқтисодии муайян қувваи ҳаракатдиҳандаро ба вуҷуд меорад. Иштирокчии нисбатан бомуваффақияти ин мусобиқа онест, ки ба мубориаи рақобатӣ дар бозорҳои миллӣ ва хориҷӣ тоб оварда тавонад ва қобилияти онро дошта бошад.

Дар ин замина таъкид менамоем, ки мақсади идоракунии рақобатпазирии маҳсулот ин таъмини фаъолияти устувори корхонаҳо дар шароити тағйироти муносибатҳои муайян мебошад. Мушкилоти таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатии ватанӣ, новобаста аз модели хоҷагидорӣ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён нишондиҳандаи сифат нақши калидӣ дорад. Хусусан, дар шароити муосир давлат дар рушди рақобатпазирии истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад, зеро як қатор вазифаҳое вуҷуд доранд, ки бозор дар танҳоӣ наметавонад онҳоро иҷро намояд. Масалан, дар шароити мавҷуд набудани афзалиятҳои рақобатнокӣ давлат бо роҳи ҳамоҳангсозии соҳаҳо дар якҷоягӣ бо механизми бозорӣ муҳити рақобатиро ба вуҷуд меорад.

Маълум аст, ки гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ боиси пайдоиш ва талаби як қатор унсурҳои ба бозор марбути маҳсулот ва молро пеш гузошт. Рақобатпазирӣ падидаи бозорӣ буда, он дар низоми муносибатҳои бозорӣ дараҷаи баланди рушди инкишофи худро дарёфт менамояд. Рақобатпазирӣ дар низоми муносибатҳои иқтисоди нақшавӣ ҷой дошт, лекин он дар заминаи дигар категорияи иқтисодӣ, хусусан мусобиқаи истеҳсолоти соҳавӣ амалӣ карда мешуд. Аз сабаби оне, ки дар амалисозии истеҳсолоти нақшавӣ шакли истеҳсолоти молӣ аслан ба истеҳсолоти моли сотсиалистӣ маҳдуд гашта буд, аз ин лиҳоз раванди дигари истеҳсолӣ, махсусан, истеҳсоли моли инфиродӣ, хусусӣ ва сармоядорӣ вуҷуд надошт, ки дар байни ин шаклҳои хоҷагидорӣ байни молистеҳсолкунандагон ба тариқи озод рақобат амалӣ карда шавад.

Рақобатпазирӣ ҳамчун категория баъд аз гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд омада, заминаи пайдоишаш таъминкунандаи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар асоси шаклҳои гуногуни моликият мебошад. Пас рақобат байни иштирокчиёни хоҷагии бозорӣ барои шароити хуби истеҳсолӣ ва хариду фурӯш дар бозори молҳо мебошад. Чунин бархурд бештар дар бозори молҳо ба вуҷуд меояд. Бо ҷой доштани шароити объекти пешниҳоди молҳо байни молистеҳсолкунандагони гуногун вобаста ба мустақилияти хоҷагидории ҳар як субъекти хоҷагидорӣ бо таркиби моли истеҳсолкардаи он ба дигар рақибони бозорӣ, ки барои гирифтани даромад дар бозор мубориза мебаранд, нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар низоми муносибатҳои бозорӣ рақобат дар системаи иқтисоди миллӣ қонунан тасдиқи худро ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" аз 1-уми феврали соли 2017 таҳти №686 аз тарафи Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, аз 18-уми майи соли 2017 таҳти №383 қабул карда шудааст.

Ҳамин тавр, ҳамагуна раванди рақобат дар низоми муносибатҳои бозорӣ дар заминаи қонун ба танзим даровarда шуда, амалӣ карда мешавад. Аммо дар ҳама давру замон молистеҳсолкунандагони хоҷагидории хусусӣ барои дар ҳаёти фаъолият мондан ва нигоҳ

доштани иқтисодиёти хоҷагидорӣ ба қонунҳои бозорӣ такя менамоянд. Якранг набудани ҷараёнҳои мубодилавӣ, муомилоти молӣ дар бозор боиси пайдоиши рақобат байни молистеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон мегардад. Дар ин асос рақобат байни истеҳсолкунандагони мол ба вуҷуд омада, боиси муброизаву бо ҳам бархурди тарафҳо мегардад, ки онҳо кӯшиши худро барои иҳота ва ғасб намудани бозор нишон медиҳад. Ин раванди равони соҳибкорӣ боиси он мегардад, ки соҳибкор дар бозор шуҳрати моли худро бо роҳҳои гуногун баланд бурда, дар охир барои амалисозии мақсади худ, яъне инҳисорӣ (монополия) намудани он тамоми қувваашро сарф мекунад. Дар ҳолате, ки ин шароит дар бозор ба вуҷуд меояд, молистеҳсолкунанда бо тамоми қувва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бозори дар дасташ бударо аз даст надиҳад ва он ҳамчун монополист дар бозор субъекти ягона фаъолият намояд. Пас ӯ ҳамчун монополист – яъне моликиятдори калони дар даст нигоҳдорандаи бозор ва қисматҳои он барои муомилоти моли худ мебошад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ рақобат ва рақобатпазирӣ бо шаклҳои гуногун аз тарафи иқтисодчиён шарҳ дода мешавад. Дар китоби назарияи иқтисодӣ аз тарафи Носова Е.С мафҳуми рақобатпазирӣ чунин шарҳ дода шудааст: рақобатпазирӣ – ин мубориза байни молистеҳсолкунандагони молҳо ва хидматҳо барои гирифтани даромади бештар дар бозоре, ки молистеҳсолкунанда хело ҳам зиёд буда, харидор имконияти озоди ба мол дастраснамоиро дорад.

Дар ҳамин замина рақобатро ба якчанд аломат тасниф кардан мумкин аст:

- ❖ ба ҳудуди рушд;
- ❖ бо характери худ;
- ❖ бо усулҳои ҳаловар.

Ба ҳудуди рушд рақобат мумкин аст чунин аломатҳоро дар бар гирад:

а) рақобати инфиродӣ – ҳар як иштирокчии бозор ҳаракт мекунад, ки ҷойи худро дар бозори мол ёфта, интихоби шароити хуби хариду фурӯши молҳо ва хидматҳоро дар сатҳи ба худ хос амалӣ кунад.

б) рақобати маҳаллӣ – минтақаҳои молистеҳсолкуниро дар бар мегирад.

в) рақобати байни соҳавӣ – ин рақобати намояндагони соҳаҳои гуногуни бозор барои ҷалби харидорон ва барои гирифтани фоидаи зиёд мебошад.

г) рақобат дар бозори ҷаҳонӣ – барои молистеҳсолкунандагони давлатҳои гуногун мебошад.

Бо характери худ рақобат ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

а) ба рақобати озод;

б) ба рақобати танзимшаванда.

Аз рӯйи метод бошад пешбурди рақобати бозориро мумкин аст ба чунин гурӯҳ ҷудо кард:

а) аз рӯйи нархи бозорӣ – яъне паст будани нархи бозор боиси он мегардад, ки молистеҳсолкунанда молашро дар бозор бо нархи пасткарда фурӯшад ва он рақиби пешгузашта ба молистеҳсолкунандаи дигар мегардад.

б) усули ғайринархӣ – ғолиб шудан дар бозор нисбат ба молистеҳсолкунандаи дигар мебошад ва он аз рӯйи устувории мол ва хусусияти молии он, яъне шуҳрати мол дошта дар бозор ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо рақобат ва рақобатпазирӣ дар низоми муносибатҳои бозорӣ ин падидаи асосии ба вуҷуд овардани мол бо сифати баланду рақобатпазир аз ҷониби молистеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки дар бозор молистеҳсолкунандагони зиёд мустақилона молро ворид менмаоянд ва воридшавии онҳо ба бозор маҳдуд карда намешавад, молистеҳсолкунандаро мебояд моли истеҳсол намудааш дар ҳамагуна шароити бозор рақобатпазир бошад.

Рақобатпазирӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ин маънои қобилияти корхона ё соҳаро барои бомуваффақият рақобат кардан дар бозор, ҷалби муштариён ва нигоҳ доштани ҳиссаи худ дар бозорро дорад. Барои ноил шудан ба рақобат, мунтазам такмил додани сифати маҳсулот ва хидмат, такмил додани равандҳои истеҳсолӣ, кам кардани хараҷот, назорат ва мутобиқ шудан ба амали зуд тағйирёбанда дар бозор мебошад.

Омилҳои асосии рақобатпазирӣ дар иқтисоди бозорӣ инҳоянд:

Таркиби сифати маҳсулот ё хидмат – сифати баланди маҳсулот ё хидмат асоси рақобатпазирӣ ба ҳисоб рафта, он имкон медиҳад, ки мизоҷон дар бозор ҷалб карда шаванд.

Раванди навоварӣ – дар рақобатпазирӣ ин мунтазам ҷорӣ намудани технологияҳо, маҳсулот ва хидматҳои нав ба ширкат кумаккунанда буда, он як қадам пеш аз рақибони худ фаъолият карданро дорад.

Самаранокии истеҳсолот – муътадилгардонии равандҳои истеҳсолот ва кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхона имкон медиҳад, ки он рақобатпазиртар бошад.

Ҳамин тавр, барои ноил шудан барои рақобатпазирӣ дар иқтисоди бозорӣ пайваста барои такмили тамоми ҷанбаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, омодагӣ ба тағйирот ва саъю кӯшиш ба навоварӣ зарур аст.

Мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмини рушди устувор ва бомуваффақияти корхона, қобилияти он ба рақобат дар бозор, ба бархурдҳо тоб овардан, ҷалби муштариён, бештар намудани фурӯш ва гирифтани фоида мебошад.

Ба даст овардани рақобатпазирӣ ба корхона имкон медиҳад, ки дар бозор мавқеи пешсафро ишғол намояд, ҳиссаи бозорро васеъ кунад, сармоягузориро ҷалб кунад ва ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад. Илова бар ин, рақобатпазирӣ ба таҳкими обрӯйи ширкат, беҳтар шудани мақоми он ва ҷалби кормандони босифат мусоидат мекунад.

Ҳадафҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар корхона инҳоянд:

- Афзоиши фурӯш ва фоида;
- Мустаҳкам кардани мавқеъ дар бозор ва васеъ кардани ҳиссаи бозор;
- Ҷалби муштариёни нав ва нигоҳ доштани муштариёни мавҷуда;
- Кам кардани арзиши аслии маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии ҷараёнҳои корӣ;
- Навоварӣ ва таҳияи маҳсулот ё хидматҳои нав;
- Нигоҳдошти шуҳрати устувор ва боэътимоди ширкат.

Умуман, ҳадафи баланд бардоштани рақобатпазирӣ ин таъмини муваффақияти дарозмуддати корхона дар бозор, мутобиқати он ба шароити тағйирёбанда ва талаботи истеъмолкунандагон, инчунин таъмини рушди устувор ва афзоиши тиҷорат мебошад.

Барои дастрас гардидан ба мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар иқтисоди бозорӣ як қатор вазифаҳои мушаххасеро муайян кардан лозим аст, ки ба ширкат барои беҳтар намудани мавқеи худ дар бозор ва муваффақ шудан кумак мерасонанд. Баъзе аз ҳадафҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- таҳлили бозор ва рақибон: омӯзиши вазъи муосири бозор, таҳлили амали рақибон, муайян намудани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳо.

- баланд бардоштани сифати маҳсулот ё хизматрасонӣ: мунтазам такмил додани маҳсулот ё хизматрасонӣ бо назардошти талаботи муштариён ва талаботи бозор.

- муътадилгардонии равандҳои истеҳсолӣ: кам кардани хароҷоти истеҳсолот, баланд бардоштани самаранокии равандҳои бизнес, такмил додани таъминоти моддӣ.

- татбиқи инноватсияҳо: таҳияи маҳсулот ё хидматҳои нав, ҷорӣ кардани технологияҳои нав, ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани пешниҳоди ширкат.

- маркетинг ва фурӯш: таҳияи стратегияи самараноки маркетинг, ҷалби муштариёни нав, баланд бардоштани сифати маҳсулот.

- омӯзиш ва такмили кадрҳо: таъмини кормандон бо дониш ва малакаҳои зарурӣ барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳо, ҳавасмандгардонии рушди касбӣ.

- таҳлили натиҷаҳо ва тасҳеҳи страгия, мониторинги доимии фаъолияти корхона ва самаранокии тадбирҳои андешидашуда, инчунин, тасҳеҳи стратегияро мувофиқи шароити тағйирёбанда дар бозор ба роҳ мондан лозим аст.

Иҷрои ин вазифаҳо ба ширкат барои баланд бардоштани рақобатпазирии он ва ноил шудан ба ҳадафи рушди бомуваффақият дар иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунад.

Дар рақобатпазирии корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ таҷриба низ нақши муҳим дорад. Таҷрибаи ҷамъшуда ба корхона имконият медиҳад, ки хатогиҳо ва муваффақиятҳои қаблиро омӯхта, таҷрибаи пешқадамро татбиқ кунад ва ба тағйиротҳо дар бозор омода бошад.

Кормандони ботаҷриба метавонанд ба тиҷорат арзиши бузург оваранд, зеро онҳо дониш ва малакаҳои заруриро барои бомуваффақят иҷро кардани корҳоро доранд. Илова бар ин, роҳбарони ботаҷриба метавонанд дар асоси таҷриба ва дониши худ қарорҳои стратегии огоҳона қабул намоянд.

Таҷрибаи ҷамъшуда, инчунин, ба корхона кумак мекунад, ки муносибатҳои дарозмуддатро бо мизоҷон ва таъминкунандагони бозор бо мол барқарор кунад, ки мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намоянд.

Ҳамин тариқ, таҷриба дар баланд бардоштани рақобатпазирии корхона дар иқтисоди бозорӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ба корхона дар ҳама ҳолат барои пешбурд ва рушди фаъолият кумак мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» // Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2017 № 686.
2. Абрамишвили Г.Г. Операция "Маркетинг" [Текст] : Стратегия и тактика конкурентной борьбы монополий // Г.Г. Абрамишвили, В.А. Война, Ю.Ф. Трусов. - Москва : Междунар. отношения, 1976. - 240 с.
3. Белоусов В.В. Управление конкурентоспособностью промышленного предприятия: автореф. дисс. ... к-та экон. наук: 08.00.05: Москва, 2007.- С.32.
4. Касова Е.С. “Экономическая теория” // Учебник. - 2003г. - 491с.
5. Молчанова С.М., Лосев К.В. Влияние инноваций на конкурентоспособность выпускаемой продукции. // Вопросы инновационной экономики. Том 9, номер № 4, октябр-декабр 2019. – С.1373-1381.
6. Настеренко Т.В. Маркетинговое планирование конкурентоспособности продукции промышленного предприятия: автореф. дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05. – Волгоград, 2007. – 24 с.


## РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲО ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ


Дар мақолаи мазкур моҳият ва мафҳуми категорияи рақобатпазирӣ дар низоми муносибатҳои иқтисоди бозорӣ омӯхта шуда, муаллиф ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур пешниҳод намудааст. Дар заминаҳои он дигар аломатҳои ба рақобатпазирӣ марбут тасниф карда шудааст. Рақобат ва рақобатпазирӣ ин унсури асосии муносибатҳои бозорӣ буда, он барои инкишофи муносибатҳои тарафайни корхонаҳо дар низоми иқтисоди бозорӣ қувваи ҳаракатдиҳандаро ба вуҷуд меорад.



**КАЛИДВОЖАҲО*:*** рақобат, падида, категория, мол, истеҳсол, характер, мутобиқшавӣ, раванди навоварӣ.


## КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ ПРЕДПРИЯТИЙ В СИСТЕМЕ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ


В данной статье исследуется сущность и понятие категории конкурентоспособности в системе отношений рыночной экономики, а также излагается свое мнение об этом понятии. В его контексте классифицируются и другие признаки, связанные с конкурентоспособностью. Конкуренция и конкурентоспособность являются основным элементом рыночных отношений и создают движущую силу развития взаимоотношений между хозяйствующими субъектами в системе рыночной экономики.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** конкуренция, явление, категория, товар, производство, характер, адаптация, инновационный процесс.


## COMPETITIVENESS OF BUSINESS ENTITIES IN A MARKET ECONOMY SYSTEM


This article examines the essence and concept of the category of competitiveness in the system of relations of a market economy, and also sets out my opinion about this concept. In its context, other characteristics related to competitiveness are also classified. Competition and competitiveness are the main element of market relations and create the driving force for the development of relationships between economic entities in a market economy system.



**KEYWORDS:** competition, phenomenon, category, product, production, nature, adaptation, innovation process.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Комилзода Фарҳод Давлатхуҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 501010166.**

**Сведения об авторе:** ***Комилзода Фарход Давлатхуджа*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 501010166.**

**Information about the author:** ***Komilzoda Farhod Davlatkhuja*** – Tajik National University, master's student of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 501010166.**

# МОҲИЯТ ВА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

***Қурбонов А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зуҳуроти намоёни хоҷагии ҷаҳонӣ қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар нимаи дуюми асри XX - минтақаҳои озоди иқтисодӣ гардиданд. Дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили асосии тезонидани рушди иқтисодӣ аз ҳисоби фаъолгардонии гардиши байналхалқии мол, устуворгардонии сармоягузорӣ, мубодилаи технология, иттилоот, васеъ гардондани ҷараёнҳои иқтисодии ҳамгироӣ ба шумор мераванд.

Бори аввал таърифи расмии мушаххаси минтақаи озоди иқтисодӣ дар Конвенсияи Киото аз 18 – уми майи соли 1973 дода шудааст. Дар вай омадааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ - ин қисми ҳудуди як давлатест, ки дар он молҳои воридкардашуда одатан ҳамчун молҳои берун аз ҳудуди гумрукӣ ва нисбати ҳуқуқи воридот ва андозҳои мувофиқ ҳисобида мешаванд ва аз тафтиши муқаррарии назорати гумрукӣ озод мебошанд. Аз ин таъриф бармеояд, ки озодии қисми ҷудошудаи фазои давлат на ин ки мутлақ, балки нисбӣ аст. Ин ҳудуд фақат ба он маъно озод мебошад, ки молҳои ба он воридшуда аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ба воридот ва дигар намудҳои назорати воридотӣ озод карда мешаванд, ки мувофиқи санадҳои қонуни гумрукӣ нисбати молҳои воридшаванда ба дигар қисми ҳудуди ин мамлакат истифода мешаванд.

То солҳои 90-ум дар ҷаҳон зиёда аз 4 ҳазор минтақаҳои гуногуни озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта шудаанд. Аз рӯйи маълумотҳои мутахассисон дар солҳои охир ба воситаи минтақаҳои озоди иқтисодии гуногун зиёда аз 30% - и гардиши моли ҷаҳонӣ амалӣ гардонида мешавад. Ширкатҳои байналхалқӣ бо вуҷуди дарёфт намудани шароитҳои имтиёзнок барои фаъолияти худ, минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳудуди мусоид мешуморанд, ки дар он ҷо фоидаи зиёдро ба даст овардан мумкин аст.

Дар бисёре аз минтақаҳои озоди иқтисодӣ, қоидаҳои иқтисодӣ, фишангҳо, қонунҳои маъмурии махсусро истифода мебаранд, ки аз низомҳои муайяни хуқуқӣ ва хоҷагидорӣ озод карда намешаванд ва фақат барои онҳо имтиёзҳоро сабук мегардонанд, то ки соҳибкоронро ҳавасманд гардонанд. Давлат бошад, дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ миқёси худро фақат барои ҷараёнҳои иқтисодӣ кам мекунад.

Барои баъзе давлатҳо «минтақаҳои озод» аз рӯйи мавҷудияташон ҳамчун ҳудуди махсус барои шароити ҳаёти коргарони минтақа, мутамарказонии иқтидори истеҳсолӣ ва ғайра мебошанд. Барои чунин минтақаҳо мафҳуми «минтақаҳои махсуси иқтисодӣ» рост меояд.

Мақсадҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз сатҳи инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии давлати ташкилкунанда, нақшаҳои дурнамои онҳо ва ғайра вобастагӣ доранд. Барои ҳамин сабабҳо ва мақсадҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳар як ҳолатҳои дақиқ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар давлатҳои тараққикардаи саноатӣ ба монанди ИМА, Англия, Франсия минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои фаъолгардонии робитаҳои берунииқтисодӣ, ташкили сиёсати минтақавӣ, ки ба ҷоннок гардондани бизнеси хурд ва миёна дар минтақаҳо равона карда шудааст, баланд бардоштани рушди иқтисодӣ, баробар кардани фарқиятҳои байниминтақавӣ ташкил карда шудаанд. Ба ин мақсадҳо барои чунин категорияи соҳибкорон озодии фаъолият ва имтиёзҳои калони молиявӣ дода мешаванд. Ин барномаҳо самти махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ надоранд.

Дар Фаронса аз аввали соли 1997 дар 38-то шаҳр «минтақаи озод» эълон карда шуданд. Ташкил намудани корхонаҳои хурд ва миёна дар ин шаҳрҳо дорои имтиёзҳои калони андоз мегарданд. Ин корхонаҳо дар муддати панҷ сол аз супоридани намудҳои гуногуни андоз озод мегарданд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати «минтақаҳои озод»

ин ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар интихоби 38 то шаҳр тақрибан 10-тои онҳо дар гирду атрофи Париж буда, ҳокимият чунин меъёрҳоро роҳбарӣ менамояд, ба монанди сатҳи баланди бекорӣ, ки то 13,5%-ро ташкил мекунад, фоизи зиёди ҷавонон, ки бе маълумот мебошанд, иқтидори паст дар андозҳои тарафайн ва ғайра.

Бо ин мақсадҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар як қатор давлатҳои рубатараққӣ низ ташкил карда шудаанд. Аммо дар фарқият аз давлатҳои тараққикардаи саноатӣ дар ин давлатҳо дар мавриди ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ бисёртар ба ҷалби сармояи хориҷӣ, технология, азнавкунии саноат, боло бардоштани тахассуснокии қувваи коргарӣ такя карда мешавад.

Дар баробари мақсадҳо ва сабабҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодии дар боло номбаршуда, се вазифаи асосии онҳоро қайд кардан бамаврид аст:

- ҳавасмандгардонии содироти саноатӣ ва дар ин асос ба даст овардани воситаҳои асъорӣ;
- рушди шуғли аҳолӣ;
- мубаддал гардондани минтақаҳо ба усули нави хоҷагидорӣ ва рушди хоҷагии миллӣ.

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи муҳим дар ташкили намудҳои иқтисодиёти кушод дар муассисони онҳо дида мешаванд. Фаъолияти онҳо бо либерализасия ва фаъолгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ алоқаманд карда мешавад. Иқтисодиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорои сатҳи баланди ҷаҳони кушод мебошад ва низомҳои гумрукӣ, андоз ва сармоягузорӣ барои сармояи дохилӣ ва берунӣ мусоид мебошанд.

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат ба таври пурра кушодани иқтисодиёти худро барои сармояи хориҷӣ намехоҳад ё ин ки дар якҷоягӣ иқлими сармоягузории махсусро истифода мекунад ё қисман иқтисодиёти кушодро дар намуди минтақаҳои махсус истифода мекунад. Дар даҳсолаҳои охир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ рақобати шадид байни давлатҳо дар соҳаи имтиёзҳои андоз ва ғайраҳо барои ҷалби сармоягузорӣ аз дигар давлатҳо пурзур гардидааст. Мавҷҳои намудҳои гуногуни имтиёзҳои андоз, дар қонунгузории миллӣ ба қайд гирифта шудаанд ва номи «инқилоби андоз» - ро ба худ гирифтаанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ин ҷараён нақши бениҳоят намоёнро ба иҷро мерасонанд.

Умуман, минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд МОИ) ҳамчун «мушқапак» барои сармояи ҳиҷраткунандаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба шумор мераванд.

Таҷрибаи ҷаҳонии созмондиҳӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои зерин ташкил карда мешаванд:

-мақсади асосии ташкили МОИ зиёдтар пайваст кардани мамлакат ба ҷараёни инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Сухан ба он, ки агар мамлакат бо ин ё он сабабҳо иқтисодиётро барои сармояи хориҷии соҳибкорӣ кушода натвонад, он гоҳ вай метавонад инро дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар амал татбиқ намояд, вақте ки ҳукумат имконияти иқлими нисбатан мусоидаткунандаи сармоягузориро барои маблағгузаронии хориҷӣ ба вуҷуд меорад;

-МОИ, инчунин, барои пур кардани бозори дохилии мамлакат бо маҳсулоти сифати баланддошта, пеш аз ҳама молҳои воридотивазкунанда истифода мешавад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад дар территорияи муайян бо ёрии сармояи хориҷии истеҳсолотӣ воридотивазкунанда ташкил карда мешавад;

-ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ на фақат зиёдтар пайваст шудани соҳаҳои истеҳсолиро ба ҷараёни тақсимоти байналхалқии меҳнат, балки соҳаи саёҳат (туризм), фарҳанг ва соҳаҳои истироҳатию фароғатӣ дар назар дорад, ки ба зиёдшавии даромадҳои асъорӣ меоварад;

-МОИ барои тезонидани ҷорикунонии коркардҳои илмию - техникии хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ нигаронида мешаванд;

-ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои мамлакатҳои иқтисодиёти рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёти давраи гузариш имконияти омӯзонидан ва тайёр кардани кормандони баландихтисос, муҳандисон, кадрҳои хоҷагӣ ва идоравиро ба вуҷуд меорад;

-мақсади асосии ташкили МОИ - ҳавасманд кардани инкишофи иқтисодии ягон территория ё соҳаи ҷудогонаи истеҳсолот мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар барои мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор ташкили МОИ – шарти фаъолгардонии фаъолияти хоҷагӣ дар ноҳияҳои депрессивӣ ба таназзул дучор шуда бошад, он гоҳ барои мамлакатҳои иқтисодиёти рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёти давраи гузариш - ҳангоми ташкили чунин минтақаҳо ба воридоти сармояи хориҷӣ эътибори махсус дода мешавад;

-дар мамлакатҳои ҷудогона МОИ ҳамчун усули минтақавии азнавсозии иқтисодиёт дар шароити гузариши он аз принсипҳои маъмурии амалиёт бо бозор дониста мешавад. Масалан, дар Хитой самаранокии иқтисодиёти бозорӣ дар мисоли МОИ санҷида мешавад.

Таҷрибаи ҷойдоштаи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ба онҳо одатан чор гурӯҳи имтиёзҳо мансуб аст:

А) имтиёзҳои тиҷоратӣ, ки ҷорӣ кардани тартиботи содакардашудаи пешбурди амалиёти тиҷорати хориҷӣ ва паст ё бекор кардани боҷҳои содиротию воридотиро пешбинӣ мекунад;

Б) имтиёзҳои молиявӣ дар намуди гузоштани нархҳои паст ба хадамоти коммуналӣ, паст кардани иҷорапулӣ барои истифодаи замин ва иншоотҳои истеҳсолӣ ва инчунин додани шаклҳои гуногуни субсидияҳо (кумакҳо) аз ҳисоби маблағҳои буҷа ва кредитҳои имтиёзноки давлатӣ истифода мешаванд;

В) имтиёзҳои фискалӣ, ки ба ҳавасмандгардонии намудҳои ҷудогонаи фаъолияти соҳибкорӣ марбут аст; ин имтиёзҳо андоз аз фоида, даромад, молу мулк (амвол), меъёри андоз, масоили доимо ё муваққатан озод кардан аз андозро фаро гирифта метавонад;

Г) имтиёзҳои маъмурӣ, ки аз ҷониби маъмурияти ҳамин МОИ барои осонтар кардани низоми омаду рафти шаҳрвандони хориҷӣ, қоидаи ба қайдгирии корхонаҳо ва инчунин иҷро кардани хадамоти гуногун пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми пешбурди бизнеси байналхалқӣ бояд дар назар дошт, ки имтиёзҳои номбаршуда воситаи амали кардани бартарияти нисбии ин территория, на ин ки воситаи подоши омилҳои инкишофи ҷой дошта мебошанд. Муҳим он аст, ки имтиёзҳои андоз воситаи ҳалкунандаи ҷалби сармояи хориҷӣ шуда наметавонанд. Омили асосӣ барои ҷалб кардани сармояи хорҷӣ, ки тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, устувории сиёсии мамлакати ҷойгиршудаи МОИ мебошад.

Доир ба якчанд намудҳои асосии МОИ қайд кардан бамаврид аст, ки аз рӯйи аломатҳои ба худ хос ҷудо карда мешаванд:

- аз рӯйи сатҳ ва доираи вазифаҳои иҷрокунанда: минтақаҳои анборӣ, транзитӣ, бандарҳои озод; саноатӣ ва содиротӣ; минтақаҳои илмӣ – технологӣ, технополисҳо ва технопаркҳо, марказҳои иновасионӣ; МОИ-и комплексӣ ва бисёрсоҳавӣ;
- аз рӯйи андозаи ҳудудӣ: дақиқ (точечные) (фирма, анбор, терминал); миқёсӣ – ҳудудӣ (минтақаҳои саноатию-содиротӣ, технопаркҳо); махсус калон (минтақаҳо);
- аз рӯйи самт ва соҳаҳои махсусгардондашудаи хоҷагидорӣ: корхонаҳои соҳавӣ, самтҳои афзалиятноки соҳавӣ; секторӣ (коркард, истихроҷ, хадамотҳо), функсионалӣ (фаъолияти бонкӣ ва тиҷоратӣ);
- аз рӯйи иштироки тарафҳо ва хусусиятҳои ҷойгиршавӣ: байналхалқӣ ва наздисарҳадӣ.

Таърихи ташкили МОИ ду нуқтаи назари фарзиявиро дар бар мегирад: ҳудудӣ ва вазифавӣ. Агарчи асоси онҳоро принсипи ягонаи пешниҳоди режими имтиёзноки хоҷагидорӣ ташкил медиҳад, байни онҳо фарқе вуҷуд дорад, ки интихоби яке аз онҳоро муайян мекунад. Мувофиқи нуқтаи назари якум режими имтиёзиро корхонаҳо ва ташкилотҳое истифода мебаранд, ки дар ҳудуди махсус муайяншуда ҷойгир мебошанд.

Мувофиқи нуқтаи назари дуюм имтиёзҳо бо намудҳои муайяни фаъолияти соҳибкори новабаста аз ҷои ҷойгиршавиашон истифода мешаванд.


**АДАБИЁТ**

1. Оймахмадов М., Махшулов М., Основы внешнеэкономической деятельности: Учеб. Пособие / М. Оймахмадов, М. Махшулов. - Душанбе: Ирфон, 1997.
2. Прокушев Е.Ф. Внешнеэкономическая деятельность: Учеб. пособ. 5-е изд., перераб. и доп. / Е.Ф. Прокушев. - М.: ИТК Дашков и К, 2004.
3. Внешнеэкономическая деятельность: курс лекций / В.М. Безуглая. Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2008. 80 с. (китобхонаи ДПДТТ, варианти электронӣ)
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»
5. С. Ҷ. Комилов, У. Давлатзод. Иқтисоди корхона. Душанбе - Собириён, 2012. 448 с.
6. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиклолӣ ва ташаккули иқтисоди миллӣ / А.Б. Мирсаидов. - Хуҷанд, 2007, - 250 с.
7. Янъфен Х., Михайлин А., Нахов Л. Особые экономические зоны: опыт КНР //Проблемы теории и политики управления. 1993, № 5, с. 118-120.


**МОҲИЯТ ВА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ**


Мақолаи мазкур ба масоили моҳият ва таърихи ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ бахшида шудааст. Муаллиф таърихи ташкилёбӣ ва ташаккули минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодиро дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Англия, Франсия омухта, таҳлил намуда, дар шароити муосир таҷрибаи пешқадами созмондиҳии минтақаҳои озоди иқтисодиро, ки боиси рушди фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, пешниҳод менамояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:**. минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таҷрибаи пешқадам, шароити муосир, фаъолияти соҳибкорӣ.


**СУЩНОСТЬ И ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН**


Данная статья посвящена вопросам сущности и истории свободных экономических зон. Автор изучил и проанализировал историю организации и дальнейшего становления свободных экономических зон в различных странах мира, в том числе в США, Англии, Франции, и в современных условиях представляет передовой опыт организации свободных экономических зон, который приводит к развитие деловой активности.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** свободные экономические зоны, передовой опыт, современные условия, предпринимательская деятельность.


**THE ESSENCE AND HISTORY OF FORMATION OF FREE ECONOMIC ZONES**


This article is devoted to the essence and history of free economic zones. The author has studied and analyzed the history of the organization and further development of free economic zones in various countries of the world, including the USA, England, France, and in modern conditions presents the best practices in organizing free economic zones, which leads to the development of business activity.



**KEYWORDS:** free economic zones, best practices, modern conditions, entrepreneurial activity.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Абубакр*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **771114441.**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Абубакр*** – Таджикский национальный университет, магистрант финансово-экономического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **771114441.**

**Information about the author:** ***Qurbonov Abubakr*** – Tajik National University, master's student of the Faculty of Finance and Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **771114441.**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Солеҳзода А.А., Қосимзода М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Амнияти озуқаворӣ қисми таркибии амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди миқдори зиёди мамлакатҳои ҷаҳон ин масъалаи ҳаётӣ, ҳамчун унсури ҷудонашавандаи амнияти иқтисодии мамлакат, мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор мегирад. Аминияти озуқаворӣ масъалаи муҳимми гузаронидани сиёсати агросаноатӣ ва иқтисодӣ буда, он аз тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди бозори ватанӣ, дараҷаи вобастагии вай аз бозори озуқаворechi ҷаҳон, ҳолати иҷтимоӣ ва қобилияти харидории истеъмолкунандагон вобаста мебошад. Азбаски Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати агросаноатӣ мебошад, таъмини аҳолӣ бо озуқа аз соҳаи кишоварзӣ вобастагии зич дорад ва инчунин, соҳаи кишоварзӣ асоси иқтисоди Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва асосан аз ҳисоби комплекси агросаноатӣ инкишоф меёбад, зеро соҳаҳои дигари он аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳнашуда, ҷавобгӯйи талаботи бозор нестанд. Барои ҳамин ҳам, баъзе муаммоҳои таъмини амнияти озуқавориро вохӯрдан мумкин аст, ки бевосита ба мушкилиҳои вобаста ба соҳаи кишоварзӣ алоқамананд ва миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

- дар ҳолати ногувор қарор доштани базаи моддию техникии кишоварзӣ, гарон (қиммат) будани нархи техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва зотҳои чорво;
- зиёд будани миёнаравҳо байни молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон, набудани маълумот оид ба бозори фурӯши маҳсулот ва нархҳо, дар баъзан ҳолатҳо имконият пайдо накардани деҳқонон барои фурӯши маҳсулотҳои истеҳсолкардаашон дар бозорҳои озуқаворӣи шаҳр ва минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ;
- сатҳи пасти иқтидорҳои истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки ба ҳаҷми начандон калони истеҳсолот вобастагӣ дорад, ноустуворӣи даромаднокии онҳо вобаста ба шароитҳои табиию иқлимӣ;
- нокифоя будани дастрасии маҳдуди истеҳсолкунандагон ба мол ва хизматрасониҳо, захираҳои қарзӣ, техникаи кишоварзӣ, хизматрасониҳо оид ба ҳифзи растанӣ ва чорво, тухмиҳои хушсифати киштшаванда, чорвои хушзот, норасогии хӯроки серғизои чорво ва ғайра;
- набудани талаботҳо ба субъектҳои хоҷагидоре, ки бо истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, аз он ҷумла зироатҳои хӯроки чорво машғуланд, бояд он заҳрхимикатҳоеро истифода баранд, ки аз тарафи салоҳиятдор оид ба кимиёгардонӣ ва ҳифзи растаниҳо ба қайд гирифта шуда бошанд, аз меъёр зиёд истифода бурдани заҳрхимикатҳо аз тарафи баъзе заминистифодабарандагон, бо хотири таъмини маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- яку якбора болоравии нархҳо ба заҳрхимикатҳо дар натиҷаи нооромиҳои сиёсии кишвари Украина (дар моҳҳои феврал ва апрели соли 2022), маҳдуд будани воридоти заҳрхимикатҳо аз тарафи воридоткунандаи асосии он Федератсияи Россия, дар сатҳи даркорӣ фаъолият накардан ва дар баъзан ҳолатҳо умуман вуҷуд надоштани корхонаҳои истеҳсоли ватании заҳрхимикатҳо;
- дар самти ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва бозорҳои истеъмолӣ сари вақт амалӣ накардани тадқиқоти органолептикӣ, бактериологӣ ва кимиёвию токсикологии маҳсулоти чорво ва растанӣ, инчунин, захираҳои обӣ, хок, хӯроки чорво ва ғайра аз ҷониби маркази миллӣ ва марказҳои ташхиси бехатарии озуқаворӣ;
- новобаста ба он, ки нишондиҳандаҳои шуғлнокӣ дар маҳалҳо баланд аст, аҳолии деҳот наметавонанд дар муқоиса бо аҳолии шаҳр даромади кофӣ ба даст оранд, ҳамзамон набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар маҳалҳои истеҳсоли он;

- дар ҳолати фарсудашавӣ қарор доштани пойгоҳҳои обкашонӣ ва ба ҳамаи молистеҳсолкунандагон дастрас набудани захираҳои обӣ барои обёрикунии заминҳо аз сабаби истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

- вуҷуд доштани мушкилоти асосӣ дар самти ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти озуқаворӣ, аз он ҷумла: сатҳи пасти иқтидори истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ба ҳаҷми начандон калони истеҳсолот вобаста буда, ноустувории даромаднокии онҳо; дастрасии маҳдуди истеҳсолкунандагон ба мол ва хизматрасониҳо, захираҳои қарзӣ, техникаи кишоварзӣ, хизматрасониҳо оид ба ҳифзи растанӣ ва чорво, тухмиҳои хушсифати киштшаванда, чорвои хушзот, норасогии хӯроки серғизои чорво ва ғайра;

- сатҳи пасти коркарди маҳсулоти растанипарварӣ, ки яке аз сабабҳои асосии талаф гардидани ҳосили бадастомада ва паст гардидани ҳавасмандиҳои иқтисодӣ гардида, рушди истеҳсолоти кишоварзиро коҳиш медиҳад;

- мушкилот ҳангоми фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки бо низоми ғайрисамараноки сертификатсияи маҳсулот алоқаманд мебошад, дастгирии нокифояи маркетингӣ;

- набудани ҳамкориҳои зарурӣ байни истеҳсолкунандагон ва корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, яъне корхонаҳои агросаноатӣ ва ғайра. Ҳамаи ин муаммоҳо дар ниҳояти кор ба паст гардидани истеҳсолоти кишоварзӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва мураккаб гардидани таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа мегардад.

**Ҷадвали 1. Маълумотҳо оид ба гузаронидани мушоҳидаи дараҷаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2023**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2021с. | 2022с. | 2023с. |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи аҳолӣ -млн. нафар | 9,9 | 10,1 | 10,3 |
| 2 | ММД-и номиналӣ-млн.сомонӣ | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 |
| 3 | ММД ба сари аҳолӣ- сомонӣ | 10312 | 11838,8 | 12868,8 |
| 4 | Индекси нархи молҳои озуқаворӣ | 110,3 | 107,2 | 103,6 |
| 5 | Индекси нархҳои истеъмолӣ, ба ҳисоби фоиз, нисбат ба ҳамин давроаи соли гузашта | 109 | 106,6 | 103,7 |
| 6 | Музди меҳнати ҳармоҳа- сомонӣ | 1540,81 | 1760,29 | 2013,11 |
| 7 | Даромади пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ-сом/моҳ | х | 754,99 | 920,80 |
| 8 | Ҳиссаи озуқаворӣ дар воридот, ба ҳисоби фоиз | 21,0 | 20,4 | 18,1 |
| 9 | Ҳиссаи озуқаворӣ дар содирот, ба ҳисоби фоиз | 2,5 | 3,1 | 2,7 |

***Сарчашма:*** муаллиф таҳия намудааст.

Тавре дар боло зикр кардем соҳаи асосие, ки маҳсулоти озуқаро дар Ҷумҳирии Тоҷикистон истеҳсол мекунад, ин соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлилҳои соҳаи мазкур, нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои наздик ба даст омадаанд.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар моҳи январ-декабри соли 2023 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 63028,4млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022-юм бо нархҳои муқоисавӣ 9,0 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 43365,7млн. сомонӣ ё ки 6,8 фоиз ва чорвопарварӣ 19662,7млн. сомонӣ ё 14,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 1754886 тонна ғалладонагиҳо (аз ҷумла, гандум 860815 тонна), 344350 тонна пахта, 1144882 тонна картошка, 3026196 тонна сабзавот (аз ҷумла, пиёз 779802 тонна), 1009915 тонна полизӣ, 664343 тонна мевагиҳо (аз ҷумла, 227147 тонна себ ва 239970 тонна зардолу), ангур 190376 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 1839568 тонна истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 4,6 фоиз картошка, 11,5 фоиз сабзавот, 19,9 фоиз

полизӣ, 29,7 фоиз мевагиҳо (аз ҷумла себ 13,7 фоиз ва зардолу 2,0 баробар) ва 5,0 фоиз хӯроки чорво зиёд шуда, истеҳсоли пахта 14,9 фоиз ва ангур 36,8 фоиз кам гардидааст.


**АДАБИЁТ**

1. Сафарова Анорхол Джумаевна. Асосҳои ташкилӣ- иқтисодии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[диссертатсия]. Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон.Душанбе-2020. С- 3
2. Ганиев Т.Б. Проблемы устойчивого развития сельского хозяйства / Т.Б. Ганиев. - М,1996, 108с.
3. Сайдалиев Х.Ф. Низоми таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулоти озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон). Матн.дисс. Душанбе,2021.-194с
4. Исайнова М. Ҳ. Таъмини амнияти озуқаврии минтақа – самти муҳими рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ [матн]/Исайнова М.Х.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- 2020.-№10-2. – с. 105-112.



**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба таҳлили вазъи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки амнияти озуқаворӣ қисми таркибии амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди миқдори зиёди мамлакатҳои ҷаҳон, ин масъалаи ҳаётӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи амнияти иқтисодии мамлакат мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор мегирад. Аминияти озуқаворӣ масъалаи муҳимми гузаронидани сиёсати агросаноатӣ ва иқтисодӣ буда, он аз тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди бозори ватанӣ, дараҷаи вобастагии вай аз бозори озуқаврии ҷаҳон, ҳолати иҷтимоӣ ва қобилияти харидории истеъмолкунандагон вобаста мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: амнияти озуқаворӣ, сиёсати агросаноатӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, бозори озуқаврии ҷаҳонӣ, истеъмолкунанда, сабабҳои иқтисодӣ.



**АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена анализу ситуации с безопасностью пищевых продуктов в Республике Таджикистан. В частности, было отмечено, что продовольственная безопасность является неотъемлемой частью национальной безопасности. В Республике Таджикистан, как и во многих странах мира, этот жизненно важный вопрос, как неотъемлемый элемент экономической безопасности страны, подлежит глубокому анализу и рассмотрению. Безопасность пищевых продуктов является важным вопросом агропромышленной и экономической политики, она зависит от развития сельскохозяйственного производства, развития внутреннего рынка, степени его зависимости от мирового продовольственного рынка, социальной ситуации и покупательной способности потребителей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** продовольственная безопасность, агропромышленная политика, сельскохозяйственное производство, мировой продовольственный рынок, потребитель, экономические причины.



**ANALYSIS OF THE STATE OF FOOD SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the analysis of the situation with food safety in the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that food security is an integral part of national security. In the Republic of Tajikistan, as in many countries of the world, this vital issue, as an integral element of the country's economic security, is subject to in-depth analysis and consideration. Food safety is an important issue in agro-industrial and economic policy; it depends on the development of agricultural production, the development of the domestic market, the degree of its dependence on the world food market, the social situation and the purchasing power of consumers. .



**KEYWORDS:** food security, agro-industrial policy, agricultural production, world food market, consumer, economic reasons.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**.** E-mail: **ashurboy-000@mail.ru.** Телефон: **+992 939 41 30 20.**

***Қосимзода Меҳрона Асроркул*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**.** Телефон: **+992 931 94 13 77**.

**Сведения об авторах:** ***Солехзода Ашурбой Абдувохид*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики финансово-экономического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ashurboy-000@mail.ru.** Телефон: **+992 939 41 30 20.**

***Косимзода Мехрона Асроркул*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 931 94 13 77.**

**Information about the authors:** ***Solekhzoda Ashurboy Abduvohid*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy, Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ashurboy-000@mail.ru.** Phone: **+992 939 41 30 20.**
***Kosimzoda Mehrona Asrorkul*** - Tajik National University, second-year master`s student of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 931 94 13 77.**

# МЕТОДИ ХУДИДОРАКУНИИ ИНСТИТУТҲОИ ИҶТИМОӢ

***Юсуфӣ Г.Ш.***
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Институти иқтисодиёт ва демография**

Усул (метод) яъне, маҷмуи тарзҳо воситаҳои ҳуқуқие, ки бо ёрии онҳо фаъолияти идоракунӣ ба «Маҷро»-и қонунҳо ворид карда мешавад. Барои иҷрои қонунҳо ва фаъолиятҳои аз ҷониби қонун муайяншуда равона карда мешавад. Қонун дар давлати демократӣ натиҷаи созиш ва тавозуни манфиатҳоест, ки дар худ талабот, манфиат ва мақсадҳои умумии ҷамъиятро «ҷой» медиҳад. Ҳамин тавр, амалишавии Қонунҳо ин тарзи ҳалли тафриқа ва низоъ буда, ба ҷамъият як нав субот ва созандагӣ меоварад. Дар ин ҷанба механизм ва воситаҳои таъмини амалишавии Қонунҳо маънои бузурги иҷтимоиро касб мекунанд. Яъне, ба низоми муайян медарояд. Низом яъне, тартиби аз ҷониби давлат муайяншуда, ки мутобиқи он ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва амали мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳудидоракунии маҳаллӣ, институтҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар доираи Қонун сурат мегирад [1]. Ин на танҳо талаботи расмии қонунгузорӣ ва ҳокимияте, ки аз паси ӯ истодааст, балки ин талаботи воқеӣ ва обективии нигоҳ доштани ҷамъият дар ҳолати муътадил ва рӯ ба рушд аст. Нишонаҳои умумии қонуният инҳоянд:

1. Принсипи ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии мақомоти ҳудидораи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон мебошад.
2. Ҳамчун талаботи ҳатмӣ ба фаъолияти субъекти идораи давлатӣ баромад мекунад.
3. Усули амалишавии ваколатҳои ҳокимияти субъектҳои идораи давлатӣ баромад мекунад.
4. Дар асоси қонунгузории мавҷуда мебошад.
5. Низоми рафтори муносиби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи идораи давлатӣ мебошад.

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, усулҳои идоракунӣ аз ваколатҳое, ки ба Ҷамоатҳо вогузор карда шудааст, аз тарафи қонунгузор бармеоянд. Ба мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот ваколатҳои зерин кафолат дода шудааст:

1. Ваколати вогузоршаванда - ин ваколатест давлат ва Ҷамоат ба мақомоти гирд фаъолияти ҷамъиятӣ мутобиқи шартнома месупорад.
2. Ваколати истисноӣ - ваколате, ки мутобиқи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тааллуқ дорад ва масъул аст [2].

Дар Тоҷикистон сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ халқ мебошад. Худидораи маҳаллӣ ҳамчун яке аз ифодаи муҳимми ҳокимияти халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаклҳои гуногун фарқ мекунад. Ин мақомоти итихобшавандаи намояндагӣ, ки аз ҷониби онҳо мақомоти иҷроя таъсис дода мешаванд, ин мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, институти раъйпурсии маҳаллӣ, ҷамъомадҳои деҳа ва шаҳрак Кумитаҳо ва Шуроҳо мебошанд. Гуфта мешавад, ки «Худидораи маҳаллӣ» - ин фаъолияти мустақилонаи шаҳрвандон, танзим, идора ва бевосита ҳал намудан ва ё ба воситаи мақомоти ташаккулдодаи худ ҳал намудани қисми зиёди масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои аҳолии ҳудуди муайян ва бо гирифтани рушди ҳамаи ҷамъият мебошад. Бо дигар сухан, ин шакли ҳокимияти халқ аст, ки барои аҳолӣ мустаҳкилона ва дар зери масъулияти худ ҳал намудани масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидоштаро мефаҳмонад. Ба сифати субъекти танзими ҳуқуқии худидораи маҳаллӣ, субъекти худидораи маҳаллӣ баромад мекунад [3]. Ба ин шомил мешаванд: аҳолии шаҳрак ва ё деҳоти мушаххас, яъне, маҷмуи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд

ва мақомоти интихобшуда ва дигар мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори интихобшуда дар зери объекти худидораи маҳаллӣ ояд, масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта фаҳмида шаванд.

Фаъолияти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба принсипҳои зерин асос мёебад, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот» омадааст:

- қонуният ва адолати иҷтимоӣ:
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- демократия, ошкорбаёнӣ ва ба эътибор гирифтани афкори омма;
- мустақилият худидоракунӣ ва масъулият дар ҳалли масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта;
- ҳисобдиҳанда будан дар назди аҳолӣ;
- иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ;
- мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- колегиалӣ будани фаъолияти ҷамоат.

Мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот дар таҳкими қонуният ва таъмини волоияти қонун нақши муҳим доранд. Дар ҳудуди муайяни маъмурӣ ин мақомот дорои ваколатҳое мебошанд, ки бевосита метавонад ба волоияти Қонун таъсир расонад. Пеш аз ҳама санадҳои аз ҷониби ин мақомот (ҷамоат) қабулшуда дар ҳудуди тамоми шаҳрак ва ё деҳа барои иҷро ҳатмӣ мебошанд [3].

Дар навбати худ, ин қарорҳо бояд дар ҳошияи Конститутсия, Қонунҳо, Кодексҳо, Маҷлиси Олӣ, фармонҳои Президентӣ, қарорҳои Ҳукумат ва қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шаванд. Механизми таъсиррасонӣ ба фаъолияти қонун дар худидораи маҳаллӣ ба воситаи сохторҳои он Маҷлиси Ҷамоат ва раиси Ҷамоат амалӣ карда шавад. Аз ҷониби ду субъект дарк намудани ин масъала ва дар кору пайкори худ ба роҳбарӣ гирифтани руҳияи волоияти конститутсия ва қонунҳо хело муҳим мебошад. Беш аз ҳама қонун дар давлати демократӣ натиҷаи созиш ва тавозуни манфиатҳост, он дар худ талабот, манфият ва мақсадҳои умумии чмаъиятиро «ҷой» медиҳад [4].

**Нишондиҳандаҳои умумии қонуният инҳоянд:**

1. Принсипи ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон мебошад.
2. Ҳамчун талаботи ҳатмӣ ба фаъолияти субъекти идораи давлатӣ баромад мекунад.
3. Усули амалишавии ваколатҳои ҳокимияти субеъктҳои идораи давлатӣ баромад мекунад.
4. Дар асоси қонунгузории мавҷуда мебошад.
5. Низоми рафтори муносибати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи идораи давлатӣ мебошад.

**Принсипҳои қонуният инҳоянд:**

Волоияти қонун – ин талаботи дақиқ ва бечунучарои риоя ва иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар ҳудуди давлат амал мекунанд: талаботи риояи зинаҳои санадан: санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки қувваи ҳуқуқии камтари амалро доранд, ба санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки қувваи зиёдтари амалиро доранд, бояд мувофиқ бошанд.

Баробари дар назди қонун, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забони баромад, вазъи молумулкӣ ва мансаб, ҷойи истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, мансубият ба дин ва дигар ҳолатҳо, уҳдадориҳои баробар ҷиҳати риояи талаботҳои санадҳои ҳуқуқӣ доранд ва дар ҳолати вайрон намудани онҳо ҷавобгарии баробарҳуқуқиро доранд.

Ягонагии қонуният - амали қонун, санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерқонунӣ дар тамоми ҳудуди давлат ягона аст, тафсир ва татбиқи он набояд аз миқёси ҳудуди амал вобаста бошанд! Ин пеш аз ҳама ягонагии асосии ҳуқуқи қонуният барои тамоми давлат мебошад. [5].

Умумӣ ва устувор будани қонуният-талаботи қонуният ба фаъолияти худ мақомоти ҳокимияти давлатии худидоракуни маҳаллӣ мансабдорони давлатии онҳо ва ҳам ба

шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ паҳн мешаванд. Ягон субъекти муносибатҳои идорӣ наметавонанд аз доираи қонуният истисно карда шаванд.

Нагузаштани зиддият байни қонуният ва мақсаднокӣ - дар он аст, ки ба субъектҳои муносибатҳои идорӣ тарзи мувофиқ ва мақсадноки рафтор дар доираи муайяншудаи санадҳои ҳуқуқӣ дода мешавад, дар ҳолати ҷиддият байни қонуният ва мақсадноки афзалият ба қонуният бо назардошти минбаъда тағйир додани асоси меъёрию ҳуқуқӣ дода мешавад [4]. Қонуният ин худ падидаи ҳуқуқист, он волоият ва риояи бечунучарои қонун ва тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар назар дорад. Он ба қонунгузории кишвар робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, ба Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот низ ваколатҳои зерин дар соҳаи қонуният ва адолати иҷтимоӣ дода шудааст:

- ташкили таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи ваколатҳои ҷамоат;

- ҷалби аҳолӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ;

- андешидани тадбирҳои дар доираи ваколатҳои Ҷамоат оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятии ҳудуди Ҷамоат ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ [7].

Дар соҳаи қонунияти тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа раиси Ҷамоат:

- сатҳи аснsocи ҳолати шаҳрвандиро мутобиқи қонунгузорӣ ташкил мекунад;

- амалиёти алоҳидаи нотариалиро тибқи меъёрҳои пешбинишудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариали давлатӣ» таъмин менамояд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷойи зист, вазъи оилавӣ ва дигар ҳолатҳоро ба шаҳрвандон медиҳад;

- оид ба ҳифзи молу мулки бесоҳиб, ки ба ихтиёри давлат мегузарад, тадбирҳо меандешанд;

- оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди Ҷамоат, бақайдгирӣ ва аз қайдбарории шаҳрвандон, пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи салоҳияти Ҷамоат тадбирҳо меандешад;

- ба ташкил ва гузаронидани тадбирҳои амалию сиёсӣ, манъавию маърифатӣ роҳбарӣ намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт мусоидат мекунад;

- ба даъвати уҳдадорони ҳарбӣ ва даъватшудагон мусоидат менамояд, аҳолиро барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода ҷалб мекунад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ яъне, ҳуқуқи ворид намудани лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқӣ ё пешниҳодҳоро оид ба таҳия ва қабули онҳо дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мувофиқи қонуни номбаршуда инҳо доранд: раиси Ҷамоат, комиссияҳои доимамалкунандаи Ҷамоат, вакилон, ва гурӯҳи шаҳрвандон, ки ҳуқуқи интихоб намудани санадҳои ҳуқуқӣ дар шакли ҳалнома, қарори дастур қабул карда мешавад. [8].

**АДАБИЁТ**


1. Асосҳои ҳуқуқӣ-такмили фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. муаллиф Саидов Ғолибҷон, Душанбе-2011. саҳ-191.
2. Дастурамал барои кормандони Ҷамоат. Душанбе, 2012.
3. Назарияи идораи давлатӣ. Душанбе, «ЭР-Граф», 2013. Муллоев Дилшод, саҳ. 255
4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлати. Душанбе «Эҷод» 2009
5. Худидора ва мардумсолори. Муаллиф Маҳмадҷон Раҳимов, Сафо Сафаров, Душанбе 2006 саҳ.60
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2016
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 20 апрели соли 2011.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009, №7-8, мод 503).


## МЕТОДИ ХУДИДОРАКУНИИ ИНСТИТУТҲОИ ИҶТИМОӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи методи худидоракунии институтҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки низом яъне, тартиби аз ҷониби давлат муайяншуда, ки мутобиқи он

ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва амали мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, институтҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар доираи Қонун сурат мегирад

**КАЛИДВОЖАҲО:** маҳал, ҳуқуқ, анъана, шаҳрванд, ҷомеа.

**МЕТОД САМОУПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ ИНСТИТУТОВ**

В данной статье рассматривается тема метода самоуправления социальных институтов. Автор отметил, что система, то есть определенный государством порядок, согласно которому все правоотношения и действия органов государственной власти, органов местного самоуправления, государственных учреждений и граждан осуществляются в пределах Закона.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: местность, право, традиция, гражданин, общество.

**METHOD OF SELF-GOVERNMENT OF SOCIAL INSTITUTIONS**

This article examines the topic of the method of self-government of social institutions. The author noted that the system, that is, the order determined by the state, according to which all legal relations and actions of state authorities, local government bodies, state institutions and citizens are carried out within the limits of the Law.

**KEYWORDS:** locality, law, tradition, citizen, society.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Юсуфӣ Гулнози Шаъбонӣ*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистранти курси дуюми Институти иқтисодиёт ва демография. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ, 44. Телефон: **(992) 888 -88 -08 -19.**

**Сведения об авторе: *Юсуфи Гулнози Шабони*** – Национальная академия наук Таджикистана, магистрант 2 курса Института экономики и демографии. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 44. Телефон: **(992) 888-88-08-19.**

**Information about the author**: ***Yusufi Gulnozi Shaboni*** – National Academy of Sciences of Tajikistan, 2nd year master's student of the Institute of Economics and Demography. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Ayni Street, 44. Phone: **(992) 888-88-08-19.**

# САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҚТИСОДӢ

*Маҳмадаминзода И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷаҳонишавӣ ва муттаҳидшавии фаъолияти иқтисодии тамоми субъектҳои хоҷагии ҷаҳон хусусияти асосии марҳалаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Дар раванди чунин ҷаҳонишавӣ тамоми кишварҳо ва қитъаҳои ҷаҳони муосир иштирок мекунанд. Самтҳои асосии ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ инҳоянд: [4, с. 162].

1. Байналмилаликунонии қувваҳои истеҳсолкунанда. Вай бо роҳи мубодилаи воситаҳои истеҳсолот, ба вуҷуд овардани инфраструктураи умумии ҷаҳонӣ, бо роҳи кооператсия дар соҳаи истеҳсолот, мубодилаи байналхалқии дониш, ахбор ва ғайра ба амал бароварда мешавад.

2. Байналмилалиикунонии муносибатҳои иқтисодӣ. Ин ба воситаи тақсимоти байналхалқии меҳнат ба амал бароварда мешавад, ки он афзоиши самараи иқтисодии ҳам иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам системаҳои гуногуни хоҷагии халқро таъмин менамояд.

3.Афзоиши ҳаҷм ва баланд бардоштани сифати савдои байналмилалӣ; ҳаракати қувваи корӣ ва ҳаракати сармоя ва техника дар байни давлатҳо ва минтақаҳо вусъат ёфт.

4.Тараққиёти босуръати соҳаи хизматрасонӣ, ба фаъолияти байналхалқии иқтисодӣ фаъолона дохил намудани хизматрасонӣ.

Ҷаҳонишавӣ барои татбиқи он васеъ истифода бурдани шаклҳои гуногуни ҳамкории байналхалқии иқтисодиро пешбинӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ системаи амалиёти ба ҳам алокаманди давлатҳо ва ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ мебошад, ки устувории афзояндаи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, татбиқи манфиатҳои миллӣ ва ташаккули механизмҳои ҳуқуқии ҳамкории ба ҳамдигар судбахши байналмилалиро таъмин менамояд [1].

Дар баробари ин, ҳамкории байналхалқии иқтисодии байни кишварҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ мавзуи омӯзиш ва танзими ҳуқуқи байналхалкии иқтисодӣ мебошад.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ тавассути системаи тағйирёбанда ва густариши робитаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ бо иштироки кишварҳои гуногун, ассотсиатсияҳои онҳо ва ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, инчунин, субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки принсипҳои мазкурро амалӣ менамоянд, таъмин мегардад [3].

Аз таърифи охирин бармеояд, ки ба субъектҳои ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ на танҳо субъектҳои ҳуқуқи оммавии байналхалқӣ дохил мешаванд. Иштирокчиёни ҳамкории байналмилалӣ кишварҳо, иттиҳодияҳои маъмурию ҳудудии кишварҳо, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии гуногун буда метавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки асоси ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ манфиати мутақобилаи дорои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, инчунин майли пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои манфии фаъолияти антропогении субъектҳои мавриди назар мебошад.

Дар баробари ин, фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун модули махсус ба ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ дохил карда мешавад.

Ҳамкории байналхалқии иқтисодиро аз зуҳуроти торафт бештар мушоҳидашавандаи интегратсияи иқтисодӣ, ки соҳибихтиёрии давлатҳои иштироккунандаро маҳдуд карда, дар муносибатҳои онҳо унсурҳои федерализми иқтисодиро ташкил медиҳад, фарқ кардан лозим аст. Интегратсияи иқтисодӣ давлатҳои соҳибихтиёрро муттаҳид намуда, фазои ягонаи иқтисодиро ташкил медиҳад.

Дар ин фазои иқтисодӣ молу хизматрасонӣ, сармоя ва меҳнат, яъне омилҳои гуногуни иқтисодии истеҳсолот озодона ҳаракат карда метавонанд.

Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ дар самтҳои асосии зерин ташкил карда мешавад [2, с.86]:

• савдои байналмилалӣ (амалиёти савдои хориҷӣ, содирот, воридот);

– кооператсияи байналмилалии истеҳсолӣ (кооператсияи байналмилалии истеҳсолӣ);

• ҳамкории сармоягузорӣ;

• ҳамкории байналмилалии илмию техникӣ;

• ёрии иқтисодӣ ва техникӣ;

• хамкории пулию молиявӣ.

Савдои байналхалқӣ дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ нақши асосӣ мебозад. Ҳангоми амалӣ намудани савдои байналмилалӣ резидентҳои кишварҳои гуногун: давлатҳо, ширкатҳо ва шахсони ҳуқуқии гуногун, ки шарикони тиҷоратӣ мебошанд, ду гардиши муқобили молу хизматрасонӣ – содирот ва воридотро ташкил медиҳанд.

Чунон ки маълум аст, ҳаҷми умумии содирот ва воридот муомилоти молро ташкил медиҳад ва фарқият баланси савдоро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, ҳаҷми бештари содироти мол нисбат ба воридот ба давлат тавозуни савдои мусбат ва таносуби баръакс – пассивро фароҳам меорад.

Дар сурати мавҷуд набудани монеа барои гардиши мол, давлат ё ширкат ба тиҷорати озод машғул ҳисобида мешавад. Аммо, агар ширкатҳо дар пардохти молу хидматҳои харидааш бо асъори хориҷӣ мушкилот дошта бошанд, онҳо аз муқобили тиҷорат бартарӣ мегиранд ва ё бартерро истифода мебаранд. Агар муомилоти зидди савдо дар асоси дутарафа ё бисёрҷонибаи мубодилаи мол ва хизматрасониро дар назар дошта бошад, бартер бе ягон пардохти пулӣ, бо роҳи иваз кардани баъзе молҳо ба дигараш анҷом дода мешавад.

Бояд гуфт, ки вақтҳои охир хусусияти савдои байналмилалӣ хеле тағйир ёфт - савдои байналхалқии муосир бештар ба мубодилаи молҳои саноатӣ дар асоси тақсимоти технологии меҳнат нигаронида шудааст [4, с. 160].

Ба ҳамкории байналхалқии илмӣ-техникӣ револютсияи ҳозираи илмӣ-техникӣ ва инкишофи минбаъдаи қувваҳои истехсолкунанда, ки боиси боз ҳам бештар ҷорӣ гардидани тақсимоти байналхалқии меҳнат гардид, мусоидат мекунад. Ин боиси хеле вусъат ёфтани мубодилаи илмию техникӣ ва технологии байни мамлакатхо ва боз хам вусъат ёфтани алоқаҳои тиҷоратию иқтисодии байни давлатҳо гардид.

**АДАБИЁТ**


1) К.К. Каримов, "Международное научно-техническое сотрудничество Таджикистана в контексте глобализации", материалы конференции "Интеграционные процессы в современном мире", 2019 г.

2) Г.Р. Рахимова, "Опыт Таджикистана в развитии международного научно-технического сотрудничества", журнал "Наука и образование", 2020 г.

3) Ш.Ш. Шарипова, "Возможности укрепления научно-технического сотрудничества Таджикистана с зарубежными партнерами", конференция "Инновационные технологии в современном образовании", 2018 г.

4) Чезбро, Генри. "Открытая инновация: новая необходимость для создания и извлечения прибыли от технологий." Гарвардский бизнес-пресс, 2003.
5) Лундвалль, Бенгт-Аке. Национальные системы инноваций: к теории инновации и интерактивному обучению. Издательство Пинтер, 1992.

## САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҚТИСОДӢ

Дар ин мақола самтҳои асосии ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ бо назардошти чолишҳо ва имкониятҳои муосир таҳқиқ карда шудаанд. Тамоюлҳои асосии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки ба ташаккули стратегияҳои ҳамкории байни кишварҳо таъсир мерасонанд, баррасӣ мешаванд. Муаллиф шаклҳои гуногуни ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ, интиқоли технологияҳо ва рушди созмонҳои байналмилалии иқтисодиро баррасӣ мекунад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** рушди устувор, ҳамгироии иқтисодӣ, ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ, савдои байналмиллалӣ

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Данная статья исследует основные направления международного экономического сотрудничества с учетом современных вызовов и возможностей. Обсуждаются ключевые тенденции в мировой экономике, влияющие на формирование стратегий сотрудничества между странами. Автор рассматривает различные форматы экономического взаимодействия, включая торговлю, инвестиции, технологические трансферы и развитие международных экономических организаций.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** устойчивое развитие, международная интеграция, международные экономические организации, международная торговля.

## MAIN DIRECTIONS OF INTERNATIONAL ECONOMIC COOPERATION

This article explores the main directions of international economic cooperation, taking into account modern challenges and opportunities. Key trends in the global economy that influence the formation of cooperation strategies between countries are discussed. The author considers various formats of economic interaction, including trade, investment, technology transfers and the development of international economic organizations.

**KEYWORDS:** sustainable development, international integration, international economic organizations, international trade.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадаминзода Исломиддин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию - иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 884 77 01 00.**

**Сведения об авторе:** ***Маьмадаминзода Исломиддин*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 884 77 01 00.**

**Information about the author:** ***Mahmadaminzoda Islomiddin*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 884 77 01 00.**

# МОНЕТАРНАЯ ПОЛИТИКА – ПУТЬ К УСТОЙЧИВОМУ И СБАЛАНСИРОВАННОМУ РАЗВИТИЮ ЭКОНОМИКИ

*Махмадалиева Ш.Р.*
**Российско-Таджикский (Славянский) Университет**

В условиях быстроменяющейся мировой экономики с целью защиты внутренней экономики и уменьшения уязвимости от негативного влияния внешних факторов, возникла необходимость принятия мер для усиления и укрепления механизма реализации денежно-кредитной политики с целью сохранения стабильного уровня инфляции. Но негативные последствия в мире в определенной степени оказывают негативное влияние на процесс своевременного проведения монетарных реформ Национального банка Таджикистана и обеспечения их эффективности.

Независимо от возникших трудностей, Национальный банк Таджикистана, с целью сохранения стабильного уровня цен посредством своих механизмов, инструментов и постепенного перехода к режиму инфляционного таргетирования систематически осуществляет все необходимые меры в пределах своих полномочий. Согласно анализу и оценкам влиятельных международных финансовых и экономических институтов, особенно МВФ и Всемирного банка, продолжение сложной геополитической ситуации, неопределенности и несбалансированности соотношения спроса и предложения на мировых рынках и повышение цен таким образом на продукты питания, горючее, энергоресурсы и существенный рост инфляции в большинстве стран мира, которые привели к реализации жесткой монетарной политики центральными банками, многие финансовые и экономические факторы и риски, особенно существенные инфляционные факторы в 2023 году сохраняются. В частности, по прогнозу МВФ и в последующие годы основной проблемой будет снижение и сохранение стабильности уровня инфляции и инфляционных ожиданий.

Так как негативные последствия пандемии коронавируса (COVID -19) в 2020 году, реализация стимулирующей денежно-кредитной и фискальной политики в течение 2020-2021 годов, а также некоторые военно-политические конфликты повысили инфляционные факторы настолько, что их устранение по базовому сценарию будет продолжаться, как минимум, до конца 2024 года, а по пессимистическому сценарию больше 5 лет.

Согласно оценке указанной организации и исследовательской компании GPMN (Global Projection Model Network) уровень инфляции в мире за сентябрь текущего года составил 8,1 процента, что считается самым высоким показателем за последние 40 лет. Ожидается, что до конца текущего года данный показатель достигнет 8,0 процента. Поскольку повышение уровня цен оказывает негативное влияние на жизненный уровень населения всех стран, Международный валютный фонд в своем отчете предлагает считать основной целью и задачей ответственных органов каждой страны, в том числе центральных банков, предотвращение и сохранение стабильности уровня инфляции.

Безусловно, применение жесткой денежно-кредитной политики центральными банками приведет к спаду мировой экономики, но если не предпринимать своевременные меры по предотвращению инфляционных факторов согласно практике, это еще больше усугубит положение мировой экономики. Поэтому, устранение инфляционных факторов в таких случаях имеет приоритет по сравнению с другими существующими инфляционными факторами. Указанной финансовой организацией отмечено, что для устранения основных инфляционных факторов особое внимание должно уделяться на цены и обеспечение нефтепродуктов, а также продовольственной продукции. Так как продовольственные и нефтепродукты считаются потребительскими продуктами первой необходимости населения, сменить их другими продуктами потребления невозможно.

Следует отметить, что влияние цен в большей степени наблюдается в странах - импортёрах сырья и странах, где велика доля продовольственных продуктов в потребительской корзине. Согласно статистическим данным центральных (национальных) банков в большинстве стран мира в настоящее время наблюдается заметное повышение цен и ожидается, что тенденция их роста продолжится до конца 2023 года. В связи с этим многие центральные (национальные) банки реализуют антиинфляционную монетарную политику.

Так как центральные (национальные) банки развитых стран постепенно повышают процентные ставки (ставки рефинансирования) с целью борьбы с инфляцией, финансовое положение во всем мире, особенно в развивающихся странах, возможно, будет еще хуже. В результате данная ситуация будет оказывать давление на международные резервы каждого государства, вероятно приведет к обесцениванию национальной валюты, увеличению инфляционных давлений, утрате валютных активов и пассивов и наконец, кризису финансовой системы. Эксперты Всемирного банка при оценке рецессии мировой экономики в 2023 году в связи с реализацией жесткой денежно - кредитной политики (повышение процентных ставок) многими центральными (национальными) банками мира, предусматривают вероятность возникновения ряда финансовых кризисов

Всемирный банк в своих отчетах отмечает, что мировые центральные банки в текущем году повысили процентную ставку до такого уровня, что такая тенденция не наблюдалась за последние пятьдесят лет и существует вероятность его продолжения в следующем году. Тем не менее, согласно анализам Всемирного банка по настоящее время повышение процентной ставки центральными (национальными) банками и другие политические меры недостаточны для снижения уровня инфляции. Инвесторы ожидают, что центральные (национальные) банки повысят процентную ставку мировой денежной политики до 2023 года примерно на 4,0 процентного пункта, что больше почти на 2,0 процентного пункта (в среднем) по сравнению с 2021 годом.

Экономика Республики Таджикистан, как неотъемлемая часть мировой экономики, зависит от изменения внешнеэкономической конъюнктуры и остается уязвимой в случае изменения политики иностранных государств, в том числе в случае изменения монетарной политики центральных банков и уровня мировых цен. В связи с этим, Национальный банк Таджикистана, как и влиятельные международные финансовые организации, в 2023 году группирует следующие риски, курсовые и инфляционные факторы:

- спад международной торговли в 2023 году ввиду ожидания высокой инфляции и изменения цепочки поставок;

- вероятность повышения курса доллара США по отношению к валютам других стран, в связи с проведением жесткой монетарной политики центральным банком США. Так как в случае еще большего повышения процентной ставки центральным банком США высока вероятность увеличения курсовых и инфляционных давлений в регионе, особенно в Республике Таджикистан;

- вероятность еще большего усложнения геополитической обстановки, а также продолжение политических конфликтов между различными странами в мире, что послужит причиной еще большего повышения цен на продовольственные продукты, горючее и энергоресурсы;

- возможность экономического спада в мире в связи с проведением жесткой денежно-кредитной политики большинством центральных (национальных) банков;

- уменьшение иностранных капиталовложений в большинстве стран, в основном в развивающихся странах, в связи с нарастанием инфляционных факторов, финансовой и экономической неустойчивостью. В таких случаях возрастает спрос на ценные бумаги стран с высоким кредитным рейтингом;

- повышение цен на продовольственные продукты, горючее и энергоресурсы приведёт к возникновению многих проблем, в том числе к повышению уровня бедности (голода) и иных социальных проблем;

- тенденция автономизации, разделения и группирования экономики стран в связи с глобальной политической нестабильностью усложнит решение проблем на мировом уровне;

- усложнение глобальной финансовой обстановки приведет к вероятному усложнению выплаты государственного долга и привлечения инвестиций;

- предусматривается спад экономики России в 2022–2023 годах и вероятность её подъёма в 2024 году.

В условиях неопределенности мировой экономики и увеличения внешних курсовых и инфляционных факторов, с целью обеспечения стабильности уровня внутренних цен и роста экономики страны, необходимой мерой считается постоянный мониторинг макроэкономических показателей, внешних угрожающих факторов и рисков и своевременное реагирование на их серьёзное изменение. В связи с этим, с учетом потенциальных рисков и инфляционных давлений Национальный банк Таджикистана в рамках своих полномочий в 2023 году и в среднесрочной перспективе направит все свои возможности на достижение основной цели, то есть удержание стабильного уровня внутренних цен в долгосрочном периоде, используя механизмы и инструменты денежно-кредитной политики.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. www.nbt.tj
2.www.medt.tj
3.www.minfin.tj
4.www.stat.tj
5.Закон РТ «О Национальном банке Таджикистана»
6.Закон РТ «О банковской деятельности»
7. Абдулкаримов И.Т. Финансово-экономический анализ хозяйственной деятельности коммерческих организаций (анализ деловой активности): учебное пособие. М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013. – 320с.
8.Банковский менеджмент: под ред. О.И: Лаврушина.– М.: КноРус, 2012. – 560с.
9. Деньги. Кредит. Банки. / Под ред. В.В. Иванова, Б.И. Соколова – М.: «Проспект», «ТК Велби», 2013. — 624 с.
10. Оценка финансовой устойчивости кредитной организации: учебник / коллектив авторов; под ред. О.И. Лаврушина, И.Д. Мамоновой. – 2-е изд., стер. – М.:КНОРУС, 2013. – 304 с.
11. Жуков Е.Ф., Зеленкова Н.М. Деньги. Кредит. Банки. — М.: ЮНИТИДАНА, 2015. — 702 с.

**СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ - РОҲИ РУШДИ УСТУВОР ВА МУТАВОЗИНИ ИҚТИСОДӢ**

Дар мақолаи мазкур мавзуи сиёсати пулию қарзӣ, роҳи рушду устувор ва мутавозини иқтисодӣ мебошад. Муаллиф қайд кардааст, ки дар шароити иқтисоди зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ бо мақсади ҳифзи иқтисоди ватанӣ ва коҳиш додани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои беруна зарурати андешидани тадбирҳо оид ба таҳким и механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳ доштани устувории сатҳи таваррум ба миён омадааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** таваррум, таъсир, механизм, иқтисодӣ, сиёсат.

**МОНЕТАРНАЯ ПОЛИТИКА – ПУТЬ К УСТОЙЧИВОМУ И СБАЛАНСИРОВАННОМУ РАЗВИТИЮ ЭКОНОМИКИ**

В данной статье предметом денежно-кредитной политики является путь устойчивого и сбалансированного экономического развития. Автор отметил, что в условиях быстроменяющейся мировой экономики с целью защиты внутренней экономики и уменьшения уязвимости от негативного влияния внешних факторов, возникла необходимость принятия мер для усиления и укрепления механизма реализации денежно-кредитной политики с целью сохранения стабильного уровня инфляции.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инфляция, влияние, механизм, экономика, политика.

**MONETARY POLICY – THE WAY TO SUSTAINABLE AND BALANCED ECONOMIC DEVELOPMENT**

In this article, the subject of monetary policy is the path to sustainable and balanced economic development. The author noted that in the context of a rapidly changing global economy, in order to protect the domestic economy and reduce vulnerability to the negative impact of external factors, it became necessary to take measures to strengthen and reinforce the mechanism for implementing monetary policy in order to maintain a stable level of inflation.

**KEYWORDS:** inflation, influence, mechanism, economy, policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Махмадалиева Шахноза Рахимджоновна*** - Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ), магистранти курси дуюми факултети иқтисод ва идора. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. М.Турсунзода, 30. Телефон: **+992 907 99 55 00.**

**Сведения об авторе:** ***Махмадалиева Шахноза Рахимджоновна*** - Российско-Таджикский (Славянский) Университет, магистрант второго курса факультета экономики и управления. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. Телефон: **+992 907 99 55 00.**

**Information about the author:** ***Makhmadalieva Shakhnoza Rakhimdzhonovna*** - Russian-Tajik (Slavic) University, second-year master`s student of Faculty of Economics and Management. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30. Phone: +**992 907 99 55 00.**

# ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ТАҒЙИРОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ: ДУРНАМОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Ҳоҷимуродова А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Табиати рушди иқтисодӣ пайваста тағйир ёфта, омилҳои асосиро дар тамоми даври замон иваз мекард. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, индустриализатсия, модернизатсия ва рушди иқтисодӣ рушдро ба вуҷуд овард. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар доираи дигаргунсозии сохторӣ дар заминаи такмили технология рушдро то солҳои 1970 нишон дод. Бӯҳрони нафт ва тағйирёбии иқтисодҳои рӯ ба тараққӣ (либерализатсия) ба иқтисодҳои пешрафта расидагӣ карданд. Сатҳи пасти таваррум ва ноустувории афзоиш аз солҳои 1980-2000 сиёсатмадоронро илҳом бахшид, ки ба муътадилияти бузурги Консенсуси Вашингтон бовар кунанд. Дар оғози ҳазорсола, бо нокомии (инқилоби чоруми саноатӣ), бӯҳрони соли 2008 моро маҷбур кард, ки сиёсати рушдро барои ба ҳадафҳо асосёфта аз нав дида бароем. Технологияи рақамӣ қувваи аввалиндараҷаи саноатӣ буд, ки рушди иқтисодиро дар асри XXI роҳнамоӣ мекард [1].

Ин тадқиқот таъсири ҷаҳонишавӣ ба сатҳи байналмилалии қабули рақамиро таҳқиқ мекунад. Мо омилҳои асосии интиқоли технологияҳои рақамиро меомӯзем, то аҳаммияти глобализатсияро ҳамчун омили паҳншавӣ ошкор созем. Барои ҷудо кардани таъсири ҷаҳонишавӣ, мо маълумоти сатҳи кишварро дар бораи шохиси ҷаҳонишавӣ, шохиси қабули рақамӣ, шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ ва ҳосилнокии умумии омилҳо дар намунаи 183 кишвар бо истифода аз моделсозӣ истифода мебарем. Раванди ҷаҳонишавӣ инноватсияро ба вуҷуд меорад ва интиқоли технологияро метезонад. Мо бо сабаби мавҷудияти маълумот дар бораи қабули технологияи рақамӣ модели панели тасодуфиро истифода мебарем.

Глобализатсия имконияти наверо барои паҳн кардани иттилоот фароҳам меорад, аммо ин кафолат намедиҳад, ки ҳама кишварҳо ва созмонҳо метавонанд манфиат гиранд. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ махсусан озод нестанд.

Моделҳои қабули технологияҳо аз сабаби табиати мураккаби технологияҳои муосири иттилоотӣ зуд тағйир меёбанд. Тавре Straub қайд кард, қабули технология як раванди мураккаби иҷтимоӣ ва рушд аст, ки аз сохтори инфиродӣ вобаста аст. Глобализатсия қабули технологияро тавассути интиқоли донишҳои хориҷӣ беҳтар мекунад ва рақобати байналмилалиро афзоиш медиҳад.

Нақши ҷаҳонишавӣ дар раванди қабули технология беҷавоб боқӣ мемонад ва далелҳои таҷрибавии байналмилалиро аз даст медиҳанд. Глобализатсия барои қабули технологияҳои рақамӣ то чӣ андоза муҳим аст? Он бо дигар равандҳои қабули технология чӣ гуна алоқаманд аст?

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ як шарти зарурӣ (вале кофӣ нест) барои қабули технологияи рақамӣ мебошад. Сатҳи қабули технологияҳои рақамӣ бо сатҳи ҷаҳонишавӣ афзоиш меёбад.

Сиёсати суръат бахшидан ба суръати қабули технологияҳои рақамӣ барои иқтисодиёт бояд ба афзоиши шохиси ҷаҳонишавӣ такя кунад, ки дониш ва паҳншавии рақобатро ба вуҷуд меорад.

Тафовут дар қабули технология боиси тафовути ҳосилнокӣ ва рушди иқтисодӣ мегардад. Маҷмуи назарраси моделҳои омӯзиши адабиёт ва муайянкунандаи қабули технология вуҷуд дорад. Acemoglu, Antràs and Helpman як чаҳорчӯбаи қобили мулоҳизаро барои таҳлили таъсири нопурра будани шартнома ва мукаммали технологӣ ба интихоби технологияи мувозинат таҳия кардаанд. Муаллифон муайян карданд, ки дар он бахшҳое, ки саҳми фосилавии бештар доранд, таъсири нопурра будани шартнома ба қабули технология бештар назаррас аст.

Тадқиқотҳои қаблӣ фарқияти байни қабули истеъмолкунандагон ва фирмаҳоро қайд карданд. Онҳо қабули технологияро ҳамчун амали шахс, тиҷорат ё агенти дигар истифода аз технологияи нав мебинанд. Технология метавонад ба маҳсулот, хидматҳо ё идоракунии нави инқилобӣ дар ин муҳит ишора кунад. Бо истифода аз мисолҳо аз қабули IT, муаллифон нақши хароҷот, бартариятҳо, шабакаҳои коммуникатсионӣ ва омилҳои мураккабро барои татбиқи технологияи нав таъкид карданд. Тадқиқоти Садик нишон дод, ки муассисаҳои солим, ки хароҷоти фарзандхониро коҳиш медиҳанд, бо даромади баланди ҳар сари аҳолӣ алоқамананд. Модел нишон медиҳад, ки хароҷоти умумӣ, яъне хароҷоти нақлиётӣ ва институтсионалии ҷорӣ намудани технология муайян мекунад, ки минтақа саноатӣ шудааст ё не.

Алоқа байни қабули технология ва ҷаҳонишавӣ ба кишваре дахл дорад, ки барои сармоягузории хориҷӣ, воруди ширкатҳо, технология ва интиқоли дониш кушода аст. Страб назарияи қабул ва паҳншавиро баррасӣ кард ва якчанд омилҳоеро пайдо кард, ки ба интихоби шахс технология таъсир мерасонад ё не. Ханна ва Палепу муайян карданд, ки тиҷорати оилавӣ дар ин муҳит ба шаш унсури асосии устувории созмон такя мекунад, то онҳоро ба субот роҳнамоӣ кунад. Аммо, ин бартарият на ҳамеша дар бозорҳои пешрафта инъикос меёбад, ки дар он ҷо эътимод бештар, институтҳо мустаҳкамтар ва рақобат душвортар аст. Омодагии қабули технология дар байни бизнесҳои оилавӣ ва ғайриоилавӣ фарқ мекунад. Таҳқиқоти Сон ва Ҳан саҳми назариявӣ бо нишон додани он, ки омодагӣ ба истифодаи технология ба рафтори корбарон пас аз фарзандхонӣ таъсир мерасонад. Натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як андозагирии омодагии технология ба рафтори корбарон таъсири назаррас дорад. Шахсият ба қабули технология сахт таъсир мерасонад, аммо таъсири иҷтимоӣ низ омили бартарӣ ба назар мерасад. Олешевски, Ренкен ва Мюллер омодагии технология ва таъсири иҷтимоиро дар қабули технологияҳои ҳамкорӣ баррасӣ карданд. Муаллифон таъсири ин омилҳоро ба қабули технология ва таҷдиди онҳо аз пажуҳишҳои анъанавии қабул, ки ба қабули ибтидоии технология тамаркуз кардаанд, баррасӣ карданд. Онҳо қайд карданд, ки таъсири иҷтимоӣ дар заминаи қабули шахсӣ аз технологияҳои ҳамкорӣ, бартарӣ аз омодагии технологӣ ва тадбирҳои анъанавии қабулкунӣ омили бартарӣ мебошад. Фостер ва Розензвейг омилҳоеро омӯхтанд, ки ба қарорҳо оид ба интихоби технология ва тақсимоти воридот таъсир мерасонанд. Ба онҳо даромадҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ аз фарзандхондӣ, омӯзиши иҷтимоӣ, берунии технологӣ, сарфаи миқёс, таҳсилот, маҳдудиятҳои кредитӣ, хавфҳо ва суғуртаи нопурра ва дуршавӣ аз кодексҳои рафтор, ки бо моделҳои оддии оқилона пешбинӣ шудаанд, дохил мешуданд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ василаи коҳиш додани монеаҳои интиқоли технология ва мусоидат ба афзоиши навоварӣ ва маҳсулнокӣ мебошад. Механизми худидоракунии таҳкими ҷаҳонишавӣ ва қабули технологияҳои рақамӣ сиёсатмадорон ва таҷрибаомӯзонро водор мекунад, ки глобализатсияро ҳамчун манбаи рақобат ва ҳамчун муайянкунандаи ҳосилнокӣ баррасӣ кунанд. Глобализатсия мустақиман ба қабули технология таъсир мерасонад, ки инноватсия ва маҳсулнокӣ ва аз ин рӯ, рақобатпазирӣ ва ҷаҳонишавӣ меафзояд.

Кишварҳое, ки мехоҳанд рушди иқтисодиро тавассути афзоиши ҳосилнокии бисёр омилҳо тавассути инноватсия афзоиш диҳанд, бояд ба равандҳои ҷаҳонишавӣ бештар ҷалб шаванд. Ин технология ва интиқоли донишро афзоиш медиҳад, қабули технологияҳои рақамиро афзоиш медиҳад, ҷаҳонишавӣ ва рушдро афзоиш медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Акимов А. В., Яковлев А.И. Общество и технологии в XXI веке: прогнозы и управление развитием в странах Востока и Запада / А.В. Акимов, А.И. Яковлев. - Москва, 2020. – 400 с.
2. Цветкова Н.Н. Развитие цифровой экономики: страны Азии и Африки. Кн.1 / Н.Н. Цветкова. - Москва: ИВ РАН, 2021. – 356 с.
3.Доклад о человеческом развитии 2019. За рамками уровня доходов и средних показателей сегодняшнего дня: неравенство в человеческом развитии в XXI веке. N.Y. 2019. – 368 с.

4. Human Development Report 2020. The next frontier. Human development and the Anthropocene. – N.Y. 2020. – 412 pp.
5. Аграрные проблемы и новые модели экономического развития в странах Востока: Коллективная монография. В 2-х томах. Отв. ред. и сост. И.В. Дерюгина. Институт востоковедения РАН. Москва: ИВРАН, 2021.
6. Нестабильность геостратегического пространства в странах Ближнего, Среднего и Дальнего Востока: актуальные проблемы. Ежегодник 2021 (выпуск VII) / Отв. ред. М. И. Крупянко; Институт востоковедения РАН.
7. Национальная и региональная экономическая безопасность России: учеб. пособие / В.И. Авдийский, В.А. Дадалко, Н.Г. Синявский. Москва: ИНФРА-М, 2017. — 363 с. + Доп. материалы [Электронный ресурс; Режим доступа: http://www.znanium.com]. — (Высшее образование: Бакалавриат). — www.dx.doi.org/10.12737/20529.
8. Шимко, Петр Дмитриевич. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник / П.Д. Шимко; под ред. И.А. Максимцева. Москва: КНОРУС, 2020. — 366 с. — (Бакалавриат и магистратура). ISBN 978-5-406-07653-8
9. Чеботарев, Н. Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник для бакалавров / Н. Ф. Чеботарев. — 2-е изд., стер. — Москва: Издательскоторговая корпорация «Дашков и К°», 2019.
10. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник / В.В. Любецкий. Москва: Инфра-М, 2022. — 350 с. — (Высшее образование: Бакалавриат). — DOI 10.12737/3070. - ISBN 978-5-16-006037-8. - Текст: электронный. - URL: https://znanium.com/catalog/product/1844274 (дата обращения: 20.08.2022). – Режим доступа: по подписке.

## ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ТАҒЙИРОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ: ДУРНАМОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи таъсири ҷаҳонишавӣ ба тағйироти технологияи рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки мо омилҳои асосии интиқоли технологияҳои рақамиро меомӯзем, то аҳаммияти глобализатсияро ҳамчун омили паҳншавӣ ошкор созем. Барои ҷудо кардани таъсири ҷаҳонишавӣ, мо маълумоти сатҳи кишварро дар бораи шохиси ҷаҳонишавӣ, шохиси қабули рақамӣ, шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ ва ҳосилнокии умумии омилҳо дар намунаи 183 кишвар бо истифода аз моделсозӣ истифода мебарем.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷаҳонишавӣ, омил, ҷаҳон, кишвар, технологияи рақамӣ, аҳаммият.

## ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА ИЗМЕНЕНИЯ В ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЯХ: МЕЖДУНАРОДНАЯ ПЕРСПЕКТИВА

В данной статье рассматривается влияние глобализации на изменения в цифровых технологиях. Автор отметил, что мы изучаем основные факторы трансфера цифровых технологий, чтобы выявить значение глобализации как фактора диффузии. Чтобы изолировать влияние глобализации, мы используем данные на уровне страны об индексе глобализации, индексе внедрения цифровых технологий, индексе глобальной конкурентоспособности и общей факторной производительности в выборке из 183 стран с использованием моделирования.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: глобализация, фактор, мир, страна, цифровые технологии, значение.

## THE IMPACT OF GLOBALIZATION ON DIGITAL CHANGE: AN INTERNATIONAL PERSPECTIVE

This article examines the impact of globalization on digital change. The author noted that we examine the main drivers of digital technology transfer to identify the significance of globalization as a diffusion factor. To isolate the impact of globalization, we use country-level data on the globalization index, digital adoption index, global competitiveness index, and total factor productivity in a sample of 183 countries using simulations.

**KEYWORDS:** globalization, factor, world, country, digital technology, significance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳоҷимуродова Анора*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **926327777.**

**Сведения об авторе:** ***Ходжимуродова Анора*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса по специальности мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **926327777.**

**Information about the author:** ***Hojimurodova Anora*** - Tajik National University, second-year master`s student in World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **926327777.**

# ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ИҚТИДОРИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Фаррухӣ Р., Ҳафизов А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сатҳи рушди иқтисодии ҳар як мамлакат, пеш аз ҳама бо сатҳи рушди саноат муайян карда мешавад. Саноат мустақилияти ҳар як давлат, мустақилияти иқтисодӣ ва сиёсии онро муайян мекунад. Онро асосан заминаҳои афзалиятнок ва рушди динамикии саноат муайян мекунад. Аз ин рӯ, саноат соҳаи пешбарандаи хоҷагии халқ ва тамоми иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки бо назардошти нақши ҳар як соҳаи саноат дар иқтисодиёти миллӣ, заминаҳои мушаххаси иқтисодии ба худ хосро дорад.

Дар таҳқиқотҳои худ олимони ватанӣ Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. ва Раҳмонов Ҷ.Р. чунин қайд менамоянд: «Саноат дар низоми комплекси хоҷагии халқи мамлакат яке аз соҳаҳои дорои аҳаммияти стратегии иҷтимоӣ мебошад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки дар қонеъ гардондани талаботи инсон ва ҷамъият дар умум, дар баробари истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, саноат нақши аввалиндараҷаро мебозад» [2, 246].

Ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Абдуллоева Л.И., Фаррухӣ Р. ва Зияева М.Д. «Имрӯз саноатикунонии иқтисодиёт маблағгузории дарозмуддатро тақозо менамояд, ки ба истифодаи иқтидори иқтисодии рушди истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудаанд. Аз ин бармеояд, ки вазифаи афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди истеҳсолоти саноатӣ ин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ҷалби устувори сармоягузорӣ ба соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Соҳибкории истеҳсолӣ, ин ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ буда, ба татбиқи мақсадҳои стратегии рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунад» [1, 159].

Дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими иқтидори иқтисодии бахши хусусӣ дар саноат, баланд бардоштани мавқеи он дар ҳалли мушкилоти шуғл ва бекорӣ, афзоиши даромаднокӣ ва инкишофи хусусиятҳои касбию зеҳнии кормандони соҳа, таҳкими сохтори таркибии истеҳсолот, самаранокгардонидани сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ва такмили механизми дастгирии давлатии ин соҳа мавқеи асосиро ишғол мекунанд [6, 100].

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи сармоягузорӣ ва болоравии истеҳсолоти саноатӣ аҳаммияти хоса дорад. Аз ҳалли ин масъала аз бисёр ҷиҳат самт ва суръати дигаргунсозиҳои ояндаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат ва дар ниҳояти кор рушди иқтидори саноатӣ вобастагӣ дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар бахши саноат, сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рушди минбаъдаи иқтидори саноатӣ ба ҳисоб меравад, ки рушди иқтисодиёти мамлакатро муайян мекунад.

Тоҷикистон дорои захираҳои хеле бойи табиӣ буда, дар нақшаҳои минбаъдаи рушд онҳо бояд ба яке аз соҳаҳои асосии пешрафтаи саноат табдил дода шаванд, ки боиси рушди иқтисодиёти давлат гардад.

Дар рушди иқтидори саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, ки раванди фаъоли ҳамгироии кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ рафта истодааст, нақши омили табиӣ баланд мешавад. Маҳз ҳамин омил бояд қувваи пешбарандаи дигаргунсозиҳои сохторӣ, ташаккулёбии соҳаҳои нави махсусгардонидашуда ва таъмини рушди иқтисодиёт гардад. Бинобар ҳамин баҳодиҳии захираҳои табиии мамлакат яке аз таркибдиҳандаи муҳимми ҳалли муаммоҳои зиёд кардани иқтидори саноатии ҷумҳурӣ мебошад. Захираҳои табиии мамлакатро ҳамчун заминаи ибтидоии рушди истеҳсолот муайян кардан мумкин аст, ки дар асоси он иқтидори саноатӣ баланд шуда, иқтисодиёти миллӣ тараққӣ мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ қайд кардаанд, ки: «… дар сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳаи саноат ба

сифати яке аз омилҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи аҳолӣ бо шуғли доимӣ, сарчашмаи муҳимми даромади буҷети давлат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ эътироф шуда, саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи навбатӣ эълон гардид… Аз ин рӯ, мо дар солҳои минбаъда низ бо роҳи баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисодиёт, саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва инкишофи неруи инсонӣ ба таъмин намудани рушди устувори кишвар ҳамчун вазифаи асосӣ афзалият медиҳем» [8].

Боиси қайд аст, ки «… дар тули 30 соли соҳибистиқлолии кишвар садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бо маблағгузории дохилию хориҷӣ азнавсозӣ, бунёд ва ҷойҳои корӣ барқарор шуданд. Инчунин, бо мамлакатҳои хориҷии дуру наздик вобаста ба таъсиси корхонаҳои нави металлургӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, коркарди металл, саноати кимиёӣ, мошинсозӣ, ангишт ва саноати хӯрокворӣ созишномаҳои зиёди ҳамкорӣ ба имзо расида, амалӣ гашта истодаанд. Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар солҳои охир барои аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат аз тамоми имкониятҳо, аз он ҷумла ҷорӣ намудани имтиёзҳо ба субъектҳои хоҷагидор истифода намуда истодааст» [3, 314].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар қайд намуданд: «… Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд... Зарур аст, ки афзоиши назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд» [4].

Рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бо сатҳи рушди саноат зич алоқаманд буда, саҳми соҳаҳои саноатро дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёт инъикос мекунад. Дар баробари ин, мамлакат бо дарназардошти хусусиятҳои захиравӣ бо равандҳои дигаргунсозӣ ва рушди инноватсионии саноат тавсиф меёбад. Бо ҳамин мақсад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди иқтидори саноатии он ва рушди истеҳсолоти коркард, тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» кор карда баромада, амалӣ гардонида шуда истодааст, ки яке аз мақсадҳои он таъмини рушди устувори соҳаҳои саноати мамлакат мебошад.

Барои ноил гаштан ба самтҳои асосии амалигардонии вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти саноат афзалиятҳои зерин муайян карда шудаанд:

- баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноат;
- афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазиранд;
- ташкили низоми самараноки такрористеҳсоли кадрҳое, ки қобилияти эҷод кардан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ, истеҳсол намудани маҳсулоти инноватсиониро доранд;
- бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва превентивии соҳаҳои саноат, ташкили кластерҳои инноватсионии баландҳосилдиҳанда;
- рушди низоми миллии интихоби воридотивазкунӣ дар асоси коркарди захираҳои маҳаллӣ, пеш аз ҳама дар комплекси агросаноатӣ (коркарди меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), дар комплекси сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ.

Дар баробари ин, барои татбиқи сиёсати саноатӣ аз тарафи давлат як қатор барномаҳо, аз он ҷумла Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2022, Барномаи рушди шоҳибофӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ барномаҳои мазкур барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузоранд. Аз ин лиҳоз, муҳиммияти соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар марҳилаи муосирро хуб дарк намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки «…бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар, солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шуд [9].

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи минбаъда тақвият бахшидан баҳри гузариш ба иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ амалишавии равияҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

– афзоиш додани соҳаҳои саноате, ки дар асоси истифодабарии технологияҳои сатҳи баланди муосир, ки прогресси илмӣ-техникӣ ва инноватсияро муайян месозад, масалан:

– саноати дорусозӣ, авиакайҳонӣ, компютер, таҷҳизоти радиоӣ ва телекоммуникатсионӣ, роботсозӣ, саноати мудофиа ва нанотехнология;

– рушди соҳаҳои саноате, ки воридотивазкунанда ва иқтидори содиротии кишварро мустаҳкам менамояд;

– воридоти техника ва технологияи навъи истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати кишвар;

– афзоиш додан ба ҷалби иқтидори пурраи корхонаҳои саноатӣ дар асоси истифодабарии захираҳо аз сарчашмаҳои маҳаллӣ;

– истифодабарии васеи технологияҳои рақамӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳибтаҷриба дар соҳаи саноат;

– таҳия ва такмили фаъолияти инфрасохтори истеҳсолӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии онҳо.

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар солҳои охир барои аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат аз тамоми имкониятҳо, аз он ҷумла ҷорӣ намудани имтиёзҳо ба субъектҳои хоҷагидор истифода намуда истодааст. Таъмин намудани рушди иқтисодиёти мамлакат ва неру бахшидан ба тараққиёти соҳаи саноат, коркарди маҳсулоти он талаботи бозори дохилию берунӣ ба ҳисоб рафта, дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва саноатӣ иҷрои вазифаҳои хеле муҳимро тақозо менамояд. Чунки аз фаъол будани корхонаҳои истеҳсолӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва баланд бардоштанӣ иқтидори содиротии мамлакат яке аз омилҳои асосии паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки иқтидори саноати мамлакат аз ҳисоби афзалиятҳои муқоисавии он зиёд карда шавад.

Дар айни замон барои рушди раванди саноатикунонии босуръати мамлакат фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди ислоҳоти густурдаи иқтисодӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, диққати асосӣ дода мешавад. Аз нуқтаи назари моҳияти ислоҳоти иқтисодиёт, масъалаи баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам овардааст, ки дар зери таъсири шароити объективии рушди иқтисодиёт ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба соҳаи истеҳсолот бояд маҳз ба манфиати бахшҳои афзалиятнок ва ҷолиби иқтисодиёт равона карда шавад ва яке аз ҳадафҳои асосӣ дар раванди саноатикунонии босуръат хизмат намояд.

Соҳаи саноат нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бартарӣ дорад ва бесабаб нест, ки ҳукумати мамлакат ба ин бахш таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Ин ҳолат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҳукумат роҳи дуруст ва сиёсати асоснокгардидаи саноатикунонии босуръати иқтисодиётро интихоб кардааст.

Сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар раванди саноатикунонии босуръат бояд ҳалли чунин вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

- афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорие, ки иқтидори истеҳсолиро дар асоси заминаи инноватсионӣ ташкил медиҳанд;
- рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат, ки мавқеи рақобатпазирии мамлакатро дар бозори беруна муайян менамоянд;
- ташаккули иқтидори содиротии соҳа, ки ба шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқ шуда метавонад;
- барқарор намудани ротибаҳои ҳамкорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти таъинотӣ ва хусусияти технологидошта.

Барои ба рушди инноватсионии системаи саноатӣ ноил гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки истифода намудани иқтидорҳои саноатии дохилии тамоми кишварро тариқи оқилона ва сарфакорона истифода намудани захираҳои мавҷудбуда шиддат диҳад. Ба ин минвол ва тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар соли 2030-ум ҳаҷми саноат дар сохтори ММД-и кишвар бояд то 21 % афзоиш ёбад. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои миллӣ баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард ва истихроҷи саноатӣ, рақобатпазир гардонидани истеҳсолоти ватанӣ бо истифодаи технологияҳои муосир хело муҳим мебошад.

Иқтидори васеъи тараққиёти соҳаҳои саноати мамлакат бо сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва дараҷаи ворид намудани онҳо ба фаъолияти хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи чунин нишондодҳо дар мамлакат имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд, ки истифодаи амалии он метавонад тараққиёти соҳаҳои саноатро ба сатҳи куллан нав оварда расонад. Сатҳи истифодабарии иқтидори саноатӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои рушди саноатӣ аз ҳисоби васеъшавии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда имкониятҳои калон дорад.

Бинобар ҳамин дар марҳилаи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатии илман асоснокшуда барои минтақаҳо аҳаммияти махсус дорад, ки бояд ба фаъолгардонии ҷараёни тараққиёти ҳама зинаҳои саноат равона карда шаванд. Дар ин ҷода ҳалли мушкилоти муайян намудани иқтидори имкониятҳои соҳаҳои саноат барои фаъолияти муваффақона дар шароити муосир диққати махсусро ба худ ҷалб менамояд. Чунин муносибат ба ташаккулёбӣ ва такомули сиёсати саноатӣ ва дарёфти роҳҳои нави тараққиётро дар ин соҳа муқаррар менамояд. Дар натиҷа нақш ва аҳаммияти таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти муосир ва иқтидори соҳаҳои саноати минтақаҳо, истифодабарии самараноки онҳо афзоиш меёбад, ки аз ҳамаи онҳо пеш аз ҳама мустаҳкамии тараққиёти соҳаҳои саноат дар марҳилаи саноатикунонии босуръати кишвар вобастагӣ доранд.

Ҳамин тавр, қайд кардан мумкин аст, ки соҳаи саноат бевосита соҳаи асосии таъминкунандаи аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсули доимӣ, имконияти хуб дар самти баланд бардоштани ҳам даромади буҷети давлат, ҳам даромади аҳолии кишвар, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, механизми таъмини гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, таҳкурсии асосӣ барои гузаштан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, рушди неруи инсонӣ мебошад. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои саноатӣ, ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо чораҳое мебошанд, ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолии саноат оварда мерасонад. Истифодабарии ҳадди аксари иқтидори истеҳсолӣ дар саноат дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат унсури асосии рушди иқтисодии устувор ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоева, Л.И. Развитие производственного предпринимательства в условиях ускоренной индустриализации Республики Таджикистан / Л.И.Абдуллоева, Р. Фаррухи., М.Д.Зияева // Вестник Таджикского государственного университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. - №10. – Часть 1. – С.159-165.

2. Комилов, С.Дж. Управление развитием инновационных процессов на промышленных предприятиях / С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев, Дж.Р. Рахмонов. - Душанбе, 2020. - 246 с.
3. Муртазоев О.Қ. Истиқлолият – заминаи саноатикунонии босуръати кишвар. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. № 2 (41). С. 312-317.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj
6. Раҳмонов Ҷ.Р., Фаррухӣ Р., Юсупов И.Н. Арзёбии иқтисодии рушди саноати миллӣ дар давраи истиқлолият. Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. №8. - С. 100-110.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 37 с.
8. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ 8.09.2021, шаҳри Душанбе.
9. https://www.imruz.tj/tj/tajikistan/24076/.

## ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ИҚТИДОРИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саноат ҳамчун соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқ асоси инкишофи иқтидори иқтисодии мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир муайян намудани захираҳои рушди саноат яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ғайр аз ин, тараққиёти муътадили иқтисодиёти мамлакат талаб мекунад, ки дар ояндаи наздик ба рушди саноат бештар диққат дода шавад. Дар мақола нақши саноат дар афзоиши иктидори саноатии мамлакат дида баромада шудааст. Қайд карда мешавад, ки консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии таҳия кардашуда ҳамчун заминаҳои рушди иқтидори саноатии мамлакат баромад мекунанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** саноат, иқтидори саноатӣ, сиёсати саноатӣ, сиёсати сармоягузорӣ, саноатикунонии босуръат, рушди инноватсионӣ, иқтисоди миллӣ.

## ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Промышленность как важнейшая отрасль национальной экономики является основой развития экономического потенциала страны. В связи с этим в современных условиях выявление резервов развития промышленности является одной из главных стратегических целей, стоящих перед Правительством Республики Таджикистан. Кроме того, стабильное развитие экономики страны в ближайшем будущем требует уделять больше внимания развитию промышленности. В статье рассматривается роль промышленности в увеличении промышленного потенциала страны. Отмечается, что разработанные государственные концепции, программы и стратегии выступают предпосылками развития промышленного потенциала страны.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** промышленность, промышленный потенциал, промышленная политика, инвестиционная политика, ускоренная индустриализация, инновационное развитие, национальная экономика.

## THE BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL POTENTIAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Industry, as the most important sector of the national economy, is the basis for the development of the country's economic potential. In this regard, in modern conditions, identifying reserves for industrial development is one of the main strategic goals facing the Government of the Republic of Tajikistan. In addition, the stable development of the country's economy in the near future requires paying more attention to industrial development. The article examines the role of industry in increasing the country's industrial potential. It is noted that the developed government concepts, programs and strategies are prerequisites for the development of the country’s industrial potential.

**KEYWORDS:** industry, industrial potential, industrial policy, investment policy, accelerated industrialization, innovative development, national economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Фаррухӣ Раҳимбердӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмхои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **ffarruhruz@maul.ru.** Телефон: **(+992) 938-80-86-82**
***Ҳафизов Акбар*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистрант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **900002344.**

**Сведения об авторах:** ***Фаррухи Рахимберди*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ffarruhruz@maul.ru**. Телефон: **(+992) 938808682**
***Хафизов Акбар*** **-** Таджикский национальный университет, магистрант. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900002344.**

**Information about the authors:** ***Farrukhi Rahimberdi*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ffarruhruz@maul.ru.** Phone: **(+992) 938808682**
**Khafizov Akbar** - Tajik National University, master`s student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **900002344.**

# СУЩНОСТЬ АНАЛИЗА ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ КОМПАНИИ

***Джураева Г.***
**Российско-Таджикский (Славянский) Университет**

Как известно, финансовая устойчивость характеризуется составом и структурой источников финансирования деятельности предприятия. В научной литературе под финансовой устойчивостью понимается один из показателей, который отражает баланс денежных (финансовых) потоков, необходимые для продолжения текущей деятельности компании.

Также, под финансовой устойчивостью можно понимать характеристику стабильности финансового положения компании, обеспечиваемой высокой долей собственного капитала в общей сумме финансовых источников.

Цель анализа финансовой устойчивости заключается в правильном понимании рационального управления средствами компании. Низкая финансовая устойчивость организации является причиной неплатежеспособности предприятия. Иначе говоря, организация не в силах производить расчеты с поставщиками, контрагентами, кредитными учреждениями и с другими юридическими лицами.

Переизбыток лишних средств также вредит компании. Далее, выделим основные задачи финансовой устойчивости организации: расчет показателей и объективная диагностика финансового состояния; разработка рекомендаций по улучшению состояния компании, ее финансовой устойчивости; прогнозирование. Базой для анализа финансовой устойчивости организации является бухгалтерская (финансовая) отчетность. А именно, фундаментом для анализа компании являются бухгалтерский баланс и приложение к нему, отчет о финансовых результатах, отчет об изменении капитала и отчет о движении денежных средств.

Показатели финансовой устойчивости в научной литературе подразделяют на две группы: – абсолютные; – относительные. К абсолютным показателям относятся финансовые запасы и источники финансирования. Запасы могут пополняться благодаря оборотным средствам и кредитам организации. Относительные показатели финансовой устойчивости — это основа определения финансовой устойчивости. К ним относятся коэффициенты финансовой независимости, финансового рычага, обеспеченности собственными средствами и ряд других финансовых показателей.

При проведении анализа финансовой устойчивости компания заинтересована, прежде всего, в том, кому будут адресованы результаты оценки финансовой устойчивости предприятия. По этому поводу можно выделить две группы пользователей, заинтересованных в финансовой устойчивости организации: внешних и внутренних.

Внешние пользователи представляют собой следующий перечень лиц: государство, поставщики, контрагенты, инвесторы и кредитные учреждения. Прежде всего, их интересует степень платежеспособности компании. Соответственно, к внутренним пользователям относятся само предприятие, заинтересованное, прежде всего, в сохранении платежеспособности на годы вперед.

При проведении анализа финансовой устойчивости должен быть соблюден ряд аналитических процедур. Рассмотрим их наиболее подробно. Вначале анализа финансовой устойчивости организации необходимо описать состав и структуру активов. В том числе необходимо рассмотреть источники их формирования. На данном этапе проведения анализа большую роль играет оценка рациональности количества собственного и заемного капитала.

Следующее, что необходимо проанализировать это обеспеченность организации запасами. Данный показатель характеризует платежеспособность компании, или же наоборот — неплатежеспособность. Наличие источников запасов можно определить путем расчета таких показателей как оборотные средства, собственные или долгосрочные источники запасов и затрат,

а также общая величина запасов и затрат компании. Завершающим этапом процедур финансово устойчивости является расчет и анализ относительных показателей.

Как было сказано выше, относительные показатели — это основа определения устойчивости. К ним относятся коэффициенты финансовой независимости, финансового рычага, обеспеченности собственными средствами и ряд других показателей. Анализ относительных показателей определяет финансовую устойчивость как отношение абсолютных показателей. На данном этапе компания отслеживает динамику изменения коэффициентов в течение нескольких лет.

На финансовую устойчивость влияет множество внутренних и внешних факторов. К внутренним факторам относят: – положение компании на рынке, ее отраслевая принадлежность; – величина издержек производства; – размер уставного капитала; – эффективность совершения финансовых операций; – уровень подготовки финансовых менеджеров компании и другие внутренние факторы.

К внешним факторам можно отнести следующие факторы: – инфляция; – изменение налоговой системы; – экономическая и финансово-кредитная политика государства; – колебание валютных курсов; – конкуренция; – сезонность поступления денежных потоков и другие внешнеэкономические факторы.


**ЛИТЕРАТУРА**

1) Анализ финансового состояния коммерческой организации: учеб. — метод. пособие / Н. В. Некрылова, А. В. Понукалин, Т. Е. Кузнецова, Л. А. Петрова. — Пенза: Изд-во ПГУ, 2017. — с. 100. Режим доступа: https://elib.pnzgu.ru/files/eb/dM5zvFHs6vW.pdf
2) Данилова Н. Л. Сущность и проблемы анализа финансовой устойчивости коммерческого предприятия // Концепт (научно-методический журнал) — 2017. — № 02. — Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/suschnost-i-problemy-analiza-finansovoy-ustoychivosti-kommercheskogo-predpriyatiya/viewer
3) Анализ финансовой устойчивости [Электронный ресурс] URL: https://blog.likecentre.ru/finansy/analiz-finansovoj-ustojchivosti/
4) Сущность финансовой устойчивости и ее основные факторы [Электронный ресурс] URL: https://novainfo.ru/article/10914


## МОҲИЯТИ ТАҲЛИЛИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ ШИРКАТ


Дар мақолаи мазкур мавзуи моҳияти таҳлили устувории молиявии ширкат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки устувории молиявӣ бо таркиб ва сохтори манбаъҳои маблағгузории фаъолияти корхона тавсиф мешавад. Дар адабиёти илмӣ суботи молиявӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳое фаҳмида мешавад, ки тавозуни гардиши пули накдро (молиявиро) инъикос мекунад, ки барои идомаи фаъолияти ҷории ширкат заруранд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** моҳият, устувории молиявӣ, ширкат, адабиёти илмӣ.


## СУЩНОСТЬ АНАЛИЗА ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ КОМПАНИИ


В данной статье обсуждается тема сущности анализа финансовой устойчивости компании. Автор отмечает, что финансовая устойчивость характеризуется составом и структурой источников финансирования деятельности предприятия. В научной литературе под финансовой устойчивостью понимается один из показателей, который отражает баланс денежных (финансовых) потоков, необходимые для продолжения текущей деятельности компании.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** сущность, финансовая устойчивость, компания, научная литература.


## ESSENCE OF ANALYSIS OF FINANCIAL STABILITY OF A COMPANY


This article discusses the essence of analysis of financial stability of a company. The author notes that financial stability is characterized by the composition and structure of sources of financing of the enterprise's activities. In scientific literature, financial stability is understood as one of the indicators that reflects the balance of cash (financial) flows necessary to continue the current activities of the company.



**KEYWORDS:** essence, financial stability, company, scientific literature.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷураева Гулчаҳон Абдувосидовна*** – Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети иқтисод ва идора. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. М. Турсунзода, 30. Телефон: **933559781.**

**Сведения об авторе:** ***Джураева Гулджахон Абдувосидовна*** **–** Российско-Таджикский (Славянский) Университет, магистрант второго курса факультета экономики и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, у. Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **933559781.**

**Information about the author:** ***Juraeva Guljakhon Abduvosidovna*** – Russian-Tajik (Slavonic) University, second-year master's student of the Faculty of Economics and Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade st., 30. Phone: **933559781.**

# МЕСТО И РОЛЬ КИТАЙСКИХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Норинов А.*
**Таджикский национальный университет**

Инвестиции как экономическая категория выполняют ряд важных функций, без которых невозможно развитие экономики. Они предопределяют рост экономики, повышают ее производственный потенциал. На макро-уровне инвестиции являются основой для осуществления политики расширенного воспроизводства, ускорения научно-технического прогресса, улучшения качества и обеспечения конкурентоспособности отечественной продукции, структурной перестройки экономики и сбалансированного развития всех, ее отраслей, создания необходимой сырьевой базы промышленности, развития социальной сферы, решения проблем обороноспособности страны и ее безопасности, проблем безработицы и охраны окружающей среды и т. д.

Важную роль играют инвестиции и на микро-уровне. Они необходимы для обеспечения нормального функционирования предприятия, стабильного финансового состояния и максимизации прибыли хозяйствующего субъекта. Без инвестиций невозможны обеспечение конкурентоспособности выпускаемых товаров и оказываемых услуг, преодоление последствий морального и физического износа основных фондов, приобретение ценных бумаг и вложение средств в активы других предприятий, проведение природоохранных мероприятий и т. д.

Одним из лидеров по объёму инвестиций в экономику Таджикистана начиная с 2006 г. является Китайская Народная Республика в стратегические инфраструктурные энергетические, транспортно-коммуникационные и горнорудные проекты Таджикистана. Постепенно развивается контакты между предприятиями, китайские компании начали активно осваивать рынки Таджикистана. В настоящее время, множество мощных китайских предприятий развивают свой бизнес в Таджикистане. Китайские инвестиции вкладываются во все приоритетные отрасли социально-экономического развития Таджикистана. В Таджикистане отмечается достаточно интенсивный рост накопленных прямых иностранных инвестиций.

Можно выделить ряд наиболее перспективных направлений сотрудничества Таджикистана и Китая:

- расширение и углубление сотрудничества в сельском хозяйстве, обеспечение продовольственной безопасности двух стран на основе прямых связей:

- развитие системы организации хранения, складирования и транспортировки фруктов и овощей;

- развитие сельскохозяйственных технологий в контексте адаптации производств к изменению климата; - переработка фруктов и овощей в северных и южных районах республики на базе малых цехов мощностью до 500 кг/час., стоимостью не более 100 тыс. долл;

- производство ветеринарных препаратов; - строительство сахарного завода в Хатлонской области;

- в области топливно-энергетического комплекса:

- осуществление сотрудничества в области использования солнечной энергии, разработки энергосберегающих технологий;

- проектная поддержка линии электропередачи 500 кВТ Север - Юг (Худжанд – Датка) на 400 тыс. долл. США;

- в области транспортной инфраструктуры:

- строительство железнодорожных сообщений Душанбе - Ош - Кашгар на сумму 1,5 млрд. долл. США;

- в области промышленных инвестиций: создание совместных предприятий по производству товаров народного потребления (фарфоровых, фаянсовых и ювелирных изделий, переработка кожи и изделий из нее, мыла и т.д.);

- усиление сотрудничества в области промышленной кооперации и организации производственных кластеров в обрабатывающем секторе, развитие соответствующих отраслей на основе производственных кластеров, способствование формированию промышленных кластеров;

- участие в реализации региональных проектов в рамках развития свободных экономических зон и формировании региональных технологических центров/ парков.

Китай участвует в реализации более 50 инвестиционных проектов приоритетных отраслей таджикской экономики и инфраструктурных объектов. Среди них проекты реконструкции и строительства автодорог, мостов, туннелей, которые помогают высокогорной стране воссоединить в единые целые регионы Таджикистана, обеспечив круглогодичное движение автомобильного и пассажирского транспорта. А участие восточного соседа в создании единой энергетической системы республики – это значимый вклад КНР в решении стратегических целей по обеспечению энергетической независимости и выходу страны из коммуникационного тупика.

При этом китайские инвестиции в общем объеме прямых иностранных инвестиций составляют 34,4 %. К 2021 году накопленный приток прямых иностранных инвестиций в Таджикистан из Китая составил более 1,3 млрд. долларов США и по данному показателю Китай лидирует среди основных стран-инвесторов. (Диаграмма 1)

**Страновая структура накопленных объёмов прямых иностранных инвестиций в Республику Таджикистан к 2021 году, % (Диаграмма 1)**




В Таджикистане создан благоприятный инвестиционный климат для иностранных инвесторов, налоговые льготы и преференции. В 2016 г. принят закон РТ «Об инвестициях» в новой редакции, в 2015 г. - закон РТ «О Международном коммерческом арбитраже». Это будет содействовать эффективному разрешению международных коммерческих споров.

КНР участвует в реконструкции и модернизации государственных телекоммуникационных систем Таджикистана. Устойчивую нишу в телекоммуникационном рынке страны занимают совместные таджикско-китайские предприятия ТК Mobile и M-Teko. На рынке Таджикистана активно присутствуют китайские производители телекоммуникационного оборудования - ZTE и Huawei Technologies Co. Ltd. В Таджикистане созданы 5 свободных экономических зон (СЭЗ )

«Дангара», «Пяндж», «Сугд», «Ишкашим», «Куляб». В развитии СЭЗ большую активность проявляют китайские инвесторы. КНР активно вкладывает средства для создания производственных и логистических центров на территории в СЭЗ «Дангара» и «Пяндж», (Южный Таджикистан) где ими реализуются проекты по созданию предприятий по переработке нефтепродуктов, хлопка-волокна, стройматериалов, коконов кожи и шерсти, переработки фруктов и овощей на базе местного сырья и местных трудовых ресурсов. В СЭЗ «Дангара» предприниматели провинции Гансу намерены построить ряд заводов по производству металлоконструкций, производству лекарственных препаратов, используя в качестве сырья лечебные травы и растения. На территории Таджикистана произрастают более 5 тысяч лекарственных трав и растений. Совместно с китайскими партнерами начато строительство крупного нефтеперерабатывающего завода с производственной мощностью 1,2 млн. тонн сырой нефти. Китайские инвесторы планируют построить предприятие по переработке кожи и шерсти в СЭЗ «Пяндж». Реализация проекта составляет $1 млн. 50 тыс. Китайские инвесторы также планируют вложить $150 млн. в реализацию трех проектов в СЭЗ «Пяндж» - двух промышленных предприятий и создания логистического центра. Также китайские инвесторы намереваются построить два предприятия по производству стекла и кафеля 15 млн. кв. м стекла в год. На другом предприятии планируется производить 3 млн. кв.м. кафеля в год. Размер китайских инвестиций составит $96 млн. В марте 2016 г. началась реализация проекта по строительству цементного завода в СЭЗ «Дангара» мощностью 1,2 млн. тонн цемента в год. Также достигнута договоренность о строительстве предприятия по производству минеральных удобрений между министерством промышленности и новых технологий РТ и компанией «Синцянь Жонтай Синылу Нонией Инвест» (КНР), мощностью 300 тыс. тонн минеральных удобрений и 150 тыс. тонн фосфора в год.

Следует отметить, что на таджикский рынок вышел не только мелкий и средний торговый китайский бизнес, но и крупные промышленные компании. В настоящее время в Таджикистане работают более 20 крупных китайских компаний: «Сино Хайдро», China Road - дорожное строительство и Китайская генеральная железнодорожная инженерная компания, ZTE, Huawei, ТВЕАстроительство ЛЭП, ZiJin Group горная добычаи др. Возможности этих предприятий позволяют осваивать крупные объемы инвестиций в современные промышленные технологии, обладающие конкурентоспособным потенциалом по добыче и переработке драгоценных и цветных металлов, золота, алюминия, а также в текстильной отрасли телекоммуникаций и строительстве с охватом всех стадий технологического производства. Китай инвестирует в горнодобывающие производства, цементные заводы и текстильные производства. Одним из примеров прямых инвестиционных вложений является - таджикско-китайское золотодобывающее предприятие «Зарафшон». В 2007-м году 75 % акций этого предприятия приобрела у британской компании Common wealth and British Minerals, PLC китайская компания Zi jin Mining Group Co., Ltd. (до этого предприятие было совместным с британской компанией, где британцы имели долю в 51%, а правительство Таджикистана – 49 %). В феврале 2018 года китайская компания передала правительству Таджикистана 5 % своей доли в уставном капитале СП «Зарафшон» за 1 доллар. Теперь доля Таджикистана в уставном капитале СП «Зарафшон» составляет 30 % уставного капитала, а китайской компании Zi jin Mining - 70 %. В апреле 2018 года китайской компании Tebian Electric Apparatus Stock Co., Ltd. (TBEA) была предоставлена лицензия на разработку золоторудного месторождения «Верхний Кумарг» (Айнинский район, Согдийская область) в Таджикистане. По предварительным оценкам, золотой запас этого месторождения составляет 50 тонн. По данным, полученным еще в советский период, в этих местах можно добывать 2 грамма золота на тонну руды. Энергетическая компания TBEA известна в Таджикистане тем, что успешно осуществила проект строительства высоковольтных линий электропередачи (ЛЭП), соединивших разрозненные энергетические сети Согдийской области с центральными районами страны.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Уразов А. Шанхайская Организация Сотрудничество / А. Уразов. - Алма-Аты 2017

Таджикистан –Китай, Сборник основных документов (1992-2022) Пекин 2022
2. Гельбрас, В. Г. Российско-китайские отношения в ШОС и проблемы глобализации // Восток. 2019. Научная библиотека диссертаций и авторефератов.
3. Быков А.И. Роль и место России в развитии экономического сотрудничества ШОС: статья // Экономические науки. – 2018.
4. Современное состояние и перспективы развития экономического сотрудничества в ШОС. Экономическая библиотека.-2018
5. Шмелев Ю.В. История развития ШОС / Ю.В. Шмелев. - 2020

## МАҚОМ ВА НАҚШИ САРМОЯҲОИ ЧИН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ин мақола ба мавқеи сармоягузории Чин дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки ба бозори Тоҷикистон на танҳо корхонаҳои тиҷоратии Чин, балки ширкатҳои бузурги саноатӣ низ ворид шудаанд. Дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон беш аз 20 ширкати бузурги чинӣ фаъолият доранд, ба монанди: «Сино Хайдро», China Road сохтмони роҳҳо ва компанияи генералии хитойии роҳҳои оҳан, ZTE, Huawei, TBEA ЛЭП, ZiJin Group коркарди кӯҳӣ ва ғайра. Иқтидори ин корхонаҳо имкон медиҳад, ки ба технологияҳои муосири саноатӣ, ки иқтидори рақобатпазир барои истихроҷ ва коркарди металлҳои қиматбаҳо ва ранга, тилло, алюминий, инчунин дар саноати нассоҷӣ, телекоммуникатсия ва сохтмон доранд, ҳаҷми бузурги сармоягузорӣ аз худ карда шавад ва тамоми давраҳои истеҳсолоти технологиро дарбар гирад

**КАЛИДВОЖАҲО:** сармоягузорӣ, иқтисодиёти миллӣ, ширкатҳои бузурги саноатӣ, технологияҳои муосири саноатӣ, саноати нассоҷӣ, металҳои қиматбаҳо ва ранга, марҳилаҳои истеҳсоли технологӣ.

## МЕСТО И РОЛЬ КИТАЙСКИХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена месту китайских инвестиций в национальную экономику Республики Таджикистан. Следует отметить, что на таджикский рынок вышел не только средний торговый китайский бизнес, но и крупные промышленные компании. В настоящее время в Таджикистане работают более 20 крупных китайских компаний: «Сино Хайдро», China Road дорожное строительство и Китайская генеральная железнодорожная инженерная компания, ZTE, Huawei, TBEA ЛЭП, ZiJin Group горная добычаи др. Возможности этих предприятий позволяют осваивать крупные объемы инвестиций в современные промышленные технологии, обладающие конкурентоспособным потенциалом по добыче и переработке драгоценных и цветных металлов, золота, алюминия, а также в текстильной отрасли, телекоммуникаций и строительстве с охватом всех стадий технологического производства.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инвестиции, национальная экономика, крупные промышленные компании, современные промышленные технологии, текстильная отрасль, драгоценные и цветные металлы, стадии технологического производства.

## PLACE AND ROLE OF CHINESE INVESTMENTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the place of Chinese investment in the national economy of the Republic of Tajikistan. It should be noted that not only medium-sized Chinese trading businesses, but also large industrial companies have entered the Tajik market. Currently, more than 20 large Chinese companies operate in Tajikistan: Sino Hydro, China Road Road Construction and China Railway General Engineering Company, ZTE, Huawei, TBEA Power Line, ZiJin Group Mining etc. The capabilities of these enterprises make it possible to develop large volumes of investment in modern industrial technologies that have competitive potential for the extraction and processing of precious and non-ferrous metals, gold, aluminum, as well as in the textile industry, telecommunications and construction, covering all stages of technological production.

**KEYWORDS:** investments, national economy, large industrial companies, modern industrial technologies, textile industry, precious and non-ferrous metals, stages of technological production.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Норинов Азизҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **941000002.**

**Сведения об авторе:** ***Норинов Азизджон*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса специальности мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **941000002.**

**Information about the author:** ***Norinov Azizjon*** – Tajik National University, second-year master`s student of the specialty of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **941000002.**

# ҲУҚУҚ – ПРАВО

## СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

***Бобониёзов С.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Субъектҳои ҳуқуқи муаллифиро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:
- ✓ муаллиф;
- ✓ вориси ҳуқуқ;
- ✓ истифодабарандаи ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф.

Дар назарияи ҳуқуқи муаллифии шуравӣ субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи муаллифиро ба аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа тасниф менамуданд. Субъектҳои аввалиндараҷа ҳуқуқҳои муаллифиро дар натиҷаи офаридани асар пайдо мекунанд. Вале назари мазкур мухолифони худро низ дорад.

Муаллифи асар субъекти муҳим ва фаъоли ҳуқуқи муаллифӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф шахси воқеие мебошад, ки асар дар натиҷаи меҳнати эҷодии ӯ офарида шудааст. Муаллиф будани шахси воқеӣ бо омили зери номи муаллиф дар нусхаи асари интишорёфта, дар дастхат ё дар асли асари санъат тасдиқ мегардад.

Меҳнати эҷодӣ маҳаки асосӣ ва муайянкунандаи муаллиф будани шахси воқеӣ мебошад. Бинобар ин, шахсоне, ки дар ҷараёни офаридани асар саҳми молиявӣ, ташкилӣ, техикӣ мегузоранд, муаллиф намебошанд. Ҳолати ҳуқуқии муаллиф, аз лаҳзаи дар шакли объективӣ қобили дарк баён гардидани натиҷаи эҷодии ноилшуда, ки заминаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ба миён меояд.

Эҷодиёт ҳамчун ҷараёни зеҳнӣ аз табаъият, ҳатто аз сину сол ва ҳолати ҷисмонию рӯҳӣ вобаста нест. Аз ин лиҳоз, ҳамчун қоидаи умумӣ, офаридгори асар ҳама гуна шахсони воқеӣ, новобаста аз шаҳрвандӣ, синну сол, ҳолати ҷисмонию руҳӣ буда метавонанд. Қоидаи мазкур тасдиқи худро дар м. 19-уми КГ меёбад, ки имконияти соҳиби ҳуқуқҳои муаллифӣ буданро ба мазмуни қобилияти ҳуқукдории шаҳрванд вобаста. менамояд. Қобилияти ҳуқукдории шаҳрванд бошад аз шаҳрвандӣ, синну сол ва ҳолати саломатӣ вобаста намебошад. Сабаби чунин ҳолати дар КГ муқарраргардида дар он аст, ки офаридани асаф кирдори ҳуқуқӣ буда ва аҳди гражданӣ-ҳуқуқӣ намебошад. Бинобар ин, ки кирдорҳои ҳуқуқиро шахсони ғайриқобили амал низ содир карда метавонанд. Ҳуқуқҳои муаллифӣ новобаста аз синну сол ва ҳолати қобилияти амалкунӣ, ба шахсони воқеӣ баробар тааллуқ доранд.

Дар фарқият аз қоидаҳои барои соҳибии ҳуқуқи муаллифӣ муқарраргардида, ҳангоми ба амал баровардани ҳуқуқҳои мазкур, синну сол ва қобилияти амалкунӣ аҳаммият доранд. Ҳуқуқҳои муаллифии хурдсолон ва шаҳрвандони ғайриқобили амалро, аз номи онҳо волидайн ва ё дигар намояндаи қонунии онҳо ба амал мебароранд (м. 29-30 КГ). Ноболиғони синни аз 14 то 18 сола ҳуқуқҳои муаллифии худро мустақилона ба амал мебароранд (м. 27 КГ). Шаҳрвандони қобилияти амалкуниашон маҳдудшуда ҳуқуқҳои муаллифии худро бо розигии парастор ба амал мебароранд (м. 31 КГ).

Аз муқарраротн қонуни ҳуқуқи муаллиф бармеояд, ки шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои оммавӣ, бахусус давлат муаллиф буда наметавонанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин мавқеъ дар қонунгузории шӯравӣ, алалхусус то қабули Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо инкор гардида, ҳуқуқи муаллифии шахсони ҳуқуқӣ ба баъзе намудҳои асарҳо, алалхусус, маҷмуаҳо, кинофилмҳо ва нашрияҳои даврӣ эътироф гардида буданд.

Дар қонуни ҳуқуқи муаллиф, пайравии қонунгузор ба назарияи ҷаҳонии ҳуқуқи муаллифӣ мушоҳида мегардад. Шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои муаллифии муайянро бо тартиби ворисӣ, тибқи шартнома ё қонун ба даст оварда метавонанд.

Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шахсони бетабаа низ дар қаламрави ҶТ бо риояи қоидаҳои муайян субъекти ҳуқуқи муаллифӣ буда метавонанд. Дар фарқият аз асарҳои шаҳрвандони ҶТ, ки новобаста аз ҷойи интишори асар ё мавҷудияти онҳо мавриди ҳимоя қарор доранд, асарҳои муаллифони хориҷӣ ва шахсони бетабаъият бо шартҳои зерин ҳимоя мегарданд:

✓ асари онҳо дар қаламрави ҶТ интишор шудааст ё дар ин ё он шакли объективӣ вуҷуд дорад;

✓ мутобиқи шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ҳимоя мегарданд.

Қонуни ҳуқуқи муаллиф мураттибони асарҳои таркибӣ, тарҷумонҳо ва офарандагони дигар асарҳои маҳсулиро низ ҳамчун муаллиф эътироф менамоянд, лекин дар фарқият аз муаллифият ба асарҳои анъанавӣ, муаллифияти офарандагони асарҳои таркибӣ ва маҳсулӣ ба шарти риояи ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои аслӣ вобаста аст.

Таърихи илм, адабиёт ва санъат асарҳоеро медонад, ки маҳсули меҳнати эҷодии якчанд муаллифон мебошанд. Чунин асарҳо реҷаи махсуси ҳаммуаллифиро ба вуҷуд меоранд. Ҳуқуқи муаллифӣ ба асаре, ки маҳсули эҷодии ду ва ё зиёда шахсон мебошанд (ҳаммуаллифӣ), сарфи назар аз он, ки асари мазкур як ҷузъи томи тақсимнопазир аст ва ё аз қисмҳои ҷудогонаи дорои аҳаммияти мустақил таркиб ёфтааст, муштаракан ба ҳамаи муаллифони он тааллуқ доранд.

Аз моҳияти қонуни ҳуқуқи муаллиф як қатор шартҳои ба вуҷуд омадани ҳаммуаллифиро муайян намудан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, ҳаммуаллифӣ ба шарти дар натиҷаи меҳнати эҷодии муштараки якчанд шахс офарида шудани асари дастаҷамъонаи ягона ба вуҷуд меояд. Асаре дастаҷамъонаи ягона маҳсуб меёбад, ки ҷудонашавандаи томро мемонад.

Агар қисмҳои асар аҳаммияти мустақилро доро буда, истифодаи он новобаста аз қисмҳои дигари асар имконпазир бошад, барои ба вуҷуд омадани ҳаммуаллифӣ ба чунин асар, алоқаи шакли дохилӣ ва мазмуни он, ки боиси аз ҷониби омма ҳамчун асари ягона қабул гардидани он мегардад, ба инобат гирифта мешавад. Яъне, ихтисор намудан ё тағйир додани ин ё он қисми асари дастаҷамъона бояд боиси тағйирёбии қисмҳои дигари асар ё ғайриимкон гардидани истифодаи асар ҳамчун ягонаи том гардад. Масалан, китоби дарсии ҳуқуқи граждании бе боби ҳуқуқи ашёӣ асари пурра маҳсуб намегардад. Аз ин лиҳоз, натиҷаи муттаҳиднамоии оддии механикии асарҳои муаллифони алоҳида, асари дастаҷамъонаи ягонаро ба вуҷуд намеорад.

Ҳамчунин, мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017, таҳти №1414 агар тағйиру иловаҳои ба санади меъёрии ҳуқуқӣ воридшаванда аз нисфи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) зиёд бошанд ва ё онро душворфаҳм гардонанд, санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) дар таҳрири нав баён карда мешавад [2, м.56].

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720 бинобар сабабҳои номбаргардида наметавонист дигар дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тавri бояду шояд нақш гузорад.

Аз ин рӯ, Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гузашти 25 сол санаи 13 ноябри соли 2023, таҳти №1999 дар таҳрири нав қабул гардид. Кодекси нави амалкунандаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршор аз меъёрҳои нав ва навгониҳо мебошад. Нахуст тағйирот ва ё навгонӣ дар сохтори Кодекси нави фазои ҳавоӣ мебошад, ки онро метавон чунин тасвир намуд:

| **Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720** | **Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №1999** |
|---|---|
| Аз 18 боб ва 130 модда | Аз 15 боб ва 118 модда |
| Боби 8. Аэродромҳо, фурудгоҳҳо ва иншооти системаи ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ (м. 43-53);<br>Боби 9. Корхонаҳои авиатсионӣ (м. 54-58);<br>Боби 10. Парвози ҳавопаймоҳо (м. 59-71);<br>Боби 11. Парвози байналмилалии ҳавопаймоҳо (м. 72-75);<br>Боби 12. Бехатарии авиатсия (м. 76-78);<br>Боби 13. Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳӣ (м. 79-87);<br>Боби 14. Таҳқиқи ҳодиса ё воқеаи авиатсионӣ (м. 88-92);<br>Боби 15. Ҳамлу нақли ҳавоӣ (м. 93-106);<br>Боби 16. Корҳои авиатсионӣ (м. 107-108); | Боби 6. Киштиҳои ҳавоӣ (м. 45-58);<br>Боби 7. Мутахассисони авиатсионӣ (м. 59-63);<br>Боби 8. Парвозҳои байналмилалии киштиҳои ҳавоӣ (м. 64-67);<br>Боби 9. Низоми иҷозатдиҳӣ дар соҳаи авиатсия (м. 68-75);<br>Боби 10. Бехатарии авиатсионӣ (м. 76- 77);<br>Боби 11. Расонидани кумак ба киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда (м. 78-84);<br>Боби 12. Таҳқиқи фалокат ё ҳодисаи авиатсионӣ (м. 85-90);<br>Боби 13. Интиқоли ҳавоӣ (м. 91-101);<br>Боби 14. Асосҳои умумии масъулияти иштирокчиёни интиқоли ҳавоӣ (м. 102-115); |

***Тасвири 1. Тафовути сохтории Кодекси фазои ҳавоии ҶТ аз 13.11.1998, №720 ва Кодекси фазои ҳавоии ҶТ аз 13.11.2023, №1999.***

Номи моддаи 1 Кодекси нави фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "Истиқлолияти фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба "Соҳибихтиёрӣ нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон" табдил ёфтааст, ки мутобиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии комил ва истисноиро нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон доро мебошад [1, м.1]. Ҳамчунин, дар моддаи 3 шарҳи мафҳумҳои асосии соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ, аниқтараш истилоҳҳои авиатсиониро пешбинӣ кардааст, ки дар кодекси қаблии соли 1998 ин гуна тафсири истилоҳо ҷой надошт. Мафҳумҳои асосӣ оғоз аз шарҳи истилоҳи аэродром то шарҳи истилоҳи худи фазои ҳавоӣ ва хизматрасониҳои ҳаракати ҳавоӣ дар умум шарҳи 48 мафҳумро дар бар гирифтааст [1, м.3].

Дар моддаи 6, ки "Танзими давлатии истифодаи фазои ҳавоӣ" ном дорад, шумораи мақомоти танзимкунандаи соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ нисбат ба кодекси қаблӣ аз ду ба се адад зиёд гардидааст, яъне ба ғайр аз мақоми ваколатдори соҳаи авиатсияи давлатӣ ва гражданӣ, комиссияи байниидоравӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, ки танзими умумии

фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоиро ба амал мебарорад, пешбинӣ намудааст [1, м.6].

Ҳамчунин, дар моддаҳои 7, 8 ва 9 Кодекси нави амалкунанда салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ва граждан ӣ ба таври фарох дарҷ гардидаанд.

Дар Кодекси нави фазои ҳавоӣ боби 3-юм ба масъалаи таъмини бехатарии парвозҳо бахшида шудааст, ки сарчашмаи худро аз Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарии парвозҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мегирад [1, б.3].

Дар моддаи 15 Принсипҳои асосии истифодаи фазои ҳавоиро бо шумори 11 принсип пешбинӣ намудааст, ки аз ҷумлаи принсипҳои аҳаммияти фазои ҳавоӣ ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон; муносибат ба истифодаи фазои ҳавоӣ ҳамчун объекти моликияти давлатӣ; истифодаи мақсадноки фазои ҳавоӣ барои эҳтиёҷоти давлат ва аҳолӣ; коҳиш додан ва пешгирӣ намудани ифлосшавии фазои ҳавоӣ; иштироки тарафҳои манфиатдор дар омода ва қабул намудани қарорҳо оид ба истифодаи захираҳои фазои ҳавоӣ; дастрасии баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи истифодаи фазои ҳавоӣ; истифодаи оқилона ва самараноки фазои ҳавоӣ; ҳифзи фазои ҳавоӣ; роҳ надодан ба таъсири аз меъёр зиёд ба муҳити зист ҳангоми истифодаи фазои ҳавоӣ ва ҷуброни хароҷоти зарари расонидашуда ба ҳолати фазои ҳавоиро дар бар мегирад [1, м.15].

Дар моддаҳои 22-26 намудҳои пешниҳоди хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ барои ҳамаи истифодабарандагони фазои ҳавоӣ ҷой дода шудаанд.

Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоӣ намудҳои авиатсияро ба 3 намуд: авиатсияи давлатӣ, гражданӣ ва таҷрибавӣ тақсим намудааст, ки кодекси қаблӣ авиатсияи таҷрибавиро пешбинӣ накарда буд. Авиатсияи таҷрибавӣ авиатсияе, ки барои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ, озмоишӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин озмоиши техникаи авиатсионӣ ва таҷҳизоти дигар истифода мешавад.

Моддаи 49-и Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоӣ нисбат ба кодекси қаблӣ номгӯйи ҳуҷҷатҳои киштии ҳавоиро фарохтар номбар кардааст, ки ҳангоми иҷрои парвозҳо бояд дар дохили киштии ҳавоии гражданӣ мавҷуд бошанд. Шумораи чунин ҳуҷҷатҳоро 10 адад муқаррар намудааст, ки ҳуҷҷатҳои ба монанди шаҳодатнома (сертификат) оид ба сатҳи садо, иҷозат барои таҷҳизоти радиои дохилӣ ва полисҳо (сертификатҳои) суғуртавӣ (нусхаҳо) дар қатори ҳуҷҷатҳо дар кодекси қаблӣ пешбинӣ нагардида буданд [1, м.49].

Дар Кодекси нави амалкунанда боби нави алоҳида ба мутахассисони авиатсионӣ бахшида шудааст, ки чунин боб дар кодекси қаблӣ мавҷуд набуд. Дар кодекси соли 1998 боби дигар бо номи ҳайати ҳавопаймоҳо мавҷуд буд. Баъзе меъёрҳои боби 9 Кодекси фазои ҳавоии соли 1998, ки корхонаҳои авиатсионӣ ном дошт, дар Кодекси нави фазоии ҳавоӣ дар боби 5 муқаррар шудаанд.

Дар Кодекси нави амалкунанда ба масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ дар соҳаи авиатсия боби алоҳида бахшида шудааст, ки аз сертификатсия дар соҳаи авиатсия то бекор ё маҳдуд намудани амали шаҳодатнома (сертификат) ва назорати мутобиқатии дорандагони шаҳодатнома (сертификатҳо)-ро дар бар мегирад.

Боби 13 кодекси қаблӣ, ки "Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳӣ" ном дошт [3, б.13], дар кодекси амалкунанда ба боби 11 "Расонидани кумак ба киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда" мубаддал гардид.

Боби 15 Кодекси фазои ҳавоии соли 1998, ки "Ҳамлу нақли ҳавоӣ" ном дошт, дар Кодекси нави амалкунандаи соли 2023 ба боби 13 табдил ёфта, номи "Интиқоли ҳавоӣ"-ро гирифт. Дар ҳамин боб, яъне дар моддаи 91 намудҳои интиқолоти ҳавоӣ дар шаклҳои зерин таснифбандӣ гардидаанд [1, м.91]:

1) аз рӯйи намуди алоқа: дохилӣ ва байналмилалӣ;
2) аз рӯйи объектҳои интиқол: мусофирон, бағоҷ, бор ва почта;
3) аз рӯйи хусусияти муносибатҳо: тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
4) аз рӯйи хусусияти парвозҳо: мунтазам, номунтазам, фармоишӣ;
5) корҳои авиатсионӣ.

Моддаи 93 Кодекси нави фазои ҳавоӣ дар умум ба шартномаи интиқоли ҳавоӣ бахшида шудааст, ки шартномаи интиқоли фармоишӣ ва ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷ, бор ва муросилотро дар бар мегирад. Вале дар кодекси аз эътибор соқитшуда ба шартномаи чартер моддаи алоҳида, моддаи 97 "Шартномаи кирояи ҳавопаймо (чартери ҳавоӣ)" бахшида шуда буд [3, м.97]. Дар кодекси нави амалкунанда моддаҳои умумӣ ба масъалаҳо вобаста ба шартномаҳои интиқоли ҳавоӣ ҷой дорад, ки намудҳои дигар шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи чартер (интиқоли фармоишӣ)-ро низ дар бар мегирад.

Дар моддаҳои 94 ва 95 Кодекси фазои ҳавоии амалкунанда назар ба кодекси қаблӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои мусофирон ва интиқолдиҳанда васеътар пешбинӣ гардидаанд.

Дар кодекси қаблӣ ба масъалаи корҳои авиатсионӣ боби алоҳида бахшида шуда буд, аммо дар кодекси амалкунанда ба ин масъала як модда, моддаи 101 муқаррар гардидааст.

Навгонии дигаре, ки дар Кодекси фазои ҳавоии амалкунанда дида мешавад, он аст, ки дар моддаи 109 "Оғози ҷараёни мӯҳлати даъво" интиқолдиҳанда уҳдадор аст дар муддати 15 рӯзи пас аз санаи воридшавии иддао онро баррасӣ намуда, ба боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда дар бораи қонеъ гардондан ё рад кардани иддао дар шакли хаттӣ хабар диҳад [1, м.109]. Дар кодекси қаблии соли 1998 мӯҳлати 30 рӯзаи баррасии иддао пешбинӣ гардида буд [3, м.121].

Дар таҳлили мазкур тавонистем танҳо навгониҳои асосии Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №1999 дар тафовут аз кодекси қаблии аз эътибор соқитшуда баён намоем.

Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиеро ба танзим медарорад, ки ҳангоми истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар рафти амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи авиатсия ба вуҷуд меоянд.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №1999, 15 боб ва 118 модда;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017, №1414, 12 боб ва 96 модда;
3. Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720, 18 боб ва 130 модда.


## НАВГОНИҲО ДАР ТАҲРИРИ НАВИ КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба таҳлили меъёрҳои нави ҳуқуқии Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №1999 бахшида шудааст. Навгониҳои кодекси мазкур таҳлил гардида, муаллиф бо истифода аз методи муқоисаи ҳуқуқӣ меъёрҳои нав ва шабеҳи кодекси амалкунандаро бо кодекси аз эътибор соқитшуда таҳлил ва шарҳу тавзеҳ намудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили навгониҳои Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки чунин таҳлил ва возеҳ намудани меъёрҳои нав ба муҳассилин ва олимону муҳаққиқони риштаи ҳуқуқшиносӣ дар таҳсилу таҳқиқотҳо ва ба кормандони амалӣ дар татбиқи меъёрҳову муқаррароти кодекси болозикр дар таҷриба мусоидати ҳамаҷониба менамояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** навгонӣ, кодекс, санади меъёрии ҳуқуқӣ, қонун, тафовут, муқаррарот.


## НОВОВВЕДЕНИЯ В НОВОЙ РЕДАКЦИИ ВОЗДУШНОГО КОДЕКСА РУСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Данная статья посвящена анализу новых правовых норм Воздушного кодекса Республики Таджикистан от 13 ноября 2023 года, №1999. Проанализированы нововведения данного кодекса, а автор с помощью метода юридического сравнения проанализировал и разъяснил новые и схожие нормы действующего кодекса с отмененным кодексом. В результате анализа нововведений Воздушного кодекса Республики Таджикистан автор пришел к выводу, что такой анализ и разъяснение новых норм оказывает всестороннее содействие студентам, учёным-правоведам и исследователям в их обучении и исследовании, а также практическим работникам в реализации и применении норм и положений вышеуказанного кодекса на практике.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** новизна, кодекс, нормативно-правовой акт, закон, дифференциация, положение.


## NOVELTIES IN THE NEW EDITION OF AIR CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article is devoted to the analysis of new legal norms of the Air Code of the Republic of Tajikistan dated November 13, 2023, No.1999. The novelties of this code are analyzed, and the author, using the legal comparison method, analyzed and explained new and similar norms of the current code with repealed code. As a result of the analysis of the novelty of the Air Code of the Republic of Tajikistan, the author made conclusion that such analyze and explanation of the new legal

norms assist students, law scientists and researchers in their studies and research, as well as practitioners in the implementation and enforcement of the norms and provisions of the above mentioned code on practice.

**KEYWORDS:** novelty, code, legal act, law, differentiation, provision.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Забиров Шорух Фаррухович*** – Донишгои миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети уқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумурии Тоҷикистон, шари Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987593424.** E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Забиров Шохрух Фаррухович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987593424.** E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Zabirov Shohrukh Farrukhovich*** – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 987593424.**E-mail: **shohrukhzabirov@gmail.com**

# АҲАММИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Алиева И.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Конститутсия дар илми ҳуқуқшиносӣ ба маънои Қонуни асосии давлат фаҳмида мешавад, ки дар он мувофиқи иродаю манфиатҳои неруҳои сиёсии дар ҷамъият ҳукмрон асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори давлатӣ ва маъмурию ҳудудӣ, сохтори ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, тартиби таъсис, шаклҳои фаъолият ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, муқаррар ва танзим карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ срчашмаи асосии қудрат ва ҳокимияти давлатӣ буда, конститутсия онро дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ расмӣ менамояд.

Конститутсия ҳуҷҷати таърихии хислати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта маҳсуб меёбад. Дар шакл ва мазмуни ҳозира Конститутсия қариб 230 сол инҷониб амал карда истодааст. Дар Рими Қадим истилоҳи Конститутсияи маълум буд, аммо бо номи «санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқии шоҳон» фаҳмида мешуд. Ин санадҳо вобаста ба муносибатҳои ба сохтори давлатӣ алоқаманд, тартиби ворисии тахти шоҳӣ, тарзи идоракунии давлат ва дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ қабул карда мешуданд.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин Конститутсия бо мазмуни муқарраркунӣ дар даврони буржуазия ба вуҷуд омадааст. Аввалин Конститутсияҳо дар қитъаи Аврупо қабул карда шудаанд. Аввалин Конститутсия дар ИМА соли 1787 қабул гардид, баъдан соли 1789 мавриди амал қарор дода шуд. Соли 1791 дар Полша ва баъдан дар Фаронса Конститутсияҳо қабул карда шудаанд.

Конститутсияҳо дар шакли навишташуда ва нонавишта амал менамоянд. Бо баъзе сабабҳои таърихӣ баъзе давлатҳое ҳастанд, ки дар онҳо Конститутсияҳои нонавишта амал менамоянд.

Ин давлатҳо ба монанди Англия, Шветсия, Зеландияи Нав, Исроил, Норвегия ва баъзе давлатҳои дигар амал менамоянд. Дар ин давлатҳо албатта бо мазмуни васеъ конститутсия вуҷуд дорад ва таъсири он ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат калон аст. Онҳо дар шакли маҷмуӣ қонунҳои конститутсионӣ масъалаҳои муҳимтарини сохтори ҷамъиятӣ ва давлатиро ба танзим медароранд ва ҳар яке ҷудо амал менамоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади волои ҳуқуқӣ, танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дорои накши басо муҳим дар таҳкими қонуният ва сулҳу субот маҳсуб мегардад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афкори пешқадами сиёсию ҳуқуқии ҷаҳониро дар бар гирифта, тавсифҳои моҳиятии давлат ва самти инкишофи ҷомеаро муайян менамояд.

Аз ҷумла, бори аввал дар зинаи конститутсионӣ принсипи «таҷзияи ҳокимият» мустаҳкам гардид. Ҳоло татбиқи ин қоида дар тарҳбандии конститутсионии сохторҳои ҳокимиятӣ чун омили зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд эътироф меёбад. Назарияи таҷзияи ҳокимият неруи бузурги ташкилию ҳуқуқӣ дошта, татбиқи он на фақат тафриқаи функсионалии идораи корҳои давлатӣ, балки созмон ва инкишофи сохторҳои мушаххаси давлатиеро тақозо менамояд, ки ба шохаҳои гуногун мутааллиқ буда, дар маҷмуъ чунин низоми ягонаи амалисозии ҳокимияти давлатӣ баромад менамоянд.

***Эътибори олии ҳуқуқии Конститутсия.*** Усули волоияти Конститутсия якумин бор ба сифати яке аз асосҳои сохтори конститутсионии ҷумҳурӣ муқаррар қарда шудааст. Мувофиқи он Конститутсия эътибори олӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳое, ки хилофи Конститутсия мебошанд, қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Меъёрҳои Конститутсия новобаста ба он ки дар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ танзим ёфтаанд ё не мустақиман амал мекунанд. Бинобар ин, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, қи меъёрҳои конститутсияро сарфи назар намояд ва аз иҷрои он саркашӣ кунад.

Ҳеҷ ягон мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шаҳрванд ва иттиҳодияҳои онҳо берун аз талаботи Конститутсия амал карда наметавонанд. Санадҳои мақомоти давлатӣ, барномаю оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ҳолати ба Конститутсия хилоф будан, аз лаҳзаи қабулашон ғайриконститутсионианд ва қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки тибқи Конститутсия қабул гардиданд, барои риоя ва иҷро ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҳамон қонун ва санадҳои ҳуқуқие ҳатмианд, ки расман интишор гардидаанд, қонун ва санадҳои ҳуқуқии расман интишор нагардида набояд татбиқ шаванд.

Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ соҳаи намоён дар низоми соҳаҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ буда, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мустаҳкам менамояд. Дар зери мафҳуми умумии асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ бошад, соҳибихтиёрии халқ ва давлат, таркиби марзию маъмурии Тоҷикистон, таркиби сохти ҷамъият ва усулҳои ташкили ҳаёти ҷамъият, асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, усулҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти он, мавқеи конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон ва санадҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон фаҳмида мешавад. Донистани доираи муносибатҳои ҷамъиятии номбаршуда барои муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқие, ки бо маҷмуаи худ ба ҳуқуқи конситутсионӣ дахл дошта, дар маҷмуъ ҳуқуқи конститутсиониро ташкил менамоянд, ёрӣ мерасонад.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ муносибатҳои вобаста ба ташкили мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроияи давлатӣ, низоми онҳо, салоҳияти онҳо, муносибатҳои байни онҳо ва мақомоти дигари давлатиро ба танзим андохта, бо ҳамин низоми ҳокимиятдории халқро муқаррар менамояд. Ҳуқуқи конститутсионӣ муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки дар рафти ташкил ва гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Президент пайдо мешаванд, оид ба ташкил ва гузаронидани интихобот дар байни мақомоти давлатӣ, хусусан, Маҷлисҳои маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон муносибатҳои мураккаби ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ ба танзим меандозанд ва бо ҳамин иштироки шаҳрвандонро дар ҳокимиятдории халқ муқаррар менамоянд.

Ба ҳамин тариқ, ҳуқуқи конститутсиони Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиеро мустаҳкам намуда, ба танзим меандозад, ки асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ, асосҳои ҳокимиятдории халқ ва муносибатҳои ҷамъиятии дар рафти ба амал баровардани ҳокимияти давлатии ба ӯ тааллуқдошта бавуҷудояндаро ташкил менамоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби дувуми худро пурра ба ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшидааст. Боби мазкур 34 моддаро дар бар мегирад, ки аксарияти кулли онҳо дар бораи ҳуқуқу озодиҳои муайян меъёр муқаррар намудаанд.

Низоми ягонаи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосиро дар заминаҳои гуногун ба гурӯҳҳои муайян ҷудо кардан мумкин аст. Таснифи илмии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ бо мақсади ҳарчи амиқтар омухтани онҳо, муайян кардани алоқамандии онҳо бо ин ё он соҳаи ҳаёти инсон ва шаҳрванд гузаронида мешавад. Тасниф яке аз тарзҳои таҳлил ва хулосабарорӣ оид ба ин ё он зуҳурот мебошад.

Ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро мувофиқи Конститутсияи Тоҷикистон ба тариқи зерин тасниф намудан мумкин аст:

1) ҳуқуқу озодиҳои фардӣ;

2) ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ;

3) ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.

Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номгӯйи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ оғоз меёбад. Хусусияти хоси ҳуқуқу озодиҳои фардие, ки дар Конститутсия танзим ёфтаанд, иборат аз он аст, ки аксари онҳо ба шахс, яъне ба ҳар як инсон таъин шуда, ба шаҳрвандӣ вобаста нестанд. Онҳо ба ҳар кас аз рӯзи тавлидёбӣ тааллуқ дошта, таҷовузнопазиранд. Гурӯҳи мазкур ҳуқуқу озодиҳоеро фаро гирифтааст, ки барои ҳифзи ҳаёт, озодӣ, қадру номус, шаъну шарафи инсон ва дигар ҳуқуқҳои фитрӣ, ки ба ҳаёти шахсӣ-хусусии ӯ алоқаманд мебошанд, таъин гардидаанд.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ мавқеи махсус доранд. Дар муқоиса ба дигар гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ асосан барои шаҳрвандони Ҷумҳурӣ таъин гардидаанд. Барои субъекти аксари ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ гардидан, тааллуқ доштан ба шаҳрвандии Тоҷикистон яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Масалан, аз панҷ моддаи Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои сиёсиро муқаррар менамоянд, фақат яке аз онҳо (моддаи 30) барои шахс таъин гардидааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бо сохтори давлатӣ, ташкили мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон, моҳияти идораи давлатӣ ва сохтори ҷомеа алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ аксаран ба шаҳрвандон дастрас буда, хориҷиён ва шахсони шаҳрвандӣ надошта фақат аз баъзеи онҳо истифода бурда метавонанд.

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд, ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фардӣ қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд буда, ҳуқуқи инкорнашавандаи онҳо мебошад. Хусусияти хоси давлати демократии муқаррар кардани низоми ҳуқуқу озодиҳои сиёсие, ки иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат таъмин менамоянд, мебошад.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гурӯҳи иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро соҳиб аст. Он чунин самтҳои муҳимми ҳаёти инсонро ба монади моликиятдорӣ ва меросгузории он, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, истироҳат, саломатӣ, таҳсилро дар бар гирифта, ба таъмини эҳтиёҷоти моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавии шахс равона карда шудааст.

Сиёсати ҳуқуқии мамлакат баъди қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ – бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ сараввал дар Конститутсия пешбинӣ гардидааст, ки ин аҳаммияти муҳим доштани Конститутсияи замони истиқлолиятро гувоҳ медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016.
2. Зойиров Р., Хакимов Ш. Эволюция Констиутуции как Основного
Закона (историко-теоретические и сравнительно-правовие исслеования) / Р. Зойиров, Ш. Хакимов. – Душанбе,2004.
3. Имомов А.И. Ҳуқуқи констиутусинои Ҷумҳурии Тоҷикистон. А.И. Имомов. - Душанбе, 2012.
4. Имомов А. Мақомоти ҳокимяти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Имомов. - Душанбе. 2007
5. Монтескье Ш. Избранные произведения / Ш. Монтескье. –М., 1955.
6. Ойев Х. Хидмати давлатӣ / Х. Ойев. - Душанбе. 2003.
7. Ойев Х. Ҳокимияти иҷроия: тамоили инкишоф ва вазифаҳо // Давлат ва ҳуқуқ. №3, 2002.
8. Ойев Х. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташакулёбии ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон. Маводҳои конфренсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи: «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар дарони истиқлолияти Тоҷикистон». Душанбе 29.10.2014
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2006.
10. Раззоқов Б.Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа / Б.Ҳ. Раззоқов. - Душанбе, 1997.


## АҲАММИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳим мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Конститутсия дар замони муосир аҳаммияти басо муҳимро дар низоми давлатдорӣ ба худ касб кардааст. Конститутсияи муқарраркунандаи асосҳои сохтори давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, тамоми қонунҳо аз он сарчашма мегиранд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: Конститутсия, мақомоти давлатӣ, сохт, муқаррарот, санади волои ҳуқуқӣ, нақши конститутсияи замони муосир.


## РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ


В данной статье рассматривается один из важных исследуемых теоретических и практических вопросов. В современное время Конституция приобрела очень важную роль в государственном устройстве. Конституция считается основой государственного устройства и все законы вытекают из нее.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: Конституция, государственные органы, структура, нормативные акты, высший правовой документ, роль конституции в современное время.

## THE SIGNIFICANCE OF THE CONSTITUTION IN MODERN TIMES

This article examines one of the important theoretical and practical issues under study. In modern times, the Constitution has acquired a very important role in government. The Constitution is considered the basis of government and all laws flow from it.

**KEYWORDS:** constitution, government bodies, structure, regulations, supreme legal document, role of the constitution in modern times.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиева Иқлима Абдулхайровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети уқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумурии Тоҷикистон, шари Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Алиева Иклима Абдулхайровна*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Alieva Iqlima Abdulkhairovna*** – Tajik National University, second-year master’s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАФҲУМ ВА МАҚСАДИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛ БУДАНИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

*Абдурашиди А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқшиноси тоинқилобӣ И.Я. Фойнитский дар яке аз аввалин корҳои худ оид ба мурофиаи ҷиноятӣ ба андешае меояд ки: "Барои бартараф кардан ё ҳадди ақал кам кардани хатари гумроҳ кардани ҳокимияти судӣ, хеле муҳим аст, ки дар асоси фаъолияти судӣ воситаҳои қатъии боваркунонии суд ҷойгир карда шаванд. Далелҳои беэътимод метавонанд судро ба роҳи бардурӯғ равона кунанд, ки дар натиҷа ба баровардани хулосаҳои нодуруст анҷом меёбад" [1, с. 253]. Тавре ки мебинем, аллакай дар ибтидои асри XX олимондар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи он, ки ҳангоми адолати судӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ кадом далелҳоро истифода бурдан мумкин аст, баррасӣ мекарданд.

Дар мурофиаи ҷиноятии муосир "эътимоднокии" далелҳо ҳамчун набудани шубҳа дар тарафи моҳияти он фаҳмида мешавад, ки дар асл дурустии далелро дар назар дорад. Аммо, гарави эътимоднокӣ ё дурустии оянда аз риояи дақиқи талаботҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда ба иштирокчиён, субъектҳои гирифтани маълумот ва усулҳои гирифтани он, инчунин усулҳои сабти он иборат аст, ки шакли мурофиавии далелро ташкил медиҳад. Маҷмуи чунин талабот хосияти қобили қабулро ташкил медиҳад. Қобили қабул ин шакли қобили қабулро, ягонагии шакл ва моҳиятӣ далелро ифода мекунад [2, с. 312].

Зарурати шакли мурофиавии далел аз раванди мураккаби ташаккули он вобаста аст. Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки далелҳо худ аз худ вуҷуд надоранд. Тавре ки С. А. Шейфер дуруст қайд кардааст: "раванди ташаккули далел инъикоси бисёркаратаи ҳодисае, ки мавзуи тадқиқотро ташкил медиҳад, тавсиф карда мешавад. Дар аввал он дар муҳити атроф инъикос ёфта, пайҳои моддӣ ва пайҳои идеалии худро дар шуури одамоне, ки дар маводи парванда объективӣ карда мешаванд, ба маънои мурофиавӣ ба далелҳо табдил меёбанд [3, с. 17].

Аён аст, ки бо чунин "инъикоси" такрории ҳодиса, хатари таҳрифи маълумоти ибтидоӣ хеле баланд аст. Маҳз дар робита ба чунин раванди мураккаб қонунгузор шакли мурофиавии далелро муқаррар кард, ки дар сурати риояи талаботи он таҳрифи маълумоти ибтидоӣ вуҷуд надорад ё ба ҳадди ақал оварда мешавад.

Мафҳуми "Қобили қабули далелҳо" чӣ маъно дорад? Дар аввал мо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки меъёрҳои қобили қабул будани далелҳоро дар бар мегиранд, муроҷиат мекунем. Мо ин масъаларо дар мисоли Тоҷикистон дар сарсухан тадқиқ намуда, таҷрибаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Федератсияи Россия, ки барои мо наздик аст, тадқиқ менамоем. Ҳамин тавр, қисми 2 моддаи 50 Конститутсия Федератсияи Россия пешбинӣ менамояд, ки "ҳангоми татбиқи адолат истифодаи далелҳои бо вайрон кардани қонуни федералӣ гирифташуда иҷозат дода намешавад". Ҳолати мазкур дар қонуни асосии мурофиавии ҷиноятӣ низ такрор карда мешавад, аз ин рӯ, тибқи қисми 1 моддаи 75 КМҶ ФР: "далелҳое, ки бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур ба даст оварда шудаанд, ғайриқобили қабул мебошанд. Далелҳои ғайриқобили қабул эътибори ҳуқуқӣ надоранд ва наметавонанд ба асоси айбдоркунӣ гузошта шаванд ва инчунин барои исботи ҳама гуна ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 73 ҳамин Кодекс истифода шаванд.

Тавре ки мебинем, дар фарқият аз қонунгузории Тоҷикистон қонунгузории Федератсияи Россия мафҳуми қонунии қобили қабул будани далелҳоро мустаҳкам накардааст. Дар қонунгузорӣ муқаррарот дар бораи арзиши хосияти иҷозатдодашуда, меъёрҳои муайян кардани он мавҷуд нестанд. Ҳолатҳои зикршуда ба фаҳмиши гуногуни қобили қабул будани далелҳо мусоидат кардаанд, ки таҷрибаи судӣ аз он шаҳодат медиҳад.

Ҳолатҳое ҳастанд, ки як суд далелро ғайриқобили қабул эътироф мекунад ва онро истисно мекунад ва дигаре далелро бо сабаби номуносиб будани вайронкунӣ қобили қабул

эътироф мекунад, дар ҳоле ки вайронкунии қонун бояд якхела арзебӣ карда шавад. Ҳамин тавр, дар парвандаи ҷиноятии №25100, ки аз ҷониби Суди Олии ФР баррасӣ мешавад, адвокат дархост кард, ки протоколи пешниҳод барои шиносоӣ аз рӯйи акси Л. аз маводи парванда хориҷ карда шавад, зеро ҷабрдида ҳам пеш аз пешниҳод барои шиносоӣ ва ҳам бевосита пас аз гузаронидани он дар бораи аломатҳо ва хусусиятҳое, ки ҷабрдида айбдоршавандаро муайян кардааст, пурсида нашудааст, ки ин дар асоси вайрон кардани талаботи меъёри қисми 2 модда 193 КМҶ ФР ба даст оварда шудааст.

Аммо судяи Суди Олии ФР дархости дар боло зикршударо рад кард. Дар айни замон, тибқи парвандаи дигари ҷиноятӣ, судяи суди ноҳияи Атяшевкий ФР дархости эълоншудаи адвокатро қонеъ кард, ки аз рӯи моҳияти худ ба дархости дар парвандаи ҷиноятии пештар зикршудаи № 25100 мавҷудбуда якхела буд. Дархости адвокат дар бораи ҳамон вайронкунии меъёрҳои КМҶ ФР ишора карда буд, аммо протоколи пешниҳод барои шиносоии шахс аз рӯйи акс аз ҷониби судя ҳамчун далели ғайриқобили қабул хориҷ карда шуд [4, с. 101].

Ҳамин тариқ, омӯзиши мафҳуми қобили қабул будани далелҳо на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Мувофиқи маънои калимаи “Қобили қабул” маънои имконпазир, иҷозатдодашуда, иҷозатро дорад [5, с. 229]. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ бисёр мафҳумҳои гуногуни қобили қабул будани далелҳо мавҷуданд. Чанде аз онҳоро мисол миёрем.

*Ба андешаи профессор З.Х.Искандаров Қоидаи қобили қабул будани далел.* Мафҳуми далел дар - КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шуда (м. 72 КМҶ ҶГ), маълумотҳое, ки чун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода карда мешаванд, бояд ба талаботи нишонаҳои мафҳуми мазкур ҷавобгӯй бошанд, вагарна онҳо чун далел қобили қабул нестанд. Аз ин рӯ, Кодексн нави мурофиаи ҷиноятии ҶТ қоидаи қабулияти далелро дар қ. 3 м. 88 мухтасар чунин ба танзим даровардааст: «Далел қобили қабул эътироф карда мешавад, агяр он бо тартиби дар Кодекси мазкур пешбинишуда ба даст оварда шуда бошад». Қоидаи мазкур талаб менамояд, ки маълумотн воқеӣ мувофиқи тартиботи муайяннамудан КМҶ ҷамоварӣ шуда бошад: аз сарчашмаҳое дастрас шудаанд, ки дар қонун нишон дода шудаанд; аз ҷонибн субъектон ҷамоварӣ шуданд, ки онҳо тибқи қонун босалоҳият ҳисоб мешаванд; зимни ҷамоварии онҳо тартибот, шакл ва расмиётӣ мурофиавӣ риоя шуда бошад [6, с. 19-38].

Муаллифони курс оид ба назарияи далелҳо қайд карданд, ки: "қобили қабул будани далел ин аз нуқтаи назари қонунӣ будани манбаъ, усулҳо ва тарзҳои гирифтани маълумот фаҳмида мешавад." [7, с. 4].

Таърифи дигарро Д.В. Зеленский пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ, қобили қабул ин хусусияти муайяни қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар бораи манбаъҳо ва усулҳои гирифтани маълумоти воқеӣ мебошад, ки ба ворид кардани далелҳои ҷамъоваришуда ба системаи ҷиноятӣ имкон медиҳад. Ба ақидаи ӯ, қобили қабул хусусияти муайяни қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба манбаъҳо ва усулҳои ба даст овардани маълумоти воқеӣ мебошад, ки имкон медиҳад далелҳои ҷамъоваришуда ба системаи мурофиаи ҷиноятӣ ворид карда шаванд ва онҳоро барои муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии парвандаи ҷиноятӣ, гунаҳкорӣ ё бегуноҳии шахс истифода баранд [8, с. 4].

Ф.Н. Фатқуллин зери "қобили қабул" мувофиқати эътирофшудаи қонунгузори ин манбаъро ҳамчун воситаи исботи мурофиавӣ мефаҳмад ва талаботи қобили қабул будани далел танҳо манбаи маълумоти воқеиро маҳдуд мекунад [9, с. 130].

Тавре В.Б. Алексеев қайд мекунад, "далели судӣ бояд на танҳо хосияти нисбият дошта бошад, балки, инчунин, қобили қабул бошад, яъне дар шакли мурофиавӣ бошад, ки эътимоди қавӣ ба он эҷод кунад, ошкор ва мустаҳкам кардани ин далел бо риояи шартҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода шуда, воситаи иттилоот аз ҷониби қонун ҳамчун воситаи муносиб барои гирифтани ин ва ё он навъи хулосаҳои муайян ба парванда гардад” [10, с. 150].

Н.В. Кипнис қобили қабул будани далелро ҳамчун мувофиқати манбаи маълумоти воқеӣ ва шакли мурофиавии онро ба талаботи қонун муайян мекунад [11, с. 25]. Аз баррасии дар боло овардашуда доираи васеи ақида оид ба мафҳуми қобили қабул будани далелҳо

дида мешавад. Аммо, мушоҳида намудан мумкин аст, ки як қисми олимон қайд мекунанд, ки қобили қабул будани далелҳо мувофиқати далелҳоро аз нуқтаи назари шакли он ифода мекунад. Муаллифони дигар, баръакс, даъво доранд, ки қобили қабул будан на танҳо ба шакл, балки ба моҳият низ дахл дорад, ки аз зарурати риояи дигар талаботҳои марбут ба гирифтани далелҳо шаҳодат медиҳад: гирифтан аз манбаи мувофиқ аз ҷониби субъектҳои ваколатдори дар қонун пешбинишуда.

А.С. Барабаш дар ин бора дақиқтар ва пурмазмунтар изҳори назар карда, изҳор дошт, ки қобили қабул будани далелҳо бояд дар маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмида шавад. Қобили қабул будани далелҳо ба маънои васеъ мафҳуме, ки он на танҳо бо худи далел алоқаманд аст. Дар маънои маҳдуд-далел иҷозат дода мешавад, вақте ки иттилоот тибқи талаботи қонун муқаррар карда мешавад, аммо қонун ғайр аз ин манбаъҳои иттилоотро муайян мекунад, танҳо субъектҳои муайянро барои гирифтани он ваколатдор мекунад ва ба онҳо иҷозат медиҳад, ки бо роҳҳои қатъӣ риояи талаботи муайян карда шуда, амал намоянд. Аз ҳамаи хусусиятҳо яке аз онҳо ба қобили қабул будани далелҳо тааллуқ дорад - таҳкими (закрепление) маълумот тибқи қонун ва бояд дар бораи қобили қабул будани манбаъҳо, субъектҳои муайяншуда ва усулҳои гирифтани маълумот алоҳида сухан ронем. Сегонаи охирин шарти зарурии қобили қабул будани далелҳо мебошад, аммо ҳамчун қабулияти далел фаҳмида намешавад.

Ҳамин тариқ, қабулият хосияти далелест, ки шакли мурофиавиро танзим мекунад ва инчунин шартҳое, ки ба ташаккули далелҳо тавассути риояи талаботҳои дар қонун муқарраршуда оид ба манбаъҳо, субъектҳои гирифтани маълумот ва усулҳои гирифтани он, инчунин усулҳои сабти он мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад.

Дар бораи таъини қобили қабул будани далелҳо ягонагӣ вуҷуд надорад. Дар ҳамин ҳол, фаҳмидани таъинот хеле муҳим аст, зеро он нақши хидматии ин хосиятро инъикос мекунад, яъне бо забони оддӣ, ки барои он хусусияти қобили қабул будани далелҳо лозим аст.

Аксари муҳаққиқони муосир мегӯянд, ки қабулият бояд пеш аз ҳама, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро таъмин намояд. Ҳамин тавр, А.Ю. Кирсанов ва А.Ю. Горбунов қайд мекунанд: "Бо эълони курси бунёди давлати ҳуқуқии демократӣ дар Русия муносибат ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон куллан тағйир ёфт. Давлат на танҳо ҳуқуқ ва озодиҳоро арзиши олӣ эълон кард, балки ӯҳдадор шуд, ки онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз кунад. Дар ин ҳолат, институти қобили қабул будани далелҳо ҳамчун кафолати ҷиддии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс баррасӣ карда шуд.

Профессор П.А. Лупинская низ чунин мавқеъро дорад: "Дар шароите, ки адолати судӣ системаи кафолатҳоро барои ҳимояи ҳуқуқи инсон аз айбдоркунии беасос ва маҳкумкунӣ пешбинӣ мекунад, ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбати инсонро манъ мекунад, барои гумонбаршуда, айбдоршавандаро аз шаҳодат додан бар зидди худ ҳимоя мекунад, ба як қатор шахсон иммунитети шоҳидӣ медиҳад, қоидаҳои қабулияти далелҳо ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва адолати судӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Тавре ки худи муаллифон қайд мекунанд, шарти чунин фаҳмиши таъиноти қабулият ҷойгир кардани меъёри қаблан зикршуда (қисми 2 моддаи 50) дар боби дуюми Конститутсияи РФ мебошад, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Ин меъёр, аз як тараф, риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба шаъну шарафи шахс мебошад, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, инчунин ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, сирри мукотибот ва ғайраро кафолат медиҳад. Аз тарафи дигар, институти қобили қабул будани далелҳо ба шахс ва шаҳрванд ҳуқуқ медиҳад, ки дар мурофиаи судӣ далелҳое истифода шаванд, ки тибқи қонуни федералӣ ба даст оварда шудаанд", - қайд мекунад, К.И. Сутягин.

Бояд қайд кард, ки вайрон кардани меъёри қонуни ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳангоми гирифтани далелҳо дар аксари ҳолатҳо вайрон кардани ягон ҳуқуқи инсонро ба бор меорад. Дар ҳолати баръакс, дар сурати риояи пурраи қоидаҳои қабулият, ҳамаи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шахс ба таври худкор риоя карда мешаванд.

Аммо дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ меъёрҳое низ мавҷуданд, ки хусусияти мурофиавӣ доранд. Онҳо қоидаеро дар бораи ҳимояи ин ё он ҳуқуқи шахсӣ дар бар намегиранд ва аз ин рӯ, вайрон кардани он ба вайрон е маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии инсон оварда намерасонад. Дар ҳамин ҳол, чунин қонуншиканиҳо низ тибқи қоидаҳои умумӣ баҳо дода мешаванд, ба монанди дигар қонуншиканиҳое, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахс дахл доранд

Чунин ба назар мерасад, ки таъмини ҳуқуқҳои шахс бешубҳа муҳим аст, аммо таъини қобили қабул будани далелҳо бо ин тамом намешавад.

Қобили қабул будани далелҳо яке аз унсурҳои механизми мураккаби исбот мебошад, ки маънои онро дорад, ки он ба татбиқи ҳадафҳое, ки дар назди мурофиаи ҷиноятӣ қарор доранд, равона карда шудааст: муайян кардани воқеаи воқеии ҷиноят, ки дар гузашта содир шудааст.

Қариб 40 сол пеш, Г.М. Резник дар бораи алоқамандии ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо воситаҳое, ки онҳо ба даст оварда мешаванд, дуруст қайд кард, ки шакли мурофиавӣ ба ду вазифаи зич алоқаманд хизмат мерасонад: таъмини эътимоднокии далелҳо ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар мурофиаи ҷиноятӣ.

Ба ақидаи мо, маҳз таъмини эътимоднокӣ ҳадафи дуюми қобили қабул будани далелҳо дар баробари ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс мебошад.

Бо риояи муқарраროти муфассал ҳангоми ҷамъоварӣ (ва инчунин ошкор ва мустаҳкам кардани)маълумоти далелӣ, таҳрифи чунин маълумот амалан ғайриимкон аст, бинобар ин дурустии далел таъмин карда мешавад.

Аммо баъзе муаллифон муносибати байни қобили қабул ва эътимодро танқид мекунанд. Тавре ки Е.А. Маркина дар кори худ қайд кардааст: "ба назар мерасад, ки пайваст кардани ду хусусияти мустақили далел - иҷозат ва дурустӣ дуруст нест. Далел метавонад боэътимод ва ғайриқобили қабул бошад ва баръакс ".

**АДАБИЁТ**


1. Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства / И.Я. Фойницкий. - СПб., 1996. Т. 2. С. 253.
2. Барабаш А.С. Публичное начало российского уголовного процесса / А.С. Барабаш. - СПб., 2009. С. 312.
3. Шейфер С.А. Доказательства и доказывание по уголовным делам / С.А. Шейфер. - М., 2010. С. 17.
4. Васяев А.А. Признание доказательств недопустимыми в ходе судебного следствия в суде первой инстанции в российском уголовном процессе. М., 2010. С. 157.Ожегов С.И. Словарь русского языка. М., 1975. С. 101.
5. Ожегов С.И. Словарь русского языка. М., 1975. С. 101.Теория доказательств в советском уголовном процессе / отв. ред. Н.В. Жогин. М., 1973. С. 229.
6. Искандаров З.Ҳ. Баъзе аз масоили қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмуи далелҳо // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи коференсияи илмӣ - амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳукуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқукщиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич), зери таҳрири мудири кафедраи ҳукуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: «Матбааи ДМТ». С. 19-38
7. Теория доказательств в советском уголовном процессе / отв. ред. Н.В. Жогин. М., 1973. С. 229.Зеленский Д.В. Проблемы допустимости доказательств в российском уголовном процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Краснодар, 1995. С. 4.
8. Зеленский Д.В. Проблемы допустимости доказательств в российском уголовном процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Краснодар, 1995. С. 4.
9. Фаткуллин Ф.Н. Общие проблемы процессуального доказывания / Ф.Н. Фаткуллин. - Казань, 1976. С. 130.
10. Алексеев В.Б. Оценка доказательств в стадии надзорного производства / В.Б. Алексеев. - М., 1971. С. 50.
11. Кипнис Н.М. Допустимость доказательств в уголовном судопроизводстве / Н.М. Кипнис. - М., 1995. С. 25.


**МАФҲУМ ВА МАҚСАДИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛ БУДАНИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мафҳум ва мақсади қобили қабул будани далелҳоро дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Воқеан имрӯз яке аз мавзуъҳои мубрами ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ин муайян намудани мазмуни қобили қабул будани далелҳо маҳсуб меёбад. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳо ва қонунгузорӣ тавонистааст масъалаи мазкурро таҳлил намояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** парвандаи ҷиноятӣ; далел; тафтишоти пешакӣ; мурофиаи ҷиноятӣ; ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ; қонунгузорӣ.

## ЗНАЧЕНИЕ И ЦЕЛЬ ДОПУСКА ДОКАЗАТЕЛЬСТВ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье автор проанализировал понятие и цель допустимости доказательств в уголовно-процессуальном праве. Фактически на сегодняшний день одной из важных тем уголовного судопроизводства является определение допустимости доказательств. Автору удалось проанализировать данный вопрос, используя литературу и законодательство.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовное дело; доказательство; предварительное расследование; возбуждение уголовного дела; право на уголовное судопроизводство; законодательство.

## MEANING AND PURPOSE OF ADMISSIBILITY OF EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS

In this article, the author analyzed the concept and purpose of admissibility of evidence in the law of criminal procedure. In fact, today, one of the important topics of the law of criminal proceedings is the determination of the admissibility of evidence. The author was able to analyze this issue using literature and legislation.

**KEYWORDS:** criminal case; evidence; preliminary investigation; criminal proceedings; the right to criminal proceedings; legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдурашиди Абдумалик*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992] 907-22-66-37**. E-mail: **abdurashid.98@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдурашиди Абдумалик***– Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: [+992] 907-22-66-37.** E-mail: **abdurashid.98@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Abdurashidi Abdumalik***– Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: **[+992] 907-22-66-37**. E-mail: **abdurashid.98@inbox.ru**

# ХУДҲИМОЯКУНӢ ДАР НИЗОМИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

***Сафарзода Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқ ба ҳимоя яке аз ваколатҳои ҳуқуқи субъективӣ, унсури мазмуни он буда, ӯ худ ба шахси ваколатдор имконияти татбиқ намудани чораҳои хусусияти ҳуқуқҳифзкуниро, ки ба табиати ҳуқуқи субъективӣ мувофиқ аст, медиҳад.

Дар баробари ҳуқуқҳои субъективии маданӣ манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда низ матлаби (мавзуи) ҳимояро ташкил медиҳанд. Мақсади ҳама гуна ҳуқуқи субъективӣ қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс мебошад.

Хусусият ва мазмуни ҳуқуқ ба ҳимоя тавассути табиати он муайян мегардад. Инъикоси табиати ҳуқуқ ба ҳимоя дар он зоҳир мегардад, ки: **а)** ҳуқуқ ба ҳимоя ҳамчун ҳуқуқи субъективии маданӣ ҳадди рафтори имконпазири шахси ваколатдор аст, аммо на ҳама рафтор, танҳо рафтори мақсаднок ва ҳаҷман маҳдуде мебошад, ки ба мақсадҳои барқароркунию қатъгардонӣ равона карда шуда, бо истифода аз чораҳои хусусияти ҳуқуқҳимоякунанда вобаста аст; **б)** чораҳои ҳуқуқҳимоякунанда ба табиати ҳуқуқии худи ҳуқуқи субъективӣ бояд мувофиқат кунад; **в)** ҳуқуқ ба ҳимоя якчанд имкониятҳоро, ки баамалбарории ҳуқуқи субъективиро таъмин мекунад, дар бар гирад.

Ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро аз ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ бояд фарқ кард.

Мувофиқи моддаи 13 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ иҷозат дода мешавад. Тарзҳои худҳимоякунӣ бояд бо ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқ бошад ва аз ҳадди амалҳое, ки барои пешгирӣ заруранд, набарояд.

То имрӯз шумораи зиёди муаллифон мафҳуми «худҳимоякунӣ»-ро муайян мекунанд. Мафҳуми «худҳимоякунӣ» ба маънои маҳдуд ва васеъ маънидод карда мешавад.

Ба андешаи Д.В. Микшис худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ ин амали ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқҳҳои маданӣ аз вайронкунӣ ё таҳдиди воқеӣ бо роҳи амалҳои яктарафа ё беамалии дорандаи ҳуқуқ, инчунин, амали шасхони сеюм оид ба ҳимояи ҳаёт ва молу мулк дар ҳолати мудофиаи зарурӣ ё зарурати ниҳоӣ равона карда шудааст.

Баъзе муаллифони адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи доираи ҳуқуқ ба худҳимоякунӣ андешаҳои худро баён кардаанд. Масалан, Грибанов В.П. ва Рясенцев В.А. қайд мекунанд, ки дар муносибатҳои ғайришартномавӣ худҳимоякунӣ ичозат дода мешавад. М.И. Бриганский ва Н. Клейн қайд мекунад, ки худҳимоякунӣ на танҳо дар муносибатҳои ғайришартномавӣ, балки ба андозаи муайян дар муносибатҳои шартномавӣ имконпазир аст. Мавқеи Ю.Г. Басин ба андешаи М.И. Бриганский ва Н. Клейн шабеҳ аст, ки худҳимоякунӣ ҳам дар муносибатҳои ғайришартномавӣ ва ҳам дар муносибатҳои шартномавӣ имконпазир аст. Дар баробари ин Г.Я. Стоякин менависад, ки худҳимоякунӣ танҳо дар муносибатҳои шартномавӣ имконпазир аст.

Худҳимоякунӣ аз ҷониби шахси ваколатдор анҷом додани амали якҷонибаи ҳуқуқӣ ё амали воқеиро бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи маданӣ дар назар дорад. Чунин амал метавонад ба пешгирии қонуншиканӣ ё рафъи оқибатҳои он то пурра барқарор намудани вазъе, ки то содир шудани қонуншиканӣ мавҷуд буд, инчунин ба таъмини дахлнопазирии ҳуқуқ, ҳангоме ки таҳдиди воқеии вайрон намудани он вуҷуд дорад, равона карда шавад.

Хусусияти хоси худҳимоякунӣ ин тарзи аз ҷониби шахси ваколатдор мустақилона, бидуни мурочиат ба мақомоти давлатӣ ё дигар мақомот, ки оид ба ҳифзи ҳуқуқи маданӣ ваколатдоранд, анҷом додани ҳифзи ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ҳамзамон доираи чунин мақомот, ки мурочиат ба онҳо ҳангоми худҳимоякунӣ иҷозат дода намешавад, танҳо бо мақомоте, ки дар доираи шакли судӣ ё маъмурии ҳифзи ҳуқуқҳои вайронгардидаи маданӣ амал мекунанд, яъне судҳои юрисдиксияи умумӣ, ҳакамӣ ва иқтисодӣ, инчунин мақомоти болоӣ (шахсони мансабдори онҳо) нисбат ба ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, ки ба қонуншиканӣ роҳ додаанд, маҳдуд карда шудааст. Имконияти мурочиат барои ёрдам ба

дигар мақомот истисно намегардад. Масалан, ба сифати худҳимоя метавонад амали мустақилонаи шахсе, ки анҷом додани он вобаста ба муроҷиат ба мақомоти нотариалӣ ба миён омадааст, баррасӣ гардад (масалан, фурӯхтани молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҷониби ломбард бо сабаби барнагардонидани маблағи қарз аз ҷониби гаравдеҳ, ки дар асоси сабти иҷрои нотариус анҷом дода мешавад).

Ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ба худҳимоя ҳуқуқ доранд, вале татбиқи амалии он асосан барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ хос мебошад. Ҳифзи ҳуқуқи марбут ба ҶТ, субъектҳои он ва мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия бо дарназардошти хусусияти мақоми ҳуқуқии онҳо тавассути мақомоти дахлдори ваколатдор нисбатан самарабахш анҷом дода мешавад.

Амал вобаста ба худҳимояткунӣ ҳуқуқи вайронгардида метавонад ҳам аз ҷониби худи шахси ваколатдор ва ҳам шахсони сеюм, ки ба манфиати он ё бо супориши он амал мекунанд, анҷом дода шавад. Масалан, молики воситаи нақлиёт метавонад ҷиҳати ҳимояи он бо қувваи худ тадбирҳо андешад ё ба ташкилоти махсусгардонидашуда, ки барои насби таҷҳизоти бонги хатар (сигнал) ва воситаҳои зидди рабудани нақлиёт машғуланд, муроҷиат намояд.

Барои истифодаи тарзи мушаххаси худҳимоя зарур аст, ки чунин имконият дар қонун ва дигар санади меъёрӣ ё шартнома пешбинӣ гардад. Масалан, ҳифзи мустақилонаи ҳуқуқ, ки аз муносибатҳои шартномавӣ бармеояд, метавонад дар нигоҳ доштани ашё аз ҷониби кредитор то аз ҷониби қарздор иҷро намудани уҳдадорӣ азҳисоббарории беаксепти воситаҳои пулӣ аз ҳисобномаи қарздор ва ғ. зоҳир гардад.

Худҳимоякунии ҳуқуқ дар муносибатҳои ғайришартномавӣ (ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ҳуқуқи моликият) метавонад тавассути анҷом додани амал дар ҳолати мудофиаи зарурӣ ва ниҳояти зарурат анҷом дода шавад.

Дарду азобе, ки ҳар як мавҷуди зинда аз сар мегузаронад, дар ҳар як одами муқаррарӣ ҳисси дилсӯзӣ, хоҳиши кумак кардан, сабук кардани дардро бедор мекунад. Раҳму шафқат вокуниш ба даъват барои кумак аст, ки як навъи махсуси даъват ё заминаи ахлоқии ду касб - байторӣ ва тиббиро ташкил медиҳад. Агар ин ҳиссиёт дар духтур инкишоф наёфта бошад ва ё дар давоми солҳо кам гардида бошад, пас дар бораи хислатҳои ахлоқии ӯ сухан рондан душвор аст. Бесабаб нест, ки шафқат аз замонҳои қадим фазилати асосии тиббӣ маҳсуб мешуд.

Ин ҳолати муҳимро ба инобат гирифта, чизи дигарро низ набояд фаромӯш кард, ки азоби одамон ва азоби ҳайвонот баробар нестанд. Аз ин рӯ, муносибати табибон ва

ветеринарҳо ба мавҷудоти дардманд бояд гуногун бошад. Ин ҳолат дар талаботи асосии биоэтика - зарурати муносибат ба бемор ҳамчун як шахс муқаррар карда шудааст.

Тиб ба ҳисси дилсузӣ нисбат ба одами бемор, якдилии одамон дар баробари азобу машаққат ва омодагии онҳо ба ёрии ҳамдигар асос ёфтааст. Аммо дар давоми асрҳо ин гуна ҳамрайъӣ аз тарафи синфҳо маҳдуд буд. Он ба ғуломон, крепостнойҳо, намояндагони нажодҳои дигар (аз нуқтаи назари аврупоӣ), ҷинояткорон ва асирони ҳарбӣ дахл надошт.

Танҳо дар асри XX идеяи ҳуқуқи универсалии ҳар як шахс ба кумаки тиббии дастрас ташаккул ёфт, аммо аксар вақт он танҳо эълон карда мешавад, аммо дар асл ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар дигар кишварҳо поймол карда мешавад. Сиёсате, ки хизматрасонии тиббиро ба таври муассир маҳдуд мекунад, ба онҳое, ки барои он пардохт карда метавонанд, аз ҷиҳати ахлоқӣ қобили қабул нест. Принсипи эҳтироми шаъну шарафи инсон ба мо имкон медиҳад, ки ба барномаҳои нигаҳдории тандурустӣ баҳои маънавӣ диҳем ва роҳҳои асосии таҳия ва татбиқи онҳоро муайян созем. Бе ризоияти онҳо дар болои одамон гузарондани таҷриба низ поймол кардани шаъну шарафи инсон аст. Ҳуқуқи байналмилалӣ ва Конститутсияи Федератсияи Русия чунин муносибатҳоро қатъиян манъ мекунанд. Гузашта аз ин, меъёрҳои конститутсионӣ озмоиши маҷбуриро бо шиканҷа ва дигар шаклҳои зӯроварӣ баробар меҳисобад.

Дар нигаҳдории тандурустии советӣ манфиати умум аксар вақт аз манфиати шахсии бемор болотар меистад. Дар тибби муосир тамоюли баръакс мушоҳида мешавад. Ҳатто таҳдиди паҳншавии чунин бемории хатарнок, ба мисли СПИД, бемори гирифтори ВНМО-ро аз ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии худ ба таври худкор маҳрум намекунад. Меъёр, масалан, ташхиси номаълуми интиқоли вируси норасоии масунияти одам мебошад.

Мураккаб будан ва бисёртарафа будани мафҳуми некӣ зарурати муколамаи баробарҳуқуқии духтурон ва беморонро ҳамчун шарти ҳамкории бомуваффакияти онхо дар мубориза ба муқобили касалӣ, пешакӣ муайян мекунад.

Дар бобати ба амал баровардани талаби зарар нарасондан низ аҳвол ҳамин тавр аст. Аз замонҳои қадим дар тиб як принсип вуҷуд дорад: “Primum non nocere! (пеш аз ҳама - зарар нарасонед!)”. Ин принсипро кай бояд татбиқ кард? Албатта, аз зараре, ки дар натиҷаи беамалии шахсе, ки бояд кумак расонад, аз кордонӣ надоштани ӯ, нияти бадқасдона ва ё хатогиҳои тасодуфӣ пешгирӣ карда шавад. Ҳамин тавр, мо метавонем дар бораи амалҳои оташнишон, полис ва бисёр дигарон сӯҳбат кунем. Дар тиб, ба ҷуз аз онҳое, ки дар боло номбар шудаанд, манбаи махсуси бади эҳтимолӣ низ вуҷуд дорад.

Бесабаб нест, ки ҳар гуна табобатро ба фаъолияти организми инсон «дахолати» тиббӣ меноманд. Аз ин рӯ, ҳамеша хатаре вуҷуд дорад, ки бо дахолат ба фаъолияти ҳаётии бадан бо мақсади ба эътидол овардани функсияҳои он, духтур метавонад зарари назаррас расонад, ки аксар вақт бо фоидае, ки ба даст оварда мешавад, муқоиса карда мешавад. Ҳангоми тасмим гирифтан дар бораи анҷом додани амалиёти табобатӣ, ташхисӣ ё пешгирикунанда, духтур маҷбур аст, ки ҳамеша манфиатҳо ва хатарҳои марбут ба дахолати мушаххасро барраси кунад. Агар усулҳои алтернативии расонидани кӯмак вуҷуд дошта бошанд, бояд онҳоеро интихоб кард, ки хавфи камтар доранд.

## АДАБИЁТ


1. Data Protection Act. 2018. Chapter 12 // URL: http://w w w.legislation.gov.uk/ ukpga/2018/12/ pdfs/ukpga_20180012_en.pdf (дата обращения: 10.03.2024).
2. URL: http://www.psychepravo.ru/law/int/nyurnbergskij-kodeks.html (дата обращения: 20.03.2024)
3. А. Головистикова. Классификация прав человека. // Право и жизнь. Варианти электронӣ
4. Бондарь Н.С. Права человека и Конституция России / Н.С. Бондарь. - Ростов - на – Дону, 1996. С.159.
5. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 270
6. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 270
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» аз 15-уми майи соли 1997

9. Крылова Н. Е. Уголовное право и биоэтика: проблемы, дискуссии, поиск решений. М.: Инфра-М, 2006; Горячева Т. С. Законодательное регулирование медико-биологических исследований с участием человека: историко-правовой аспект // Правовая политика и правовая жизнь. 2022. № 1.
10. Модельный закон о защите прав и достоинства человека в биомедицинских исследованиях в государствах — участниках СНГ (принят в г. Санкт-Петербурге 18.11.2005 постановлением 26-10 на 26-м пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств — участников СНГ) // СПС «КонсультантПлюс»
11. Омоложение в России : сб. ст. Л. : Медицина, 1924 ; Воронов С. А. Омоложение пересадкой половых желез. Л. : Практическая медицина, 1924 ; Кольцов Н. К. Чудесные достижения науки. М. : Красный пролетарий, 1927.
12. Пинус Р. Б. Опыт хлоротерапии в Смоленске // Юбилейный сборник научных трудов Смоленского государственного медицинского института. 1920—1935 гг. Вып. 15. Смоленск, 1935.

## БИОЭТИКА ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Биоэтика як падидаи мураккаби фарҳанги муосир мебошад, ки дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта дар ИМА ба вуҷуд омадааст. Вазифаи асосии биоэтика аз он иборат аст, ки дар муайян кардани мавқеъҳои гуногун оид ба мураккабтарин проблемаҳои ахлоқӣ, ки прогресси илм ва амалияи биотиббӣ мисли тарма ба вуҷуд меоварад. Ҳаракати ҳуқуқи башар дуввумин шарти муҳимтарини фарҳангии ташаккули биоэтика мебошад. Агар ҳаракати экологӣ ҳамчун ҷавоб ба таҳдид ба некуаҳволии ҷисмонӣ (табиӣ) –и инсон ба вуҷуд омада бошад, пас биоэтика дар натиҷаи таҳдид ба шахсияти ахлоқии шахс, ки аз пешрафти техникӣ дар соҳаи биотиб бармеояд, босуръат инкишоф ёфт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** биоэтика, озмоиш, генетика, трансплантология, ҷасад, тадқиқоти биотиббӣ, тандурустӣ, озмоишҳои клиникӣ, усулҳои табобат, ташхис, меъёри ахлоқӣ.

## БИОЭТИКА И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

Биоэтика – сложное явление современной культуры, возникшее в конце 60-х – начале 70-х годов прошлого века в США. Основная задача биоэтики — определение различных позиций по сложнейшим этическим проблемам, которые лавинообразно порождает прогресс науки и биомедицинской практики. Правозащитное движение является вторым по значимости культурным условием формирования биоэтики. Если экологическое движение возникло как ответ на угрозу физическому (природному) благополучию человека, то биоэтика бурно развивалась как следствие угрозы нравственной идентичности человека, возникшей в результате технического прогресса в области биомедицина.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** биоэтика, тестирование, генетика, трансплантология, аутопсия, биомедицинские исследования, здравоохранение, клинические исследования, методы лечения, диагностика, этические стандарты.

## BIOETHICS AND HUMAN RIGHTS

Bioethics is a complex phenomenon of modern culture that arose in the late 60s and early 70s of the last century in the USA. The main task of bioethics is to define different positions on the most complex ethical problems, which the progress of science and biomedical practice creates like an avalanche. The human rights movement is the second most important cultural condition for the formation of bioethics. If the environmental movement arose as a response to the threat to the physical (natural) well-being of man, then bioethics developed rapidly as a result of the threat to the moral identity of a person, which arose from technical progress in the field of biomedicine.

**KEYWORDS:** bioethics, testing, genetics, transplantology, autopsy, biomedical research, healthcare, clinical trials, treatment methods, diagnosis, ethical standards.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Иброҳимзода Шамсиддин Ҳисайн*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988129997.**

**Сведения об авторе**: ***Иброхимзода Шамсиддин Хисаин*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988129997.**

**Information about the author**: ***Ibrohimzoda Shamsiddin Hisain*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988129997.**

## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Нафасзода Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҶТ роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёдро пеш намуда, дар ин замина, дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбуёд, дунявӣ ва ягона эълон гардида, дар м. 5 ин санади олии ҳуқуқӣ бошад, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуд. Дар ин марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ қонунгузории ҶТ дар ин самт ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, минбаъд ин раванд идома дорад. Далели ин гуфтаҳо, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит ёфтааст: «Давлат минбаъд низ сиёсати демократикунонии ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро устуворона идома медиҳад. Дар доираи ин сиёсат қонунгузории мамлакат мунтазам такмил ёфта, озодиву ҳуқуқҳои шаҳрвандон вусъат пайдо хоҳанд кард. Аз байн бурдани мухолифат миёни қонунҳо ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи қонунгузорӣ мебошад. Ба ин масъала, мо борҳо ишора карда будем, вале ихтилофи байни асноди қонунгузорӣ дар амалияи ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам ба мушоҳида мерасад».

Бояд гуфт, ки дар Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан дарҷ гардида, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрӣ ва риояву ҳифзи он кафолат дода шудааст. Ҳамзамон, боби дуюми Конститутсия комилан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд марбут аст. Аксари моддаҳои он барои ҳуқуқу озодии инсон меъёр муқаррар намудааст, ки аз низоми мураккабу асоси мантиқӣ ва мазмуну таъиноти махсус бархӯрдор мебошад. Дар баробари муқаррароти конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, давлат принсипҳои қатъии риояи онҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ танзим намудааст. Кирдорҳое, ки бидуни талаботи муқаррargардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегиранд, вобаста ба хусусиятҳои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон ҷазо таъин карда мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар баробари ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии инсон дар ҳама давлатҳо, хусусан, дар кишвари мо дар мадди аввал меистад. Дар воқеъ, аз даврони ташаккули давлатҳо, бахусус, пайдоиши низоми демократӣ кормандони мақомоти дахлдор ва роҳбарони давлатҳо дар пайи ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон талош кардаанд. Дар ин замина, давлат муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, ҳаёт ва саломатии инсонро тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ҳифз менамояд. Махсусан, дар ҶТ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон дар маркази диққати мақомоти қонунгузорӣ қарор дорад. Ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат бар зиммаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузоштааст. Ҳамин сохтор тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан, КҶ ҶТ ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноят будани онро муқаррар менамоянд.

Масъалае, ки мо дар низоми қонунгузории ҶТ мавриди таҳқиқ карор медиҳем, ҷинояти дар хатар монондан мебошад. Кирдори мазкурро мақомоти қонунгузор дар як зумра санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим намудааст, ки онҳоро пай дар пай шарҳу тавзеҳ медиҳем. Яке аз санадҳои муҳимми танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ КҶ ҶТ мебошад. Мувофиқи м. 2 КҶ ҶТ вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин, пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Вобаста ба ин, дар фасли VII КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» меъёрҳое пешбинӣ гардидаанд, ки ҳаёт ва

саломатии инсонро ҳифз менамоянд. Дар ин асос, ҳаёт назар ба дигар муносибатҳо муҳимтарин робитаи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт чунин оқибатеро ба бор меоранд, ки барқароркунии он ғайриимкон аст, аниқтараш шахсе, ки аз ҳаёт маҳрум карда мешавад, ба ҳаёт баргардонидани он берун аз тавоноии инсон буда, ҳастии шахс дар ҷомеа хотима меёбад. Аз ин лиҳоз, дар кодекси мазкур оид ба кирдори дар хатар монондан моддаи алоҳида пешбинӣ гардидааст. Моддаи 127-и КҶ ҶТ ҷинояти дар хатар мононданро муқаррар менамояд. Мутобиқи моддаи мазкур дар хатар монондан ин дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад. Ҳангоме ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва уҳдадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду чил то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи аз дусад то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаи мазкурро дар се қисм ба танзим даровարда, вобаста ба дараҷаи хавфнокии кирдори мазкур ҷазо таъин намудааст. Қисми дуюми моддаи зикршуда, агар ин кирдор аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдидаро бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо пешбинӣ намудааст. Қисми сеюми он муқаррар намудааст, ки агар аз беэҳтиётӣ кирдори мазкур боиси марги одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад, дар ин сурат, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Меъёрҳое, ки дар фасли VII КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, 74 моддаро дарбар гирифта, аз рӯйи таркиб ва моҳият ҷойгузорӣ карда шудаанд. Аниқтараш, аз «одамкушӣ» (м. 104) то «бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат» (м. 178). Баррасии моддаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки агар ҷазои ниҳоӣ барои м. 104 КҶ ҶТ то ҳукми қатл пешбинӣ шуда бошад, пас барои м. 178 КҶ ҶТ то ду сол аз озодӣ маҳрум кардан муайян шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми содир гардидани ҷинояти дар хатар монондан вайроншавии муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дар байни субъектони ҳуқуқ ба вуҷуд меояд. Хусусан, байни шахси ба ёрӣ муҳтоҷ ва шахси барои расонидани ёрӣ уҳдадор. Чунин амал дар фаъолияти ҳаррӯзаи шаҳрвандон метавонад ба вуқуъ пайвандад. Хусусан, кирдори дар хатар мононданро метавон нисбати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаи хидматиашон мушоҳида намуд. Вобаста ба ин ҳолатҳо, дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ наздик ба кирдори дар хатар монондан банд ва ё қисме ба мушоҳида мерасад.

Яке аз чунин санадҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар фаъолияти кормандони мақомоти мазкур эҳтимоли таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломати худ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, қ. 3 м. 5 қонуни болозикр муқаррар кардааст, ки «Корманди Агентӣ ҳуқуқи ҳимоя ва дигар ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва ҳабсгардидаро таъмин мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ муоинаи тиббии онҳоро мегузаронад, инчунин, бетаъхир дар бораи дастгир намудани онҳо ба хешовандон, маъмурияти ҷойи кор ё таҳсил ва дар муддати 12 соат ба прокурор хабар медиҳад, дар мавриди зарурат ба дастгиршудагон барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин, барои рафъи хатар, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо ҳангоми дастгиркунӣ ё ҳабс таҳдид менамояд, тадбирҳо меандешад». Вобаста ба ин, метавон муайян намуд, ки кормандони ин мақомот ҳангоми дастгир намудани субъекти ҷинояти дар қонуни мазкур пешбинишуда, бояд аз таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии худ ва вайронкунандаи ҳамин меъёри ҳуқуқиро ҳифз намоянд.

Масъалаи хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба чашм мерасад.

Вазифаҳои хизматии кормандони ин мақомот дар м. 4 қонуни мазкур ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст, ки ҳамаи зербандҳои он ҳаёт ва саломатии онҳоро зери суол мебарад. Аниқтараш, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии кормандони ин ниҳод ва узви оилаи онҳо бештар аст.

Дар радифи қонунҳои зикршуда кирдори дар хатар монондан дар дигар санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, хусусан, Қонуни ҶТ «Дар бораи қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ишора шудааст. Дар ин қонун барои ба танзим даровардани вазъи ҳуқуқӣ, вазифаҳо, таъинот ва принсипҳои фаъолияти қушунҳои дохилии ВКД ҶТ меъёрҳои махсус ҷой доранд, ки дар баъзе бандҳо ва зербандҳои моддаҳои он масъалаи таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон муқаррар шудааст. Масалан, сархати 1 м. 19 қонуни мазкур оид ба дар хатар монондани хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, силоҳ ё техникаи ҳарбӣ меъёр дар шакли зерин: «дар бораи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус, силоҳ ё техникаи ҳарбӣ пешакӣ огоҳ намоянд ва зимнан, барои иҷрои талаботаш ба қадри кофӣ муҳлат диҳанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки таъхир намудан дар ин кор ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хатар дошта бошад ва боиси оқибатҳои вазнин гардад ё вақте ки чунин огоҳнамоӣ дар вазъияти баамаломада ноҷоя ё номумкин аст», оварда шудааст. Истифодаи силоҳ аз ҷониби кормандони мақомоти мазкур дар банди «б» м. 22 ҳамин қонун ҳангоми дар хатар монондани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ бо чунин тарз пешбинӣ намудааст: «Барои рафъи ҳуҷум ба хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва коркунони муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ, вақте ки ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар таҳдид мекунад, инчунин, барои пешгирӣ намудани кӯшиши гирифтани силоҳи онҳо».

Масоили таҳқиқотиро дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» дидан мумкин аст. Самтҳои фаъолияти кормандони мақомоти милитсия тибқи қонуни мазкур гуногун буда, ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ дар мадди аввал меистанд. Онҳо дар рафти иҷрои уҳдадориҳо ба ҳолатҳое дучор мегарданд, ки ҳаёт ва саломатии дигарон ва ҳам худи онҳо тахти хатар қарор мегирад. Қисми 11 м. 11 ин қонун муқаррар кардааст, ки «шахсонеро, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати мастӣ қарор доранд ва намуди зоҳирии онҳо шаъни инсон ва ахлоқи ҷомеаро таҳқир месозад ва агар онҳо қобилияти мустақилона роҳ рафтан надошта бошанд ё метавонанд ба атрофиён ё худашон зарар расонанд, нисбати шахсони дар манзилҳояшон буда – дар асоси аризаи шифоҳӣ ё хаттии истиқоматкунандагони он ҷо, агар тахмин равад, ки рафтори шахсони мазкур ба ҳаёт, саломатӣ ва моликият таҳдиди хатар мекунад, ба муассисаҳои тиббӣ ё қисми навбатдори милитсия расонад ва то ҳушёр шуданашон нигоҳ дорад».

Масъали дигаре, ки дар қонуни мазкур баррасӣ гардидааст, боздошти воситаҳои нақлиёт аз ҷониби кормандони ин мақомот мебошад. Итоат накардани ронандагони воситаҳои нақлиёт ба талаботи қонунии кормандони милитсия метавонад ҳаёт ва саломатии худ ва иштирокчиёни дигари ҳаракати роҳро тахти хатар қарор диҳад. Матлаби мазкур дар сархати 6 м.15 ин қонун мустаҳкам карда шудааст. Паҳлуи дигаре, ки м. 18 қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ёрии кормандони ин ниҳодро ба шахсони дар натиҷаи ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳодисаи нохуш зарар дидаанд, инчунин, ба онҳое, ки дар ҳолати нотавонӣ ё дар ҳолатҳои барои ҳаёташон хатарнок мебошанд, уҳдадор менамояд. Дар ҳақиқат, таҷрибаи ҳаётӣ нишон медиҳад, ки ҳамарӯза вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва итоат накардан ба кормандони БДА боиси садамаҳои нохушу маргбор мегарданд. Ин масъала дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то ҳадди зарурӣ мустаҳкам гардидааст.

Дигар масъалае, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ наздик аст, истифодаи силоҳ мебошад. Барои ба танзим даровардани истифодаи силоҳ ҶТ санади меъёрии ҳуқуқиеро ба тасвиб расондааст, ки он Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» мебошад. Вобаста ба муқаррароти қ. 1 м. 5 қонуни мазкур кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ашхосе, ки ба онҳо истифодаи силоҳ барои иҷрои вазифаи хизматӣ вобаста шудааст, бояд барои бартараф намудани хатарҳои нисбат ба ҳаёт ва саломатии инсон ба вуҷудомада истифода карда шавад. Вале ҳолатҳое ба

назар мерасанд, ки аз беэҳтиётӣ силоҳи хизматии корманди мақомот боиси таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии дигарон мегардад.

Дигар масъале, ки ба доираи таҳқиқотӣ рабт дорад, дастгир ва нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда мебошад. Чунин шахсон метавонанд ҳар лаҳза ҳаёт ва саломатии худ ва дигаронро дар хатар қарор диҳанд. Ин масъаларо Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» танзим намудааст. Баъди оғоз ва ё анҷоми правандаи ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшаванда дар ҷойҳои махсусе, ки барои чунин категорияҳои одамон пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта мешаванд. Дар аксар ҳолатҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳаёт ва саломатии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷониби нафари дигари ба онҳо монанд мавриди хатар қарор мегиранд. Барои бартараф намудани чунин таҳдидҳо мақомоти қонунгузор дар қонуни мазкур меъёрҳо пешбинӣ кардааст. Масалан, м. 19 қонуни болозикр муқаррар кардааст, ки «гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳуқуқ ба амнияти шахсӣ доранд. Ҳангоми ба миён омадани хатар ба ҳаёт ва саломатӣ ё таҳдиди содир шудани дигар ҷиноят ба муқобили шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷониби дигар гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон, кормандони ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан уҳдадоранд бетаъхир оид ба таъмини амнияти шахсии ин гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда чораҳо андешанд». Ё ин ки қ. 4 м. 5 пешбинӣ намудааст, ки «чизу чора, мавод ва озуқавориеро, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон хатарноканд ё онҳоро ҳамчун олоти ҷиноят ё барои монеъ шудани мақсади дар ҳабс нигоҳ доштан истифода бурдан мумкин аст, ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда додан манъ аст».

Бояд гуфт, ки санади меъёрии ҳуқуқии дигаре, ки оид ба дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон меъёрҳо пешбинӣ намудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳолати ҷангӣ» мебошад. Дар ҳолати ҷангӣ сархати 6 м. 6 қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки «реҷаи махсуси кори иншооти таъминкунандаи фаъолияти нақлиёт, коммуникатсия, алоқа, телевизион, радио, нашриёҳо, иншооти энергетикӣ, инчунин, иншооте, ки барои ҳаёт, саломатии инсон ва муҳити зист хатари зиёд дорад», ҷорӣ карда мешавад. Маълум аст, ки дар ҳолати ҷангӣ ҳаёт ва саломатии ҳама зери хатар қарор мегирад. Ин ва дигар паҳлуҳои масъала дар санади мазкур тавзеҳ дода шудааст. Бояд қайд кард, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истилоҳи дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсонро зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ». Дар қ. 1 м. 6 ин қонун омадааст, ки «шаҳрвандоне, ки ба сифати дружиначии ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, ҳуқуқ доранд аз иҷрои уҳдадориҳои ҷамъиятӣ даст кашанд, агар ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар таҳдид намояд». Тибқи муқаррароти қонуни мазкур, ҳаёт ва саломатӣ дар мадди аввал истода ва ҳеч кас ҳуқуқ надорад шаҳрвандро ба корҳое, ки таҳдиди хатар ба ҳаёту саломатӣ доранд, ҷалб намояд. Ҳамзамон, дар қ. 5 м. 7 оварда шудааст, ки «мақомоти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ наметавонад шаҳрвандонро барои иштирок дар чорабиниҳое, ки ба ҳаёту саломатии онҳо хатар таҳдид мекунад, ҷалб намоянд» ва ё қ. 1 м. 8 «вайронкунандаи тартиботи ҷамъиятиро дар бораи мақсади ба кор бурдани қувваи ҷисмонӣ огоҳ намояд, ҳамзамон, барои амалӣ намудани талаби худ бо назардошти вазъи мушаххас фурсати кифоя диҳад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки истифода набурдани қувваи ҷисмонӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон бевосита таҳдид мекунад» . Аз таҳлили қонуни мазкур муайян намудан мумкин аст, ки хатарҳои ба ҳаёт ва саломатии иштирокчиёни таъминоти тартиботи ҷамъиятӣ таҳдидкунандаро давлат ба воситаи мақомоти дахлдор ҳифз менамояд.

Таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон ва ё дар ҳолати хатар монондан бештар маврид дар ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва иштирокдорони он ба амал меояд. Дар амалияи судӣ кирдори мазкурро дар ҳамин самт бештар дидан мумкин аст. Барои мисол, метавон аз муқаррароти КҶМ ҶТ ишора кард. Дар диспозитсияи м. 326 КҶМ ҶТ оварда шудааст, ки «Барои риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро ногаҳон ба тағйир додани суръат, самти

ҳаракат ё андешидани дигар чораҳо барои таъмини бехатарии худ ё дигарон маҷбур намуда, ба пайдоиши ҳолати садамавӣ мусоидат менамояд, ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати аз ду то се моҳ таъин карда мешавад». Дар навбати худ, аз тарафи пиёдагардон ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ба вуҷуд овардани ҳолати садамавӣ дар м. 327 кодекси мазкур танзим гардидааст. Ҳолати дигаре, ки дар м. 334 КҲМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, тарк кардани ҷойи садамаи нақлиётӣ мебошад. Тавре ки дар боло зикр кардем, чунин ҳолат ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида эҳтимоли расидани хатар мавҷуд аст.

Мусаллам аст, ки воситаи нақлиёти ҳавоӣ яке аз воситаҳои асосии интиқолдиҳандаи шахс, бағоҷ ва мол ба ҳисоб меравад. Дар доираи амалисозии низоми нақлиёти ҳавоӣ мақомоти қонунгузор «Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кардааст. Аз рӯйи диспозитсияи м. 77 шахсоне, ки барои гусел ё пешвозгирии мусофирон омадаанд, бояд муқаррароти моддаи мазкурро иҷро намоянд, ки чунин оварда шудааст: «Хадамоти бехатарии авиатсионӣ ҳуқуқ доранд шахсонеро, ки талаботи бехатарии авиатсияро вайрон кардаанд, инчунин, бағоҷ, борҳо ва муросилотеро, ки ашё ва моддаҳои барои ҳамлу нақли ҳавоӣ манъшуда доранд, барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоридан боздошт намоянд ва дар ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофирон, узви ҳайати ҳавопаймо ё дигар шаҳрвандон хатар таҳдид мекунад, мутобиқи қонунгузории ҶТ чораҳо бинанд». Қисми 6 м. 100 пешбинӣ намудааст, ки «аз тарафи мусофири ҳавопаймо вайрон карда шудани қоидаҳои рафтор дар борти ҳавопаймо, ки ин ба бехатарии парвози ҳавопаймо ё ба ҳаёт ва саломатии дигар шахсон таҳдид мекунад, инчунин, аз тарафи мусофири ҳавопаймо иҷро накардани дастурҳои сарнишини ҳавопаймо, ки мутобиқи моддаи 36 ҳамин Кодекс пешниҳод шудаанд».

Бояд гуфт, ки дар баробари таҳлили масъалаҳои дар боло ишорашудаи ба мавзуи таҳқиқотӣ наздик, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ низ тааллуқ дорад. Мусаллам аст, ки маҳсулоти хурокворӣ дар ҳама давру замон таҳти назорати ҷиддии давлат қарор дорад ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ аз хориҷи кишвар низ ворид карда мешавад. Маҳсулоти ғизоӣ, ки барои аҳолӣ маводи ниёзи аввалӣ мебошад, дар сурати гузаштани муҳлати истеъмол, шароити нигоҳдорӣ, бехатарии гигиенӣ ва пастсифат метавонад ҳаёт ва саломатии шаҳрвандонро дар хатар гузорад. Дар замони муосир таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрока зери назорати ҷиддии давлатамон қарор дорад ва барои танзими ин масъала санади меъёрию ҳуқуқӣ, аниқтарааш Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» таҳия ва тасдиқ шудааст, ки онро мутобиқи методологияи соҳавии ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Қисми 2 м. 6 пешбинӣ намудааст, ки «арзёбии таҳдид ба ҳаёт ва саломатии инсон дар раванди таҳия ва қабули чораҳо дар соҳаи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ба маълумоти илмӣ бо назардошти равандҳо ва усулҳои истеҳсолӣ, усулҳои санҷиш, интихоби намуна, озмоиш ва шароити мутобиқи муҳити зист асоснок карда мешавад».

Муқарраароте, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» пешбинӣ шудааст, то андозае ба кирдори дар хатар монондан наздикӣ доранд. Барои мисол метавон муқаррароти б. 1 қ. 2 м. 20 ин қонунро ишора кард, ки «ҳуқуқи истифодаи манбаъҳои сарватҳои зеризаминиро мақоми иҷозатномадиҳанда дар мавридҳои зайл пеш аз муҳлат қатъ намуда, боздошта ва ё маҳдуд карда метавонад: ба ҳаёт ва саломатии одамоне, ки дар минтақаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ кор ё зиндагӣ мекунанд, хатари бевосита таҳдид кунад». Аз ин бармеояд, ки қонуни мазкур шахсони дар минтақаҳои сарватҳои зеризаминӣ кор ва ё зиндагикунандаро, агар ҳаёт ва саломатии онҳо дар хатар мононда шавад, пас мақомоти иҷозатномадиҳӣ ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат фаъолияти онҳоро қатъ кунад, боз дорад ва ё маҳдуд намояд.

**АДАБИЁТ**

1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.05.2013 ва 22.05.2016) // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.

2 Конвенсияи СММ зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www. un. org/ ru/ documents / decl_ conv/conventions/corruption.shtml (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
4 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-иҷроиҷазои-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 03.08.2021).
5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/32_tj_3.pdf (санаи муроҷиат: 06.02.2023).
6 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/tj._1.pdf (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
8 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ https://mmk.tj/system/files/Legislation/1689 (санаи муроҷиат: 06.08.2021).
9 Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 24.10.2021).
10 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.04.2021).

## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мутобиқи Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хатар мonондан ин дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад, дар ҳоле, ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва уҳдадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҳдидҳои ҷиноятӣ, дар хатар монондан, нарасонидани ёрӣ, шахси гунаҳкор.

## УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСВЕННОСТЬ ЗА ОСТАВЛЕНИЕ В ОПАСНОСТИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Согласно Уголовному кодексу Республики Таджикистан, нахождение в опасности – это умышленное неоказание помощи лицу, находящемуся в ситуации, опасной для его жизни или здоровья, а также по молодости, старости, болезни или по причине его молодости, старости, болезни или по причине своей слабостью, он не имеет возможности принять меры самообороны, тогда как лицо-виновник могло помочь этому человеку и было обязано проявить о нем заботу, либо оно само поставило его в опасную для его жизни или здоровья ситуацию.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** жизнь, здоровье, уголовное право, криминальные угрозы, угроза, неоказание помощи, виновное лицо.

## CRIMINAL LIABILITY FOR LEAVING A PERSON IN DANGER UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

According to the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, being in danger is deliberately not providing help to a person who is in a situation that is dangerous for his life or health, and because of his youth, old age, illness, or because of his weakness, he does not have the opportunity to take self-defense measures, while a person the culprit could have helped this person and was obliged to show care for him, or he himself put him in a dangerous situation for his life or health.

**KEYWORDS:** life, health, criminal law, criminal threats, endangerment, failure to provide assistance, guilty person.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нафасзода Дилшод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **904-03-34-46.**

**Сведения об авторе:** ***Нафасзода Дилшод*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **904-03-34-46.**

**Information about the author:** ***Nafaszoda Dilshod*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **904-03-34-46.**

# РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚҲОИ ЭКОЛОГИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ТОҶИКИСТОН

***Файзуллозода Ё.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷаҳонишавӣ яке аз равандҳои мубрами ҷаҳони муосир ба шумор рафта, маҷмуи равандҳои иҷтимоиеро ифода мекунад, ки таъсири мутақобила ва воридшавию ҳамгироии паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Моҳияти ҷаҳонишавӣ дар доираи манфиатҳои намояндагони илмҳои гуногуни ҷамъиятӣ борҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аммо, оқибатҳои экологӣ ва ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ дар заминаи ҳуқуқи инсон ҳанӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаю дуруст наёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки ин мавзуъ аз фаҳмиши умумии ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли бунёдии рушди ҷаҳони муосир бармеояд.

Дар давоми асри XX мушкилоти экологии ҷаҳонӣ тадриҷан амиқтар гардиданд, аз ҷумла, аз байн рафтани гуногунии биологӣ, биёбоншавӣ, тағйирёбии иқлим, афзоиши офатҳои табиӣ, ифлосшавии ҳаво, об, баҳрҳо ва ғайра. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ин мушкилот ҷанбаҳои нав пайдо мекунанд. Ҳамгироии босуръати бозорҳо, гардиши сармоя ва ҷараёни сармоягузорӣ дар саросари ҷаҳон мушкилот ва имкониятҳои навро дар роҳи таъмини рушди устувор ба вуҷуд овард. Аммо бо вуҷуди ин фоидаҳо ва хароҷоти ҷаҳонишавӣ нобаробар тақсим карда мешаванд ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар талошҳои ҳалли ин масъалаҳо ба мушкилоти махсус рӯ ба рӯ мешаванд.

Ин мушкилот борҳо дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифта, дар Саммитҳои экологӣ дар Рио-де-Жанейро ва Йоханнесбург муҳокима карда шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили ҳуҷҷатҳо ва амалияи муносибатҳои байнидавлатӣ метавон хулоса кард, ки оқибатҳои экологии ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, дар тағйирёбии муносибати байни давлатҳо, инчунин, байни давлат ва ҷомеа дар ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ ва рушди сохторҳои ғайридавлатии экологӣ дар миқёси ҷаҳонӣ зоҳир мешаванд.

Сиёсати байнидавлатӣ дар заминаи мушкилоти экологӣ дар ду тамоюл зоҳир мешаванд, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳи калон тақсим кард: тартиби "объективӣ" ва "субъективӣ". Чунин меъёрро дар асоси он пешниҳод менамоянд, ки дар ҳудуди сайёраи мо аллакай таҳдидҳои муайяни глобалии экологӣ ба амнияти инсоният ба вуҷуд омадаанд. Ба равандҳои объективии манфии экологӣ, ки танҳо бо саъю кӯшиши тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ бартараф карда мешаванд, инҳо дохил карда мешаванд: мушкилоти иқлим, биёбоншавӣ, ҳифзи қабати озон, ҳифзи уқёнуси ҷаҳонӣ, муҳофизати олами набототу ҳайвонот ва ғайра. Ба омилҳои субъективӣ бошад, оқибатҳои амалҳои номатлуби давлатҳо ба монанди ҷараёни амалиётҳои ҳарбӣ ва истифодаи лавозимотҳои ҷангии кимиёвӣ дар баҳрҳо ва уқёнусҳои ҷаҳонӣ, инчунин, оқибатҳои экологие, ки дар натиҷаи ифлосшавии фаромарзӣ дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбӣ ва мунокишаҳои байни давлатҳо ба миён омада, ба вазъи муҳити зисти давлатҳои ҳамсоя таъсири худро мерасонад, дохил кардан мумкин аст.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ташаккули фазои фаромиллӣ ба мушкилоти ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд, ки фаҳмиши он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳоло ба сатҳи нави рушд расида истодааст, таъсир мерасонад. Ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ба ақидаи С.С. Алексеев, чунин болоравии ҳуқуқи инсонро метавон дарк намуд, ки тавассути он категорияи ҳуқуқӣ-объективӣ аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо мекунад. Моҳияти ин падида дар он аст, ки татбиқи унсурҳои ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи универсалӣ ва умумибашарӣ бояд на танҳо тавассути институтҳо ва механизмҳои як давлат, балки дар ҳуқуқи байналмилалӣ низ сурат гирад.

Дар бораи ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон дар қонунгузории миллӣ муқаррар кардани принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин бора худи мавҷудияти ҳуқуқи байналмилалӣ, татбиқи санадҳои ҳуқуқии умумиаврупоӣ, ворид намудани механизми байналмилалӣ ба низоми

ҳуқуқии миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, таъсиси СММ, Шурои Аврупо, Суди Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, дигар мақомоти байналмилалӣ ва фаъолияти онҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ин шаҳодат медиҳанд.

Ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон тамоюли алоқамандии умумӣ ва инфиродиро инъикос мекунад, зеро мақом ва вазъи ҳуқуқии шахс на танҳо ба шахсиятҳои алоҳида, балки ба ҳаёти халқҳои тамоми башарият дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин ҳолат ташаккули системаи насли сеюми ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд овард, ки ба он ҳуқуқҳои экологии инсон дохил карда шуданд.

Дар шароити ба миён омадани таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба амнияти башарият, ки дар байни онҳо таҳдиди глобалии экологӣ ҷой дорад, аҳаммияти ҳуқуқи инсон ҳамчун яке аз омилҳое, ки ба рушди мутақобили шахс, ҷомеа ва табиат оварда мерасонад, афзуда истодааст. Ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар пешгӯиҳо дар бораи рушди ояндаи иҷтимоию экологии ҷаҳони муосир масъалаи мубрами ба таври возеҳ дидашаванда ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, аввали солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта раванди «конститутсионигардонии» ҳуқуқҳои экологӣ дар саросари ҷаҳон густариш ёфт. Аввалин давлате, ки ҳукуқ ба муҳити солими зистро дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намудааст, ин Испания мебошад (соли 1978).

Дар сатҳи байналмилалӣ низ дар ин масъала амалҳои назаррас мушоҳида мегардад. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои аввалини СММ бевосита, ҳуқуқҳои экологиро пешбинӣ намекунанд (танҳо с. 1972 дар конфронси Стокголм ҳуқуқ ба муҳити зисти солим ташаккул ёфт). Вале Эъломия барои амалигардии хукуқҳои асосии инсон (аз ҷумла ҳукуқҳои экологӣ) заминаи бузург гузошт. Масалан, эътирофи ҳуқуқ ба озодии сухан, муттаҳидшавӣ ва ғайра барои ҳалли мушкилоти экологӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ё худ хукуқ ба ҳаёт (м. 3 Эъломия) имрӯз ба маънои васеътар мавриди баррасӣ қарор дорад. Ба мазмуни пештараи он «ҳуқуқ ба зиндамонии экологӣ» низ фаҳмида мешавад.

Дар ин замина, хуқуқҳои зерини экологии инсонро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатии инсон мусоид;

2) ҳуқуқ ба дастрасии маълумоти кофӣ оид ба ҳолати муҳити зист;

3) ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ ва молу мулк вобаста ба ҳуқуқвайронкунии экологӣ расонида шудааст;

4) ҳуқуқ ба истифодабарии захираҳои табиӣ (объектҳои табиат, захираҳои табиӣ) барои қонеъ намудани талаботи худ (талаботи эстетикӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ғайра) ё ҳуқуқ ба истифобарии умумии табиат;

5) ҳуқуқ ба ҷуброн намудани зараре, ки ба муҳити зист расонида шудааст.

Таъмини ҳуқуқи инсон ба муҳити мусоид аллакай дар низоми ҳуқуқҳои амалкунандаи инсон инъикос ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар Эломияи принсипҳо, ки дар конфронси СММ дар Рио-де-Жанейро соли 1992 қабул карда шуд, муҳимтарин унсурҳои ин ҳуқуқ таҳия карда шудаанд, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои ҳар як шахс барои иштирок дар ҳалли мушкилоти байналмилалии экологӣ, ки ба ҳолати биосфераи курраи Замин таҳдид мекунанд, як қатор кафолатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ғайра барои ҳалли ин масъала пешбинӣ карда шудаанд.

Аммо тағйирёбии равандҳои нави ҷаҳони муосир сатҳи гуногуни «ҷаҳонишавии ҳуқуқҳо»-ро талаб мекунанд – робитаи онҳо ба ноосфера, тафсири коэволютсионӣ ва экологӣ-гуманистии ҷомеаи инсонӣ вобастаанд. Дар робита ба ин, инсон набояд маҳдудиятҳои манзили экологии худ, оқибатҳои ногузири зарароваре, ки дар сурати тамом шудани захираҳои маҳдуди барқарорнашаванда ва вайрон шудани раванди худтанзимкунии биосфераро фаромӯш кунад. Аз ин рӯ, бо истифода аз ҳуқуқҳои худ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои гуногун ва афзоянда, инсоният бояд равандҳои экологиро ба назар гиранд ва озодии худро ба маҳдудиятҳои табиӣ –экологӣ алоқаманд кунанд.

Алалхусус аз ин фаҳмишҳо зарурати таҳияи назариявӣ ва татбиқи амалӣ намудани андешаҳои нав дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои экологии инсон ва шаҳрванд ҳамчун меъёри рафтори дуруст, аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ бармеоянд. Чунин ба назар мерасад, ки сарфи назар аз амиқ шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши ҷомеаҳои нави ҷаҳонии ҳуқуқ

ба ақидаи баъзе олимон, «меъёрҳои глобалии ҳуқуқи экологӣ ҳанӯз универисалӣ нагардидаанд. Аммо онҳо қонунгузории миллиро торафт маҳдуд мекунанд ва аз онҳо соҳаҳои нави таъсирро ба даст меоранд. Ин ба он вобаста аст, ки ҳуқуқи экологӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқии ватанӣ қодир нест, ки ҷомеаро аз як қатор ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ, ки ба ҷомеа зарари калон мерасонад, муҳофизат кунад».

Ҳамин тариқ, масъалаи ба таври возеҳу дақиқ муайян кардани ҳуқуқу озодиҳои экологии инсон ва шаҳрванд бо мазмуни воқеӣ, муқаррар намудани назорати давлатӣ оид ба риояи онҳо, ташкили системаи заруррии кафолатҳои ҳуқуқи барои инкишофи шахсият, таъмини иштироки он дар механизми фаъолияти ҳифзи табиат бармеояд. Инчунин, муносибат ба мазмуни уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон тағйир ёфта, онҳоро дар миқёси ҷаҳон бо мазмуни нави умумибашарӣ пур намудан бамаврид аст.

Мазмун ва баъзе хусусиятҳои хоси ҳуқуқҳои экологиро ба назар гирифта, онҳоро чун ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ мекунанд. Ҳуқуқҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқҳои сиёсӣ низ зоҳир мегарданд. Дар маҷмуъ, ҳуқуқҳои экологиро ҳуқуқи шахсӣ низ номидан мумкин аст, зеро баамалбарории ҳуқуқ ба муҳити зисти солим бевосита бо амалигардии ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи асосии шахсӣ алоқаманд аст. Дар сарчашмаҳо ҳуқуқҳои экологӣ чун ҳуқуқҳои насли сеюм ва баъзан чун ҳуқуқҳои насли чаҳорум низ маънидод мегарданд.

Дар адабиёти илмӣ ҳуқуқҳои экологии инсон бо асосҳои гуногун тасниф карда мешаванд. Хуқуқҳои экологӣ мумкин аст, ки бо асосҳои зерин тасниф карда шаванд: ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ (асосӣ) ва ҳуқуқҳои дигар; ҳуқуқи шаҳрванд ва ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; ҳуқуқҳои ҳифзи табиат ва ҳуқуқҳои захираҳои табиӣ; ҳуқуқҳои бевосита экологӣ (махсус) ва дигар - умумӣ (яъне, бавосита ба ҳуқуқи истифодабарии табиат таъсир мерасонанд).

Ба андешаи Р. Ҷабборов аз таҳлили мазмуни Конститутсияи ҶТ ва Қонуни ҳифзи табиати ҶТ (ҳозира Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист») ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: а) ҳуқуқи инсон ба зиндагӣ дар шароити тозаю солим ва муҳити атрофи пурмаҳсул барои зиндагӣ; б) ҳуқуқи инсон барои таъмини ҳифзи саломатии вай аз зараррасонии носолими муҳити табиии атроф, ки натиҷаи таъсири ҳаракати антропогении худи вай аст.

Ҳуқуқҳои экологии инсон ба гурӯҳи ҳуқуқҳои табиии бунёдии (ҷудонашавандаи) инсон дохил шуда, аз лаҳзаи таваллуд ба миён омада, пас аз вафоти инсон қатъ мегарданд ва инҳо дар баробари ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, озодии ҳаракат ва монанди инҳо амал менамоянд.

Ҳуқуқҳои экологӣ ба ҷумлаи ҳуқуқҳои бегонанашаванда ва табиӣ дохил мебошанд. Яъне инсонро аз ин ҳуқуқҳо маҳрум кардан мумкин нест. Ҳуқуқҳои экологӣ аз ҷиҳати мазмун мустақил буда, дар мазмуни ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ то ин ё он сатҳ зоҳир мешаванд. Масалан, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳое, ки аҳаммияти экологӣ доранд, мазмуни ҳам сиёсӣ ва ҳам экологӣ дорад.

Гарчанде ташаккули Конститутсияи ҶТ дар давраи саросарэътирофкунии ҳуқуқҳои экологӣ сурат гирифта бошад ҳам, хуқуқҳои экологӣ бевосита дар он пешбинӣ нашудааст. Масалан, муҳимтарин ҳуқуқи экологӣ - ҳуқуқ ба муҳити солими зист дар Конститутсияи ҶТ на ҳамчун ҳуқуқи алоҳида, балки чун кафолати ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ (м. 38) пешбинӣ шудааст.

Тибқи м. 38 Конститутсияи ҶТ давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад. Ин муқаррароти конститутсионӣ уҳдадории давлатро оид ба таъмин намудани муҳити зисти солим пешбинӣ намудааст. Қонунгузории экологӣ ва илми ҳуқуқи экологӣ асоснок намудааст, ки фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист ба таъмини амнияти экологӣ ва саломатии инсон ҳамчун принсипи асосии ин фаъолият равона карда шудааст.

Ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро аз мазмуни дигар моддаҳои Конститутсия бавосита низ дарёфтан мумкин аст. Масалан, м. 5 (эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҳуқуқҳои фитрии инсон), м. 13 (ҳуқуқ ба истифодаи табиат), м.19 (ҳуқуқ ба ҳифзи судии

ҳуқуқҳои экологӣ), м.21 (ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ расонида шудааст), м. 25 (ҳуқуқ ба иттилоот дар хусуси вазъи экологӣ) ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳлили мазмуни меъёрҳои Конститутсияи ҶТ маълум мегардад, ки дар умум ҳуқуқҳои экологӣ дар он эътироф гаштаанд. Дуруст аст, ки ҳуқуқҳои экологӣ дар Конститутсия бевосита ва бо тамоми ҷузъиёт пешбинӣ нагаштааст, аммо бо тамоми ҳуқуқҳои асосии экологӣ, ки дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқи экологӣ эътироф гаштаанд, дар Конститутсияи ҶТ дучор омадан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузории экологӣ ҳуқуқҳои зерини экологии инсонро ҷудо намудан мумкин аст:

- ҳуқуқ ба муҳити зисти солим (м. 38 Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист);

- ҳуқуқи дастрас кардани иттилооти экологӣ (м. 60 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25 марти с. 2011);

- ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандон аз таъсири номусоиди муҳити зист расидааст (м. 79 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»);

- ҳуқуқ ба истифодабарии захираҳои табиӣ (дар қонунгузории соҳавӣ кафолат дода шудаанд);

- ҳуқуқ ба иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои марбут ба ҳуқуқи онҳо ба муҳити зисти мусоид тибқи қонунгузории ҶТ (б. 12 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»);

- ҳуқуқ ба истифодаи олами наботот ва ҳайвонот (Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» аз 17 майи с. 2004, Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи с. 2008).

Ҳамин тариқ, зиддиятҳои амиқи ҷаҳонишавӣ заминаҳои фалокати иҷтимоӣ ва экологиро ба вуҷуд меорад. Бартараф намудани норасоиҳо ва ба модели нави муносибатҳои иҷтимоӣ, ки ба принсипҳои гуногунандешӣ ва ҳамкорӣ асос ёфтааст, аз ҷумлаи шарти зарурии таъмини амнияти экологӣ дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад.

Аҳаммияти муҳимтарини расидан ба ин ҳадаф ташаккули ҷанбаҳои экологии ҳуқуқу озодиҳои экологии инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе:- Шарқи озод, 2009с,
2. Боголюбов С. А. Глобализация и развитие экологического законнодательства // Журнал российского права. 2004. № 5. С. 18.
3. Чиркин В.Е. Конституционное право / В.Е. Чиркин. - М., 1997. С. 59.
4. Гуггенбергер Б. Теория демократии // Полис. - 1991. - № 4. - С. 139.
5. Глухарева Л.И. Права человека в современном мире (социально философские основы и государственно-правовое регулирование) / Л.И. Глухарева. - М, 2003. С. 165.

6 Иванец Г.И.,. Червонюк В.И. Глобализация, государство, право // Государство и право. 2003. № 8. – С. 92.

7. Боголюбов С.А. Актуальные проблемы экологического права: монография. - М.: Издательство Юрайт, 2019. - С. 200.
8. Ҷабборов Р. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Ҷабборов. - Душанбе: Диловар, 2004. - С. 84.
9. Экологическое право: учебник для вузов / Н.Д. Эриашвили, Ю.В. Трунцевский, В.В. Курочкина и др.: Под ред. В.В. Курочкиной, В.В. Гучкова. - 2-е изд., прераб. и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, Закон и право, 2004. - С. 47.
10. Бадалов Ш.К. Масъалаҳои ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конфронси Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 15-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 ноябри соли 2009).-Душанбе: Шуҷоиён.-С. 82.
11. Соҳибзода. М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: нашри аввал // Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.- Душанбе: ЭР-граф, 2021. Саҳ 187.


**РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚҲОИ ЭКОЛОГИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ТОҶИКИСТОН**

Ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон дар шароити ба миён омадани таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ ба амнияти башарият, ки дар байни онҳо таҳдиди глобалии экологӣ ҷой дорад, аҳаммияти ҳуқуқҳои экологии инсон ҳамчун яке аз омилҳое, ки ба рушди мутавозини шахс, ҷомеа ва табиат оварда мерасонад, афзуда истодааст.

Ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар пешгӯиҳо дар бораи рушди ояндаи иҷтимоию экологии ҷаҳонӣ муосир масъалаи мубрами ба таври возеҳ дидашаванда ба ҳисоб меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқи инсон, ҷаҳонишавӣ, ҳуқуқҳои экологӣ, уҳдадориҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, иттилооти экологӣ, шаҳрванд.

## ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Глобализация прав человека в условиях возникновения новых глобальных угроз безопасности человечества, среди которых выделяется глобальная экологическая угроза, возрастает значение экологических прав человека как одного из факторов, ведущих к сбалансированному развитию личности, общества и природы. Экологические права человека и гражданина в современных прогнозах будущего глобального социально-экологического развития являются наиболее актуальной проблемой.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** права человека, глобализация, экологические права, экологические обязательства, охрана окружающей среды, экологическая информация, гражданин.

## THE PROCESS OF GLOBALIZATION AND THE FORMATION OF ENVIRONMENTAL HUMAN AND CIVIL RIGHTS IN TAJIKISTAN

Globalization of human rights in the context of the emergence of new global threats to human security, among which the global environmental threat stands out, the importance of environmental human rights as one of the factors leading to the balanced development of the individual, society and nature is increasing. The environmental rights of man and citizen in modern forecasts of the future global socio-ecological development are the most urgent problem.

**KEYWORDS:** human rights, globalization, ecological law, ecological obligation, environmental protection, ecological information, citizen.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзуллозода Ёқубҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **988-63-07-22.**

**Сведения об авторе:** ***Файзуллозода Ёкубджон*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **988-63-07-22.**

**Information about the author:** ***Faizullozoda Yoqubjon*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-63-07-22.**

## ТАЪЛИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН

*Шарипова Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қисми муҳимтарини тарбияи ҳуқуқии инсон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ӯ таълимоти ҳуқуқӣ мебошад. Таълими ҳуқуқӣ ин раванди мақсадноки ҳамкории муаллим ва таълимгирандагон мебошад, ки дар натиҷаи он таълимгирандагон дар соҳаи ҳуқуқӣ дониш ва малакаҳои муайянро аз худ менамоянд ва ташаккул медиҳанд.

Тавре ки дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, таълими ҳуқуқӣ «роҳи ифодаи беруна ва ташкили интиқоли маводи назариявии ҳуқуқӣ ба объекти таълим» мебошад. Ҳадафи таълими ҳуқуқӣ ташаккул додани заминаи назариявии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини сатҳи зарурии ба низом даровардани донишҳо дар бораи ҳуқуқ, рушди манфиатҳои ҳуқуқӣ, ҳиссиёт, тафаккури ҳуқуқӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҳуқуқӣ мебошад.

Таълими ҳуқуқӣ бошад, пеш аз ҳама дониши ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, масъулияти шахс барои риоя накардани ҳуқуқро дар назар дорад. Он ба тарбия дар руҳияи муносибати эҳтиромона ба қонунҳо ва Конститутсия, ҳуқуқи инсон ва муносибати танқидӣ нисбат ба онҳое, ки ин қонунро вайрон мекунанд, нигаронида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар барномаҳои таълимии ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ чун қоида, як нимсола барои омӯхтани фанни ҳуқуқшиносӣ ва сипас дигар фанҳои ҳуқуқӣ ҳамчун фанҳои интихобӣ дар донишгоҳ ҷудо карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳатто донишҷӯёне, ки дар чунин фанҳои ҳуқуқӣ иштирок менамоянд ва баҳои мусбат мегиранд, дониши возеҳи ҳуқуқие, ки дар ҳаёти воқеии онҳо зарур мебошад, аз худ намекунанд. Ҷавонон бояд қонунҳои конститутсионӣ, граждани, маъмурӣ ва ҷиноятиро муфассалтар омӯзанд. Донишҷӯён бояд тавонанд ба суд ё мақомоти адлия ариза тартиб диҳанд, мазмуни ҳуҷҷатҳои меъёриро фаҳманд ва аҳаммияти чунин малакаҳои амалиро дарк намоянд. Аҳаммияти ин изҳоротро ниёзҳои сирф шахсии донишҷӯён тасдиқ мекунанд, ки амалияи даҳсолаҳои охир исбот менамояд.

Сатҳи саводи воқеии ҳуқуқии донишҷӯёни имрӯза, ки онҳо на танҳо қонунҳоро намедонанд, балки ҳатто дар бораи қоидаҳои тартиб додан ва пур кардани ҳуҷҷатҳо ва шартномаҳо тасаввуроте надоранд ва ин аксар вақт ба оқибатҳои хеле ғамангез барои онҳо оварда мерасонад. Бинобар ин, ба ақидаи мо ҳангоми тартиб додани барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд муқаррароти Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 оид ба зиёд намудани дарсҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба инобат гирифта шавад. Ҳолати мазкур дар Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 низ пешбинӣ шудааст, ки тибқи он «масъулияти асосӣ барои иҷрои Барнома дар соҳаи маориф ба зиммаи муассисаҳои таълимии тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон вогузор карда мешавад». Аз ин рӯ, ҳангоми фаъолият ин меъёрҳоро бояд ба инобат гиранд. Мутаассифона айни замон дар бештари донишгоҳҳои кишвар фанни «ҳуқуқи инсон» умуман таълим дода намешавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон на танҳо худи ӯ, балки оила, давлат, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма низ фаъолона иштирок доранд. Махсусан, муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, ки дар онҳо рушди фарҳанги ҳуқуқӣ асосан тавассути таълими ҳуқуқӣ сурат мегирад. Аммо бояд қайд намуд, ки дар айни замон зиддияти ошкоро байни зарурати донишҳои назарраси ҳуқуқӣ аз як тараф ва механизми мавҷудаи таълими донишҳои ҳуқуқӣ дар донишгоҳҳо аз тарафи дигар ба мушоҳида мерасад. Аз худ намудани ҳаҷми мавҷудаи дониши ҳуқуқӣ, ки айни замон дар донишгоҳҳо ба роҳ монда шудааст,

рушди фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯёнро пурра таъмин карда наметавонад. Ин зиддият, махсусан, дар факултаҳои ғайриҳуқуқшиносӣ ба назар мерасад, ки дар онҳо донишҷӯён танҳо дар ҷараёни омӯзиши фанни таълимии «Ҳуқуқшиносӣ» метавонанд донишҳои ҳуқуқиро дар сатҳи зарурӣ аз худ намоянд.

Муҳаққиқ Ҷ. Юлдошова донишу малака, маърифату маълумотро оид ба падидаҳои ҳуқуқиву давлатӣ зарурияти омӯхтанашро ҳанӯз аз синни мактабӣ таъкид намуда, қайд менамояд: «Донишу малакаҳо ва маърифату маълумотҳо оид ба давлат ва ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, оид ба қонунҳое, ки ҳаёти ҷомеаро ба тартибу танзим медароранд ва рушди онҳоро ба самту соҳаи инкишофёбанда таъмин мекунанд, ҳуқуқ ва вазифаҳои инсонҳо – шаҳрвандонро муайян ва муқаррар мекунанд, на танҳо барои ҳар як шахси соҳибмаърифату соҳибмаълумот зарур аст, балки онро дар ҷомеа, аллакай аз синну соли мактабӣ рушду такомул додан ва ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеаи навин ҳидояту роҳнамоӣ ва тайёру омода намудан аз манфиату арзишҳо орию холӣ буда наметавонанд».

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷамъият донишҳо оид ба меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҷавонон ҷиҳати татбиқи пурраи ҳуқуқу озодиҳои онҳо зарур аст. Имрӯз, бештари ҷавонон ҳатто ҳадди ақали зарурии дониш ва малакаи аз худ намудани донишҳои ҳуқуқиро надоранд. Мутаносибан, ба иттилооти аҳолӣ ва махсусан ҷавонон расонидани маълумот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиротҳои қонунгузорӣ муҳимтарин вазифаест, ки танҳо тавассути таълимоти ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки таълими ҳуқуқии ҷавонон аз тарафи субъектҳои гуногун (давлат дар симои мақомоти он, ВАО, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ғайра), ки воситаҳои гуногуни тарбияи ҳуқуқиро истифода мебаранд, амалӣ карда мешавад.

Таълими ҳуқуқӣ фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат ва ҷомеа оид ба ташаккул ва такмил додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва таъмини раванди ташаккули маънавии шахс мебошад, ки идеяи бунёди давлати ҳуқуқбунёдро амалӣ менамояд. Таълими ҳуқуқӣ ин роҳи ба шаҳрвандон нишон додани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои воқеии онҳо дар ҷомеа, муаррифӣ намудани чунин ҳуқуқҳо ва эътирофи ҳуқуқҳои дигар аъзои ҷомеа мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди волоияти қонун, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон фарҳанги олии ҳуқуқиро тақозо мекунад, ки бидуни он амалишавии чунин арзишҳо ва принсипҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, аз қабили волоияти қонун, афзалияти шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонашавандаи ӯ, таъмини боэътимоди ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон аст. Сатҳи мувофиқи фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷудияти омодагии ҳуқуқӣ ва низоми бовариро ба эътибори қонун, дарки зарурати риояи муқаррароти он, доштани қобилият ва малака барои татбиқи қонунро ба вуҷуд меорад. Донише, ки дар ҷараёни таълими ҳуқуқӣ ба даст меояд, бояд ба эътиқоди шахсӣ, муносибати устувор барои риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ, сипас ба эҳтиёҷот ва одати дохилии риояи қонунҳои ҳуқуқӣ ва дар нишон додани рафтори ҳуқуқӣ зоҳир гардад.

Ҳама шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки новобаста аз ҷинс, синну сол, қавмият ва миллат, вазъи оилавӣ, вазъи саломатӣ, сатҳи даромад ва ҳама гуна ҳолатҳои дигар, маълумоти ҳуқуқиеро гиранд, ки ба манфиатҳои онҳо дахл дорад. Ҳуқуқ ба иттилооти ҳуқуқӣ дахлнопазир аст. Ҳатто ҷавононе, ки бо қарори суд ҳуқуқашон маҳдуд гардидааст, аз ҳуқуқи гирифтани маълумоти ҳуқуқӣ маҳрум карда намешаванд, танҳо роҳҳои татбиқи он бо сабаби маҳрум шудан аз ҳуқуқи озодона ҳаракат намудан ва дастрасии озод ба иттилоот ба маҳдудиятҳои муайян дучор меоянд. Оид ба масъалаи дар байни ҷавонон парваридани эҳтироми қонун, рафъи ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқӣ, аз тамоми воситаҳои мавҷудаи таълими ҳуқуқӣ ва маърифати аҳолӣ ба қадри кофӣ истифода бурдан лозим аст. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондан ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар ин самт дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти № 599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», тасдиқ

гардид. Зарурати қабули Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ гардидааст, бармеояд. Аз ҷумла, дар Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ҳадафҳои зерини асосии сиёсати давлатӣ дар рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон муайян карда мешаванд:

- риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;
- таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;
- баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқӣ;
- байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;
- ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;
- ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа.

Мураккабӣ ва бисёрҷанбагии мушкилоти таълими ҳуқуқӣ сабаби он мегарданд, ки баъзе паҳлуҳои ин намуди фаъолият ба қадри кофӣ таҳлил намегарданд. Ҳамзамон, роҳҳои гуногуни ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таълим, консепсияҳои гуногуни тарбияи ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ, низоми таълими демократии шаҳрвандӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Самаранокии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аз сатҳ ва сифати таълими ҳуқуқии ҷавонон ва донишҷӯён тавассути фанҳои таълимии ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар шароити кунунии иҷтимоию иқтисодӣ дониши ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти рӯзафзуни ҳаётӣ пайдо мекунад. Ҷавонон ба дарки он мерасанд, ки онҳо дар ҷомеаи тағйирёбанда ба ғайр аз қонун дигар воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худро надоранд ва нахоҳанд дошт. Аз ин рӯ, вазифаи таълими ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки на танҳо насли наврас, балки ҷавононро оид ба дониши ҳуқуқӣ таълим диҳанд ва дар шароити кунунии хавфу буҳрон ин донишҳо ба онҳо кумак хоҳанд расонд.

Бо вуҷуди ин, чораҳои андешидашудаи давлат, ки субъекти асосии самти баланд бардоштани самаранокии таълими ҳуқуқӣ дар тамоми сатҳҳо мебошад бенатиҷа мемонанд, агар аҳолӣ дар гирифтани чунин таҳсилот манфиатдор набошанд. Аъзои ҷомеа бояд на танҳо имконияти дастрасӣ ба «арзишҳои қонунӣ» дошта бошанд, балки инчунин зарурати татбиқи ин самтро дарк кунанд. Ҳар як фард бо назардошти сатҳи рушд (маълумот, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, фаъолияти касбӣ) уҳдадор аст, ки аз мафҳумҳои умумии ҳуқуқӣ бархӯрдор бошад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таълимоти ҳуқуқӣ вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

- омӯхтани қонунгузории ҷории Тоҷикистон;
- омӯзиши ҷараёни татбиқи қонунҳо;
- таҳқиқ ва шарҳи амали принсипҳои қонунгузорӣ;
- гузаронидани семинарҳои кушоди таълимӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорон;
- ташкили раванди таълим дар шакли суҳбат, дарс, семинар, лексия, мизи мудаввар,

викторина, конфронс, озмун, фаъолияти лоиҳа ва ғайра дар мавзуъҳои ҳуқуқӣ бо донишҷӯён;

- омӯзиш дар вариантҳои имконпазири рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои ҳаррӯза, ки дастгирии ҳуқуқиро талаб мекунанд;

- рушди арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии шахс тавассути омӯзиши қонун, анъана, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон;

- дарки арзиш ва нақши ҳар як шаҳрванд (шахси мушаххас) дар рушди ҷомеа ва давлат.

Баҳри ҳалли вазифаҳои қайдгардида чунин самтҳои низоми таълими ҳуқуқӣ бояд татбиқ карда шаванд:

- таълими ҳуқуқии шаҳрвандӣ, ки ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ равона шуда бошад;

- таълими иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ;

- эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ;

-ташаккули дониш дар бораи низоми ҳуқуқӣ;

- таълими иҷтимоӣ-ватандӯстӣ, ташаккули рафтори фаъоли ҳуқуқӣ дар ҷавонон, ки ба тарзи ҳаёти солим, татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои арзишӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ нигаронида шудааст;

Низоми таълими ҳуқуқӣ сатҳҳои зеринро дар бар мегирад:

1) таҳсилоти умумӣ (таҳсилоти томактабӣ; таҳсилоти ибтидоии умумӣ – синфи 1-4; таҳсилоти умумии асосӣ – синфи 5-9; таҳсилоти миёнаи умумӣ – синфи 10-11);

2) таҳсилоти миёнаи касбӣ;

3) таҳсилоти олӣ (дараҷаи бакалавр, мутахассис ва зинаи магистратура);

4) таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олӣ (тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, таҳсилоти иловагии ҳуқуқӣ ва бозомӯзии касбӣ).

Бояд қайд намуд, ки ноил шудан ба ҳадафҳо ва татбиқи вазифаҳои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз чорабиниҳои ҳисоботии мунтазам (солона) вобаста аст, ки ба азхудкунии дониши пурра дар бораи ҳуқуқ ва давлат мусоидат мекунанд. Барои баланд бардоштани самаранокии таълимоти ҳуқуқӣ пеш аз ҳар як чорабинии муҳим, бояд семинар-лексияи мавзуӣ баргузор карда шавад, ки дар доираи он моҳият ва нақши санади меъёрӣ ва санадҳои байналмилалӣ барои Тоҷикистон ва барои худи ҷавонон шарҳ дода шаванд, ва баъд аз ин чорабинӣ дарси амалӣ бо муҳокимаи натиҷаҳо ва хулосаҳо гузаронида шавад.

Сохтмони давлати ҳуқуқбунёд таҷдиди раванди омодасозии кадрҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳоро бо назардошти рушди низоми ҳуқуқӣ, ба ҳам наздик кардани оилаҳои ҳуқуқӣ, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, васеъ намудани ҳудуди фазои ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии миллиро талаб мекунад. Дар айни замон, ҷомеа ба кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқии дорои дониши зарурии ҳуқуқӣ, ки дар руҳияи идеалҳои олии ҳуқуқӣ ва арзишҳои ҳуқуқии умумиҷаҳонӣ тарбия ёфтаанд, ниёзи шадид дорад. Ҳуқуқшиноси муосир бояд шахси дорои фарҳанги олии ҳуқуқӣ бошад, ки арзишҳои олии ҳуқуқро ба ҷомеа расонад.

Шаклҳо ва усулҳои асосии татбиқи чорабиниҳо доир ба таълими ҳуқуқии ҷавонон соатҳои дарсӣ, суҳбатҳо, озмунҳо, намоишҳо, конфронсҳо, вохӯриҳо бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ, корҳои лоиҳавӣ, ташкили бозиҳои тамошобинон, мусобиқаҳо, олимпиадаҳо, пурсиш, навиштани эссе, супориш дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва ғайра мебошанд.

Муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки чунин фаъолиятҳоро амалӣ намоянд: 1) таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ; 2) тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ; 3) ташаккули ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ва маънавӣ дар назди ҷомеа ва давлат; 4) омӯзонидани истифодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷавонон дар ҳаёти ҳаррӯза.

Мувофиқи стандартҳои давлатии таълимӣ, ки қисми асосии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба муассисаҳои таълимӣ вогузор карда мешавад, пешниҳоди маводи таълимии мушаххас барои ташаккули тадриҷии ҳамаҷонибаи донишҳо дар бораи ҳуқуқи шаҳрванд, таърихи давлат ва ҳуқуқ дар назар дошта мешавад, ки дар натиҷаи аз худ намудани онҳо ҷавонон бояд дорои сифатҳои зерин гарданд:

- қобилияти тибқи Конститутсия амал кардан, иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва касбии худ бо роҳбарӣ аз принсипҳои қонуният;

- ҳамчун як шахси фаъоли иҷтимоӣ, ки қонун ва волоияти онро эҳтиром мекунад, дарк намудани шахсияти худ ва масъулият дар назди оила, ҷомеа, давлат ва башарият;

- ҳавасманд будан барои таҳсил ва рушди худ;

- донистан ва қабул намудани арзишҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон.

Натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти дар боло зикршуда инҳо бояд бошанд: 1) рушди огоҳии иттилоотӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда; 2) кӯшиш барои иҷрои босифати уҳдадориҳо ва вазифаҳои худ; 3) сатҳи баланди масъулияти шаҳрвандӣ; 4) дарки нақши давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; 5) ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ; 6) дарки бошууронаи аҳаммияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ.

Ноил шудан ба ин натиҷаҳо ба: 1) баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; 2) тағйироти ҷиддии шуури ҳуқуқии ҷавонон; 3) таъмини рафтори ҳуқуқии ҷавонон; 4) суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа, оварда мерасонад.

Бояд қайд кард, ки шахс вақте ки дар шароити иҷтимоӣ ва таълимӣ қарор дорад, мавқеи худро аз чунин ҷиҳат бояд муайян созад: 1) таълими ҳуқуқӣ барои ӯ то чӣ андоза муҳим ва зарур аст; 2) таълими ҳуқуқӣ барои худшиносии ӯ ҳамчун як шахс ва шаҳрванди ҷомеа чӣ гуна дурнамоҳоро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки шахс бояд дар баробари нигоҳ доштани мувозинати манфиатҳо ва ниёзҳои худ аз кадом дониш ва бо кадом роҳ таҳсил намояд, то ки дар натиҷа сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ӯ боло бурда шавад.

Масъалаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии тарбиятгирандагони муассисаҳои махсусро ба назар гирифта, бо мақсади иҷтимоигардонии ноболиғон ва ҳалли мушкилоти онҳо қабули Стандарти иҷтимоишавии ҳуқуқии тарбиятгирандагони муассисаҳо барои ятимон ва кӯдакони бепарастории волидайн монда зарур аст, ки он сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии тарбиятгирандаро муайян мекунад. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун қисми таркибии барномаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс бояд тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолии Тоҷикистонро дар давраи муосир ба назар гирад. Ҳамин тариқ, имрӯз чунин корҳои тарбиявӣ заруранд, ки дар натиҷаи он қонун бояд аз ҷониби шаҳрвандон ҳамчун воситаи муассири амалӣ намудани ниёзҳо ва манфиатҳои мушаххас дарк карда шавад. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз шароити рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷомеа вобаста аст. Аммо, бо вуҷуди шумораи назарраси таҳлилҳои илмии мавзуӣ, соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ рушди минбаъдаи таҳқиқотро оид ба таълими ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла муайян кардани як қатор хусусиятҳоеро, ки ба ҳолат ва сатҳи онҳо таъсир мерасонанд, талаб менамояд.

Имрӯз, чунин тамоюлҳои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар Тоҷикистони муосир, ба монанди либерализатсияи шуур ва рафтори ҳуқуқӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаи онҳо, комилан аён гаштанд. Дар ин робита, таълими ҳуқуқӣ ва тамоми чорабиниҳо оид ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс бояд ба ташаккули фарҳанги ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ, фарҳанги мубориза барои ҳифзи ҳуқуқии шахс равона карда шаванд.

Дар Тоҷикистони муосир дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ як қатор мушкилот мавҷуданд, ки дар ҳалли онҳо нақши асосӣ ба низоми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс дода шудааст. Аз ҷумла, таърифи возеҳи меъёрии нақши таълими ҳуқуқӣ дар ҳаёти кишвар, таъсиси шаклҳои зарурӣ ва мақсадноки таълими ҳуқуқӣ, таъмини ҳамкории муассири давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, таъмини ҳамкории таълими ҳуқуқӣ бо тарбияи ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ, ки он имкон медиҳад ташаккули фарҳанги дурусти шахси масъулиятнок ҳамчун асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин карда шавад. Албатта, ин рӯйхати мушкилот пурра нест. Ин мушкилотро дар сатҳи қонунгузорӣ ҳам дар марказ ва ҳам дар маҳалҳо ҳал кардан зарур аст.

Дар шароити муосир тадбирҳои муассири тарбиявӣ дар заминаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҳкими волоияти қонун инҳо мебошанд:

- таълими саривақтии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- таълими махсуси ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун салоҳият дохил карда шудаанд;

- фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдоре, ки бо ҷавонон кор мекунанд;

- чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии мақомот ва ташкилотҳое, ки барои кор бо ноболиғон масъуланд;

- гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии натиҷаҳои таъсири ҳуқуқӣ ба ҷавонон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои таълимӣ.

Дар адабиёти илмӣ зарурати васеъ кардани доираи таъсири иҷтимоӣ ба шахс, баланд бардоштани нақши чунин таъсир таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд. Чунин ба назар мерасад, ки дар доираи санадҳои меъёрӣ муттаҳид кардани муқаррароте, ки принсипҳои умумии ҳамзистии иҷтимоӣ, аз қабили адолат, муносибати инсонпарварона ба атрофиён, меҳнати эҷодӣ, оилаи солим ва ғайраро инъикос мекунанд, мувофиқи мақсад мебошад, зеро кори тарбиявӣ дар доираи барномаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс бидуни омезиш бо таълими умумии иҷтимоӣ, дар маҷмуъ ташаккули фарҳанг тасаввурнопазир аст.

Ҳамин тавр, таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди шуури ҳуқуқии ҷавонон ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дар маҷмуъ мебошад. имконият пайдо мекунанд, ки муносибат ва арзишҳои худро ба шуури ҷавонон ворид созанд.


## АДАБИЁТ

1. Аграновская Е.В. Правовая культура и обеспечение прав личности / Е.В. Аграновская; Отв. ред. Е.А. Лукашева; АН СССР, Ин-т государства и права. – М.: Наука, 1988. – 142 с.
2. Азизов У.А. Формировaание советского уголовного права и особенности развития инистутов преступления и наказания в Таджикистане [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http www. https://cyberleninka.ru /article/n/formirovanie-sovetskogo-ugolovnogo-prava-i-osobennosti-razvitiya-institutov-prestupleniya-i-nakazaniya-v-tadzhikistane-1917-1924-gg. (санаи муроҷиат: 20.12.2023)
3. Асадуллоев Р.Н., Хонов А.У. Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ва нақши онҳо дар раванди демократикунонии ҷомеа / Р.Н. Асадуллоев, А.У. Хонов. – Душанбе, 2004. – С. 3.
4. Балаклеец И.И. Правовая культура в условиях модернизации России: реалии, тенденции и перспективы: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2012. – С. 9.
5. Баранов П.П., Окусов А.П. Аксиология юридической деятельности / П.П. Баранов, А.П. Окусов. – Ростов н/Д, 2003. – С. 72.
6. Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://moh.tj/?p=21803. (санаи муроҷиат: 20.12.2023 с.).
7. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=& sanadID =403 (санаи муроҷиат: 20.12.2023 с.).
8. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview .php?show detail =&sanad ID=403. (санаи муроҷиат: 20.12.2023 с.).


## ТАЪЛИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН


Таълими ҳуқуқӣ ин раванди мақсадноки ҳамкории муаллим ва таълимгирандагон мебошад, ки дар натиҷаи он таълимгирандагон дар соҳаи ҳуқуқӣ дониш ва малакаҳои муайянро аз худ менамоянд ва ташаккул медиҳанд. Тавре ки дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, таълими ҳуқуқӣ «роҳи ифодаи беруна ва ташкили интиқоли маводи назариявии ҳуқуқӣ ба объекти таълим» мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҷавонон.


## ПРАВОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ МОЛОДЕЖИ


Правовое образование – это целенаправленный процесс сотрудничества преподавателя и учащихся, в результате которого учащиеся приобретают и развивают определенные знания и навыки в правовой сфере. Как отмечается в научной литературе, правовое образование - это «способ внешнего выражения и организации передачи правового теоретического материала объекту образования».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** право, юридическое воспитание, юридическое образование, правовая культура, молодежь.


## LEGAL EDUCATION OF YOUTH

Legal education is a purposeful process of cooperation between the teacher and students, as a result of which students acquire and develop certain knowledge and skills in the legal field. As it is noted in the scientific literature, legal education is "a way of external expression and organization of transfer of legal theoretical material to the object of education".

**KEYWORDS:** law, legal education, legal education, legal culture, youth.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипова Дилором*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Дилором*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Sharipova Dilorom*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-63-07-22.**

# ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ – ҶУСТУҶӮИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Абдуҷаборзода А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16 апрели соли 2012, низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки мутобиқ ба он вазорат ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро ёфтаанд. Мутобиқи қонуни мазкур вазорат – ин мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие мебошад, ки татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракуниро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ намуда, инчунин дар доираи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар ҳамин соҳа ҳамоҳанг месозад.

Ҳамин тариқ, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи корҳои дохилӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат, ҳуқуқ, озодиҳо ва амнияти шахсони воқеию хуқукӣ ва амволи онҳоро таъмин мекунад.

Фаъолияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботҳои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат менамояд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мақомоти корҳои дохилӣ тавонист бо фаъолияти пурсамар нишон додан дар самти ошкори ҷинояткорӣ тамоми неруи худро бахри барқарор намудан ва таҳким бахшидани сулҳу субот, оромӣ ва гулгуншукуфоии Тоҷикистон равона намояд. Дар зарфии 33 соли Истиқололияти давлатӣ мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон ба як сохтори пурқувват ё ниҳоди бузургу такягоҳи боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Фаъолияти ин ниҳоди пурқудратро Низомномаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28.12.2006 №592, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, танзим менамояд. Маҳз баъди тасдиқи Низомномаи мазкур ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти мазкур ва воҳидҳои сохтории он муайян карда шуд.

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, ки татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи корҳои дохилӣ ва ҳимояи манфиатҳои давлат, ҳуқуқу озодиҳо ва амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дороии онҳоро таъмин менамояд. Фаъолияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри амалӣ гардондан ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳифзи ҳуқуқ ва моликияти шаҳрвандон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, баланд бардоштани обрӯю эътибори милитсия дар саросари кишвар бо дарки талаботи замони муосир ва ҷомеа нигаронида шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки айни замон аксарияти ҷиноятҳо тавассути фаъолияти пурсамари мақомоти корҳои дохилӣ ошкор карда мешаванд. ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ намудааст, як қатор ҷиноятҳоро ба тобеияти тафтишии кормандони ВКД вогузор намудааст, чунончӣ тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 181, 200, 201, 202, 202(1) , 202(2), 206(1), 245, 246, 251, 257, 258, 261, 263-268, 273-280, 286 қисми 1, 287-291, 323-325 пешбинишудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ гузаронида мешавад. Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 314, 316, 340, 346, 347, 352, 353 пешбинишудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз тарафи

муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ гузаронида мешавад, ба шарте, ки онҳо бо тафтиши парвандаҳои дигари ҷиноятие, ки дар тобеияти ин мақомотанд, алоқаманд бошанд.

Фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеш аз ҳама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” аз 25 марти соли 2011 муқаррар мекунад. Тибқи қонуни мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба як қатор воҳидҳои оперативӣ дода шудааст, ки дар байни онҳо воҳидҳои мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррасро ба худ касб кардааст.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ намуди фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Тамоми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Мақомоти корҳои дохилиии Тоҷикистон дар тули фаъолияти худ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, муҳофизати молу амволи давлатӣ ва шахсӣ саҳми намоён гузошт; ҳайати шахсии он дар ҳама самтҳо ва набардҳо ҷонбозиҳо карда, саҳифаҳои дурахшон ба ёдгор монд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ҷузъу томҳои ВКД дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моводди мухаддир ва гурӯҳҳои ба он сарукордошта чорабиниҳои мушаххасро анҷом доданд. То ба имрӯз даҳҳо тонна моводи мухаддир аз муомилот мусодира, фаъолиятҳои ҷинояткории марбут ба одамрабоӣ, харидуфурӯши одамон, ноболиғон, истисмори занону кӯдакон ошкор ва пешгирӣ карда шудаанд.

ВКД дар шароити кунунӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории замони муосир фаъолияти худро созмон дода, бо ҳамкасбони хориҷии дуру наздики худ муносибатҳои густурдаи ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст ва бо мақомоти корҳои дохилии ин кишварҳо беш аз 300 шартномаву созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкориҳои муштараки мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, кофтукови ҷинояткорон ва таълиму тарбияи кормандонро дар амал татбиқ карда истодааст.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз субъетони фаъоли фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баромад намуда, дар рафти амалисозии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқи муқаррароти муайяннамудаи қонунгузорӣ ширкат меварзад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” субъектони фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯиро нишон дода, дар онҷо ВКД-ро низ зикр намудааст. Субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ин мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори ин мақомот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии мебошанд, ки дар асоси қонунгузорӣ барои амалӣ намудани ин фаъолият ваколатдор карда шудаанд ва дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мушаххасанд.

Дар назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати субъектони муносибатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандоне баромад мекунанд, ки бо таври муваққатӣ ё доимӣ вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба чунин муносибатҳо ҷалб карда шуда, дар онҳо иштирок менамоянд. Чунин иштирокчиёнро, аслан ба категорияҳои гуногуни субъектҳои муносибатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дохил менамоянд. Нақш ва таъиноти субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷусутуҷӯӣ гуногун буда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан зарур аст. Ба гурӯҳи аввал худи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва шахсони мансабдори он дохил мешаванд. Мақомоти амаликунандаи ФОҶ вазифаҳои муайянкардаи қонунро фақат дар доираи ваколатҳои худ, ки санадҳои меъёри ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иҷро менамоянд. Салоҳияти шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ, инчунин бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравии худи мақомот муайян ва мушаххас карда мешаванд. Мақомоти мазкур фаъолияти худро инчунин, бо ташкилотҳои махсуси байнидавлатӣ ва

байналмилалии амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба амал мебарорад. Ба гурӯҳи дуюм шахсони ба ин мақомот дар асоси қарордод ва бидуни қарордод ҳамкоридошта ва шахсони барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда дохил мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо бо хоҳиши ин шахсон хусусияти махфиёна доштани мусоидати онҳо бо мақомоти амаликунандаи ФОҶ нигоҳ дошта мешавад, аз он ҷумла, мусоидате, ки дар асоси қарордод амалӣ мегардад. Ин шахсон уҳдадоранд маълумотеро, ки дар ҷараёни тайёр ё гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба онҳо маълум гардидаанд, ҳамчун сир нигоҳ доранд ва ҳуқуқи ба мақомоти мазкур дидаю дониста пешкаш намудани иттилои бардурӯғро надоранд.

Вазифаҳои баамалбарории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилӣ аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи с.2004 бармеояд. Яъне, мувофиқи ин Қонун милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи қонун пешбинигардидаро ба кор барад.

Самтҳои асосии фаъолияти милитсия ин ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, пешгирӣ, рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ, таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, ҳимояи ҳама гуна шакли моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ ва ғайраҳо мебошад.

Милитсия аз рӯйи вазифаҳояш метавонад бо мақсади ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронад ва аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти худ экспертиза, инчунин аз рӯйи маводи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тадқиқоти илмию-техникӣ гузаронад. Инчунин, ба милитсия ҳуқуқ дода шудааст, ки бо мақсади ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашинамуда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯй андешад; ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, инчунин ҳангоми таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар ва дар ҳолати вазъиятҳои фавқулодаи ба бехатарии ҷамъиятӣ таҳдидкунанда ба хонаҳои истиқоматӣ, ҳудуд ва бинои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаҳои замини шахсони алоҳида (ба истиснои намояндагии дипломатӣ, муассисаи консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда) дохил шавад ва чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ гузаронад; бо тартиби муқарраргардидаи Қонун ба манзил, биноҳои корхона, муасисса, ташкилот, қитъаи замини шахсони алоҳида бидуни иҷозати соҳибони онҳо ворид шуда, ба прокурор хабар диҳад; шаҳрвандонеро, ки ба милитсия дар иҷрои вазифаҳояш кумак расонидаанд, ҳавасманд гардонад, таъин гардидани мукофотро барои кумак кардан дар ошкор намудани ҷиноятҳо ва дастгир кардани шахсоне, ки онҳоро содир намудаанд, эълон кунад ва онро ба шаҳрвандон супорад ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти мақомоти милитсия дар самти амалӣ гардонидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо бо Қонун «Дар бораи милитсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ”, балки бо дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳатто санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудаанд.

Тибқи Низомномаи ВКД айни замон сохтори он чунин муайян карда шудааст:

Дастгоҳи марказӣ

Дастгоҳи ВКД;

- Раёсати нозиротӣ — ташкилӣ;
- Раёсати амнияти дохилӣ;
- Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ;
- Раёсати молиявӣ-иқтисодӣ;
- Раёсати кофтукови ҷиноятӣ;
- Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил;

- Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир;
- Раёсати тафтишотӣ; Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
- Раёсати ташхисӣ (криминалистӣ);
- Сармаркази иттилоотӣ- таҳлилӣ;
- Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ;
- Бюрои марказии миллии «Интерпол»;
- Раёсати таҳқиқ; Раёсати алоқа;
- Хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ;
- Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғон ва ҷавонон;
- Котибот;
- Намояндагии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия.

**Сохторҳои тобеи ВКД**

- Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонӣ;
- Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ;
- Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар нақлиёт;
- Раёсати хадамоти давлатии «Муҳофиза»;
- Раёсати таъминоти моддӣ — техникӣ ва низомӣ;
- Дастаи таъиноти махсуси милитсия;
- Маркази таълимӣ;
- Маркази хадамоти кинологӣ;
- Шурои ҷумҳуриявии «Динамо»;
- Академияи ВКД;
- Раёсати тиббӣ;
- Муассисаи нақлиётӣ;
- Раёсати сохтмони асосӣ;
- Воҳиди махсус;
- РВКД дар шаҳри Душанбе;
- РВКД дар ВМКБ;
- РВКД дар вилояти Суғд;
- РВКД дар вилояти Хатлон;
- РВКД дар ноҳия ва минтақаи Рашт;
- Раёсати Қушунҳои дохилӣ.

Воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар сохтори ВКД ваколати амалӣ гардонидани ФОҶ-ро доранд, инҳо мебошанд: - 1. Раёсати кофтукови ҷиноятӣ (РКҶ) ва сохторҳои поёнии он - дар самти мубориза бар зидди ҳама гуна ҷинояткорӣ, ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашинамуда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда ва ғайра;

2. Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил (РМЗҶМ) ва сохторҳои минтақавии он - ҷиҳати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил дар самтҳои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор, силоҳ, савдои одамон, терроризм, экстримизм ва ғайра;

3. Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (РМЗҒМM): оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва ғайра;

4. Раёсати амнияти дохила (РАД) - дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки аз тарафи кормандони ин мақомот содир карда мешаванд ва ғайра;

Воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ, ки тавассути амалӣ гардонидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба дигар сохторҳои оперативӣ барои иҷрои вазифаҳояшон кумак мерасонанд, инҳо мебошанд:

1. Раёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

2. Раёсати чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ;

Воҳидҳои алоҳидаи мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба раёсатҳои дар боло номбаршуда аз рӯйи ваколаташон ҳамкорӣ менамоянд ва назорат мебаранд, инҳо мебошанд:

1. Воҳиди махсус оид ба таъмини бехатарӣ ва амният дар самтҳои ҳаракати Сардори давлат ва меҳмонони олиқадр;
2. Раёсати нозиротӣ-ташкилӣ;
3. Сармаркази иттилоотӣ-таҳдилӣ (СМИТ);
4. Шуъбаи ахбори оперативӣ-иттилоотӣ (ООСИ);
5. Раёсати молия.

Самтҳои асосӣ ва принсипҳои фаъолияти ҳар як воҳидоти оперативии ВКД, салоҳият ва мавқеи он дар системаи макомоти корҳои дохилӣ, вазифаю ҳуқуқҳо, тартиби амалӣ гардонидани фаъолият, масъулият, инчунин тартиби таъминоти моддию техникӣ бо Низомномаҳо ва Дастурамалҳо, ки бо фармонҳои ВКД тасдиқ карда мешаванд, ба танзим дароварда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст (бо иловаю дигаргуниҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ) [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи мурочиат : 22.05.2024).
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
3. Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.08.1961 [Захираи электронӣ]. (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 3.12.2009 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.12.1993 [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 22.05.1998. [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯй» аз 25.03.2011. [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат : 22.05.2024).
8. Дубоносов Е.С. Оперативно-розыскная деятельность Учебник 3-е издание. Москва. Юрайт. 2012. – 456 с.
9. Дубягин Ю.П., Дубягина О.П., Михайлычев Е.А. Комментарий к Федеральному закону «Об оперативно-розыскной деятельности» (постатейный). Москва. ЗАО Юстицинформ. 2005. – 357 с.
10. Зажицкий В.И. Результаты оперативно-розыскной деятельности в уголовном судопроизводстве: теория и практика. Санкт- Петербург. Изд. В.Асланова «Юридический цент Пресс». 2006. – 345 с.
11. Гинзбург А.Я. Основы опсративно-розыскной деятельности: Учебное пособие. Алматы, 1997. – 303 с.


## ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ – ҶУСТУҶӮИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақомоти корҳои дохилӣ яке аз мақомотҳои марказӣ байни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб ёфта, дар мубориза алайҳи ҷинояткорӣ нақши назаррас дорад. Маҳз бо амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти мазкур қисми зиёди ҷиноятҳо ошкор карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мақомоти корҳои дохилӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.


## ОПЕРАТИВНО-ПОИСКОВАЯ ОРГАНА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматривается оперативно-розыскная деятельность органов внутренних дел. Орган внутренних дел считается одним из центральных органов среди других правоохранительных органов и играет значительную роль в борьбе с преступностью. Большая часть преступлений раскрывается путем осуществления этими органами оперативно-розыскных мероприятий.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** органы внутренних дел, оперативно-розыскная деятельность, оперативно-розыскная деятельность.

**OPERATIONAL SEARCH ACTIVITIES OF THE INTERNAL AFFAIRS AGENCIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses the operational search activities of the internal affairs agencies. The internal affairs agency is considered one of the central agencies among other law enforcement agencies and plays a significant role in the fight against crime. Most crimes are solved by these agencies through the implementation of operational search activities.

**KEYWORDS:** internal affairs agencies, operational search activities, operational search activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуҷаборзода Амирҳамза Абдуваҳоб*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+ 992) 001 – 01 – 28 – 31.** E-mail: **abdujaborzodaamirhamza@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуджаборзода Амирхамза Абдулвахоб*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+ 992) 001 – 01 – 28 – 31.** E-mail: **abdujaborzodaamirhamza@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdujaborzoda Amirhamza Abduvahob***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+ 992) 001 – 01 – 28 - 31.** E-mail: **abdujaborzodaamirhamza@mail.ru**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Азимов М., Камолов Ш.Ҳ.*·
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлат мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда ва қонунгузории миллӣ риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро кафолат медиҳад. Ин муносибат бояд ба ҳамаи гурӯҳҳои шахсоне, ки дар доираи салоҳияти давлат қарор доранд, татбиқ карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд" аз 2 январи соли 2018, №1471 [1] мафҳуми шаҳрвандони хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Аз мафҳуми дар Қонуни мазкур додашуда ду хусусияти асосии он бармеояд: 1) шаҳрвандони хориҷӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намераванд; 2) мавҷуд будани асос барои тааллуқияти онҳо ба шаҳрвандии ин ё он давлати хориҷӣ.

Дар мавриди мавҷуд будани асос барои тааллуқияти онҳо ба шаҳрвандии ин ё он давлати хориҷӣ, доштани шиносномаи давлати мансубияти онҳо ё ягон ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шаҳрвандии давлати хориҷӣ дар назар дошта мешавад.

Боз метавон баъзе аз хусусиятҳои иловагии ба ин шаҳрвандон хосро ҷудо намуд. Мисол, ворид гаштан ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё худ ба таври доимӣ ё муваққатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат намудан ва ғайраҳо.

Дар навбати худ шаҳрвандони хориҷиро қариб дар ҳамаи давлатҳо вобаста ба ин ё он маҳак ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд. Аз ҷумла, вобаста ба тобеият ба доираи ҳуқуқи давлат, шаҳрвандони хориҷӣ ҷудо мешаванд:

1. тобеъ будан дар ҳаҷми пурра, дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. шаҳрвандони хориҷие, ки ба онҳо доираи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман паҳн мегардад. Ба ин гурӯҳ шомил шуда метавонанд: намояндагии дипломатӣ, консулии хориҷӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалӣ.

Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои номбаршуда дар ин ё он санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ ифодаи худро ёфтаанд. Мисол, дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [2], дар муносибат ба ашхосе, ки шаҳрвандони давлате, ки дар он иқомат мекунанд, ба ҳисоб намераванд, аз 13 декабри соли 1985 мафҳуми «хориҷиён» чунин ифода ёфтааст: "шахсе, ки дар ҳудуди давлати муайян мавқеъ гирифтааст, вале шаҳрвандии онро надорад». Ғайр аз ин, дар моддаи 18 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 ва моддаи 25 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1996 (Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамроҳ шудааст) мафҳуми «хориҷиён» бо мазмуни маҳдуд истифода бурда мешавад [3].

Тавре аз қонунгузорӣ бармеояд, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқу озодиҳои дахлдор кафолат дода мешавад. Хусусан, дар моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст [4]. Яъне, аз моддаи мазкур бармеояд, ки он ҳуқуқҳое, ки дар боби II Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд) пешбинӣ шудаанд, ба шаҳрвандони хориҷӣ он муқарраротe татбиқ мешавад, ки вобаста ба истилоҳи «инсон» истифода шудааст.

Албатта, дар ин ҷо ҳолати истисноӣ низ мавҷуд аст, чунки баъзе аз ҳуқуқҳо, ба монанди: ҳуқуқ ба интихоб намудан ва интихоб шудан, иштирок дар раъйпурсӣ, аъзо шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайраҳо ба шаҳрвандони хориҷӣ паҳн намегарданд [5]. Гузашта аз ин, дар Қонуни дар боло зикргардида ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандони хориҷӣ пешбинӣ шудаанд.

Ин пеш аз ҳама ҳуқуқ ба меҳнат (моддаи 7), истироҳат (моддаи 8), ҳифзи саломатӣ (моддаи 9), ҳифзи иҷтимоӣ (моддаи 10), ҳуқуқи амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ (моддаи 12), гирифтани маълумот (моддаи 13), истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ (моддаи 14), иштирок дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ (моддаи 15), озодии виҷдон (моддаи 16), муносибатҳои оилавӣ (моддаи 17), дахлнопазирии шахс ва манзил (моддаи 18), дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як ҷо ба ҷойи дигар рафтан ва ҷойи зист интихоб намудан (моддаи 19), ҳуқуқ ба ҳимояи молу мулки шахсӣ, оилавӣ (моддаи 21), ҳуқуқи муроҷиат ба суд ва дигар мақомоти давлатӣ (моддаи 21).

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки қонунгузорӣ оид ба асосҳои вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ муқарраротеро дар бар мегирад, ки мувофиқи он нисбати шаҳрвандони хориҷӣ реҷаи миллӣ паҳн мегардад. Ба ҳайси асосҳои ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии шахсро муайян менамоянд, қабл аз ҳама санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, баромад менамоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи муқаррароти моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода намуда, баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ асосҳои ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушахассан номбар нашудаанд, аммо аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки он бо такя ба принсипи баробарӣ дар истифодаи ҳуқуқу озодиҳо ва ухдадориҳои меъёрии қонунӣ ва зерқонунии зерин омода гардидааст:

-Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (муқаррароти моддаи 16);

-Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» аз 4 ноябри соли 1995 (муқаррароти моддаҳои 11, 14, 23);

-Қисми III Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 [6] (муқаррароти фасли 7);

-Кодекси оилаи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 (муқаррароти фасли 8);

-Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 [7] (моддаҳои 4,7 ва 18);

-Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 [8] (муқаррароти моддаҳои 7 ва 12 );

-Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 [9] (муқаррароти моддаҳои 20, 23, 30 ва бобҳои 21, 22);

-Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 [10] (муқаррароти моддаҳои 10, 126, 270, бобҳои 36, 37, 39, фасли 3);

-Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон «Оид ба Қоидаҳои пешниҳод намудани амволи ғайриманқул бо мақсади ҷойгиркунии намояндагиҳои дииломатӣ, дигар намояндагиҳои созмонҳои байналмилалии ба онҳо баробаркардашуда ва муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таъмини кормандони онҳо бо манзили истиқоматӣ» аз 27 феврали соли 2009, №1215;

-Қоидахои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешахрванде, ки фаъолияти меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебаранд (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №529);

-Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти муътадили намояндагиҳои дипломатии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 ноябри соли 1998, №458 ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, санадҳои мазкур вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, самтҳои асосии фаъолияти онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, шарту шароит ва дигар омилҳоеро дар бар гирифтаанд, ки дар маҷмуъ, на танҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба ҳар кас (шахси ҷисмонӣ) метавонанд мансуб бошанд. Вобаста ба ин, тибқи моддаи 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» аз 4 ноябри соли 1995, шахсоне, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, аз тамоми ҳуқуқу озодиҳо истифода

мебаранд, ба истисноi маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳо ва шартномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ва субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ эътироф гардида, навбати аввал санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро ба тасвиб расонидааст, ки зидди ҳамагуна тафриқагузорӣ ва мансубият ба наслу насаб, вазъи иҷтимоию шароити молиявӣ, мансубияти нажодиву миллӣ, ҷинсият, маълумот, забон, муносибат ба дин, навъу хусусияти машғулияти инсонӣ қабул гардидаанд.

Аз ҷониби дигар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар радифи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такя ба принсипи баробарии мутаносиб дар истифодаи ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳо муайян мегардад. Дар ҳолате, ки ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар қасдан маҳдуд мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҳуқуқ пайдо менамояд, ки нисбати шаҳрвандони ин кишварҳо маҳдудиятҳои мутобиқро муайян намояд. Дар ин маврид яке аз шартҳои асосӣ, мутаносиб будани чораҳои ҷавобӣ мебошад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан ҳамчун реторсия фаҳмида мешавад [11].

Реторсияҳо ё ин, ки маҳдудиятҳои ҷавобӣ хоси муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ мебошад, ки тибқи талаботи қисми III моддаи 11 Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад. Он нисбат ба ҳуқуқи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии давлатҳое, ки дар онҳо маҳдудиятҳои махсуси ҳуқуқии молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, муқаррар мешавад.

Шарти дигаре, ки ҳамчун асоси муайянсозии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ баромад менамояд, ин истифодаи ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ на ба зарари манфиатҳои ҷумҳурӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Тоҷикистон ва ба шахсони алоҳидаи дигар мебошад. Ҳамзамонн, мазмуни манфиатҳои ҷумҳурӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ниҳоят васеъ мебошад ва дар қонунгузорӣ пурра пешбинӣ нагардидааст.

Моҳиятан манфиатҳои ҷумҳурӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Аз ҷумла, манфиатҳои ҷумҳурӣ, асосан дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, аз манфиатҳои олии халқи Тоҷикистон манша мегиранд. Тибқи моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароад, бо кишварҳои хориҷӣ робита созад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ барқарор ва густариш ёфта, заминаҳои ҳамкорӣ фароҳам оварда шаванд ва дар сурати ба ин манфиатҳо зарар расонидани шаҳрвандони хориҷӣ нисбати онҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ чораҳои дахлдор андешида мешавад.

Дар охир мавриди зикр аст, ки танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ амалӣ карда мешавад, пурра ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат карда, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доранд, таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 2 январи соли 2018, №1471. [Нусхаи электронӣ] //АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1998. М. 14.
3. Авакьян С.А. Россия: гражданство, иностранцы, внешняя миграция. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс». 2003.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
5. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе: “Шаҳпар”, 2012. – 135 С.
6. Қисми III Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
7. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 августа соли 2001 [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 // АДЛИЯ: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ. 1, моддаи 688, моддаи 689; соли 2005, №12. моддаи 629; соли 2006, № 7, моддаи 341; №12, модцаи 543; соли 2007, №3, моддаи 172; №7, моддаи 668; соли 2008, № 3, моддаи 195; №6, моддаи 455; соли 2009, №3, моддаи 86.
10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, к-2, моддаи 704; соли 2006, №3, моддаи 159; соли 2007, №7, моддаи 681, соли 2008, №6, моддаи 459.
11. Герасименко Ю.В. Лица, не являющиеся гражданами России, как субъект конституционно-правовых отношений // Государство и право. 2002. № 6.

## ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНД ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор намудааст. Дар натиҷаи баррасии масъалаи мазкур маълум гардид, ки тамоми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ дар санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ таҷассуми худро ёфтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шаҳрвандони хориҷӣ, вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, Конститутсия, ҳуқуқӣ байналмилалӣ, шахсони бешаҳрванд.

## ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН И ЛИЦ БЕЗ ГРАЖДАНСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье автор рассматривает некоторые вопросы основ правового статуса иностранных граждан по законодательству Республики Таджикистан с использованием юридической литературы. В результате рассмотрения этого вопроса стало ясно, что все права и свободы иностранных лиц закреплены в международных и национальных нормативных правовых актах.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** иностранные граждане, правовой статус, права и свободы человека, Конституция, международное право, лица без гражданства.

## FOUNDATIONS OF THE LEGAL STATUS OF FOREIGN CITIZENS UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author considers some issues of the foundations of the legal status of foreign citizens under the legislation of the Republic of Tajikistan using legal literature. As a result of consideration of this issue, it became clear that all the rights and freedoms of foreign persons are enshrined in international and national regulatory legal acts.

**KEYWORDS:** foreign citizens, legal status, human rights and freedoms, Constitution, international law, stateless persons.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азимов Маъруф Комилович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992-988193000.**
***Камолов Шехмаҳмад Ҳамзахонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конситутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992-918672547**

**Сведения об авторах**: ***Азимов Маруф Комилович*** – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992-988193000.**
***Камолов Шехмахмад Хамзахонович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры конституционного и административного права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992-918672547.**

**Information about the authors**: ***Azizmov Maruf Komilovich*** – Tajik National University, second- year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: +**992-988193000.**

***Kamolov Shekhmakhmad Khamzahonovich* -** Tajik National University, Associate Professor of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992-918672547.**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Саймуддинзода С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ташаккули мақомоти прокуратура ба вазъи таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодии давраи муайяни тараққиёти ҷомеа вобастагӣ дорад. Таърих гувоҳ аст, ки эҳтиёҷ ба чунин мақомоти давлатӣ – прокуратура бо маҷмуи вазифа, функсия ва ваколатҳои танҳо ба он хос дар давраҳои ба вуҷуд омадани тағйиротҳои ҷиддӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сохтори давлатӣ меафзояд.

Таъсис ва инкишофи прокуратура дар Тоҷикистонро метавон шартан ба ду марҳила: то истиқлолияти давлатӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ ҷудо намуд.

14 октябри соли 1924 иҷлосияи дуюми Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумироссиягӣ қарори Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистонро оид ба тақсимоти миллӣ тасдиқ намуд. Дар асоси қарори мазкур Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. Баъди ҳазор соли шикасти давлати Сомониён халқи тоҷик имконият пайдо намуд, ки дар сатҳи ҷумҳурии худмухтор ба бунёди пояҳои воқеии давлатдории худ камар бандад.

Дар бораи таъсиси прокуратура бори нахуст дар маърузаи раиси ҳукумати инқилобии Тоҷикистон Дадобоев «Дар бораи сохтори аппарати ҶХШС Тоҷикистон» 7 декабри соли 1924 дар иҷлосияи Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон масъала ба миён гузошта шуда буд. Ҳамон рӯз дар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ дар Тоҷикистон масъалаи таъсис ёфтани мақомоти прокуратура сабт гардидааст. Баъд аз 7 рӯз – 14 декабри соли 1924 Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶХШС Тоҷикистон» қарор қабул кард. Раиси Комиссариати халқии адлия ва прокуратураи давлатӣ Тоҷиддин Сайфиддинов таъин гардид. Ӯ нахустин прокурори Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон буда, дар ин вазифа то соли 1927 хизмат кардааст. Комиссариати халқии адлия ва прокуратураи ҷумҳурӣ ба кори худ 22 декабри соли 1924 шуруъ намуд. Аз ҳамон рӯз ташаккули минбаъдаи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. 12 феврали соли 1925 дар 6 вилояти Тоҷикистон – Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Уротеппа ва Панҷакент шуъбаҳои прокуратураи ҷумҳурӣ ба фаъолият шуруъ кардаанд. Вазифаи асосии прокуратура пойдор сохтани қонунияти инқилобӣ буд.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси давлати мустақили Тоҷикистон мустақилона ба фаъолият шуруъ кард. Баъди эълон гардидани соҳибистиқлолии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, он вазифаҳо, принсипҳои ташкил, низом ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратураро муайян намуд. Мақомоти прокуратураи кишвар дар давраи Истиқлолияти давлатии ҶТ мавқеи худро оид ба таъмини қонуният, назорат ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, иҷрои қонунгузорӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд боз ҳам тақвият бахшид.

Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолият намудани мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз меъёрҳо ва муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Ба вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура гарчанде ки боби алоҳида, яъне боби нуҳум бахшида шудааст, аммо меъёрҳои конститутсионии бобҳои якум ва дуюми Конститутсия низ бештар меъёрҳои бунёдиро маҳз барои мақомоти прокуратура дар бар мегиранд. Аз ҷумла, принсипҳои конститутсионии волоияти конститутсия, қонуният, эҳтимолияти бегуноҳӣ, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии манзил, афзалияти инсон, ҳуқуқу озодиҳои фардии ӯ, кафолати ҳифзи судӣ ва ғайраҳо барои фаъолияти муътадили мақомоти прокуратура нақши арзишманд доранд.

Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқии он мустақиман амал менамоянд. Дар танзими ҳолати ҳуқуқии мақомоти прокуратура нақши Конститутсия бисёр ҳам арзишманд мебошад. Мувофиқ ба боби нуҳум, моддаи 93 «Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд».

Дар Конститутсияи ҶТ баробари эълон доштани таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, боби нуҳум ба Прокуратура бахшида шудааст. Ҳоло ки ин усул ташкили шохаҳои чорум ё панҷуми ҳокимияти давлатиро дар назар надорад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври рамзӣ воситаи ахбори оммаро ҳокимияти чорум меноманд. Аммо прокуратура мақомоти рамзӣ набуда, дар дастгоҳи давлатӣ мавқеи махсус дорад ва аз номи давлат барои дастгирӣ кардани айбдоркунии судӣ таъйин шудааст.

Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи хоси давлатӣ буда, ба воситаи низоми махсуси мақомоти давлатӣ – прокуратура амалӣ карда мешавад. Низоми ягонаи марказонидашудаи мақомоти прокурории Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сардорӣ мекунад. Ӯ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст. Прокурори генералӣ ва муовинони онро Президент бо ризоияти Маҷлиси миллӣ таъйин ва озод мекунад. Прокурори генералӣ прокурорҳои вилоят, шаҳр, ноҳия ва прокурорҳои ҳарбиро таъин ва озод мекунад. Муҳлати салоҳияти прокурорҳо 5 сол аст.

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 муқаррар мекунад, ки мутобиқи Конститутсия Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он ба риоя ва татбиқи якхелаи қонунҳо аз тарафи мақомоти иҷроия, корхонаҳо, муассисаҳо, мақомоти таҳқиқ ва ташкилотҳои динӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон назорат мекунанд. Баробари дигар намудҳои фаъолияти давлатӣ, назорати прокурорӣ барои ба амал баровардани вазифаҳои давлат равона карда шудааст.

Дар як вақт назорати прокурорӣ вазифаҳои ба худ хос дорад, ки ба хусусияти назорат, усулҳои махсуси он, ташкилёбӣ ва фаъолияти низоми мақомоти прокурорӣ, шаклу услубҳои кори онҳо алоқаманд аст.

Принсипҳои ташкил ва фаъолияти прокуратура мувофиқи Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ дар бораи мақомоти прокуратура аз инҳо иборат аст:

- низоми ягонаи марказонидашудае мебошад, ки ба он Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарварӣ мекунад ва прокурорҳои поёнӣ ба прокурорҳои болоӣ ва ба Прокурори генералӣ тобеъ мебошанд;
- дар ҳудуди салоҳияти худ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро ҳимоя мекунанд, баробарии онҳоро дар назди қонун, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил, молу мулк ва муътақидоти дигар таъмин менамоянд;
- то ҳадде, ки ба қонун, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва манфиатҳои нигаҳдории сирри давлатӣ ё дигар сирре, ки қонун ҳифз мекунад, хилоф набошад, ошкоро амал менамоянд, ба мақомоти давлатӣ ва идора, аҳли ҷамъият дар бораи вазъи қонуният, тадбирҳои мустаҳкам намудани он хабар медиҳанд;
- барои саривақт ошкор ва бартараф кардани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ, сарфи назар аз он ки ин кирдор аз тарафи кӣ содир мешавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва бо тартиби муқарраркардаи қонун ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон чора меандешанд;
- ваколатҳои худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи салоҳияташ қабул намудааст, иҷро менамоянд.

Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратура» аз 10 боб ва 70 модда иборат аст. Дар моддаи 5-и қонуни конститутсионии зикршуда самтҳои муҳимми фаъолияти мақомот муқаррар карда шудааст. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура аз инҳо иборатанд:

- назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд;

- назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

-назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти ваколатдор;

-тафтишоти ҷиноятҳо;

-таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он, ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

-иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

-эътироз, шикоят ва ариза овардан нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд.

Прокуратура мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ метавонад дар дигар самтҳое, ки дахолати назорати прокурорӣ зарур аст, фаъолият намояд.

Вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи:

- соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

-асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Ба зиммаи прокуратура иҷрои вазифаҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудаанд, гузошта намешавад.

Мақомоти прокуратура тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсияро дар мақомоти мазкур муайян намуда, онҳоро дар амал татбиқ менамояд.

Мувофиқи қонунгузории кишвар муқаррар шудааст, ки кормандони прокуратура ба ҳеҷ як ҳизби сиёсӣ, ҷунбишҳои оммавӣ мансуб буда наметавонанд. Онҳо наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Мақомоти прокуратура дар доираи салоҳияти худ мустақилона амал мекунанд ва ҳар гуна мудохила ба фаъолияти онҳо манъ аст. Талаботи онҳо, ки аз салоҳияташон бармеоянд, барои ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ҳатмӣ мебошад. Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан бо даъвати прокурор ё муфаттиш, аз баёнот додан оид ба моҳияти

масъалаҳои ба санҷиш тааллуқдошта саркашӣ кардан, иҷро накардани талаботи қонунии онҳо шахсони мансабдор ва шаҳрвандон нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Мувофиқи муқаррароти Қонуни конститутсионӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ, прокурорҳои вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, прокурорҳои нақлиёт, прокурорҳои ҳарбӣ дар ҳадди салоҳият ва марзи фаъолияти худ дар иҷлосияҳои Маҷлиси Олӣ ва ҷаласаҳои сохторҳои таркибии он, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, Суди конститутсионӣ, Ҳукумати ҶТ, мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ иштирок менамоянд.

Агар ба таърихи Конститутсияҳои Тоҷикистон дар даврони шуравӣ ва қонунгузории конститутсионии он давра назар афканем, вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии мақомоти прокуратура дар сатҳи танзимнамоии қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда буд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси моддаи 104 Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон Прокурори генералӣ дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ буд. Дар Конститутсияи нав бошад, ин ҳуқуқи Прокурори генералӣ пешбинӣ карда нашудааст, вале таклифҳои худро оид ба нав кардани қонунҳо тайёр кардани лоиҳаи қонун ва қарорҳои Маҷлиси Олӣ ӯ метавонад ба воситаи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ (Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқӣ ВМКБ) пешниҳод намояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқ ва баррасии мавзуи вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дошта, ҳамчун амалигардонанда ва ҳифзкунандаи қонунияти конститутсионӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар, тамомияти арзии ҷумҳурӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ва таъминкунандаи дигар арзишҳое баромад менамояд, ки аз рӯйи салоҳият ва ваколатҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунгузории мамлакат мебошад.

Дар заминаи нишонаҳои дар боло зикрнамуда чунин таърифи прокуратураро ҳамчун макомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод менамоем: Прокуратура мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шакли махсуси фаъолияти аз номи давлат амалишавандаи шахсони мансабдори низоми ягона ва мутамарказӣ буда, ба мақсади назорати иҷрои аниқ ва якхелаи қонунҳо, ба қонунҳо мутобиқ намудани санадҳои ҳуқуқии шахсони мансабдор, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат бо роҳи ошкор намудан, бартараф намудан, огоҳонидани қонуншиканӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор роҳандозӣ карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. А. Имомов. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / А. Имомов. - Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. «Офсет Империал»2017. –С.711;
2. Ахбороти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №4. – 1991; Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ба забони тоҷикӣ ва русӣ, бо тағйироту иловаҳои охирин аз 22 майи соли 2016) – Душанбе, 2016. С.29-30;
3. Диноршоев А.М. Конституционное основы разделения властей в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев. - Душанбе, 2007;
4. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе: «Эҷод», 2007;
5. Исоев М.Ш., Каримов Ф.К., Юсупов А. Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Ш. Исоев., Ф.К. Каримов, А. Юсупов. – Душанбе: «Эҷод», 2005;
6. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 // АМО ҶТ, соли 2005. №7, мод.398;
7. Маҳмудов И.Т. Мафҳум ва моҳияти назорати прокурорӣ // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 2 (34), 2019 (апрел-июн);
8. Маҳмудов И.Т. Роҳҳои такмили самаранокии назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2015;
9. Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони Истиқлолият // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2012. № 3;

10. Раҳмон Юсуф Аҳмадзод. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С.24-25.

**ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказонидашудаи давлатӣ таҳлил ва омӯхта шудааст. Аз таҳлили мавзуи прокуратура дар Тоҷикистон, таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи он маълум мегардад, ки ниҳоди мазкур барои амалӣ гардонидани функсия ва таъиноти махсуси давлатӣ ташкил карда шудааст. Мақсади таъсис додани мақомоти прокуратура ин таъмини риояи дақиқ ва иҷроиши якхелаи қонунҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳама гуна манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаро маҳз ин мақомоти давлатӣ ҳимоя менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуратура, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, прокурор, қонун.

**ПРАВОВОЙ СТАТУС ПРОКУРАТУРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье анализируется и изучается правовой статус прокуратуры Республики Таджикистан как централизованного государственного органа. Из анализа темы прокуратуры в Таджикистане, истории ее возникновения и этапов развития видно, что этот институт был создан для реализации специальных функций и государственных назначений. Целью создания прокуратуры является обеспечение строгого соблюдения и единообразного исполнения законов на территории Таджикистана, и этот государственный орган защищает любые охраняемые законом интересы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Республика Таджикистан, прокуратура, права и свободы человека и гражданина, интересы государства, прокурор, закон.

**THE LEGAL STATUS OF THE PROSECUTOR'S OFFICE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article analyzes and studies the legal status of the prosecutor's office of the Republic of Tajikistan as a centralized state body. From the analysis of the topic of the prosecutor's office in Tajikistan, the history of its origin and stages of development, it is clear that this institution was created to implement special functions and state appointments. The purpose of creating the prosecutor's office is to ensure strict compliance and uniform execution of laws on the territory of Tajikistan, and this state body protects any interests protected by law.

**KEYWORDS:** Republic of Tajikistan, prosecutor's office, human and civil rights and freedoms, interests of the state, prosecutor, law.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саймуддинзода Сайфиддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Саймуддинзода Сайфиддин*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Saymuddinzoda Sayfiddin***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАҚОМИ ОДАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ДИПЛОМАТӢ

*Шерализода О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чун ҳуқуқи дипломатӣ яке аз соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ маҳсуб меёбад, бинобар ин яке аз сарчашмаҳои он одатҳои байналмилалӣ мебошад. Аммо дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба мафҳум ва аломатҳои одатҳои байналмилалӣ баҳси доманадор мавҷуд аст.

Бояд гуфт, ки одати байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мақоми хоса ва аз нигоҳи пайдоиш нахустинро ишғол менамояд. Мафҳуми одати байналмилалӣ дар моддаи 38-и Статути суди байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид дар чунин шакл пешниҳод шудааст: «одати байналмилалӣ хамчун исботи амалияи умумӣ, ки ба сифати меъёри ҳуқуқӣ эътироф шудааст», фаҳмида мешавад.

Дар Статути Суди байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид ба одати байналмилалӣ ду аломат – натиҷа ё исботи амалияи умумӣ, баъдан пазируфтан ба сифати меъёри ҳуқуқӣ ишора шудааст, вале то имрӯз дар илм назари ягона иброз нашудааст. Одати байналмилалиро ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқӣ байналмилалӣ дар асоси се аломат С.В. Черниченко пазируфтааст: 1) эътирофи умумӣ; 2) татбиқи пайвастагӣ; 3) эътирофи ҳатмии қоидаи рафтор ба ҳайси уҳдадории ҳуқуқӣ (opinion juris). Ба андешаи А.Я. Капустин мавҷудияти одати байналмилалӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар тавсифи таҷриба бо эътирофи умум, якхела, доимӣ, қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ баҳогузорӣ мешавад. Ушаков Н.А. одати байналмилалиро дар се аломат – таҷриба, таҷассуми таҷриба дар рафтори муайяну ҳолати якхела, пазироии умуму такроршавии қоидаи рафтор дорои қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ нишон додааст. Лукашук И.И. дар он андеша аст, ки меъёри одатӣ дар ҳуқуқи байналмилалии муосир ба ду навъ тақсим мешавад. Якум, анъанавӣ, ки дар натиҷаи таҷриба ташаккул ёфтани қоидаҳои рафтори нонавишта, ки дорои эътирофи ҳатмигии ҳуқуқӣ аст. Дуюм, навъи нав, ки он аз меъёрҳое, ки ташкили онҳо на аз таҷрибаи дурударoз, балки эътирофи чунин қоидаи рафтор, дар ин ё он санад сабт меёбад.

Ба андешаи профессор Г.С. Стародубсев одати байналмилалӣ созишномаи хомушонаи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки барқарор, тағйир ва иваз кардани ҳуқуқу уҳдадории тарафайнро ба вуҷуд меорад.

Воқеан, одати байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар радифи шартномаи байналмилалӣ пазируфта шуда, дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ истисно нагаштааст. Зеро аз нигоҳи таърих пайдоиши одати байналмилалӣ дар муносибат ва такроршавии амали кишварҳо вобаста аст. Гарчӣ дар таҷрибаи байналмилалӣ ташаккули меъёрҳои одати байналмилалӣ чун қоидаи рафтор марҳила ба марҳила сурат гирифтааст. Умумияти одати байналмилалӣ бо шартномаи байналмилалӣ дар он аст, ки ҳарду аз танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ истисно нестанд. Баъдан ташаккули одати байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ дар асоси рафтори субъектҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ ифода ёфтааст. Инчунин, вайрон кардан ё иҷро накардани муқаррароти меъёрҳои одати байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ чун ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ баҳогузорӣ карда мешаваду нисбати он ҷавобгарии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Тафовути одати байналмилалӣ аз шартномаи байналмилалӣ иборат аз инҳо мебошад: Аввало, одати байналмилалӣ дар асоси эътироф, шартнома дар асоси созиш пайдо мешавад, гарчӣ дар эътирофу созиш нақши асосиро ирода ё рафтори субъект мебошад. Баъдан, аз нигоҳи шакл, одати байналмилалӣ асосан дар шакли нонавишта ва шартномаи байналмилалӣ одатан дар шакли хаттӣ ифода меёбад. Гарчӣ дар амалияи байналмилалӣ одатҳои байналмилалие мавҷуд аст, ки дар асоси шартномаи байналмилалӣ арзи вуҷуд кардаанд. Мисол, кишвар иштирокчии шартномаи

байналмилалӣ нест, вале муқаррароти онро ҳамчун қоидаи рафтори ҳатмӣ ё одати байналмилалӣ эътироф кардааст ва иҷро мекунад. Чунончӣ, дар қарори Суди байналмилалии СММ аз 24 майи соли 1980 оид ба парвандаи ҳайати намояндагони дипломатӣ ва консулии ШМА дар Теҳрон қайд карда шудааст, ки меъёрҳои одатӣ-ҳуқуқӣ амали экстерриториявӣ оид ба дахлнопазирии намояндагони дипломатӣ ва консулӣ дахл доранд, аз ин нигоҳ, Эрон уҳдадор карда шуд, ки ҳайати шахсии намояндагони дипломатӣ ва консулии ШМА-ро ва бинои тассаруфшударо озод намояд ва пурра зарари расонидашударо ҷуброн намоянд. Ё мисоли дигар, баҳри Каспий то шикасти давлати шуравӣ тибқи шартнома байни ИҶШС ва Эрон ба истифодаи муштараки онҳо тааллуқ дошт ва дар асоси меъёри шартномавӣ-ҳуқуқӣ танзим мешуд. Баъди шикаст, он қисмати баҳр, ки ба Руссия ва Эрон таалуқ дошт, тибқи шартномаи басташудаи байни ИҶШС ва Эрон то имрӯз дар асоси падидаи ҳуқуқ қабулкунӣ танзим мегардад. Вале шикасти ИҶШС доираи истифодабарандагони баҳри Каспиро васеъ кард ва ба он Ҷумҳурии Қазоқистон, Озарбойҷон ва Туркманистон шомил шуданд. Он қисмат ё минтақаҳои баҳри Каспӣ, ки ба чор кишвар Руссия, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Туркманистон тааллуқ доранд дар асоси одати байналмилалӣ муносибати байни онҳо танзим карда мешавад. Воқеан амалияи байналмилалӣ ҳолатҳоеро медонад, ки ташкилшавии меъёрҳои одати байналмилалӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ ё баръакс меъёри одатӣ-ҳуқуқӣ ба меъёри шартномаи байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Мисол, бо сабабҳои таърихӣ ва сиёсӣ яке аз давлатҳои назди соҳили дарёи Дунай-Олмон то соли 1999 дар шартномаи байналмилалии амалкунанда вобаста ба танзими киштигардӣ дар ин дарё ширкат намеварзид, вале бо вуҷуди ин, киштигардии байналмилалӣ дар қитъаи ба Олмон таалуқдоштаи дарёи Дунай дар асоси меъёрҳои мувофиқ ба меъёрҳои шартномавӣ амалӣ карда мешуд ва ба дараҷаи муайян аз ҷониби Олмон ба ҳайси меъёри одатӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда мешуданд.

Тартиби иҷро кардани муқаррароти иҷроиши шартномаи байналмилалӣ дар худи он пешбинӣ ва назораташ ба роҳ монда мешавад. Одати байналмилалӣ чунин ҳолатро муайян ва пешбинӣ намесозад, вале иҷрои он аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ногузир аст. Одати байналмилалӣ одатан ба универсалӣ ва минтақавӣ навъбандӣ мегардад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ одати байналмилалӣ ду тарафа намешавад. Чунин вазъ ба шартномаи байналмилалӣ ҷавобгӯ нест. Одати байналмилалӣ бо як ном дар низоми танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ истифода мешавад, вале шартномаи байналмилалӣ бо номҳои гуногун дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ширкат менамоянд. Ҳамин тариқ, одати байналмилалӣ – ин санади ҳуқуқӣ байналмилалӣ мебошад дар асоси таҷриба, муносибат ва рафтори субъекти ҳуқуқӣ байналмилалӣ бо эътироф онҳо арзи вуҷуд кардааст, ки пайваста якранг такрор ва дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ширкат намуда ва ба ҳайси меъёри умумии ҳуқуқи байналмилалӣ қабул шудааст. Барои одати байналмилалӣ доштани аломатҳои зайл ногузир аст:

1) Пайдоиш дар асоси муносибат, таҷриба ва рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;
2) Пайваста ва якранг такроршавӣ;
3) Танзими муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ;
4) Эътироф ба ҳайси меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ.

Имрӯз нақши одатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ коҳиш ёфтааст ва аз ин нигоҳ дар як қатор санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ мустаҳкам карда шудаанд, ки дар ин бахш кодификатсияи илмӣ (ғайрирасмӣ) ва расмӣ анҷом дода шудааст.

Ҳамин тариқ, одатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ байналмилалӣ то имрӯз мавқеи устуворро дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ доро мебошанд ва дар он муносибатҳое, ки дар танзими онҳо ширкати меъёрҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ канор мондааст ё ба вуқуъ наомадааст, меъёрҳои одати ҳуқуқӣ дар танзими онҳо нақши марказиро ишғол мекунанд. Меъёрҳои одатӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ вобаста ба доираи амал дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ роҳандозӣ карда мешаванд ва аз нигоҳи навъ навъҳои анъанавӣ, яъне меъёри умумии ҳуқуқӣ байналмилалӣ

ва навъи меъёри ҳуқуқӣ байналмилалие, ки дар шартномаи байналмилалӣ ё қарори созмонҳои байналмилалӣ ташаккулёфта, вале барои кишварҳое, ки иштирокчии ин санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ нестанд ба ҳайси меъёри одатӣ-ҳуқуқӣ эътирофро талабгор аст.

Дар ин ҳошия амалияи байналмилалӣ ташаккулёбии меъёрҳои одати байналмилалиро дар асоси таҷрибаи муқаррарии байналмилалӣ ва таҷрибаи шартномавии кишварҳо медонад, ки чунин ҳолат табиист ба табдилгардии меъёрҳои одати байналмилалӣ ба меъёрҳои шартномави байналмилалӣ ногузир мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Международное право: Учебник / Под ред. А.А. Ковалев, С.В. Черниченко. –М.: Омега-Л, 2006. -С.83.
2. Международное право: учебник / под ред. А.Я. Капустина.-М.: Гардарики, 2008.-С.72-73.
3. Ушаков Н.А. Международное право: учебник / Н.А. Ушаков. -М.: Юристь, 2000.-С.22.
4. Лукашук И.И. Международное право. Общая часть: Учебник / И.И. Лукашук. –М.: Волтерс Клуву, 2008.-С.105.
5. Международное право: учебник /отв.ред. д.ю.н., проф. Г.С.Стародубцев. –М.: РИОР: ИНФРА -М., 2015.-С.17.
6. Мирзоев А.М. Ҳуқуқи байналмилалии обӣ:Воситаи таълимӣ / А.М. Мирзоев. - Душанбе:ДМТ, 2016.-С.27.



**МАҚОМИ ОДАТҲОИ БАЙНАМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ДИПЛОМАТӢ**

Дар мақола яке аз навъҳои сарчашмаи ҳуқуқи дипломатӣ одатҳои байналмилалӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин асно муаллиф аломатҳои одатҳои байналмилалӣ ва тафовути онро аз шартномаҳои байналмилалӣ ошкор менамояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** одати байналмилалӣ, Созмони Милали Муттаҳид, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи дипломатӣ.



**СТАТУС МЕЖДУНАРОДНОГО ОБЫЧАЯ В РЕГУЛИРОВАНИИ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ**

В статье анализируется и рассматривается один из источников дипломатического права – международные обычаи. Таким образом, автор раскрывает признаки международных обычаев и их отличие от международных договоров.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** международные обычаи, Организация Объединенных Наций, источники международного права, дипломатическое право.



**THE STATUS OF INTERNATIONAL CUSTOM IN REGULATION OF DIPLOMATIC SOURCES**

The article analyzes and examines one of the sources of diplomatic law – international customs. Thus, the author reveals the features of international customs and their difference from international treaties.



**KEYWORDS**: international customs, United Nations, sources of international law, diplomatic law.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шерализода Омина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Шерализода Омина*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Sheralizoda Omina***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ДАСТОВАРДҲОИ СЕЛЕКСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Фозилов Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳия ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти селексионӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои селексионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳимми қонунгузории муосири кишоварзӣ буда, натиҷаи татбиқи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки баҳри рушди соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудааст. Ташаккули ҷамъиятии бозори сохторҳои иқтисодии кишоварзӣ, ки дар асоси баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ, озодии фаъолияти соҳибкории хоҷагии қишлоқ, ҳифзи баробарҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи кишоварзӣ амал мекунанд.

Проблемаҳои ҳуқуқии фаъолияти селексионӣ дар умум ва (ё) нисбат ба намудҳои мушаххаси объектҳои биологӣ, ки аҳаммияти гуногуни иқтисодӣ доранд, хеле мушаххасанд. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тартиб ва шартҳои истифодаи дастовардҳои селексионӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқи муаллифии селексионеронро муқаррар мекунад. Вобаста ба ин, имрӯз масъалаҳои такмили танзими ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти селексионӣ аҳаммияти хоса доранд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ фаъолияти селексионӣ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии марбут ба истеҳсол ё офаридан (эҷод), истифода ва ҳифзи ҳуқуқии дастовардҳои селексионӣ баррасӣ мешавад. Ба ақидаи олими рус Н.Г. Кузмина, ҳадафи фаъолияти селексионӣ ҳамчун маҷмуи усулҳо ва амалҳои мақсаднок тағйир додан ва ба вуҷуд овардани объектҳои нави биологӣ, аз ҷумла на танҳо ба вуҷуд овардани навъҳои нави растанӣ ва зотҳои ҳайвонот, балки табдил додани навъҳо ва зотҳои мавҷуда барои беҳтар кардани сифат ва миқдори онҳо мебошад. Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки натиҷаҳои мусбати фаъолияти селексионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон устуворӣ ва самаранокии фаъолияти ду соҳаи асосии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ: зироаткорӣ ва чорводориро кафолат медиҳанд. Аз ин рӯ, самараи ин соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода бурдани дастовардҳои илму техника, ки дастовардҳои селексионӣ мебошанд, вобаста аст.

Дастовардҳои селексионӣ аз ҷумлаи мафҳумҳои асосие мебошанд, ки имкон медиҳанд ҳам худи фаъолияти селексионӣ ва ҳам предмети танзими ҳуқуқиро дар ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври кофӣ пурра муайян карда шаванд. Дастовардҳои селексионӣ тибқи қонунгузории маданӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ баррасӣ карда мешаванд, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ навъи нави растанӣ ё зоти нави ҳайвонот мебошад, ки ба объектҳои моликияти саноатӣ дохил карда мешавад. Қобили тазаккур аст, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои селексиониро ба таври муфассал муқаррар накарда ва танҳо объектҳои моликияти зеҳниро ба натиҷаи эҷодӣ алоқаманд намудааст. Аммо ин хусусияти махсуси биологии онҳо, инчунин, хусусиятҳои фаъолияти ба вуҷуд овардани навъҳои нави растаниҳо ва зотҳои ҳайвонотро ба назар намегирад.

Дар қонунгузории миллӣ ду намуди дастовардҳои селексонӣ: дастовардҳои селексионӣ дар соҳаи зироаткорӣ ва дастовардҳои селексионӣ дар чорводорӣ тавзеҳот дода нашудаанд, ки «дастовардҳои селексионӣ» ва «ҳифзи дастовардҳои селексионӣ» чӣ маъно дорад Аксарияти мафҳумҳои соҳаи баррасишаванда хусусияти мушаххас доранд, ки бақайдгирии дурусти ҳуқуқии онҳоро тақозо мекунад. Бояд қайд кард, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ гуна эътирофи қонунгузории истилоҳи «дастоварди селексионӣ» вуҷуд надорад.

Фаъолияти селексионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, ҳам хусусияти умумӣ ва ҳам махсус танзим карда мешавад.

Асоси танзими ҳуқуқии фаъолияти селексионӣ ҳамчун фаъолияти мушаххаси эҷодӣ, ки маҷмуи ҳуқуқҳои истисноиро ба вуҷуд меорад, меъёри моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 мебошад, ки тибқи он ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ тахти ҳимояи қонун аст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти селексионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 22 декабри соли 2022 қабул карда шуда, аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст.), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 672, Қонуни ҶТ «Дар бораи тухмипарварӣ» аз 5 январи соли 2008, №355, Қонуни ҶТ «Дар бораи зотпарварӣ» аз 19 сентябри соли 2013, № 1020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1 марти соли 2005 ва ғайра танзим карда мешавад. Санадҳои қонунгузории мазкур муносибатҳоро дар соҳаи ба вуҷуд овардани навъҳои нави растанӣ ва зотҳои ҳайвонот бо истифода аз усулҳои муосири биотехнологӣ, таъмини амнияти экологӣ ва ҳифзи табиат инчунин, саломатии шаҳрвандонро ҳангоми дар истеҳсолоти хоҷагии қишлок ҷорӣ намудани онҳо танзим мекунанд. Ғайр аз ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида механизми назорати истифодаи усулҳои ғайрианъанавии дар фаъолияти селексионӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии фаъолияти селексионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табиати мураккаб ва бисёрҷанба дорад, зеро он меъёрҳои умумии ҳуқуқи маданӣ ва қоидаҳои махсуси соҳаи кишоварзӣ, экологӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқро дар бар мегирад.

Меъёрҳои махсуси ҳуқуқие, ки хусусияти муносибатҳоро оид ба истифодаи дастовардҳои селексионӣ инъикос мекунанд, дар қонунгузории маданӣ ва кишоварзӣ мутамарказ шудаанд.

Тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи зотпарварӣ" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ" дастовардҳои селексионӣ дорои объектҳои зерин мебошанд:

-Дастовардҳои селексионӣ дар соҳаи зотпарварӣ;

-Дастоварди селексионӣ дар соҳаи растанипарварӣ.

*1.Дастовардҳои селексионӣ дар соҳаи зотпарварӣ.* Дастовардҳои селексионӣ дар соҳаи зотпарварӣ дар асоси қонуни ҶТ "Дар бораи зотпарварӣ" танзим карда мешаванд. Дар асоси моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи зотпарварӣ" зотпарварӣ – ин маҷмуи чорабиниҳои зоотехникӣ, биологию генетикӣ, ташкилию хоҷагидорӣ, ки барои офаридани зот ва гурӯҳҳои нави селексионии ҳайвоноти кишоварзӣ, нигоҳубин ва беҳтар намудани сифати зотҳои мавҷуда равона шудаанд. Селексионер манбаи прогресси биологӣ мебошад, ки вай ба истеҳсолкунандагони хочагии қишлоқ имконият медиҳад, ки самараи иқтисодиёт ва истеҳсолот зиёд карда шавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро оид ба офаридан ва истифодаи зоти ҳайвонот танзим мекунанд, шумораи ками онҳо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи хизмати давлатии зотпарварӣ»-ро аз 1 феврали соли 2010 № 201 дар бар мегирад. Пешгирии бемориҳои ҳайвонот ва табобати онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти байторӣ» аз 2 июли соли 2010 танзим карда мешавад. Аммо аз сабаби он, ки ҳайвоноти зотпарварӣ ҳамчун намуди махсуси моликият эътироф карда мешаванд, ин муносибатҳои ҳуқуқиро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танзим мекунад. Инчунин, зарур аст, ки ҳайвонот ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва аграрӣ аз ҳайвонот ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ ҷудо карда шаванд, ки режими ҳуқуқии он бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008, № 354 танзим карда мешавад. Бо фаъолияти зотпарварӣ дар соҳаи чорводорӣ танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият, ки хоҷагии зотпарварӣ таъсис додаанд, машғул шуда метавонанд. Вазифаҳои идоракунии фаъолияти зотпарварӣ дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, № 595 ба зиммаи Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Ин фаъолият аз дастгирии давлат ва имтиёзҳо бархурдор аст. Талабот нисбати зотҳо, ба истисноӣ талаботе, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд,

муайян карда нашудаанд. Зотҳои нав бо ҳуҷҷатҳое тасдиқ карда мешаванд, ки ба соҳибони ин ҳайвонот мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» дода мешаванд. Барои ҳар як ҳайвон паспорти генетикӣ дода мешавад. Тартиби патент ва аз ин рӯ, ҳифзи ҳуқуқии зотҳои нави ҳайвонот (аз ҷумла, зотҳои аз ҷиҳати генетикӣ муҳандисии ҳайвонот) дар қонун пешбинӣ нашудааст. Селексионер шахси воқеиест, ки меҳнати эҷодкоронааш навъҳои гуногун ба вуҷуд овардааст. Агар дар офаридани навъ якчанд селексионерон иштирок карда бошанд, ҳамаи онҳо ҳаммуаллифон ҳисобида мешаванд. Тартиби истифодаи ҳуқуқҳои ба ҳаммуаллифон тааллуқдоштаро созишномаи байни онҳо муайян мекунад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти селексия ба шакли патентии ҳифзи натиҷаҳои селексия асос ёфтааст, ки тибқи он ҳуқуқ ба дастовардҳои селексиявӣ бо қонун ҳифз карда мешавад ва бо ҳуҷҷати муҳофизатӣ – патент тасдиқ карда мешавад. Мутобиқан, гирифтани патент бо хусусиятҳое тавсиф мешавад, ки аз хусусиятҳои объекти патентӣ - дастоварди селексиявии табиати биологӣ бармеоянд Қобили зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» масъалаҳои ташкил ва гузаронидани экспертизаи патентиро, ки марҳилаи ҳатмии ниҳоии фаъолияти селексионерӣ мебошад, ба таври кофӣ фаро мегирад.

Баъзе ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии ҷорӣ намудани дастовардҳои селексия дар истеҳсолоти кишоварзӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмиҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» муқаррар карда шудаанд, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии фаъолияти муҳандисии генетикӣ». Ҳамин тариқ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии фаъолияти муҳандисии генетикӣ» ба истифодаи навъҳои растаниҳои аз ҷиҳати генетикӣ муҳандисишуда ва зотҳои аз ҷиҳати генетикӣ муҳандисии ҳайвонот барои мақсадҳои иқтисодӣ пас аз гузаштани расмиёти бақайдгирии давлатӣ иҷозат дода мешавад.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ҳифзи ҳуқуқии дастовардҳои селексионӣ дар соҳаи чорводорӣ амалан вуҷуд надорад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» танҳо ҳифзи ҳуқуқии дастовардҳои селексиониро дар соҳаи растанипарварӣ танзим мекунад. Растанипарварӣ, ки ба мо имкон намедиҳад тасдиқ кунем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мукаммали ҳифзи ҳуқуқии дастовардҳои селексионӣ таъсис дода шудааст. Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотҳои нави ҳайвонот» таҳия карда шавад, ки қабули он ҳифзи боэътимоди ҳуқуқии дастовардҳои селексионии чорводориро таъмин намуда, барои чорводорон имкониятҳои ҳифзи ҳуқуқиро васеъ менамояд.

## АДАБИЁТ


1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016-

2 Конвенсияи UPOV) [14]. Он соли 1968 эътибор пайдо кард ва дар солҳои 1972, 1978 ва 1991 дар Женева аз нав дида баромада шуд (аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикситон аз 1 майи соли 1997ба тасвиб расид);

3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 22 декабри соли 2022 қабул карда шуда, аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст.)

4 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 672;

5 Қонуни ҶТ «Дар бораи тухмипарварӣ» аз 5 январи соли 2008, №355 ;

6 Қонуни ҶТ «Дар бораи зотпарварӣ» аз 19 сентябри соли 2013, № 1020;

7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1 марти соли 2005;

8 Ғаюров Ш. К., Расулов Б. Р., Каримзода Ш. К., Ғаффорзода И. Ғ., Қосимов Ф. А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // зери таҳрири проф. Ш. К.Ғаюров. – Душанбе, 2018– 324с


## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ДАСТОВАРДҲОИ СЕЛЕКСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дастовардҳои селексионӣ рушди тавоноии тараққиёти хоҷаги қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар асоси ин муаллиф принсипҳои миллӣ ва байналмилалии танзими ҳуқуқии фаъолияти селексиониро таҳлили муқоисавӣ гузаронида, самтҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти селексионӣ нигаронида шудаанд, мураттаб намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти селексионӣ, дастовардҳои селексионӣ, ҳифзи наъви растанӣ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ.

**ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СЕЛЕКЦИОННЫХ ДОСТИЖЕНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Селекционная деятельность является мощным стимулом развития сельского хозяйства Республики Таджикистан. Исходя из этого, автор проводит сравнительный анализ национальных и международных основ правового регулирования селекционной деятельности и формулирует направления совершенствования законодательства, имеющие целью повышение эффективности осуществления селекционной деятельности в Республике Таджикистан.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: селекционная деятельность, селекционные достижения, охрана сортов растений, права интеллектуальной собственности, национальное законодательство, международно-правовые нормы.

**LEGAL REGULATION OF BREEDING ACHIEVEMENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

Breeding activity is one of the most important stimulus of Belarusian agriculture development. Therefore, author provides comparative analysis of national and international basis of agricultural breeding activity legal regulation. Also formulates ways of legislation improvement.

**KEYWORDS:** breeding activities, breeding achievements, plant variety protection, intellectual property rights, national legislation, international legal norms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фозилов Фирдавс*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Фозилов Фирдавс*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Fozilov Firdavs*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НАҚШИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ДАР РУШДИ САВДОИ ФАРОНСА

*Раззакова А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқи маданӣ асоси танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар ҳама кишварҳо мебошад. Дар Фаронса, ки таърихи ғании системаи ҳуқуқӣ дорад, ҳуқуқи маданӣ дар соҳаи савдо нақши асосиро мебозид ва то ҳол барои рушд додани савдо афзалият дорад. Системаи ҳуқуқии Фаронса, ки дар асоси қонуни Рим ташкил шудааст ва дар Кодекси Наполеон рамзгузорӣ шудааст, муҳити устувор ва пешбинишавандаи ҳуқуқиро фароҳам овард, ки барои рушд ва пешрафти тиҷорат мусоидат намудааст. Аз нигоҳи контексти таърихӣ назар афканем, Фаронса мисли бисёре аз кишварҳои дигари Аврупо дар аввал барои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ ба урфу одатҳои маҳаллӣ такя мекард. Аммо дар баробари инкишоф ёфтани савдо ва зиёд шудани шумораи муомилоти иқтисодӣ маълум гардид, ки заминаи ягона ва мунтазами қонунӣ зарур аст. Ин боиси таъсиси Кодекси Наполеон дар соли 1804 гардид, ки дар он ҳуқуқи маданӣ кодификатсия шуда, барои ҳама шаҳрвандон ва субъектҳои тиҷоратӣ қоидаҳои умумӣ муқаррар карда шуданд.

*Ҷанбаҳои асосии ҳуқуқи мадании ба тиҷорат таъсиррасон.* Ҳуқуқи мадании Фаронса ба рушди тиҷорат таъсири бисёрҷониба дошта, барои фаъолияти муносибатҳои иқтисодӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад, ки ин ба афзоиши фаъолияти тиҷоратӣ мусоидат менамояд. Ҷанбаҳои асосии таъсиррасон ба тиҷорат инҳоянд:

**Таъмини пешгӯӣ ва устувории ҳуқуқӣ.** Яке аз саҳмҳои асосии ҳуқуқи маданӣ ба тиҷорат таъмини пешгӯии ҳуқуқӣ ва устувории он мебошад. Кодекси Наполеон, ки қонунгузории гражданиро кодификатсия мекард, қоидаю меъёрҳои ягонаеро муқаррар кард, ки муносибатҳои тиҷоратиро танзим мекунад. Ин заминаи мустаҳкаме барои созиш ва иҷрои шартномаҳо фароҳам овард, ки он фундаменти асосии тиҷорати муваффақ ба шумор меравад. Қоидаҳо ва расмиёти возеҳ хатарҳои ҳуқуқиро кам мекунанд ва ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳанд то фаъолияти худро ба нақша гиранд, ки боиси сармоягузории дарозмуддат ва рушди устувори тиҷорат мегардад.

**Ҳифзи ҳуқуқи моликият**. Ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқҳои моликиятро, ки бевосита ба фаъолияти тиҷоратӣ таъсир мерасонад, дақиқ муайян ва ҳифз мекунад. Амнияти ҳуқуқи моликият барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ муҳим аст. Ҳифзи ҳуқуқии амвол ва дороиҳо ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки бидуни тарс аз амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм ё давлат захираҳоро ба истеҳсолот ва тиҷорат дилпурона сармоягузорӣ кунанд. Ин фаъолияти иқтисодиро ҳавасманд мекунад ва ба тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**Танзими муносибатҳои шартномавӣ.** Ҳуқуқи шартномавӣ ҳамчун қисми ҳуқуқи маданӣ дар рушди савдо нақши асосиро мебозад. Он қоидаҳои бастан, иҷро ва қатъи шартномаҳоро мукаррар менамояд, ки хифзи ҳуқуқии манфиатҳои тарафҳоро таъмин менамояд. Системаи ҳуқуқии Фаронса механизмҳои ҳалли баҳсҳо ва ҷуброни зарарро пешниҳод мекунад, ки эътимодро байни шарикони тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Доштани заминаи қавии ҳуқуқӣ барои муносибатҳои шартномавӣ харочоти муомилотро коҳиш медиҳад ва барои рушди шумори муомилоти тиҷорат мусоидат мекунад.

**Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.** Ҳуқуқи шаҳрвандии муосири Фаронса ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин қоидаҳо сифати мол ва хидматҳо, масъулияти фурӯшандагон ва истеҳсолкунандагон ва механизмҳои ҳифзи истеъмолкунандагонро дар бар мегиранд. Ҳимояи истеъмолкунандагон эътимодро дар муносибатҳои тиҷоратӣ зиёд мегардонад ва боиси рушди бозор мегардад, зеро истеъмолкунандагон амният ва эътимод ба ҳуқуқҳои худро эҳсос мекунанд. Ин, дар навбати худ, ба афзоиши талабот ва афзоиши фаъолияти савдо мусоидат мекунад.

**Мутобиқ гардидан ба шароити нави иқтисодиёт.** Ҳуқуқи мадании Фаронса мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити иқтисодиро муайян менамояд. Бо рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавии тиҷорат, ҳуқуқи маданӣ ба воқеиятҳои нав, аз ҷумла тиҷорати электронӣ ва муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ мутобиқ шудааст. Ин танзими тиҷорати электронӣ, ҳифзи маълумот ва дастгирии ҳуқуқии транзаксияҳои рақамиро дар бар мегирад. Чунин мутобиқшавӣ кафолат медиҳад, ки заминаи ҳуқуқӣ ба талаботи замон ҷавобгу буда, рушди шаклҳои нави савдоро ба миён орад.

**Ҳуқуқи шартномавӣ.** Қисми муҳимтарини ҳуқуқи маданӣ, ки ба тиҷорат таъсир мерасонад, ҳуқуқи шартномавӣ мебошад. Он қоидаҳои бастан, иҷро кардан ва бекор кардани шартномаҳоро муайян мекунад. Кодекси Наполеон қоидаҳо ва принсипҳои возеҳро муқаррар кардааст, ки пешгӯйии ҳуқуқиро таъмин мекунад ва манфиатҳои тарафҳои дар муомилоти тиҷоратӣ иштироккунандаро муҳофизат мекунад. Ин ба таҳкими эътимод байни шарикони тиҷоратӣ мусоидат намуда, ба рушди савдои дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат намудааст.

**Таъсир ба амалияи савдои муосир.** Дар шароити ҳозира ҳуқуқи маданӣ дар инкишофи савдо дар Фаронса роли асосиро мебозад. Он ба воқеиятҳои нави иқтисодӣ, аз қабили тиҷорати рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ мутобиқ мешавад. Якчанд намуна:

**Тиҷорати электронӣ** Бо рушди технология ва Интернет, ҳуқуқи мадании Фаронса барои танзими тиҷорати электронӣ мутобиқ карда шудааст. Он дар худ қоидаҳои бастани созишномаҳои электронӣ, ҳифзи ҳуқуқи таъминкунандагон дар савдои рақамӣ ва ҳифзи бехатарии пардохтҳои рақамиро дар бар мегирад.

**Тиҷорати байналмилалӣ.** Фаронса ҳамчун узви Иттиҳоди Аврупо ва иштирокчии бисёр созишномаҳои тиҷорати байналмилалӣ дар тиҷорати байналмилалӣ фаъолона иштирок мекунад. Ҳуқуқи маданӣ Фаронса заминаи ҳуқуқии муомилоти тиҷорати байналмилалӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ ва ҳалли баҳсҳои тиҷорӣ фароҳам меорад. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳуқуқи мадании муосири Фаронса ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон диққати ҷиддӣ медиҳад. Ба ин қоидаҳо оид ба сифати молу хизматрасонӣ, масъулияти фурӯшандагон ва истеҳсолкунандагон ва механизмҳои ҳифзи истеъмолкунандагон дохил мешаванд, ки ба таҳкими эътимод ба муносибатҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунанд ва барои рушди савдо мусоидат менамояд. Ҳуқуқи мадании Фаронса қисми ҷудонашавандаи системаи ҳуқуқӣ мебошад, ки субот ва пешгӯйиро дар тиҷорат таъмин мекунад. Таърих дар муҳайё намудани шароит барои инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ нақши асосӣ бозида, мутобиқшавиро ба тағйиротҳои нави ҷаҳони ҳозира давом медихад. Системасозӣ ва кодификатсияи қонунгузории шаҳрвандӣ дар Кодекси Наполеон барои рушди иқтисодӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ замина гузошт ва мутобиқати воқеият ба ниёзҳои нави иқтисодиро таъмин намуд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи маданӣ як унсури бунёдие боқӣ мемонад, ки ба рушди тиҷорат ва шукуфоии иқтисоди Фаронса мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Кузнецов В.И., Французская экономическая мысль 70-80 -х годов, МЭ и МО, 1985, №9.
2. Черников Г.П. Экономика Франции. Общие проблемы / Г.П. Черников. - М., 1998
3. Черников Г.П., Экономика Франции. Общие проблемы. гл 2. Человеческий фактор во французской экономике / Г.П. Черников. - М., 1998.
4. Смирнов В.П. "Тысячелетие связи" в книге Франция: страна, люди, традиции / В.П. Смирнов. - М. 1988.
5. Aubry et Rau, «Cours de droit civil français» (5 изд., Париж, 1897—1900);
6. Laurent, «Cours élémentaire de droit civil» (1878);
7. Laurent, «Principes de droit civil français» (33 т., 5 изд., Париж, 1893);
8. Baudry-Lacantinerie, «Précis de droit civil» (7 изд., ib., 1899—1901);
9. Baudry-Lacantinerie, «Traité théorique de droit civil» (23 т., 1894 и сл., издание продолжается);
10. Zachariä von Lingenthal, «Handbuch des französischen Civilrechts», bearb. v. Crome (8 изд., Фрейбург, 1894—96).
11. Rivier, «D. Französische Civilrecht» («Encyclopädie der Rechtswissenschaft» Гольцендорфа, 1895).


## НАҚШИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ДАР РУШДИ САВДОИ ФАРОНСА

Дар мақолаи мазкур мавзуи нақши ҳуқуқи маданӣ дар рушди савдои Фаронса мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки ҳуқуқи маданӣ асоси танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар ҳама кишварҳо мебошад. Дар Фаронса, ки таърихи ғании системаи ҳуқуқӣ дорад, ҳуқуқи маданӣ дар соҳаи савдо нақши асосиро мебозид ва то ҳол барои рушд додани савдо афзалият дорад.
**КАЛИДВОЖАҲО**: ҳуқуқ, савдо, нақш, таърих, рушди иқтисодӣ.

## РОЛЬ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА В РАЗВИТИИ ФРАНЦУЗСКОЙ ТОРГОВЛИ

В данной статье рассматривается роль гражданского права в развитии французской торговли. Автор отметил, что гражданское право является основой регулирования экономических и торговых отношений во всех странах. Во Франции, имеющей богатую историю правовой системы, гражданское право играет центральную роль в сфере торговли и до сих пор является приоритетом развития торговли.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: право, торговля, роль, история, экономическое развитие.

## THE ROLE OF CIVIL LAW IN THE DEVELOPMENT OF FRENCH TRADE

This article examines the role of civil law in the development of French trade. The author noted that civil law is the basis for regulating economic and trade relations in all countries. In France, which has a rich history of the legal system, civil law plays a central role in the sphere of trade and is still a priority for the development of trade.
**KEYWORDS:** law, trade, role, history, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раззакова А.А.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Раззакова А.А.*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Razzakova A.A.*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

***Бобониёзов С.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муаллиф ҳамчун субекти асосии ҳуқуқи муаллифӣ –ин шахси воқеӣ мебошад, ки бо меҳнати эҷодии худ асар офаридааст.

Қонунгузории амалкунанда мафҳуми асарро надодааст, аммо он нишонаҳоеро муқаррар мекунад, ки асар онҳоро дошта бошад ва мавриди муҳофизати ҳуқуқӣ қарор гирад. Мувофиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри 1998 ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат, ки натиҷаи фаъолияти эҷодӣ мебошад, паҳн мешавад, новобаста аз таъинот ва эътибори асар, ҳамчунин тарзи ифодаи он. Ғайр аз ин, гуфтан ба маврид аст, ки аз тарафи қонун ҳам асарҳои интишоршуда ва ҳам асарҳои интишорнашуда ҳифз мешаванд, ки дар ягон шакли объективӣ ифода ёфта бошанд.

Агар ба адабиётҳои ҳуқуқӣ назар афканем бисёре аз олимон мафҳуми илмии асарро додаанд, ки маъмултаринаш мафҳуми асари аз тарафи олими рус В.И. Серебровский додашуда мебошад. «Асар -навиштааст ӯ, дар соли 1956 –ин маҷмуи ғояҳо, фикрҳо ва образҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти эҷодии муаллиф ба вуҷуд омада, дар шакли мушаххас барои қабули эҳсосоти инсон мусоид ифода ёфта, имконияти таҷдид шуданро дорад».

Дар ин ё дигар мафҳумҳои асар қайд карда мешавад, ки асар ин неъмати ғайримоддӣ мебошад. Асар ҳамчун зуҳуроти воқеан мавҷудбудаи дар олам моро иҳотакардашуда ба сифати маҷмуи ғоя ва образҳо, ки ифодаи худро дар меҳнати тайёр ёфтаанд, инъикосгари инфиродӣ ва такрорнашавандаи ҳақиқати объективӣ бошад.

Вобаста ба ин бояд ҳамеша худи асарро, ки моҳияти ғайримоддӣ дорад ва шакли ифодаёбии он дар ягон дорандаи материалӣ (масалан, дастнавис, расм, сабти нотагӣ ва ғайра) фарқ кунем. Алоқамандии асар бо дорандаи материалии худ зич ва ҷудонашаванда буда метавонад. Масалан, расм ё ҳайкал ҳамчун натиҷаи меҳнати рассом бо шакли он чунон зич алоқаманд аст, ки онҳо як чизи тақсимнашаванда ва бутунро ташкил медиҳанд. Е.Л. Вакман ва И.А. Гринголс мутлақо дуруст қайд кардаанд, ки барои ифодаи расм ҳамчун маҳсули руҳии эҷодиёти рассом ва лавҳаи бо ранг орододашуда ҳатто ду мафҳумҳои гуногун вуҷуд надоранд.

Аммо новобаста ба ин, расм ва ҳайкал дар як вақт ҳам ба сифати объекти ҳуқуқи муаллифӣ баромад мекунанд ва ҳам ба сифати объекти ҳуқуқи моликият баромад мекунанд. Предметҳои материалӣ –«дорандагон»-и асар, метавонанд беҳамто бошанд, лекин ҳуқуқи муаллифӣ асарҳоро ҳамчун низоми ғояҳо, фикрҳо ва образҳо ҳифз мекунад.

Барои ҳамин ҳам, ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат дар ҳолати нобуд шудани дорандаи материалии асар ҳам боқӣ мемонад.

Албатта ин аҳаммияти амалӣ дорад, танҳо дар ҳолате, ки масалан, нусха ё нусхаи чопии асари санъати гумшуда нигоҳ дошта шудааст, ё асари адабӣ ё мусиқӣ дар хотираи касе нақш бастааст ва ғайра.

Мувофиқи м. 5 қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқи муаллиф ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат, ки натиҷаи фаъолияти эҷодӣ мебошанд, сарфи назар аз таъинот ва аҳаммият, ҳамчун тарзи ифодаи онҳо, татбиқ мегардад. Аз муқарраароти мазкур бармеояд, ки объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ асарҳои илм, адабиёт ва санъат мебошанд. Қонуни ҳуқуқи муаллифӣ, ҳамчун қоида, асарҳои эҷодиро мавриди ҳимоя қарор медиҳад. Қонунгузории давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон бошад, объекти ҳимоя- ро гуногун муайян менамоянд. Масалан, дар Фаронса асарҳои зеҳнӣ, дар ИМА асарҳои муаллифӣ, дар Италия асарҳои зеҳнии хислати эҷодидошта, дар Ҷопон асарҳое, ки дар онҳо фикр ва ҳиссиёти эҷодӣ баён шудаанд, ҳимоя карда мешаванд.

Қонунгузории граждании амалкунандаи ҶТ мафҳуми қонунии «асар»-ро мустақиман муайян накарда, бо ишора ба шакли обьективии ифодаёбии он, намудҳои асарҳои мавриди ҳимоя ва инчунин ба баъзе аз хусусиятҳои дигари он, маҳдуд гардидааст. Чунин номуайянии мафҳуми асар дар қонунгузории собиқ ИҶШС, ҳамзамон қонунгузории муосири дав- латҳои алоҳида (масалан, давлатҳои аъзои ИДМ) ва ҳатто дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмиллалии дахлдор низ мушоҳида мегардад.

Ҳолати мазкур боиси гуногунандешии муҳаққиқон нисбати мафҳуми асар гашта, дар назария вобаста ба ин масъала ҳамфикрӣ мушоҳида намешавад. Муҳаққиқон мафҳуми асар, моҳияти онро бо истифода аз хусусиятҳои гуногуни ба он хос муайян намудаанд.

Дар адабиётҳои ба ҳуқуқи муаллифӣ бахшидашудаи даврони шӯравӣ ва муосир, мафҳуми охирин, ки В.И. Серебровский пешнҳод намудааст, ҷонибдорони бештарро пайдо кардааст. Дар мафҳумҳои овардашуда, неъмати гайримоддӣ будани асар бевосита ва бавосита қайд карда мешаванд. Дар робита ба ин, дарки фарқияти худи асар ва шакли инъикоси он муҳим мебошад. Асар - маҳсули фаъолияти зеҳнии инсон, унсури ҷаҳони руҳӣ ва маънавии ӯст. Аз ин лиҳоз, асар - мафкуравӣ буда бо ҳомили моддии ифодаёбиаш дар алоқамандии зич қарор дорад.

Ҳомили модии асар ягона буда метавонад. Лекин новобаста аз ин алоқамандӣ ва ягонагӣ, расм, муҷассама ва ҳомили моддии онхо дар як вақт ба сифати объекти ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи ашёӣ баромад менамоянд. Зеро ҳуқуқи муаллифӣ асарро ҳамчун низоми ғояҳо, андешаҳо ва нақшҳо маҳз дар алоқамандӣ бо имконияти таҷдиди он муҳофизат менамояд. Аз ин лиҳоз, ҳуқуқи муаллифӣ ба асар пас аз нобуд гардидани ҳомили моддии он низ амал мекунад. Албатта, чунин амали ҳуқуқи муаллифӣ ҳангоми мавҷудияти нусха ё репродуксияи асар, инчунин, аз рӯйи хотираи касе имконпазир будани барқарор ва таҷдиди он таъмин гардида метавонад.

Дар қонуни ҳуқуқи муаллиф аломати эҷодиёт шарҳ намеёбад ва ин боиси гуногунандешӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ гаштааст. Аз ҷумла, эҷодиётро ҳамчун ҷараёни даркшаванда ва бештар меҳнатталаб, ки мақсади ноил шудан ба натиҷаи мушаххасро дорад, фаъолияти зеҳнии бо санади истеҳсолӣ итмомёбанда, ки дар натиҷаи он мафҳум, нақш ва (ё) шакли ифодаи онҳо, ки инъикоси мафкуравии воқеияти ҳақиқиро мемо-над, ба вуҷуд меояд, фаъолияти инсон, ки натиҷаи сифатан нави бо нотакрорӣ ва ягонагӣ фарққунандаро ба вуҷуд меорад, дарки нави қаблан номаълум, ки ба натиҷаи нави қаблан номаълум меорад, шарҳ медиҳанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, эҷодиётро бештар ҳамчун фаъолияти инсон, ки натиҷаи сифатан нави аслӣ, нотакрор ва воҳидро ба вуҷуд меорад, тафсир медиҳанд.

Ба андешаи бештари муҳаққиқон, нишондиҳандаи хислати эҷодии асар, нав будани он мебошад. Нав будани асар дар мазмуни нав, шакли нав ифода ёфта метавонад. Хислати эҷодии асар ҳамеша дар шакли он ва дар бештари мавридҳо, дар мазмуни он ифода меёбад. Хуқуқи муаллифӣ бошад на ба мазмуни асар, балки ба шакли ифодаи он паҳн мегардад. Фаъолияти эҷодии табиатан ягонаю нотакрорй ҳар як муаллиф боиси офаридани натиҷаи эҷодй мегардад, ки дар ин замина эҳтимолияти ногаҳон офарида шудани ду асари монанд ғайриимкон мебошад.

Вобаста ба ин нисбат ба бастани шартномаи муаллифӣ, ки дар амалия паҳн шудааст, танқидкорона назар меафканем, агар бо мақсади ба ҳадди ақал расонидани пардохтҳои андоз дар шартнома гуфта мешавад, ки муаллиф мефурӯшад, истифодабаранда бошад мехарад (қабул мекунад) дастнавис ё дорандаи материалро, ки дар он асар ифода ёфтааст. Чунин амалро на танҳо хавфнок эътироф кардан равост, балки истифодабаранда ягон хел ҳуқуқи муаллифӣ ба истифодаи асарро надорад.

Дар адабиётҳо дуруст қайд карда мешавад, ки барои ҳуқуқи муаллифӣ чи қадаре ки характери эҷодии фаъолият зарур бошад, ҳамон қадар натиҷаи фаъолият зарур аст, зеро танҳо фаъолияти эҷодӣ ба натиҷаи эҷодӣ оварда мерасонад.

Ба фикри бисёре аз олимони тоҷику рус нишонаи характери эҷодии асар – ин нав будани он мебошад. Нав будан дар ин ҳолат ҳамчун синоними асари аслӣ (оригинал) дида мешавад. Вай метавонад дар мазмуни нав, шакли нав, ғояи нав, консепсияи илмии нав ва

ғайра ифода ёбад. Дар ин мазмун ҳамаи асарҳои эҷодӣ ҳамчун аслӣ, нав, такроршаванда ва беҳамто фаҳмида мешаванд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки мувофиқи он нав будани асар бояд нишонаи мустақили асар эътироф шавад.

В.Я. Ионас ин нуқтаи назарро асоснок мекунад. Дар асоси ташхиси қоидаи қонуни пештара оид ба имконияти истифодаи асари бегона барои офаридани асари нав (банди 1 моддаи 492 –и КГ РСФСР соли 1964), ӯ ба хулоса омад, ки нишонаи нав будан ва нишонаи характери эҷодӣ доштани асар нишонаҳои мустақили асарро ташкил намуда, ба якдигар вобаста нестанд. Ба фикри ӯ асарҳои эҷодӣ ҳамеша нав мебошанд, аммо асарҳое ҳастанд, ки характери эҷодӣ надоранд. В.Я. Ионас ба муомилоти илмӣ дохил намудани мафҳуми «нав будан» -ро пешниҳод намуд ва ба фикри ӯ нав будан на танҳо нишонаи мустақили ихтироот бошад, балки нишонаи мустақили асарҳои илм, адабиёт ва санъат ба ҳисоб равад. Чунин пешниҳодот на дар қонунгузорӣ, на дар амалияи судӣ ва на дар адабиётҳои ҳуқуқӣ дастгирӣ ёфт. Нав будан ҳамчун нишонаи мустақили объекти ҳифзшаванда танҳо дар ҳуқуқи патентӣ зарур аст. Дар ҳуқуқи муаллифӣ нишонаи нав будан ҳамчун нишонаи мустақили муҳофизати асар зиёдатист, чунки пурра нишонаи эҷодиётро фаро мегирад.

Асар ҳамчун натиҷаи фаъолияти эҷодии муаллиф танҳо дар он ҳолат объекти ҳуқуқи муаллифӣ ҳисоб меёбад, ки агар дар ягон шакли объективӣ ифода ёфта бошад. То он даме, ки фикру образҳои муаллиф ифода наёфтаанд, танҳо дар андешаи ӯ мавҷуданд ва наметавонанд аз тарафи дигар шахсон қабул гарданд, асар вуҷуд надорад ва мавриди муҳофизати ҳуқуқӣ қарор намегирад.

Барои он ки натиҷаи эҷодӣ арзиши ҷамъиятӣ ба ҳисоб равад, объекти ҳуқуқи муаллифӣ гардад, вай бояд дар ягон шакли объективӣ:

- ✓ хаттӣ (дастнавис, мошинанавис, сабти нотагӣ);
- ✓ шифоҳӣ (иҷрои оммавӣ ва ғайра);
- ✓ сабти овозӣ ё сабти видеоӣ (механикӣ, магнитӣ, рақамӣ, оптикӣ ва ғайра);
- ✓ тасвир (расм, эскиз, нақша, кинокадр, телекадр ва ғайра);
- ✓ ҳаҷмӣ- фазоӣ (ҳайкал, модел, макет, иншоот ва ғайра) ва дигар шаклҳо гардад.

Бо дигар суханҳо гуфтан мумкин аст, ки асар бояд дар шакле вуҷуд дошта бошад, ки аз шахсияти муаллиф ҷудо гардида, мавҷудияти мустақил бошад. Дар ин ҳолат барои объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф кардани асар тамомшавии кор талаб карда намешавад.

Қонун асарҳои ҳам ба охир расида ва ҳам ба охир нарасидаро ҳифз мекунад, хусусан эскизҳо, нақшаҳо ва дигар натиҷаҳои пешакие, ки муаллиф ҳангоми офаридани асар онҳоро истифода мебаранд, мавриди ҳифзи ҳуқуқии муаллифӣ қарор мегиранд.

Дар шакли объективӣ ифода ёфтани асар бо имконияти таҷдиди он алоқаманд аст. Вобаста ба алоқамандии ин ду зуҳурот ду нуқтаи назар дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Ба фикри як гурӯҳи олимон шакли объективӣ ва таҷдиди асар аломати ягонаи асари ҳифзшавандаро ташкил медиҳанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқии шӯравӣ чунин ақида буд, ки яке аз нишонаҳои асари ҳифзшаванда –ин ба ҷамъият судмандии он мебошад.

Аммо ин нуқтаи назар дар илм дастгирӣ наёфт. Қонунгузории пештара ва ҳозира чунин талабот ба асарро пешбинӣ накарда буд ва пешбинӣ накардааст. Ғайр аз ин, дар моддаи 5 Қонун «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бевосита гуфта шудааст, ки «ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат сарфи назар аз таъинот ва аҳаммияташон татбиқ мегардад». Ин маънои онро дорад, ки аз тарафи ҳуқуқи муаллифӣ ҳам асарҳои баландмазмун ва ҳам асарҳои мазмунаш нисбатан паст дар сатҳи баробар ҳифз мегарданд. Ин ҳам фаҳмост, зеро агар масъала дигар хел ҳал мегардид ин боиси кушода шудани майдони васеи субъективизм мегардид ё ин ки пайдо кардани нишондиҳандаи фоиданокӣ ва эътибори асар имконнопазир мегардид.

Масъала оид ба сифати асар дар марҳилаҳои истифодаи он ҳал карда мешавад, яъне мақсаднокии нашри асар, намоиши оммавӣ ё дигар хел истифодабарии асар ҳаҷми тираж ва андозаи гонорари муаллифиро муайян мекунанд. Аммо агар вобаста ба заифии мазмун,

хатогиҳо, ё бо дигар мақсад асар истифода нагардад, ин маънои онро надорад, ки асар мавриди муҳофизати ҳуқуқӣ қарор намегирад.

Барои ба вуҷуд омадан, ба амал баровардан ва ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ягон хел барасмиятдарории асар ё риояи ягон хел талабот талаб карда намешавад. Ин нуқтаи назари принсипиалии қонунгузории ҶТ мебошад, ки мувофиқи он, ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои илм, адабиёт ва санъат аз лаҳзаи эҷоди он ба миён меояд (банди 1, моддаи 9 Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»). Ғайр аз ин, талаб карда намешавад, ки дар асар нишонаҳое бошанд, ки эътироф намоем.

Дар ҳолате, ки агар дар мавзуи ҳуқуқҳои муаллиф баҳс ба миён ояд вобаста ба эътирофи ин ё он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ҳамчун асар, ин масъала аз тарафи суд ҳал карда мешавад.

Ба набудани барасмиятдарорӣ ҳамчун шарти қобили ҳифзи асар назар андохта, дар назар бояд дошт, ки пас аз ба Конвенсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи муаллифӣ аз соли 1952 аъзо шудани ИҶШС соли 1973 дар ҳамаи нашриётҳои чопӣ (китобҳо, конвертҳо, граммпластинкаҳо) аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ гузошта, шуд, ки аз се аломат иборат аст: ҳарфи лотинии «С» дар доира (©); номи дорандаи ҳуқуқи истисноии муаллифӣ; соли аввали нашри асар. Тартиб ва шарти гузоштани аломати ҳимояро як қатор санадҳои меъёрӣ муқаррар мекунад.

Истифодабарии аломати ҳифз, ки дар банди 1 моддаи 9 –и Қонун дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ тасдиқ шудааст, маънои ба ҳуқуқи ҶТ дохил намудани талабот оид ба риояи барасмиятдарорӣ ҳамчун шарти ба миён омадани ҳифзро надорад.

Истифодабарии аломати ҳифз аз худи дорандаи ҳуқуқи истисноии муаллифӣ вобаста аст.

Асарҳое, ки дар онҳо аломати ҳифз гузошта шудааст ва асарҳое, ки дар он аломати ҳифз гузошта нашудааст, дар сатҳи баробар аз ҳифзи ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Мақсади асосии дар асар гузоштани аломати ҳифз дар он аст, ки шахсони сеюм хабардор карда шаванд, ки онҳо бо асари ҳифзшаванда сару кор доранд. Ин барои на танҳо пешгирии ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқи муаллифии бегона хизмат мекунад, балки ҷараёни исботкунии гуноҳи ҳуқуқвайронкунро осон мекунад, агар ин ҳуқуқвайронкунӣ ҷой дошта бошад.

## АДАБИЁТ


11. Конвенсияи Берн оид ба асарҳои адабӣ ва бадеӣ, аз 24.07.1971с., ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аз 9.03.2000с. иштирок дорад. [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 6.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 1 электрон. обуна. диск (CD – ROM)
12. Конвенсия оид ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, аз 14.07.1967с., ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аз 25.12.1991с. иштирок дорад. [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 6.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, электрон. обуна. диск (CD – ROM).Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ. 1, аз 30 июни соли 1999 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. 9 – 130 с.
13. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ. 2, аз 11 декабри соли 1999 [нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон. обуна диск (CD – ROM).
14. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ. 3, аз 11 феврали соли 2005 [нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон. обуна диск (CD – ROM).
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» 13 ноябри соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 23.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002 [нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, № 371 «Дар бораи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 2014 то 2020 тасдиқ карда шуд. [Нусхаи электронӣ] // АДЛИЯ: Мукаммалгардонӣ. Бонки иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М – адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.1 электрон.
18. Абдуллоев А.А., Очилова Ф.А., Қурбонов Ҷ.Ҷ., Боиров Ф.Г., Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. – Китоби дарсӣ / А.А. Абдуллоев, Ф.А. Очилова, Ҷ.Ҷ. Қурбонов, Ф.Г. Боиров. - Душанбе. – 2014. С. 423.
19. Азбука авторское право. Москва Юридическая литература. 1982. 104 с.

20. Антимонов Б.С. Флейщиц Е.А. Авторское право / Б.С. Антимонов., Е.А. Флейщиц. -М., 1957. 280 с.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи мафҳум ва моҳияти объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳар як фаъолияти инсон дорои натиҷа мебошад. Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ин асар аст. Асар ин маҷмӯи ғояҳо фикрҳо ва образҳое мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти эҷодии муаллиф ба даст омада, дар шакли конкретии барои қабули ҳиссиёти инсон мусоид, ки имконияти таҷдид шуданро дорад, ифода гардидааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** асар, муаллиф, эҷодиёт, асарҳои илм, адабиёт, санъат, асарҳои интишоршуда, асарҳои интишорнашуда.

## ЗНАЧЕНИЕ И СУЩНОСТЬ ОБЪЕКТОВ АВТОРСКОГО ПРАВА

В данной статье рассматривается предмет понятия и сущности объектов авторского права. Любая человеческая деятельность имеет результат. Данная работа является результатом творческой деятельности. Произведение представляет собой совокупность идей, мыслей и образов, полученных в результате творческой деятельности автора, выраженных в конкретной форме, благоприятной для восприятия человеческих чувств и имеющей возможность обновления.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** произведение, автор, творчество, произведения науки, литературы, искусства, опубликованные произведения, неопубликованные произведения.

## MEANING AND ESSENCE OF COPYRIGHT OBJECTS

This article examines the subject of the concept and essence of copyright objects. Any human activity has a result. This work is the result of creative activity. The work is a set of ideas, thoughts and images obtained as a result of the author's creative activity, expressed in a specific form that is favorable for the perception of human feelings and has the possibility of renewal.

**KEYWORDS:** work, author, creativity, works of science, literature, art, published works, unpublished works.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобониёзов Сайёд Умарқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900-53-45-34.**

**Сведения об авторе:** ***Бобониёзов Сайёд Умаркулович*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900-53-45-34.**

**Information about the author:** ***Boboniyozov Sayod Umarkulovich*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **900-53-45-34.**

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО СТАТУСА ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

*Ганизода М.*
**Таджикский национальный университет**

Иностранные граждане и лица без гражданства имеют особый административно-правовой статус. В общем виде он отличается от правового статуса граждан республики тем, что их права ограничены определенными законами.

Прежде всего, надо сказать, что согласно закону иностранным гражданином признается «физическое лицо, не являющееся гражданином Республики Таджикистан и имеющее доказательства наличия гражданства (подданства) иностранного государства».

Административно-правовой статус иностранного гражданина, по мнению ученых, это «совокупность прав и обязанностей личности, которые формируются в процессе его взаимодействия с государственными и негосударственными структурами» [5, с. 531]. Он определяется в Конституции РТ, в Закон Республики Таджикистан от 2 января 2018 года, №1471 «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства в Республике Таджикистан» (в ред. от 17.05.2018, №1525), в других законах и международных договорах и основывается на принципах законности, социального равенства, гуманизма, демократизма, презумпции невиновности [3, с. 53].

Особенностью административно-правового статуса иностранных граждан и лиц без гражданства является то, что им не предоставляются следующие права: избирать и быть избранными в органы государственной власти; участвовать в референдуме; быть принятыми на государственную службу, кроме случаев, предусмотренных законами и международными договорами РТ; принимать участие в политической деятельности партий; заниматься иной деятельностью и замещать иные должности, допуск иностранных граждан к которым ограничен в соответствии с действующим законодательством [4, с. 23].

Иностранные граждане также не могут быть призваны на военную службу или на альтернативную гражданскую службу. После получения гражданства Республики Таджикистан им предоставляются все перечисленные права. Согласно Закону Республики Таджикистан от 2 января 2018 года, №1471 «О правовом статусе иностранных граждан и лиц без гражданства в Республике Таджикистан» иностранным гражданам разрешается временное пребывание, временное проживание или постоянное проживание. Они имеют такие неотъемлемые и неотчуждаемые права, как проживание на территории РТ, вступление в брак, свободное передвижение внутри территории РТ и право на личную безопасность [1, с. 266].

Иностранные граждане должны соблюдать действующее законодательство страны пребывания, безотносительно к тому, проживают они в ней постоянно или временно. Они имеют право на въезд и выезд с территории РТ при наличии удостоверения личности, признанного на территории Таджикистан, а также документов, подтверждающих законность передвижения.

Нахождение иностранных граждан на территории РТ возможно только в пределах сроков, отведенных им для проживания или временного пребывания, что подтверждается выданной им визой. Срок временного пребывания в порядке, не требующем получения визы, регистрируется н срок, не превышающие сроки, установленные международными договорами Таджикистана.

Иностранные граждане, проживающие на территории РТ, имеют право на судебную защиту и разные формы государственной защиты. Они могут заниматься предпринимательской и трудовой деятельностью, получать пособия, пенсии. Трудовая деятельность осуществляется иностранными гражданами на основе принципа национального режима, при наличии разрешения — трудового патента. Они также обладают правом на медицинское обслуживание, получение среднего и высшего образования на бесплатной основе.

Важной проблемой является неофициальная занятость иностранных граждан, вызывающая социальную напряженность в обществе, отрицательное отношение к мигрантам.

Наука административного права насчитывает незначительное число исследовательских работ, посвященных этому вопросу. Традиционно субъектом административного права считается физическое или юридическое лицо (организация), которое в соответствии с установленными административным законодательством нормами участвует в осуществлении публичного управления, реализации функций исполнительной власти.

В специальной литературе различаются индивидуальные и коллективные субъекты административного права. Индивидуальными субъектами являются граждане РТ, иностранные граждане и лица без гражданства. Эти лица не состоят в устойчивых, непрерывных организационных отношениях с органами исполнительной власти или публичного управления. Субъектами административно-правовых отношений граждане становятся, например, в силу необходимости совершения какого-либо действия, выполнения установленной для них обязанности, получения разрешения (лицензии) соответствующего государственного органа, оспаривания в суде действий (бездействия) или решения органов исполнительной власти, нарушающих права, свободы и законные интересы (применение к физическому лицу административного наказания за совершенное административное правонарушение; направление гражданином жалобы в суд на действие должностного лица, нарушившего его право или ограничившего его свободы; граждане учреждают общественное объединение и т.д.).

К индивидуальным субъектам административного права относятся также государственный служащий или должностное лицо. Они занимают государственные должности в государственных органах власти, находятся в устойчивых и непрерывных организационных отношениях с указанными органами; их статус одинаковым образом регламентирован нормативными правовыми актами; они осуществляют компетенцию государственных органов и имеют для этого соответствующие государственно-властные полномочия; выполняют действия и принимают решения от имени государственных органов (при этом они – индивидуальные субъекты права).

Коллективные субъекты административного права – это группы людей, являющиеся организациями (государственными, негосударственными, част ными, общественными, которые выступают во внешних отношениях как самостоятельные субъекты права; порядок их создания и деятельность регламентированы нормативными правовыми актами.

Административно-правовой статус индивидуального субъекта – это правовое положение личности в ее отношениях с субъектами исполнительной власти, урегулированное нормами государственного и административного права.

Административно-правовой статус граждан РТ. Административно-правовой статус граждан является составной частью общего правового статуса личности в РТ. Под правовым статусом личности понимается юридическое (правовое) закрепление положения личности в обществе. По вопросу сущности и структуры правового статуса личности в юридической литературе высказываются различные мнения. Большинство авторов считают, что правовой статус – совокупность юридических прав и обязанностей.

В заключение отметим, что иностранные граждане, проживающие на территории РТ, имеют почти такие же права и обязанности, как и российские граждане, однако они имеют ряд ограничений в целях безопасности государства и дополнительные права и обязанности. Представляется необходимым совершенствовать административно-правовой статус иностранных граждан на законодательном уровне, систематизировать нормативные акты, определяющие их правовое положение.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Демчук Д.А., Иргашев АУ, Друзин А.Е. Правовое положение иностранных граждан, прибывающих на территорию Российской Федерации // Актуальные науч. исследования в совр. мире. 2021. № 12-13 (80). С. 265-269.
2. Коротаев Д. За год более 735 тыс. иностранцев стали гражданами России // URL: https://iz.ru/ 1281955/2022-01-25/za-god-bolee-735-tys-inostrantcev-stali-grazhdanami-rossii (Дата обращения: 23.03.2022)

3. Солдатов А.П., Братановский С.Н. Совершенствование правового положения иностранных граждан в России // Тр. Академии управления МВД России. 2021. № 2 (58). С. 50-56.
4. Сычев М. С. К вопросу об особенностях административно-правового статуса иностранных граждан и лиц без гражданства // NovaUm. Ru. 2021. № 30. С. 22-24.
5. Юлубаева А.Р. Административно-правовой статус иностранных лиц и лиц без гражданства в Российской Федерации // Аллея науки. 2021. Т. 1. № 6 (57). С. 531-536.

**БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақола хусусиятҳои мақоми маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, ошкор карда шуда, маҳдудиятҳои дар онҳо амалкунанда баррасӣ карда мешаванд. Манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазъи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро танзим мекунанд, нишон дода шудаанд. Баъзе мушкилоти танзими ҳуқуқии вазъи маъмурию ҳуқуқии шахсони зикршуда муайян карда шудаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шаҳрвандони хориҷӣ, мақоми маъмурӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, фаъолияти меҳнатӣ.

**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО СТАТУСА ИНОСТРАННЫХ ГРАЖДАН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье раскрываются особенности административно-правового статуса иностранных граждан и лиц без гражданства, находящихся на территории Республики Таджикистан, рассматриваются ограничения, действующие на них. Указаны нормативные правовые источники, регулирующие положение иностранных граждан и лиц без гражданства. Выделены некоторые проблемы правового регулирования административно-правового положения указанных лиц.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** иностранные граждане, административно-правовой статус, законодательство, трудовая деятельность.

**SOME FEATURES OF THE ADMINISTRATIVE AND LEGAL STATUS OF FOREIGN CITIZENS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article reveals the peculiarities of the administrative and legal status of foreign citizens and stateless persons located on the territory of the Republic of Tajikistan, examines the restrictions that apply to them. The normative legal sources regulating the situation of foreign citizens and stateless persons are indicated. Some problems of legal regulation of the administrative and legal status of these persons are highlighted.

**KEYWORDS:** foreign citizens, administrative and legal status, legislation, employment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғанизода Манижа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+ 992) 907 – 47 – 22 – 92.** E-mail:**manizh_2000@mail.ru**

**Сведения об авторе: Ганизода Манижа** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+ 992) 907 – 47 – 22 – 92.** E-mail: **manizh_2000@mail.ru @mail.ru**

**Information about the author:** ***Ghanizoda Manizha*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+ 992) 907 – 47 – 22 – 92.** E-mail: **manizh_2000@mail.ru**

# ПРАВОВОЙ ИНСТИТУТ В СИСТЕМЕ СОВЕТСКОГО СОЮЗА

***Рахмонов Ш.Д.***
**Таджикский национальный университет**

В условиях развитого социалистического общества роль права как инструмента регулирования общественных отношений становится все более значимой. Это подчеркивает необходимость более глубокого изучения механизмов действия права, взаимосвязи общественных отношений, права и правосознания, а также его структуры. В этой связи особое внимание уделяется роли и месту правового института в системе права и экономических отношений, что пока еще не получило достаточного освещения в литературе.

Для эффективного решения данных вопросов необходимо провести исследование проблемы объективного и субъективного в правовой сфере, а также проанализировать само право, как составляющую социальной действительности.

В юридической литературе проблема объективного в праве обычно рассматривается в двух аспектах. В контексте соотношения общественной реальности и общественного сознания, материального и идеального, право, несомненно, рассматривается как субъективное явление. Оно представляет собой фактор общественного развития, является частью надстроечных явлений, производным и вторичным, зависящим от общественной реальности. Это положение является ключевым и отправным при рассмотрении объективного в праве, отражает основные принципы диалектико-материалистического подхода к изучению права.

С другой стороны, право можно рассматривать как особую объективную реальность, отличную от индивидуального сознания, правосознания, науки, морали и других форм общественного сознания. При этом важно признать относительность и изменчивость понятий объективного и субъективного и их взаимосвязь. Признание права объективным возможно лишь после того, как оно уже было отнесено к сфере субъективного в рамках основного гносеологического вопроса.

Понятия "правовой институт" и "правовая категория" следует различать, используя положения об объективном в праве. В юридической литературе часто наблюдается их смешение, что может привести к недопониманию. Например, в работе Н.И. Овчинникова, рассматривающей правовую природу хозяйственного договора, указывается, что его нельзя рассматривать как отдельный правовой институт, так как он объединяет несколько правовых институтов. Это комплексное понятие, которое само по себе не регулирует определенные виды общественных отношений, в отличие от юридического института. Поэтому Н.И. Овчинников считает важным рассматривать хозяйственный договор как теоретическую конструкцию. Однако признание хозяйственного договора как теоретической конструкции не исключает, а наоборот, предполагает возможность и необходимость рассмотрения его в контексте правового института.

Понятия «правовой институт» и «теоретическая конструкция» взаимосвязаны и взаимозависимы, но качественно различны, поскольку первое относится к праву как к специфической объективной реальности, а второе — к правовой науке; второе отражает первое, определяется им и вместе с тем на него влияет.

В материалах научно-координационной конференции "Актуальные проблемы и задачи теории государства и права в современный период" наблюдается нечеткое разграничение понятий, что проявляется в докладах таких авторов, как Б.Т. Базылев с докладом "Юридическая ответственность как институт советского права" и В.Д. Ардашкин с докладом "Меры защиты как общеправовая научная категория". Согласно взглядам этих авторов, как юридическая ответственность, так и меры защиты рассматриваются как общеправовые юридические институты и общеправовые научные категории. Это следует учитывать, чтобы иметь

возможность исследовать их с разных точек зрения. Например, в докладе В.Д. Ардашкина, несмотря на название, меры защиты анализируются преимущественно как правовой институт.

И.А. Танчук правильно подчеркивает, что различие между понятиями "правовой институт" и "правовая категория" обладает значимостью как в теоретическом, так и в практическом аспектах.

И.А. Танчук определяет правовой институт как совокупность норм, регулирующих определенные конкретные отношения. Правовая категория, по его мнению, является более общетеоретическим и абстрактным понятием, выражающим закономерности в организации правовых отношений в обществе. В то время как правовой институт тесно связан с конкретной отраслью права, правовая категория представляет собой, по сути, общую систему права.

Рассматривая пример договора, И.А. Танчук утверждает, что как правовая категория договор представляет собой соглашение сторон, направленное на установление, изменение или прекращение любого правоотношения, независимо от того, какой отраслью права это отношение регулируется. В то же время, конкретный тип договора является правовым институтом в рамках определенной отрасли права.

Из нашего взгляда, И.А. Танчук, проводя основные различия между правовыми институтом и категорией, немного сдвигает акценты этого разграничения. Правовую категорию нельзя рассматривать как более широкое и более абстрактное понятие; она просто представляет собой иное понятийное пространство по сравнению с институтом.

Договор вполне может рассматриваться как общетеоретическое, общеправовое понятие. Однако в современных условиях он обычно воспринимается как понятие, узко связанное с конкретной отраслью права. Поэтому "договор определенного вида" (например, хозяйственный) является не только правовым институтом, но и правовой категорией. Таким образом, договор может быть и общеправовой категорией, и, возможно, общеправовым институтом.

Недавние тенденции в юридической литературе направлены на разработку концепции системы права с использованием методов теории систем. Это способствует более правильному пониманию места института в системе права, отходя от простого представления о нем как отдельной отрасли в правовом контексте.

"Система представляет собой не просто совокупность отдельных элементов, а сложную сеть взаимосвязей и взаимозависимостей между ними».

Право по своей сути является системой, а применение системного подхода не является революционным, а скорее представляет собой методологическую помощь для более ясной формулировки исследовательских задач и акцентов, а также выявления внутренних связей между элементами права.

Правовая система находится внутри общей социально-экономической системы, зависит от нее и развивается параллельно с ней. Связи между правовыми элементами и элементами других систем влияют друг на друга. В рамках системы права, самым слабо разработанным и наиболее неопределенным понятием считается институт права. Обычно правовой институт определяется как набор норм, регулирующих однородные общественные отношения. С уточнениями, правовой институт можно рассматривать как относительно автономную, устойчивую группу норм, которая регулирует конкретные виды общественных отношений.

О.С. Иоффе, проведя анализ структуры права, пришел к заключению, что существующих структурных компонентов системы права недостаточно для полного понимания структуры советского права. Он предлагает дополнить структурные подразделения системы права новыми элементами, такими как: правовые принципы, подотрасль права и субинститут.

Однако, по нашему мнению, предложенная конструкция имеет существенные недостатки, которые делают ее не полностью принимаемой. В частности, несмотря на видимое расширение числа структурных компонентов системы права, фактически происходит ограничение количества элементов структуры, что зачастую не позволяет учесть все существующие правовые явления. Гибкость понятия правового института ранее позволяла его применение в зависимости от особенностей конкретной отрасли права. В то время как О.С. Иоффе предлагает более

жесткую структуру, включающую норму, субинститут, институт, подотрасль и систему права. Следовательно, увеличение числа элементов в системе права может привести к тому, что излишние элементы уже не будут вписываться в эту структуру.

Это легко иллюстрируется на примерах, приведенных О.С. Иоффе . Согласно его классификации, договор поручения и договор комиссии являются правовыми институтами, а под отраслью права, в которую они входят, является обязательственное право. Это вполне справедливо. Однако между договором комиссии как правовым институтом и обязательственным правом как под отраслью могут существовать и существуют другие правовые образования, такие как посреднические договоры услуг и другие формы договоров услуг. Как следует тогда классифицировать эти образования? Если, например, признать договор услуг институтом, то его подвидами будут являться посреднические договоры услуг, а договоры комиссии станут подвидами последних. Тогда, как следует классифицировать договоры на реализацию излишних материальных ценностей на комиссионных началах и другие подобные формы? О.С. Иоффе не предусматривает других структурных элементов права для таких случаев.

По нашему мнению, не следует устанавливать строгую и непроницаемую структуру права. Важно признать, что один институт может включать в себя другой, более широкий, который в свою очередь может включать более узкие. Этот факт был упомянут Л.И. Дембо, когда он говорил о разветвленных правовых институтах, которые могут распадаться на конкретные и менее крупные, но имеющие самостоятельное значение, правовые институты. Эта идея начала развиваться в последние годы, включая попытки выразить отношения субординации между институтами, как это делает система структурных подразделений, предложенная О. С. Иоффе. Субинститут, который он вводит, представляет собой тот же институт, но входящий в более обширный. Подотрасль же представляет собой объединение институтов, достигшее такой степени укрупнения, что у него выделяется своя общая часть.

С.С. Алексеев дополняет понятия субинститута и подотрасли другими терминами, включая такие правовые конструкции, как генеральный институт, объединения институтов (как общие, так и предметные), а также сложные институты.

В принципе, можно согласиться с этим. Однако важно помнить, что все эти образования остаются институтами, будучи либо объединением институтов, либо частью другого института. Также важно не ограничивать их жесткой и строго определенной системой структурных подразделений права, поскольку реальные образования в системе права могут не соответствовать такой заданной схеме и, следовательно, могут вызвать ее разрушение.

С.С. Алексеев правильно отмечает, что в структуре права ключевую роль играют три элемента: норма, институт и отрасль. Однако помимо этих основных элементов существуют и другие, не всегда необходимые правовые образования, такие как субинституты, подотрасли, ассоциации норм, объединения институтов и семьи отраслей. Использование таких образований обосновано в том случае, если рассматривать каждый институт как многосистемную систему. Большинство институтов могут включать в себя не отдельные нормы, а другие институты более низкого уровня, а сами, в свою очередь, входить в институты более высокого уровня, вплоть до отраслей права. При таком подходе каждый институт может рассматриваться как субинститут или как генеральный институт, в зависимости от контекста и отношений с другими институтами. Например, хозяйственное посредничество можно рассматривать как генеральный институт, объединяющий различные виды хозяйственно-посреднических договоров услуг, которые, в свою очередь, могут рассматриваться как субинституты этого института.

Правовая система является строго формализованной и нормативной, характеризующейся относительной устойчивостью своих элементов. Однако она формируется в ответ на потребности общества, осознанные как самим обществом, так и государством, исходя из преломления этих потребностей через правосознание и научное изучение права. Правовая система отражает сложность и многообразие материальных отношений и должна адекватно отображать их многоуровневую структуру.

Нормы права, входя в силу в конкретном обществе, образуют сложную и многоуровневую структуру, необходимую для регулирования разнообразных общественных отношений. С.С. Алексеев правильно подмечает, что подобно другим системным образованиям, правовая система обладает иерархической структурой. Однако данная идея осталась недостаточно освещенной в литературе. Предложение В. К. Райхера о многоуровневой структуре системы права ранее не получило должного внимания и часто подвергалось критике.

С.С. Алексеев разработал свою концепцию удвоения структуры права, учитывая реальные особенности правовой действительности, которая не соответствует одноплоскостной структуре. Например, на уровне институтов он рассматривает такие правовые образования, как хозяйственный договор и договор на обслуживание населения.

В предыдущем исследовании мы пытались продемонстрировать, что хозяйственные договоры и договоры обслуживания граждан не могут быть рассмотрены в контексте традиционных видов договоров, таких как договоры поставки, купли-продажи, комиссии и другие. Эти виды договоров выделяются на основании иной логики и в другом контексте, чем принято в общепринятой классификации законодательства и литературы.

Согласно взглядам С.С. Алексеева, хозяйственный договор представляет собой отраслевой институт, который характеризуется комплексным подходом и существует в рамках принципа удвоения структуры права.

Понятие "комплексный" в контексте хозяйственного договора, по нашему мнению, не вполне уместно. Хотя можно говорить о межотраслевых комплексных институтах, хозяйственный договор скорее является отраслевым институтом, расположенным в другой плоскости. Представляется, что С.С. Алексеев упускает из виду наличие других правовых институтов, которые не могут быть сведены к основным институтам обязательственного права, а также к другим видам права. Неверно считать, что все правовые образования, включая субинституты, подотрасли и ассоциации норм, являются подразделениями в одной плоскости, концентрирующимися вокруг основной триады (норма, институт, отрасль).

Выделение хозяйственного договора и договора на обслуживание населения должно иметь объективные основания и отражать реальное разнообразие общественных отношений, которые подлежат регулированию правом. Это разнообразие не ограничивается только характером отношений, но также зависит от участников этих отношений. В научной литературе недостаточно уделяется внимание тому факту, что общественные отношения, подпадающие под действие гражданского права, подразделяются не только по характеру этих отношений, но и в зависимости от субъектов: между социалистическими организациями, между гражданами и социалистическими организациями, а также между гражданами (ст. 2 Основ гражданского законодательства Союза ССР и союзных республик и ст. 2 Гражданского кодекса Казахской ССР).

В связи с этим, особенности общественных отношений могут потребовать разработки параллельной дополнительной структуры права, размещенной в отдельной плоскости от основной. Важным критерием такой структуры может служить участие субъектов отношений. Мы считаем, что такие правовые формации, как хозяйственный договор и договор на обслуживание населения, являются проявлением этой структуры.

В этой дополнительной структуре гражданско-правовые договоры классифицируются в первую очередь по участникам: между социалистическими организациями, между гражданами и социалистическими организациями, а также между гражданами. Затем внутри этих групп выделяются хозяйственные договоры и договоры на обслуживание граждан на основе дополнительного критерия, такого как обслуживание хозяйственной деятельности социалистических организаций или удовлетворение потребностей граждан.

Разделение институтов в данной плоскости может также производиться в отношении других норм, регулирующих однородные общественные отношения, которые уже объединены в определенные институты в главной структуре права. Например, имущественная ответственность может быть разделена на ответственность за нарушение плановых и договорных обязательств, а

также деликтную ответственность. Однако она также может быть разделена на ответственность в отношениях между социалистическими организациями, между социалистическими организациями и гражданами, и между гражданами. Все эти правовые образования являются институтами, но расположены не в одной плоскости, а пересекаются между собой, так как выделяются по различным классификационным критериям. Например, ответственность в отношениях между социалистическими организациями включает в себя полную ответственность за нарушение плановых обязательств, а частично — за нарушение договорных и деликтных обязательств. Аналогично, ответственность в отношениях граждан с социалистическими организациями включает в себя частично ответственность по договорным обязательствам и частично — по деликтным. Такой же принцип применяется и к ответственности в отношениях между гражданами.

По нашему мнению, важно признать, что правовые институты могут не только взаимно включаться друг в друга, находясь в одной плоскости, но и пересекаться между собой. Одна и та же норма может одновременно входить в несколько институтов. Однако следует различать реальное пересечение институтов, находящихся в разных плоскостях, и иллюзию пересечения, когда институты находятся в одной структуре. Например, институт имущественной ответственности разделяется на субинституты по нарушению договора поставки, договора подряда и т. д. Но эти субинституты, в свою очередь, входят в институты договора поставки, договора подряда и т. п. На первый взгляд, кажется, что структуры различных институтов пересекаются. Однако стоит учитывать, что институт имущественной ответственности относится к общей части гражданского права, а институт договора поставки — к особенной. Их соотношение можно рассматривать как соотношение между категориями общего, особенного и конкретного (отдельного). "Общее существует лишь через конкретное, через отдельное. Каждое отдельное есть (так или иначе) общее".

Имущественная ответственность проявляется исключительно через ответственность за конкретные нарушения. Следовательно, она не перекрещивается с институтом договора поставки, а скорее выражается в нем через ответственность за нарушение условий договора.

Существование пересекающихся институтов объясняется наличием иерархии структур в рамках права, где институты могут функционировать в различных плоскостях и входить в различные структуры внутри отрасли права. Этот подход основывается на философских принципах структурного подхода к объекту. Фактически не существует элемента, который был бы связан исключительно с определенной структурой. Элемент всегда имеет различные аспекты и входит в несколько структур одновременно, требуя учета взаимосвязей между ними при его анализе. Те же самые элементы, взаимодействуя по-разному, могут образовывать различные системы.

Конечно, данные принципы не могут быть полностью применены к праву как к специфическому объекту, однако стоит признать, что в рамках отраслей права существуют институты, которые объединены в различные системы и взаимно пересекаются друг с другом.

Мы считаем, что наличие иерархии структур в контексте институтов права объясняется тем, что на структуру права воздействуют одновременно несколько факторов, формирующих систему, что обусловлено сложностью и разнообразием общественных отношений .

Мы считаем, что такое разграничение вполне соответствует концепции С.С. Алексеева об удвоении структуры права и в целом не вызывает возражений. Однако в его подходе не учитывается, по нашему мнению, что главным системообразующим фактором является не одиночный, отдельный фактор, а комплекс различных системообразующих факторов. Справедливо отмечается, что уже на следующей странице С.С. Алексеев говорит не о главном, а о главных системообразующих факторах, разделяя их на две основные группы: а) предмет правового регулирования и б) функции права и его подразделений. Однако сам предмет правового регулирования представляет собой центр различных системообразующих факторов, поскольку "при более детальном анализе структуры права оказывается необходимым дифференцированно подходить к отдельным элементам предмета регулирования, различая, в

частности, содержание и характер поведения, положение субъектов, объекты, условия возникновения и функционирования отношения и т. д.".

Из этого следует, что выделение предмета правового регулирования в качестве главного системообразующего фактора предполагает возможность существования различных системообразующих факторов и, следовательно, конструкцию не одной, а нескольких систем в рамках одного структурного подразделения.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Алексеев С.С. Объективное в праве. - «Правоведение», 1971, №1, с.112-118; его же. Социальная ценность права в советском обществе. М., 1971, с. 62-66; Недбайло П.Е.. Объективное и субъективное в праве (к итогам дискуссии). - «Правоведение» 1974, №1, и др.
2. Овчинников Н. И. Относительно природы хозяйственного договора. — В кн.: Материалы ХШ научной конференции, ч. IV (филологические и юридические науки). Владивосток, 1968, с. 106 -107.
3. Актуальные проблемы теории социалистического государства и права. М.; 1974, с. 156-161, 162-166.
4. Танчук И.А., Ефимочкин В.П., Абова Т.Е. хозяйственные обязательства. М., 1970, с. 18-19; Теоретические проблемы хозяйственного права. М., 1975, с. 211 212.
5. По мнению Р. О. Халфиной, созрели условия для разработки общей теории договора, охватывающей применение данной правовой формы в различных областях жизни общества (См.: Халфина Р. О. Общее учение о правоотношении. М., 1974, с. 293).
6. Керимов Д. А. Философские проблемы права. М., 1972; Алексеев С. С. Структура советского права. М., 1975.
7. Чхиквадзе В. М., Ямпольская Ц. А. О системе советского права. — «Советское государство и право», 1967, № 9, с. 32—40.
8. Системность наряду с нормативностью, формальной определенностью и принудительностью является одним из свойств права. Причем именно оно предопределяет ценность права: обеспечивает организованность всей системы общественных отношений в единстве сочетаний, взаимосвязи (см.: Алексеев С.С. Проблемы теории права, т. 1. Свердловск,1972, с. 22, 27; его же. Структура советского права, с. 9, 72).
9. Шебанов А. Ф. Система советского социалистического права. М., 1961, с. 9; Алексеев С. С. Общая теория социалистического права, вып. 1. Свердловск, 1963, с. 214; Общая теория советского права. Под ред. С.Н. Братуся и И. С. Самощеяко. М., 1966, с.
10. Керимов Д. А. Указ. работа, с. 300; Якушев В. С. О понятии правового института / Д.А. Керимов. — «Правоведение», 1970, № 6, с. 64, и др.


## ИНСТИТУТИ ҲУҚУҚӢ ДАР СИСТЕМАИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ


Ин мақолаи илмӣ ба таҳқиқи нақши институтҳои ҳуқуқӣ дар системаи ҳуқуқи сотсиалистӣ бахшида шудааст. Дар кор хусусиятҳои фаъолият ва таъсири институтҳои ҳуқуқӣ ба рушди низоми ҳуқуқии сотсиалистӣ бо назардошти робитаи онҳо бо муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ таҳлил карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба баррасии механизмҳое, ки ба танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини адолат дар ҷомеаи сотсиалистӣ мусоидат мекунанд, дода мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои фаҳмиши амиқи фаъолияти системаи ҳуқуқӣ дар заминаи кишвари сотсиалистӣ муфид бошанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** институти ҳуқуқӣ, сотсиализм, низоми ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, равандҳои иқтисодӣ, ҳуқуқи ҳатмӣ, шартномаи ҳуқуқии-шаҳрвандӣ.


## ПРАВОВОЙ ИНСТИТУТ В СИСТЕМЕ СОВЕТСКОГО СОЮЗА


Данная научная статья посвящена исследованию роли правовых институтов в системе социалистического права. В работе анализируются особенности функционирования и влияния правовых институтов на развитие социалистической юридической системы с учетом их взаимосвязи с общественными и экономическими отношениями. Основной упор делается на рассмотрение механизмов, способствующих регулированию социально-экономических процессов и обеспечению справедливости в социалистическом обществе. Результаты исследования могут быть полезны для углубленного понимания функционирования правовой системы в контексте социалистической страны.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: правовой институт, социализм, юридическая система, общественные отношения, экономические процессы, обязательственное право, гражданско-правовой договор.


## A LEGAL INSTITUTION IN THE SYSTEM OF THE SOVIET UNION


This scientific article is devoted to the study of the role of legal institutions in the system of socialist law. The paper analyzes the features of the functioning and influence of legal institutions on the development of the socialist legal system, taking into account their relationship with social and economic relations. The main focus is on the consideration of mechanisms that contribute to the regulation of socio-economic processes and ensuring justice in a socialist society. The results of the study can be useful for an in-depth understanding of the functioning of the legal system in the context of a socialist country.

**KEYWORDS**: legal institution, socialism, legal system, public relations, economic processes, law of obligations, civil law contract.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонов Ш.Д.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 777072092.** E-mail: **srahmonov402@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонов Ш.Д.*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 777072092.** E-mail: **srahmonov402@gmail.com**

**Information about the author*: Rakhmonov SH.D.*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 777072092.** E-mail: **srahmonov402@gmail.com**

# ОБЪЕКТИ ПАЙҲОИ БИОЛОГӢ: МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ОН

*Саидзода О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пайшиносӣ - соҳаи техникаи криминалистӣ буда, асосҳои назариявии ҷараёни ҳосилшавии пай, сохти берунаи объектҳое, ки пайҳоро гузоштаанд, механизми ҳосилшавии пай, усулҳо ва воситаҳои ёфтани пайҳо, ба қайд гирифтан ва гирифтани пайҳо, ҳамчунин кушодани ҷиноятҳо, тафтиш ва пешгирӣ кардан бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои аҳаммияти амалидошта тавассути пайҳо, усулҳои умумӣ ва хусусии тадқиқоти пайҳоро дар бар мегирад.

Ба таври дигар, пайшиносӣ ин соҳаи мустақили техникаи криминалистиест, ки қонуниятҳои пайдоиши пайҳо ҳамчун акси сатҳи зоҳирии як чиз дар дигар чиз, усул ва воситаҳои бозёфт, зикр ва тадқиқи пайҳоро меомӯзад ва дар асоси воқеии ин қонуниятҳо усул ва воситаҳои навтарине, ки бо мақсадҳои фош намудан ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мебаранд, кор бурда тавсия менамояд. Нисбат ба назарияи соҳаи пайшиносӣ, амалияи он босуръат рушд мекард. Ҳамин буд, ки воситаҳои самаранок ва босифат гирифтани пайҳо аз ҷониби коршиносони соҳаи пайшиносӣ роҳандозӣ карда шуд. Аммо қонуниятҳои шаклгирии он ба ҳама маълум набуд, коршиносони судӣ (экспертон) аз уҳдаи соддагардонии онҳо бо истифодаи аломатҳои идентификатсионӣ (айнияткунонӣ) бароянд ҳам, аммо низоми ягонаи айнияткунонии нишонаҳои пайҳоро муайян накарда буданд. Хусусан, дар амалия ба ривоҷи усулҳои фардияти баҳодиҳӣ ба нишонаҳои пай ва ба самти самаранок тағйир ёфтани он нигоҳ накарда, дар бораи қонуниятҳои вайроншавии нишонаҳо, ба онҳо додани баҳои миқдорӣ ва усулҳои гузаронидани тадқиқоти пайшиносӣ маълумоти аниқ вуҷуд надошт.

Тавре ки ба мо маълум аст, дар криминалистика аввалин маротиба усулҳои математикӣ истифода шудаанд. Истифодашавии усулҳои математикӣ асосан дар қисмати дактилоскопия бисёртар назаррасанд. Хусусан, дар тадқиқотҳои минбаъда равишҳои нави истифодаи усулҳои математикӣ дар дактилоскопия ва дар асоси ин ба дигар намудҳои экспертизаи пайшиносӣ ба таври дахлдор муайян намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, махсусан дар тадқиқотҳои озмоишии пайшиносӣ ба истифодаи маълумотҳои омор (статистика) имкон дод. Дар инкишофи пайшиносӣ усулҳои физикӣ ба монанди микроскопия ва суратгирии микроскопӣ, рентгенография, нурҳои инфрасурх ва ултрабунафш аҳаммияти муҳимро пайдо намуд. Бе истифода аз таҷҳизотҳои оптикӣ, махсусан заррабинҳо омӯхтан ва муайян кардани релефи заррачаҳои хурдтарине, ки дар объекҳоти пайқабулкунанда гузошта шудааст, имконнопазир аст. Агар нурҳои ноаёни спектрии инфрасурх ва ултрабунафш барои муайян ва қайд намудани пайҳое, ки бо чашми оддӣ дидани онҳо ғайриимкон аст, истифода гарданд, пас нурҳои рентгенӣ имконияти омӯхтан ва муайян намудани тирҳои силоҳи оташфишон, оҳанпора ва дигар деталҳое, ки дар натиҷаи бардоштани ҷароҳат дар бадани инсон боқӣ мемонад, истифода бурда мешаванд.

Зарурияти муайян намудани пайҳои моддӣ, аз рӯйи сарчашмаҳои илмӣ кор карда баромадан, бақайдгирӣ ва усулҳои санҷиши онҳо, дар асоси фанҳои муосири таббӣ ва техникӣ ба роҳ монда мешавад. Таҳлил кардани заминаҳои бавуҷудоии пайҳо ва омӯзиши ҳаматарафаи онҳо боиси бавуҷудоии соҳаи муосири техникаи криминалистӣ – таълимот дар бораи пайҳо ё худ пайшиносӣ (трасология) гардидааст. Ҳарчанд аз замонҳои қадим усулҳои гуногуни истифода намудани пайҳо мавҷуд бошанд ҳам, аммо ба он ҳамчун соҳаи алоҳида диққати махсус зоҳир нагардида буд.

Дар солҳои охир аз тарафи олимони соҳаи пайшиносӣ усул ва воситаҳои нави муайян кардани пайҳо ва бақайдгирии онҳо ҳам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Воситаҳои муайян намудан ва бақайдгирии пайҳо, ки айни замон дар ҳоли рушд мебошанд на танҳо

ҳангоми содир намудани ҷиноят, инчунин барои нигоҳ доштани маълумот дар бораи шаҳрвандон хизмат менамоянд.

Дар айни замон як қатор услулҳои муосири таҳқиқ намудани пайҳо вуҷуд доранд, ки онҳо, махсусан, дар таҷрибаи экспертизаи судӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Воситаҳои илмии муосир ба илми криминалистика мувофиқ гардонида шуда, дар дарёфт намудан ва гирифтани пайҳо истифода шуда истодаанд. Инчунин, усулҳои илман асоснокгардидаи илмҳои дигар соҳаҳо, махсусан, илмҳои табиӣ дар илми криминалистика истифода шуда, барои коркард ва ошкор намудани пайҳо ва объектҳои ба ҷиноят алоқамандбуда ҳиссагузор мебошанд. Воситаҳои техникӣ ва усулҳои навтарине, ки дар замони муосир баҳри ошкорнамоии ҷинояту ҷинояткорӣ дар муассисаҳои экспертӣ истифода мешаванд, шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Дар баробари ин, дар замони муосир ба низоми таълимӣ ва дастурамалҳо барои фаъолияти эксперт-криминалистони ҳозира як қатор тағйиротҳоро ба миён овардааст, ки ин тағйиротҳо истифодаи адабиётҳои гузашта ва усулҳои қадимаро дар гузаронидани ташхисҳои пайшиносӣ тавсия намедиҳанд.

Аз ин лиҳоз худи пайҳо дар шароити муайян дар объектҳо ва сатҳи болоии онҳо дар шакли моддӣ тасвир меёбанд, аз ҷумла шакли таъсир (физикӣ, кимиёвӣ, **биологӣ**).

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ошкор, тафтиш ва пешгирии намудҳои гуногуни ҷиноятҳо муқобили шахсият – кормандони мақомоти тафтишотӣ ва оперативӣ аксар вақт ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо осори пайдоиши пайҳои биологӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Мавқеи ин нишонаҳоро дар ҷараёни исбот аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Аммо тасаввуроти нопурра дар бораи табиати ин объектҳо, аз сабаби малакаҳои амалии коркардашуда дар кор бо охирин, набудани воситаҳои махсуси криминалистии пешбинишуда ба дароз кардани муҳлати тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳо оварда мерасонад.

Ба сифати объектҳои пайҳои биологӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо муқобили шахсият хун, оби даҳон, арақи бадан, нутфа, мӯйҳо ва монанди инҳо баромад менамоянд.

Пайҳои хун метавонанд дар ҷойи ҳодиса, дар олоти ҷароҳат, либос ва бадани ҷинояткор ва ҷабрдида, воситаи нақлиёт ва ғайра ошкор гарданд. Ҳангоми ошкор ва ташхиси пайҳои шубҳанок ба хун, дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки хун вобаста аз мурури вақт, миқдор, таъсир омилҳои беруна метавонад рангҳои гуногун дошта бошад: сурх, сурхи тираранг, аз сурхи сиёҳтоб то сабз, сабзи чиркин ва зард (ҳангоми шустан).

Гирифтани хун аз ҷойи ҳодиса бояд аз рӯйи тамоми қоидаҳои илми криминалистика ҷараён гирад. Дар назди коршинос саволҳои зерин гузоштан мумкин аст:

- Оё дар объектҳои пешниҳодгардида пайҳои хун мавҷуданд?
- Хун ба одам ё ҳайвонот мансуб дорад?
- Пайҳои хун аз одами зинда ё ҷасади мурдаанд?
- Мансубияти гурӯҳӣ ва ҷинсии хун?
- Оё хун ба шахси мушаххас тааллуқ дорад?
- Хун аз кадом қисми бадан мебошад?
- Оё хун аз ҳайз намебошад?
- Оё хун ба зани ҳомиладор, тифли нав таваллудшуда тааллуқ надорад?
- Мурури вақти ташаккули доғи хунӣ кай аст?
- Миқдори хуне, ки доғро ба миён овардааст, чанд аст?
- Оё хун дар далелҳои шайъии ташхисшаванда ва ғайра мавҷуд мебошад?

Аз рӯйи парвандаҳо оид ба падарии баҳснок, модарии баҳснок ва дар бораи ивази кӯдакон, табибони судӣ метавонанд мансубияти гурӯҳии ҳар як волидайнро муайян ва пешакӣ пешгӯйӣ намоянд, ки кадом хусусиятҳои гурӯҳии хун метавонад дар кӯдакон мавҷуд бошанд, зеро қонунҳои интиқоли ин хусусиятҳо аз рӯйи ирсият ҷо дорад. Дар ҷараёни экспертиза хусусиятҳои гурӯҳии хуни модар, кӯдаки падари эҳтимолӣ (махсусан, аз рӯйи парвандаҳо оид ба кашида гирифтани алимент) тахшис карда мешаванд.

Экспертизаҳои монанди судӣ-тиббӣ *аз рӯйи парвандаҳо оид ба модарии баҳснок ва ивази кӯдак гузаронида мешаванд.*

Ташхиси нутфа имкон медиҳад, ки ба чунин саволҳо посух гирифт:

- Оё дар объектҳои пешниҳодгардида пайҳои нутфа мавҷуданд?
- Мансубияти гурӯҳии нутфа чӣ гуна аст?
- Оё пайодиши нутфа аз марди мушаххас имкон дорад?
- Оё дар доғҳои пешниҳодшуда омехтаҳои пайдоиши маҳбал мавҷуд нестанд, агар ҳа, пас гурӯҳи он кадом аст.

Имрӯз усулҳое коркард шудаанд, ки имконияти муайнякунии таркиботи гурӯҳии нутфаро ҳатто аз рӯйи ҳуҷайраи манӣ пешбинӣ менамоянд. Ташхиси нутфаи маҳлул имкон медиҳад, ки қобилияти шахс барои ҳомиладоршавӣ (ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ, парвандаҳо дар бораи алиментҳо ва ғ.) муқаррар карда шавад.

Дар вақти ташхиси оби даҳон дар назди коршиносон саволҳои зайл гузошта мешавад:
- Оё дар объектҳои пешниҳодшаванда пайҳои оби даҳон мавҷуданд?
- Мансубияти гурӯҳии оби даҳон чӣ хел аст?
- Оё оби даҳони мазкур ба шахси мушаххас тааллуқ надорад?
-Оё сигорҳо (папиросҳо)-и пайдогардида аз тарафи шахси мушаххас кашида шудаанд ва ғ.

Маврид ба зикри хос аст, ки яке аз объектҳои пайҳои биологӣ дар илми криминалистика ин оби даҳон ифода мегардад. Экспертизаи пайҳои дандон дар пайшиносии криминалистӣ яке аз муҳимтарин намудҳои экспертизаи пайшинос ба ҳисоб рафта, дар он аз усулҳои гуногун пайваста истифода бурдан мумкин аст. Зеро чуноне, ки аз мавзуъҳои қайдшуда маълум гардид, аз дандонҳо пайҳои гуногун ба монанди:-пайҳои дандонҳои модарзодӣ, пайҳои дандонҳои осебдида, пайҳои дандонҳои табобатшуда, пайҳои дандонҳои протезӣ ва ғайраҳо, боқӣ мемонанд. Механизми бавуҷудоии онҳо, инчунин, дигар маълумотҳои лозима аз ҷониби экспертизаи пайшиносӣ дар якҷоягӣ бо мутахассисони соҳаи тиб муқаррар карда мешавад.

Масъалаҳои аз ҷониби коршиносони судии соҳаи криминалистика оид ба пайҳои дандон муқарраршаванда гуногун буда, барои ҳалли моҳияти кор аз руйи пайҳои дандон дар назди мутахассисони соҳаи криминалистӣ бештар саволҳои зерин гузошта мешавад:

1. Оё пайҳои дар объектҳо мавҷуд буда ё захмҳои дар бадан буда аз таъсири дандонҳо ба вуҷуд омадаанд?
2. Оё пайи дандони дар объектҳо буда аз тарафи шахси муайян гузошта шудааст?
3. Пайи дандонҳо ба одам тааллуқ дорад, ё ба ҳайвон?

Ҳангоми тадқиқ кардани пайи протез ва худи протезҳо зарурияти таъин намудани тадқиқотҳои комплексӣ ба миён меояд. Дар ин намуди ташхис коршиносони судии соҳаи криминалистика ва ортопед-стоматолог иштирок менамоянд. Дар муқаррар намудани дандон ва пайҳои дандон ба ғайр аз ҳолатҳои дар боло номбаршуда масъалаи таркиби маҳлули металии дар протез буда, ё ин ки мавҷуд будан, ё набудани никел, тилло, кобалт, хром, нукра, мис, пӯлоди зангназананда ҳал карда мешавад.

Дар бисёр маврид ба сифати объекти тадқиқотӣ шикастаҳои дандон гирифта мешаванд. Дар натиҷаи экспертизаи пайшиносӣ, масъалаи айнан ба кадом дандон тааллуқ доштани шикастаи дандон ҳал карда мешавад. Аз тарафи экспертони биолог экспертизаи боқимондаҳои оби даҳон ва хуне, ки дар шикастаи дандон ё дар объекти тадқиқшаванда гузошта шудааст, гузаронида мешавад .

Дар айни замон таҳлили молекулярӣ-генетикии объектҳои пайдоиши биологӣ дошта, ки фаъолона ба таҷриба ворид шудаанд, ояндадорбуда, имконияти муайян намудани хусусиятҳои инфиродии ДНК (кислотаҳои дезоксирибонуклеин)-ро фароҳам меоранд. Ин усул ба таври мушаххас имкон медиҳад, ки ба савол оид ба мансубияти хун, мӯй, нутфа, порчаи матоъ ба шахси мушаххас, ки дар далелҳои шайъӣ пайдо карда шуданд, посух дода шавад. Усул дар экспертизаҳо аз рӯйи парвандаҳо дар бораи модарӣ ё падарии баҳснок, ивази кӯдакон истифода мешавад.

Экспертизаи судӣ-ситологии ҳуҷайраҳо ва порчаҳои наххои ҳайвонот ахамияти калон касб мекунад. Дар вақти гузаронидани экспертиаҳо дар назди коршиносон гузоштани саволҳои зерин имконпазир мебошад:
- Оё ҳуҷайраҳо (ҳуҷайраҳои хурд) аз шахси мушаххас баромада наметавонистанд?

- Оё ҳуҷайраҳо (ҳуҷайраҳои хурд) ба одам ё ҳайвонот тааллуқ доранд?

- Пайдоиши узвӣ-нахии ҳуҷайраҳо (мушакӣ, ҷигарӣ, гурдавӣ ва ғ.) чӣ гуна аст?

Барои гузаронидани экспертизаи ситологӣ ба ғайр аз далелҳои шайъӣ пешниҳод кардани хуни ҷабрдида ва айбдоршаванда ба коршинос зарур мебошад.

Объекти дигари пайҳои биологӣ ин нутфа ифода ёфтааст. Аз саволҳои бешумори хусусияти биологӣ доштаи экспертизаи судӣ-тиббӣ саволҳои бевосита бо фаъолияти ҳаётӣ ва олоти огранизми одам (ташхиси хун, он қисмати ҷудошудаи узви инсон ва ғ.) алоқаманд ҳал карда мешаванд.

Ҳангоми таҷовуз дар назди экспертизаи судӣ-тиббӣ метавон чуниин саволҳо гузошта шавад:

1) Оё дар маҳбали ҷабрдида нутфа мавҷуд аст, агар ҳа, пас мансубияти ҷинсии он чӣ гуна аст?

2) Нутфа ба як ё якчанд нафар тааллуқ дорад?

3) Оё дар бадан ё нохуни ҷабрдида қисматҳои бадани дигар шахс (мӯйҳо, порчаҳои пӯст, хун дар зери нохунҳо ва ғ.) мавҷуд мебошад, агар ҳа, пас оё он ба айбдоршаванда тааллуқ дорад?

4) Оё дар бадан ё зери нохуни ҷабрдида қисматҳои бадани дигар шахс (мӯйҳо, хун ва ғ.) мавҷуд мебошад; агар ҳа, пас он ба ҷабрдида тааллуқ дорад?

Ба ақидаи мо, объекти пайдоиши пайҳои биологӣ объекти табиати органикӣ (биосфера) мебошад. Ин, якум, маҷмуи организмҳои мавҷудоти зинда аст, ки биосфераро ташкил медиҳанд. Ба онҳо ҳам объектҳои олами наботот (флора) ва ҳам ҳайвонот (фауна) дохил мешаванд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи қисмҳои мурда ва боқимондаҳои объектҳои табиати зинда меравад, ки маҳсули ниҳоии фаъолияти ҳаётӣ мебошанд, ин мавҷудияти организми зинда, дуюм, объекти ҷаҳони ғайримоддӣ, ки дар равандҳои гуногуни функсионалӣ, дар биосфера ифода ёфтааст (сукцессияҳо ва синузияҳои геоботаникӣ, ки аз ҷониби коршинос - патологи ҷангал тадқиқ карда мешаванд.

Як қатор муаллифон организми инсонро ба шумораи объектҳои махсуси биологӣ дохил мекунанд ва нуқтаи назари худро бо он асос медиҳанд, ки аз як тараф, инсон дар табиат, мавҷудоти зинда; аз тарафи дигар рушди босуръати анатомия, физиология, психология ва як қатор илмҳои дигар ба он оварда расонд, ки организм инсон то имрӯз объекти пурратар омӯхташудаи зинда аст.

Комилан равшан аст, ки осори пайдоиши пайҳои биологӣ ҳамчун қисми пайҳои моддӣ эътироф карда мешавад. Танҳо бо назардошти табиати биологии онҳо онҳоро аз осори умумии модди ҷудо кардан мумкин аст. Бинобар ин, таърифи нишонаҳои пайдоиши пайҳои биологӣ бояд дорои хусусиятҳои ҳатмии зерин бошад:

1) осори пайдоиши биологӣ – тағйир додани вазъи моддӣ аз ҷониби объекти биологӣ;

2) пайдоиши пайҳои биологӣ аломати объекти биологиро дорад;

3) пайдоиши пайҳои биологӣ дар шакли моддӣ ё идеалӣ ифода ёфтааст;

4) иттилооте, ки дар осори пайдоиши пайҳои биологӣ мавҷуд аст, метавонад барои дарки мустақим дастрас бошад ё рамзкушоии иловагиро талаб кунад.

## АДАБИЁТ


1 Турчин Д. А. Теоретические основы учения о следах в криминалистике. Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1983. С. 86.

2 Якимов И. Н. Криминалистика: руководство по уголовной технике и тактике. М.: Изд-во НКВД РСФСР, 1925. С. 108; Вороновский М. Д. Уголовная техника. Начальный курс. Практическое руководство для работников расследования. М.: Изд-во НКВД РСФСР, 1931. С. 94–108.

3 Культин А.Ю., Стороженко И.В., Никитаев В.Г., Проничев А.Н.: «Экспертная оценка и вероятностностатическая обработка результатов исследования ДНК при установлении биологического родства» :/Учебное пособие. -М.: ЭКЦ МВД России, 2011. -С.89-121.


## ОБЪЕКТИ ПАЙҲОИ БИОЛОГӢ: МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ОН


Дар мақолаи мазкур мавзуи мафҳум ва мазмуни объекти пайҳои биологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз воситаҳои илмию техникӣ барои дарёфт ва гирифтани пайҳо афзалият ба он таҷҳизот ва

техникаҳое дода мешавад, ки ба пайҳои дар ҷойи ҳодиса боқимонда бевосита таъсир намерасонанд ва хатари зарари таъсиррасонӣ дар пайҳоро пурра бартараф мекунанд.
**КАЛИДВОЖАҲО:** объект, пайҳои биологӣ, техникаи криминалистӣ, тафтиши ҷиноятҳо.

**ОБЪЕКТ БИОЛОГИЧЕСКИХ СЛЕДОВ: ЕГО ЗНАЧЕНИЕ И СОДЕРЖАНИЕ**

В данной статье рассматривается предмет понятия и содержание объекта биологических следов. Из научно – технических средств поиска и удаления следов предпочтение отдается тем средствам и приемам, которые оказывают непосредственное воздействие на следы, оставление на месте происшествия, и полностью исключают риск ударного повреждения следов.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** криминалистическое расследование, биологические следы человека, расследование преступлений.

**OBJECT OF BIOLOGICAL TRACES: ITS MEANING AND CONTENT**

This article examines the subject of the concept and the content of the object of biological traces. Of the scientific and technical means of searching and removing traces, preference is given to those means and techniques that have a direct impact on traces, leaving them at the scene of the incident, and completely eliminate the risk of impact damage to traces.
**KEYWORDS:** forensic investigation, human biological traces, crime investigation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Оиша*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Оиша*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17.

**Information about the author*: Saidzoda Oisha***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НАВЪҲОИ МУХТАЛИФИ АЙБДОРКУНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Тоҳирзода У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои асосии кишвар ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар мадди аввал гузошта, онҳоро кафолат додааст, ки бевосита дар моддаи 5 оварда шудааст, ки "Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд" ва ҳифзи онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ афзалияти бештар дорад. Мақсади татбиқи қонуни асосӣ дар он аст, ки меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ин моликиятро на танҳо ҳифз кунанд, балки афзоиш ва рушд диҳанд. Инчунин, дар баробари ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои ҷабрдидагон, гумонбаршуда ва айбдоршавандаҳоро ҳимоя менамояд, ки ин пеш аз ҳама, ҳуқуқи истифода намудан аз хизмати адвокатҳо аз лаҳзаи дасгиркунӣ (қ.2. мод. 19), эҳтимолияти бегуноҳӣ (қ.1. мод.20), ҳуқуқи ҷабрдидагон (мод.21.) ва ғайраро муқаррар намудааст.

Ин муқарраротҳои конститутсиониро ба инобат гирифта, қайд карда мешавад, ки таъиноти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд: 1) ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; 2) ҳимоя намудани шахсият аз айбдоркунии беасос ва ғайриқонунӣ.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба даст овардани ин мақсадҳо яккатор кафолатҳои ҳуқуқиро барои тарафҳои истеҳсолоти судии ҷиноятӣ муқаррар намудааст, ки ба сифати яке аз онҳо **айбдоркунӣ** баромад мекунад.

Амалҳои ҷиноятк орона бо дарназардошти он, ки таҷовуз бевосита ба кӣ пеш аз ҳама зарар мерасад, ба намуди ҷиноятҳои муайян аз рӯйи объекти хелиашон ҷудо карда шудааст. Вале ҳамаи онҳо ҷиноятанд, аммо вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хафнокияшон ба чор гурӯҳи калон ҷудо карда шудаанд (м. 18 КҶ).

Дар мурофиаи ҷиноятӣ ба хотири ба инобат гирифтани манфиати шахс, ҷомеа ва давлат пешбурди мурофиаро, шуруи онро аз ирода, шахс ва давлат вобаста намуда, таъқиботи ҷиноятиро ба се намуд: таъқиботи хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ ҷудо намудаанд.

Айбдоркунии хусусӣ ҳамчун як намуди мустақили таъқиби ҷиноятӣ ҳисобида мешавад, ки аз иродаи ҷабрдида вобастагӣ дорад ва ҳамчун яке аз шаклҳои ифода ёфтани салоҳдиди айбдоркунандаи хусусӣ мебошад. Айбдоркунандаи хусусӣ шахсест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд ариза дода, дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, инчунин ҷабрдидаест, ки ҳангоми аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад. Агар ҷабрдида ноболиғ ё ғайриқобили амал бошад, айбдоркунандаи хусусӣ намояндаи қонунии ӯ ба ҳисоб меравад, ки дархост ё шикоят изҳор намудааст.

Айбдоркунандаи хусусӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҷабрдида, ки дар м. 42 КМҶ пешбинӣ шудаанд, ба истиснои ҳуқуқҳои вобаста ба давраи пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ истифода мебарад.

Айбдоркунандаи хусусӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда шахсан ё ба воситаи намояндаи худ истифода мебарад (м. 43 **КМҶ).** Айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун яке аз иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

1) бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад;

2) аз кумаки тарҷумон ройгон истифода барад;

3) намоянда дошта бошанд;

4) бо протоколи маҷлиси суд шинос шаванд ва нисбат ба он эродҳои худро изҳор кунанд;

5) аз амал ё қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунанд;

6) аз ҳукм ё таъинот ё қарори суд шикоят намоянд;

7) аз шикоят ва эътирозе, ки нисбат ба парванда баён шудааст, хабардор карда шаванд ва нисбат ба онҳо норозигӣ баён кунанд;

8) дар баррасии судии эътирозу шикоятҳои пешниҳодгардида иштирок намоянд.

Қувваи пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ бояд маҳз манфиатҳои ҷабрдида бошад. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, ки прокурор фаъолияти мурофиавиро анҷом медиҳад, ки ҳадафи он ифшои гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят мебошад. Тибқи қонунгузории амалкунанда, ин фаъолияти мурофиавӣ таъқиби ҷиноятӣ мебошад. Мувофиқи моддаи – 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусият ва вазнинии ҷинояти содиршуда, айбдоркунӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ ҷудо мешавад. Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 112, 116, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ эътироф гардида, бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад ва пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда қатъ карда мешавад. Ҷиноятҳои номбаркардашуда аслан ҷиноятҳо ба муқобили шахсият мебошанд, ки моҳияташон чунин мебошанд, яъне моддаи- 112 - **Қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ.** Расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст, - бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз ҳаштод то яксаду шаст соат ё бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё ҳабс ба муҳлати то чор моҳ ҷазо дода мешавад. Инчунин, қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ дар ҳолати мавҷуд будани ҳадди ақал яке аз ду аломати зерин рух медиҳад: а) амали ҷинояткор боиси вайрон шудани саломатии кӯтоҳмуддати ҷабрдида мешавад; б) андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнатии ҷабрдида мегардад. Ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ он вақт ҷой дорад, ки ҷабрдида дар натиҷаи ҷиноят қобилияти меҳнатиашро ба муҳлати камтар аз се ҳафта аз даст дода бошад. Андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар он ҳолат ҷой дорад, ки дар натиҷаи ҷиноят шахс қобилияти умумии меҳнатии худро ба андозаи то 10 фоиз гум карда бошад. Ҷониби субъективии ин ҷиноят бо қасд (мустақим ё ғайримустақим) тавсиф карда мешавад. Бояд қайд карда шавад, ки ҷинояткор мехост ба саломатии инсон зарари сабук расонад ё эҳтимолияти расонидани чунин зарарро дидаву дониста эътироф кунад ё ба рух додани он беаҳаммият бошад. Дар ҳолатҳое, ки ҷинояткор қасди расонидани марг ё зарари вазнини ҷисмониро доштааст, бо сабабҳои бо ӯ вобастабуда танҳо ба саломатии ҷабрдида зарари ночиз расонидааннд, бояд ҳамчун қасди куштор ё зарари вазнин ба саломатӣ муайян карда шавад. Аз тарафи субъективӣ ин навъи ҷиноят қасдона содир карда мешавад. Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида шуда метавонад.

Моддаи – 116. **Лату кӯб.** Лату кӯб ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидаанд, вале боиси оқибатҳои дар моддаи 112 ҳамин Кодекс зикршуда нагардидаанд, бо корҳои ҳатмӣ ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад. Объекти ҷиноят саломатии инсон ва дахлнопазирии ҷисмонии инсон мебошад. Аз тарафи объективӣ ин кирдор бо ҳаракатҳои фаъол содир мешавад. Лату кӯб кардан ин расонидани зарари ҷисмонии якчандкарата ба ҷисми ҷабрдида мебошад. Дар ин ҳолат зарбаҳо ҳам ба воситаи дасту пой ва ҳам ба воситаи предметҳои дигар расонида шуда метавонад. Лату кӯб кардани якдигар (дар аснои ҷанҷол ва занозании тарафайн) ҷавобгарии ҷиноятии ҳарду тарафро инкор намекунад. Агар дар натиҷаи лату кӯб ва ҳаракатҳои дигари зуроварӣ дар бадани ҷабрдида осорҳои он боқӣ монад ва ба саломатӣ зарар расад (дар шакли ҷароҳатҳо), вазнинии онҳо бо асосҳои умумӣ муайян карда мешавад ва ҳаракатҳои гунаҳкор вобаста ба дараҷаи вазнинии зарари ба саломатӣ зарар расонидашуда, бандубаст карда мешавад. Агар осори ҷиноят боқӣ намонад он гоҳ эксперт ҳолатҳои корро аз рӯйи суханони ҷабрдида менависад ва исбот кардани ҷой доштани лату кӯб ба зиммаи мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд мегузарад. Ҷинояти мазкур танҳо қасдан содир карда мешавад. Қасд метавонад бевосита ё бавосита бошад. Ҳолатҳои

содир намудани ин ҷиноят бо қасди номуайян низ дар таҷриба вомехӯрад. Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи синни 16-сола шуда метавонад.

Ва инчунин моддаи- 156. Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он. 1) Азхудкунии муаллифӣ (асардӯздӣ) ҳамчунин ба ҳаммуаллифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба муаллиф ё дигар соҳибҳуқуқ ба миқдори калон зарар расонида бошад, - бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад. Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ, дар ғайриқонунӣ бо номи худ интишор кардани асари илмӣ, адабӣ, мусиқӣ ё бадеии шахси дигар ё махзани маълумот ё тарзи дигари ғайриқонунии азхудсозии муаллифӣ ба чунин асар, ғайриқонунӣ азхудкунии муаллифии ихтироот, ҳамчунин, дар маҷбур намудан ба ҳаммуаллифӣ ифода меёбад. 2) Истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳамчунин, ба даст овардан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё фиристодани нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммаҳо бо мақсади ба салоҳияти каси дигар додан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонидани бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Дар зери мафҳуми “азхудкунии муаллифӣ” аз номи худ интишор кардани асарҳо, навовариҳо ё ихтирооте, ки муаллиф бо изҳоркунандаашон шахси дигар мебошад ё ин ки бо тариқи ғайриқонунӣ ба номи худ гирифтани ҳуҷҷатҳои навоварӣ ё ихтирооте, ки муаллифи он ба ҳисоб намеравад, фаҳмида мешавад. Азхудкунии муаллифӣ, инчунин дар натиҷаи фиреб кардан, бо тариқи такрор баёнкунии навоварӣ, ихтироот ё таклифи ратсионализаторие, ки дар бораи онҳо пештар ҳуҷҷат дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ дода шуда буд, содир шуданаш мумкин аст.

Дар зери мафҳуми “маҷбур намудан ба ҳаммуалифӣ” бошад, бо тариқи таҳдид (ба мансаби пасттар фаровардан, надодани мукофотпулиҳои қонунӣ ва ғайра) муаллифро маҷбур месозад, ки номи ӯро ҳамчун ҳаммуаллиф ҳамроҳ кунад (роҳбари лаборатория, шӯъба, донишкада, донишгоҳ ва ғайра).

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур ин қасди бевосита ё бавосита вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ мебошад. Гунаҳкор ғайриқонунӣ истифода бурдани ихтироот, модели фоидаовар ё намунаи истеҳсолоти саноатиро ё азхудкунии муаллифиро ба он ё маҷбур намудан ба ҳаммуаллифиро дарк мекунад. Дар баробари ин имконияти расонидани зарари ниҳоят калон дар натиҷаи амали худ пешбинӣ менамояд ва расидани ин оқибатро мехоҳад ва ба он роҳ медиҳад. Субъекти ин ҷиноят шахси воқеӣ ва мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад. Агар ин ҷиноятро шахсони мансабдор қасдан ё бевосита ба дигар манфиатҳои шахсӣ содир намоянд, он гоҳ онҳо бо моддаи-314 КҶ ҶТ сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Нисбати ҷиноятҳои номбаркардашуда пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ ба роҳ монда мешавад, ки танҳо бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад ва пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда қатъ карда мешавад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳуми айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби олимон ба таври гуногун пешниҳод шудааст. Масалан, тибқи ақидаи М.С. Строгович айбдоркунии хусусиро ҳамчун шакли таъқиби ҷиноятӣ, ки танҳо дар асоси шикояти ҷабрдида оғоз карда мешавад ва дар ҳама раванди марҳила дар сурати оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда бояд қатъ карда шавад. К.Ф. Гутсенко чунин мешуморад, ки парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ парвандаҳое мебошанд, ки дар он ҷабрдида ҳуқуқи тарафдории айбдоркуниро дорад. Инчунин, ӯ қайд мекунад, ки айбдоркунии хусусӣ фаъолияти мурофиавии ҷабрдида мебошад, ки бо шикояти ӯ оғоз шуда, дар сурати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда қатъ мегардад. В.З. Лукашевич ва С.И. Каткало тартиби махсуси мурофиавии баррасии категорияҳои муайяни парвандаҳоро ва имконияти оғози онҳоро танҳо дар асоси шикояти ҷабрдида ҳамчун айбдоркунандаи хусусӣ меноманд. Ю.К. Якимович таҳти мафҳуми айбдоркунии хусусӣ тартиби махсуси мурофиавии баррасии категорияи муайяни парвандаҳоро дар назар дошта буд. Е.И. Аникина қайд карда буд, ки айбдоркунии хусусӣ бояд ҳамчун даъвои ҷиноятӣ баррасӣ карда шавад, ки талаби

айбдоркунӣ ва маҳкум кардани шахси ҷиноятсодиркардаро дар бар гирад. Нуктаи назари даъвои ҷиноятӣ дар асарҳои чунин олимон ба монанди В.А. Лазарев, Н.Э. Петров, А.С. Александров асоснок карда шудааст.

Олимон ду ҷанбаи парвандаҳои айбдоркунии хусусиро муайян кардаанд, ки хусусиятҳои хоси танҳо айбдоркунии хусусиро ифода мекунад, ки хусусиятҳои мурофиавӣ ва моддиро доро мебошад. Хусусиятҳои моддии айбдоркунии хусусӣ инҳоро дар бар мегирад: 1)ҷиноят ба категорияи ҷиноятҳои на он қадар вазнин дохил мешавад; 2)дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарар танҳо ба манфиатҳои шахсии субъекти мушаххас расонида мешавад; 3)зарурати татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо ба иродаи ҷабрдида вобаста аст. Дар ин ҳолат ифодаи иродаи ҷабрдида яке аз шаклҳои диспозитивӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад. Хусусиятҳои мурофиавии айбдоркунии хусусӣ инҳоро дар бар мегиранд: 1) вазифаи айбдоркуниро субъекти махсус ваколатдор айбдоркунандаи хусусӣ иҷро мекунад; 2) оид ба ин категорияи парвандаҳо одатан тафтишот гузаронида намешавад; 3) тартиби махсус ва амали судя барои омодаги ба маҷлиси судӣ мавҷуд аст; 4) пешниҳоди аризаи мутақобила оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд дорад; 5) асосҳои қатъ кардани таъқиби ҷиноятӣ вобаста ба радди айбдоркунӣ, бе сабабҳои узрноке, ки дар қ. 2 м. 224 КМҶ зикргардида (сабабҳои узрноки ба даъват ҳозир нашудани айбдоршаванда инҳо эътироф карда мешаванд: беморӣ, ки ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад: фавтидани хешовандони наздик; офатҳои табиӣ; нагирифтани даъватнома; ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад), ҳозир нашудани айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ боиси қатъ кардани пешбурди парванда мегардад.

Айбдоркунии хусусӣ даъвои ҷиноятие мебошад, ки аз ҷониби ҷабрдида нисбати шахсе, ки нисбати ӯ ҷиноят намудааст, бо талаби айбдоркунӣ ва маҳкумкунии ӯ, инчунин, барқарорсозии ҳуқуқҳои бо ҷиноят вайронгардида фаҳмида мешавад. Пешниҳоди чунин даъво боиси оғози мурофиа оид ба он ва дар натиҷа оғоз намудани таъқиби ҷиноятӣ дар ҳаҷм ва ҳудуди дар шикояти ҷабрдида нишондодашуда мебошад. Аммо мафҳуми “айбдоркунии хусусӣ” тамоми моҳият ва хусусиятҳои мухталифи хоси шакл ва тартиби баррасии парвандаҳои ин категорияро инъикос намекунад. Гуфтаҳои боло ба тафсири васеътари намуди баррасишудаи таъқиби ҷиноятӣ, яъне ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Падида (аз лот.- institutum) яке аз унсурҳои низоми ҳуқуқ, таркиби яке аз соҳаҳои он, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ аст, ки як намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад (масалан, институтҳои ҳуқуқи интихоботӣ, интизоми меҳнат, ҳуқуқи моликият ва мисоли инҳо). Институти ҳуқуқ меъёрҳоеро муттаҳид месозад, ки фақат муносибатҳои намуди муайянро ба танзим медароранд . Падидаи ҳуқуқӣ як сохти алоҳидаи соҳаи ҳуқуқӣ мебошад, ки он чунин тавсиф карда мешавад: а) шабоҳати воқеӣ – ҳар як падида барои танзими гурӯҳи мустақили муносибатҳо ё амалҳои инфиродӣ, амали одамон пешбинӣ шудааст; б) ягонагии меъёрҳои ҳуқуқӣ; в) ҷудокунии меъёри ба фаслҳо, бобҳо, қисмҳо дигар унсурҳои сохтории қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ; мукаммалии муносибатҳои танзимшаванда. Бо назардошти ин хусусиятҳо, ҳар як падидаи ҳуқуқи вазифаи танзими ба худ хосро иҷро мекунад ва бо дигар унсурҳои сохтори низоми ҳуқуқи мухолифат намекунад.

Падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ягонае мебошад, ки муайян кардани унсурҳои ҷазои ҷиноиро, ки дар алоҳидагӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, пешбинӣ менамояд; эътирофи айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун субъекти мустақили таъқиби ҷиноятӣ, тартиб ва амали махсуси судя барои омодагӣ ба маҷлиси судӣ, ҳуқуқи айбдоркунандаи хусусӣ барои шахсан дастгирӣ намудани айбдоркунӣ ё тавассути намояндаи худ дар мурофиа, аз ҷониби судшаванда пешниҳод намудани изҳороти мутақобила, мавҷуд будани асосҳои махсус барои қатъ кардани парванда бо сабаби оштӣ шудан (қ. 1 м. 27 КМҶ), вобаста ба радди айбдоркунӣ (қ. 1 м. 355 КМҶ), бинобар сабаби ҳозир нашудан ба мурофиа бе сабабҳои узрнок (қ. 2 м. 224 КМҶ).

Аҳаммияти падидаи айбдоркунии хусусӣ дар табиати мурофиавии он ифода меёбад, ки хусусиятҳои дар Эъломияи принсипҳои асосии адолати судӣ барои қурбониёни ҷиноят

ва суиистифода аз ҳокимият пешбинишударо дороcт ва дар инҳо зоҳир мешавад: 1) дастрасии ҷабрдида ба механизми ҳимояи судӣ мукаммалтар мегардад ва имконияти гирифтани товони зараре, ки дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда; 2) адолат дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ хусусияти фаврӣ, одилона ва ба ҳама дастрасро дорад; 3) дар ҷараёни баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ ҳалли дархостҳои пешниҳодшуда аз ҷониби судя пешбинӣ шудааст; 4) аз механизми мушаххаси ҳалли баҳси бавуҷудомада истифода бурда, ба тарафҳо ҳуқуқи ба созиш омадан дода мешавад. Гуфтаҳои боло аз шаҳодат медиҳанд, ки падидаи айбдоркунии хусусӣ дар раванди ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастоварде мебошад, ки дар навбати худ ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад. Аҳаммияти падидаи айбдоркунии хусусӣ танҳо бо хусусиятҳои номбаршуда маҳдуд намешавад, балки он аз нуқтаи назари фалсафӣ, психологӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад. Аз нуқтаи назари фалсафӣ аҳаммияти падидаи айбдоркунии хусусӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии татбиқи озодии шахс дар давлати демократӣ маҳсуб меёбад. Озодии шахс дар бисёр маврид аз муносибати ӯ бо давлат дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ вобаста аст. Аз як тараф, тавассути ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар озодӣ ва мустақилияти инфиродӣ дар раванди ҷиноӣ ва дараҷаи маҳдудияти ҳокимияти давлатӣ ифода карда мешаванд. Аз тарафи дигар, ҳуқуқҳои субъективӣ, ухдадориҳои мусбати ҳокимияти давлатиро инъикос мекунанд ва аз он амалҳои мувофиқро талаб мекунанд. Аз ин ҷиҳат, ба маънои фалсафӣ, падидаи айбдоркунии хусусӣ яке аз шаклҳои татбиқи озодии шахсӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва воситаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс дар соҳаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аҳаммияти психологии падидаи айбдоркунии хусусӣ дар заминаи психологӣ ва биологии инсон мебошад. Ҳуқуқи ҷабрдида барои айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноии муосир дар тағйир додани хусусияти қадимии худмуҳофизатӣ мебошад. Маҳрум кардани ҷабрдида аз ҳуқуқи ҳимояи манфиатҳои худ, ки аз тариқи ҷиноят ба ӯ расонида шудааст маънои дар ҳолати ниҳоят номусоид гузоштани ӯро дорад. Аз амалия ҳолатҳои зиёде маълум аст, ки набудани ҳалли саривақтии ихтилофот тавассути айбдоркунии хусусӣ оқибатҳои ногуворро ба бор овардааст. Аҳаммияти падидаи айбдоркунии хусусӣ аз он иборат аст, ки ба шахс имконият фароҳам оварда шавад, ки талаботҳои худро дар ҳақиқат бидуни фаротар амалӣ намояд. Аҳаммияти ҳуқуқии падидаи айбдоркунии хусусӣ аз он иборат аст, ки имконияти худи шахс дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун барои таъсир расонидан ба раванд, инчунин ташкили ҳамкории дуруст дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ байни мақомоти давлатӣ ва шахсони воқеӣ мебошад. Мавҷудияти падидаи айбдоркунии хусусӣ аз хоҳиши ҷомеа ба раванди демократикунонии он вобаста аст, зеро давлат имкониятҳои шахсро барои ифодаи ирода ва амалӣ намудани ҳуқуқи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсе, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро поймол кардааст, ҳамчун кафолати таъмини манфиатҳои шахсии шаҳрвандон баромад намуда, самаранокии эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсро афзоиш медиҳад. Ғайр аз ин, падидаи айбдоркунии хусусӣ роҳи ҳалли ихтилофоте мебошад, ки бо талафоти камтар ба миён омадааст.

Моҳияти падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар хусусиятҳои ҳуқуқии он муайян карда мешавад, яъне: маҷмуи меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ, ки асосҳо ва тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани шахси гунаҳгорро муқаррар мекунанд; хусусиятҳои ба суд муроҷиат кардан; тартиби махсуси мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, қабули аризаи мутақобила дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва қатъ кардани парванда дар асоси ба созиш омадани тарафҳо ба ҳисоб мераванд. Умумияти асосии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ ин изҳороти ҷабрдида мебошад, ки сабаби оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ мегардад. Фарқияти асосии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии хусусӣ-умумӣ дар он аст, ки парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бо сабаби оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда ва барқарор намудани товони зарари ба ҷабрдида расонидашуда, пешбурди парванда қатъ карда мешавад, дар ҳоле, ки дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар ҳолати оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда қатъ карда мешавад.

Хулоса, пеш аз оне, ки ҷиноятро ба ҷинояти бо тартиби айбдоркунии хусусӣ татбиқшаванда нисбат додан лозим аст, бояд боварӣ ҳосил кард, ки он бештар на ба манфиати ҷамъиятӣ, балки ба манфиати шахсӣ дахл дорад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 564 3.12.2009 бо тағйироту иловаҳо аз 29 январи 2021.
3. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти №575.
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” аз 29.09.2014 с. Таҳти №5.
6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо” аз 29.09.2014 с. таҳти №6.
7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад” аз 23.12.2011 с. таҳти №10.
8. Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С. Рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи истиқлолият давлатӣ // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 саҳ. (монографияи дастҷамъона). С. 122-142.
9. Фозилов Н.Н. Рушди қонунгузории мурофиавии гражданӣ дар солҳои истиқлолият давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 саҳ. (монографияи дастҷамъона). С. 165-176.
10. Мирзамонзода Х. Конституционно-правовые основы судебной власти в Республике Таджикистан (монография) под. Редакции профессор А.М. Диноршоева. Душанбе, Типография ТНУ., 2021. 168 с.
11. Мирзамонзода Х.М. Теоретико-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Республике Таджикистан (монография). Душанбе, 2020. 164 с.
12. Джалолов Х.Г. Криминологическая характеристика женской преступности в республике Таджикистан. Монография. «Нашри Мубориз», 2021. – 170 с.
13. Смирнов А.В. Состязательный процесс / А.В. Смирнов. – СПБ, 2001. С. 192.
14. Чельцов-Бебутов М.А. Курс уголовно-процессуального права: Очерки по истории суда и уголовного процесса в рабовладельческих, феодальных и буржуазных государствах.


## НАВЪҲОИ МУХТАЛИФИ АЙБДОРКУНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ


Айбдоркунии хусусӣ даъвои ҷиноятие мебошад, ки аз ҷониби ҷабрдида нисбати шахсе, ки нисбати ӯ ҷиноят намудааст, бо талаби айбдоркунӣ ва маҳкумкунии ӯ, инчунин, барқарорсозии ҳуқуқҳои бо ҷиноят вайронгардида фаҳмида мешавад. Маълум аст, ки дар ниҳоят меъёрҳои ҳуқуқ, ба манфиати ин ё он шахс хидмат мекунанд, барои қонеъ кардани ниёзҳои муайян вуҷуд доранд ва техникаи барои ин ҳолат истифодашаванда бояд ба манфиатҳои танзимшаванда мувофиқат кунад. Дар натиҷа, манфиатҳои шахсии шаҳрвандон бо айбдоркунии хусусӣ ҳимоя карда шаванд ва бояд ҳифз карда шаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мурофиаи ҷиноятӣ, айбдоршаванда, ҷиноят, истеҳсолоти судӣ, таъқиботи хусусӣ, таъқиботи хусусӣ-умумӣ, таъқиботи умумӣ.


## РАЗНЫЕ ВИДЫ ОБВИНЕНИЙ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ


Частное обвинение – это уголовное иск, предъявленный потерпевшим к лицу, совершившему в отношении него преступление, с требованием привлечения его к ответственности и осуждения, а также восстановления прав, нарушенных преступлением. Понятно, что в конечном итоге нормы права служат интересам того или иного лица, существуют для удовлетворения определенных потребностей, а применяемая для этой цели техника должна соответствовать регулируемым интересам. В результате личные интересы граждан должны быть защищены путем частного обвинения и должны быть защищены.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уголовный процесс, подсудимый, преступление, судебное производство, частное обвинение, частно-генеральное обвинение, общее обвинение.


## DIFFERENT TYPES OF PRIVATE PROSECUTION IN CRIMINAL PROCEEDINGS


Private prosecution is a criminal claim filed by the victim against the person who has committed a crime against him, with the demand for his prosecution and conviction, as well as the restoration of the rights violated by the crime. It is clear that in the end, the norms of law serve the interests of this or that person, exist to satisfy certain needs, and the technique used for this purpose must correspond to the regulated interests. As a result, the personal interests of citizens should be protected by private prosecution and should be protected.



**KEYWORDS:** criminal trial, defendant, crime, judicial production, private prosecution, private-general prosecution, general prosecution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тоҳирзода Усмонали*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-57-50-75.**

**Сведения об авторе:** ***Тохирзода Усмонали*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **904-57-50-75.**

**Information about the author*: Tohirzoda Usmonali*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **904-57-50-75.**

# СИЁСАТ – ПОЛИТИКА

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШОС В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

***Салимов Ф.Н., Набиева А.***
**Таджикский национальный университет**

В современном мире международное сотрудничество является одним из внешнеполитических приоритетов стран Евразии. В частности, государства, входящие в объединения Шанхайской организации сотрудничества (далее – ШОС) приобретают устойчивое и непоколебимое экономическое развитие. Это проявляется в формировании и инициировании единой экономической, культурной и политической стратегии развития. Государства, входящие в ШОС, помимо формирования единой политики в разных направлениях, создают законодательную базу для функционирования единых норм и правил в отдельно взятых сферах жизнедеятельности. Помимо этого, государства-участники интеграции работают над созданием «единого пространства» взаимодействия (под этим стоит понимать общую площадку главной целью которой является взаимный обмен новейшими технологиями, информацией, опытом; улучшением научно-технических баз знаний и другое).

ШОС утвердилась в качестве одного из влиятельных участников современной системы международных отношений. В рамках этой организации сформирована солидная нормативно-правовая база, которая успешно функционирует механизмы многостороннего взаимодействия. Установлены партнерские отношения с государствами, международными организациями, разделяющими принципы и ценности ШОС [1, с.83].

ШОС изначально создавалась и продолжает действовать как межправительственная международная организация. Точной датой ее появления традиционно считается 15 июня 2001 г., когда в Шанхае шесть государств — Республика Казахстан, Китайская Народная Республика, Кыргызская Республика, Российская Федерация, Республика Таджикистан и Республика Узбекистан — объявили о создании ШОС [2].

Так же 8–9 июня 2017 г. статус постоянных членов этой организации получили Республика Индия и Исламская Республика Пакистан. Помимо этого, четыре страны имеют в ШОС статус наблюдателей: Исламская Республика Афганистан, Республика Беларусь (РБ), Исламская Республика Иран, Монголия. У шести государств в рамках ШОС статус партнеров по диалогу — это Азербайджанская Республика, Республика Армения, Королевство Камбоджа, Федеративная Демократическая Республика Непал, Турецкая Республика, Демократическая Социалистическая Республика Шри-Ланка [2].

Несмотря на то что все страны, имеющие отношение к ШОС, за исключением РБ и европейской части РФ, находятся в азиатской части Евразии и мира в целом, огромный территориальный, ресурсный, людской и геополитический потенциал, которым обладает ШОС, автоматически выводит ее за рамки чисто региональной организации и делает ее изучение очень важным для правильного понимания современной системы международных отношений [1, с.84].

На протяжении 23 лет ШОС сохраняет свой имидж невоенного блока, а сама деятельность организации не направлена против тех или иных государств или их объединений. Даже военные учения, которые проводятся в рамках ШОС, нацелены прежде всего на противодействие террористической угрозе, т.е., по сути, не имеют наступательного характера. Сама организация давно зарекомендовала себя как многопрофильное объединение. Оно охватывает прежде всего четыре сферы: политику, вопросы безопасности, экономику и гуманитарное сотрудничество, при этом основной упор делается на безопасность и поддержание мира в Центральной Азии.

Стоит отметить, что в современном мире ШОС является полноценной региональной организацией, которая играет первостепенную роль в поддержании мира и стабильности в регионе Центральной Азии [3].

В настоящий момент ШОС продолжает активно расширять свой географический охват и сферу компетенций, о чем, в частности, свидетельствует саммит ШОС, который состоялся в сентябре 2021 г. Одним из самых знаменательных его итогов стало принятие в действительные члены этой организации Исламской Республики Иран (ИРИ). Ранее эта страна имела статус наблюдателя, а теперь запущена процедура ее полноценного участия в ШОС.

По итогам Душанбинского саммита ШОС 2021 г. было принято 25 документов. Среди них особенно необходимо отметить Душанбинскую декларацию двадцатилетия ШОС, решение о предоставлении статуса партнера по диалогу Катару, Египту и Саудовской Аравии, утверждение программы сотрудничества государств ШОС в противодействии терроризму, сепаратизму и экстремизму на 2022–2025 гг. [4].

В декларации был выдвинут ряд инициатив по совершенствованию механизмов противодействия вызовам и угрозам в отношении государств — членов ШОС. К таким инициативам относятся создание Антинаркотического центра в столице Таджикистана Душанбе, учреждение на базе РАТС ШОС Универсального центра по противодействию вызовам и угрозам безопасности государств — членов организации, открытие в Казахстане Центра информационной безопасности, а в Бишкеке — Центра по противодействию международной организованной преступности.

Особое внимание в документе уделено проблеме Афганистана и обеспечению региональной безопасности, которые приобрели новую остроту в свете вывода из этой страны иностранных войск и установления там власти запрещенного в России движения «Талибан». Российский президент В. Путин отметил, что после «бегства» американских войск в Афганистане остался «открытый ящик Пандоры» из-за нерешенных проблем терроризма, наркотрафика, оргпреступности и религиозного экстремизма [5]. Страны ШОС единодушно высказались за скорейшее урегулирование ситуации в Афганистане и его восстановление в качестве независимого, нейтрального, демократического и мирного государства, которое было бы максимально свободно от войн, наркотиков и терроризма.

В контексте выработки совместной позиции по ситуации в Афганистане особое значение имело то обстоятельство, что в рамках саммита в Душанбе впервые в истории состоялась встреча глав государств ШОС и ОДКБ. Было подчеркнуто, что страны, являющиеся членами этих организаций, будут взаимодействовать друг с другом для противодействия всем деструктивным силам, которые намереваются нарушить нормы их мирного существования [6].

Анализируя современное состояние и перспективы развития ШОС, следует отметить активизацию сотрудничества государств-членов по противодействию распространения экстремистских и сепаратистских идей, прежде всего среди молодежи, и вести работу по профилактике религиозного экстремизма, агрессивного национализма, этнической и расовой нетерпимости, ксенофобии, идей фашизма и шовинизма.

В этих целях государства-члены разработают Конвенцию ШОС по борьбе с экстремизмом. Особое внимание, наряду с координацией по линии правоохранительных органов, будет уделяться объединению усилий в этой сфере образовательных учреждений, СМИ, научных центров, религиозных объединений, неправительственных организаций.

Государства-члены так же будут развивать деятельность Региональной антитеррористической структуры ШОС в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом [7, с.69].

Шанхайская организация сотрудничества продолжает играть роль гаранта региональной стабильности, особенно в свете постоянно растущих внешних угроз. При этом ШОС демонстрирует стремление как к расширению географического охвата своей деятельности, так и к интенсификации взаимодействия между своими членами по самым разным направлениям.

Уважая принцип нерушимости границ, отказываясь от одностороннего военного превосходства в сопредельных районах, государства-члены намерены активно укреплять сотрудничество в целях превращения общих границ в границы мира и дружбы. ШОС будет стремиться к созданию эффективного механизма совместного обеспечения безопасности информационного пространства в целях предотвращения угроз политической, экономической и общественной безопасности государств-членов и противодействия им.

Государства-члены будут расширять диалог, обмены и взаимодействие с международными и региональными организациями, с которыми ШОС установила официальные отношения. В настоящее время важным вектором внешней политики ШОС остается налаживание связей и практического сотрудничества с региональными интеграционными объединениями, в том числе путем подписания соответствующих документов о сотрудничестве.

Совершенствование механизмов регулярных консультаций с государствами-наблюдателями и партнерами по диалогу в целях укрепления отношений с этими странами повышают уровень взаимодействия в различных областях.

Углубление сотрудничества с наблюдателями и партнерами по диалогу ШОС создаст предпосылки для формирования в перспективе системы партнерства, содействующей укреплению мира и безопасности, и развитию взаимовыгодного сотрудничества на пространстве ШОС.

**ЛИТЕРАТУРА**


1 Малышев Д.В. Шанхайская организация сотрудничества и ее роль в системе современных международных отношений (к 20-летию создания ШОС) // Вестник Московского университета. Серия 25: Международные отношения и мировая политика. 2021. Т. 13. № 4. С. 81–104. DOI: 10.48015/2076-7404-2021-13-4-81-104.

2 О Шанхайской организации сотрудничества // Секретариат Шанхайской организации сотрудничества. Доступ: http://rus.sectsco.org/about_sco/20151208/16789. html (дата обращения: 15.04.2024).

3 Международные отношения в Центральной Азии. События и документы / Под ред. А.Д. Богатурова. М.: Аспект-Пресс, 2011.

4 Документы саммита Шанхайской организации сотрудничества // Официальный сайт Президента России. Доступ: http://www.kremlin.ru/supplement/5698 (Дата обращения: 23.04.2024).

5 Заседание Совета глав государств — членов ШОС // Официальный сайт Президента России. Доступ: http://kremlin.ru/events/president/news/66706 (Дата обращения: 23.04.2024)

6 Ларин И. Афганский вызов: ОДКБ и ШОС строят единый фронт // Ритм Евразии. Доступ: https://www.ritmeurasia.org/news--2021-09-20--afganskij-vyzov-odkbi-shos-strojat-edinyj-front-56507 (Дата обращения: 23.04.2024).

7 Jin W., Dehang K. Counter-terrorism cooperation between China and Central Asian states in the Shanghai Cooperation Organization // China Quarterly of International Strategic Studies. 2019. Vol. 5. No. 1. P. 65–79. DOI: 10.1142/ S2377740019500027.


**САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ СҲШ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**


Дар мақола марҳилаҳои асосии ташаккули СҲШ, инчунин хусусиятҳои сохтори институтсионалии он баррасӣ карда шуда, самтҳои асосии фаъолияти ташкилот, ки пеш аз ҳама чор соҳаро фаро мегиранд: сиёсат, масъалаҳои амниятӣ, иқтисод ва ҳамкориҳои гуманитарӣ муфассал шарҳ дода шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба рафту қарори саммити СҲШ дар Душанбе, ки ба таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои узв дар мубориза бо таҳдидҳои амниятӣ, ки дар шароити шиддат гирифтани вазъ дар Афғонистон ба миён меоянд, равона шудааст. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи таҳдиди густариши терроризм, экстремизм ва афзоиши қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ меравад. Ба сари қудрат омадани гурӯҳи террористии "Толибон" дар Афғонистон дар бисёр кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронкунанда аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** СҲШ, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкории минтақавӣ, терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, амният.


**ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШОС В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ**


В статье рассматриваются ключевые этапы формирования ШОС, а также особенности ее институциональной структуры, подробно освещены основные направления деятельности организации, которые охватывают прежде всего четыре сферы: политику, вопросы безопасности, экономику и гуманитарное сотрудничество. Особое внимание уделено ходу и решениям Душанбинского саммита ШОС, направленным на укрепление взаимодействия стран-членов в борьбе с вызовами и угрозами безопасности, которые возникают в условиях резкого обострения ситуации в Афганистане. В последнем случае речь идет прежде всего об усилении угрозы распространения терроризма,

экстремизма и увеличении наркотрафика из Афганистана в соседние страны Центральной Азии. Так как приход террористического движения «Талибан» к власти в Афганистане вызывает беспокойство во многих странах Центральной Азии.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ШОС, Центральная Азия, международные отношения, региональное сотрудничество, терроризм, экстремизм, наркотрафик, безопасность.

**MAIN ACTIVITIES OF THE SCO IN THE MODERN WORLD**

The article examines the key stages of the SCO's formation, as well as the features of its institutional structure, highlights in detail the main activities of the organization, which primarily cover four areas: politics, security issues, economics and humanitarian cooperation. Special attention is paid to the course and decision of the Dushanbe SCO summit aimed at strengthening cooperation between the member states in the fight against challenges and threats to security that arise in the context of a sharp aggravation of the situation in Afghanistan. In the latter case, we are talking primarily about an increased threat of the spread of terrorism, extremism and an increase in drug trafficking from Afghanistan to neighboring Central Asian countries. Since the rise of the Taliban, terrorist movement to power in Afghanistan is causing concern in many Central Asian countries.
**KEYWORDS:** SCO, Central Asia, international relations, regional cooperation, terrorism, extremism, drug trafficking, security.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Салимов Фаррух Насимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 918-614-886.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com**
***Набиева Азиза*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 900067091.** E-mail: **nabievaaziza735@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Салимов Фаррух Насимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 938-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com.**
***Набиева Азиза*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант факультета международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900067091**. E-mail: **nabievaaziza735@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Salimov Farrukh Nasimovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com.**
***Nabieva Aziza*** **–** Tajik National University, master`s student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone**: (+992) 900067091.** E-mail: **nabievaaziza735@mail.ru**

# ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ҚАРИНАИ РАВАНДҲОИ ГЕОСИЁСИИ МУОСИР

*Ашуров А., Қурбонова Ш.*
**АМИТ**

Таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маориф, тиб, сайёҳӣ бо кишварҳои Аврупо аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар марҳилаи нави ташаккули низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва бавуҷудоии равандҳои геосиёсии муосир таваҷҷуҳи Иттиҳоди Авурпо нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо Тоҷикистон мавқеи хосса касб намудааст.

Асосан, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба ду ҳуҷҷати стратегӣ асос меёбанд:

**1) Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (СШҲ)** байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 2004 ба имзо расида, моҳи январи соли 2010 эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро танзим менамояд [17, с. 78].

**2) Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ,** ки соли 2019 қабул гардид, равобити кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупоро танзим менамояд.

Аз ин рӯ, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2019 мукаммал намудани пояи ҳуқуқии муносибатҳоро дар заминаи имзои **Созишномаи мукаммали шарикӣ ва ҳамкорӣ** миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо пешниҳод намуд, ки амалисозии он дар баррасии ҷонибҳо қарор дорад [15].

Дар шароити кунунӣ ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар чорчӯбаи Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ (2019) ба танзим даровварда мешаванд. Илова бар ин, муносибатҳои муштараки дуҷонибаву бисёрҷониба миёни ҷонибҳо тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои тадқиқотӣ амалӣ мешаванд. Дар татбиқи онҳо ҳам мутахассисони алоҳида ва ҳам муассисаҳои илмӣ ва марказҳои тадқиқотӣ (донишгоҳҳо, ҷамъиятҳои илмӣ, осорхонаҳо ва ғайра) кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд. Дар ин замина, ҳамкориҳои олимони кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар шаклҳои гуногун: мубодилаи ҳайатҳо, адабиёти илмӣ, нашрияҳои даврӣ, конфронсҳои муштараки илмӣ, симпозиумҳо сурат мегирад. Дар бисёр мавридҳо ҳамкории олимону мутахассисони Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон ба омӯзиши вазъи кунунии ҳифзи ёдгориҳои мероси фарҳангӣ дар Аврупо, Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, муайян намудани тамоюлҳо ва равишҳои нави ҳифзи мероси фарҳангии умумибашарӣ дар шароити муосир нигаронида шудааст.

Дар баррасии муқоисавии ҳамкориҳо мушоҳида мешавад, ки кори муштараки мутахассисони Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар соҳаи тадқиқоти саҳроӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Ин ба таҳқиқоти муштараки олимони кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (Фаронса, Олмон, Италия) ва Тоҷикистон дар мавзеи Саразм, ёдгории бостонии Тахти Сангин ва ғайра дахл дорад [1].

Агар масири роҳбурди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро дар тули 30 соли истиқлолияти Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор диҳем, равшан аст, баъд аз дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодӣ самтҳои афзалиятноки минбаъдаи сиёсати хориҷии худро мустақилона муайян намуд, ки яке аз ин авлавиятҳо ҳамкориҳои судманд бо Иттиҳоди Аврупо маҳсуб меёфт. Илова бар ин, дар ин марҳала сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марзакӣ ва ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои зерин равона гардидааст:

- тарғиби забон ва фарҳанг;

- коркард ва истифодаи захираҳои табиӣ;

- кумаки иҷтимоӣ ва мусоидат ба ҳифзи саломатӣ;

- тарғиб ва дастгирии фазои демократӣ;

- густариши соҳаи сайёҳӣ;

- сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятнок; (маориф, илм, фарҳанг, тиҷорат ва ғ);

- омӯзиш ва тадқиқи арзишҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ;

- ҳамкорӣ дар соҳаҳои амният, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва қочоқи моводи мухаддир, маҳдудияти сулҳу суботи минтақавӣ;

- рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, дастрасӣ ба захираҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави интиқоли энергия ба Иттиҳоди Аврупо;

- бахши муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист;

- таҳияи мавзуъҳои ҳассостарини муносибатҳои кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Марказӣ, ба монанди эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, бунёди давлати ҳуқуқиву демократӣ [2].

Дар хусуси дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ метавон ишора кард, ки ин ҳамкориҳо вусъатёбанда буда, фарогири манфиатҳои ҳар ду ҷонибанд. Зарурати ҳамоиши ташаббусҳои роҳбарони кишварҳо самтҳои зеринро метавонад тақвият диҳад:

- муносибатҳои дуҷониба дар самтҳои энергетика, туризм, нақлиёт, телекоммуникатсия, илм, маориф, барқарорсозии алоқаи мустақими ҳавоӣ миёни Душанбе ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, саноати сабук ва дигар самтҳои афзалиятноки соҳаи иқтисодиёт.

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак дар намуди коммисияи байниҳукуматӣ доир ба масоили ҳамкорӣ дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ.

- барпо намудани бизнес-форум, мизҳои мудаввар ва намоишҳо, ки бештар фарогири соҳаҳои иқтисодӣ, хоҷагии қишлоқ ва сайёҳӣ бошанд.

- диққати бештар барои тақвияти ҳамкориҳо дар самти илм ва маориф равона шавад. Дар рушди ин соҳаҳои афзалиятнок пешниҳод карда мешавад, ки сафарҳои таҷрибаомӯзӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёну олимон пешбинӣ гарданд. Ҳамчунин, дар таҳкими дигар соҳаҳо низ мутахассисони соҳибихисос ва варзида аз ҳар ду ҷониб барои омӯзонидани таҷрибаи соҳавияшон метавонанд даъват карда шаванд.

- мустаҳакам намудани ҳамкориҳои судманди тиҷоратии байни ду кишвар, ҷалби сармоя ва дарёфти шарикони нав, муҳокимаи масъалаҳои мавҷуда барои тақвият дар соҳаҳои афзалиятнок.

- абзори таъсисёфтаи машваратҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо имкон медиҳад, ки муколамаи доимӣ оид ба маҷмуи масъалаҳои мубрами ҳамкории ду кишвар роҳандозӣ шавад, инчунин, мавқеи тарафҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳояшон дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамоҳанг гардонида шавад.

- машваратҳои сиёсӣ платформаи мувофиқ ва муассири ҳал кардани душвориҳои мавҷуда, василаи муайянкунии самтҳои авлавиятнок ва истифодаи минбаъдаи иқтидори истифоданошудаи ҳамкориҳои ҳарду ҷониб мебошанд.

- гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба ташаккули робитаҳои судманд миёни вакилони ҷонибҳо, инчунин, миёни иштирокдорони ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъиятҳои ду давлат мусоидат мекунанд.

- дар доираи ҳамкориҳои муштараки дуҷонибаи судманд дар бахши такмили тахассусӣ оид ба коркардҳо, тадқиқотҳо ва таҳлилҳои илмӣ гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо дар самтҳои гуногун барои кормандони илмии Тоҷикистон ва кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ташкил карда шавад.

- баҳри омӯзиши услуб ва назари илмии донишмандони аврупоӣ дар самти омӯзиши масоили кишварҳо, ташкили курсҳои кутоҳмуддат дар заминаи Донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ-пажуҳишии Иттиҳоди Аврупо ва мубодилаи таҷрибаи илмӣ бо ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташкил карда шавад.

- ҳамкориҳои судманд бо Иттиҳоди Аврупо ба рушди иқтисодии кишвар ва ҳалли масъалаҳои стратегӣ баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, дарёфти истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунони кишвар мусоидат хоҳад намуд.

- самтҳои ҳамкорӣ ва захираҳои истифоданашуда дар соҳаи тандурустӣ (аз ҷумла, дорусозӣ), маориф, илм, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, туризм, сохтмони иншоот, таъмини амнияти сарҳадот, мубориза бо терроризм, экстремизм ва ғайра хеле зиёд аст, ки тарафҳо метавонанд роҳҳои густариши ин ҳамкориҳоро ҷустуҷӯ намуда, ба манфитати ҳамдигар истифода намоянд.

Бо ин назардошт, дар асоси таҳқиқоти мавзуи баррасишаванда муаллифон ҷиҳати дурнамои ҳамкориҳои мутақобила ва шаклгирии минбаъдаи сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон чунин пешниҳод менамояд:

- такмили шабакаҳои нақлиётию роҳ ва таъмини амният дар кишварҳои минтақа, ташкили хатсайрҳо бо мавзеъҳои таърихӣ ва вижагиҳои минтақа, ки ба афзоиши сайёҳии дохилиминтақавӣ мусоидат мекунад;

- абзори таъсисёфтаи машваратҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва ИА имкон медиҳад, ки муколамаи доимӣ оид ба маҷмуи масъалаҳои мубрами ҳамкории кишварҳо роҳандозӣ шавад, инчунин, мавқеи тарафҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳояшон дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамоҳанг гардонида шавад.

- машваратҳои сиёсӣ платформаи мувофиқ ва муассири ҳал кардани душвориҳои мавҷуда, василаи муайянкунии самтҳои авлавиятнок ва истифодаи минбаъдаи иқтидори истифоданошудаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Фаронса мебошанд.

- муносибатҳои дуҷониба дар самтҳои энергетика, туризм, нақлиёт, телекоммуникатсия, илм, маориф, саноати сабук ва дигар самтҳои афзалиятноки соҳаи иқтисодиёт [2];

- мустаҳакам намудани ҳамкориҳои судманди тиҷоратии байни ду кишвар, ҷалби сармоя ва дарёфти шарикони нав, муҳокимаи масъалаҳои мавҷуда барои тақвият дар соҳаҳои афзалиятнок;

- абзори таъсисёфтаи машваратҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва ИА имкон медищад, ки муколамаи доимӣ оид ба маҷмуи масъалаҳои мубрами ҳамкории ду кишвар роҳандозӣ шавад, инчунин, мавқеи тарафҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳояшон дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамоҳанг гардонида шавад.

Метавон ишора кард, ки Иттиҳоди Аврупо дар доираи **Барномаи худ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Тоҷикистон** ба рушди бахшҳои мухталиф дар минтақа, алалхусус, дар самтҳои маориф, тандурустӣ, рушди деҳот, энергетика, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об, идоракунии сарҳадот, мубориза алайҳи маводди мухаддир ва ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва нақлиёту коммуникатсия мусоидат мекунад.

**Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти маориф** дар доираи барномаҳои Темпус, Эразмус Мундус ва Эразмус+ -и Иттиҳоди Аврупо, ки барои ба ҳам овардани донишгоҳҳои тарафайн ва амалисозии барномаҳои таҳсиливу табодули донишҷӯён мусоидат мекунанд, сурат мегирад [5].

Дар хусуси дурнамои ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ метавон ишора кард, ки ин ҳамкориҳо вусъатёбанда буда, фарогири манфиатҳои ҳар ду ҷонибанд.

Ҳамин тариқ, вабаста ба омӯзиш ва баррасии ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи равандҳои геосиёсии муосир метавон ба чунин хулоса омад:

